# АХТАРОНИ АДАБ

# 28

**ҲАЙАТИ МУШОВАРА ВА ТАҲРИРИЯИ**
**50-ҶИЛДАИ ОСОРИ КЛАССИКОН ВА МУОСИРОН**
**АЗ СИЛСИЛАИ «АХТАРОНИ АДАБ»**

**ҲАЙАТИ МУШОВАРА**

*Абдуҷаббор Раҳмонзода*
*Шамсиддин Орумбекзода*
*Фарҳод Раҳимӣ*
*Низом Қосим*
*Гулназар*
*Сахидод Раҳматуллозода*
*Гурез Сафар*

**ҲАЙАТИ ТАҲРИРИЯ**

*Абдулҳамид Самад*
*Кароматулло Олимзода*
*Сайидалӣ Маъмур*
*Абдунабӣ Сатторзода*
*Худоӣ Шариф*
*Мирзо Муллоаҳмад*
*Алии Муҳаммадии Хуросонӣ*
*Муҳтарам Ҳотам*

УБАЙДИ ЗОКОНӢ

# МУНТАХАБИ ОСОР

Душанбе
«Адиб»
2016

ББК 84 Тоҷик 7-5-4
З-80

Таҳияву тадвини матн аз *Музаффар Холов*
*ва Шариф Исрофилниё*

Муҳаррир *Муҳтарам Ҳотам*

З-80 **Убайди Зоконӣ. Мунтахаби осор.**
**Носири Бухороӣ. Мунтахаби ашъор.**
– Душанбе, «Адиб», 2016, 480 саҳ.

ISBN 978-99947-2-464-2

© Нашриёти «Адиб», 2016

# ОСОРИ МОНДАГОРИ СУХАНВАРИ НОТАКРОР ХОҶА УБАЙД

Адабиёти форсии тоҷикӣ дар бағали худ суханварони зиёдеро парварида ба фарҳанги ҷаҳон тақдим намудааст, ки ҳам акнун яке бештар ва дигаре камтар дар байни мардумамон шуҳратёр гардидаанд. Ин, албатта, ба маҳорати эҷодии ҳар кадоми онҳо вобастагӣ дорад, ки дар ин замина мақом ва ҷойгоҳашон дар адабиёт муайян мегардад. Чун дар ин мақола сухан аз шоир ва нависандаи давраи классикии адабиёти форсии тоҷикӣ Убайди Зоконӣ (1270-80 – 1371м.) меравад, дар навбати аввал осори ба меросмондаи ӯ пеши назар меояд, зери асари ин ё он адиб, вобаста ба қимати адабию бадеиаш, ба номи эҷодкор эътибору эҳтиром меафзояд. Агар аз ҳамин зовия ба мероси адабии Убайди Зоконӣ назари иҷмолӣ андозем, пас баҳои адабиётшиноси варзидаи тоҷик Холиқ Мирзозода ба ин адиб бамаврид аст, ки иқтибос шавад. Ӯ навишта буд: «Аз нависандагон ва шоирони давраи классикӣ бештар асарҳои Убайди Зоконӣ дар жанр ва шаклҳои гуногун эҷод шудааст. Ҳарчанд ки ӯ дар боби панд, ишқ ва мадҳ каломи бомаҳорате дорад, вале ҳаҷв равияи хоссаи эҷодиёти ӯст. Аз ин рӯ Убайди Зоконӣ дар таърихи адабиётамон мисли Фирдавсӣ, Низомӣ, Саъдӣ, Ҳофиз ва дигарон соҳиби равияи хоси адабӣ мебошад». (Х. Мирзозода. Таърихи адабиёти тоҷик. Китоби 2 – Душанбе; Маориф. 1977, С. 209). Пас, месазад, ки имрӯз ба рӯзгори сипаришуда ва мероси адабии ӯ чун номбаршудагон таваҷҷуҳ намоем, дар қатори саромадони адабиётамон аз мавсуф ном барем, аз осори гаронмояааш суд ҷӯему баҳраҳо бардорем.

Номи асосии адиб Убайдуллоҳ буда, насаби Зоконӣ аз маҳалли таваллудаш деҳаи Зокони Қазвин дар Эрон гирифта шудааст. Убайди Зоконӣ байни солҳои 1270 – 1280.м дар Зо-

кон дар оилаи собиқ вазир чашм ба олами ҳастӣ кушодааст. Дар «Таърихи гузида»-и Ҳамдуллоҳи Муставфӣ омада ки:

– «Зокониён ду шуъба буданд, як шуъбаи онҳо аҳли илм буда, шуъбаи дигар арбоби судур… Аз онҳо соҳиби муаззам Низомуддин Убайди Зоконӣ ашъори хуб дорад ва рисолатҳои беназир». Вай таҳсили ибтидоиро дар Зокон фаро гирифта, маълумоти мадрасагиро дар Бағдод, ки он замон аз марказҳои сиёсӣ-илмӣ ва фарҳангии империяи муғулҳои Эрон – Ҳалокутиҳо буд, фаро мегирад. Убайди Зокони баъди фаро гирифтани донишҳои замона муддате соҳиби мансаб ва ҳатто қозӣ будааст, вале дар ин бора санади итминонбахше мавҷуд нест, ҷуз он, ки ин абёти вай баёнгари ҳоланду баъди сабукдӯш шудан аз вазифаи доштааш суруда шудаанд:

Пеш аз ин дар мулк ҳар соле маро
Хурдае аз ҳар каноре омадӣ.
Дар височам нони хушку таррае
Дар миён будӣ, чу ёре омадӣ.
Гаҳ-гаҳе ҳам бодае ҳозир шудӣ,
Гар надиме ё нигоре омадӣ.
Нест дар дастам кунун аз хушку тар,
З-он ки вақте дар шуморе омадӣ.
Ғайри ман дар хонаам чизе намонд,
Ҳам намондӣ, гар ба коре омадӣ.

Убайди Зоконӣ дар замони ҳокими одилу бомаърифат Хоҷа Абӯисҳоқи Инҷӯй (ҳукмрониаш солҳои 1340-1354м) ба Шероз меояд ва дар дарбори ин ҳоким ба гуфтани мадҳияву ишқия рӯзгори осудаву ороме доштааст. Вале соли 1353 Шероз аз тарафи ҳокими Кирмон Мубориздиддин ибни Муҳаммад, ки амири золиму мутаассиб ва ҷоҳил буду ба илму адаб таваҷҷуҳе надошт, фатҳ мешаваду аҳли дониш рӯ ба парешонӣ мениҳанд. Убайд Шерозро тарк намуда, рӯ ба

Ироқу Бағдод мениҳад. Дар ин сафар шоири ҳамасраш Масъуди Саъди Салмонро, ки аз шоирони номвари замон буду маликушуарои дарбори султон Увайси Ҷалоир (ҳукмрониаш байни солҳои 1354-1373м. дар Бағдод) вомехӯрад. Саъди Салмон аз аҳли фазл буд ва ҳаҷви баланди ӯро дарёфта, муддате ҳамқалами худро дастгирӣ менамояд, дар паноҳи худ нигоҳ медорад. Давлатшоҳи Самарқандӣ ёдовар мешавад, ки «Хоҷа Салмон Убайдро хидматгорӣ намуд ва савор сохт ва нақду либос бад-ӯ бахшид ва баъдалявм бо якдигар мусоҳиб ва хуш будаанд ва ҳамвора Ҳоҷӣ Салмон аз забони Убайд ҳаросон будӣ ва ӯро муроот кардӣ».

Соли 1359 м. шаҳри Шероз ба дасти Шоҳ Шуҷоъ мегузарад. Адиби дилбохтаи ин шаҳр дубора ба Шероз баргашта, зиндагонии нисбатан осудаеро ба сар мебарад ва соли 1371м. аз дунё дармегузарад. Охири умри адиб, баъди баргаштан ба Шероз чандон маълум нест. Танҳо ҳаминро ёдрас мешавем, ки замони зиндагии Убайди Зоконӣ замонаи шӯру қиём ва ҳангомаю валвалаи муғулҳо буд. Ин ҳол касеро осудаву ором гузошта наметавонист. Хурду бузурги Хуросону Мовароуннаҳр ва Форс тарсу ҳароси шабонарӯзӣ аз «муғул омад»-ҳо доштанд, ки тафсири нохушояндаш дар китобҳои таърих зиёд дарҷ гардидаву ниёз ба такрор нест.

Дар чунин рӯзгори мудҳишу оворагардиҳо Убайди Зоконӣ бо дониши хуб ва диди зираконаи ба худ хос ба майдони адабиёт ворид гардида, аз худ мероси бою ғанӣ ва рангин боқӣ гузоштааст. Агар ба гуногуннавъию гуногуншаклӣ ва бисёрмавзӯии осори ин адиб таваҷҷуҳи амиқ равад, дида мешавад, ки дар таърихи адабиёти форсии тоҷикӣ кам қаламкаше ба ӯ баробар ояд.

Убайди Зоконӣ чун суханварони гузаштаамон эҷоди бадеиро бо гуфтани асарҳои хурди ғиноӣ, монанди ғазал, қитъа, рубоӣ ва қасида оғоз намуда, тамоми умр бо ин жанрҳои шеърӣ асар эҷод мекардааст. Агар дар ғазалу қитъа ва рубоиёти шоир мавзӯъҳои ишқу муҳаббат, ҳаётдӯстӣ, аҳду

паймон, тасвири баҳору зебоиҳои он ва мазмунҳои баланди иҷтимоӣ таҷассум ёфта бошанд, қасидаҳояш бештар мадҳиянду бо сабабҳои гуногуни ба таърих алоқаманд гуфта шудаанд. Ашъори ғиноии мавсуф хушоҳанг, равон, гӯшнавоз ва бо забони ноби модарӣ суруда шуда, тибқи маълумотҳои мавҷуда Хоҷа Ҳофизи Шерозӣ аз забони баён ва маъонии бикри ӯ истифода кардаву лаззатёб гардида будааст. Ба ин ғазали Убайди Зоконӣ таваҷҷуҳ намоед:

Соқиё, боз харобем, бидеҳ ҷоме чанд,
Пухтае чанд фурӯ рез ту бо хоме чанд.
Сӯфию гӯшаи меҳробу накӯномию зарқ,
Мову майхонаву дурдикашу бадноме чанд.
Бода пеш ор, ки бар тарфи чаман хуш бошад
Мутрибе чанду гуле чанду гуландоме чанд.
Чашму лаб пеши ман овар, чу расад бода ба ман,
То бувад нуқли маро шаккару бодоме чанд.
Бода дар хона агар нест барои дили мо,
Ранҷа шав, то дари майхона бинеҳ гоме чанд.
Дар баҳои майи гулгун агарат зар набувад,
Хирқаи мо ба гарав кун, биситон ҷоме чанд.
Зикри саҷҷодаву тасбеҳ раҳо кун чу Убайд,
Нашавӣ сайд бад - ин дона, бинеҳ доме чанд!

Шоир дар ғазали фавқ устокорона, моҳирона, шоирона ва пардапӯшонаву нозук рӯҳи замони бесарусомони худро таҷассум намуда бошад, дар рубоии зер бидуни истиола аз ҷабру ситами давр даме дур буданро дар бодапарастию мастӣ мебинад ва мегӯяд:

То дар ғами ин тоқи дурангӣ бошӣ,
Он беҳ, ки ҳарифи маю чангӣ бошӣ.
В-аз умри азизи худ мурассаъ хоҳӣ,
Бояд,ки ҳамеша масту бангӣ бошӣ!

Аз осори манзуми Убайди Зоконӣ метавон боз маснавиҳои ӯ «Ушшоқнома», «Меҳмонӣ кардани сангтарош Худовандро аз садоқат» ва «Мушу гурба» ёдрас шуд, ки дар ин миён маснавии «Мушу гурба» шуҳрати бештаре дорад. Ин асари суханвар аз нигоҳи шакл, банду баст, вазн, қофия, тасвир ва баён нотакрор буда, мазмуни иҷтимоӣ – ҳаҷвӣ дорад ва дар худ рӯҳи замонро зиракона ифода кардааст. Дар маснавии «Мушу гурба» асосан ба ҳаҷви ҳокими Кирмон Муборизиддин ибни Муҳаммад дар баробари муғулҳо золиму ғаддор бахшида шудааст. «Ушшоқнома» бошад достони ишқӣ-лирики шоир аст, ки соли 1351 навишта ба Хоҷа Абӯисҳоқ тақдим мегардад.

Осори мансури адиб, ки аз «Ахлоқу-л-ашроф»; рисолаҳои «Сад панд», «Ришнома», «Даҳ фасл», «Дилкушо», «Фолномаи буруҷ», «Фолномаи вуҳуш ва туюр», «Наводиру-л-амсол», «Мақомот», «Ахлоку-л-амсол» ва ғайра иборатанд, , бо махсусиятҳои шаклию маънавӣ нодир буда, аз нигоҳи сабки нигориш андозае бӯйи «Гулистон»- и Саъдии Шерозиро ба машомҳо мерасонад. Бояд гуфт, ки рисолаҳои зикршудаи Убайди Зоконӣ чун осори манзуми ӯ бардошт аз замонаву беадолатиҳои он аст бо забони тезу тунди ҳаҷвӣ ва тарзи киноявии баён. Масалан, дар рисолаи «Даҳ фасл» баёни нависанда ба тартиби луғату эзоҳи он бо забони киноя кӯтоҳу муъҷаз ифода ёфтааст. Намуна:

«Ал-дунё – он ҷо ҳеҷ офарида дар вай наосояд»,

Ва ё «Ал-биҳишт – он чӣ набинанд»,

«Ал-одамӣ – он ки некхоҳи мардум бошад».

Дар рисолати «Дилкушо» бошад ҳикояҳои хурд-хурд бо маъонии бузург оварда шудаанд, ки дар баробари ҷанбаи баланди ҳаҷвӣ доштан дар ниҳоди худ аз андарзу ҳикмат додан ба ҳамнавъён барӣ нестанд, мисли:

«Хоҷае бадшакл ноибе бадшаклтар аз худ дошт. Рӯзе ойинадоре ойина ба дасти ноиб дод, он ҷо нигоҳ кард, гуфт;

– Субҳоналлоҳ, басе тақсир дар офариниши мо рафтааст.

Хоҷа гуфт:

– Лафзи ҷамъ магӯй! Бигӯй, дар офариниши ман рафтааст.

Ноиб ойина пеш дошт, гуфт:

– Хоҷа, агар бовар намекунӣ, ту низ дар ойина нигоҳ кун»!

Дар адабиёти форсии тоҷикӣ Убайди Зоконӣ бо осори гаронмояаш ва ҳаҷви тезу тундаш мақоми алоҳида дорад. Бахусус рисолаҳои «Даҳ фасл», «Сад панд», «Ришнома»-и вай дар шаклҳои нави адабӣ эҷод гардида бесобиқанду шуҳрати адабии ӯро аз замони зиндагияш ба баъд нигоҳ дошта омадаанд. Ҳаҷвнигороне то ӯ ва баъд аз ӯ натавонистаанд ба пояи Убайди Зоконӣ бирасанд. Симоҳои офаридаи ин эҷодкори асил дар ҳаҷв ашхоси риндпешаи қаландармашраб, дарвештабиат ва каси муҷарраду покбозу озода буда, дороиву мансабу тахту бахту молу манолро пушти по задааст ва парвои дунё надорад. Дар ин мавридҳо адиб аз эҷодиёти мардумӣ низ баҳраҳо бардоштааст. Ба ин маънӣ, ба симоҳои офаридаи ӯ Талҳак, Қазвинӣ, Аъробӣ…. таваҷҷуҳ равад, масъала равшан мегардад.

Ниҳоят, Хоҷа Убайди Зоконӣ аз адибони тозанафаси адабиётамон ба шумор рафта, бо офаридаҳои ҷолиб ва сеҳрангези қалами тезу бурройи худ ба ин адабиёт тавонистааст хидмати мондгор намояд. Ҳамин аст, ки имрӯз номаш вирди забонҳосту осораш дар истифодаи мост. Онро бо сабру таҳаммул варақ мегардонему мутолиа менамоем аз он бар нафъи худшиносӣ ва зиндагии гузаро оқилона кор мегирем ва зиёда аз ин, барои баъдинагон ҳифз менамоем. Зеро эҷодиёти ин адиби борикандешу хушбаён шоистаи ҳифз намудану ба ояндагон эҳдо кардан аст.

***Алии Муҳаммадии Хуросонӣ,***
*адабиётшинос*

# АСАРҲОИ МАНСУР

## «РИСОЛАИ ДИЛКУШО»

…Чунин гӯяд муаллифи ин рисолат ва муҳаррири ин мақолат (Убайди Зоконӣ), …фазилати нутқ, ки шарафи инсонӣ бад-ӯ манут[1] аст, бар ду ваҷҳ аст, ки: яке ҷид ва дигаре ҳазл ва руҷҳони[2] ҷид бар ҳазл мустағнист[3] ва чунон ки ҷид доим мӯҷиби малол мебошад, ҳазл доим низ боиси истихфоф[4] ва касри арз мешавад ва қудамо дар ин боб гуфтаанд:

**Б а й т**

*Ҷидди ҳамасола ҷони мардум бих(в)арад,*
*Ҳазли ҳамарӯза оби мардум бибарад.*

Аммо агар аз боби дафъи малол ва тафреҳи[5] бол, чунончи ҳукамо фармудаанд, …ва дар ашъор омадааст:

**Б а й т**

*Гарчи тавҳиду баён даркор аст,*
*Қадаре ҳам ҳазаён даркор аст.*

Ҳамоно маъзур фармоянд, ки бузургони мо дар ин маънӣ ин қадар ҷойиз доштаанд.

Бинобар ин муқаддима баъзе нукот ва ишороту ҳикоёт, ки бар хотир ворид аст, дар қалам овард, муштамил бар ду боб: яке арабӣ ва яке порсӣ ва онро «Рисолаи дилкушо» ном ниҳод, чи мутолиаи ин авроқро диле кушода ва хотире тарабнок бояд. Эзиди борӣ ин ду неъмат ҳамагонро арзонӣ дорад.

---

[1] Манут – вобаста, марбут, тааллуқёфта.
[2] Руҷҳон – фавқият, бартарӣ..
[3] Мустағнӣ – бой ва бениёз, давлатманд.
[4] Истихфоф – таҳқир ва камшумурдан.
[5] Тафреҳ – зиёд кардани фараҳ.

# ТАРҶУМАИ МУНТАХАБИ ҲИКОЁТИ АРАБӢ

## Ҳикоят

Анӯшервон рӯзе ба додрасӣ нишаста буд. Марде кӯтаҳқомат фароз омад ва бонги додхоҳӣ бардошт. Хусрави Анӯшервон гуфт: «Касе бар кӯтаҳқомат ситам натвонад кард».

Гуфт: – Шаҳрёро, он ки бар ман ситам ронд, аз ман кӯтоҳтар аст.

Хусрав бихандиду додаш бидод.

## Ҳикоят

Аъробиеро гуфтанд: Ту пир шудаӣ ва умре табоҳ кардаӣ, тавба бикун ва ба ҳаҷ рав.

Гуфт: – Харҷи сафари ҳаҷ набошадам.

Гуфтанд: – Хонаатро бифурӯшу ҳазина кун.

Гуфт: – Чун бозгардам, куҷо сукунат гузинам? Ва агар бознагардам ва муҷовири хонаи Каъба монам, Худоям намегӯяд: Эй аблаҳи нодон, аз чӣ рӯ хонаи худ бифурӯхтӣ ва дар хонаи ман манзил гузидӣ?

## Ҳикоят

Яҳудие аз насроние пурсид: Мӯсо бартар аст ё Исо?

Гуфт: – Исо мурдагонро зинда мекард, вале Мӯсо мардеро бидиду ӯро ба зарбати мушти бияфканд ва он мард бимурд. Исо дар гаҳвора сухан мегуфт, аммо Мӯсо дар чиҳилсолагӣ мегуфт: – Худоё, гиреҳ аз забонам бикушой, то суханамро дарёбанд.

## Ҳикоят

Марде кӯдакеро дид, ки мегирист ва ҳарчанд модараш ӯро навозиш мекард, хомӯш намешуд.

Гуфт: – Хомӯш шав, арна модаратро ба кор гирам!

Модар гуфт: – Ин тифл то он чи гӯӣ, набинад, ба рост нашморад ва бовар накунад.

### Ҳикоят

Рӯзе Ҷуҳо барои хариди дарозгӯше ба бозори молфурӯшон мерафт. Марде пеш омадаш ва пурсид:

– Куҷо равӣ?

Гуфт: – Ба бозор меравам, то дарозгӯше бихарам.

Гуфташ: – Бигӯ «иншоаллоҳ».

Гуфт: – Чӣ ҷойи «иншоаллоҳ» бошад, ки хар дар бозору зар дар кисаи ман аст?!

Чун ба бозор даромад, зарашро бизаданд ва чун бозмегашт, ҳамон мардаш баробар омад ва пурсидаш:

– Аз куҷо меоӣ?

Гуфт: – Иншоаллоҳ, аз бозор, иншоаллоҳ, зарамро бидуздиданд, иншоаллоҳ, харе нахаридам ва зиёндидаву тиҳидаст ба хона бозмегардам, иншоаллоҳ!

### Ҳикоят

Араберо аз ҳоли занаш пурсиданд.

Гуфт: – То зинда аст, тозанда аст ва ҳамчунон море газанда аст!

### Ҳикоят

Зани Музаббид ҳомила буд. Рӯзе ба рӯйи шӯй нигаристу гуфт:

– Вой бар ман, агар фарзандам ба ту монад!

Музаббид гуфт: – Вой бар ту, агар ба ман намонад!

### Ҳикоят

Зан бо шӯй мегуфт: – Эй қалтабон, эй бенаво!

Мард гуфт: – Сипос Худойро, ки дар ин миён маро гуноҳе набошад, нахустинро сабаб туӣ ва он дигареро Худой.

## Ҳикоят

Мардеро, ки зан аз тамкинаш сар тофта буд, гуфтанд: – Оё касе нест миёнаи шумо созише диҳад?

Гуфт: – Он мард, ки миёнаи мо созиш ҳамедод, дерест то мурдааст.

## Ҳикоят

Қос[1] қавми худро гуфт: – Эй мардум, Худойро шукр кунед!

Шукр карданду гуфтанд: – Ин шукр аз баҳри чӣ бошад?

Гуфт: – Худойро сипос доред, ки фариштагонро наҷосат муқаррар нест, арна бар мо меристанд ва ҷомаҳоямонро меолуданд.

## Ҳикоят

Рӯбоҳро пурсиданд, ки дар гурехтан аз саг чанд ҳила донӣ?

Гуфт: – Аз сад фузун бошад, аммо накӯтар аз он ҳама ин, ки ману ӯро бо якдигар иттифоқи дидор наяфтад.

## Ҳикоят

Рӯбоҳе арaберо бигазид. Афсунгареро биёварданд. Пурсид: – Кадом ҷонварат газида?

Гуфт: – Саге ва шарм кард, то бигӯяд рӯбоҳе. Чун ба афсун хондан оғоз кард, гуфташ: – Чизе ҳам аз афсуни рӯбоҳгазидагӣ бад-он даромез.

[1] Қос – қасидагӯй ва достонсаройи маъруфи Бағдод, ки латифаҳои бисёре аз ӯ нақл шуда ва шахсияти афсонавӣ назири Муллонасриддин дорад.

### Ҳикоят

Марде дар хум нигарист ва сурати хеш дар он бидид. Модарро бихонду гуфт:

– Дар хум дузде ниҳон аст.

Модар фароз омаду дар хум нигарист ва гуфт:

– Оре, рӯспие низ ҳамроҳ дорад.

### Ҳикоят

Аспе дар мусобиқа пешӣ гирифт. Марде аз шодӣ бонг бардошт ва ба худситоӣ пардохт. Касе, ки дар канораш буд, гуфт: – Магар ин асп аз они туст?

Гуфт: – На, лекин лигомаш аз ман аст.

### Ҳикоят

Абӯнавос масте бидид ва аз дидани ҳолати ӯ ба ҳайрат шуд ва аз ҳаракоташ бихандид. Гуфтандаш: – Аз чӣ хандӣ, ки ту худ ҳама рӯз чунин бошӣ? Гуфт: – Ман ҳаргиз маст надидаам.

Гуфтанд: – Ин чӣ гуна бошад?

Гуфт: – Ман пеш аз дигар мардум маст шавам ва пас аз онон ба ҳуш оям, аз ин рӯ ҳоли мастонро пас аз худ надонам, ки чист.

### Ҳикоят

Арaберо гуфтанд: – Шӯрбои гармро чӣ номанд?

Гуфт: – Каллаҷӯш.

Гуфтанд: – Чун сард шавад, онро чӣ хонанд?

Гуфт: – Мо амонаш надиҳем, ки сард шавад.

### Ҳикоят

Зане бемор шуд, шӯйро мегуфт: – Вой бар ту, ки агар ман бимирам, чӣ мекунӣ?

Гуфт: – Вой бар ман, агар намирӣ, чӣ кунам?!

## Ҳикоят

Ҷамъе ҳамсафар шуданд ва яке туфайлӣ бо эшон буд. Ҳар як барои тӯшаи роҳ тааҳҳуде карданд. Як тан гуфт: – Ман нон оварам.

Ва дигаре гуфт: – Ман ҳалво диҳам.

Туфайлӣ ҳамчунон хомӯш буд. Ӯро гуфтанд: – Туро чӣ саҳм бошад?

Гуфт: – Лаънат.

Аз гуфтаи ӯ бихандиданд ва саҳмашро бахшиданд.

## Ҳикоят

Сӯфиеро гуфтанд: – Хирқаи хеш бифурӯш.

Гуфт: – Агар сайёд доми худ фурӯшад, ба чӣ чиз шикор кунад?

## Ҳикоят

Зиштрӯе дар оина ба чеҳраи худ менигарист ва мегуфт: – Сипос Худойро, ки маро сурате некӯ бидод. Ғуломаш истода буд ва ин сухан мешунид ва чун аз назди ӯ бадар омад, касе бар дари хона ӯро аз ҳоли соҳибаш пурсид.

Гуфт: – Дар хона нишаставу бар Худо дурӯғ мебандад.

## Ҳикоят

Зиштрӯе дар амри мазҳаб бо дигаре муҷодала мекард ва гуфташ:

– Оё ту бар куфри кас гувоҳӣ диҳӣ?

Гуфт: – На, магар бар куфри он, ки пиндорад Худо туро ба беҳтарин сурат офаридааст.

## Ҳикоят

Марде зане бигирифт, ба рӯзи панҷум фарзанде бизод. Мард ба бозор шуд ва лавҳу давоте бихарид. Ӯро гуфтанд:

– Ин аз баҳри чӣ харидӣ?

Гуфт:
–Тифлеро, ки панҷрӯза зоянд, серӯза мактабӣ шавад.

### Ҳикоят

Марде бузургбинӣ занеро хостгорӣ кард ва ӯро гуфт: – Ту шарофати ман надонӣ, ки ман марде ҳастам хушмуошарат ва бар ноҳинҷориҳо бурдбору шикебо.

Зан гуфт: – Дар қудрати бурдбории ту бар ноҳинҷориҳо маро шакке набошад аз он, ки чунин бинии азимеро чиҳил сол ҳамл карда бошӣ.

### Ҳикоят

Марде назди Аёс ибни Муовия омаду гуфт: – Агар сиёҳдона бо нон хӯрам, гуноҳе кардаам?

Гуфт: – На.

Гуфт: – Агар андаке об бар сари он нӯшам?

Гуфт: – Манъе надорад.

Гуфт: – Шароби хурмо низ таркиби ҳамин чизҳо бошад, пас аз чӣ рӯ ҳаром аст?

Аёс гуфт: – Агар бар ту андаке хок афшонанд, дардатояд?

Гуфт: – На.

Гуфт: – Агар бар пайкарат об пошанд, андомат бишканад?

Гуфт: – На.

Гуфт: – Агар аз обу хок хамире кунанду дар офтоб ниҳанд, ки хушк шавад ва бар сарат бикӯбанд, чун бошад?

Гуфт: – Онам мекушад.

Аёс гуфт: – Он низ чун ин бошад.

### Ҳикоят

Марде даъвои худоӣ кард. Шаҳрёри вақт ба ҳабсаш фармон дод. Марде бар ӯ бигузашту гуфт: – Оё Худо дар зиндон бошад?

Гуфт: – Худо ҳама ҷо бошад.

## Ҳикоят

Аъробиеро пурсиданд, ки чунӣ?

Гуфт: – На чунон, ки Худои таоло хоҳад ва на чунон, ки шайтон хоҳад ва на он гуна, ки худ хоҳам.

Гуфтанд: – Чӣ гуна?

Гуфт: – Зеро Худои таоло хоҳад, ки ман обиде бошам ва чунон наям ва шайтонам кофире хоҳад ва ончунон наям ва худ хоҳам, ки шоду соҳибрӯзӣ ва тавонгар бошам ва чунон низ нестам.

## Ҳикоят

Марде мурғе бирён бар суфраи лаиме дид ниҳода, ки даст нохӯрда. Аз суфра баргирифтанд ва чун чанд рӯз бар ин минвол мурғро овարданд ва ҳамчунон бурданд.

Гуфт: – Умри ин мурғак пас аз куштан аз умраш дар замони зистан бештар аст.

## Ҳикоят

Марде ба ҳиндувонафурӯше гузашт, ки бонг мекард:

Ин ҳамчун хурмову асал аст ва ширинтар аз шакар аст!

Мард ӯро гуфт: – Маро беморест, ки ӯро ҳиндувонаи туруш илоҷ аст. Аз ин миён яке туруш ҷудо кун.

Гуфт: – Бихару бибар ва ба бонги ман мангар, ки тамоми инҳо аз сирко туруштар бошад.

## Ҳикоят

Хӯрҷини касеро бо ҷомаҳояш, ки даруни он буд, бидуздиданд. Ӯро гуфтанд:

Зарур буд сураи Ёсин мехондӣ ва бад-он моли худро аз дастбурд масун медоштӣ.

Гуфт: – Тамоми «Мусҳаф» низ дар хӯрҷин буд.

# МУНТАХАБИ ҲИКОЁТИ ФОРСӢ

## Ҳикоят

Шахсе бо муаббире[1] гуфт:

– Дар хоб дидам, ки аз пушки шутур бӯронӣ месозам, таъбири он чӣ бошад?

Муаббир гуфт:

– Ду танга бидеҳ, то таъбири он бигӯям.

Гуфт:

– Агар ду танга доштаме, ба бодинҷон додаме ва бӯронӣ сохтаме, то аз пушки шутур набоистаме сохт.

## Ҳикоят

Маҳдӣ–халифа дар шикор аз лашкар ҷудо монд. Шаб ба хонаи аъробие расид. Таоми моҳазаре[2] ва кӯзаи шароб пеш овард. Чун косае бихӯрданд, Маҳдӣ гуфт: – «Ман яке аз хавоси Маҳдиям». Косаи дуюм бихӯрданд, гуфт: – «Яке аз умарои Маҳдиям». Косаи сеюм бихӯрданд, гуфт: – «Ман Маҳдиям». Аъробӣ кӯзаро бардошт ва гуфт: – «Косаи аввал хӯрдӣ, даъвои хидматгорӣ кардӣ, дувум даъвои аморат кардӣ, сеюм даъвои хилофат кардӣ. Агар косаи дигаре хӯрӣ, ҳар ойина даъвои худоӣ кунӣ!».

Рӯзи дигар чун лашкар бар ӯ ҷамъ омадаанд, аъробӣ аз тарс бигурехт. Маҳдӣ фармуд, ки ҳозираш карданд ва заре чандаш бидод. Аъробӣ гуфт:

– Гувоҳӣ медиҳам, ки ту ростгӯӣ, ҳарчанд чаҳоруминро низ даъво мекардӣ.

## Ҳикоят

Шахсе ба мазоре расид, гӯре сахт[3] дароз дид. Пурсид:

– Ин гӯри кист?

---

[1] Муаббир – таъбиркунандаи хоб.

[2] Моҳазар – тайёр.

[3] Сахт – ин ҷо ба маънои бисёр дароз аст.

Гуфтанд:
– Аз они аламдори[1] расул аст.
Гуфт:
– Магар бо аламаш дар гӯр кардаанд?

### Ҳикоят

Шиӣ дар масҷид рафт. Номи саҳобаҳо[2] дар девор навишта. Хост, ки хев[3] бар номи Абӯбакру Умар андозад, бар номи Алӣ афтод. Сахт биранҷид, гуфт: – Ту, ки паҳлуи инон нишинӣ, сазои ту ин бошад.

### Ҳикоят

Талҳакро[4] ба муҳимме пеши Хоразмшоҳ фиристоданд. Муддате он ҷо бимонд. Магар Хоразмшоҳ риояте, чунон ки ӯ мехост, намекард. Рӯзе пеши Хоразмшоҳ ҳикояти мурғон ва хосияти ҳар яке мегуфтанд. Талҳақ гуфт:
– Ҳеч мурғе аз лаклак зирактар нест.
Гуфтанд:
– Аз чӣ донӣ?
Гуфт:
– Аз баҳри он, ки ҳаргиз ба Хоразм намеояд.

### Ҳикоят

Шахсе даъвои худоӣ мекард. Ӯро пеши халифа бурданд. Ӯро гуфт:
– Порсол яке ин ҷо даъвои пайғамбарӣ мекард, ӯро бикуштанд.
Гуфт:
– Нек кардаанд, ки ӯро ман нафиристода будам.

---

[1] Аламдор – байрақбардор.
[2] Саҳоба – ҳамсуҳбатони пайғамбар.
[3] Хев – оби даҳон – туф.
[4] Талҳак – номи қаҳрамони фолклор дар Эрон, мисли Афандӣ.

## Ҳикоят

Абӯбакри рабобӣ аксари шабҳо ба duздӣ бирафтӣ. Шабе чандон саъй кард, чизе наёфт. Дастори худ бидуздид ва дар бағал ниҳод. Чун дар хона рафт, занаш гуфт:

– Чӣ овардаӣ?

Гуфт:

– Ин дастор овардаам.

Гуфт:

– Ин ки аз они худи туст?

Гуфт:

– Хомӯш, ту надонӣ, аз баҳри он дуздидаам, то одати дуздиям ботил нашавад.

## Ҳикоят

Ҷуҳо[1] гӯсфанди мардум медуздид ва гӯшташ садақа мекард. Аз ӯ пурсиданд, ки:

– Ин чӣ маънӣ дорад?

Гуфт:

– Савоби садақа бо баррадуздӣ баробар гардад ва дар миёна пеҳ[2] ва думбааш тавфир[3] бошад.

## Ҳикоят

Саййид Разиюддин шабе пеши бузурге хуфта буд. Ҳар бор бо Саййид мегуфт:

– Чизе бигӯй, то бихусбам[4].

Чун чанд бор мукаррар кард, Саййидро хоб ғалаба намуда гуфт:

– Ту г….. махӯр, чизе магӯй, то ман бихусбам.

---

[1]Ҷуҳо – марде шӯхтабъ назири шахсияти Муллонасриддин будааст.
[2] Пеҳ – чарбу, равған.
[3] Тавфир – зиёд ва фаровон кардан. Ин ҷо ба маънии фоида.
[4] Хусбидан – хобидан.

## Ҳикоят

Талҳак дарозгӯше чанд дошт. Рӯзе Султон Маҳмуд гуфт, дарозгӯшони ӯро ба улоғ гиранд, то худ чӣ хоҳад гуфтан. Бигрифтанд. Ӯ сахт биранҷид, пеши Султон омад, то шикоят кунад. Султон фармуд, ки ӯро роҳ надиҳанд. Чун роҳ наёфт, дар зери даричае рафт, ки Султон нишаста буд ва фарёд кард. Султон бигуфт:

Ӯро бигӯед, ки имрӯз бор[1] нест.

Бигуфтанд.

Гуфт: – Қалтабонеро[2], ки бор набошад, хари мардум ба куҷо бурд, ки гирад?!

## Ҳикоят

Ҷуҳо дар кӯдакӣ чанд рӯзе муздури хайёте[3] буд. Рӯзе устодаш косаи асал ба дуккон бурд. Хост, ки ба коре равад. Ҷуҳоро гуфт:

– Дар ин коса захр аст, зинҳор, то[4] нахӯрӣ, ки ҳалок шавӣ!

Гуфт:

– Маро бо он чӣ кор аст?

Чун устод бирафт, Ҷуҳо васлаи[5] ҷома ба сарроф доду порае нони фузуне бистад ва бо он асал тамом бихӯрд. Устод бозомад, васла металабид. Ҷуҳо гуфт:

– Маро мазан, то рост бигӯям. Ҳол он ки ман ғофил шудам, таррор[6] васла бирабуд. Ман тарсидам, ки ту биёӣ ва маро бизанӣ. Гуфтам, заҳр бихӯрам, то ту бозоӣ, ман мурда бошам. Он захр, ки дар коса буд, тамом бихӯрдам ва ҳанӯз зиндаам, боқӣ ту донӣ.

---

1 Бор – ҳозиршавӣ ба дарбори подшоҳ, яъне ба қабули подшоҳ. Ин ҷо ба ду маъно оварда шудааст.
2 Қалтабон – одами беғайрат, даюс.
3 Хайёт – дӯзандаи либос, дарзӣ.
4 "То" – ин ҷо ба маънои «мабодо».
5 Васла – порчаи матои ямоқӣ.
6 Таррор – дузд, кисабур.

### Ҳикоят

Туфайлиро пурсиданд:
– Иштиҳо дорӣ?
Гуфт:
– Мани бечора дар ҷаҳон ҳамин матоъ дорам.

### Ҳикоят

Қазвинie[1] бо сипаре бузург ба ҷанги малоҳида[2] рафта буд. Аз қалъа санге бар сараш заданду бишкастанд. Биранҷиду гуфт:

– Эй мардак, кӯрӣ, сипар бад-ин бузургӣ намебинӣ, санг бар сари ман мезанӣ?!

### Ҳикоят

Қазвиниро писар дар чоҳ афтод. Гуфт: – Ҷони бобо! Ҷое марав, то ман биравам, расан биёварам ва туро берун бикашам.

### Ҳикоят

Муаззине[3] бонг мегуфту медавид. Пурсиданд, ки чаро медавӣ?

Гуфт: – Мегӯянд, ки овози ту аз дур хуш аст. Медавам, то овози худро аз дур бишнавам.

### Ҳикоят

Дари хонаи Ҷуҳо бидуздиданд. Ӯ бирафт ва дари масҷиде барканду ба хона мебурд. Гуфтанд:
– Чаро дари масҷид баркандаӣ?
Гуфт:

---

[1] Қазвинӣ – монанди ширинӣ, маҳаллатӣ, рӯмонӣ ва дарвозӣ аст.
[2] Малоҳида – ҷамъи мулҳид – аз роҳи Худо баргашта, бедин ва фосиқ.
[3] Муаззин – азонгӯ.

– Дари хонаи ман duздидаанд ва Худованд ин дардуздро мешиносад. Дуздро ба ман супорад ва дари хонаи худ бозситонад.

## Ҳикоят

Султон Маҳмуд пире заифро дид, ки пушторае хор мекашад. Бар ӯ раҳмаш омад. Гуфт:

– Эй пир, ду-се динор зар мехоҳӣ, ё дарозгӯше, ё ду-се гӯсфанд, ё боғе, ки ба ту бидиҳам, то аз ин заҳмат халосӣ ёбӣ?

Пир гуфт:

– Зар бидеҳ, то дар миён бандам, бар дарозгӯш бинишинам ва гӯсфандон дар пеш гираму ба боғ равам ва ба давлати ту дар боқии умр он ҷо биёсоям.

Султонро хуш омад ва фармуд чунон карданд.

## Ҳикоят

Мавлоно Азудуддин ноибе дошт, дар сафаре бо мавлоно буд. Дар роҳ бозистода, порае шароб бихӯрд. Мавлоно чанд бор ӯро талаб кард. Баъд аз замоне бидавид ва маст ба мавлоно бирасид. Мавлоно дарёфт, ки ӯ маст аст. Гуфт: – Алоуддин, мо пиндоштем, ки ту бо мо бошӣ. Чунон ки туро мебинам, ту бо худ низ нестӣ.

## Ҳикоят

Халаф ном ҳокиме дар Хуросон буд. Ӯро гуфтанд, ки фалон кас мутлақ шакли ту дорад. Ӯро ҳозир карданд. Аз ӯ пурсид, ки:

– Модарат даллолагӣ кардӣ ва ба хонаҳои бузургон рафтӣ?

Гуфт:

– Модарам аврате[1] мискин буд. Ҳаргиз аз хона берун нарафтӣ. Аммо падарам дар боғчаҳои бузургон кор кардӣ ва обкашӣ доштӣ.

[1] Аврат – зан.

## Ҳикоят

Ҷамъе қазвиниён ба ҷанги малоҳида рафта буданд. Дар бозгаштан ҳар як сари мулҳиде бар чӯб карда меоварданд. Яке пое бар чӯб меовард. Пурсиданд, ки:

– Инро кӣ кушт?

Гуфт:

– Ман.

Гуфтанд:

– Чаро сараш наёвардӣ?

Гуфт:

– То ман бирасидам, сараш бурда буданд.

## Ҳикоят

Шахсе аз Мавлоно Азудуддин пурсид, ки:

– Чун аст, ки дар замони хулафо[1] мардум даъвои худоию пайғамбарӣ бисёр мекарданду акнун намекунанд?

Гуфт:

– Мардуми ин рӯзгорро чандон зулму гуруснагӣ афтодааст, ки на аз Худояшон ба ёд меояду на аз пайғамбар.

## Ҳикоят

Шахсе бо дӯсте гуфт, ки:

– Маро чашм дард мекунад. Тадбир чӣ бошад?

Гуфт:

– Маро порсол дандон дард мекард, баркандам.

## Ҳикоят

Кале аз ҳаммом берун омад, кулоҳаш duздида буданд. Бо ҳаммомӣ моҷаро мекард. Ҳаммомӣ гуфт:

– Ту ин ҷо омадӣ, кулоҳ надоштӣ.

---

[1] Хулафо – халифаҳо

Гуфт:

– Эй мусалмонон, ин сар аз он сарҳост, ки бе кулоҳ ба роҳ тавон бурд?

## Ҳикоят

Султон Маҳмуд рӯзе дар ғазаб буд. Талҳак хост, ки ӯро аз он малолат бурун орад. Гуфт:

– Эй султон, номи падарат чӣ буд?

Султон биранҷид, рӯй баргардонид. Талҳак боз баробар рафт ва ҳамчунин суол кард. Султон гуфт:

– Мардаки қалтабони саг, ту бо он чӣ кор дорӣ?

Гуфт:

– Номи падарат маълум шуд. Номи падари падарат чӣ буд?

Султон бихандид.

## Ҳикоят

Розию гелонию қазвинӣ бо ҳам ба ҳаҷ рафтанд. Қазвинӣ муфлис буду розию гелонӣ тавонгар буданд. Розӣ чун даст дар ҳалқаи Каъба зад, гуфт:

– Худоё, ба шукронаи он, ки маро ин ҷо овардӣ, Булёну Бунафшаро аз моли худ озод кардам.

Гелонӣ чун ҳалқа бигрифт, гуфт:

– Бад-ин шукрона Мубораку Сунқурро озод кардам.

Қазвинӣ чун ҳалқа бигрифт, гуфт:

– Худоё, ту медонӣ, ки ман на Булён дорам ва на Сунқур ва на Бунафшаву на Муборак. Бад-ин шукрона модари Фотимаро аз худ ба се талоқ озод кардам.

## Ҳикоят

Мавлоно Саъдуддини Кирмонӣ сахт сияҳчурда[1] буд. Шабе маст дар ҳуҷра рафт. Шишаи мидод[2] аз девор овехта буд.

[1] Сияҳчурда – сиёҳранг.
[2] Мидод – моддаи сиёҳ, ки бо он чизе нависанд.

Дӯш бар он зад, бишкаст. Фарачие[1] сапед дошт, пушташ сиёҳ шуд. Субҳ фараҷиро пӯшид ва он сиёҳӣ надид ва ба даргоҳи Маволоно Қутбуддини Шерозӣ рафт. Асҳоб ӯро бо назар оварданд. Яке гуфт:

– Ин чӣ расвоист?

Дигаре гуфт:

– Ин расвоӣ нест, араки Мавлоност.

**Ҳикоят**

Шахсе Мавлоно Азудуддинро гуфт:

– Аҳли хонаи ман нодида ба дуои ту машғуланд.

Гуфт:

– Нодида чаро? Шояд дида бошанд.

**Ҳикоят**

Хоҷае бадшакл ноибе бадшаклтар аз худ дошт. Рӯзе оинадоре оина ба дасти ноиб дод. Он ҷо нигоҳ кард. Гуфт:

– Субҳоналлоҳ,[2] басе тақсир дар офариниши мо рафтааст.

Хоҷа гуфт:

– Лафзи ҷамъ магӯй, бигӯй дар офариниши ман рафтааст.

Ноиб оина пеш дошт ва гуфт:

– Хоҷа, агар бовар намекунӣ, ту низ дар оина нигоҳ кун!

**Ҳикоят**

Зане пеши Восиқ-халифа даъвои пайғамбарӣ мекард. Восиқ аз ӯ пурсид, ки:

– Муҳаммад пайғамбар буд?

Гуфт:

– Оре.

Гуфт:

– Чун ӯ фармудааст, ки ло набия баъдӣ, пас даъвои ту ботил шуд.

---

[1] Фараҷӣ – ҷомаи бебанди яклухт, ки аз болои либос мепӯшиданд.
[2] Субҳоналлоҳ – Худо пок аст.

Гуфт:

– Ӯ фармуд, ки «Ло набия баъдӣ», «ло набията баъдӣ»[1] нафармудааст.

## Ҳикоят

Падари Ҷуҳо се моҳии бирён ба хона бурд. Ҷуҳо дар хона набуд. Модараш гуфт:

– Инро бихӯрем, пеш аз он ки Ҷуҳо биёяд.

Суфра[2] биниҳоданд. Ҷуҳо биёмад, даст ба дар зад. Модараш ду моҳии бузург дар зери тахт пинҳон кард ва яке кӯчак дар миён овард. Ҷуҳо аз шикофи дар дида буд. Чун биниша-станд, падараш аз Ҷуҳо пурсид, ки:

– Ҳикояти Юнус-пайғамбар шунидаӣ?.

Гуфт:

– Аз ин моҳӣ пурсам, то бигӯяд.

Сар пеши моҳӣ бурд ва гӯш бар даҳони моҳӣ ниҳод.

Гуфт:

– Ин моҳӣ мегӯяд, ки ман он замон кӯчак будам. Инак ду моҳии дигар аз ман бузургтар дар зери тахтанд. Аз эшон бипурс, то бигӯянд.

## Ҳикоят

Султон Маҳмудро дар ҳолати гуруснагӣ бодинҷонбӯронӣ пеш оварданд, хушаш омад. Гуфт: – Бодинҷон таомест хуш.

Надиме дар мадҳи бодинҷон фасле пардохт. Чун сер шуд, гуфт: – Бодинҷон сахт музир[3] чизест.

Надим боз дар мазаррати бодинҷон муболиғате тамом кард. Султон гуфт:

– Эй мардак, на ин замон мадҳаш мегуфтӣ?

Гуфт:

---

[1] «Ло набия баъдӣ» – баъд аз ман пайғамбаре набошад. Ин шакли мардона аст. Зан шакли занонаашро гуфт, яъне аз «занҳо намешавад» нагуфтааст.

[2] Суфра – дастархон.

[3] Музир – зарарнок.

– Ман надими туам, на надими бодинҷон. Маро чизе мебояд гуфт, ки туро хуш ояд, на бодинҷонро.

## Ҳикоят

Масъуди раммол[1] дар роҳ ба Маҷдуддини Ҳумоюншоҳ расид. (Ҳумоюншоҳ) пурсид, ки:

Чӣ корӣ?

Гуфт:

– Чизе намекорам, ки ба кор ояд.

Гуфт:

– Падарат низ чунин буд. Ҳаргиз чизе накишт, ки ба кор ояд.

## Ҳикоят

Турке буд, ба ҳар ҳаммом, ки даррафтӣ, чун берун омадӣ, ҳаммомиро бигрифтӣ, ки «ту рахте аз они ман куздидаӣ». Ба ҷое расид, ки ӯро дар ҳеч ҳаммоме намегузоштанд. Рӯзе дар ҳаммоме рафт, чанд касро гувоҳ гирифт, ки ҳеч шӯъбада накунад ва ҳар шанқаса[2] кунад, дурӯғ бошад. Чун дар ҳаммом рафт, ҳаммомӣ тамомати ҷомаҳои ӯро ба хонаи худ фиристод. Турк аз ҳаммом берун омад. Даъво натавонист кард. Таркаш[3] ва қирбон[4] бараҳна дар миён баст ва гуфт: – «Эй мусулмонон, ман даъво наметавонам кард. Аммо аз ин ҳаммомӣ бипурсед, ки мани мискин чунин ба ҳаммоми ӯ омада будам?».

## Ҳикоят

Аз қазвинӣ пурсиданд, ки:

– Амиралмуъминин Алӣ шиносӣ?

Гуфт:

– Шиносам.

---

[1] Раммол – фолбин.
[2] Шанқаса – инҷо ба маънои ҷанҷол, хархаша.
[3] Таркаш – тирдон.
[4] Қирбон – ғилофи ханҷар.

Гуфтанд:

– Чандум халифа буд?

Гуфт:

– Ман халифа надонам. Он аст, ки Ҳусайн ӯро дар дашти Карбало шаҳид кардааст.

### Ҳикоят

Яке аз дигаре пурсид, ки:

– Қаляро ба қоф кунанд ё ба ғайн?

Гуфт:

– Қаля на ба қоф кунанд ва на ба ғайн, қаля ба гӯшт кунанд.

### Ҳикоят

Лӯлие бо писари худ моҷаро мекард, ки «ту ҳеч коре намекунӣ ва умр дар батолат[1] ба сар мебарӣ. Чанд бор бигӯям, ки муаллақ задан биёмӯз, саг аз чанбар ҷаҳонидан ва расанбозӣ тааллум кун, то аз умри худ бархурдор шавӣ. Агар аз ман намешунавӣ, ба Худо, туро дар мадраса андозам, то он илми мурдареги[2] эшон биёмӯзию донишманд шавӣ ва то зинда бошӣ, дар мазаллату фалокату идбор[3] бимонӣ ва як ҷав аз ҳеч ҷо ҳосил натавонӣ кард.

### Ҳикоят

Хуросониеро падар дар ҷоҳ афтоду бимурд. Ӯ бо ҷамъе шароб мехӯрад. Яке он ҷо рафт, гуфт: – Падарат дар ҷоҳ афтодааст.

Ӯро дил намедод, ки тарки маҷлис кунад. Гуфт:

– Боке нест, мардон ҳар ҷо афтанд.

Гуфтанд:

– Мурдааст.

---

[1] Батолат – бекорӣ ва танбалӣ.

[2] Мурдарег – ин ҷо ба маънои мероси бозмонда аст.

[3] Идбор – бадбахтӣ.

Гуфт:

– Валлоҳ, шери нар ҳам бимирад.

Гуфтанд:

– Биё, то баркашемаш!

Гуфт:

– Нокашида панҷоҳ ман бошад.

Гуфтанд:

– Биё, то дар хокаш кунем.

Гуфтанд:

– Эҳтиёҷ ба ман нест. Агар зару тилост, ман бо шумо розиям ва бар шумо эътимоди куллӣ дорам. Бираведу хокаш кунед!

## Ҳикоят

Атобак Салғаршоҳ ҳар замон ба хатти худ Мусҳафе навиштӣ ва бо туҳфае чанд ба Каъба фиристодӣ ва дар боқии сол ба шароб машғул будӣ. Чанд сол мукаррар чунин кард ва як сол Маҷдуддин ҳозир буд, гуфт: – «Нек мекунӣ, чун намехонӣ, ба хонаи худовандаш мефиристӣ».

## Ҳикоят

Атобак Салғаршоҳ қасаби мисрӣ ба Маҷдуддин дод. Чанд ҷой «Ло Илоҳа иллаллоҳ» бад-он нақш карда буданд. Магар нимдошт буд, ӯро хуш наёмад. Яке аз ҳозирон пурсид, ки: – «Чун аст, ки Муҳаммад расулуллоҳ» нанавиштаанд?

Гуфт:

– Инро пеш аз Муҳаммад расулуллоҳ бофтаанд.

## Ҳикоят

Шахсе даъвои нубувват[1] кард. Ӯро пеши Маъмун – халифа бурданд. Маъмун гуфт: – «Инро аз гуруснагӣ димоғ хушк

[1] Нубувват – пайғамбарӣ.

шудааст». Матбахиро[1] бихонд. Фармуд, ки ин мард дар матбах[2] бибар ва ҷомахобе нармаш бисоз ва ҳар рӯз шарбатҳои муаттар ва таомҳои хуш медеҳ, то димоғаш бо қарор ояд. Мардак муддате барои танаъъум дар матбах бимонд. Димоғаш бо қарор омад. Рӯзе Маъмунро аз ӯ ёд омад. Бифармуд, то ӯро ҳозир карданд. Пурсид, ки:

– Ҳамчунон Ҷабраил пеши ту меояд?

Гуфт:

– Оре

Гуфт:

– Чӣ мегӯяд?

Гуфт:

– Мегӯяд, ки ҷое нек ба дасти ту афтода, ҳаргиз ҳеч пайғамбареро ин неъмату осоиш даст надод. Зинҳор, то аз ин ҷо берун наравӣ.

## Ҳикоят

Қазвинӣ хар гум карда буд, гирди шаҳр мегашту шукр мегуфт. Гуфтанд:

– Чаро шукр мекунӣ?

Гуфт:

– Аз баҳри он ки бар хар нанишаста будам, вагарна ман низ имрӯз чаҳорум рӯз будӣ, ки гум шуда будаме.

## Ҳикоят

Ҷуҳо бар деҳе расид ва гурусна буд. Аз хонае овози таъзияте шунид. Он ҷо рафт. Гуфт:

– Шукрона бидиҳед, то ман ин мурдаро зинда созам.

Касони мурда ӯро хидмат ба ҷой оварданд. Чун сер шуд, гуфт:

– Маро ба сари ин мурда баред.

Он ҷо бирафт. Мурдаро бидид, гуфт:

---

[1] Матбахӣ – ошпаз.
[2] Матбах – ошхона.

– Ин чикора буд?

Гуфтанд:

– Ҷӯлоҳ[1].

Ангушт дар дандон гирифту гуфт:

– Оҳ дареғ, ҳар каси дигаре, ки будӣ, дарҳол зинда шоистӣ кард. Аммо мискин ҷӯлоҳ чун мурд, мурд.

## Ҳикоят

Тарсое мусалмон шуда буд, гирди шаҳраш мегардониданд. Тарсое дигар бар ӯ расид. Гуфт:

– Мусалмонон сахт кам буданд, ту низ мусалмон шудӣ?

## Ҳикоят

Мавлоно Шарафиддини Домғонӣ бар дари масҷиде мегузашт. Ходими масҷид сагеро дар масҷид печида буду мезад. Саг фарёд мекард. Мавлоно дари масҷид бикшод, саг бадар ҷаст. Ходим бо Мавлоно итоб кард. Мавлоно гуфт:

– Эй ёр, маъзур дор, ки саг ақл надорад. Аз беақлӣ дар масҷид меояд. Мо, ки ақл дорем, ҳаргиз моро дар масҷид мебинӣ?

## Ҳикоят

Дарвеше ба дари хонае расид. Пораи ноне бихост. Духтараке дар хона буд ва гуфт: – Нест.

Гуфт: – Чӯбе, ҳимае[2].

Гуфт: – Нест.

Гуфт: – Порае намак.

Гуфт: – Нест.

Гуфт: – Кӯзае об.

Гуфт: – Нест.

Гуфт: – Модарат куҷост?

---

[1] Ҷӯлоҳ – бофанда.

[2] Ҳима – ҳезум, сӯзишворӣ.

Гуфт: – Ба таъзияти хешовандон рафтааст.

Гуфт: – Чунин ки ман ҳоли хонаи шумо мебинам, даҳ хешованди дигар мебояд, ки ба таъзияти шумо оянд.

## Ҳикоят

Шерозие дар масҷид банг мепухт. Ходими масҷид бад-ӯ расид, бо ӯ дар сафоҳат[1] омад. Шерозӣ дар ӯ нигаҳ кард, шал буду калу кӯр. Наърае бикашид, гуфт:

– Эй мардак, Худо дар ҳаққи ту чандон лутф накардааст, ки ту дар ҳаққи хонаи ӯ чандин таассуб[2] мекунӣ!

## Ҳикоят

Шахсеро дар понздаҳуми рамазон бигирифтанд, ки ту рӯза хӯрдаӣ. Гуфт:

– Аз рамазон чанд рӯз гузаштааст?

Гуфтанд:

– Понздаҳ рӯз.

Гуфт:

– Чанд рӯз мондааст?

Гуфтанд:

– Понздаҳ рӯз.

Гуфт:

– Мани мискин аз ин миён чӣ хӯрда бошам?!

## Ҳикоят

Аъробие ба ҳаҷ рафт. Дар тавоф дастораш бирабуданд. Гуфт:

– Худоё, як бор, ки ба хонаи ту омадам, фармудӣ, ки дасторам бирабуданд. Агар як бори дигар маро ин ҷо бибинӣ, бифармой, то дандонҳоям бишкананд.

---

[1] Сафоҳат – тундӣ, дуруштӣ.
[2] Таассуб – тарафдорӣ, ҳимоя, пуштибонӣ.

## Ҳикоят

Зане чашмоне бағоят хуш ва хуб дошт. Рӯзе аз шавҳар шикоят ба қозӣ бурд. Қозӣ русбибоза[1] буд. Аз чашмҳои ӯ хушаш омад. Тамаъ дар ӯ баст ва тарафи ӯ гирифт. Шавҳар дарёфт. Чодар аз сараш даркашид. Қозӣ рӯяш бидид, сахт мутанаффир[2] шуд. Гуфт:

– Бархез, эй занак, чашми мазлумон дорию рӯйи золимон!

## Ҳикоят

Асасон[3] шаб ба қазвиние маст расиданд. Бигирифтанд, ки:
– Бархез, то ба зиндонат барем.

Гуфт:

– Агар ман ба роҳ тавонистаме рафт, ба хонаи худ рафтаме.

## Ҳикоят

Хуросонӣ ба нардбон ба боғи дигаре мерафт, то мева бидуздад. Худованди боғ бирасиду гуфт:

– Дар боғи ман чӣ кор дорӣ?

Гуфт:

– Нардбон мефурӯшам.

Гуфт:

– Нардбон дар боғи ман мефурӯшӣ?

Гуфт:

– Нардбон аз они ман аст, ҳар куҷо хостам, мефурӯшам.

## Ҳикоят

Қазвиние табаре дошт ва ҳар шаб дар махзан[4] ниҳодӣ ва дар муҳкам бастӣ. Занаш пурсид:

---

[1] Русбибоза – занбоз, ҳариси зан.
[2] Мутанаффир – нафраткунанда.
[3] Асас – миршаб.
[4] Махзан – анбор.

– Табар чаро дар махзан менихӣ?

Гуфт:

– То гурба набарад.

Гуфт:

– Гурба табар чӣ мекунад?

Гуфт:

– Аблаҳ зане будаӣ! Шушпорае, ки ба як ҷав намеарзад, мебарад, табаре, ки даҳ динор харидаам, раҳо хоҳад кард?!

## Ҳикоят

Ҷалоли Вароминӣ пеши Мавлоно Рукниддини Абҳарӣ дарси ҳайат мехонд. Мавлоно гуфт:

– Кураи ҳаво се табиат дорад: он чӣ болост, мумост[1]. Кураи асир[2] ва бағоят гарм аст ва миёна ба эътидол наздик ва ҳарчӣ мумост, кураи хок асту ба мо наздик, бағоят сард аст.

Ҷалол гуфт:

– Нек фармудӣ, мавлоно. Сababи бурудати[3] ҳаво маълум шуд.

## Ҳикоят

Мавлоно Қутбиддин ба аёдати[4] бузурге рафт. Пурсид, ки:

– Чӣ заҳмат дорӣ?

Гуфт:

– Табам мегираду гарданам дард мекунад. Аммо шукр, ки як-ду рӯз аст, табам шикастааст, аммо гарданам ҳанӯз дард мекунад.

Гуфт:

– Дил хуш дор, ки он низ дар ин дурӯза мешиканад.

## Ҳикоят

Абдулҳайи Зррод ранҷур буд. Дӯсте ба аёдати ӯ рафт.

[1] Мумос – баҳамсоянда, ҷойи баҳамсоӣ.
[2] Асир – баланд ва олӣ.
[3] Бурудат – хунукӣ.
[4] Аёдат – беморпурсӣ.

Гуфт:

– Ҳолат чист?

Гуфт:

– Имрӯз исҳоле[1] хӯрдаам.

– Пайдост, ки бӯйи гандааш аз даҳонат меояд.

## Ҳикоят

Хуросоние пеши табиб рафту гуфт:

– Занам ранҷур аст, чӣ бояд кард?

Гуфт:

– Фардо қорура[2] биёвар, то бибинам ва бигӯям.

Иттифоқан, Хуросонӣ худ низ он рӯз ранҷур шуд. Рӯзи дигар қорура пеши табиб овард. Ресмоне дар миёни қорура баста буд.

Табиб гуфт:

– Ин ресмон чаро бастаӣ?

Гуфт:

– Ман низ ранҷур шудам. Нимаи боло бавли ман аст ва нимаи зер бавли занам.

Табиб рӯзи дигар ин ҳикоят ба ҳар ҷамъе бозмегуфт. Қазвиние ҳозир буд, гуфт:

– Мавлоно, маъзур дор, ки хуросониёнро ақл набошад. Он ресмон аз андаруни қорура баста буд ё аз берун?

## Ҳикоят

Шахсе аз хатибе суол кард, ки «ва-с-самои зотал-ҳубук»[3] чӣ маънӣ дорад?

Гуфт:

– Ҳама кас донад, ки само замин бошад ва зот ҳам аз ин чизаке бошад. Ҳубук на ман донаму на ту ва на он ки ин гуфтааст.

---

[1] Исҳол – дарунрав ва гандагӣ.

[2] Қорура – шишаи пешобе, ки барои таҳлил диҳанд.

[3] Осмон зоти устувор ва некӯ бунёдкардашуда.

## Ҳикоят

Шахсе бо дӯсте гуфт:

– Панҷоҳ ман гандум доштам. То маро хабар шуд, мушон тамом хӯрда буданд.

Ӯ гуфт:

– Ман низ панҷоҳ ман гандум доштам. То мушонро хабар шуд, ман тамом хӯрда будам.

## Ҳикоят

Хоҷае ба сафар рафт. Ғуломе ҳинду дар хона дошт. Чун бозомад, хотун ду писари сиёҳ оварда буд. Ғулом яке бар дӯш ниҳод ва яке дар пайи ӯ медавид ва ба истиқболи[1] хоҷа рафт. Хоҷа писарро бидид, гуфт:

– Ин аз они кист?

Гуфт:

– Аз они хотун

Гуфт:

– Ҳозо[2] аҷиб!!!

Ғулом гуфт:

– Ин ки дар пайи ман аст, аҷибтар аст.

## Ҳикоят

Шахсе аз воизе пурсид, ки:

– Зани иблис чӣ ном дорад?

Воиз ӯро пеш хонду дар гӯшаш гуфт:

– Эй мардаки қалтабон, ман чӣ донам?!

Чун боз ба маҷлис омад, аз ӯ пурсиданд, ки: – Чӣ фармуд?

Гуфт: – Ҳар кӣ хоҳад, аз мавлоно суол кунад, то бигӯяд.

## Ҳикоят

Деҳқоне дар Исфаҳон ба дари Хоҷа Баҳоуддини соҳибде-

---

[1] Истиқбол – пешвозгирӣ.
[2] Ҳозо – ин.

вон рафт. Бо хоҷасаро гуфт, ки бо хоҷа бигӯй, ки худо берун нишастааст, бо ту коре дорад. Бо хоҷа бигуфт. Ба эҳзори[1] ӯ ишорат кард. Чун даромад, пурсид, ки:

– Ту худоӣ?

Гуфт:

– Оре.

Гуфт:

– Чӣ гуна?

Гуфт:

– Ҳол он ки ман пеш деххудою боғхудою хонахудо будам. Наввоби ту деҳу боғу хона аз ман ба зулм бистаданд, худо[2] монд.

## Ҳикоят

Хуросоние харе дар корвон гум кард. Хари дигареро бигрифт ва бор бар ӯ ниҳод. Худованди хар харро бигрифт, ки аз они ман аст. Ӯ инкор кард. Гуфтанд:

– Хари ту нар буд ё мода?

Гуфт:

– Нар.

Гуфтанд:

– Ин мода аст.

Гуфт:

– Хари ман низ чунон нар ҳам набуд.

## Ҳикоят

Яке дар боғи худ рафт. Дуздеро пуштвораи пиёз дарбаста дид.

Гуфт:

– Дар ин боғ чӣ мекунӣ?

Гуфт:

– Бар роҳ мегузаштам, ногоҳ бод маро дар боғ андохт.

Гуфт:

---

[1] Эҳзор – ҳозир кардан.

[2] Худо – соҳиб.

– Чаро пиёз баркандӣ?

Гуфт:

– Бод маро мерабуд, даст дар бунаи пиёз мезадам, аз замин бармеомад.

Гуфт:

– Мусаллам[1]. Кӣ гирд карду пуштвора баст?

Гуфт:

–Валлоҳ, ман низ дар ин фикр будам, ки омадӣ.

### Ҳикоят

Қазвиние ангуштарӣ дар хона гум кард, дар кӯча металабид[2], ки хона торик аст.

### Ҳикоят

Шахсе дар хонаи қазвиние хост намоз гузорад. Пурсид:

– Қибла чун аст?

Гуфт:

– Ман ҳанӯз ду сол аст, ки дар ин хонаам, куҷо донам, ки қибла чун аст.

### Ҳикоят

Ҳокими Нишопур Шамсиддини табибро гуфт:

– Ман ҳазми таом наметавонам кард. Тадбир чӣ бошад?

Гуфт: – Ҳазмшуда бихӯр.

### Ҳикоят

Мавлоно Азудуддин ба хостгории хотуне (кас) фиристод. Хотун гуфт: – Ман мешунавам, ки ӯ фосиқ асту ғуломбора, зани ӯ намешавам.

Бо Мавлоно бигуфтанд. Гуфт: – Бо хотун бигӯед, ки аз фисқ тавба тавон кард ва ғуломборагӣ ба лутфи хотун ва инояти ӯ бозбаста аст.

---

[1] Мусаллам – дуруст, раво бошад.

[2] Талабидан – ин ҷо ба маънои ҷустуҷӯ кардан аст.

## Ҳикоят

Қазвиниеро дандон дард мекард. Пеши чарроҳ рафт. (Ҷарроҳ) гуфт: – Ду оқча бидеҳ, то барканам.

Гуфт: – Як оқча беш намедиҳам.

Чун музтариб шуд, ночор ду оқча бидод ва сар пеш бурду дандоне, ки дард намекард, бад-ӯ намуд. Ҷарроҳ онро канд. Қазвинӣ гуфт: «Саҳв кардам». Он дандон, ки дард мекард, бад-ӯ намуд. Ҷароҳ барканд. Қазвинӣ гуфт: мехостӣ сарфи ман барӣ ва ду оқча бистонӣ. Ман аз ту зирактарам. Туро ба бозӣ харидам ва кифояти худ чунон кардам, ки як дандонам ба як оқча баромад.

## Ҳикоят

Шахсе даъвои нубувват кард. Пеши халифааш бурданд. Аз ӯ пурсид, ки: – Муъҷизаат чист?

Гуфт: – Муъҷизаам ин ки ҳар чӣ дар дили шумо мегузарад, маро маълум аст. Чунон ки акнун дар дили ҳама мегузарад, ки ман дурӯғ мегӯям.

## Ҳикоят

Бозургоне зане хушсурат, Зуҳра ном, дошт. Азми сафаре кард. Аз баҳри ӯ ҷомаҳои сафед бисохт ва косаи нил ба ходим дод, ки ҳар гоҳ аз ин зан ҳаракате ношоист дар вуҷуд ояд, як ангушт нил бар ҷомаи ӯ зан, то чун боз оям, агар ту набошӣ, маро ҳол маълум шавад. Пас аз муддате хоҷа ба ходим набишт, ки:

### Байт

Чизе накунад Зуҳра, ки нанге бошад,
Бар ҷомаи ӯ зи нил ранге бошад.

Ходим боз набишт, ки:

### Байт

Гар з-омадани хоҷа даранге бошад,
Чун боз ояд, Зуҳра паланге бошад.

## Ҳикоят

Дар вилояти Ҳирот деҳест, Чарх ном. Қозии он ҷо ба хонаи наддофе[1] рафта буд ва шароб хӯрда ва дар мастӣ бар муштаи[2] наддоф рида. Шоире гуфта буд:

### Байт

Аз илму амал барӣ бувад қозии Чарх,
Бо халқ ба доварӣ бувад қозии Чарх.
Бар мушта агар мебирияд, нест аҷаб,
З-он рӯй, ки Муштарӣ[3] бувад қозии Чарх.

## Ҳикоят

Луроке дар маҷлиси ваъз ҳозир шуд. Воиз мегуфт:

– Сирот аз мӯй бориктар бошаду аз шамшер тезтар ва рӯзи қиёмат ҳама касро бар ӯ бояд гузашт.

Лурӣ бархост, гуфт:

– Мавлоно, он ҷо ҳеч доробзине[4] ё чизе бошад, ки даст дар он ҷо зананд ва бигзаранд?

Гуфт:

– На.

Гуфт:

– Нек ба риши худ механдӣ. Валлоҳ, агар мурғ бошад, аз он ҷо натавонад гузашт.

## Ҳикоят

Хатиберо гуфтанд:

– Мусалмонӣ чист?

Гуфт:

– Ман марде хатибам, маро бо мусалмонӣ чӣ кор?!

---

[1] Наддоф – ғозкунандаи пахта ва пашмҳои кухна.
[2] Мушта – сабадчӯби наддоф.
[3] Муштарӣ ба ду маъно омадааст: 1) Номи ситорае, ки аз рӯйи ақидаи кухна қозии осмон аст. 2) Ба мушта риҳанда.
[4] Дорабзин – паноҳгоҳ, дастдорак.

## Ҳикоят

Қазвиние ба ҷанги шер мерафт, наъра ва тез медод. Гуфтанд:

– Наъра чаро мезанӣ?

Гуфт:

– То шер битарсад.

Гуфтанд:

– Чаро тез медиҳӣ?

Гуфт:

– Ман низ метарсам.

## Ҳикоят

Туркмоне бо яке даъво дошт. Пастуе[1] пургаҷ кард ва порае равған бар сар гузошт ва аз баҳри қозӣ ришват бурд. Қозӣ биситод ва тарафи туркмон гирифт ва қазия[2] чунонки хотири ӯ мехост, охир кард ва мактубе мусаҷҷал[3] ба туркмон дод. Баъд аз ҳафтае қазияи равған маълум кард. Туркмонро бихост, ки «дар он мактуб саҳве ҳаст, биёр, то ислоҳ кунам». Туркмон гуфт: дар мактуби ман ҳеч саҳве нест. Агар саҳве бошад, дар пасту бошад.

## Ҳикоят

Қазвиние тобистон аз Бағдод меомад. Гуфтанд:

– Он ҷо чӣ мекардӣ?

Гуфт: – Арақ.

## Ҳикоят

Дарвеше гева дар по намоз мегузорд. Дузде тамаъ дар геваи[4] ӯ баст. Гуфт:

– Бо гева намоз набошад.

---

[1] Пасту – кӯза.
[2] Қазия – кор, воқеа.
[3] Мусаҷҷал – муҳр ва имзошуда.
[4] Гева – чорук.

Дарвеш дарёфт ва гуфт:

– Агар намоз набошад, гева бошад.

### Ҳикоят

Мавлоно Қутбиддин дар назди Туқмоқ нишаста буд. Туқмоқ каъбе[1] дошт. Бо Мавлоно гуфт:

– Бияндозем, ҳар кӣ шак кунад, даюс аст.

Ӯ бияндохт, шак накард. Мавлоно андохт, шак кард.

Гуфт: – Ту бе шак даюсӣ, ман бо шак.

### Ҳикоят

Мавлоно Азудуддин туркписаре ба иҷора мегирифт ба маблағе муайян. Падараш розӣ намешуд. Дар охир гуфт:

– Розӣ шудам, аммо бояд Мавлоно гоҳ-гоҳе бад-ӯ амале фармояд, то ӯро ҳосиле изофат аз марсум[2] бошад.

Мавлоно гуфт:

– Дар хонаи мо илм бошад, амал набошад.

### Ҳикоят

Қазвинӣ бо камони бетир ба ҷанг мерафт, ки тир аз ҷониби душман ояд, бардорад. Гуфтанд:

– Шояд наёяд.

Гуфт:

– Он вақт ҷанг набошад.

### Ҳикоят

Дузде дар шаб хонаи фақире меҷуст. Фақир бедор шуд. Гуфт:

– Эй мардак, он чи ту дар торикӣ меҷӯӣ, мо дар рӯзи равшан меҷӯему намеёбем.

---

[1] Каъб – донаи нард, ки дар шакли мукаъъаб бошад.

[2] Марсум – моҳона .

### Ҳикоят

Зарифе мурғи бирён дар суфраи бахиле дид, ки се рӯз пайдарпай буд ва намехӯрд. Гуфт:

– Умри ин мурғи бирён баъд аз марг дарозтар аз умри ӯст пеш аз марг.

### Ҳикоят

Талҳак мегуфт?

– Хобе дидаам, нима рост, нима дурӯғ.

Гуфтанд:

– Чӣ гуна?

Гуфт:

– Дар хоб дидаам, ки ганҷе бар дӯш мебарам. Аз гаронии он бар худ ристам. Чун бедор шудам, ҷомахоб олуда аст ва аз ганҷ асаре нест.

### Ҳикоят

– Зани Талҳак фарзанде зоид. Султон Маҳмуд ӯро пурсид, ки чӣ зодааст?

Гуфт:

– Аз дарвешон чӣ зояд, писаре ё духтаре.

Гуфт:

– Магар аз бузургон чӣ зояд?

Гуфт:

– Эй худованд, чизе зояд беҳанҷоргӯй ва хонабарандоз.

### Ҳикоят

Миёни раисе ва хатиби деҳ душманӣ буд. Раис бимурд. Чун ба хокаш супурданд, хатибро гуфтанд:

– Талқини ӯ бигӯй!

Гуфт:

– Аз баҳри ин кор дигареро бихоҳед, ки ӯ сухани ман ба ғараз мешунавад.

## Ҳикоят

Талҳакро пурсиданд, ки:

– Даюсӣ чӣ бошад?

Гуфт:

– Ин масъаларо аз қозиён бояд пурсид.

## Ҳикоят

Асасии шаҳреро ба қазвиние доданд. Намози дигар хоҷаеро бигирифт, ки: – Ман асасам, туро ба зиндон бояд бурдан.

(Хоҷа) гуфт:

– Асас ба рӯз касеро нагирад.

Гуфт:

– Шаб туро куҷо ёбам?!

Мардум дар миён омаданд ва ӯро манъ карданд.

Гуфт: – Саҳл аст. Агар коре дорӣ, ҳолӣ бо ту бисозам, аммо замонате бидеҳ, ки шаб пеши ман оӣ.

## Ҳикоят

Астари[1] Талҳак бидуздиданд. Яке мегуфт: – Гуноҳи туст, ки аз поси он эҳмол[2] варзидӣ.

Дигаре гуфт, ки: – Гуноҳи меҳтар[3] аст, ки дари тавила боз гузоштааст.

(Талҳак) гуфт: – Пас, дар ин сурат дуздро гуноҳ набошад.

## Ҳикоят

Мавлоно Наҷмиддин Алии Ҳофиз сахт гарон шунидӣ. Рӯзе Мавлоно Ғиёсиддинро гуфт:

– Шунидам, ки зане хостаӣ?

Гуфт: – Субҳоналлоҳ, ту худ ҳаргиз чизе намешунидӣ, ин хабар чун шунидӣ?

---

[1] Астар – хачир.

[2] Эҳмол варзидан – сустӣ ва беҳавсалагӣ кардан.

[3] Меҳтар – саис.

## Ҳикоят

Хуросониеро аспе лоғар буд. Гуфтанд:

– Чаро инро ҷав намедиҳӣ?

Гуфт:

– Ҳар шаб даҳ ман ҷав мехӯрад.

Гуфтанд:

–Пас, чаро чунин лоғар аст?

Гуфт:

– Якмоҳа ҷаваш назди ман ба қарз аст.

## Ҳикоят

Шахсе меҳмонеро дар зерхона хобонд, нимашаб садои хандаи вайро дар болохона шунид. Пурсид, ки:

– Дар он ҷо чӣ мекунӣ?

Гуфт:

– Дар хоб ғалтидаам.

Гуфт:

– Мардум аз боло ба пойин ғалтанд, ту аз пойин ба боло ғалтӣ?

Гуфт:

– Ман ҳам ба ҳамин механдам.

## Ҳикоят

Маҷди Ҳамгар зане зиштрӯ дар сафар дошт. Рӯзе дар маҷлисе нишаста буд. Ғуломаш давон-давон биёмад, ки:

– Эй хоҷа, хонум ба хона фуруд омад.

Гуфт:

– Кошкӣ хона ба хонум фуруд омадӣ.

## Ҳикоят

Султон Маҳмуд сар ба зонуи Талҳак ниҳода буд, гуфт:

– Ту даюсонро чӣ бошӣ?

Гуфт: – Болиш.

## Ҳикоят

Факеҳе Ҷоҳизро гуфт, ки:

– Агар реге аз регҳои ҳарами Каъба ба даруни кафши касе афтад, ба Худо ҳаменолад, то ӯро ба ҷойи худ баргардонад.

Гуфт:

– Бинолад, то гулӯяш пора шавад?

Гуфт:

– Регро гулӯ набошад.

Гуфт:

– Пас, аз куҷо нолад?!

## Ҳикоят

Султон Маҳмуд дар зимистоне сахт ба Талҳак гуфт, ки:

– Бо ин ҷомаи якло[1] дар ин сармо чӣ мекунӣ, ки ман бо ин ҳама ҷома меларзам?

Гуфт:

– Эй подшоҳ, ту низ монанди ман кун, то наларзӣ!

Гуфт:

– Магар ту чӣ кардаӣ?

Гуфт:

– Ҳар чӣ ҷома доштам, ҳамаро дар бар кардаам.

## Ҳикоят

Муханнасе море хуфта дид, гуфт:

– Дареғ, мардею санге!

## Ҳикоят

Вақте Музаббидро бигрифтанд, ба туҳмати он ки шароб хӯрдааст, аз даҳани ӯ бӯйи шароб наёфтанд. Гуфтанд:

– Қай кун!

---

[1] Якло – абра, беастар.

Гуфт:
– Он гоҳ таоми шабонаро кӣ замонат мекунад?

### Ҳикоят

Шамсиддин Музаффар рӯзе бо шогирдони худ мегуфт, ки таҳсил дар кӯдакӣ мебояд кард. Ҳар чӣ дар кӯдакӣ ба ёд гиранд, ҳаргиз фаромӯш нашавад. Ман ин замон панҷоҳ сол бошад, ки сураи фотиҳа ба ёд гирифтаам ва бо вуҷуди ин ки ҳаргиз нахондаам, ҳанӯз ба ёд дорам.

### Ҳикоят

Шахсе тире ба мурғе андохт, хато кард.
Рафиқаш гуфт:
– Аҳсант![1].
Тирандоз барошуфт, ки: «Ба ман ришханд мекунӣ?».
Гуфт:
– На, мегӯям аҳсант, аммо ба мурғ.

### Ҳикоят

Кафши Талҳакро аз масҷид дуздида буданд ва ба даҳлези калисо андохта. Талҳак мегуфт: Субҳоналлоҳ, ман худам мусалмонаму кафшам тарсост.

### Ҳикоят

Ду муғаннӣ бар сари оҳанге низоъ мекарданд. Ҳар як ба дигаре мегуфт: – Ту ба ман гӯш деҳ.
Соҳиби хона аз низои эшон ба сутӯҳ омад[2], гуфт:
– Эй хоҷагон, ҳар ду ба ман гӯш диҳед!

---

[1] Аҳсант – офарин ба ту.
[2] Ба сутӯҳ омадан – дармонда, хаста, бетобу ранҷур шудан.

## Ҳикоят

Шахсе мегуфт:

– Чашмам дард мекунад ва бо оёту адъия[1] мудовот[2] менамоям.

Талҳак гуфт:

– Андаке анзарут[3] низ бад-онҳо бияфзой!

## Ҳикоят

Шахсе ғуломе ба иҷора мегирифт ба музди серии шикам ва исрор бад-он дошт, ки ғулом ҳам андаке мусомиҳа[4] кунад.

Ғулом гуфт:

– Эй хоҷа, рӯзи душанбе ва панҷшанберо ҳам рӯза медорам?

## Ҳикоят

Шахсе хона ба кироя гирифта буд. Чӯбҳои сақфаш бисёр садо мекард. Ба худованди хона аз баҳри мараммати[5] он сухан бикушод. Посух[6] дод, ки: – Чӯбҳои сақф зикри Худованд мекунанд.

Гуфт: – Нек аст, аммо метарсам, ки зикр мунҷар[7] бо суҷуд шавад.

## Ҳикоят

Воизе бар сари минбар мегуфт:

– Ҳар гоҳ бандае маст мирад, маст дафн шавад ва маст сар аз гӯр бароварад.

Хуросоние дар пойи минбар буд, гуфт:

---

[1] Адъия – дуоҳо.
[2] Мудовот – табобат, муолиҷа.
[3] Анзарут – шireши талх, ки дар табобати чашм ба кор баранд.
[4] Мусомиҳа – ҳамфикрӣ кардан, розӣ шудан.
[5] Мараммат – таъмир.
[6] Посух – ҷавоб.
[7] Мунҷар – анҷомёфта.

– Ба Худо, он шаробест, ки як шишаи он ба сад динор меарзад.

### Ҳикоят

Шайх Шарафиддини Даргузинӣ ва Мавлоно Азудуддин дар хонаи бузурге буданд. Чун суфра биёварданд, авом биҷӯшиданд, ки «табарруки шайх мехоҳем». Яке Мавлоно Азудуддинро намешинохт, гуфт:

– Хоҷа, пораи нимхӯрдаи шайх ба ман деҳ!

Мавлоно гуфт:

– Нимхӯрдаи шайх аз дигаре биталаб, ки ман тамомхӯрдаи шайх дорам.

### Ҳикоят

Қазвиние дар ҳолати назъ афтод. Васият кард, ки дар шаҳр карбоспораҳои куҳнаи пӯсида биталабанду кафани ӯ созанд. Гуфтанд:

– Ғараз аз ин чист?

Гуфт:

– То чун Мункар ва Накир биёянд, пиндоранд, ки ман мурдаи куҳнаам, заҳмати ман надиҳанд.

### Ҳикоят

Аз баҳри рӯзи ид Султон Маҳмуд хилъати ҳар касе таъин мекард. Чун ба Талҳак расид, фармуд, ки «Полоне биёред ва бад-ӯ диҳед».

Чунон карданд. Чун мардум хилъат пӯшиданд, Талҳак он полон дар дӯш гирифт ва ба маҷлиси Султон омад, гуфт: «Эй бузургон, инояти Султон дар ҳаққи мани банда аз ин ҷо маълум кунед, ки шумо ҳамаро хилъат аз хазона фармуд додан ва ҷомаи хос аз тани худ барканду дар ман пӯшонид».

## Ҳикоят

Хатибе бар сари минбар ба ҷойи шамшер чӯбдасте бар даст дошт.

Пурсиданд, ки:

– Чаро шамшер барнагирифтӣ?

Гуфт:

– Маро бо ин ҷамоат чӣ ҳоҷат ба шамшер аст? Агар хатое бикунанд, бо ин чӯбдаст мағзашон барорам.

## Ҳикоят

Шахсе мост хӯрда буд, қадре ба ришаш чакида. Яке аз ӯ пурсид, ки:

– Чӣ хӯрдаӣ?

Гуфт:

– Кабӯтарбача.

– Рост мегӯӣ, ки зайлаш[1] бар дари бурҷ пайдост.

## Ҳикоят

Ҷуҳо дар қаҳтсоле гурусна ба деҳе расид. Шунид, ки раиси деҳ ранҷур аст. Он ҷо рафт, гуфт: «Ман марди табибам».

Ӯро пеши раис бурданд. Иттифоқан, дар хонаи эшон нон мепухтанд.

Гуфт: – Илоҷи ӯ он аст, ки як ман равған ва як ман асал биёред.

Биёварданд. Дар коса кард ва ноне чанд гарм дар он ҷо шикаст. Як луқма мебардошт ва гирди сари бемор мегардониду бар даҳони худ мениҳод, то тамом бихӯрд.

Гуфт: – Имрӯз ин қадар муолиҷат тамом бошад то фардо.

Чун аз хона берун омад, раис дарҳол бимурд.

Ӯро гуфтанд:

– Ин чӣ муолиҷа буд, ки кардӣ?

---

[1]Зайл – пора-пора кардан, дур афкандан, маҷозан ба маънои пасафкандаи паранда.

Гуфт:

– Ҳеч магӯед. Агар ман намехӯрдам, пеш аз ӯ аз гуруснагӣ мемурдам.

## Ҳикоят

Хоҷа шайхеро ба меҳмонӣ бурд ва бар сари ниҳолӣ шинонд[1]. Диноре чанд дар зери ниҳолӣ буд, шайх даст карду бидуздид. Хоҷа зар талаб мекард, наёфт. Шайх гуфт:

– Аз ҳозирон ба ҳар кас, ки гумон мебарӣ, бигӯ, то аз ӯ талаб дорем.

Хоҷа гуфт:

– Эй шайх, ман ба ҳозирон гумон мебарам ва ба ту яқин.

## Ҳикоят

Ҳакиме гуфта, ки ҳушёр дар миёни мастон монанди зинда дар дар миёни мурдагон аст. Аз нуқулашон[2] мехӯраду ба уқулашон[3] механдад.

## Ҳикоят

Ҳорун ба Баҳлул гуфт:

– Дӯсттарини мардумон дар назди ту кист?

Гуфт:

– Он ки шикамамро сер созад.

Гуфт:

– Ман сер месозам, пас, маро дӯст хоҳӣ дошт ё на?

Гуфт:

– Дӯстӣ нася намешавад.

## Латифа

Аз фазоили пуштигарданӣ ин ки ҳусни хулқ меоварад, хумор аз сар бадар мекунад, бадромонро ром месозад ва ту-

[1] Ниҳолӣ – болишт, лӯла.
[2] Нуқул – нуқлҳо, чизҳои сари дастархон.
[3] Уқул – ақлҳо.

рушрӯёнро мунбасит[1] месозад ва дигаронро механдонад, хоб аз чашм мерабояд ва рагҳои гарданро устувор месозад.

## Ҳикоят

Абомашиди Шерозӣ гӯсфанде бирён кард. Магар лоғар буд, касе намехарид. Нахост гандид. Чора он донист, ки ба дари хонаи ғассол рафт, гуфт:

– Метарсам, ки ногоҳ аҷал бирасад ва кас ғами ман нахӯрад. Бирёне дар дукон дорам, бистон ва чун маро фариза бирасад, ғусл деҳ.

Ғассол шод шуд ва ҳолӣ бирён ғанимате донист, бистад ва бо аёл бихӯрданд. Баъд аз ҳафтае Бомашид ғассолро бигрифт, ки ман ба Дамишқ меравам, бо ман биё. Гуфт:

– Ин чӣ маъно дорад?

Гуфт:

– Туро аз баҳри он ба иҷора гирифтаам, ки то маро ба дигаре эҳтиёҷ наяфтад.

Мискин баъд аз заҳмати бисёре баҳои бирён бидод ва аз дасти ӯ халос шуд.

## Ҳикоят

Абӯбакри Рабобӣ Хармағзии Чангиро ба хона бурд. Зимистон сахт буд. Шаб бихуфтанд. Хармағзиро аз сармо хоб намегирифт. Гуфт:

– Хоҷа Абӯбакр, чизе бар ман андоз!

Бӯрёпорае дар хона доштанд, бар ӯ пӯшонид. Замоне дигар бигузашт. Гуфт:

– Чизе бар ман андоз!

Нардбоне дар хона буд, он низ бар болои ӯ ниҳод. Замоне дигар гуфт:

– Чизе бар ман пӯшон!

Магар ҳамсоягон дар хонаи ӯ рахт шуста буданд, таште пуроб он ҷо ниҳода буд. Абӯбакр он низ бар болои нардбон

---

[1] Мунбасит – инбисотёбанда, ёзанда, хушҳол.

гузошт. Хармағзӣ бичунбид, порае об аз сари ташт бичасту ба сӯроххои бӯрё фурӯ рафт ва бад-ӯ расиду бонг зад, ки:

– Хоча Абӯбакр, лутф кун. Лихофи[1] болой аз ман бардор, ки хазор дона арақ кардам!

## Ҳикоят

Воизе бар минбар сухан мегуфт. Шахсе аз мачлисиён сахт гиря мекард. Воиз гуфт: – Эй мачлисиён, сидқ аз ин мард биёмӯзед, ки ин хама гиря басӯз мекунад.

Мард бархост, гуфт:

– Мавлоно, ман намедонам, ки ту чӣ мегӯӣ. Аммо ман бузаке сурх доштам, ришаш ба риши ту мемонд. Дар ин ду рӯз сақат[2] шуд. Хар гох ту риш мечунбонӣ, маро аз он бузак ёд меояд ва гиря бар ман ғолиб мешавад.

## Ҳикоят

Воизе бар минбар мегуфт, ки: – Хар кӣ номи Одаму Хавво навишта дар хона овезад, шайтон бад-он хона дар наёбад.

Талхак аз пойи минбар бархосту гуфт: ¯Мавлоно, шайтон дар бихишт дар чавори Худо ба назди эшон рафту бифирефт. Чӣ гуна мешавад, ки дар хонаи мо аз исми эшон бипархезад?!

## Ҳикоят

Шайтонро пурсиданд, ки:

– Кадом тоифаро дӯст медорӣ?

Гуфт:

– Даллолонро.

Гуфтанд:

– Чаро?

Гуфт:

---

[1] Лихоф –парда, чодар, рӯпӯш, болопӯш; кӯрпаи болопӯш.
[2] Сақат – мурдан.

– Аз баҳри он чи ман ба сухани дурӯғи эшон хурсанд будам, эшон савганди дурӯғ низ бад-он афзуданд.

### Ҳикоят

Яке аз Талҳак пурсид, ки кулангро чӣ гуна кабоб кунанд?

Гуфт:

– Аввал ту бигир!

### Ҳикоят

Яке аспе аз дӯсте ба орият хост.

Гуфт:

– Асп дорам, аммо сиёҳ аст.

Гуфт:

– Магар аспи сиёҳро савор нашояд шуд?

Гуфт:

– Чун нахоҳам дод, ҳамин қадар баҳона бас аст.

### Ҳикоят

Ҷанозаеро бар роҳе мебурданд. Дарвеше бо писар бар сари роҳ истода буданд. Писар аз падар пурсид, ки:

– Бобо, дар ин ҷо чист?

Гуфт:

– Одамӣ.

Гуфт:

– Куҷош мебаранд?

Гуфт:

– Ба ҷое, ки на хӯрданӣ бошаду на пӯшиданӣ, на нону на об, на ҳезуму на оташ, на зар, на сим, на бӯрё, на гилем.

Гуфт:

– Бобо, магар ба хонаи мо мебарандаш?

### Ҳикоят

Иброҳим ном девонае дар Бағдод буд. Рӯзе вазири халифа ӯро ба даъват бурда буд. Иброҳим худро дар он хона андохт.

Хилоф аз қурси ҷаве ба дасти Иброҳим наяфтод, бихӯрд. Замоне бигузашт, гуфтанд: Ёқуте семисқолин гум шудааст.

Мардумро бараҳна карданд, наёфтанд. Иброҳим ва ҷамъе дигарро дар хона карданд. Гуфтанд: Шумо ба ҳалқ фурӯ бурда бошед. Се рӯз дар ин хона мебояд буд, то аз шумо ҷудо шавад. Рӯзи сеюм халифа аз зери он хона мегузашт. Иброҳим бонг зад, ки «Эй халифа, ман дар ин хона қурси ҷаве хӯрдам, се рӯз аст маҳбусам кардаанд, ки ёқуте семисқолин бурдӣ. Ту, ки он ҳама неъматҳои алвон хурдӣ ва ба зиён бурдӣ, бо ту чиҳо кунанд?!».

## Ҳикоят

Наҳвие дар киштӣ буд. Маллоҳро гуфт: – Ту илми наҳв хондаӣ?

Гуфт: – На

Гуфт: – Заяъат нисфа умрака[1].

Рӯзи дигар тандбоде баромад. Киштӣ ғарқ хост шуд. Маллоҳ ӯро гуфт: – Ту илми шино омӯхтаӣ?

Гуфт: – На.

Гуфт: – Лақад заяъат тамома умрака.[2]

## Ҳикоят

Аъробиеро пеши халифа бурданд. Ӯро дид бар тахт нишаста ва дигарон дар зер истода. Гуфт: – Ассалому алайк, ё Аллоҳ!

Халифа гуфт: – Ман Аллоҳ нестам.

Гуфт: – Ё Ҷабраил!

Гуфт: – Ман Ҷабраил нестам.

Гуфт: – Аллоҳ нестӣ, Ҷабраил нестӣ, пас, чаро бар он боло танҳо нишастаӣ? Ту низ дар зер ой ва дар миёни мурдумон биншин!

---

[1] Нисфи умрат зоеъ рафтааст.
[2] (ар.) Тамоми умрат зоеъ гардидааст.

## Ҳикоят

Шахсе аз Мавлоно Азудуддин пурсид, ки:

– Яхи Султония сардтар аст, ё яхи Абҳар?

Гуфт:

– Суоли ту аз ҳар ду сардтар аст.

## Ҳикоят

Қазвиние пеши табиб рафту гуфт:

– Мӯйи ришам дард мекунад.

Пурсид, ки:

– Чӣ хӯрдаӣ?

Гуфт:

– Нону ях.

Гуфт:

– Бирав бимир, ки на дардат ба дарди одамӣ мемонаду на хӯрокат!

## Ҳикоят

Хоҷа Шамсиддини соҳибдевон паҳлавон Авазро ба Луристон мефиристод. Гуфт: Чанд саги тозӣ бо худ биёр!

Паҳлавон бирафт ва сагро фаромӯш кард. Чун боз ба Табриз омад, саг ба ёдаш омад. Бигуфт, то саге чанд дар бозор бигрифтанд. Ба худ пеши хоҷа бурд. Хоҷа гуфт: – Ман саги тозӣ хостам.

Гуфт:

– Саги тозӣ чӣ гуна бошад?

Гуфт:

– Саги тозиро гӯш дароз бошаду дум борику шикам лоғар.

Гуфт:

– Ман думу гӯш намедонам. Агар панҷ рӯз ин сагон дар хонаи хоҷа бошанд, аз гуруснагӣ чунон лоғар шаванд, ки аз ҳалқаи ангуштарӣ бичаҳанд.

## Ҳикоят

Соҳибдевон паҳлавон Авазро гуфт:

– Якеро, ки ақле дошта бошад, ба ҷое фиристодан мехоҳам.

Гуфт:

– Эй хоҷа, ҳар киро ақл буд, аз ин хона берун рафт.

## Ҳикоят

Ранҷуреро сиркаи ҳафтсола фармуданд. Аз дӯсте бихост.

Гуфт: – Ман дорам, аммо намедиҳам.

Гуфт: – Чаро?

Гуфт: – Агар ман сирка ба кас додаме, соли аввал тамом шудӣ ва ба ҳафтсолагӣ нарасидӣ.

## Ҳикоят

Мавлоно Рукниддин ба аёдати маризе рафт. Пурсид, ки:

– Чӣ заҳмат дорӣ?

Гуфт:

– Гармову сафро[1] бар мизоҷам муставлӣ[2] шудааст.

Гуфт:

– Сафро шояд. Аммо ман бовар накунам, ки ҳаргиз гармо бар мизоҷи ту ғолиб тавонад шуд.

## Ҳикоят

Дар он таърих, ки Абӯалӣ Сино аз Ҳамадон бигрехт ва мутаваҷҷеҳи Бағдод шуд, чун ба Бағдод расид, бар канори Шатт мардаке ҳангомае гирифта буду адвия мефурӯхт ва даъвои табибӣ мекард. Ӯ замоне он ҷо ба тафарруҷ[3] истод. Зане қоруараи беморе бозовард. Ӯ дар он ҷо нигоҳ карду гуфт:

---

[1] Сафро – талхаи зардранги меъда, ки мизоҷаш гарм аст.
[2] Муставлӣ – ғолиб.
[3] Тафарруҷ – гаштугузор, вақтгузаронӣ.

– Ин бемор ҷуҳудест?

Боз нигоҳ кард, гуфт:

– Ту хидматгори ин бемори̅?

Гуфт: – Оре.

Боз нигоҳ кард, гуфт:

– Хонаи ин бемор аз тарафи машриқ аст?

Гуфт: – Оре.

Гуфт: – Дирӯз мост хӯрдааст?

Гуфт: – Оре.

Мардум аз илми ӯ тааҷҷуб бинмуданд ва Абӯали̅ ҳайрат овард. Чандон таваққуф кард, ки ӯ аз кор фориғ шуд. Пеш рафт, гуфт:

– Инҳоро аз куҷо маълум карди̅?

Гуфт:

– Аз он ҷо, ки туро шинохтам, ки ту Абӯалии̅.

Гуфт:

– Ин мушкилтар!

Чун илҳоҳ[1] кард, гуфт:

– Он зан чун он қорура ба ман намуд, ғубор бар остинаш дидам, донистам хидматгори касе бошад ва чун яҳуд хидмати мусалмон накунад, донистам, ки ходимаи ин кас бошад ва пораи мост бар ҷомаи ӯ чакида дидам, донистам, ки дар он хона мост хӯрдаанд ва қадре ба бемор дода бошанд ва хонаҳои яҳудон аз тарафи машриқ аст, донистам, ки хонаи ӯ низ он ҷо бошад.

Гуфт:

– Инҳо мусаллам. Маро чун шинохти̅?

Гуфт:

– Имрӯз хабар расид, ки Абӯали̅ аз Алоуддавла гурехтааст. Донистам, ки ин ҷо ояд ва донистам, ки хилоф аз ту касеро зеҳн бад-ин бози̅ нарасад, ки ман кардам.

---

[1] Илҳоҳ – исрор, пофишори̅ кардан.

## Ҳикоят

Рустоие модагове дошт ва модахаре бо курра. Хар бимурд. Шири гов ба курраи хар медоданд ва эшонро шири дигар набуд ва рустоӣ малул шуд, гуфт: Худоё, ту харкурраро марге бидеҳ, то аёлони ман шири гов бихӯранд.

Рӯзи дигар дар пойгоҳ рафт. Говро дид мурда. Мардакро дуд аз сар бадар рафт. Гуфт: Худоё, ман харро гуфтам, ту гов аз хар бознамешиносӣ?!

## Ҳикоят

Қаландаре набз ба табиб дод. Пурсид, ки:

– Маро чӣ ранҷест?

Гуфт:

– Туро ранҷи гуруснагист.

Ва ӯро ба ҳариса меҳмон кард. Қаландар чун сер шуд, гуфт:

– Дар лангари[1] мо даҳ ёри дигар ҳамин ранҷ доранд.

## Ҳикоят

Мавлоно Шамсуддин бо яке аз машоихи Хуросон кудурате дошт. Шайх ногоҳ бимурд. Наҷҷоре сандуқи гӯре сахт ба такаллуф аз баҳри ӯ тарошид. Мардум таҳсини наҷҷор мекарданд. Мавлоно гуфт: Сахт хуб тарошидааст, аммо саҳве азим кардааст, ки дудоҳангаш нагузоштааст.

## Ҳикоят

Дарвеше ба дари деҳе расид. Ҷамъе кадхудоёнро дид он ҷо нишаста. Гуфт:

[1]Лангар – бошишгоҳи дарвешон.

– Маро чизе бидиҳед, вагарна ба Худо, бо ин деҳ ҳамон бикунам, ки бо он деҳи дигар кардам. Эшон битарсиданд. Гуфтанд:

– Мабодо, ки соҳире[1] ё валие бошад, ки аз ӯ харобӣ ба деҳи мо расад.

Он чи хост, бидоданд. Баъд аз он пурсиданд, ки:

– Ту бо он деҳ чӣ кардӣ?

Гуфт:

– Он ҷо суоле кардам, чизе надоданд, ба ин ҷо омадам. Агар шумо чизе намедодед, ин деҳро низ раҳо мекардам ва ба деҳе дигар мерафтам.

---

[1] Соҳир – сеҳркунанда , ҷодугар.

# РИСОЛАИ АХЛОҚ-УЛ-АШРОФ

Шукри номаҳсур[1] ва ҳамди номаҳдуд ҳазрати воҷиб-ул-вуҷудро[2], ки зевари ақлро пирояи вуҷуди инсон сохт, то ба василати он дар касби ахлоқи ҳамида[3] ва авсофи ҷамила[4] ғояти ҷаҳд базл гардонид…

Бар раъйи аҳли камол, ки рӯйи сухан дар эшон аст, пӯшида намонад, ки бар бадани ҳар фарде аз афроди инсон ҷавҳаре шариф, ки онро рӯҳ хонанд, аз олами амр[5] муваккал[6] аст ва бар вай қаҳрамон[7]. Ҳақиқати одамӣ аз он ҷавҳар аст ва ӯ пайваста ба зоти худ қоим аст ва аз фано маҳрус[8] ва муавван[9] ва мустаидди тараққӣ ва камол ва чунончи бадан аз шаҳавот ва лаззот маҳсус[10] ва маҳзуз[11] мегардад ва рӯй дар олами суфлӣ[12] дорад, рӯҳ низ аз маърифати ҳазрати иззат… баҳраманд мегардад ва рӯй дар олами қудс дорад… ва чунонки бадан ба воситаи амрози[13] музмина[14] аз хосияти худ фурӯ мемонад, рӯҳ низ кайфияте ва моҳияте дорад, ки ба маразе аз амроз, ки бад-ӯ махсус аст, аз ҳубби[15] ҷоҳу мол ва иктисоби[16] шаҳавот ва илтифот ба лаззоти олами суфло мубтало мегардад, аз хосият фурӯ мемонад… Ҳамоно шоир дар ин маънӣ гуфта бошад:

---

[1] Номаҳсур – беҳисор, беҳад.
[2] Воҷиб-ул-вуҷуд – Худо.
[3] Ҳамида – ҳамдкардашуда, хуб, нағз.
[4] Ҷамила – зебо.
[5] Олами амр – олами рӯҳ – Худо.
[6] Мувакқал – вакилкардашуда.
[7] Қаҳрамон – ин ҷо ба маънои ҳукмрон.
[8] Маҳрус – маҳфуз, дарамонмонда.
[9] Муавван – авнкардашуда, ёридодашуда.
[10] Маҳсус – ҳискардашуда.
[11] Маҳзуз – баҳраманд, лаззатманд.
[12] Суфлӣ – паст.
[13] Амроз – ҷ. мараз; касалиҳо.
[14] Музмина – касалиҳои давомдор.
[15] Ҳубб – дӯст доштан
[16] Иктисоб – ҳосил кардани чизе бо касб ё бо саъйи худ.

Туро аз ду гетӣ баровардаанд,
Ба чандин миёнҷӣ бипарвардаанд.
Нахустини фикрат, пасини шумор
Туӣ, хештанро ба бозӣ мадор!

Ва чунончи атиббо[1] ҳиммат бар изолати[2] амрози бадан ва ҳифзи сиҳҳати он масруф гардонидаанд, анбиё низ назари ҳиммат бар дафъи офот[3] ва амрози рӯҳ гумоштаанд, то ӯро аз вартоти[4] муҳлика[5] ва гирдоби ҷаҳл ва нуқсон ба соҳили наҷоту камол расонанд. Марди хирадманд чун ба назари дақиқ тааммул намояд, бар вай равшан шавад, ки аз ирсоли[6] муқаллидони рисолати таҳзиби[7] ахлоқ ва татҳири[8] сияри[9] бандагон аст ва ин маънӣ бар лафзи шоир бад-ин сиёқ торӣ[10].

Гар набӣ ояду ар на, ту накӯсират бош,
Ки ба дӯзах наравад мардуми покизасияр.

Худи ҳазрати рисолат[11] ниқоб аз чеҳраи арӯси ин маънӣ барандохта ва ҷамоли ин талвеҳ[12]-ро бар сарири[13] ин ташреҳ ҷилва дод… ва қавонини ин қисмро, ки илми ахлоқ ва ҳикмати амалӣ хонанд, уламои салаф[14] дар мутаввалот[15], ки фаҳми қасири[16] ин фақир аз идроки шаммае аз он қосир аст, истик-

---

[1] Атиббо – табибҳо.
[2] Изолат – дур ва нест кардан.
[3] Офот – офатҳо.
[4] Вартот – вартаҳо – ҷойҳои хавфнок дар дарё, гирдоб
[5] Муҳлика – ҳалокатовар.
[6] Ирсол – рисолат кардан – фиристодан.
[7] Таҳзиб – пок кардан, тарбия кардан.
[8] Татҳир – таҳорат додан , пок гардонидан.
[9] Сияр – сиратҳо, ахлоқу кирдорҳо.
[10] Торӣ – рӯйдиҳанда,воқеъшаванда.
[11] Ҳазрати рисолат – Муҳаммад-пайғамбар.
[12] Талвеҳ – ишора, равшан кардан ва зоҳир сохтан.
[13] Сарир – тахт, ҷой.
[14] Салаф – гузаштагон.
[15] Мутаввалот – тӯл кашиданҳо.
[16] Қасир – кӯтоҳӣ – ноқис.

моли[1] халфро ба ваҷҳи аҳсан[2] ва тариқи айман[3] дар қайди китобат кашидаанд ва аз вақту замони мубораки Одами сафӣ[4] то бад-ин рӯзгор ашрофи бани Одам ба машаққати бисёр ва риёзат ба камоли фазоили арбаа[5], ки он ҳикмату шуҷоат ва иффату адолат аст, (бо) саъйи балеғ[6] ба тақдим расонидаанд ва онро сабаби саодати дунё ва наҷоти уқбо[7] шумурдаву гуфтаанд:

Ба ҳар маҳзаб, ки бошӣ, бош некӯкору бахшанда,
Ки куфру некхӯӣ беҳ зи ислому бадахлоқӣ.

Акнун, ки дар ин рӯзгор, ки зубдаи[8] духур ва хулосаи қурун аст, чун мизоҷи акобир «латиф» шуда ва бузургони «соҳибзеҳни баландраъй» пайдо гаштанд, фикри «софӣ» ва андешаи «шофӣ»[9] бар куллиёти умури маош[10] ва маод[11] гузоштанд ва сунану авзои собиқ дар чашми тамизи эшон хору бемоя намуд ва низ чун ба воситаи курури[12] замон ва мурури овон аксари он қавоид индирос[13] пазируфтааст, эҳёи он авзоъ бар хотири хатир[14] ва замири мунири ин ҷамоат гарон омад. Лоҷарам[15] «мардвор» пойи ҳиммат бар сари он ахлоқу авзоъ ниҳодан ва аз баҳри маош ва маоди худ ин тариқ, ки акнун дар миёни бузургон ва аъён мутадовил,[16] чунончи ин мухта-

[1] Истикмол – бакамолрасӣ, бавоярасиро талаб кардан.
[2] Ваҷҳи аҳсан – хубтарин сурате ва равише.
[3] Айман – мутмаин .
[4] Сафӣ – пок, тару тоза.
[5] Арбаа – чоргона.
[6] Балеғ – комил.
[7] Уқбо – «дунёи охират».
[8] Зубда – хулосаи ҳар чиз, сара.
[9] Шофӣ – равшан ва қатъӣ.
[10] Маош – зиндагӣ.
[11] Маод– ҷойи авдат – ҷойи бозгашт. Маҷозан олами охират.
[12] Курур – гузашти замон.
[13] Индирос – куҳна шудан, куҳнагӣ.
[14] Хатир – бузург ва азим.
[15] Лоҷарам – ноилоҷ.
[16] Мутадовил – дастбадаст гирифташуда, ҷорӣ.

сар бар шарҳи шаммае аз он мақсур аст[1], пеш гирифтанд ва бунёди корҳои динӣ ва дунявӣ бар он мабно[2] мустаҳкам гардониданд. Дари маонӣ боз аст ва силсилаи сухан дароз. Дар ғараз[3] шурӯъ кунем:

Муддате шуд, ки ин заиф (Убайди Зоконӣ)-ро дар хотир ихтилоҷе[4] мебуд, ки мухтасаре мабнӣ бар баъзи ахлоқи қудамо, ки онро халқ акнун «мансух» мехонанд ва шаммае аз авзоъ ва ахлоқи акобири ин рӯзгор, ки инро «мухтор» медонанд, ба тақрир расонад, то муҷиби фоидаи толибони ин илм ва мубтадиёни[5] ин роҳ бошад, ки ба «Ахлоқ-ул-ашроф» мавсум аст, дар қалам овард ва онро бар ҳафт боб қарор дод. Ҳар боб муштамил бар ду мазҳаб: яке маҳзаби мансух[6], ки қудамо бар он наҳҷ[7] зиндагӣ кардаанд ва яке мазҳаби мухтор[8], ки акнун бузургони мо ихтироъ кардаанд ва бинои умури маош ва маод бар он ниҳодаанд, ки ҳадди ин мухтасар ба ҳазл мунтаҳӣ[9] мешавад, аммо:

Он кас, ки зи шаҳри ошноист,
Донад, ки матои мо куҷоист[10].

Маъмули[11] ин заиф дар саъйи ин мухтасар он ки:

Магар соҳибдиле рӯзе ба ҷое
Кунад дар кори ин мискин дуое.

---

[1] Мақсур – кӯтоҳиёфта, айбдор.
[2] Мабно – бинокардашуда, бунёдёфта.
[3] Ғараз – ин ҷо ба маънои мақсад.
[4] Ихтилоҷ – паридани узв, ҷастани андом. Ин ҷо ба маънои тағйирот ва дигаргунӣ.
[5] Мубтадӣ – ибтидокунанда, навомӯз.
[6] Мансух – насхкардашуда, бекоркардашуда.
[7] Наҳҷ – тариқ.
[8] Мухтор – соҳибихтиёр, озод.
[9] Мунтаҳӣ – интиҳоёфта.
[10] Байт аз Низомӣ аст.
[11] Маъмул – умед, орзу.

*Боби аввал*

# ДАР ҲИКМАТ

## Мазҳаби мансух

Ҳукамо дар ҳадди[1] ҳикмат фармудаанд, ки … дар нафси нотиқа ду қувва маркуз[2] аст ва камоли ӯ ба такмили он манут[3]: Яке қувваи назарӣ ва яке қувваи амалӣ. Қувваи назарӣ он аст, ки шавқи ӯ ба сӯйи идроки маориф ва найли[4] улум бошад, то бар муқтазои[5] он шавқ касби иститоати[6] маърифати ашё, чунончи ҳаққи ӯст, ҳосил кунад. Баъд аз он ба маърифати матлуби ҳақиқӣ ва ғарази куллӣ, ки интиҳои ҷумлаи мавҷудот аст, мушарраф мешавад, то ба далолати он маърифат ба тавҳид, бал ба мақоми иттиҳод расад ва дили ӯ сокин ва мутмаин[7] гардад … ва ғубори шубҳат ва занги шак аз чеҳраи замир ва оинаи хотири ӯ сутурда[8] гардад. Чунончи шоир гуфтааст:

Ба ҳар куҷо, ки даромад яқин, гумон бархост.

Ва қувваи амалӣ он бошад, ки қуво ва афъоли худро мураттаб ва манзум гардонад. Чунон ки бо якдигар мутобиқ ва мувофиқ шаванд, то ба воситаи он мусовот[9] ахлоқи ӯ марзӣ[10] гардад. Ҳар гоҳ ин илму амал бад-ин дараҷа дар шахс ҷамъ ояд, ӯро инсони комил ва халифаи[11] Худо тавон гуфт ва мар-

---

[1]Ҳад – таъриф.
[2] Маркуз – марказонидашуда, ҷойгирондашуда.
[3] Манут – вобаста.
[4] Найл – муваффақ шудан, расидан ва дарёфтан.
[5] Муқтазо – тақозокардашуда.
[6] Иститоат – қувват ва дастрасӣ.
[7] Мутмаин – оромида, ором, хотирҷамъ.
[8] Сутурдан – равондани доғе.
[9] Мусовот – баробарӣ.
[10] Марзӣ – писандида, маъқул.
[11] Халифа – ҷонишин.

табаи ӯ аълотарини маротиби инсон бошад. Ва ин кори давлат аст кунун, то киро расад.

То ин ҷо мазҳаби қудамо ва ҳукамост.

## Мазҳаби мухтор

Чун бузургон ва «зиракони хурдадон», ки акнун рӯйи замин ба зоти «шариф»-и эшон мушарраф аст, дар такмили рӯҳи инсонӣ ва марҷаъу[1] маоди он тааммул намуданд ва сунану орои[2] акобири собиқ пеши чашм бидоштанд, хидматашонро[3] бад-ин муътақидот инкоре тамом ҳосил омад. Мефармоянд, ки бар мо кашф шуд, ки рӯҳи нотиқа эътиборе надорад ва бақои он ба бақои бадан мутааллиқ аст ва фанои он ба фанои ҷисм мавқуф ва мефармоянд, ки он чи анбиё фармудаанд, ки ӯро камол ва нуқсоне ҳаст ва баъди фироқи бадан ба зоти худ қоим ва боқӣ хоҳад буд, муҳол аст ва ҳашр[4] ва нашр[5] – амре ботил[6]. Ҳаёт иборат аз эътидоли[7] таркиби бадан бошад. Чун бадан муталошӣ[8] шуд, он шахс абадан ночиз ва ботил гашт. Он чи иборат аз лаззоти биҳишт ва иқоби[9] дӯзах аст, ҳам дар ин ҷаҳон метавон буд, чунон ки шоир гуфта:

Онро, ки додаанд, ҳамин ҷо-ш додаанд
В-онро, ки нест, ваъда ба фардо-ш додаанд.

Лоҷарам, аз ҳашру нашр ва иқобу азоб ва қурбу буъд ва ризову сахат[10] ва камолу нуқсон фароғате тамом доранд ва

---

[1] Марҷаъ – ҷойи руҷӯъ кардан, ҷойи рафтан, илтиҷогоҳ, паноҳгоҳ.
[2] Ороъ – ҷамъи раъй.
[3] Хидмат – ин ҷо ба маънои талаб ва хоҳиш.
[4] Ҳашр – рӯзи қиёмат.
[5] Нашр – рӯзи қиёмат.
[6] Ботил – бекоркардашуда.
[7] Эътидол – миёна.
[8] Муталошӣ – хароб ва нобуд.
[9] Иқоб – ҷ. укубат, азоб.
[10] Сахат – хашм ва ғазаб.

натиҷаи ин муътақад[1] он, ки ҳамарӯза умр дар касби шаҳавот ва найли лаззот масруф фармуда мегӯянд.

Эй, он ки натиҷаи чаҳору[2] ҳафтӣ[3]
В-аз ҳафту чаҳор доим андар тафтӣ!
Май хур, ки ҳазор бор бешат гуфтам,
Боз омаданат нест, чу рафтӣ, рафтӣ[4].

Ва аксар ин рубоӣ дар сандуқаи гӯри падарон менависанд.

З-ин сақф бурун равоқу даҳлезе нест,
Ҷуз бо ману ту ақлеву тамйизе нест.
Ночиз, ки ваҳм карда, к-он чизе ҳаст,
Хуш бигзар аз ин хаёл, к-он чизе нест.

Ва сабаби ин ақида аст, ки қасди хуну молу арзи халқ пеши эшон бемоя менамояд:

Бар ӯ як ҷуръа май ҳамранги озар[5]
Гиромитар зи сад хуни бародар.

Алҳақ, зиҳӣ бузургони соҳибтавфиқ, ки он чи чандин ҳазор сол бо вуҷуди тасфияи[6] ақлу рӯҳ маҳҷуб[7] монд, бе заҳмате бар эшон кашф шуд.

---

[1] Муътақад – эътиқод, бовар.
[2] Ишора ба чор унсур: об, оташ, хок, бод.
[3] Ишора ба ҳафт сайёраи осмон.
[4]Ин рубоӣ мансуб ба Хайём аст.
[5] Озар – оташ.
[6] Тасфия – соф кардан.
[7] Маҳҷуб – дарҳиҷобмонда, каси пасипарда; пӯшида.

### *Боби дувум*

# ДАР ШУҶОАТ

## Мазҳаби мансух

Ҳукамо фармуданд, ки нафси инсониро се қувваи мутабоин[1] аст, ки масдари афъоли мухталиф мешавад: Яке, қувваи нотиқа, ки мабдаи[2] фикр ва тамйиз аст. Дувум, қувваи ғазабонӣ ва он иқдом бар аҳвол ва шавқи тараффӯъ[3] ва тасаллут[4] бувад. Севум, қувваи шаҳвонӣ, ки онро баҳимӣ[5] гӯянд ва он мабдаи талаби ғизо ва шавқ ба маокилу[6] машорибу[7] манокаҳ[8] бувад. Ҳар гоҳ инсонеро нафси нотиқа ба эътидол бувад дар зоти худ ва шавқ ба иктисоби маорифи яқине, илми ҳикмат ӯро ба табаъият[9] ҳосил ояд ва ҳар гоҳ, ки нафси сабуӣ[10], яъне ғазабӣ ба эътилод бувад ва инқиёди[11] нафси оқила намояд, нафсро аз он фазилат шуҷоат ҳосил ояд ва ҳар гоҳ, ки ҳаракати нафси баҳимӣ ба эътидол бувад ва нафси оқиларо мутобиат намояд, фазилати иффат ӯро ҳосил ояд. Чун ин се фазилат ҳосил ояд ва бо ҳам мумозиҷ гарданд, аз ҳар се ҳолате мушобеҳ ҳосил гардад, ки камоли фазоил бад-он бувад ва он фазилатро адолат гӯянд ва ҳукамо шуҷоъ касеро гуфтаанд, ки дар ӯ наҷдат[12] ва ҳиммати баланд ва сукуни нафс ва субот таҳаммулу шаҳомат ва тавозӯъу ҳамияту риққат[13] бошад. Он касро, ки бад-ин хасилат мавсуф буд, сано гуфтаанд ва бад-ин восита дар миёни халқ сарафроз буда ва ин одатро қатъан

---

[1] Мутабоин – аз ҳам ҷудошаванда.
[2] Мабдаъ – ҷойи баромад.
[3] Тараффӯъ – боло рафтан, ғурур.
[4] Тасаллут – ба даст даровардан, соҳиб шудан.
[5] Баҳимӣ – ҳайвонӣ
[6] Маокил – хӯрданиҳо.
[7] Машориб –нӯшиданиҳо.
[8] Манокаҳ – ба никоҳ даромадан.
[9] Табаъият-тобеъ шудан, пайравӣ.
[10] Сабӯӣ – ваҳшигӣ.
[11] Инқиёд – фармонбардорӣ ва фурӯтанӣ.
[12] Наҷдат – шуҷоат ва далерӣ.
[13] Риққат – нармӣ.

ор надоштаанд, балки зикри муҳорибот ва муқотилоти[1] чунин кас дар силки[2] назм кашидаанд ва гуфтаанд:

Ки сармояи мард мардонагист,
Далерию родию[3] фарзонагист.

## Мазҳаби мухтор

Асҳобуно[4] мефармоянд, ки шахсе ки бар қазияи ҳавлнок иқдом намояд ва бо дигаре ба муҳораба ва муҷодала дарояд, аз ду ҳол холӣ набошад: Ё ба хасм ғолиб шавад ва бикушад ё ба акс. Агар хасмро бикушад, хуни ноҳақ бар гардан гирифта бошад ва табиати он лошак[5] оҷилан ва оҷилан бад-ӯ мулҳақ[6] гардад ва агар хасм ғолиб шавад, он касро роҳи дӯзах муқаррар аст. Чӣ гуна оқил, ҳаракате, ки аҳади тарафайни[7] он бадин навъ бошад, иқдом[8] намояд?

Кадом далел равшантар аз ин ки ҳар ҷо арӯсӣ[9] ё самоъе[10] ё ҷамъияте бошад, муштамил[11] бар лут[12] ва ҳезону чангиёну масхарагонро он ҷо талаб кунанд ва ҳар ҷо, ки тиру найза бояд хӯрд, аблаҳеро ёд диҳанд, ки «ту мардӣ ва паҳлавонӣ ва лашкаршиканию гурди диловарӣ» ва ӯро баробари теғҳо доранд, то (ки) чунон бадбахтро дар масоф[13] бикушанд. Ҳезакон ва муханнасони шаҳр шамотаткунон[14] кун ҷунбонанд ва гӯянд:

[1] Муқотилот – кушокушиҳо.
[2] Силк – ришта.
[3] Родӣ – саховат ва ҷавонмардӣ.
[4] Асҳобино – мусоҳибони мо, маҷозан ба маънои ҷанобон омадааст.
[5] Лошак – бе шакку шубҳа.
[6] Мулҳақ – вобаста, даррасанда.
[7] Аҳади тарафайн – яктои ду тараф.
[8] Иқдом – ба иҷрои коре қадам гузоштан.
[9] Ин ҷо мурод тӯйи арӯсист.
[10] Самоъ – суруд, хониш, мусиқинавозӣ.
[11] Муштамал – шомилшаванда, дарбаргиранда.
[12] Лут – хӯрокҳои бомаза.
[13] Масоф – саф кашидан – ин ҷо ба маънои ҷанг.
[14] Шамотат – шод шудан аз аҳволи бади касе.

Тиру табару найза намеёрам хӯрд,
Луту маю мутрибам накӯ месозад.

Ва чун паҳлавонеро дар маърака бикушанд, ҳезакон ва муханнасон аз дур назора кунанд ва бо ҳам гӯянд: Эй ҷони худовандгор – ҳез зӣ, дер зӣ. Марди соҳибҳазм бояд, ки рӯзи ҳайҷо[1] қавли «паҳлавонони» Хуросонро дастур созад, ки мефармоянд: – Мардон дар майдон ҷаҳанд, мо дар каҳдон.

Лоҷарам, акнун «гурдон ва паҳлавонон» ин байтро нақши нигин сохтаанд:

Гурези баҳангом фирӯзӣ аст,
Хунук[2] паҳлавоне, к-аш ин рӯзӣ аст…

Эй ёрон, маош ва суннати ин бузургон ғанимат донед! Мискин падарони мо, ки умре дар залолат[3] ба сар бурданд ва фаҳми ишон бад-ин маънӣ мунтақил[4] нагашт.

### *Боби савум*

## ДАР ИФФАТ[5]

### Мазҳаби мансух

Дар сияри акобири салаф мутолаа афтодааст, ки дар азминаи[6] мозия[7] иффатро яке аз хасоили[8] арбаа шумурдаанд ва дар ҳадди[9] он фармудаанд: иффат иборат аст аз покдоманӣ ва

[1] Ҳайҷо – корзор ва ҷанг.
[2] Хунук – хушо.
[3] Залолат – гумроҳӣ.
[4] Мунтақил – мутаваҷҷеҳ.
[5] Иффат – покдоманӣ ва парҳезгорӣ аз кори ношоиста.
[6] Азмина – замонҳо.
[7] Мозия – рӯзгорони гузашта
[8] Хасоил – хислатҳо.
[9] Дар ҳадди – дар бораи.

лафзи афиф,[1] бар он кас итлоқ[2] кардандӣ, ки чашм аз дидани номаҳрам ва гӯш аз шунидани ғайбат ва даст аз тасарруф[3] дар моли дигарон ва забон аз гуфтори фоҳиш[4] ва нафс аз ношоист боздоштӣ. Чунин касро азиз доштандӣ ва он ки шоир гуфта:

Бар ҳама халқ сарафроз бувад, ҳар кӣ чу сарв
Покдоман бувbooду ростраву кӯтаҳдаст[5] –

мисдоқи ин маънӣ аст. Гӯянд ҳакиме мазаммати касе аз писари худ бишнид, гуфт: Эй писараки ман, туро чӣ шудааст, айберо, ки дар пайкари дигарон намеписандӣ, бар забони худ меписандӣ?

Шахсе шикояти дигаре мекард ва уюби ӯ бо Амиралмуъминин Ҳасан ибни Алӣ мегуфт. Амиралмуъминин Алӣ бо писар гуфт: Эй писаракам, гӯши худро аз гуфтори ӯ пок нигаҳ дор , ки вай палидтар чизеро, ки дар зарфи вуҷуди худ дорад, дар паймонаи ҷони ту фурӯ ҳамерезад.

Мансури Ҳаллоҷро чун бар дор ҳамекарданд, гуфт: Дар кӯчакӣ бар шореъе[6] мегузаштам, овози зане аз бом шунидам, аз баҳри наззораи ӯ боло нигаристам. Акнун аз дор ба зер нигаристан каффорати[7] он боло нигаристан медонам.

## Мазҳаби мухтор

Асҳобуно мефармоянд, ки қудамо дар ин боб ғалате шанеъ[8] кардаанд ва умри гаронмоя ба залолат ва ҷаҳолат ба сар бурда. Ҳар кас, ки ин сират варзад, ӯро аз зиндагӣ ҳеч баҳра набошад. Дар «Насси танзил»[9] овардааст, ки …мақсуд

[1] Афиф – покдоман.
[2] Итлоқ – равон кардан, раво донистан, нисбат додан.
[3] Тасарруф – бо зӯр гирифтан.
[4] Фоҳиш – аз ҳад гузашта, қабеҳ, ошкор.
[5] Кӯтаҳдаст – покдоман, порсо, худдорикунанда.
[6]Шореъ – роҳи бузург, хиёбон.
[7]Каффорат – товони ҷаримаи гуноҳ.
[8] Шанеъ – бад ва зишт.
[9] Насси танзил – оятҳои қуръонӣ, ки маънояш равшан ва ошкор бошад.

аз ҳаёти дунё лаъбу[1] лаҳву[2] зинат ва тафохур ва ҷамъ кардани мол ва ғалабаи насл аст. Мефармоянд, ки лаъбу лаҳв бе фисқ ва олоти маноҳӣ[3] амре мумтанеъ[4] аст ва ҷамъ кардани мол бе ранҷонидани мардум ва зулму буҳтон ва забон дар арзи дигарон дароз кардан муҳол. Пас, ночор ҳар кӣ иффат варзад, аз инҳо маҳрум бошад ва ӯро аз зиндагон натавон шумурд ва ҳаёти ӯ абас бошад … ва худ чӣ калпатра[5] бошад, ки шахсро бо моҳпайкаре хилвате даст диҳад ва гӯяд, ки «ман покдоманам», то ба доғи ҳирмон[6] мубтало гардад ва шояд бувад, ки ӯро муддат-улумр чунон фурсате даст надиҳад, аз ғусса мирад … Он касро, ки вақте афифу покдоману хештандор гуфтандӣ, акнун к… хар ва мандабуру[7] дамсард мехонанд. Мефармоянд, ки чашму гӯш ва забону дигар аъзо аз баҳри ҷазби манфиат ва дафъи мазаррат[8] офаридаанд ва ҳар узверо аз хосияте, ки сабаби эҷоди ӯ буда, манъ кардан мӯҷиби бутлони[9] он узв аст. Пас, чун бутлони аъзо раво нест, ҳар кас бояд, ки он чи ӯро ба чашм хуш ояд ва он чи ба гӯш хуш ояд, онро шунавад ва масолеҳи[10] ӯ бад-он манут бошад, аз хубс[11] ва изову буҳтон ва ишваву дашноми фоҳиш ва гувоҳӣ ба дурӯғи он бар забон ронад. Агар дигаронро бад-он мазаррате бошад, ё дигареро хона хароб шавад, бад-он илтифот набояд кард ва хотир аз ин маънӣ хуш бояд дошт. Ҳар чӣ туро хуш ояд, мекун ва мегӯй!

Мефармоянд, ки агар устоде ё ёреро аз ин кас доияе[12] таманно бошад, бояд ки бетаваққуфу тараддуд тан диҳад ва дафъ ба ҳеч ваҷҳ раво надорад, ки (фурсат чун абр мегузарад).

---

[1] Лаъб – бозӣ, беҳудагӣ.
[2] Лаҳв – бозӣ кардан, воситаи саргармӣ.
[3] Маноҳӣ – наҳйкардашудаҳо, манъкардашудаҳо.
[4] Мумтанеъ – манъкардашуда.
[5] Калпатра – нодуруст, беҳуда ва бемаънӣ.
[6] Ҳирмон – маҳрумӣ ва ҷудоӣ.
[7] Мандабур – монда ва парешонҳол.
[8] Мазаррат – зарар.
[9] Бутлон – ночиз, зоеъ ва нобуд шудан.
[10] Масолеҳ – ҷ. маслаҳат.
[11] Хубс – хабисӣ – бадӣ.
[12] Доия – даъво ва талаб.

Аз имрӯз коре ба фардо мамон,
Чӣ донӣ, ки фардо чӣ гардад замон?!

Ва бояд манъ дар хотир наёрад, ки «алманъу куфра» ва онро ғанимати тамом бояд шумурд…

Ҳаққо, ки бузургони мо ин сухан аз сари таҷриба мефармоянд ва ҳақ бо тарафи эшон аст, чи ба ҳақиқат маълум шудааст, ки… мард бояд ки диҳад ва ситонад, чи низоми корҳо ба доду ситад аст, то ӯро бузург ва карим-ут-тарафайн тавон гуфт… Агарчи баъзе аз авом таъна зананд, …сухани эшонро эътиборе нест… Ҳар кас аз бадбахтӣ фурсате… фавт кунад, калиди давлат гум карда бошад ва абадуддаҳр дар маззаллату шақоват[1] бимонад ва шоир дар ҳаққи ӯ гуфтааст:

Биҳил,[2] то ба дандон газад пушти даст,
Танӯре чунин гарм ноне набаст.

Он некбахтро, ки мустаидди қабули насоеҳ аст, дар ин боб ин қадр кофист. Эзиди борӣ ҳамгинонро[3] тавфиқи хайр кароmat кунод!

### *Боби чаҳорум*

## ДАР АДОЛАТ

### Мазҳаби мансух

Акобири салаф адолатро яке аз фазоили арбаа шумурдаанд ва бинои умуми маошу маод бар он ниҳода. Муътақади эшон он буда, ки «бил-адл қомат-ас-самавоти вал-арз».[4] Бинбар ин, салотину умаро ва акобиру вузаро доим ҳиммат бар ишоати[5] маъдалат ва риояти умури раият ва сипоҳӣ гумо-

---

[1] Шақоват – камбағалӣ ва бечорагӣ.
[2] Биҳил – бигзор.
[3] Ҳамгинон – ҳамаи.
[4] Маънои ин ҷумлаи арабӣ – замину осмон бо адл рост аст.
[5] Ишоат – ошкор намудан.

штандӣ ва ин қисмро чунон муътақид будаанд, ки авом низ дар муомилот ва мушорикот[1] тариқи адолат кор фармудандӣ ва гуфтандӣ:

Адл кун, з-он ки дар вилояти адл
Дари пайғамбарӣ занад одил.

## Мазҳаби мухтор

Аммо мазҳаби асҳобуно он ки ин сират асваъи[2] сияр аст ва адолат мусталзами халали бисёр ва онро ба далоили возеъ[3] равшан гардонидаанд ва мегӯянд: Бинои кори салтанату фармондиҳӣ ва кадхудоӣ бар сиёсат аст. То аз касе натарсанд, фармони он кас набаранд ва ҳама яксон бошанд ва бинои корҳо халал пазирад ва низоми умур гусиста шавад. Он кас, ки ҳошо адл варзад ва касеро назанаду накушад ва мусодара накунад ва худро маст насозад ва бар зердастон изҳори арбадаву[4] ғазаб накунад, мардум аз ӯ натарсанд ва раият фармони мулук[5] набаранд. Фарзандон ва ғуломон сухани падарон ва махдумон нашунаванд. Масолеҳи билод[6] ва ибод[7] муталошӣ гардад ва аз баҳри ин маънӣ гуфтаанд:

Подшоҳон аз пайи як маслиҳат сад хун кунанд.

Мефармоянд: «додгарӣ ва адл бадбахтиву фалокат ба бор меоварад» худ кадом далел возеҳтар[8] аз ин, ки подшоҳони Аҷам чун Заҳҳоки тозӣ ва Яздгирди базаҳкор, ки акнун садри ҷаҳаннам бад-эшон мушарраф аст ва дигар мутааххирин, ки аз ақиб расиданд, то зулм мекарданд, давлати эшон дар та-

[1] Мушорикот – муносибатҳои дӯстона, ҳамкорӣ.
[2] Асваъ – зишттар.
[3] Возеъ – асосгузоранда.
[4] Арбада – ҷанҷол, ғавғо.
[5] Мулук – маликҳо – подшоҳон.
[6] Билод – ҷ. балда– шаҳрҳо, кишварҳо, мамлакатҳо.
[7] Ибод – бандаҳо, фуқаро.
[8] Возеҳ – равшан.

ракқӣ буд ва мулк маъмур.[1] Чун ба замони Кисрои Анӯшервон[2] расид, ӯ ракокати[3] раъй ва тадбири вузарои ноқисақл шеваи адл ихтиёр кард, дар андак замоне кунгураҳои айвонаш бияфтод ва оташкадаҳо, ки мӯбади эшон буд, ба якбор бимурд ва асарашон аз рӯйи замин маҳв шуд. Амиралмуъминин Умар[4], ки… ба адл мавсуф буд, хишт мезад ва нони ҷав мехӯрд… Муовия[5] ба баракати зулм мулк аз Алӣ…[6] бадар бурд… Чингизхон, ки имрӯз ба кӯрии аъдо[7] дар дарки асфал[8] муқтадо[9] ва пешвои муғулони аввалин ва охирин аст, то ҳазор бегуноҳро ба теғ бедареғ аз пой дар наёвард, подшоҳии рӯйи замин бар ӯ муқаррар нагашт.

## Ҳикоят

Дар таворихи муғул ворид аст, ки Ҳалокухонро[10] чун Бағдод мусаххар шуд, ҷамъеро, ки аз шамшер боз монда буданд, фармуд, то ҳозир карданд. Ҳоли ҳар қавме бозпурсид. Чун бар аҳволи маҷмӯъ воқиф гашт, гуфт: Аз муҳтарифа[11] ногузир аст. Эшонро рухсат дод, то (ки) бар сари кори худ рафтанд. Туҷҷорро моя фармуд додан, то аз баҳри ӯ бозургонӣ кунанд. Ҷуҳудонро фармуд, ки қавме мазлуманд, ба ҷизя аз эшон қонеъ шуд. Муханнасонро ба ҳарамҳои худ фиристод. Қузоту[12] машоих ва сӯфиёну ҳоҷиён ва воизону муаррифон ва гадоёну қаландарон ва гӯштигирону шоирону қиссахононро ҷудо кард ва фармуд: «Инон дар офариниш зиёдатанд ва неъматҳои Худой ба зиён мебаранд». Ҳукм фармуд,

---

[1] Маъмур – обод.
[2] Анӯшервони Одил (531 – 579 милодӣ).
[3] Ракокат – тунукӣ ва равонӣ, заифӣ ва беғайратӣ.
[4] Соли халифагиаш 632 – 644.
[5] Солҳои халифагиаш 661 – 679.
[6] Солҳои халифагиаш 656 – 661.
[7] Аъдо – адӯҳо, душманон.
[8] Асфал – пасттарин.
[9] Муқтадо – пешво.
[10] Ҳалокухон – набераи Чингиз, солҳои ҳокимияташ 1256 – 1269 аст.
[11] Муҳтарифа – косиб, ҳунарманд.
[12] Қузот – қозиҳо.

то ҳамаро дар Шатт[1] ғарқ карданд ва рӯйи заминро аз хубси эшон пок кард. Лоҷарам, қурби[2] навад сол подшоҳӣ дар хонадони ӯ қарор гирифт ва ҳар рӯз давлати эшон дар тазоюд[3] буд. Абӯсаиди[4] бечораро, чун дағдағаи адолат дар хотир афтод ва худро ба шиори адл мавсум гардонид, дар андак муддате давлаташ сипарӣ шуд ва хонадони Ҳалокухон ва масоии[5] ӯ дар сари нийяти Абӯсаид рафт. Оре:

Чу хира шавад мардро рӯзгор,
Ҳама он кунад, к-аш наёяд ба кор.

Раҳмат бар ин бузургони соҳибтавфиқ бод, ки халқро аз «зулми залолати»[6] адолат ба нури ҳидоят[7] иршод[8] фармуданд.

### *Боби панҷум*

## ДАР САХОВАТ

### Мазҳаби мансух

Аз суқот[9] марвист[10], ки мардум дар айёми собиқ саховатро писандида доштаанд ва касеро, ки бад-ин хулқ маъруф буда, шукр гуфтаанд ва бад-он муфохират намуда ва фарзандонро бад-ин хислат таҳрис[11] кардаанд. Ин қисмро чунон муътақид будаанд, ки агар масалан, шахсе гуруснаеро сер кардӣ, ё бараҳнаеро пӯшондӣ, ё дармондаеро даст гирифтӣ, аз он ор

---

[1] Шатт – номи дарёест дар Ироқи Араб.
[2] Қурб – наздик.
[3]Тазоюд – зиёд шудан.
[4] Ҳокимияташ 1315 – 1335.
[5] Масоӣ – саъю кӯшишҳо.
[6] Залолат – гумроҳӣ.
[7] Ҳидоят – роҳ нишон додан.
[8] Иршод – роҳи рост нишон додан.
[9] Суқот – ровиёни содиқ.
[10] Марвӣ – ривоятшуда.
[11] Таҳрис – ҳирсро зиёд кардан.

надоштӣ ва то ба ҳадде дар ин боб муболиға кардандӣ, ки агар касе ин сират варзидӣ, мардум ӯро сано гуфтандӣ ва қатъан ӯро бад-ин сабаб айб накардандӣ. Уламо дар таҳлияи[1] зикри ӯ кутуб пардохтандӣ ва шуаро мадҳи ӯ гуфтандӣ… Азизе дар ин боб гуфтааст:.

Бузургӣ боядат, дил дар сахо банд,
Сари киса ба барги гандано банд!

## Мазҳаби мухтор

Чун бузургони мо ба разонати[2] раъй ва диққати назар аз акобири адвори собиқ мустасноанд, ба истиқсои[3] ҳар чӣ тамомтар дар ин боб тааммул фармуданд, раъйи анвари эшон ба уюби[4] ин сират воқиф шуд. Лоҷарам, дар забти амвол ва таровати аҳволи худ кӯшиданд, насси танзилро, ки «бихӯред ва биёшомед ва зиёдаравӣ накунед» ва дигар «Худованд исрофкунандагонро дӯст намедорад» бошад, имоми умур ва азоими худ сохтанд ва эшонро муҳаққақ шуд, ки харобии хонадонҳои қадим аз сахо ва исроф будааст. Ҳар кас худро ба сахо шуҳрат дод, ҳаргиз дигар осоиш наёфт. Аз ҳар тараф арбоби тамаъ бад-ӯ мутаваҷҷеҳ[5] гарданд. Ҳар як ба хушомад ва баҳонаи дигар он чи дорад, аз ӯ метарошанд ва он мискини салимулқалб ба турраҳоти[6] эшон ғарра[7] мешавад, то дар андак муддате ҷамеи маврус[8] ва мактасаб[9] дар маъразй[10] талаф оварад ва номуроду муҳтоҷ гардад ва он ки худро ба си-

[1] Таҳлия – ҳалол кардан, таърифу тавсиф.
[2] Разонат – устуворӣ, пойдорӣ, виқор, вазнинӣ, матонат.
[3] Истиқсо – чуқур омӯхтан, ба ҳадди охирин расонидан.
[4] Уюб – айбҳо.
[5] Мутаваҷҷеҳ – таваҷҷуҳкунанда, мурочиаткунанда.
[6] Турраҳот – беҳуда ва дурӯғ.
[7] Ғарра – фирефта.
[8] Маврус – чизҳои меросӣ.
[9] Мактасаб – он чи ба ирс бурда ё ба саъй ва кӯшиши худ ба даст овардааст.
[10] Маъраз – ҷойи арзкунӣ, маърази талаф – ҷой ва ҳолати талаф.

рати бухл мустазҳар[1] гардонид ва аз қасди қосидон ва ибро-ми[2] соилон[3] дар паноҳи бухл гурехт, аз дарди сари мардум халос ёфт ва умр дар хусб[4] ва неъмат гузаронид. Мефармоянд, ки мол дар баробари ҷон аст ва чун дар талаби он умри азиз харҷ мебояд кард, аз ақл дур бошад, ки онро, масалан, дар ваҷҳи пӯшидан ва хӯрдан ё осоиши бадани фонӣ аз барои он ки дигаре ӯро ситояд, дар маърази талаф овард. Лоҷарам, агар бузурге моле дорад, ба ҳазор калбатайн[5] як фулус аз чанги мурдарегаш берун наметавон кашид…

Он санг, ки равғанкаши ассорон[6] аст,
Гар бар шикамаш ниҳанд, тезе надиҳад.

Ва ин байт лоиқи ин сиёқ аст:

Бар ӯ то ном додан барнаяфтад,
Гар аз қуланҷ мирад, тез надҳад.

Акнун аиммаи[7] бухл, ки эшонро бузургони зобит[8] мегӯянд, дар ин боб васоё[9] навиштаанд ва кутуб пардохтаанд.

## Ҳикоят

Яке аз бузургон фарзанди худро фармуда бошад, ки «Бидон, эй писараки ман, ки лафзи «на» балоро дур созад ва лафзи «оре» балову интиқомро бияфзояд». Дигаре дар аснои васоё фармуда бошад, ки «Эй писар, зинҳор бояд, ки забон аз лафзи «наам»[10] гӯш дорӣ ва пайваста лафзи «ло»[11] бар забон

[1] Мустазҳар – ёрихоҳанда ва пурқувватшаванда.
[2] Ибром – исрор ва пофишорӣ.
[3] Соил – гадо.
[4] Хусб – фаррохии айшу кайф.
[5] Калбатайн – навъе аз анбур, ки бо он оҳани тафсонро мегиранд.
[6] Ассорон – ҷувозкашон.
[7] Аимма – имомҳо, пешвоён.
[8] Зобит – забткунанда.
[9] Васоё – васиятҳо.
[10] (ар.) Наам – бале, оре.
[11] (ар.) Ло – не.

ронӣ ва яқин донӣ, ки то[1] кори ту бо «ло» бошад, кори ту боло бошад ва то лафзи ту «наам» бошад, дили ту бағам бошад».

## Ҳикоят

Бузургеро аз акобир, ки дар сарват Қоруни замони худ буд, аҷал даррасид. Умед аз зиндагонӣ қатъ кард. Ҷигаргӯшагони худро, ки тифлони хонадони карам буданд, ҳозир кард. Гуфт: «Эй фарзандон, рӯзгоре дароз дар касби мол заҳматҳои сафар ва ҳазар[2] кашидаам ва ҳалқи худро ба сарпанаҷаи гуруснагӣ фишурда, то ин чанд динор захира кардаам. Зинҳор аз муҳофизати он ғофил мебошед ва ба ҳеч ваҷҳ дасти харҷ бад-он маёзед ва яқин донед, ки

Зар азиз офаридааст Худо,
Ҳар кӣ хораш бикард, хор бишуд.

Агар касе бо шумо сухан гӯяд, ки падари шуморо дар хоб дидам, қаля[3] ва ҳавло мехоҳад, зинҳор ба макри он фирефта машавед, ки он ман нагуфта бошам ва мурда чизе нахӯрад. Агар ман худ низ бо шумо дар хоб намоям ва ҳамин илтимос кунам, бад-он илтифот набояд кард, ки онро изғос[4] ва эҳлом[5] хонанд. Бошад он дев намояд. Ман он чӣ дар зиндагӣ нахӯрда бошам, дар мурдагӣ таманно накунам». Ин бигуфт ва ҷон ба хазонаи[6] молики дӯзах супурд.

## Ҳикоят

Аз бузурге дигар ривоят кунанд, ки дар муомилае, ки бо дигаре дошт, ба ду ҷав музояқа[7] аз ҳад даргузаронид. Ӯро

---

[1] То – ин ҷо ба вазифаи то вақте ки.
[2] Ҳазар – ҳозир будан, муқобили сафар.
[3] Қаля – қайла, ғелак.
[4] Изғос – хобҳои парешон.
[5] Эҳлом – хобҳои парешон.
[6] Хазона – хазина.
[7] Музояқа – танггирӣ, хасисӣ, дареғ доштан.

манъ карданд, ки ин «муҳаққар[1] бад-ин музоиқа намеарзад». Гуфт: «Чаро ман миқдоре аз моли худ тарк кунам, ки маро як рӯз ва як ҳафта ва як сол ва ҳама умр бас бошад?». Гуфтанд: «Чӣ гуна?» Гуфт: Агар ба намак бидиҳам, як рӯз бас бошад. Агар ба ҳаммом равам, як ҳафта. Агар ба фасод[2] диҳам, як моҳ. Агар ба ҷорӯб диҳам, як сол. Агар ба мехе диҳам ва дар девор занам, ҳама умр бас бошад. Пас, неъмате, ки чандин маслиҳати ман бад-он манут бошад, чаро бигзорам ба тақсир[3] аз ман фавт шавад?!».

## Ҳикоят

Аз бузурге ривоят кунанд, ки чун дар хонаи ӯ нон пазанд, як-як нон ба дасти номуборак дар баробари чашми худ дорад ва бигӯяд:

Ҳаргиз халале ба рӯзгорат марасод!

ва ба хозин супорад. Чун бӯйи нон ба хадаму[4] ҳашамаш[5] расад:

Ту паси пардаву мо хуни ҷигар мерезем,
Оҳ, агар парда барафтад, ки чӣ шӯр ангезем.

## Ҳикоят

Дар ин рӯзҳо бузургзодае хирқае ба дарвеше дод. Тоинон[6] хабари ин воқеа ба самъи падараш расониданд. Бо писар дар ин боб итоб мекард. Писар гуфт: «Дар китобе хондам, ки ҳар кӣ бузургӣ хоҳад, бояд ҳар чӣ дорад, исор[7] кунад. Ман бад-

---

[1] Муҳаққар – ҳақир, камарзиш.
[2] Фасод – ҷомашӯйӣ.
[3] Тақсир – кӯтоҳӣ.
[4] Хадам – хизматгорон.
[5] Хашам – чокарон ва хизматгорон.
[6] Тоин – таънакунанда.
[7] Исор – қурбон, хадя, бахш.

он ҳавас ин хирқаро исор кардам». Падар гуфт: «Эй аблаҳ, ғалат дар лафзи исор кардаӣ, ки ба тасҳиф[1] хондаӣ! Бузургон гуфтаанд, ки «ҳар кӣ бузургӣ хоҳад, бояд ҳар чӣ дорад, анбор кунад, то бад-он азиз бошад». Намебинӣ, ки акнун ҳама бузургон анбордорӣ мекунанд. Шоире гуфта:

Андак-андак ба ҳам шавад бисёр,
Дона-дона-ст ғалла дар анбор.

## Ҳикоят

Ҳам аз бузургони аср яке бо ғуломи худ гуфт, ки «Аз моли худ порае гӯшт бистон ва аз он таоме бисоз, то бихӯрам ва туро озод кунам». Ғулом шод шуд. Бирёне сохт ва пеши ӯ овард. Хоҷа бихӯрд ва гӯшт ба ғулом супурд. Дигар рӯз гуфт: «Бад-он гӯшт нахудобе музаъфар[2] бисоз, то бихӯрам ва туро озод бикунам». Ғулом фармон бурд ва бисохту пеш овард. Хоҷа заҳри мор кард ва гӯшт ба ғулом супурд.

Рӯзи дигар гӯшт музмаҳил[3] шуда буд ва аз кор афтода. Гуфт: «Ин гӯшт бифурӯш ва порае равған бистон ва аз он таоме бисоз, то бихӯрам ва туро озод кунам». Гуфт: «Эй хоҷа, бигзор, то ман ба гардани худ ҳамчунон ғуломи ту бошам. Агар ҳар оина хайре дар хотири муборак мегузарад, ба нийяти Худо ин гӯштпорароро озод кун!».

Алҳақ, бузург ва соҳибҳазм касеро тавон гуфт, ки эҳтиёти маош бад-ин навъ ба тақдим расонад. Лоҷарам, то дар ин дунё бошад, азизулвуҷуд ва муҳтоҷун илайҳ[4] зияд ва дар охират улувви[5] дараҷоташон аз шарҳи ҳадду васф мустаснаст.

---

[1] Тасҳиф – ғалат.
[2] Музаъфар – заъфаронзадашуда.
[3] Музмаҳил – маҳв ва нобудшуда.
[4] Муҳтоҷун илайҳ – он ки дигарон ба вай муҳтоҷ бошанд.
[5] Улув – баландӣ.

*Боби шашум*

# ДАР ҲИЛМ[1]

## Мазҳаби мансух

Ҳилм иборат аз бурдборист. Қудамо ҳалим касеро гуфтаанд, ки нафси ӯро сукун ва тумаънинате[2] ҳосил шуда бошад, ки ғазаб ба осонӣ таҳрики ӯ натавонад кард. Агар макрӯҳе бад-ӯ расад, дар изтироб наяфтад. Аз ҳазрати рисолат[3] марвист, ки «ал-ҳилм-ҳиҷоб-ул-офоти»[4]. Лафзи «ҳилм»-ро чун мақлуб[5] кунӣ, «милҳ»[6] шавад ва аз ин ҷо гуфтаанд, ки «ал-ҳилму-милҳ-ул-ахлоқ»[7]. Шоир ҳилми мамдӯҳро бад-ин сиёқ ситуда:

Шикаст аз бори ҳилмат кӯҳро пушт,
Ки барҷо монд ҳамчун мубталое.
Яке ночор гардад қобили каср,
Ду сокинро чу бошад илтиқое.

## Мазҳаби мухтор

Ростӣ, асҳобуно низ ин хулқро ба куллӣ манъ намефармоянд. Мегӯянд, ки агарчи он кас, ки ҳилму бурдборӣ варзид, мардум ба ӯ густох шаванд ва онро бар аҷзи ӯ ҳамл кунанд, аммо ин хулқ мутазаммини[8] фавоид аст, ӯро дар масолеҳи маош мадхали тамом бошад. Далел бар сиҳҳати ин қавм он, ки имрӯз то шахс дар кӯдакӣ таҳаммули бори ғуломборагон ва авбош накардааст ва дар он ҳилму виқор кор нафармуда,

---

1 Ҳилм – оромӣ, бомаънигӣ ва боадабӣ.
2 Тумаънинат – оромӣ ва сукуни қалб.
3 Ҳазрати рисолат – ишора ба пайғамбар.
4 Маънии ин ҷумлаи арабӣ: «ҳилм пардаи офатҳо аст».
5 Мақлуб – қалбкардашуда, вайронкардашуда, яке аз усулҳои муаммост, ки дар он ҷойи ҳарфи калимаҳо иваз карда мешавад.
6 Милҳ – намак.
7 Маънои ин ҷумлаи арабӣ: ҳилм ахлоқи писандида аст.
8 Мутазаммин – дарзимнгиранда, дарбаргиранда.

акнун дар маҷлису маҳофили акобир силию молиш бисёр намехӯрад…, ришаш барнамекананд, дар ҳавз намеандозанд, дашномҳои фоҳиш бар… зану хоҳараш намешуморанд. Он марди оқил, ки акнун ӯро марди замона мехонанд, бо баракати ҳилму виқоре, ки дар нафси нотиқаи ӯ маркуз аст ва мавдӯъ[1], то таҳаммули он машаққатҳо наменамояд, як ҷав ҳосил наметавонад кард. Пайваста хоибу[2] хосир[3] ва мафлуку душманком[4] мебошад. Ӯро дар ҳеч хона намегузоранд. Пеши ҳеч бузурге иззате пайдо наметавонад кард.

Мард бояд, ки дар кашокаши даҳр
Санги зерини осиё бошад.

… Яке аз фавоиди ҳилм он, ки агар ҳарам ва атбои[5] бузургеро ба тухмате муттаҳам мегардонанд ва аз ҳиляти[6] ҳилму зинату виқор орӣ[7] мебошад, ғазаб бар мизоҷи ӯ муставлӣ[8] шуда, девона мегардад, ки «алғазаб – ғӯл-ул-ақл»[9] ва қатлу зарби зану бача ва мусла гардо-нидани[10] ҳавошӣ ва хидамро раво медоранд, ба дасти худ хона бармеандозад. Зану баччаро аз худ мутанаффир мегардонад. Шабу рӯз мутафаккиру ғамнок мебошад, ки мабодо тоине дар хонаву атбоъ ва ҳамияти ӯ таъна занад ва мегӯяд:

Агар боғайратӣ, бо дард бошӣ,
В-агар беғайратӣ, номард бошӣ.

Аммо бузургони соҳибтавфиқ, ки вуҷудашон ба зинати ҳилму виқор музайян аст, агар ҳазор бор атбои ӯро дар ба-

---

1 Мавдӯъ – ин ҷо ба маънои ҷойгиршуда.
2 Хоиб – ноумед, маъюс ва бебаҳра.
3 Хосир – хасоратнок, зиёнбинанда.
4 Душманком – касе, ки душманаш бар вай ғолиб бошад.
5 Атбоъ – тобеъон.
6 Ҳилят – зевар.
7 Орӣ – дур.
8 Муставлӣ – истилокунанда, ғолиб.
9 Мазмуни ин ҷумлаи арабӣ: «ғазаб ғӯли ақл аст».
10 Мусла гардонидан – гӯшу бинӣ буридан, азобу уқубат додан.

робари ӯ…, сари мӯе ғубор ба хотири мубораки ӯ нанишинад. Лоҷарам, чандон ки зинда аст, … осуда рӯзгор ба сар мебарад. Ӯ аз аҳлу атбои худ хушнуд ва эшон аз ӯ фориғу эмин. Агар вақте туҳмате ба ӯ расонанд, бад-он илтифот нанамояду гӯяд:

Гар саге бонге занад дар боми каҳдон, ғам махӯр!

## Ҳикоят

Шунидам, ки дар ин рӯзҳо бузурге зане бадшаклу мастура дошт. Ба талоқ аз ӯ халосӣ ёфт ва қаҳбаи[1] ҷамилаеро дар никоҳ овард. Хотун, чунон ки одат бошад, салои[2] ом дардод. Ӯро манъ карданд, ки «зани мастура[3] гузоштиву фоҳиша ихтиёр кардӣ». Он бузург бо камоли ҳилму виқор фармуд, ки «Ақли ноқиси шумо бар ин ҳикмат нарасад. Ҳол он ки пеш аз ин г… мехӯрдам ба танҳо, ин замон ҳалво мехӯрам бо ҳазор одамӣ».

Дар амсол[4] омадааст, ки «ад-даюс-саид-уд-дорайн»[5], таъвил чунон фармудаанд, ки даюс то дар ин дунё бошад, чун ба иллати ҳамият мубтало нест, фориғ метавонад зист. Ва дар он дунё низ ба мӯҷиби[6] ҳадиси «Ад-даюс-лоядхилулҷанна»[7] чун ӯро ба биҳишт набояд рафт, аз кудурати суҳбати шайхакон ва зоҳидон, ки дар биҳишт бошанд ва аз рӯйи турушии эшон ба юмни ин сират осуда бошад. Ҳар куҷо, ки шайхеро бинад, гӯяд:

Гар туро дар биҳишт бошад ҷой,
Дигарон дӯзах ихтиёр кунанд.

---

[1] Қаҳба – фоҳиша.
[2] Сало – чеғ задан барои чизе додан, масалан, таом.
[3] Мастур – паси парда, пок.
[4] Амсол – масалҳо.
[5] Маънои ин ибора: даюс хушбахти ҳар ду дунёст.
[6] Мӯҷиб – сабаб.
[7] Мазмуни ин ҷумлаи арабӣ: «даюс» ба ҷаннат намеравад.

Аммо, ин ҷо нуктае ворид аст. Суол: Агар соиле пурсад, ки ин ҷамоа, яъне акобири даюс чун ба воситаи суҳбати шайхакон аз биҳишт мутанаффиранд ва ба дӯзах низ ба адади ҳар шайхаке, ки дар биҳишт ҳаст, ҳазор қозию наввоб[1] ва вукалои ӯ нишастааст, чун аст, ки аз суҳбати ишон малул нест? Ҷавоб гӯем: Чун шайхакон дар ин дунё ба таҳорату ибодат мавсум буданд (агарчи ин маънӣ сирре ба риё ва руунат[2] дошт) ва он мазлуми даюс ҳаргиз… нашуста бошад ва саҷда накарда, пас, вазъи шайхакон муғойири[3] вазъи даюс бошад. Ва қозиёну атбои эшон ба воситаи ин ки ба исёну тазвир[4] ва талбису макру ҳаромхорагӣ ва зулму буҳтон ва нуктагирию гувоҳии бадурӯғ ва ҳирсу ибтоли ҳуқуқи мусалмонон ва тамаъу ҳилату ифсод[5] дар миёни халқ ва бешармиву ахзи[6] ришват мавсуф буда, дар даюс ҳам ин хасоил маҷбул[7] аст, пас миёни эшон ҷинсияти куллӣ тавонад буд ва сабаби ҷинсият, ки суҳбати қозиён ва атбои эшон хоҳад, ки «Ал-ҷинсу илал-ҷинси амилу»[8], лоҷарам чун кӯдкашони[9] дӯзах бузурге чунинро ба дӯзах кашанд, он бузург дил хуш карда мегӯяд:

Гарам бо солиҳон бе дӯст фардо дар биҳишт оранд.
Ҳамон беҳтар, ки дар дӯзах кашандам бо гунаҳкорон.

Яке аз кибори[10] муфассирон дар тафсир… чунин фармуда бошад, ки маҷмӯи халоиқ аз сирот чун барқ мегузарад, магар қозиён ва атбои эшон, ки абад-ул-обод дар дӯзах бошанд ва бо ҳамдигар шатранҷи оташин бозанд…

---

[1] Наввоб – ноиб.
[2] Руунат – саркашӣ.
[3] Муғоир – ғайр, зид, муқобил.
[4] Тазвир – фиреб.
[5] Ифсод – фасод кардан.
[6] Ахзи ришват – гирифтани пора.
[7] Маҷбул – ҷибиллакардашуда, табиӣ, офаридашуда.
[8] Маънии ин ҳадис: «ҷинс ба ҷинс майл мекунад».
[9] Кӯдкашон – боркашон, хокрӯбакашон.
[10] Кибор – кабирҳо, бузургон.

*Боби ҳафтум*

# ДАР ҲАЁВУ ВАФО ВА РАҲМАТУ ШАФҚАТ

## Мазҳаби мансух

Ҳукамо фармудаанд, ки ҳаё инҳисори[1] нафс бошад, то аз феъли қабеҳ, ки мӯҷиби мазаммат бошад, эҳтироз[2] намояд. Расул мефармояд, ки «Ал-ҳаёу мин-ал-имон»[3] ва вафо илтизоми[4] тариқи мусовот супурдан бошад ва аз чизе, ки бад-ӯ аз дигаре расида, ба мукофоти он қиём намудан. Дар «насси танзил» омадааст, ки… сидқ он бошад, ки бо ёрон дил рост кунад, то хилофи воқеъ бар забони ӯ ҷорӣ нашавад ва раҳмату шафқат он бошад, ки агар ҳоле ғайри мулоим аз касе мушоҳида кунад, бар ӯ раҳмат оварад ва ҳиммат бар изолати ӯ масруф дорад.

## Мазҳаби мухтор

Асҳобуно мефармоянд, ки ин ахлоқ бағоят мукаррар[5] ва муҷавваф[6] аст. Ҳар бечора, ки ба яке аз ин ахлоқи раддия мубтало гардад, муддатулумр хоибу хосир бошад ва бар ҳеч муроде зафар наёбад. Худ равшан аст, ки соҳиби ҳаё аз ҳама неъматҳо маҳрум бошад ва аз иктисоби ҷоҳу иқтинои[7] мол қосир. Ҳаё пайваста миёни ӯ ва муродоти ӯ монеае азим ва ҳиҷобе ғализ шуда, ӯ ҳамвора ба бахту толеи худ гирён бошад. Гиряи абрро, ки ҳаё гуфтаанд, аз ин ҷо гирифтаанд. Расул мефармояд, ки: «Ал-ҳаё таманна-ур-ризқа»[8] ва му-

[1] Инҳисор – дар ҳисор ва иҳота шудан.
[2] Эҳтироз – худро кашидан аз коре ё чизе.
[3] Мазмуни ин ҳадис: «Ҳаё аз имон аст».
[4] Илтизом – лозим донистан.
[5] Мукаррар – такроршуда.
[6] Муҷавваф – дарунхолӣ, бемаънӣ.
[7] Иқтиноъ – қаноат ҳосил кардан.
[8] Мазмуни ин ҳадис: «ҳаё монеъкунандаи ризқ аст».

шоҳида меравад, ки ҳар кас, ки бешармӣ пеша гирифт ва беобурӯӣ моя сохт, пӯсти халқ меканад, ҳар чӣ дилаш мехоҳад, мегӯяд. Сари ҳеч офаридае ба г….е намехарад, худро аз мавонеъ ба маоричи[1] аъло мерасонад. Ва бар маҳдумону бузургтарон аз худ, балки бар касоне ҳам, ки ӯро…. танаъъум[2] мекунад ва халоиқ ба воситаи вақоҳат[3] аз ӯ метарсанд ва он бечораи маҳрум, ки ба самти ҳаё мавсум аст, пайваста дар паси дарҳо бозмонда ва дар даҳлези хонаҳо сар ба зонуи ҳирмон ниҳода, чӯби дарбонон хӯрад ва паси гардан хорад ва ба дидаи ҳасрат дар асҳоби вақоҳат нигарад ва гӯяд:

Ҷоҳил фарози маснаду олим буруни дар,
Ҷӯяд ба ҳила роҳу ба дарбон намерасад.

Мефармоянд, ки вафо натиҷаи диноати[4] нафс ва ғалабаи ҳирс аст, чи ҳар кас, ки андак чизе аз махдуме ё дӯсте бад-ӯ лоҳиқ[5] шуд, ё ба василати он махдум ё дӯст ӯро ваҷҳи маошу маоширате ҳосил омад, ҳирсу шар[6] ӯро ба тамаи ҷазби амсоли он манофеъ бар он дорад, ки ҳамарӯза чун ҳаҷҷоми[7] фузул[8] он мискинро ибром намояд ва он бечора аз мушоҳидаи ӯ ба ҷон расида малул, то чун худро аз шарри суҳбати вай халосӣ диҳад. Чун он вафодорро бинад, гӯяд:

Малак-ул-мавтам аз лиқои ту беҳ.

Қудамо чунин ҳаракатро надониста таҳсин кардаанд ва ҳар гоҳ шахсе дар вафо ба ақса-л-ғоя бирасад, ба саг ташбеҳ намудаанд. Мард бояд, ки назар бо фоидаи худ дорад ва чун шахсе ғаразе, ки дорад, ҳосил кунад ва таваққуе дигар боқӣ намонад. Агар худ падараш бошад, бояд, ки қатъан бад-ӯ ил-

[1] Маориҷ – уруҷ карданҳо – болоравиҳо.
[2] Танаъъум – неъмат хӯрдан.
[3] Вақоҳат – беҳаёӣ, беадабӣ ва бешармӣ.
[4] Диноат – нокасӣ, пастфитратӣ.
[5] Лоҳиқ – чизе ё касе, ки аз ақиб омада пайванд (ҳамроҳ) мешавад.
[6] Шар – бадӣ.
[7] Ҳаҷҷом – хунгир.
[8] Фузул – паст.

тифот нанамояд. Ҳар бомдод бо қавме ва ҳар шабонгоҳ бо тоифае ба сар барад. Ҳар кас, ки аз умри худ бархурдорӣ талабад, бояд ки бад-ин турраҳот назар накунад, то аз неъмати ҳамгинон ва суҳбати эшон маҳзуз ва муталаззиз[1] гардад. Мардум аз ӯ малул нашаванд ва яқин шиносад, ки:

Аз ҳар деге наволае хуш бошад.

## Ҳикоят

Гӯянд, ки Муҳйиддини Арабӣ, ки ҳакими рӯзгор ва муқтадои уламои асри худ буд, сӣ сол бо Мавлоно Нуриддини Расадӣ шабу рӯз мусоҳиб буд ва як лаҳза бе якдигар қарор нагирифтандӣ. Чанд рӯз, ки Нуриддин дар марази мавт буд, Муҳйиддин бар болини ӯ ба шурб машғул буд. Шабе ба ҳуҷра рафт, бомдод, ки бо дари хона омад, ғуломонро мӯйҳо бурида, ба азои Нуриддин машғул дид. Пурсид, ки:

– Ҳол чист?

Гуфтанд:

– Мавлоно Нуриддин вафот кард.

Гуфт: – Дареғи Нуриддин.

Пас рӯй ба ғуломи худ кард ва аз он ҷо ба ҳуҷраи худ авдат[2] фармуд. Гӯянд, бист сол баъд аз он умр ёфт ва ҳаргиз касе номи Нуриддин аз забони ӯ нашунид. Ростӣ, ҳамгинонро воҷиб аст, ки вафо аз он ҳакими ягонаи рӯзгор биёмӯзанд. Боз кадом далел возеҳтар аз ин ки ҳар кас, ки худро ба вафо мансуб кард, ҳамеша ғамнок буд ва оқибат умри бефоида дар сари он кор кард. Чунон ки Фарҳод кӯҳи Бесутун канд ва ҳаргиз ба мақсуд нарасид, то оқибат ҷони ширин дар сари кори Ширин кард. Дар ҳасрат мемурду мегуфт:

Фидо карда чунин Фарҳоди мискин
Зи баҳри ёри ширин ҷони ширин.

---

[1] Муталаззиз – лаззатгиранда.
[2] Авдат – бозгашт.

Ва он мискинро, ки Маҷнун бани Омир гӯянд, ҷавоне буд оқилу фозил. Ногоҳ дил дар духтараке Лайлӣ ном баст. Дар вафои ӯ зиндагонӣ бад-ӯ талх шуд ва ҳаргиз таматтуъе аз ӯ наёфт. Сару по бараҳна дар биёбонҳо давидӣ…

Бузургони мо рост мегӯянд: – Хулқеро, ки самара ин бошад, тарк авло.

Аммо сидқ бузургони мо мефармоянд, ки ин хулқ арзали[1] хасоил аст, чи моддаи хусумату зиёнзадагӣ сидқ аст. Ҳар кас наҳҷи сидқ варзад, пеши ҳеч кас иззате наёбад. Мард бояд, ки то тавонад, пеши махдумон ва дӯстон хушомаду дурӯғ ва сухани бариё гӯяд… Ҳар чӣ бар мизоҷи мардум рост ояд, он дар лафз орад. Масалан, агар бузурге дар ними шаб гӯяд, ки «инак намози пешин аст», дарҳол пеш ҷаҳад ва гӯяд, ки «Рост фармудӣ. Имрӯз бағоят офтоб гарм аст ва дар таъкиди он савганд ба Мусҳаф ва се талоқи зан ёд кунад. Агар дар суҳбати муханнасе пири мумсики зиштсурат бошад, чун дар сухан ояд, ӯро паҳлавони замону ҷаҳон ва навхостаи Ширин ва Юсуфи Мисрӣ ва Ҳотами Тойӣ хитоб кунад, то аз ӯ зару неъмат ва хилъату мартабат ёбад ва дӯстии он кас дар дили ӯ мутамаккин[2] шавад. Касе ҳошо ба хилофи ин зияд, худро ба сидқ мавсум гардонад, ногоҳ бузургеро аз рӯйи насиҳат гӯяд, ки «ту дар кӯдакӣ бисёр..., акнун тарк кун, зану хоҳар аз кори фоҳиш манъ мебояд фармуд». Ё калеро «кал» гӯяд ё даббаеро «даба»… хитоб кунад, … аз ӯ ба ҷон биранҷанд ва агар қуввате дошта бошанд, дарҳол ӯро ба кори зарб фурӯ гиранд. Ва агар даюсаке, ё кале оҷиз ҳам бошад, ба мухосамат[3] ва кал-кал дарояд, анвои сафоҳат[4] бо ӯ ба тақдим расонад. Ва боқии умр ба воситаи ин калимаи рост миёни эшон хусумат мунқатеъ нашавад. Бузургон аз ин ҷиҳат гуфтаанд: «Дурӯғи маслиҳатомез беҳ аз рости фитнаангез» ва кадом далел аз ин равшантар, ки агар содиқ-ул-қавл сад гувоҳии рост адо кунад, аз ӯ миннат

[1] Арзал – пасттарин.
[2] Мутамаккин – маконгиранда, ҷойгиранда.
[3] Мухосамат – душманӣ.
[4] Сафоҳат – нодонӣ.

надоранд, балки ба ҷон биранҷанд ва дар такзиби[1] ӯ таъвилот[2] ангезанд. Ва агар бедиёнате гувоҳӣ бардурӯғ диҳад, сад навъ бад-ӯ ришват диҳанд ва ба анвоъ риоят кунанд, то (ки) он гувоҳӣ диҳад. Чунончи, имрӯз дар билоди ислом чандин ҳазор одамӣ аз қузот ва машоих ва фуқаҳо ва адул[3] ва атбои ишонро мояи маош аз ин ваҷҳ аст. Мегӯянд:

Дурӯғе, ки ҳоли дилат х(в)аш кунад,
Беҳ аз росте, к-ат мушавваш[4] кунад.

(Аммо раҳмат ва шафқат) асҳобуно бағоят мункири ин қисманд. Мефармоянд, ки ҳар кас бар мазлуме ё бар маҳруме раҳмат кунад, исён варзида бошад ва худро дар маърази сахат оварда, бад-он далел, ки ҳеч амре бе хости Худо ҳодис нашавад. Ҳар чӣ аз ҳазрати ӯ, ки ҳаким аст, ба бандагон расад, то воҷиб нашавад, нарасад… Ӯ, ки «арраҳмонур-роҳимин» аст, агар донистӣ, ки он кас лоиқи он бало нест, бад-ӯ нафиристодӣ. Ҳар кас ҳар чӣ бад-ӯ мерасад, сазовори он аст.

Саг гурсуна, зоғ кӯр, буз лоғар беҳ.

Ва низ мегӯяд:

Нест кӯре, ки ба кӯрӣ набувад арзонӣ.

Пас, касеро, ки Худо мағзуби[5] ғазаби худ гардонида бошад, ту хоҳӣ, ки бад-ӯ раҳмат кунӣ, исён варзида бошӣ ва бар он осим[6] гардӣ ва рӯзи қиёмат туро бар он муохаза[7] кунанд. Ин масал бад-он монад, ки шахсе бандае аз они худро барои тарбият бизанад ва бегона ӯро навозад ва бӯса диҳад,

---
[1] Такзиб – ба дурӯғ баровардан.
[2] Таъвилот – дурӯғу туҳмат – ҳилаи шаръӣ.
[3] Адул – бисёр одил ва ростгӯ.
[4] Мушавваш – парешон.
[5] Мағзуб – ба ғазаб гирифторшуда.
[6] Осим – гунаҳкор.
[7] Муохаза – ҷазо ва ҷавобгарӣ, гирифтугир.

ки худованди[1] ту бад мекунад, ки туро мезанад. Туро неъмату хилъат мебояд додан. Албатта, ӯ аз ин кас ба ҷон меранҷад.

## Ҳикоят

Дар замони… расул куффорро мегуфтанд, ки дарвешонро таом диҳед. Эшон мегуфтанд, ки: «Дарвешон бандагони Худоанд. Агар Худо хостӣ, эшонро таом додӣ. Чун ӯ намедиҳад, мо чаро диҳем? ...Пас, воҷиб бошад, ки бар ҳеч офаридае раҳмат накунанд ва ба ҳоли ҳеч мазлумею муҷриме ва муҳтоҷею мубталое ва гирифторею маҷрӯҳе ва ятимею муилле[2] ва дарвешею хидматгоре, ки ба дари хонае пир ё замингир шуда бошад, илтифот нанамоянд, балки… бад-он қадр, ки тавонанд, азияте бад-эшон бирасонанд, то мӯҷиби рафъи[3] дараҷоту хайрот бошад… ва дар қиёмат дастгири ӯ шавад.

Ин аст, он чи дар садри китоб бо бародарон ваъда рафта буд. Умед ҳаст, ки чун мубтадӣ бар ахлоқи мухтори акобир мувозабат[4] намояд ва онро малакаи нафси нотиқаи худ гардонад, ба натиҷаи он ҳар чӣ тамомтар дар дунё ва охират биёбад.

---

[1] Худованд – ин ҷо ба маънои соҳиб аст.
[2] Муил – аёлманд.
[3] Рафъи дараҷот – баланд шудани дараҷаҳо.
[4] Мувозабат – забткунӣ, азхуд кардан.

# РИСОЛАИ ТАЪРИФОТ МАШҲУР БА ДАҲ ФАСЛ

…Бар раъйи арбоби албоб[1] мубарҳан[2] аст, ки аҳли истеъдодро аз қисми адабиёт ва луғот чора нест, ҳарчанд фуҳули салаф[3] дар он боб кутуби бисёр пардохтаанд, ҳолро аз баҳри иршоди фарзандон ва азизон ин мухтасар, ки ба даҳ фасл мавсум аст, ба таҳрир расонидам. Умед, ки мубтадӣ аз ҳифзи ин савод ҳаззе вофир ёбад.

## Фасли аввал
## Дар дунё ва мо фиҳо[4]

**Ал-дунё** – он чи ҳеч офарида дар вай наёсояд.
**Ал-оқил** – он ки ба дунё ва аҳли вай напардозад.
**Ал-комил** – он ки аз ғаму шодӣ мунфаил[5] нашавад.
**Ал-карим** – он ки дар ҷоҳу мол тамаъ накунад.
**Ал-одамӣ** – он ки некхоҳи мардум бошад.
**Ал-мард** – он ки сухан ба риё нагӯяд.
**Ал-фикр** – он чи мардумро бефоида бемор кунад.
**Ал-донишманд** – он ки ақли маош надорад.
**Ал-ҷоҳил** – давлатёр.
**Ал-олим** – бедавлат.
**Ал-ҷавод[6]** – дарвеш.
**Ал-хасис** – молдор.
**Ал-номурод** – толиби илм.
**Ал-мударрис** – бузурги эшон.
**Ал-муаййид** – ҳасратӣ.
**Ал-мафлук** – фақеҳ.
**Доруттаътил** – мадраса.

---

[1] Арбоби албоб – аҳли лабибҳо – донишмандон.
[2] Мубарҳан – равшан ва исботкардашуда.
[3] Фуҳули салаф – мардони донои гузашта.
[4] Мо фиҳо – он чӣ дар вай аст.
[5] Мунфаил – мутаассир, шармзада.
[6] Ҷавод – ҷудкунанда, сахӣ.

**Ал-хароб ва-л-боир**[1] – авқофи он.
**Ал-мустаҳлик**[2] – моли авқоф[3]
**Ал-мутаваллӣ**[4] – ҳаммоли ӯ.
**Ал-идрор**[5] **ва-л-марсум ва-л-маишат** – он чи ба мардум нарасад.
**Ал-барот** – коғазпораи бефоида, ки мардумро ташвиш бидиҳад.
**Ал-фишор** – парвонае[6], ки ҳоким ба наввоби худ нависад ва эшон бад-он илтифот нанамоянд.
**Ал-тезриш** – махдуме, ки наввоб суханаш нашнаванд.

## Фасли дувум
## Дар туркон ва асҳоби эшон

**Ал-яъчуҷ ва-л-маъчуҷ** – қавми туркон, ки ба вилояте мутаваҷҷеҳ шаванд.
**Ал-забоният**[7] – пешрави эшон.
**Ал-қаҳт** – натиҷаи эшон.
**Ал-мусодирот ва-л-қисмот** – савқоти эшон.
**Амуд-ул-фитна** – санҷоқи эшон.
**Ал-толон** – санъати эшон.
**Ал-тарош** – моли эшон.
**Зилзилат-ус-соат** – он замон, ки фуруд оянд.
**Ал-накир ва-л-мункар** – ду човуши[8] эшон, ки бар ду тарафи дар истода ва такя зада.
**Ал-омил** – кордор.
**Ал-ғанимат** – азли ӯ.
**Калбулакбар**[9] – ноиби ӯ.

---

[1] Боир – пучу холӣ.
[2] Мустаҳлик – баҳалокатраванда.
[3] Авқоф – вақфҳо, молу мулкҳо ва чизҳое, ки ба муассисаҳои динӣ восиқа карда мешуданд.
[4] Мутаваллӣ – мудири вақф.
[5] Идрор – равон кардан. Ин ҷо ба маънои маош – моҳона аст.
[6] Парвона – хатти ҳукми амирон.
[7] Забоният – муваккалони дӯзах.
[8] Човуш – посбон.
[9] Калбулакбар – саги калон.

**Ал-наҳҳоб**[1] – элчӣ.
**Ал-заққум** – улуфаи[2] эшон.
**Ал-ҳамим**[3] – шароби эшон.
**Ал-тағофул**[4] – балои ногаҳон.
**Ал-ноинсоф** – ҳокими авқоф.
**Ал-вочибулқатл** – тамғочии шаҳр.
**Ал-мушриф** – дузд.
**Ал-гург** – сипоҳӣ.
**Ал-байёъ** – ҷайббур.
**Ал-муҳтасиб** – дӯзахӣ.
**Ал-асас** – он ки шаб роҳ занад ва рӯз аз бозориён уҷрат хоҳад.
**Ал-ғаммоз** – муншии девон.

## Фасли севум
## Дар қозӣ ва мутааллиқоти он

**Ал-қозӣ** – он ки ҳама ӯро нафрин кунанд.
**Ал-мундуфа**[5] – дастори қозӣ.
**Ноибулқозӣ** – он ки имон надорад.
**Ал-наввоб** (ва) **Ал-вакил** – он ки ҳақро ботил гардонад.
**Ал-адл –** он ки ҳаргиз рост нагӯяд.
**Ал-миёнҷӣ** – он ки Худову халқ аз ӯ розӣ набошанд.
**Асҳобулқозӣ** – ҷамоате, ки гувоҳӣ ба салаф фурӯшанд.
**Ал-мубрам**[6] – пиёдаи қозӣ.
**Қавми машъум**[7] – хешони ӯ.
**Толибуззар** – ҳамнишини ӯ.
**Ал-биҳишт** – он чи набинанд.
**Ал-ҳалол** – он чи нахӯранд.

---
[1] Наҳҳоб – ғоратгар, вайронгар.
[2] Улуфа – озуқа, хӯрок.
[3] Ҳамим – оби дӯзах.
[4] Тағофул – дар ғафлат мондан.
[5] Мундуфа – пахтаи тиншуда, наддофишуда.
[6] Мубрам – муҳкаму устувор.
[7] Машъум – шумгардонидашуда.

**Молулайтом ва-л-авқоф** – он чи бар худ аз ҳама чиз мубоҳтар[1] донанд.
**Чашми қозӣ** – зарфе, ки ба ҳеч (чиз) пур нашавад.
**Ал-вахим[2]** – оқибати ӯ.
**Байт-ун-нор[3]** – дорулқазо.[4]
**Ал-ришват** – корсози бечорагон.
**Ал-саид[5]** – он ки ҳаргиз рӯйи қозӣ набинад.
**Ал-хатиб** – хар.
**Ал-муаллим** – аҳмақ.
**Ал-воиз** – он ки бигӯяду накунад.
**Ал-надим[6]** – хушомадгӯ.
**Ал-рӯбоҳ** – мавлоношакле, ки мулозими умарову хавонин[7] бошад.
**Ал-шоир** – томеъи[8] худписанд.

## Фасли чаҳорум
## Дар машоих ва моятааллиқ[9] ба он

**Ал-шайх** – иблис.
**Ал-чаҳш** – шайхзода.
**Ал-талбис** – калимоте, ки дар боби дунё гӯяд.
**Ал-васваса** – он чи дар боби охират гӯяд.
**Ал-муҳмалот** – калимоте, ки дар маърифат ронад.
**Ал-ҳазён[10]** – хоб ва воқеаи ӯ.
**Ал-шаётин** – атбои ӯ.
**Ал-сӯфӣ** – муфтхор.
**Ал-ҳоҷӣ** – он ки (қасами) дурӯғ ба Каъба хӯрад.

---
[1] Мубоҳ – раводошташуда.
[2] Вахим – хавфнок.
[3] Байт-ун-нор – оташхона.
[4] Дорулқазо – қозихона.
[5] Саид – хушбахт.
[6] Надим – ҳамсуҳбат.
[7] Хавонин – хонҳо.
[8] Томеъ – тамаъкор.
[9] Моятааллиқ – онҳое, ки алоқаманд ҳастанд.
[10] Ҳазён – беҳуда ва беҳудагӯӣ.

## Фасли панҷум
## Дар хоҷагон ва одоти эшон

**Ал-лоф ва-л-вақоҳат** – мояи[1] эшон.
**Ал-ҳеч** – вуҷудашон.
**Ал-муҷавваф** – тавозӯъашон.
**Ал-гизоф[2] ва-с-сафаҳ[3]** – суханонашон.
**Ал-лавм[4] ва-л-ҳирс ва-л-бухл ва-л-ҳасад** – ахлоқашон.
**Ал-аблаҳ** – он ки бар эшон умеди хайр дорад.
**Ал-кӯрбахт ва-л-манҳус** – мулозими[5] эшон.
**Анқо-ул-мағриб** – адлу инсофашон.
**Ал-макр ва-з-зӯр ва-н-нифоқ ва-л-кизб** – одати акобир.
**Ал-ҳиккат[6] –** марази акобир.

## Фасли шашум
## Дар арбоби пеша ва асҳоби муносиб

**Ал-бозорӣ** – он ки аз Худо натарсад.
**Ал-баззоз** – гарданазан.
**Ал-сарроф** – хурдадузд.
**Ал-имом** – намозфурӯш.
**Ал-аттор** – он кӣ ҳамаро бемор хоҳад.
**Ал-қаллоб** – заргар.
**Ал-табиб** – ҷаллод.
**Ал – каззоб** – мунаҷҷим.
**Ал-мандабур** – фолгир.
**Ал-гӯштигир** –танбал.
**Ал-даллол** – ҳаромии бозор.
**Ал-қазвинӣ** – ҳам деҳӣ ва ҳам рустоӣ.
**Ал-хук**– раисашон.
**Ал-хирс** – бузургашон.

---

[1] Моя – ин ҷо ба маънои чиз ва дастмоя.
[2] Гизоф – ҳазлу дурӯғ.
[3] Сафаҳ – сабукақлу нодон.
[4] Лавм – маломат кардан.
[5] Мулозим – пешхидмат.
[6] Ҳиккат – хорише, ки гоҳ-гоҳ дар андом пайдо мешавад.

**Ал-чӯмоқ** – лоиқи эшон.
**Ал-садяк** – он чи аз мазрӯот[1] ба молик[2] нарасад.
**Ал-шикоят** – он чи ба молик баранд.

## Фасли ҳафтум
## Дар шароб ва мутааллиқоти он

**Ал-шароб** – мояи ошӯб.
**Ал-нард ва-л-шоҳид[3] ва-л-мизмар[4]** – сози он.
**Ал-шӯрбо ва-л-кабоб** – ағзияи[5] он.
**Ал-чаман ва-л-бӯстон** – мавзеи он.
**Ҳаҷар-ул-асвад[6] –** деги он
**Ал-заҳр** – шароби ношто.
**Ал-фориғ** – маст.
**Ал-озода** – сархуш.
**Ал-оҷиз** – махмур.
**Малакулмавт[7]** – соқии бориш.
**Қирон-ун-наҳсайн** – ду масти ришдор, ки якдигарро бӯсанд.
**Ал-ҷалид[8]** – ҳушёр дар миёни мастон.
**Ал-мазҳака** – маст дар миёни ҳушёрон.
**Ал-арбада** – намозе, ки дар маҷлиси мастон гузоранд.
**Ал-дӯзах** – маҷлиси ғалаба.
**Ал-қумош ва-л-ҳавой** – он чи дар мастӣ бахшанд ва дар ҳушёрӣ нарасонанд.
**Абуляъс** – паймонаи бебун.
**Ходим[9] – ул-лаззот** – рамазон.
**Лайлат-ул-қадр** – шаби ид.
**Ал-меҳнат[10]** – лиқои рақиб.

---

[1] Мазрӯот – зироаткардашудаҳо.
[2] Молик – хазинадори давлат.
[3] Шоҳид – маҳбуб, маъшуқ.
[4] Мизмар – асбоби мусиқӣ-най.
[5] Ағзия – ғизоҳо, хӯрокҳо.
[6] Ҳаҷар – ул – асвад – санги сиёҳ.
[7] Малакулмавт – фариштаи марг. Азроил.
[8] Ҷалид – шабнами ба барфу ях мубаддалшуда – қирав.
[9] Ходим – барҳамзананда.
[10] Меҳнат – азоб.

## Фасли ҳаштум
## Дар банг ва лавоҳиқи[1] он

**Ал-банг** – он чи сӯфиёнро дар ваҷд оварад.
**Ал-шатранҷ** – олати он.
**Ал-даф[2] ва-н-нор**[3] – сози он.
**Ал-кунҷ ва-л-офтобрӯй** – мавзеи[4] он.
**Ал-ҳариса ва-л-палов ва-л-ҳаловот** – ағзияи он.
**Ал-мурассаъ[5] ва-л-карим-ут-тарафайн** – он ки банг ва шароб бо ҳам хӯрад.

## Фасли нуҳум
## Дар кадхудоӣ[6] ва мулҳақоти он

**Ал-кингар[7]** – бангии хароб.
**Ал-муҷаррад** – он ки ба риши дунё хандад.
**Ал-ғӯл** – даллола.
**Ал-шақӣ[8]**– кадхудо.
**Зулқарнайн[9]** – он кӣ ду зан дорад.
**Ашқиюулашқиё[10]** – он ки бештар зан дорад.
**Ал-ботил** – умри кадхудоӣ.
**Ал-зоеъ** – рӯзгори ӯ.
**Ал-талаф** – моли ӯ .
**Ал-парешон** – хотири ӯ.
**Ат–талх** – айши ӯ.
**Ал-мотамсаро** – хонаи ӯ.
**Ал-кадхудоӣ** – шаб бӯйи нохуш, рӯз рӯйи туруш.
**Ал-шаҳват** – хонабарандози марду зан.

---
[1] Лавоҳиқ – иловаҳо, лоиқаҳо.
[2] Даф – доира.
[3] Нор – оташ.
[4] Мавзеъ – ҷой.
[5] Мурассаъ – чизи бо ҷавоҳирот оросташуда.
[6] Кадхудоӣ – хонадорӣ.
[7] Кингар – навозандаи кинг, ки навъе аз асбоби мусиқӣ аст.
[8] Шақӣ – бадбахт.
[9] Зулқарнайн – душоха.
[10] Ашқиюлашқиё – бадбахтарини бадбахтиҳо.

**Ал-бадбахт** – ҷавоне, ки зани пир дорад.
**Ал-даюс** – пире, ки зани ҷавон дорад.
**Ал-ишқ** – кори бекорон.
**Ал-мағбун**[1] – ошиқи бесим.
**Ал-мутавозеъ**[2] – муфлис.
**Ал-залил** – вомдор.[3]
**Мавт-ул-ҳозир** – эҳтиёҷ.
**Қувват-уз-заҳр**[4] – зару сим.
**Ҷабал-ул-уҳуд**[5] – бори шариат.

## Фасли даҳум
## Дар ҳақиқати мардон ва занон

**Ал-мудаббир**[1] – он ки харҷаш беш аз дахл бошад.
**Ал-хотун –** он ки маъшуқи бисёр дорад.
**Ал-кадбону** – он ки андак дорад.
**Ал-мастур** – он ки ба як ошиқ қонеъ бошад.
**Ал-риш** – дастовези мутафаккирон.
**Мах-ул-ҳимор**[6] – зулме, ки занон аз баҳри шавҳар созанд.
**Ал-қаввол**[7] – муқарраби мулук.[8]

# ТАЪРИФОТИ МУЛЛОДУПИЁЗА

**Ал-Худо** – хони яғмо.
**Ал-расул** – хайрхоҳи душманон
**Ал-фариштa** – чуғули махфӣ.
**Ал-подшоҳ** – комилзабон.
**Ал-мансабдор** – мабғузи[9] ҳама кас.

---

[1] Мағбун – ғабннок, зиёнрасида.
[2] Мутавозеъ – тавозуъкунанда.
[3] Вомдор – қарздор.
[4] Заҳр – пушт.
[5] Ҷабал-ул-уҳуд – номи кӯҳест дар Макка. Маҷозан ба маънои бори вазнин.
[6] Ҳимор – хар.
[7] Қаввол – даллол ва марди беғайрату беҳиммат.
[8] Муқарраби мулук – наздикнишини подшоҳон.
[9] Мабғуз – ба ғазаб гирифторшуда.

**Ал-вазир –** лаънатӣ.
**Ал-наввоб** – маҷмӯаи тағофул.
**Ал-сардор** –ресмони ҷорӯб.
**Ал-кӯтвол** – намунаи малакулмавт.
**Ал-қозӣ** – мех дар гил.
**Ал-муфтӣ** – бедин.
**Ал-мутаваллӣ** – хоснависи дафтари марг.
**Ал-вакил** – муҷтаҳиди[1] дурӯғ.
**Ал-махдумзода** – ҷадфурӯш.
**Ал-муфлис** – фӣ амониллоҳ.
**Ал-толибулилм** – гуруснаи азалӣ.
**Ал-тездав** – навкари бемоҳона.
**Ал-моҳиёнадор** – хоҳони кӯтоҳии умр.
**Ал-номаъқул** – навкари таъзимталаб.
**Ал-хонахароб** – он ки зани хуштабъ дар хона дорад.
**Ал-муҳтасиб[2]** – олати қозӣ, ки дар фармони ӯст.
**Ал-муҷовир[3]** – магаси беҳаё.
**Ал-зиёра** – баҳонагоҳи фисқ.
**Ал-донишманд** – хӯрҷини масоил.
**Ал – мири одил** – тарозуи бепалла.
**Ал-бадмуомала** – ошнои қозӣ.
**Ал-бозорӣ** – мусаннифи[4] дашном.
**Ал-тавозуъ** – аломати бухл.
**Ал-сипоҳӣ** – саргардон.
**Ал-мардона** – маргхоҳ.
**Ал-амрад** – раҳнамои шаҳват.
**Ал-имом** – куланги пешрав
**Ал-гӯшанишин** – муфтхӯр.
**Ал-сӯфӣ** – қотеъултариқ.
**Ал-баҳодур** – маргталаб.
**Ал-почасафед** – коҳиши ҷон.
**Ал-воқеанавис** – гурбаи мунтазири сӯрохи муш.

---

[1] Муҷтаҳид – ҷидду ҷаҳдкунанда.
[2] Муҳтасиб – баҳисобгиранда, мансабдори динӣ.
[3] Муҷовир – ҳамсоя.
[4] Мусанниф – муаллиф, таълифкунанда.

**Ал-мардак** – бо ҳама ҳаммашраб.
**Ал-табиб** – пайки аҷал.
**Ал-бемор** – тахтаи машқи ҳакимон.
**Ал-алайҳиллаъна** – ҳоҷӣ.
**Ал-алайҳиллаъната ва–л–азоб** – он ки ду бор ҳаҷ карда.
**Ал-иншоаллоҳ** – рӯзи марраи дурӯғгӯён.
**Ал-муаззин** – душмани хоб.
**Ал-бахил** – бо гадо ваъда.
**Ал-аҷойиб** – қаландари намозгузор.
**Ал-муллозода** – китобарзонфурӯш.
**Ал-авлод** – тасаллои дил ва озори ҷон.
**Ал-дарди сар** – саломи доим.
**Ал-бемаза** – таоруфи[1] бисёр
**Ал-саййид** – қабоҳатнофаҳм.
**Ал-мутафаккир** – танҳо.
**Ал-ҳавос**[2] – банди тунбон[3] ба даст.
**Ал-шоир** – дузди сухан.
**Ал-кӯкнорӣ** – зиндаи мурда.
**Ал-хуштабъ** – бемазҳаб.
**Ал-харгӯш** – лашкари маъзул.
**Ал-муаллим** – фосиқи муҳтарам.
**Ал-золим** – кардаву нокарда баробар.
**Ал-ҳамшаҳрӣ** – айбдони маврусӣ.
**Ал-қонунгӯй** – ҷуғули маврусӣ.
**Ал-хоназода** – бадзабон.
**Ал-марди молдор** – зани бесикоҳ.
**Ал-бегим** – фасодкор дар парда.
**Ал-ришват** – даруни дастори қозӣ.
**Ал-бангӣ** – восили саргардон
**Ал-дунёдор** – хари лагадзан.
**Ал-шайтон** – зани муҷаррад.
**Ал-каромат** – он ки бандад ва накушояд.
**Ал-муъҷиза** – он ки шатранҷ бинаду нагӯяд.

---
[1] Таоруф – такаллуф, хушомадгӯй, якдигарро шиносондан.
[2] Хавос – хосҳо.
[3] Тунбон – шалвор, пойҷома.

**Ал-русум**– гирифтории авлод.
**Ал-ноқобил** – мунокашаи мерос бо бародарон.
**Ҳуқуқ-ул-волидайн** – саранҷоми мотам.
**Ал-мардуд** – меҳмони баъд аз се рӯз.
**Ал-муртад** – бародар дар хонаи хоҳар.
**Ал-малул** – падар дар хонаи духтар.
**Ал-рӯсиёҳ** – қарздор.
**Ал-қаҳри Худо** – нописандии мардум.
**Ал-камёб** – ходими ародафаҳм.
**Ал-имон** – накди киса.
**Ал-музтар** – қарздор.
**Ал-акобир** – бангхорони махфӣ.
**Ал-ҷаллод** – соили тангдаст.
**Ал-лӯлӣ** – воҷибуттаъзим.
**Ал-ноқобил** – ҳасад.
**Ал-ҷаҳл–ул–мураккаб** – ду сӯфӣ дар як ҷо.
**Ал-ҳеч** – ҷавоби кори бад.
**Ал-фотиҳа** – олати гадоӣ.
**Ал-китоб** – роҳнамои фалокат.
**Ал-бисмиллоҳ** – яъне, агар серӣ, махӯр.
**Ассалому аллайк** – яъне бархезеду тавозӯъ кунед.
**Ал-мақбул** – боз мондани таом ба навкарон.
**Ал-заҳмат** – қарзи ҳамсоя.
**Ал-мунқатеъ** – умеди ато.
**Ал-хароб** – қаҷфаҳми дар «зараба, язрибу» машғул.
**Ал-рамазон** – ба умеди биҳишт дар дӯзах ғарқидан.
**Ал-ғуломи бовафо** – роздори бибӣ.
**Ал-саги ҷаҳаннамӣ** – пиёдаи қозӣ.
**Ал-ғусса** – забунбин.
**Ал-ҷиъато**[1] – оламгири беғайрат.
**Ал-тавба** – пуштибони гумраҳон.
**Ал-саъид** – он ки рӯйи муфтӣ надида.
**Ал-савганд** – нонхуриши дурӯғгӯён.
**Ал-субҳона раббика рабб-ил-изза** – тахаллуси ҳазрати Илоҳӣ.
**Ал-ҳукумат** – безорӣ аз ошноёни қадим.

---
[1] Ҷиъато – дурӯғгӯй.

**Ал-покдоман** – зане, ки як дӯст беш надорад.
**Ал-мухаббат**[1] – он ки худ байт хонад ва худ сар ҷунбонад.
**Ал-писархонда** – байзаи[2] бодӣ.
**Ал-фалокат** – натиҷаи илм.
**Ал-зардор** – беиштиҳо.
**Ал-марди хуб** – он ки корат бад-ӯ наяфтода.
**Ал-савдогар –** он ки худ дар сафар саргардон бошаду занаш дар хона дар кор.
**Ал-ростгӯ** – душмани ҳама кас.
**Ал-Азроил** – қозӣ бо бародарон.
**Ал-зуҳд** – пардаи лавандӣ.
**Ал-доғдор** – падари ба номи писар машҳур.
**Ал-мухаббат** – ибтидои хабт[3].
**Ал-ишқ** – ниҳояти хабт.
**Ал-шум** – он ки то хидматгузор ҳама аз ӯ розӣ набошанд.
**Ал-чиркин** – ходими маврусӣ.
**Ал-ёвагӯ** – хуштабъи сареҳ.
**Ал-кизб** – дар ҳар гуфтугӯ «биллоҳ».
**Ал-дин –** тақлиди мутақаддимин.
**Ал-қасам** – шоҳиди дурӯғ.
**Ал-мазҳака** – муфлиси бодоия.
**Ал-маъсум** – он ки ба дасти сартароши бад гирифтор гардад.
**Ал-сил ва-д-диқ** – ҳамнишини бад.
**Ал-хайёт** – он ки ҷома ба андоза надӯзад.
**Тавқ-ул-лаъна** – домоди ҳамеша дар хона.
**Ал-мулло** – малакулмавти атфол.
**Ал-рӯҳи равон** – сувории нек.
**Қобиз**[4] **– ул-арвоҳ** – дӯсти суханнофаҳм.
**Ал-кавдан**[5] – он ки шеър хонаду нависад ва мазмуну маънӣ надонад.
**Ал-наузубиллоҳ** – мадрасанишин.
**Ал-сер –** он чи нахӯрад.

---

[1] Мухаббат – тираақл.
[2] Байза – тухм.
[3] Хабт – осеб, зиён.
[4] Қобиз – қабзкунанда.
[5] Кавдан – гаранг, гӯл, нодон, кундзеҳн.

**Ал-хайр –** он чи набинад.
**Ал-шапуш** – накди ӯ.
**Ал-беҳамият** – он ки маъшуқа ба ҳама намояд.
**Ал-тамошохона** – маҷлиси мастон.
**Байт-ул-лутф** – маҷлиси дарси уламо.
**Ал-кибр** – давлатмандӣ.
**Ал-малолат** – бечизӣ
**Ал-нася – о**н чи вопас надиҳанд.
**Ал-ханоқ**[1] **–** меҳмони доимӣ.
**Ал-соҳиби мансаб** – дузди бошамшер.
**Ал-хомтамаъ** – он ки аз афюнӣ ёрӣ хоҳад.
**Ал-нузули**[2] **бало** – омадшуди носозгорон.
**Ал-мунофиқ** – мақбули тибоъ.[3]
**Ал-хоб –** айши бенавоён.
**Ал-ҳайвон** – ояндаи беҳангом.
**Ал-дуои хайр** – эҳсон арзон.
**Ал-тандурустӣ** – далели иффат.
**Ал-дӯст** – он ки мо гумони нек бар ӯ дорем.
**Ал-ворис** – мутасаллӣ.
**Ал-умед** – кашкӯли фуқаро.
**Ал-бадр** – унвоне, ки эҳтимоли ғасб[4] дорад.
**Ал-шабнам** – ашки чашми шаб.
**Ал-кадхудоӣ** – тадоруки[5] шохзанӣ ва шохдорӣ.
**Ал-забон** – дурандози пурманзил.
**Ал-қобилият** – хатои авфнопазир.
**Ал-чашм** – дарвозаи дил.
**Ал-лаклак** – видоъномаи зимистон
**Ал-муҷаллид**[6] – хайёти китоб.
**Ал-нодир** – зани маъқулгӯ.
**Ал-ғаробат**[7] – хайрхоҳӣ ва саногӯии дигарон.

---

[1] Ханоқ – хафакунандаи гулӯ.
[2] Нузул – фуромадан.
[3] Тибоъ – табъҳо, табиатҳо.
[4] Ғасб – бо зӯр гирифтан.
[5] Тадорук – тайёрӣ.
[6] Муҷаллид – ҷилдкунанда.
[7] Ғаробат – аҷибӣ.

# РИСОЛАИ САД ПАНД

Бар раъйи асҳоби назар ва фаросат арза меафтад, ки мутакаллими[1] ин ҳуруф (Убайди Зоконӣ)... ҳарчанд ки дар илм появу дар ҳунар моя надорад, аммо пайваста аз авони райъони зиндагонӣ ва унфувони ҷавонӣ ба мутолааи китоб ва сухани уламову ҳукамо ҳирсе ғолиб ва шаъафе комил дошт, то дар ин рӯзгор, ки таърихи ҳиҷрат ба ҳафтсаду панҷоҳ[2] расид, аз васияте ки султони ҳукамо (Афлотун) аз барои шогирди худ Аристотолис навиштааст, Хоҷа Насриддини Тусӣ[3] аз забони юнонӣ ба ибορати порсӣ тарҷума карда ва дар зайли «Ахлоқи носирӣ» сабт[4] гардонида, бо пандномае, ки подшоҳи олам Анӯшервон ибни Қубод фармуд, ки бар тоҷи мурассаъ навиштанд ва ҳар ҳафта онро бар самъи хавосу авом расонидандӣ, мутолаа афтод, хотирро ба он насоеҳ рағбате тамом пайдо шуд. Ҳавас боис гашт, ки ҳам бар он тартиб калимае чанд дарвешона аз шоибаи ғаразу риё холӣ ва аз оилаи такаллуфу тасаллуф орӣ дар қайди китоб оварад, то фоидаи он умуми халоиқро шомил гардад ва ин заифи пир ба воситаи он аз тараҳҳуми соҳибдиле баҳраманд шавад ва онро бар сад сухан ба охир расонид ва «Сад панд» ном ниҳод. Умед аст, ки ҳамгинонро аз ин калимоти панд ҳаззе тамом ҳосил ояд.

**Байт**

Агар шарбате боядат судманд,
Зи доӣ шунав нӯшдоруи панд.
Зи парвезани[5] маърифат бехта,
Ба шаҳди зарофат боромехта.

---

[1] Мутакаллим – такаллумкунанда, гӯянда.
[2] 750 ҳ. баробари 1349 – 50 м.
[3] Шоир, нависанда ва файласуфи асри Х11 – Х111.
[4] Сабт – қайд, навиштан.
[5] Парвезан – ғарбел.

1. Эй азизон, умр ғанимат шумаред.
2. Вақт аз даст надиҳед.
3. Айши имрӯз ба фардо маяндозед.
4. Рӯзи нек ба рӯзи бад надиҳед.
5. Подшоҳӣ ва неъмату ғанимат дар эминӣ ва тандурустӣ донед.
6. Ҳозири вақт бошед, ки умри дубора нахоҳад буд.
7. Ҳар кас, ки появу нисбати худро фаромӯш кунад, ба ёдаш маёред.
8. Бар мутакаббирону худписандон салом макунед!
9. Ҳар замон, ки на дар осоишу хушдилӣ гузарад, ба ҳисоби умр машуморед.
10. Мардуми хушбош, сабукрӯҳ, каримниҳод, қаландармизоҷро аз мо дуруд диҳед.
11. Тамаъ аз хайри касон бибурред, то ба риши ҷаҳониён тавонед хандид.
12. Гирди дари подшоҳон магардед ва атои эшон ба лиқои дарбонони эшон бахшед.
13. Ҷон фидои ёрони мувофиқ кунед.
14. Баракати умру рӯшноии чашму фараҳи дил дар мушоҳидаи рӯйи некӯ шиносед.
15. Абрударҳамкашидагону гиреҳдарпешониовардагон ва суханҳо баҷидгӯёну турушрӯёну каҷмизоҷон ва бахилону дурӯғгӯёну бададабонро лаънат кунед.
16. Хоҷагону бузургони бемурувватро ба риш тезед.
17. То тавонед, сухани ҳақ магӯед, то бар дилҳо гарон нашавед ва мардум бесабаб аз шумо наранҷанд.
18. Масхарагию қавводӣ ва дафзанию ғаммозӣ ва гувоҳӣ ба дурӯғ додан ва дин ба дунё фурӯхтан ва куфрони неъмат пеша созед, то пеши подшоҳону бузургон азиз бошед ва аз умр бархурдор шавед.
19. Сухани он зарроқи солус бовар макунед, то гумроҳ нашавед ва ба дӯзах наравед.
20. Дасти иродат дар домани риндони покбози ростгӯ занед, то растагор шавед.
21. Аз ҳамсоягии зоҳидон дурӣ ҷӯед, то ба коми дил тавонед зист.

22. Дар кӯчае, ки манора бошад, висоқ[1] мегиред, то нимашаб аз машғалаву дарди сари муаззинони бадовоз эмин бошед.
23. Бангиёнро ба луту ҳалво дарёбед.
24. Мастонро даст гиред.
25. Чандон ки ҳаёт боқист, аз ҳисоби меросхорагон худро хуш доред.
26. Муҷаррадӣ ва қаландариро мояи шодмонӣ ва асли зиндагонӣ донед.
27. Худро аз банди ному нанг бираҳонед, то озод тавонед зист.
28. Дар доми занон маяфтед, хоса бевагони куррадор.
29. . . . . . . . . . . . . . . . . . . . .
30. Духтари фақеҳону шайхон ва қозиёну авонон[2] махоҳед…, то гавҳари бад ба кор наёварад ва фарзандони гадову солус[3] ва музаввир[4] ва падарумодарозор аз эшон дар вуҷуд наёяд.
31. Духтари хатибро дар никоҳ маёваред, то ногоҳ харкурра назояд.
32. Аз танаъуми доягону ҳикмати қобила[5] ва ҳукумати ҳомилаю кал-кали гаҳвора ва саломи домод ва таклифи зану бачча тарсон бошед.
33. . . . . . . . . . . . . . . . . . .
34. Дар пирӣ аз зани ҷавон меҳрубонӣ чашм мадоред.
35. . . . . . . . . . . . . . . . . . .
36. . . . . . . . . . . . . . .
37.. . . . . . . . . . . . . . ..
38. Бар сари роҳҳо ба қомати баланди занон ва чодари муҳрзада ва сарбанди решадор аз роҳ маравед.
39. Моли ятимону ғуломон бар худ мубоҳ донед, то шуморо мубоҳии тамом тавон хонд.
40. Олати хоидан ва… як замон бекор мадоред.
41. . . . . . . . . . . . . . . .

---

[1] Висоқ – хона.
[2] Авонон – сарҳанги девони подшоҳ, золим, сахтгир ва ҷавркунанда.
[3] Солус – дурӯғгӯй, фиребгар, риёкор.
[4] Музаввир – тазвиркунанда, макру фиребкунанда.
[5] Ҳикмати қобила – тадбирҳои доя дар вақти таваллуд.

42. . . . . . . . . . . . . . . . . .
43. Таому шароб танҳо махӯред, ки ин шева кори қозиёну чуҳудон бошад.
44. . . . . . . . . . . . . . . . . . .
45. . . . . . . . . . . . . . . . . .
46……………………..
47. . . . . . . . . . . . . . . . . .
48. Шароб аз дасти соқиёни ришдор маситонед.
49. Дар хонаи марде, ки ду зан дорад, осоишу хушдилию баракат маталабед.
50. Аз хотуне, ки қиссаи «Вису Ромин» хонад ва амраде, ки бангу шароб хӯрад, мастурӣ ва …дурустӣ таваққуъ мадоред.
51.. . . . . . . . . . . . . . . .
52. Ҳокиме одил ва қозие, ки ришват наситонад ва зоҳиде, ки сухан ба риё нагӯяд ва ҳоҷибе[1], ки бодиёнат, ва … дуруст, соҳибдавлат дар ин рӯзгор маталабед.
53.. . . . . . . . . . . . . . . .
54. . . . . . . . . . . . . . . . .
55. . . . . . . . . . . .. . .. .
56. …………………..
57. Бар ваъдаи мастон, ишваи занакон ва аҳди қаҳбагон ва хушомад киса мадӯзед!
58. Бо устодону пешқадамон ва валиаҳдону махдумони худ ва касоне, ки шуморо… бошанд, тавозӯъ воҷиб шумаред, то обрӯ бар бод мадиҳед.
59. Аз дашноми гадоёну силии занон… ва забони шоирону масхарагон маранҷед.
60. . . . . . . . . . . . . . . . .
61. Ҳар даѓо, ки битавонед, дар нарду қимор бикунед, то муқомири[2] тамом гуфта шавед ва агар ҳариф сахт шавад, савганди сеталоқ бихӯред, ки савганд дар қимор шаръӣ набошад.
62. . . . . . . . . . . . . .

---

[1] Ҳоҷиб – пардадор.
[2] Муқомир – қиморбоз.

63. Мардуми бисёргӯю суханчин ва сифлаву маст ва мутрибони нохушовози заллабанд[1], ки таронаҳои сарди мукаррар гӯянд, дар маҷлис магузоред.
64. Аз маҷлиси арбада бигрезед.
65. . . . . . . . . . . . . . .
66. . . . . . . . . . . . .. .
67. . . .. . . . . . . .. . . .
68. …………………
69. …………………..
70.. . . . . . . . . . . . .
71. Шоҳидонро ба чарбзабонию хушомадгӯӣ аз роҳ бибаред.
72. Бар лаби ҷӯю канори ҳавз маст наравед, то … дар ҳавз наяфтед.
73. Бо шайхону навмолон ва фолгирону мурдашӯён ва кунгуразанону шатранҷбозону давлатхӯрдагон ва бозмондагони хонадонҳои қадим ва дигар фалакзадагон суҳбат мадоред.
74. Ростию инсоф аз бозориён маталабед.
75. Силию молиш аз ҳарифони ганда дареғ мадоред.
76. Аз тазвири қозиёну шанқасаи муғулон ва арбадаи кингону ҳарифии касоне, ки эшонро вакте… ва акнун даъвии забардастию қаттолӣ ва паҳлавонӣ кунанд ва забони шоирону макри занон ва чашми бади ҳосидону кинаи хешовандон эмин мабошед.
77. Аз фарзанде, ки фармон набарад ва зани носозгору хидматгори ҳуҷҷатгир ва чорпойи пиру коҳил ва дӯсти беманфиат бурхурдорӣ тамаъ медоред.
78. Бар пойи минбари воизони бевузӯ тез мадиҳед, ки уламои салаф ҷойиз надонистаанд.
79. Ҷавонӣ беҳ аз пирӣ, сиҳҳат беҳ аз беморӣ, тавонгарӣ беҳ аз дарвешӣ, ғарӣ беҳ аз қалтабонӣ, мастӣ беҳ аз махмурӣ, ҳушёрӣ беҳ аз девонагӣ донед.
80. Тавбакор машавед, то мафлуку мандабур ва бахткӯру гаронҷон машавед.

[1] Заллабанд – он кӣ пасмондаи таом захира кунад.

81. Ҳаҷ макунед, то ҳирс бар мизоҷи шумо ғалаба накунад ва беимону бемурувват нагардед.
82. Роҳи хонаи маъшуқ ба мардум манамоед.
83.. . . . . . . . . . . . . .
84. Аз даюсӣ ор мадоред, то рӯз беғаму шаб бефикр тавонед зист.
85. . . . . . . . . . . . . . .
86. Дар моҳи рамазон шароб дар баробари мардум махӯред, то мункири шумо нашаванд.
87. . . . . . . . . . . . . . .
88. . . . . . . . . . . . . . .
89. Дар ростию вафодорӣ муболаға макунед, то ба қуланҷу дигар амроз мубтало нашавед.
90. Бар банги сабоҳӣ ва шароби сабуҳӣ мулозамат воҷиб шуморед, то давлат рӯй ба шумо орад, ки фисқ дар ҳама ҷо юмне азим дорад.
91……………………………………..
92. Дар шаробхонаву қиморхона ва маҷлиси кингону мутрибон худро ба ҷавонмардӣ машҳур макунед, то рӯйи ҳар чиз ба шумо накунанд.
93. Аз навкисагон вом наситонед.
94. Аз миннати хешон ва суфраи хасисон ва гиреҳи пешонии хизматгорон ва носозгории аҳли хона ва тақозои қарзхоҳон гурезон бошед.
95. Ба ҳар ҳол аз марг бипарҳезед, ки аз қадим маргро макрӯҳ доштаанд.
96. Худро то зарурат набошад, дар чоҳ маяфканед, то сару пой маҷрӯҳ нашавад.
97. Калимоти шайхону бангиён дар гӯш магиред, ки гуфтаанд:

**Байт**

Ҳар маърифате, ки марди бангӣ гӯяд,
Бар… харе навису дар…кун!

98……………………………………………………….

99. Ҳазл хор мадоред ва дар ҳаззолон ба чашми ҳақорат мангаред.

100. Зинҳор, ки ин калимот гуфта шуд, ба самъи ризо дар гӯш гиред, ки каломи бузургон аст ва бад-он кор бандед.

Он чи мо донистаему аз устодон шунида ва аз бузургони асри худ мушоҳида карда, ин аст, ки аз роҳи шафқату мусалмонӣ дар ин мухтасар ёд кардем, то мустаиддон ва некбахтон бад-он кор кунанд ва аз фавоиду манофеи он баҳраманд шаванду моро ба дуои хайр ёд кунанд.

**Байт**

Насиҳат некбахтон ёд гиранд,
Ҳакимон панди дарвешон пазиранд.

Ҳақтаоло дарҳои хайру саодат ва амну сиҳҳат бар ҳамагон кушода дорад.

# АСАРҲОИ МАНЗУМ

## ҒАЗАЛИЁТ

Бикушт ғамзаи он шӯх бегуноҳ маро,
Фиканд себи занахдони ӯ ба чоҳ маро.
Ғуломи ҳиндуи холаш шудам, надонистам,
К-асири хеш кунад зангии сиёҳ маро.
Дилам ба ҷою димоғам салим буд, вале
Зи роҳи рафтани ӯ дил бишуд зи роҳ маро.
Ҳазор бор фитодам ба доми дидаву дил,
Ҳанӯз ҳеч намебошад интибоҳ[1] маро.
Зи меҳри ӯ натавонам, ки рӯй бартобам,
Зи хоки гӯр агар бардамад гиёҳ маро.
Зи шавқи ӯ чу бимирам, зи нав шавам зинда,
Агар ба чашми иноят кунад нигоҳ маро.
Убайд, аз карами ёр бармадор умед,
Ки лутфи шомили ӯ бас умедгоҳ маро.

* * *

Зи ҳад гузашт ҷудоӣ, зи ҳад гузашт ҷафо,
Биё, ки мавсими айш асту оштию сафо.
Лабат ба хуни дили ошиқон хате овард,
Ғубор чист дигарбора дар миёнаи мо?
Маро ду чашми ту андохт дар балои сиёҳ
Вагарна ман киву мастию ошиқӣ зи куҷо?
Куҷо касе, ки аз он чашми турк вопурсад,
Ки ақлу ҳуши ҷаҳоне чаро кунӣ яғмо?
Зи зулфу холи ту дилро халос мумкин нест,
Ки зангиёни сиёҳаш намекунанд раҳо.
Дилам зи ҷаъди ту савдоиву парешон аст,
Бале, ҳамеша парешонӣ оварад савдо.
Убайд васфи миёну лаби ту мегӯяд,
Бибин, ки фикр чӣ борику нозук аст ӯро.

[1] Интибоҳ – бедорӣ.

* * *

Шӯрида кард шеваи он нозанин маро,
Ишқаш халос дод зи дунёву дин маро.
Ғам ҳамнишини ман шуду ман ҳамнишини ғам,
То худ чиҳо расад зи чунин ҳамнишин маро.
З-ин сон, ки оташи дили ман шуъла мезанад,
То кай бисӯзад ин нафаси оташин маро?
Эй дӯстон, намедиҳад он зулфи беқарор,
То як замон қарор бувад бар замин, маро.
Аз дур дидамаш, хирадам гуфт: дур аз ӯ
Девона мекунад хиради дурбин маро.
Гар соя бар сарам фиканад зулфи ӯ даме,
Хуршед банда гардаду маҳ хӯшачин маро.
То чун Убайд бар сари кӯяш муҷовирам,
Ҳеч илтифот нест ба хулди барин[1] маро.

* * *

Дар мо ба ноз менигарад дилрабои мо,
Бегонавор мегузарад ошнои мо.
Бе ҷурм дӯст пой зи мо даркашида боз,
То худ чӣ гуфт душмани мо дар қафои мо.
Бо ҳеч кас ҳикояти ҷавраш намекунам,
Тарсам, ба гуфтугӯ кашад ин моҷарои мо.
Мо дил ба дарди ҳаҷри зарурӣ ниҳодаем,
Зеро ки фориғ аст табиб аз давои мо.
Ҳар дам зи шавқи ҳалқаи занҷири зулфи ӯ
Девона мешавад дили ошуфтаройи мо.
Бар кӯҳ агар гузар кунад ин оҳи оташин,
Бешак, бисӯзадаш дили сангин барои мо.
Шояд, ки хуни дида бирезӣ, Убайд, аз он-к
Ӯ мекунад ҳамеша харобӣ ба ҷойи мо.

[1] Хулди барин – ҷаннат.

* * *

Эй хату холи хушат мояи савдои мо,
Эй нафасе васли ту асли таманнои[1] мо.
Чунки қадам мениҳад шавқи ту дар мулки ҷон,
Сабр бурун меҷаҳад аз дили шайдои мо.
Чатри ҳумоюни ишқ соя чу бар мо фиканд,
Роҳи ҳазимат[2] гирифт ақли тунукрои мо
Аз рухи зебои хеш қиблагаҳи омро
Қиблаи дигар ниҳод дилбари тарсои мо.
Мардуми лӯливашем, мо киву масҷид кадом?
Роҳи харобот пурс, гар талабӣ ҷои мо.
Сӯфии афсурдаро заҳмати мо, гӯ, мадеҳ,
Рав туву меҳроби ту, мову чалипои мо[3]
Ратли[4] гаронро зи даст то наниҳӣ, эй Убайд,
З-он ки давон меравад умри сабукпои мо.

* * *

Мекунад силсилаи зулфи ту девона маро,
Мекашад наргиси масти ту ба майхона маро.
Мутаҳаййир шудаам, то ғами ишқат ногоҳ
Аз куҷо ёфт дар ин гӯшаи вайрона маро.
Ҳаваси дурри буногӯши ту дорад дили ман,
Қатраи ашк аз он аст чу дурдона маро.
Давлате ёбам агар дар назари шамъи рухат,
Куштаву сӯхта ёбанд чу парвона маро.
Дарди сар медиҳад ин воизу мепиндорад,
К-илтифот аст бад-он беҳуда афсона маро.
Чора он аст, ки девонагие пеш орам,
То фаромӯш кунад воизи фарзона маро.
Аз майи меҳри ту то маст шудам ҳамчу Убайд,
Нест дигар ҳаваси соғару паймона маро.

[1] Таманно – талаб ва орзу.
[2] Роҳи ҳазимат – нияти гурехтан.
[3] Чалипо – салиб.
[4] Ратл – қадаҳ.

* * *

Мезанад ғамзаи мардафкани ӯ тир маро,
Дӯстон, чист дар ин воқиа тадбир маро?
Мани девона на онам, ки насиҳат шунавам,
Панди пирона мадеҳ, гӯ, падари пир, маро.
Манаму нолаи шабгир, бад-ин сон ки манам,
Кай ба фарёд расад нолаи шабгир маро?
Санамо, ишқи ту бо ҷон бадар ояд ночор,
Чун фурӯ рафт ғами ишқи ту бо шир маро.
Гар на занҷири сари зулфи ту бошад як дам,
Натавон дошт дар ин шаҳр ба занҷир маро.
Ҳалқаи зулфи ту дар хоб намуданд ба ман,
Чуз парешонӣ аз он хоб чӣ таъбир маро?
Даркашидам зи ҷаҳон рӯй, валекин чу Убайд
Кард расвои ҷаҳон шеъри ҷаҳонгир маро.

* * *

Кард фориғ гули рӯят зи гулистон моро,
Куфри зулфи ту баровард зи имон моро.
То хаёли қаду болои ту дар дил бигузашт,
Хотир озод шуд аз сарви хиромон моро.
Мо, ки дар ишқи ту ошуфтаву шӯрида шудем,
Мекунад халқаи зулфи ту парешон моро.
То ба домони висолат нарасад дасти умед,
Даст кӯтаҳ накунад ашк зи домон моро.
Дар раҳи Каъбаи васли ту зи по наншинем,
Гарчи дар по шиканад хори мағелон моро.
Эй Убайд, аз пайи дил чанд тавон рафт, охир,
Кард савдои ту бас бесару сомон моро.

* * *

Дило, бо муғон ошноӣ талаб!
Зи пири муғон рӯшноӣ талаб!
Ба кунҷи қаноат гарат роҳ нест,
Зи девонагон раҳнамоӣ талаб!
Ва гар авҷи қудсат кунад орзу,
Зи доми табиат раҳоӣ талаб!

Агар орифӣ, роҳи майхона гир!
В-агар аблаҳӣ, порсоӣ талаб!
Давои дили хаста аз дард ҷӯй,
Навои худ аз бенавоӣ талаб!
Агар сад раҳат бишканад рӯзгор,
Макун аз хасон мумиёӣ талаб!
Убайд, ар гадоӣ, ғанимат шумор,
В-агар подшоҳӣ, гадоӣ талаб!

* * *

Дорам буте ба чеҳраи сад моҳу офтоб,
Нозуктар аз гули тару хушбӯтар аз гулоб.
Раънотар аз шамоили насрин миёни боғ,
Нозандатар зи сарви сиҳӣ бар канори об.
Дар тоби ҳайрат аз рухи ӯ дар чаман суман,
Дар хӯи хиҷлат аз лаби ӯ дар қадаҳ шароб.
Хуршед дар ниқоби хиҷолат ниҳон шавад,
Аз рӯйи ҷонфизош агар барфитад ниқоб...
Фарёд аз он ду сунбули мушкини тобдор!
Зинҳор аз он ду наргиси ҷодуи нимхоб!
Ҳар гаҳ, ки зонуе занаду бодае хурад,
Ман ҷон ба бод бардиҳам он лаҳза чун ҳубоб.
Рӯзе, ки бо ман аст, ман он рӯз чун Убайд
Аз айш баҳрамандаму аз умр комёб.

* * *

Лутфи ту аз ҳад бурун, ҳусни ту бемунтаҳост,
Неши ту нӯши равон, дарди ту дармони мост.
Ишқи ту бар тахти дил ҳокими кишваркушой,
Меҳри ту бар мулки ҷон воливу фармонравост.
Партави рухсори ту мояи меҳри мунир,
Турраи пурчини ту сояи лутфи Худост.
Наргиси фаттони ту луъбати мардумфиреб,
Ғамзаи ғаммози ту ҷодуи муъҷизнамост.

Аз ту ҳама саркашӣ в-аз тарафи мо ҳанӯз
Рӯйи амал бар замин, дасти тамаъ бар дуост.
Гар кушадат, эй Убайд, сар бинеҳу дам мазан,
Одати хубон ситам, чораи ошиқ ризост.

* * *

Хушо касе, ки зи ишқаш даме раҳоӣ нест,
Ғамаш зи риндию майлаш ба порсоӣ нест.
Дили рамидаи шӯридагони расвоӣ
Шикастаест, ки дар банди мӯмиёӣ нест.
Зи фикри дунйию уқбо фароғате дорад
Худошинос, ки бо халқаш ошноӣ нест.
Ғуломи ҳиммати дарвеши қонеам, к-ӯро
Сари бузургию савдои подшоӣ нест.
Муроди худ маталаб ҳар замон зи ҳазрати Ҳақ,
Ки бар дари карамаш ҳоҷати гадоӣ нест.
Ба кунҷи узлат аз он рӯй гаштаам хурсанд,
Ки дигарам ҳаваси суҳбати риёӣ нест.
Қаландарест муҷаррад Убайди Зоконӣ,
Ҳарифи хоҷагию марди кадхудое нест.

* * *

Ҷафо макун, ки ҷафо расми дилрабоӣ нест!
Ҷудо машав, ки маро тоқати ҷудоӣ нест!
Мудом оташи шавқи ту дар даруни ман аст,
Чунон ки як дам аз он оташам раҳоӣ нест.
Вафо намудану баргаштану ҷафо кардан
Тариқи ёриву оини дилрабоӣ нест.
Зи акси чеҳраи худ чашми мо мунаввар кун,
Ки дидаро ҷуз аз он ваҷҳ рӯшноӣ нест.
Ман аз ту бӯса таманно куҷо тавонам кард,
Чу гирди кӯи туам захраи гадоӣ нест.
Ба саъй давлати васлат намешавад ҳосил,
Муҳаққақ аст, ки давлат ба ҷуз атое нест.
Убайд, пеши касоне, ки ишқ меварзанд,
Шаби висол кам аз рӯзи подшоӣ нест.

* * *

Дилдодаро зи тири маломат газанд нест,
Девонаро тариқаи оқил писанд нест.
Аз дарди мо чӣ фикру зи аҳволи мо чӣ бок,
Ӯро, ки дил муқайяду по дар каманд нест.
Фарҳодро, ки бо лаби Ширин тааллуқ аст,
Рағбат ба нӯшдоруву ҳоҷат ба қанд нест.
Он ҷо, ки оташи ғами дилдор шуъла зад,
Ҷон барфишон ба завқ, ки ҷойи сипанд нест.
Мангар бад-ӯ, ки бо қади шӯхе назар набохт
К-ӯ пастҳиммастест, ки бахташ баланд нест.
Чолокӣ аст мояи мардию ошиқӣ,
Ин шева кори муддаиёни лаванд нест.
Бас кун, Убайд, бо дили саргашта доварӣ[1].
Бечораро насиҳати мо судманд нест.

* * *

Моро зи шавқи ёр ба ғайр илтифот нест,
Парвои ҷони хешу сари коинот нест.
Аз пеши ёр агар нафасе дур мешавам,
Ҳар дам, ки мезанам, зи ҳисоби ҳаёт нест.
Дар ошиқӣ хамӯшиву дар хаҷр собирӣ,
Ин худ ҳикоятест, ки дар мумкинот нест.
Риндӣ гузин, ки шеваи номусу рангу бӯ
Ғайр аз хаёли ботилу ҷуз турраҳот нест.
Бигзор, ҳар чӣ дорию бигзар, ки мардро
Ҷуз тарки тӯша тӯшаи роҳи наҷот нест.
Аз худ талаб, ки ҳар чӣ талаб мекунӣ зи ёр,
Дар тангнои Каъбаву дар Суминот[2] нест.
Дарюза[3] кардам аз лаби дилдор бӯсае,
Гуфто: Бирав, Убайд, ки вақти закот нест.

---

[1] Доварӣ – додхоҳӣ – шикоят, талаби адолат.
[2] Суминот – ибодатгоҳи будой дар Ҳиндустон.
[3] Дарюза – гадой, талаб.

* * *

Турки сармастам, ки соғар мегирифт,
Оламе дар шӯру дар шар мегирифт.
Акси хуршеди ҷамолаш дар ҷаҳон
Шуъла мезад, ҳафт кишвар мегирифт.
Чун сабо бар чини зулфаш мегузашт,
Бӯстон дар мушку анбар мегирифт.
Ҳар даме аз оҳи дудосои ман
Оташе дар уду миҷмар мегирифт.
Бӯсае з-ӯ дил талаб мекард, лек
Ин сухан бо ӯ куҷо дармегирифт.
Қиссаи дардаш Убайд аз сӯзи дил
Ҳар замон мегуфту аз сар мегирифт.

* * *

Рамид сабру дил аз ман, чу дилнавоз бирафт,
Чӣ чора созам аз ин пас, чу чорасоз бирафт.
Савор гаштаву амдан[1] гирифта боз ба даст,
Намуда рӯй ба бечорагону боз бирафт.
Ба гиря чашмаи чашмам бирехт чандон хун,
Ки куҳнахирқаи солусам аз намоз бирафт.
Ҷуз аз хаёли қаду зулфи ёру қиссаи шавқ,
Дигар зи хотирам андешаи дароз бирафт.
Зи манъи халқ аз ин пеш муҳтариз[2] будам,
Кунун ҳадиси ман аз ҳадди эҳтироз бирафт.
Дареғу дард, ки дар ҳаҷри ёру ғуссаи даҳр
Бирафт умру ҳақиқат, ки бар маҷоз бирафт.
Убайд, чун ҷарасат нола суд менакунад,
Чу корвони ҷарас ҷумла беҷавоз бирафт.

* * *

Сиёҳҷурда бутамро намак зи ҳад бигзашт,
Итоби ӯ чу ҷафои фалак зи ҳад бигзашт.

---

[1] Амдан – қасдан.
[2] Муҳтариз – эҳтирозкунанда, парҳезкунанда, худро нигоҳдоранда.

Латофати лабу дандону мастии чашмаш
Чу майпарастии мо як ба як зи ҳад бигзашт.
Ба лоба[1] гуфт, ки аз ҳад гузашт ҷаври рақиб,
Ба танз гуфт, ки бе ҳеч шак зи ҳад бигзашт.
Бинӯш бодаи софӣ зи дасти дилбари хеш,
Ки бевафоии чархи фалак зи ҳад бигзашт.
Убайдро дили сангинаш имтиҳон карданд,
Иёри[2] дӯстияш бар маҳак зи ҳад бигзашт.

* * *

Зи сунбуле, ки узорат бар арғувон андохт,
Маро ба бехудӣ овоза дар ҷаҳон андохт.
Зи шарҳи зулфи ту мӯе ҳанӯз ногуфта,
Дилам ҳазор гиреҳ дар сари забон андохт.
Даҳони ту сифате аз заифиям мегуфт,
Маро зи ҳастии худ нек дар гумон андохт.
Камони абруи пайваста мекашӣ то гӯш,
Бад-он умед, ки сайде куҷо тавон андохт.
Зи дилфиребии мӯят сухан дароз кашид,
Лаби ту нуктаи борик дар миён андохт.
Зи сирри ишқ ҳар он–ч аз Убайд пинҳон буд,
Сиришк ҷумла дар афвоҳи мардумон андохт.

* * *

Маро зи васли ту ҳосил ба ҷуз таманно нест,
Хаёли зулфи ту бастан хилофи савдо нест.
Вафо зи аҳди ту меҷуст дӯш хотири ман,
Ҷавоб дод, ки худ ин матоъ бо мо нест.
Басе бигуфтамат, эй дӯст, ҳаст ройи манат?
Даҳон зи шарм фурӯ бастаӣ, ҳамоно нест?
Ҳазор бӯса зи лаб ваъда кардаиву яке
Намедиҳию маро заҳраи тақозо нест.
Чу давр даври рухи туст, хотире дарёб,
Ки кори булъаҷабиҳои чарх пайдо нест.

[1] Лоба – зорию тавалло.
[2] Иёр – зари тоза.

Зи меҳмони хаёлат чу шармсорам аз он–к
Ҷуз оби чашму кабоби ҷигар муҳайё нест.
Ба таъна гуфтӣ, к-аз мо дареғ дорӣ ҷон,
Магӯ, магӯй, Худоро, Убайд аз онҳо нест.

* * *

Дигар бурун шуданам з-ин диёр мумкин нест,
Дигар азиматам аз кӯи ёр мумкин нест.
Маро аз он лаби ширину зулфу орази ӯ
Шикебу тоқату сабру қарор мумкин нест.
Дило, бикӯш, магар доманаш ба чанг орӣ,
Ки васл бе талабу интизор мумкин нест.
Ман ин ки ишқ наварзам, маро ба сар наравад,
Ман ин ки май нахӯрам дар баҳор, мумкин нест.
Аз он диёр, ки моем, ҳолиё з-он ҷо
Мусофирони саборо гузор мумкин нест.
Убайд ҳам ғазале гоҳ-гоҳ агар битвон,
Бигӯ, ки хуштар аз ин ёдгор мумкин нест.

* * *

Ҷоно, биё, ки бе ту диламро қарор нест,
Бешам маҷоли сабру сари интизор нест.
Девона инчунин, ки манам дар балои ишқ,
Дил офият нахоҳаду ақлам ба кор нест.
Гар хонданат мурод ва гар рондан орзуст,
Он кун, ки ройи туст, маро ихтиёр нест.
Моро ҳамин бас аст, ки дорем дарди ишқ,
Мақсуди мо зи васли ту бӯсу канор нест.
Эй дил, ҳамеша ошиқу ҳамвора маст бош,
К-он кас, ки масти ишқ нашуд, ҳушёр нест.
Бо ишқ ҳамнишин шаву аз ақл баршикан,
К-ӯро ба пеши аҳли назар эътибор нест.
Ҳар қавмро тариқаву роҳеву қиблаест,
Пеши Убайд қибла ба ҷуз кӯи ёр нест.

* * *

Ҳосил зи зиндагонии мо ҷуз вабол нест
В-аз рӯзгор баҳра ба ғайр аз малол нест.
Нақши се-шаш[1] талаб макун аз каъбатайни[2] даҳр,
К-ин нақши панҷрӯза бурун аз хаёл нест.
Чун мансаби бузургиву чун ҷоҳу мулку мол
Бе васмати тазалзулу айбу завол нест.
Хуш хотире, ки мансабу ҷоҳ орзу накард,
Хуррам диле, ки дар талаби мулку мол нест.
Аз хони мумсикон маталаб тӯшаи ҳаёт,
К-он луқма пеши аҳли тариқат[3] ҳалол нест.
Дар вазъи рӯзгор назар кун ба чашми ақл,
Аҳволи кас мапурс, ки ҷойи суол нест!
Чун зулфи тобдодаи хубон дар ин диёр
Ҳар ҷо, ки саркашест, ба ҷуз поймол нест.
Дар мавҷи фитнае, ки халоиқ фитодаанд,
Фарёдрас ба ҷуз карами зулҷалол[4] нест.
Аз ғам чунон пур аст дили мо, ки баъд аз ин
Дар вай ба ҳеч гуна тарабро маҷол нест.
Ҷонам фидои хотири соҳибдиле, ки гуфт:
Шероз ҷойи мардуми соҳибкамол нест.
Дарвешию ғарибию заҳмат зи ҳад гузашт,
З-ин беш, эй Убайд, маро эҳтимол нест.

* * *

Ҳаргиз дилам зи кӯи ту ҷойи дигар нарафт,
Як дам хаёли рӯйи туам аз назар нарафт,
Ҷон рафту иштиёқи ту аз ҷон бадар нашуд,
Сар рафту орзуи ту аз сар бадар нарафт.
Ҳар, к-ӯ қатили ишқ нашуд, чун ба хок рафт?
Ҳам бехабар биёмаду ҳам бехабар нарафт.

---

[1] Се-шаш – холҳои рӯйи мухраи мукааби бозии нард. Киноя аз чиз, ҷоҳ, мансаб, орзуҳои дунёӣ.
[2] Каъбатайн – санги мукаъъаби бозии нард. Каъбатайни даҳр. Ин ҷо киноя аз бозию найрангҳои дунёвӣ аст.
[3] Аҳли тариқат – сӯфиён, аҳли тасаввуф. Тариқат – роҳу равиш.
[4] Зулҷалол – бузургвор, азим.

Дар кӯи ишқ бесару пое нишон кӣ дод,
К-ӯ хастадил наёмаду хунинҷигар нарафт.
Умрам бирафт дар талаби васлу оқибат
Коме наёфт хотиру коре ба сар нарафт.
Шӯре фитод аз ту дар офоқу кас намонд,
К-ӯ чун Убайд дар сари ин шӯру шар нарафт.

* * *

Дар хона то қаробаи[1] мо пуршароб нест,
Моро қарору роҳату орому хоб нест.
Дар хилвате, ки бодаву соқию шоҳид аст,
Ҳоҷат ба чангу барбату ною рубоб нест.
Хуш кун ба бода вақти ҳарифон, ки пеши мо
Умре, ки хуш намегузарад, дар ҳисоб нест.
Инак шароб, агар ҳавасат мекунад вузӯ,
Дар офтоба кун, ки дар ин хона об нест.
Моро, ки мулки фақру қаноат мусаллам аст,
Ҳоҷат ба ҷуди[2] хусрави моликриқоб[3] нест.
Ҳамчун Убайд хонаи ҳастӣ хароб кун,
Зеро ки ҷойи ганҷ ба ҷуз дар хароб нест.

* * *

Диле, ки бастаи занҷири зулфи ёре нест,
Ба пеши аҳли назар ҳечаш эътиборе нест.
Саре, ки нест дар ӯ коргоҳи савдое,
Ба корхонаи айшаш сареву коре нест.
Зи ақл баршикану завқи бехудӣ дарёб,
Ки пеши зиндадилон ақл дар шуморе нест.
Маломати мани мискин макун, ки дар раҳи ишқ
Ба дасти ошиқи бечора ихтиёре нест.
Дигар магӯй, ки ҳар баҳрро каноре ҳаст,
Аз он ки баҳри ғами ишқро каноре нест.

---

[1] Қароба – сурохӣ, обгина.
[2] Ҷуд – саховат.
[3] Моликриқоб – ғуломдор.

Зи шавқи зулфи бутон беқарору саргардон
Манам, ки мисли ман ошуфтарӯзгоре нест.
Агар зи мастию риндӣ Убайдро орест,
Маро аз ин ду сифат ҳеч айбу оре нест.

* * *

Беш аз ин барги[1] фироқи рухи ҷононам нест,
Беш аз ин қуввати сарпанҷаи ҳиҷронам нест.
Кардаам азми сафар, бу[2], ки муяссар гардад,
Мекунам фикру ҷуз ин чораву дармонам нест.
Рӯй дар Каъбаи ҷон карда, ба сар мепӯям[3],
Ғаме аз бодияву хори мағелонам нест.
Сел, гӯ, роҳ бар ӯ банд ба хунобӣ сиришк,
Ғарқи тӯфон шуда, андешаи боронам нест.
Сар агар меравад аз даст, биҳил, то биравад,
Сари савдои сари бесару сомонам нест.
Ҳасрати дидани ёрон ҷигарам сӯхт, Убайд,
Беш аз ин тоқати нодидани ёронам нест.

* * *

Сар нахонем, ки савдозадаи мӯе нест,
Одамӣ нест, ки маҷнуни парирӯе нест.
Ҳаргиз аз банди ғам озод нагардад он дил,
Ки гирифтори каманди сари гесӯе нест.
Қиблаам рӯйи бутон асту ватан – кӯи муғон,
Аҷаб аз муътакифи[4] гӯшаи абрӯе нест.
Метавон домани васлат ба каф овард, вале
Эй дареғо, ки маро қуввати бозуе нест.
Ҳар мараз доруву ҳар дард иloҷе дорад,
Захми тири мижаро марҳаму доруе нест.
Сари мӯе натавон ёфт дар аъзои Убайд,
Ки дар ӯ новаке[5] аз ғамзаи ҷодуе нест.

---

[1] Барг – қувват, тоб, тоқат .
[2] Бу – бошад.
[3] Пӯидан – бо тадриҷ давидан.
[4] Муътакиф – гӯшанишин, танҳонишин.
[5] Новак – тир.

* * *

На беҳ зи шеваи мастон тариқу роҳе ҳаст,
На беҳ зи кӯи муғон гӯшаеву ҷое ҳаст.
Дилам ба майкада з–он мекашад, ки риндонро
Кудурате наву бо якдигар сафое ҳаст.
Зи кунҷи савмаа[1] аз баҳри он гурезонам,
Ки дар ҳаволии он бурё риёҳе ҳаст.
Гарат ба дайри муғон раҳ диҳанд, аз он магзар,
Қадам бинеҳ, ки дар он кӯча ошное ҳаст.
Фароғат аз дили дарвеш ҷӯ, ки мустағнист
Зи ҳар куҷо, ки амиреву подшоҳе ҳаст.
Ба айш кӯшу мапиндор ҳамчу ноаҳлон,
Ки умрро ивазу вақтро қазое ҳаст.

* * *

Дӯшам ғами ту мулки сувайдо[2] гирифта буд,
Дудам зи сина роҳи Сурайё[3] гирифта буд.
Ҷонро зи рӯйи лаъли ту дар танг омада,
Дилро зи шавқи зулфи ту савдо гирифта буд.
Медид шамъ дар ману месӯхт то ба рӯз,
З-он оташе, ки дар мани шайдо гирифта буд.
Аз дидаам хаёли ту маҳрум гашт боз,
К-атрофи хонааш ҳама дарё гирифта буд.
Мехост хуррамӣ, ки кунад дар дилам ватан,
То ӯ расид, лашкари ғам ҷо гирифта буд.
Сабр аз барам рамиду маро беқарор кард,
Гӯӣ магар, ки хотираш аз мо гирифта буд.
Мискин Убайдро ғами ишқат бикушт, аз он, к–
Ӯро ғариб дидаву танҳо гирифта буд.

[1] Савмаа – ибодатхонаи тарсоён, ҳуҷраи ибодати зоҳидон.
[2] Сувайдо – нуқтаи сиёҳе, ки гӯё дар маркази дил будааст, маркази дил.
[3] Сурайё – гурӯҳи ситораи Парвин, ки аз шаш ситора иборат аст.

* * *

Зи ман мапурс, ки бар ман чӣ ҳол мегузарад,
Чу рӯзи васли туам дар хаёл мегузарад.
Ҷаҳон баробари чашмам сиёҳ мегардад,
Чу дар замири ман он зулфу хол мегузарад.
Агар ҳалоки худам орзуст, манъ макун,
Маро, ки умр чунин дар малол мегузарад.
Хаёли меҳри ту дар чашми ҳар сиҳисарвест,
Ки дар ҳаволияш[1] оби зулол мегузарад.
Зи бӯйи зулфи туам рӯҳ тоза мегардад,
Сапедадам, ки насими шамол мегузарад.
Ману висоли ту, он фикру орзу, ҳайҳот,
Ки бар димоғ чӣ фикри муҳол мегузарад.
Ғулому чокари рӯйи чу моҳи туст Убайд
В-аз ин ҳадис басе моҳу сол мегузарад.

* * *

Дардо, ки дарди мо ба давое намерасад
В-ин кори мо ба баргу навое[2] намерасад.
Дар корвони ғам чу ҷарас нола мекунам,
Дар гӯши мо чу бонги дарое[3] намерасад.
Роҳе, ки меравем, ба поён намебарем,
Ҷаҳде, ки мекунем, ба ҷое намерасад.
Ин пойи хаста ҷуз раҳи ҳирмон намеравад
В-ин дасти баста ҷуз ба дуое намерасад.
Бар мо зи ишқи қомату болош як нафас
Мумкин намешавад, ки балое намерасад.
Ҳаргиз даме ба гӯши гадоёни кӯи ишқ
Аз хони подшоҳ салое намерасад.
Гуфтам: – Гадои кӯи туам. Гуфт, к-эй Убайд,
Султоние чунин ба гадое намерасад.

---

[1] Ҳаволӣ – гирдогирди чизе.
[2] Баргу наво – ризқу рӯзӣ.
[3] Дарой – зангула.

* * *

Насими хоки Мусаллову оби Рукнобод[1]
Ғарибро ватани хеш мебарад аз ёд.
Зиҳӣ ҳуҷистамақомеву ҷонфизо мулке,
Ки бод хиттаи олӣ-ш то абад обод.
Ба ҳар тараф, ки равӣ, нағма мекунад булбул.
Ба ҳар чаман, ки расӣ,ҷилва мекунад шамшод.
Ба ҳар кӣ дарнигарӣ, шоҳидест чун Ширин,
Ба ҳар кӣ даргузарӣ, ошиқест чун Фарҳод.
Дар ин диёр дилам шаҳрбанди дилдорест,
Ки ҷон ба талъати ӯ хуррам асту хотир шод.
Сарам ҳавои ватан мепазад, валек дилам
Зи банди зулфи сиёҳаш намешавад озод.
Зи ҷаври сунбули кофармизоҷи ӯ афғон,
Зи дасти наргиси ҷодуфиреби ӯ фарёд!
Ғанимат аст, ғанимат шумор фурсати айш,
Ки тан заифниҳод асту умр бебунёд.
Бигир домани ёреву ҳар чӣ хоҳӣ, кун!
Бинӯш бодаи софиву ҳар чӣ бодо, бод!
Ба сӯйи бодаву най майл кун, ки мегӯянд:
Ҷаҳон бар об ниҳода–сту одамӣ бар бод.
Хуш аст нозу наими ҷаҳон, вале чу Убайд
«Ғуломи ҳиммати онам, ки дил бар ӯ нанҳод».

* * *

Дилам зи ишқ табарро наметавонад кард,
Сабурӣ аз рухи зебо наметавонад кард.
Ғам аз даруни дили ман бурун намеояд,
Ки тарки маскану маъво наметавонад кард.
Ба рӯйи хуб маро дида равшан аст, вале
Ба ҳеч ваҷҳ муҳайё наметавонад кард.
Бирафт дӯш хаёлаш зи чашми ман, чӣ кунад,
Мақом[2] бар лаби дарё наметавонад кард.

[1] Мусаллову Рукнобод – номи гулгашт ва наҳрест дар шаҳри Шероз.
[2] Мақом – ин ҷо ба маънои ҷой аст.

Ба сабр ком тавон ёфтан, валек чӣ суд,
Чу сабр дар дили мо ҷо наметавонад кард.
Убайд гаҳ-гаҳе аз баҳри маслиҳат мегуфт,
Ки тавба мекунам, аммо наметавонад кард.

* * *

Соқиё, боз харобем, бидеҳ ҷоме чанд,
Пухтае чанд фурӯ рез ба мо хоме чанд.
Сӯфию гӯшаи меҳробу накуномию зарқ[1],
Мову майхонаву дурдикашу бадноме чанд.
Бода пеш ор, ки бар тарфи чаман хуш бошад
Мутрибе чанду гуле чанду гуландоме чанд.
Чашму лаб пеши ман овар, чу расад бода ба ман,
То бувад нуқл маро шаккару бодоме чанд.
Бода дар хона агар нест, барои дили мо
Ранҷа шав, то дари майхона бинеҳ гоме чанд.
Дар баҳои майи гулгун агарат зар набувад,
Хирқаи мо ба гарав кун, биситон ҷоме чанд!
Зикри саҷҷодаву тасбеҳ раҳо кун чу Убайд,
Нашавӣ сайд бад-ин дона, бинеҳ доме чанд.

* * *

Туро кӣ гуфт, ки бо мо вафо нашояд кард?
Дурӯғ гуфт, чӣ бошад, чаро нашояд кард?
Ғуломи лаъли лаби туст ҷони ширинам,
Чунин ҳикояти ширин куҷо нашояд кард?
Ба бӯса қасди лабат кардам, аз миён чашмат
Ба ғамза гуфт: нашояд, ҳало, нашояд кард.
Миёни мӯю миёни ту нукта борик аст,
Дар он миён сухан аз лаб раҳо нашояд кард.
Ҳазор сол танам гар зи ҷон ҷудо монад,
Ҳанӯз меҳри ту аз ҷон ҷудо нашояд кард.
Ҳадиси дарди дили мустаманду синаи реш
Ҳикоятест, ки дар солҳо нашояд кард.

[1] Зарқ – фиреб.

Магар Убайд ба ҷон бо лабам музоиқа кард,
Ки ин ба мазҳаби асҳобуно нашояд кард.

* * *

Нақши рӯйи туам аз пеши назар менаравад,
Хотир аз кӯи туам ҷойи дигар менаравад.
То бидидам лаби ширини ту, дигар з–он рӯз
Бар забонам сухани шаҳду шакар менаравад.
Оразу зулфи дуто шефта карданд маро,
Ҳаргизам дил ба гулу сунбули тар менаравад.
Мастию ошиқӣ, ар айб бувад, гӯ мебош!
Дар ман ин айб кадим асту бадар менаравад.
Дӯстон, аз маю маъшуқ мадоредам боз,
Ки маро бе маю маъшуқ ба сар менаравад.
Ғами ишқаш зи дили хастаи бечора Убайд
Гӯшае дорад, аз он ҷо ба сафар менаравад.

* * *

Гарам инояти[1] ӯ дар ба рӯй бикшояд,
Ҳазор давлатам аз ғайб рӯй бинмояд.
Назар ба гулшани рӯҳониён наяндозам,
Сарам ба пояи каррубиён[2] фурӯ н-ояд.
Ва гар ба ҳоли парешони мо кунад назаре,
Зи рӯйи лутф бар аҳволи мо набахшояд.
Ба пеши хотирам аз коинот арза кунанд,
Зи кибр домани ҳиммат бад-он наёлояд.
Тавон дар оинаи он ҷамоли ҷон дидан,
Гараш ба сайқали тавфиқ занг биздояд.
В-арам зи пеш биронад ба ҷавр, ҳукм ӯрост,
Писанди дӯст бувад, ҳар чӣ дӯст фармояд.
Убайдро карамаш, то навозише накунад,
Дилаш зи ғам нараҳад, хотираш наёсояд.

[1] Иноят – ёрӣ, хайрхоҳӣ.
[2] Каррубиён – фариштагони муқарраб.

* * *

Дӯш ашкам сар ба Ҷайҳун мекашид,
Дил бад-он зулфайни шабгун мекашид.
Нотавон шахси заифам, ҳар замон
Ашкрезон ноларо чун мекашид.
Гоҳ ашкаш сӯйи саҳро медавонд,
Гоҳ оҳаш сӯйи гардун мекашид.
Ногаҳон хайли хаёлаш бар сарам
Лашкар аз баҳри шабехун мекашид.
Дид он чашми балобин дамбадам,
То гиребон ҷома дар хун мекашид.
Остин барзад хаёлаш то ба рӯз,
Рахт аз он дарё ба ҳомун мекашид.
Ғамзааш тире, ки мезад бар Убайд,
Лаъли ӯ пайкон-ш берун мекашид.

* * *

Ҳаргиз касе ба хубӣ чун ёри мо набошад,
Маҳро назири рӯяш гуфтан раво набошад.
Мӯе чунон хамида, чашме чунон кашида
Дар Чин ба даст н-ояд в-андар Хито набошад.
Бо ӯ ҳамеша моро ҷуз лоба дар нагирад,
Бо мо ҳамеша ӯро ҷуз моҷаро набошад.
Гар ҳоли ман напурсад, айбаш макун, ки ҳаргиз
Савдои подшоҳӣ ҳадди гадо набошад.
Мо куштагони ишқем ҳамчун Убайд, моро
Ақле салим набвад, сабре баҷо набошад.

* * *

Дӯш лаълат нафасе хотири мо х(в)аш мекард,
Дида медид ҷамоли туву дил ғаш мекард.
Рӯйи зебои ту бо моҳ якояк мезад,
Сари гесӯйи ту бо бод кашокаш мекард.
Сунбули зулфи ту ҳар лаҳза парешон мешуд,
Хотири хастаи ушшоқ мушавваш мекард.
З-ӯ ҳар он ҳалқа, ки бар гӯшаи маҳ меафтод,
Дили мискини маро наъл ба оташ мекард.

Тир бар синаам он ғамзаи фаттон мезад,
Қасди хуни дилам он орази маҳваш мекард.
Аз хату холу буногӯшу лабу чашму рухат
Ҳар кӣ як бӯса тамаъ дошт, ғалат шаш мекард.
Пеши нақши рухи ту дидаи хунрези Убайд
Сафҳаи чеҳра ба хуноба мунаққаш мекард.

* * *

Мурдему ёр ҳеч риоят намекунад,
Во ҳасрато, ки бахт иноят намекунад.
Дар пеши чашми ӯ лаби ӯ мекушад маро,
В-он шӯхчашм бин, ки ҳимоят намекунад.
Чандон, ки арзи ҳол ба ӯ арза мекунам,
Дар ӯ ба ҳеч навъ сироят намекунад.
Пеши касе зи шукру шикоят чӣ дам занам,
К-андешае зи шукру шикоят намекунад.
Дар ҳаққи бандагон назари лутф гоҳ-гоҳ
Ҳам мекунад, валек ба ғоят намекунад.
То гуфтаам даҳони ту ҳеч аст, аз он замон
Бо мо зи хашм ҳеч ҳикоят намекунад.
Булбулсифат Убайд ба ҳар ҷо, ки мерасад,
Ғайр аз ҳадиси ишқ ривоят намекунад.

* * *

Зи кӯи ёр замоне карона натвон кард,
Ҷуз остонаи ӯ ошёна натвон кард.
Касе, ки Каъбаи дил дид, бегумон донад,
Ки саҷдагоҳ ҷуз он остона натвон кард.
Маро ба ишваи фардо ба интизор макуш,
Ки эътимод басе бар замона натвон кард.
Туро кӣ гуфт, ки бо куштагони роҳи ғамат
Ишорате ба сари тозиёна натвон кард.
Ба пеши зулфи ту бар хол бӯса хоҳам зад,
Зи тарси доми сияҳ тарки дона натвон кард.
Фасурда сӯфии моро кӣ мебарад пайғом,
Ки тарки шоҳиду чангу чағона натвон кард.

Маро ба маҷлиси воиз махону панд мадеҳ,
Фиреби ман ба фусуну фасона натвон кард!
Бихоҳ бодаву бо ёр азми саҳро кун,
Чу гул ба боғ равад, рӯ ба хона натвон кард.
Макун, Убайд, зи мастӣ карона фасли баҳор,
Ки айши хуш ба чаман бе чамона натвон кард.

* * *

Бе рӯйи ёр сабр муяссар намешавад,
Бе сураташ ҳаёт мусаввар намешавад.
Бо ӯ даме висол ба сад лоба солҳо
Тақрир[1] мекунем, муқаррар намешавад.
Гуфтам, ки бӯсае бирабоям зи лаъли ӯ,
Мушкил саодатест, ки бовар намешавад.
Ҷуз он ки сар бибозаму дар пояш уфтам,
Дастам ба ҳеч чораи дигар намешавад.
Афсурдадил касе, ки зи занҷири зулфи ӯ
Девона менагардаду кофар намешавад.
Ишқаш ҳикоятест, ки аз дил намеравад,
Васфаш фасонаест, ки бовар намешавад.
То бӯйи зулфи ёр намеоварад сабо,
Аз бӯйи ӯ димоғ муаттар намешавад.
Соқӣ, биёр бода, ки ҳар лаҳза айши хуш
Бе мутрибу пиёлаву соғар намешавад.
Гуфтӣ: Ба сабр кор муяссар шавад, Убайд,
Тадбир чист? Ҷони бародар, намешавад.

* * *

Саодат рӯй бо дини ту дорад,
Ғанимат хонаи зини ту дорад.
Зиҳӣ давлат, зиҳӣ толеъ, зиҳӣ бахт,
Ки шабпӯшу арақчини ту дорад.
Чӣ муқбил ҳиндуе, к–он холи зебост,
Ки маскан лаъли ширини ту дорад.

---

[1] Сухан гуфтан, баён кардан.

Қабо, гӯӣ, чӣ некӣ карда бошад,
Ки дар бар сарви симини ту дорад?
Сабо дунё муаттар карда, гӯӣ,
Гузар бар зулфи пурчини ту дорад.
Басе дидам парирӯён дар офоқ,
Надидам кас, ки оини ту дорад.
Ба олам ҳар касеро кешу динест,
Убайди бенаво дини ту дорад.

* * *

Лаъли нӯшинаш чу хандон мешавад,
Дар ҷаҳон шаккар фаровон мешавад.
Қадди ӯ ҳар гаҳ, ки ҷавлон мекунад,
Гӯиё сарви хиромон мешавад.
Партави рӯяш чу метобад зи дур,
Офтоб аз шарм пинҳон мешавад.
Қиссаи зулфаш намегӯям ба кас,
З-он ки хотирҳо парешон мешавад.
Ман натанҳо мешавам ҳайрони ӯ,
Ҳар кӣ ӯро дид, ҳайрон мешавад.
Гарчи мегӯяд, ки бинвозам туро,
То нигаҳ кардӣ, пушаймон мешавад.
Бо Убайд ар нарм мегардад дилат,
Корҳои сахташ осон мешавад.

* * *

Боди сабо барги суман баркушод,
Ғулғули булбул ба чаман дарфитод.
Зинда кунад мурдаи садсоларо,
Бод чу бар гул гузарад бомдод.
Замзами мурғони сухандон шунав,
То накунӣ нағмаи Довуд ёд.
Мавсими айш аст, ғанимат шумор,
Ҳарза мадеҳ умру ҷавонӣ ба бод.
То битавон, хотири худ шод кун,
Нест бад-ин як-ду нафас эътимод.

Хок ҳамон аст, ки бар бод дод
Тахти Сулаймону сарири Қубод.
Чарх ҳамон аст, ки бар хок рехт
Хуни Сиёвушу сари Кайқубод.
Андуҳи дунё бигузор, эй Убайд,
То битавон зист яке лаҳза шод.

* * *

Куҷо касе, ки маро муждаи чамона[1] диҳад,
Алассабоҳ[2] ба ман бодаи шабона диҳад.
Зи дӯстону азизон кӣ бошад он, ки маро
Нишон ба кӯи муғону майи муғона диҳад?!
Хушо касе, ки чу риндон зи хона вақти саҳар
Ба дар гурезаду тан дар шаробхона диҳад.
Ғуломи давлати онам, ки ҳар чӣ бистонад,
Ба шамъу шоҳиду чангу дафу чағона диҳад.
Зи ғам паноҳ ба май бар, ки май ба хосият
Натиҷа айши хушу умри ҷовидона диҳад.
Марав ба ишваи зоҳид зи раҳ, ки ӯ доим
Фиреби мардуми нодон бад-ин фасона диҳад.
Ба эътиқод шунав панди судманди Убайд,
Ки ӯ ҳамеша туро панд оқилона диҳад.

* * *

Сапедадам ба сабуҳӣ шароб хуш бошад,
Навову нағмаву чангу рубоб хуш бошад.
Миёни боғ чу васли нигор даст диҳад,
Канори обу шаби моҳтоб хуш бошад.
Шамоили рухи ҷонон ба хоб дидам дӯш,
Умед ҳаст, ки таъбири хоб хуш бошад.
Убайд ин ду-се байтак ба як замон гуфтаст,
Гараш ту гуфт тавонӣ, ҷавоб хуш бошад.

---

[1] Чамона – нимкадуи нақшин, ки бо он май нӯшанд.
[2] Алассабоҳ – саҳаргоҳон.

* * *

Ҷавқи[1] қаландаронем, бар мо қалам набошад,
Буду вуҷуди моро бок аз адам набошад.
Султони вақти хешем, гарчи зи рӯйи зоҳир
Лашкаркашони моро таблу алам набошад.
Муште муҷаррадонем, бар фақр дил ниҳода,
Гар ҳеч амон набошад, аз ҳеч ғам набошад.
Дар дасту кисаи мо динор кас набинад,
Бар сиккаи дили мо нақши дирам набошад.
Ҷон дар мурод ёбӣ, дар ҳалқае, ки моем,
Риндони бенаворо нилу бақам[2] набошад.
Чун мо ба ҳеч ҳоле озори кас нахоҳем,
Озори хотири мо шарти карам набошад.
Дар роҳи покбозон, гӯ, лофи фақр кам зан,
Ҳамчун Убайд ҳар к-ӯ собитқадам набошад.

* * *

Шарм дор, эй дил, аз ин даҳр раҳоӣ то чанд?
Бехудӣ то ба каю беҳударoӣ то чанд?
Нест кори ту ба сомону кай оӣ ба наво,
Ғарра гаштан ба чунин кору киёӣ[3] то чанд?
Бо чунин молу бақоеву матое, ки туроcт,
Лофи қорунию даъвои худоӣ то чанд?
Тан муқими ҳараму дил ба хароботи муғон,
Карда зуннор ниҳон зери абое[4] то чанд?
Дунйию охиратат ҳар ду ҳавас медорад,
Якҷиҳат бош чу мардон, дуҳавоӣ то чанд?
Аз дари раҳмати Ҳақ ҷӯй кушоиш чу Убайд,
Бар дари бастаи маҳлуқ гадоӣ то чанд?

[1] Ҷавқ – гурӯҳ.
[2] Нилу бақам –кабуду сурх.
[3] Киёӣ – соҳибӣ, давлатмандӣ.
[4] Або – пӯшише, навъе аз ҷома.

* * *

Дилам з-ин беш ғавғо барнатобад,
Сарам з-ин беш савдо барнатобад.
Зи шавқат бар дили девонаи мост
Ғаме, к-он санги хоро барнатобад.
Ғаматро гӯ, бидор аз ҷони мо даст,
Ки ин вайрона яғмо барнатобад.
Биё имшаб, магӯ фардо, ки ин кор
Дигар имрӯзу фардо барнатобад.
Сарат дар пой андозем чун зулф,
Агар зулфат сар аз по барнатобад.
Убайд аз дард кай ёбад раҳоӣ,
Чу дарди дил мудово барнатобад?

* * *

Зи сӯзи ишқи ман ҷонат бисӯзад,
Ҳама пайдову пинҳонат бисӯзад.
Зи оҳи сарду сӯзи дил ҳазар кун,
Ки инат бифсурад, онат бисӯзад.
Мабар найрангу дастон пеши ӯ, гӯ:
Ба сад найрангу дастонат бисӯзад.
Ба дасти хештан шамъе наяфрӯз,
Ки дар соат шабистонат[1] бисӯзад.
Чӣ дорӣ оташе дар зери доман,
К-аз он оташ гиребонат бисӯзад?
Дил андар васли ман бастию тарсам,
Ки ногаҳ тоби ҳиҷронат бисӯзад.
Надорад судат он гоҳе, ки ёбӣ,
Убайд, он номусалмонат бисӯзад.

* * *

Видои Каъбаи ҷон чун тавон кард?
Фироқаш бар дил осон чун тавон кард?
Табибам меравад, ман дарди худро
Намедонам, ки дармон чун тавон кард.

---

[1] Шабистон – хилватхона, базмгоҳ.

Маро аҳдест, к-андар пош мирам,
Хилофи аҳду паймон чун тавон кард?
Ба куфри зулфаш имон ҳар кӣ овард,
Дигар бораш мусалмон чун тавон кард?!
Маро гӯянд: Пинҳон дор розаш,
Ғами ишқ аст, пинҳон чун тавон кард?
Гирифтам, рози дил битвон ниҳуфтан,
Давои чашми гирён чун тавон кард?
Убайд аз ишқ агар девона гардад,
Бад-ин ҷурмаш ба зиндон чун тавон кард?!

* * *

Ошиқи шӯрида тарки ёр натвонист кард,
Сабр бе дил карду бе дилдор натвонист кард.
Ҷон чу бо ишқ ошно шуд, аз хирад бегона гашт,
Ҳамдамӣ з-ин беш бо ағёр натвонист кард.
Ростиро ҳақ ба дасташ буд, инкораш макун,
Муддаиро маҳрами асрор натвонист кард.
Номи сармастони ошиқ пеши сармастон нагуфт,
Ҳеч кас Мансурро бар дор натвонист кард.
Нафси кофир солҳо кӯшиду чандон, к-озмуд,
Тарки маъшуқу маю зуннор натвонист кард.
Зоҳид аз меҳроб берун рафту дар майхона ҷуст,
То қиёмат рӯй дар девор натвонист кард…
Дӯш бар рухсори зардам диду чандон, к-об зад,
Бахти хоболудро бедор натвонист кард.
Эй Убайд, ар оқилӣ, аз ишқ инкораш макун,
Ҳеч оқил ишқро инкор натвонист кард.

* * *

Алассабоҳ, ки наргис пиёла бардорад,
Суман ба азми сабуҳӣ кулола[1] бардорад.
Чаковак[2] аз сари мастӣ хурӯш дарбандад,
Зи шавқ булбули дилхаста нола бардорад.

[1] Кулола – гулдастаи чанбараки гирди сар.
[2] Чаковак – парандае аз гунҷишк калонтар тоҷдор.

Ба сад ҷамол даромад арӯси гул ба чаман,
Сабо-ш домани гулгунғулола[1] бардорад.
Вуҷӯҳи[2] қарзи маям ҳаст, лек метарсам,
Ки майфурӯшам ном аз қабола[3] бардорад,
Хунук насими баҳорӣ, ки сар занад саҳаре,
Зи рӯйи чун гули соқӣ кулола бардорад.
Хушо касе, ки дар он дам зи бонги булбули маст
Зи хоби ноз нишинад, пиёла бардорад.
Убайдвор бизан панҷ коса май, к-он май
Зи пеши дил ғами панҷоҳсола бардорад.

* * *

Хуррам он кас, ки ғами ишқи ту дар дил дорад
В-аз ҳама мулки ҷаҳон меҳри ту ҳосил дорад.
Ҷавру бедоду ҷафо кардану ошиқ куштан
Зебад онро, ки чунин шаклу шамоил дорад.
Ошиқи дилшударо панди хирадманд чӣ суд,
Ринди девона куҷо гӯш ба оқил дорад.
Мубталоест, ки уммеди халосаш набувад,
Ҳар кӣ бар пойи дил аз ишқ салосил[4] дорад.
То дами бозпасин ғарқаи дарёи ғамаш,
Муддаӣ бошад агар, чашм ба соҳил дорад.
Ҳар кӣ хоҳад, ки кунад аз ту муроде ҳосил,
Ҳосил он аст, ки андешаи ботил дорад.
Мекашад соиди симини ту морову Убайд
Майли бӯсидани сарпанҷаи қотил дорад.

* * *

Ногоҳ ҳушу сабри ман он дилрабо бибурд,
Чашмаш ба як карашма дил аз дасти мо бибурд.
Бинмуд рӯйи хубу хиҷил кард моҳро,
Бикшод зулфу равнақи мушки Хито бибурд.

[1] Ғулола – зулфи маъшуқ.
[2] Вуҷӯҳ – ҷамъи ваҷҳ.
[3] Қабола – санаде, ки аз рӯйи он чизеро ба зимма мегиранд; васиқа.
[4] Салосил – ҷамъи силсила.

Тороҷ кард дину дил аз дасти ошиқон,
Султон нигар, ки мояи муште гадо бибурд.
Ҷону диле, ки буд маро, чун ба пеши ӯ
Қадре надошт, ҳеч надонам чаро бибурд.
Медод ақл дарди саре пеш аз ин, кунун
Ишқат даромад аз дарам,он моҷаро бибурд.
Савдои зулфи ӯ ҳама кас мепазад, вале
Ин давлат аз миёна насими сабо бибурд.
Гуфтем ҳоли аҷз, Убайд, аз барои ӯ,
Нагрифт ҳеч дар ваю боди ҳаво бибурд.

* * *

Пайваста чашми шӯхат моро фигор дорад,
Он турки маст, охир, бо мо чӣ кор дорад?
Бо зулфи беқарораш дил муддате қарин шуд,
Ин расми беқарорӣ з-ӯ ёдгор дорад.
Хуррам касе, ки бо ту рӯзе ба шаб расонад,
Ё чун ту нозанине шаб дар канор дорад.
Рашк оядам ҳамеша бар ҳоли он саге, к-ӯ
Бар хоки остонат вақте гузор дорад.
Бо мо даме насозад васлат ба ҳеч ҳоле,
Бечора он кӣ ёре носозгор дорад.
Шӯридагию мастӣ фахри Убайд бошад,
Нодон бувад касе, к-ӯ з-ин фахр ор дорад.

* * *

Ёри паймоншиканам бар сари паймон омад,
Дили пурдарди маро навбати дармон омад.
Ин чӣ моҳест, ки кошонаи мо равшан кард
В-ин чӣ шамъест, ки бозам ба шабистон омад.
Бахт боз омаду толеъ дари давлат бикушод,
Муддаӣ рафту маро кор ба сомон омад.
Май биёред, ки айёми тараб рӯй намуд,
Гул бирезед, ки он сарви хиромон омад.
Аз сари лутф бибахшид бар аҳволи Убайд,
Магараш раҳм бад-он дидаи гирён омад.

* * *

Боз тарки аҳду паймон карда буд,
Куштани мо бар дил осон карда буд.
Душманононам бад ҳамегуфтанд, ӯ
Гӯш бар гуфтори эшон карда буд.
Зулфи мушкинаш парешон гашта буд,
Баски хотирҳо парешон карда буд.
То шунидам, оташе дар ман фитод,
Он ки бе мо азми бустон карда буд.
Нолаи дилсӯзи мо чун гӯш кард,
Раҳмате дар кори ёрон карда буд.
Гуфт: Бо бечорагон сулҳе кунем,
Бахти мо бозаш пушаймон карда буд.
Хотираш ногаҳ биранҷид аз Убайд,
Бегуноҳе, к-он мусалмон карда буд.

* * *

Аз дами ҷонбахши най дилро сафое мерасад,
Рӯҳро аз нолаи ӯ марҳабое мерасад.
Гӯиё дорад зи инъомаш Масеҳо баҳрае,
К-аз дами ӯ дардмандонро давое мерасад.
Ё магар Довуд меҳмон мекунад арвоҳро,
К-аз забони ӯ ба ҳар гӯше салое мерасад.
Оташе дар сина дорад най, чу бодаш медамад,
Шуълаи ӯ бар дари ҳар ошное мерасад.
Бедилон бар нағмаи ӯ ҳою ҳуе мезананд,
Бенавоёнро зи сози ӯ навое мерасад.
Наърае гар мезанад шӯридае дар бехудӣ,
Аз паяш ҳолӣ ба гӯши мо садое мерасад.
Нолаи мискин Убайд аст, он ки зоеъ мешавад
Варна он нолидани най ҳам ба ҷое мерасад.

* * *

Дил ҳамон беҳ, ки гирифтори ҳавое бошад,
Сар ҳамон беҳ, ки нисори кафи пое бошад.
Ҳаҷр хуш бошад, агар чашм тавон дошт висол,
Дард саҳл аст, гар уммеди давое бошад.

Домани ёр ба даст ору раҳи майкада гир,
Нашинос ин, ки беҳ аз майкада ҷое бошад.
Ҳаваси хонақаҳам нест, ки безорам аз он,
Бӯрёе, ки дар ӯ бӯйи риёе бошад.
Сӯфии софӣ дар мазҳаби мо донӣ, кист?
Он кӣ бо бодаи софӣ-ш сафие бошад.
Пири майхонаам аз хона бурун кард, магар
Нанг дорад, ки дар он кӯча гадое бошад?
Чӣ кунад, гар накашад меҳнату хорӣ чу Убайд,
Ҳар киро дил мутааллиқ ба ҳавое бошад.

* * *

Дӯш ақлам ҳаваси васли ту шайдо мекард,
Дилам оташкадаву дида чу дарё мекард.
Нақши рухсори ту пиромани чашмам мегашт,
Сабру ҳуши мани дилсӯхта яғмо мекард.
Шуълаи шавқи ту ҳар лаҳза дарунам месӯхт,
Дуди савдои туам қасди сувайдо мекард.
На касе ҳоли мани сӯхтадил мепурсид,
На касе дарди мани хаста мудово мекард.
Пеши султони хаёли ту маро ғам мекушт,
Хидматаш тан зада, аз дур тамошо мекард.
Даст бардошта то вақти саҳар хотири ман
Аз Худо давлати васли ту таманно мекард.
Ҳар дам аз ғуссаи ҳиҷрони ту мемурд Убайд,
Боз уммеди висоли туаш эҳё мекард.

* * *

Дӯш султони хаёлаш боз ғавғо карда буд,
Мулки ҷон торочу рахти сабр яғмо карда буд.
Барқи шавқаш аз даҳонам шуъла мезад ҳар замон,
В-оташи савдои ӯ қасди сувайдо карда буд.
Дидаам дарёи хун асту ман андар ҳайратам,
То хаёлаш чун гузар бар роҳи дарё карда буд?!
Гарчи мезад ёри мо лофи вафодорӣ, вале
Оқибат бишкаст паймоне, ки бо мо карда буд.

Ҷон зи ман мехост лаълаш дар баҳои бӯсае,
Бетакаллуф мухтасар чизе таманно карда буд.
Дарди мо чун дер шуд, навмед рӯй аз мо битофт,
Ҳар кӣ рӯзе дармандеро мудово карда буд.
Гар Убайд аз ишқ дам зад пеш аз ин, маъзур дор,
К-ин гуноҳе нест, к-он бечора танҳо карда буд.

* * *

Чун мо қаландаронем, дар мо риё набошад.
Тазвиру зарқу солус оини мо набошад.
Дар ҳеч мулк бо мо кас дӯстӣ наварзад,
Дар ҳеч шаҳр моро кас ошно набошад.
Гар номи мо надонанд, бигзор, то надонанд,
В-ар ҳеч амон набошад, бигзор, то набошад.
Шӯридагони моро дар банди зар набинӣ,
Девонагони моро боғу саро набошад.
Дар лангаре, ки моем, андӯҳ кас набинад,
Дар такяе, ки моем, ғайр аз сафо набошад.
Аз муҳтасиб натарсем в-аз шаҳна ғам надорем,
Таслимгаштагонро бим аз бало набошад.
Бо хор хуш бароем, гар гул ба даст-ояд,
Бар хоки раҳ нишинем, гар бӯрё набошад.
Ҳар кас ба ҳар гурӯҳе дорад умеди чизе,
Моро умедгоҳе ғайр аз Худо набошад.
Ҳамчун Убайд моро дарюза ор н-ояд,
Дар мазҳаби қаландар ориф гадо набошад.

* * *

Мепазад боз сарам беҳуда савдои дигар,
Мекунад хотири шӯрида таманнои дигар.
Ҳаваси сарвқаде гирди дилам мегардад,
Ки надорад ба ҷаҳон ҳамсару ҳамтои дигар.
Гул ба боғ омаду ҳангоми тамошост, вале
Нест бо рӯйи ваям рӯйи тамошои дигар.
Дӯш дар кӯи худам наъразанон дид зи дур,
Гашта расвои ҷаҳон бо ду-се шайдои дигар.

Гуфт, к-ин шефтаро боз чӣ ҳол афтодаст?
Нест ҷуз масканату аҷз мудовои дигар.
Чора сабр аст, зи Саъдӣ бишунав панд, Убайд,
«Саъдӣ, имрӯз таҳаммул куну фардои дигар».

* * *

Маро дилест гирифтори хиттаи Шероз,
Зи ман буридаву хӯ карда бо танаъъуму ноз.
Хуш истодаву бо лаъли дилбарон дар ишқ,
Тарабгузидаву бо ҷаври некувон дамсоз.
Гаҳе ба кӯи харобот бо муғон ҳамдам,
Гаҳе муоширу гаҳ ринду гоҳ шоҳидбоз.
Ҳамеша бар дари майхона мекунад маскан,
Мудом бар сари майхона мекунад парвоз.
Ба рӯйи лоларухонаш гумонҳои накӯ,
Ба зулфи сарвқадонаш умедҳои дароз.
Шуда баробари чашме ҳамеша гӯшанишин,
Мудом дар хами меҳроби абруе ба намоз.
Умедвор чунонам, ки он хуҷастадиёр
Ба фарри давлати Султон Увайс бинам боз…
Убайдвор ҳар он кас, ки ҳаст дар олам,
Дуои давлати ӯ мекунад ба аҷзу ниёз.

* * *

Чаман дилбурдан оин мекунад боз,
Ҷаҳонро лола рангин мекунад боз.
Насими хушнафас бо ғунча ҳар дам
Ҳадиси нофаи Чин мекунад боз.
Шукуфа ҳар заре, к-овард бар даст,
Нисори пойи насрин мекунад боз.
Кушода чашми хоболуд наргис,
Тамошои раёҳин мекунад боз.
Замин аз абр эҳсон мепазирад,
Ҳаворо сабза таҳсин мекунад боз.
Убайд аз давлати Хусрав дар ин фасл
Бинои айши Ширин мекунад боз.

* * *

Бо мо накард он бути саркаш вафо ҳанӯз,
Охир нашуд миёнаи мо моҷаро ҳанӯз.
Мо хастагон дар оташи шавқаш бисӯхтем
В-он шӯхдида сер нагашт аз ҷафо ҳанӯз.
Баъд аз ҳазор дард, ки бар ҷони мо ниҳод,
Раҳмат накард бар дили мискини мо ҳанӯз.
Аз кӯи дӯст бехуду саргашта меравем,
Дилхаста, бозмондаву чашм аз қафо ҳанӯз.
Бӯсест хунбаҳои ману лаъли ӯ маро
Сад бор кушту менадиҳад хунбаҳо ҳанӯз.
Дил дар шиканҷи турраи пурпечутоби ӯ
Мондаст дар кашокаши доми бало ҳанӯз.
Мискин Убайд дар ғами ишқаш зи ҷону дил
Бегона гашту боз нашуд ошно ҳанӯз.

* * *

Қиссаи дарди дилу ғуссаи шабҳои дароз
Сурате нест, ки ҷое битавон гуфтан боз.
Маҳраме нест, ки бо ӯ ба канор орам рӯз,
Мӯнисе нест, ки бо вай ба миён орам роз.
Дар ғаму хорӣ аз онам, ки надорам ғамхор,
Дамфурӯбаста аз онам, ки надорам дамсоз.
Худ чӣ шомест шақоват, ки надорад анҷом?
Ё чӣ субҳест саодат, ки надорад оғоз?
Бениёзӣ надиҳад даҳр, Худоё, ту бидеҳ!
Созкорӣ накунад халқ, Худоё, ту бисоз!
Аз сари лутф дили хастаи бечора Убайд
Бинавоз, эй карами оми ту бечоранавоз!

* * *

Бе ёр дилшикаставу дур аз диёри хеш
Дармондаем оҷизу ҳайрон ба кори хеш.
Аз рӯзгор ҳеч муроде наёфтем,
Озурдаем, лоҷарам, аз рӯзгори хеш.
На кори дил ба кому на дилдори созгор,
Хуниндилам зи толеи носозгори хеш.

Бигзор, то ғамам бикушад, ҳақ ба дасти ӯст,
То худ чаро ҷудо шудам аз ғамгусори хеш?
Як дам қарор нест диламро зи тоби ишқ,
Дар оташам зи дасти дили беқарори хеш.
Аз баҳри он ки мезанад обе бар оташам,
Миннатпазирам аз мижаи ашкбори хеш.
Девона дил ба ишқ супорад Убайдвор,
Оқил ба дасти дил надиҳад ихтиёри хеш.

* * *

Дар инчунин сара фаслеву навбаҳоре хуш
Хушо касе, ки кунад айш бо нигоре хуш.
Канори ҷӯй гузин, гӯш сӯйи булбул дор,
Кунун, ки ҳаст ба ҳар гӯшае каноре хуш.
Гарат ба даст фитад домане, ки мақсуд аст,
Бигир домани кӯҳею лолазоре хуш.
Биё, ба васл даме рӯзгори мо хуш кун,
Ба шукри он ки туро ҳаст рӯзгоре хуш.
Ба рағми муддаиён дар фироқи ӯ ҳар кас
Бипурсадам, ки: Хушӣ? Гӯямаш, ки: Оре, хуш.
Маро зи суҳбати ёре гурез мумкин нест,
Ҳазор ҷони азизам фидои ёре хуш.
Дили Убайд нагардад шикори ғам пас аз ин,
Гараш ба дом дарафтад чунон нигоре хуш.

* * *

Васли ҷонон бошадам, ҷон, гӯ, мабош,
Дар ҷаҳон ҷуз фикри ҷонон, гӯ, мабош!
Сокини хилватсарои унсро
Гулшану бустону айвон, гӯ, мабош!
Мо куҷо, асбоби дунё аз куҷо,
Мӯрро мулки Сулаймон, гӯ, мабош!
Чун зи Яздон ҳар чӣ хоҳӣ, медиҳад,
Хилъату инъоми султон, гӯ, мабош!
Мо гадоёнем, моро чун Убайд
Молу ҷоҳу ҳукму фармон, гӯ, мабош!

* * *

На бар ҳар хону хоқон мебарам рашк,
На бар ҳар миру султон мебарам рашк.
Надорам чашм бар ганҷуру дастур[1],
На бар ганҷи фаровон мебарам рашк.
На меандешам аз дӯзах ба як ҷав,
На бар Фирдавсу Ризвон мебарам рашк.
На бар ҳар боғу бустон мениҳам дил,
На бар ҳар қасру айвон мебарам рашк.
Зи ман чархи куҳан бистад ҷавонӣ,
Бар он айёму даврон мебарам рашк.
Чу ранҷи дигарам бар пирӣ афзуд,
Ба ҳоли ҳар касе з-он мебарам рашк.
Чу дардам мешавад афзун бад-он ҳол
Бар он к-ӯ медиҳад ҷон, мебарам рашк.
Убайд аз дард менолад шабу рӯз,
Бар он к-ӯ ёфт дармон, мебарам рашк.

* * *

Эй турк, чашми мастат беморхонаи дил,
Зулфи ту доми ҷонҳо, холи ту донаи дил.
Он ҷо, ки турки чашмат тири ҷафо кушояд,
Тири бало наояд ҷуз бар нишонаи дил.
Хунобаи сиришкам резанд мардуми чашм
Аз остонаи ту то остонаи дил.
Дил уфтода оҷиз бар остонаи ту,
То оҷиз уфтодам бар остонаи дил.
Дорад Убайди мискин доим ҳавои ишқат
Ҳам дар миёнаи ҷон, ҳам дар миёнаи дил.

* * *

Гӯӣ он ёр, ки ҳар дам зи ғамаш хастатарем,
Бохабар нест, ки мо дар ғами ӯ бехабарем.
Аз хаёли сари зулфаш сари мо пурсавдост,
Ин хаёлест, ки мо мардуми кӯтаҳназарем.

[1] Дастур – вазир.

Бо қаду зулфи дарозаш назаре мебозем,
То нагӯянд, ки мо мардуми кӯтаҳназарем.
Ишқ ранҷест, ки тадбир намедонемаш,
Васл ганҷест, ки мо раҳ ба сараш менабарем.
Ҷони мо ваъдаи васл аст, на ин рӯйи маҷоз,
Ту мапиндор, ки мо зинда бад-ин мухтасарем.
Оҳу фарёд, ки аз даст бишуд кори Убайд,
Ёр он нест, ки гӯяд: Ғами кораш бих(в) арем.

* * *

Ҳоли худ бас табоҳ мебинам,
Номаи дил сиёҳ мебинам.
Юсуфи рӯҳро зи шумии нафс
Монда дар қаъри чоҳ мебинам.
Хатти тӯмори умр мехонам,
Ҳама воҳасратоҳ мебинам.
Дар дили беқарор менигарам,
Нолаву сӯзу оҳ мебинам.
Раҳ дароз асту дур, ман худро
Ҳама бе зоди[1] роҳ мебинам.
Поймарде, ки дасти ӯ гирад ,
Маҳз лутфи Илоҳ мебинам.
Узрхоҳи Убайди бечора
Карами подшоҳ мебинам.

* * *

Мо сарири салтанат дар бенавоӣ ёфтем,
Лаззати риндӣ зи тарки порсоӣ ёфтем.
Солҳо дарюза кардем аз дари соҳибдилон,
Мояи ин подшоҳӣ з-он гадоӣ ёфтем.
Ҳиммати мо аз сари суратпарастӣ даргузашт,
Лоҷарам дар мулки маънӣ подшоӣ ёфтем.
Партави шамъи таҷаллӣ бар дили мо шуъла зад,
Ин ҳама нуру зиё з-он рӯшноӣ ёфтем.

[1] Зод – тӯшаи роҳи сафар.

Суҳбати майхорагон аз хотири мо маҳв кард
Он кудуратҳо, ки аз зуҳди риёӣ ёфтем.
Пеш аз ин дар сар ғурури сарфарозӣ доштем,
Тарки сар кардему з-он заҳмат раҳоӣ ёфтем.
Гарчи осеби фалак бишкаст моро чун Убайд,
Аз дарунҳои бузургон мӯмиёӣ ёфтем.

* * *

Манам асиру парешон, зи ёри худ маҳрум,
Ғарибии шаҳри касон в-аз диёри худ маҳрум.
Ба дарду ранҷ фурӯ монда в-аз даво навмед,
Нишаста дар ғаму аз ғамгусори худ маҳрум.
Гузида суҳбати бегонагону ноаҳлон,
Зи қавму кишвару элу табори худ маҳрум.
Зи рӯзгор маро баҳра нест ҷуз ҳирмон,
Мабод ҳеч кас аз рӯзгори худ маҳрум.
Зи оҳ сина бисӯзам, агар шавам нафасе
Зи сели ин мижаи селбори худ маҳрум.
Умед ҳаст, Убайд, он, ки оқибат нашавам
Зи лутфу раҳмати Парвардгори худ маҳрум.

* * *

Боз дар майкада сарҳалқаи риндон шудаам,
Боз дар кӯи муғон бесару сомон шудаам.
На ба масҷид бувадам роҳу на дар майкада ҷой,
Мани саргашта дар ин воқиа ҳайрон шудаам.
Бар мани хастаи бечора бибахшед, ки ман
Мубталои дили шӯридаи нолон шудаам.
Рағбатам сӯйи бутон аст, валекин ду-се рӯз
Аз паси маслиҳате чанд мусалмон шудаам.
Борҳо аз сари ҷаҳле, ки маро буд ба саҳв,
Кардаам тавбаву дарҳол пушаймон шудаам…
Гуфт руҳбон[1], ки Убайд, аз пайи солус марав,
З-ин сухан муътақиди мазҳаби руҳбон шудаам.

[1] Руҳбон – рӯҳонии насоро.

* * *

Қасди он зулфайни саркаш кардаам,
Хотир аз савдо мушавваш кардаам.
Дар раҳи ишқаш миёни ҷону дил
Манзил андар обу оташ кардаам…
Аз насими гулситон, то шаммае
Бӯйи ӯ бишнидаам, ғаш кардаам.
Кеши ӯ бигрифта, қурбон гаштаам,
То напиндорӣ, ки таркаш кардаам.
Аз ду лаълу аз ду абрӯву ду зулф
Гар амон ёбам, ғалат шаш кардаам.
Дил талаб кардам зи зулфаш, бонг зад:
К-эй Убайд, он ҷо фурӯкаш кардаам.

* * *

Ҳар гаҳ ки шабе худро дар майкада андозем,
Сад фитна барангезем, сад киса бипардозем.
Он сир, ки бувад дар май в-он роз, ки гӯяд най,
Мо мӯниси он сиррем, мо маҳрами он розем.
Ҳар нағма, ки пеш оранд, мо бо ҳама дар шӯрем,
Ҳар соз, ки бинвозанд, мо бо ҳама дар созем.
З-ин пеш касе будем в-имрӯз дар ин кишвар
Мо ҷумрии[1] Бағдодем, мо биграви[2] Шерозем.
Гар ҳукм кунад султон, к-ин бода барандозанд,
Ӯ бода барандозад, мо банг барандозем.
Он рӯз, ки дар машҳар мардум ҳама гирд оянд,
Мо бо ту дар он ғавғо дуздида назар бозем.
Бар ёди ту ҳар соат монанди Убайд акнун
Базме дигар афрӯзем, айше дигар оғозем.

* * *

Аз ҳад гузашт дарду ба дармон намерасем,
Бар лаб расид ҷону ба ҷонон намерасем.

---

[1] Ҷумрӣ – камбағал.
[2] Биграв – табоҳ ва зоеъ.

Гар раҳравон ба Каъбаи мақсуд мерасанд,
Мо ҷуз ба хорҳои мағелон намерасем.
Онон, ки роҳи ишқ сипарданд пеш аз ин,
Шабгир кардаанд, ба эшон намерасем.
Эшон муқим дар ҳарами васл мондаанд,
Мо саъй мекунему ба дарбон намерасем.
Бӯе зи уд мешунавад ҷони мо, вале
Дар кунҳи[1] кори миҷмарагардон намерасем.
Чун субҳ дар сафо нафаси ишқ мезанем,
Лекин ба офтоби дурахшон намерасем.
Дар масканат чу пайрави Салмон намешавем,
Дар салтанат ба ҷоҳи Сулаймон намерасем.
Ҳамчун Убайд волаву ҳайрон бимондаем,
Дар сирри корхонаи Яздон намерасем.

* * *

Мо, ки риндони қиссапардозем,
Куштаи шоҳидони Шерозем.
Ёри дурдикашони шангулем,[2]
Ҳамдами ҷумриёни таннозем.
Шукри Эзид, ки мо на саррофем,
Миннати Ҳақ, ки мо на баззозем.
Волаи[3] дилбари шакардаҳанем,
Ошиқи мутриби хушовозем.
Ҳама бо уду чанг ҳамдаҳанем,
Ҳама бо ҷому бода дамсозем.
Аз ҷафоҳои чарх нагрезем
В–аз балоҳо сипар наяндозем.
Ҳама дар дуздию сияҳкорӣ
Рӯзу шаб бо Убайд анбозем[4].

---

[1] Кунҳ – ҳақиқати чизе
[2] Шангул – шӯх, зебо ва айёр.
[3] Вола – шефта ва саргаштаи ишқ.
[4] Анбоз – шарик.

* * *

Мо, гадоён, баъд аз ин аз кору бор осудаем,
Чун ба рӯзӣ қониъем, аз рӯзгор осудаем.
Ҳар касе бар қадри ҳиммат эътиборе кардаанд,
Мо таваккул кардаем, аз эътибор осудаем.
Дигарон дар баҳри ҳирс ар дасту пое мезананд,
Мо қаноат кардаему бар канор осудаем.
Дар пайи мастӣ хуморе буд моро в-ин замон
Тарки мастӣ чун гирифтем, аз хумор осудаем.
Аҳли дунё фахри худ ҷӯянду ори дигарон,
Ҳолиё мо чун Убайд аз фахру ор осудаем.

* * *

Рафтам аз хиттаи Шерозу ба ҷон дар хатарам,
Ваҳ, к-аз ин рафтани ночор чӣ хунинҷигарам.
Меравам дастзанон бар сару пой андар гил
З-ин сафар, то чӣ шавад ҳолу чӣ ояд ба сарам.
Гоҳ чун булбули шӯрида дароям ба хурӯш,
Гоҳ чун ғунчаи дилтанг гиребон бидарам.
Ман аз ин шаҳр агар баршиканам, даршиканам,
Ман аз ин кӯй агар баргузарам, даргузарам.
Бехуду бедилу беёр бурун аз Шероз
– Меравам в–аз сари ҳасрат ба қафо менигарам.
Қуввати даст надорам, чу инон мегирам,
Хабар аз пой надорам, ки замин месипарам.
Инчунин зор, ки имрӯз манам дар ғами ишқ,
Қавли носеҳ накунад чораву панди падарам.
Эй Убайд, ин сафаре нест, ки ман мехоҳам,
Мекашад даҳр ба занҷири қазову қадарам.

* * *

Беш аз ин бадаҳдупаймонӣ макун,
Бо сабукрӯҳон гаронҷонӣ макун.
Зулфи кофаркешро барҳам мазан,
Қасди бунёди мусалмонӣ макун.
Ғамзаро гӯ, хуни муштоқон марез,
Мулк аз они туст, вайронӣ макун.

Бо заифон ҳар чӣ даргунҷад, магӯ,
Бо асирон ҳар чӣ битвонӣ, макун.
Беш аз ин ҷавру ҷафову саркашӣ
Ҳоли мискинон чу медонӣ, макун.
Гар кунӣ бо дигарон ҷавру ҷафо,
Бо Убайдуллоҳи Зоконӣ макун.
Аз висолат чун ба бӯсе қониъ аст,
Бӯса пеш ору пушаймонӣ макун.

* * *

Дило, боз ошуфтакорӣ макун,
Чу девонагон беқарорӣ макун.
Гарат нест дарде, ғанимат шумор,
В-арат ҳаст, фарёду зорӣ макун.
Чу корат зи ишқ асту борат зи ишқ,
Шикоят зи бекорубори макун.
Нигоро, нигоро, ҷудоӣ зи мо,
Худоро, агар дӯст дорӣ, макун.
Агар чашми сармасти ӯ дидаӣ,
Дигар даъвии ҳушёрӣ макун.
Зи ҷавру ҷафо ҳар чӣ мумкин бувад,
Бикун, тарки паймону ёрӣ макун.
Убайд, ар сари ишқ дорӣ, биё,
Дар ин роҳ ҷуз ҷонсупорӣ макун.

* * *

Мангар ба ҳадиси ҳирқапӯшон
Он сахтдилони сусткӯшон.
Овехта субҳашон ба гардан
Ҳамчун ҷарас[1] аз дарозгӯшон.
Аз дур чу куштагон бибинӣ,
Аз роҳ бигарду рӯ бипӯшон!
Аз банди риёву зарқ бархез,
Бо сода нишину боданӯшон.

[1] Ҷарас – зангӯла

Мафрӯш ба мулки ҳар ду олам
Хоки сари кӯи майфурӯшон!
Дар боғ чӣ хуш бувад саҳаргоҳ
Мо сархушу булбулон хурӯшон!
Мутриб, ғазали Убайд бархон,
Дил бурда зи дасти тезҳушон.

* * *

Эй ошиқони рӯят бар меҳр дил ниҳода,
Занҷириёни мӯят сарҳо ба бод дода.
Ҷонро ба кӯи ҷонон чашми хушат кашида
В-аз банди ғусса дилро абрӯйи ту кушода.
Бо ишқ ҷони моро сӯзест даргирифта,
Бо ашк чашми моро корест уфтода.
То чашми ниммастат вусма ниҳад бар абрӯ,
Чун дил халос ёбад з-он зулфи вониҳода?!
Аз васфи он занахдон ман, содадил, чӣ гӯям,
Ё Раб, чӣ лутф дорад он нозанини сода.
Моро зи нанги ҳастӣ ҷуз май намераҳонад,
Сӯфӣ, мабош мункир, к-аз бод нест бода.
Бахти Убайду васлат, ин давлатам набошад,
Дар хоб агар хаёлат бинам, зиҳӣ саода[1].

* * *

Боз фиканд дар чаман булбули маст ғулғула,
Гашт зи ҷунбиши сабо духтари шох ҳомила.
Атрфурӯши боғро лаҳза ба лаҳза мерасад
Аз раҳи субҳ корвон, аз дари ғайб қофила.
Маст шудаст гӯиё, к-аз сари завқ мениҳад
Хурдаву хирқа дар миён ғунчаи тангҳавсала.
Нофакушо шуда сабо, ғолиясо насими гул,
Ваҳ, ки чӣ нозанин бувад гулрухи анбаринкула!
Маст шабона дар чаман ҷилвакунон чу шохи гул
Гӯш ба булбули саҳар хоста ҷому булбула.

[1] Саода – кӯтоҳкардашудаи «саодат».

Эй бути нозанини ман, дур машав зи пеши ман,
Хуш набувад миёни мо фасли баҳор фосила.
Бӯса, ки ваъда кардаӣ, менадиҳию бандаро
Дар раҳи интизор шуд пойи умед обила.
Мову шаробу ною даф, сӯфию кунҷи савмаа
Шуғли ҷаҳон кучҷову мо, мо зи куҷову машғала.
Даври харобиясту гул, хез Убайду айш кун,
Даври фалак чу бо касе менакунад муҷодала.

* * *

Маро дилест раҳи офият раҳо карда,
Вуҷуди худ ҳадафи новаки бало карда.
Зи даври чарх ситам дидаву ризо дода,
Зи хӯи ёр ҷафо дидаву вафо карда.
Ба кори хеш фурӯ рафта, мубтанӣ[1] гашта,
Ба дарди ишқ маро низ мубтало карда.
Ҳар он чи дошта аз ақлу ҳушу донишу дин,
Зи даст додаву сар дар сари ҳаво карда.
Гаҳе зи бехирадӣ обрӯйи худ бурда,
Гаҳе зи бехабарӣ қасди ҷони мо карда.
Ба қавлу аҳди бутон ғарра гашта в-аз сари ҷаҳл
Хаёли ботилу андешаи хато карда.
Убайдро ба ғарибӣ фиканда аз маскан,
Зи дӯстону азизони худ ҷудо карда.

* * *

Муборак аст назар бар ту бомдоди пагоҳ,
Чи некбахт касе, к-аш ба рӯйи туст нигоҳ…
Ба зулфи пуршиканат риштаи умед дароз,
Зи сарви нози қадат дасти орзу кӯтоҳ.
Карашма мекунию ақл мешавад ҳайрон,
Ба роҳ меравию халқ мераванд аз роҳ.
Хушо, ки зулфи ту гирам ба хоби хуш ҳар шаб,
Хушо, ки рӯйи ту бинам ба коми дил ҳар моҳ.

---

[1] Мубтанӣ – сохтаву вобаста ба чизе.

Ба пеши қозии ушшоқ дар қазияи ишқ
Убайдро рухи зард асту ашки сурх гувоҳ.

* * *

Бад-ин сифат сару чашмею қадду болое
Касе надиду нишон кас намедиҳад ҷое.
Чунин шукуфа нахандад ба ҳеч бустоне,
Чунин баҳор наёяд ба ҳеч саҳрое.
Зи шасти зулфи ту ҳар ҳалқаеву ошӯбе,
Зи чашми масти ту ҳар гӯшаеву ғавғое
Куҷо зи ҳоли парешони мо хабар дорад,
Касе, ки бо сари зулфаш напухт савдое.
Зи шавқи партави рӯят, ки шамъи анҷуман аст,
Маро зи ғайр чу парвона нест парвое.
Хаёли васл таманно кунам ҳаме дар хоб,
Чӣ дилпазир хиёле, чӣ хуш таманное.
Хирад ба тарки туам рой зад, валек Убайд
Хилофи пеши ту мурдан намезанад рое.

* * *

Хуш бувад, гар ту ёри мо бошӣ,
Мӯниси рӯзгори мо бошӣ.
Рӯзаке ҳамнишини мо гардӣ,
Шабаке дар канори мо бошӣ.
Мо ҳама бандагони ҳалқабагӯш,
Ту худовандгори мо бошӣ.
Ҳамчу саг медавем дар пайи ту,
Бу, ки ногаҳ шикори мо бошӣ.
Ғам нагардад ба гирди хотири мо,
Гар даме ғамгусори мо бошӣ.
То дили беқарори мо бошад,
Дар дили беқарори мо бошӣ.
То манам, бандаи туам чу Убайд,
То туӣ, шаҳрёри мо бошӣ.

* * *

Афтода бозам дар сар ҳавое,
Дил боз дорад майле ба ҷое.
Ӯ шаҳрёре, ман хоксоре,
Ӯ подшоҳе, ман бенавое.
Болобаланде, гесукаманде,
Султони ҳусне, фармонравое.
Абрӯкамоне, нозукмиёне,
Номеҳрубоне, шанге[1], дағое[2].
З-ин дилнавозе, з-ин сарфарозе,
З-ин ҷавфурӯши гандумнамое.
Бе ӯ набахшад хуршед нуре,
Бе ӯ надорад олам сафое.
Ҳар ҷо, ки лаълаш дар ханда ояд,
Шаккар надорад он ҷо баҳое.
Ҳар лаҳза дорад дил бо хаёлаш
Хуш гуфтугӯе, хуш моҷарое.
Гӯӣ, биёбам ҷое табибе,
Бошад, ки созам дилро давое.
Дорад шикоят ҳар кас зи душман,
Моро шикоят аз ошное.
Чашми Убайд ар сераш бибинад,
Дигар набинад чашмаш балое.

* * *

Зиҳӣ, лаъли лабат дурҷи[3] лаолӣ,[4]
Маҳи рӯйи туро шаб дар ҳаволӣ.
Чу чашмат гаштам аз беморшаклӣ,
Чу зулфат гаштам аз ошуфтаҳолӣ…
Зи шавқи қотилат мурдам, Худоро,
Тараҳҳум, зиллате ё зулмаолӣ.[5]

---

[1] Шанг – шӯх, айёр, зебо.
[2] Даго – фиреб.
[3] Дурҷ – сандуқчаи ҷавоҳирот.
[4] Лаолӣ – лӯълӯҳо.
[5] Залмаолӣ – дорои сифатҳои олӣ.

Зи ҳасрат нола мекардам, хирад гуфт:
Убайд, аз ёр дурӣ, чун наналӣ?!

* * *

Дорад ба сӯйи ёре мискин дилам ҳавое
З-ин шӯхи ҷонфиребе, з-ин шанги ҷонфазое.
З-ин сарви хушхироме гул пеши ӯ ғуломе,
Маҳ пеши ӯ асире, шаҳ пеши ӯ гадое.
Ҳар ғамзааш синоне, ҳар абруяш камоне,
Гесӯйи ӯ каманде, болои ӯ балое.
Моро зи ишқи рӯяш ҳар лаҳзае футӯҳе[1],
Моро зи хоки кӯяш ҳар соате сафое.
Бигрифта ишқ моро мулки вуҷуду он гаҳ
Ақл омада, ки мо низ ҳастем кадхудое.
Ҷон мефазояд, алҳақ, боди сабо саҳаргаҳ,
Моно[2], ки ҳаст бо ӯ бӯе зи ошноӣ.
Гуфтам: Убайд. Гуфто: Номаш мабар, ки бошад
Ринде қиморбозе, дузде гурезпое.

* * *

Зулфат ба парешонӣ дил бурд ба пешонӣ,
Дил бурд ба пешонӣ зулфат ба парешонӣ.
Гар зулф бияфшонӣ, сад ҷон-ш фурӯ резад,
Сад ҷон-ш фурӯ резад, гар зулф бияфшонӣ.
Як лаҳза ба пинҳонӣ гар васли ту дарёбам,
Гар васли ту дарёбам як лаҳза ба пинҳонӣ,
Сад бӯса ба осонӣ аз лаъли ту бирбоям,
Аз лаъли ту бирбоям сад бӯса ба осонӣ.
Охир на мусалмонӣ, раҳм ор бар ин мискин!
Раҳм ор бар ин мискин, охир, на мусалмонӣ?!
Мебинию медонӣ аҳволи Убайд, охир,
Аҳволи Убайд, охир, мебинию медонӣ.

[1] Футӯҳ – кушоиш, фатҳкунӣ.
[2] Моно – бигзор.

* * *

Азми куҷо кардаӣ боз, ки бархостӣ?
Мӯй ба шона задӣ, зулф биёростӣ.
Моҳ чу рӯйи ту дид, гуфт: Зиҳӣ некуӣ!
Сарв, ки қадди ту дид, гуфт: Зиҳӣ ростӣ!
Оташи ғавғои ишқ чун бинишастӣ, нишаст,
Фитнаи охирзамон хост, чу бархостӣ.
Дӯш дар он сархушӣ ҳуш зи мо мерабуд,
Коса, ки медоштӣ, узр, ки мехостӣ.
Пеши Убайд омадӣ, мурда дилаш зинда шуд,
Боз чу берун шудӣ, ҷону танаш костӣ.

* * *

Гар он маҳро вафо будӣ, чӣ будӣ?
В-араш тарс аз Худо будӣ, чӣ будӣ?
Даме хоҳам, ки бо ӯ хуш бароям,
Агар ӯро ризо будӣ, чӣ будӣ?
Диламро аз лабаш бӯсест ҳоҷат,
Гар ин ҳоҷат раво будӣ, чӣ будӣ?
Агар рӯзе ба лутф он подшоро
Назар бо ин гадо будӣ, чӣ будӣ?
Хирад гар гирди ман гаштӣ, чӣ гаштӣ
В-агар сабрам ба ҷо будӣ, чӣ будӣ?
Ба васлаш гар Убайди бенаворо
Саодат раҳнамо будӣ, чӣ будӣ?

# ҚИТЪАҲО

Маро қарз ҳасту дигар ҳеч нест,
Фаровон маро харҷу зар ҳеч нест.
Ҷаҳон, гӯ, ҳама айшу ишрат бигир,
Маро з-ин ҳикоят хабар ҳеч нест.
Ҳунар худ надонам, вагар низ ҳаст,
Чу толеъ набошад, ҳунар ҳеч нест.
Инони иродат чу аз даст рафт,
Ғаму фикри баргу дигар ҳеч нест.
Ба даргоҳи ӯ илтиҷо кун, Убайд,
Ки ин рафтани дарбадар ҳеч нест.

* * *

Намонд ҳеч кариме, ки пойи хотири ман
Зи банди ҳодисаи рӯзгор бикшояд.
Хаёл буд маро, к-он ғараз, ки мақсуд аст,
Ҳусули он ғараз аз шаҳрёр бикшояд.
Бад-он ҳавас бари султони комрон рафтам,
Ки аз атои ваям кору бор бикшояд.
Зи пеши шоҳу вазирам даре кушода нашуд,
Магар зи ғайб даре Кирдгор бикшояд.
Убайд, ҳоҷат аз он дар талаб, ки раҳмати ӯ
Агар бибандад як дар, ҳазор бикшояд.

* * *

Эй Убайд, ин гули садбарг ба атрофи чаман
Ҳеч донӣ, ки саҳаргоҳ чаро механдад?
Бо вуҷуди гиреҳи ғунчаву тангии дил ӯ
Ҳикмате ҳаст, на аз боди ҳаво механдад.
Чун саботи фалаку кори ҷаҳон мебинад,
Ба бақои худу бар ғафлати мо механдад.

* * *

Он кӣ гардун фарошт в-анҷум кард,
Ақлу рӯҳ офариду мардум кард,
Риштаи коинот дар ҳам баст,
Пас сари ришта дар миён гум кард.

* * *

Убайд, ин ҳирси молу ҷоҳ то кай?
Ҷаҳон фонист, рав, тарки ҷаҳон гир!
Чу мардон доман аз дунё бияфшон
В–аз ин гирдоб худро бар карон гир!
Зи масҷид рахт бар кӯи муғон каш!
Саро дар кӯи соҳибдавлатон гир!

* * *

Мардум ба айшу шодиву ман дар балои қарз,
Ҳар як ба кору бореву ман мубталои қарз.
Фарзи Худову қарзи халоиқ ба гарданам,
Оё адои фарз кунам ё адои қарз?
Харҷам фузун зи ғояту қарзам бурун зи ҳад,
Фикр аз барои харҷ кунам ё барои қарз?
Аз ҳеч хат натобам, ғайр аз сиҷилли дин,
В-аз ҳеч кас нанолам, ғайр аз гувои қарз.
Дар шаҳр қарз дораму андар маҳалла қарз,
Дар кӯча қарз дораму андар сарой қарз.
Аз субҳ то ба шом дар андеша мондаам,
То худ куҷо биёбам ногаҳ риҷойи қарз.
Мардум зи дасти қарз гурезону ман ба сидқ
Хоҳам пас аз намозу дуо аз Худой қарз.
Арзам чу обрӯйи гадоён ба бод рафт,
Азбаски хостам зи дари ҳар гадой қарз.
Хоҷа алои давлату дин, он ки ҷуз кафаш
Ҳаргиз касе надид ба гетӣ сазои қарз.

* * *

Вой бар ман, ки рӯзу шаб шудаам
Доиман ҳамнишину ҳамдами қарз.
Муддате гирди ҳар касе гаштам,
Бу, ки орам ба даст марҳами қарз.
Охируламр ҳеч кас накшод
Пойи ҷонам зи банди муҳками қарз.
Ба дурустӣ наёфтам ҷое,
Ки маро вораҳонад аз ғами қарз.

* * *

Зиҳӣ, лаъли лабу нозук миёнат
Муроди дидаи борикбинон.
Ғами ишқат ба ҳушёрию мастӣ
Муроди дидаи хилватнишинон.

* * *

Пеш аз ин аз мулк ҳар соле маро
Хурдае аз ҳар каноре омадӣ.
Дар висоқам нони хушку таррае
Дар миён будӣ, чу ёре омадӣ.
Гаҳ-гаҳе ҳам бода ҳозир мешудӣ,
Гар надиме, ё нигоре омадӣ,
Нест дар дастам кунун аз хушку тар,
З-он чӣ вақте дар каноре омадӣ.
Ғайри ман дар хонаам чизе намонд,
Ҳам намондӣ, гар ба коре омадӣ.

* * *

Эй ақчаи гирди рӯйи конӣ,
Эй бе ту ҳаром зиндагонӣ,
Эй роҳати ҷону қуввати дил,
Эй мояи айшу комронӣ.
То кай бошад Убайд бе ту
Тан дода ба аҷзу нотавонӣ?

* * *

Ҳарими қалъаи Доруламон, ки дар олам
Чу осмон ба баландиш нест ҳамтое,
Ба нисбати ману бо астаре, ки ман дорам,
Ба ростӣ, ки балоест ин, на болое.

* * *

Худоё, дорам аз лутфи ту уммед,
Ки мулки айши ман маъмур дорӣ.
Бигардонӣ қазои зуҳд аз ман,
Балои тавба аз ман дур дорӣ.

* * *

Шаробхораму нарроду[1] ринди шоҳидбоз,
Маро зи дасти ҳунарҳои хештан фарёд.
Зи нангу тавбаву тасбеҳу зуҳд дар ранҷам,
Ки ҳар яке ба дигаргуна дорадам ношод.

* * *

Чӣ тафовут кунад ар з-он ки биёӣ бари мо
Бомдодон, ки тафовут накунад лайлу наҳор.
Даст дар домани май зан, ки аз ин пас шабу рӯз
Хуш бувад домани саҳрову тамошои баҳор.

[1] Наррод – нардбоз.

## РУБОИЁТ

Эй дар сари ҳар кас аз ту савдои дигар,
Дар роҳи ту ҳар тоифаро рои дигар.
Чизе зи ту гар касе таманно дорад,
Мо ҷуз ту надорем таманнои дигар.

Мекӯш, ки то з-аҳли назар хонандат,
В-аз олами роз бохабар хонандат.
Гар хайр кунӣ, фаришта гӯянд туро,
В-ар майл ба шар кунӣ, башар хонандат.

Ҳар кас, ки сари зулфи ту овард ба даст,
Аз ғолия фориғ шуду аз мушк бираст.
Оқил накунад нисбати зулфат бо мушк,
Донад, ки миёни ину он фарқе ҳаст.

То меҳри туам дар дили шӯрида нишаст
В-афтод маро чашм бад-он наргиси маст.
Ин ғам зи дилам намениҳад пой бурун
В-ин ашк зи доманам намедорад даст.

Даврони бақо бе маю соқӣ ҳашв[1] аст.
Бе замзамаи нони ироқӣ ҳашв аст.
Чандон ки фазолики[2] ҷаҳон менигарам,
Бо раз[3] ҳама ишрат асту боқӣ ҳашв аст.

Дунё на мақоми мост, на ҷойи нишаст,
Фарзона дар ӯ хароб авлотару маст.
Бар оташи ғам зи бода обе мезан,
З–он пеш, ки дар хок равӣ бод ба даст.

---

[1] Ҳашв – пуч, холӣ.
[2] Фазолика – пас, чунин.
[3] Раз – ангур.

Имшаб ману чангиеιю маъшуқаи чуст
Будем ба айшу аҳд кардем дуруст.
Соқӣ зи булӯри ноб бар рӯйи замин
Мекишт ақиқу луълуи тар меруст.

Ҳарчанд ки дарди дили ҳар хаста басест
В–аз дасти фалак риштаи бигсаста басест.
Зинҳор ба кори баста дил танг мадор,
Дар номаи ғайб рози сарбаста басест.

Гул, к-аз рухи ӯ хиҷил фурӯ мемонад,
Чизеш бад-он ғолиябӯ мемонад.
Моҳи шаби чордаҳ чу бармеояд,
Ӯ нест, вале нек бад-ӯ мемонад.

Ин шамъ, ки шаб дар анҷуман механдад,
Монад ба гуле, ки дар чаман механдад.
Ҳар шаб, ки ба болини ман ояд, то рӯз
Месӯзаду бар гиряи ман механдад.

Ҳарчанд биҳишт сад каромат дорад,
Мурғу маю ҳури сарвқомат дорад,
Соқӣ, бидеҳ ин бодаи гулранг ба нақд,
К-он насяи ӯ сар ба қиёмат дорад.

То ёр бирафт, сабр аз ман бирамид
В-аз ҳар мижаам ҳазор хуноба чакид.
Гӯӣ, натавонам, ки бибинам бозаш,
То кӯр шавад, ҳар он кӣ натвонад дид.

Эй шуълае аз партави рӯят – хуршед,
Рӯям зи ғамат зард шуду мӯй сафед.
Аз васли ту ҳар кӣ буд дар ҷумла ҷаҳон,
Бардошт насибеву мани хаста – умед.

Фикре, ки бар он табъи равон мегузарад,
Шарҳаш зи маонию баён мегузарад.
Шеъри ту чаро нозуку ширин набувад,
Охир, на бад-он лабу даҳон мегузарад?!

Он зулф, ки бар гӯшаи ғултоқ[1] ниҳод,
Сад доғи ҷафо бар дили ушшоқ ниҳод.
Бар чеҳраи ӯ чу тоқи абрӯяш дид,
Маҳ хубии рӯйи хеш бар тоқ ниҳод.

Дарвеш, ки май хӯрад, ба мирӣ бирасад,
В-ар рӯбаҳаке хӯрад, ба шерӣ бирасад.
Гар пир хӯрад, ҷавонӣ аз сар гирад
В-ар з-он ки ҷавон хӯрад, ба пирӣ бирасад.

Ман тарки шароби ноб натвонам кард,
Хумхонаи худ хароб натвонам кард.
Як рӯз агар бодаи софӣ нахӯрам,
Даҳ шаб зи хумор хоб натвонам кард.

Он хур, ки аз ӯ қуввати рӯҳ афзояд,
Яъне майи гулгун, ки футӯҳ афзояд.
Ман бандаи он, ки дар шабонгоҳ хӯрад,
Ман чокари он, ки дар сабӯҳ афзояд.

Ҷон қиссаи он моҳи сухангӯ гӯяд,
Дил коми равон з–он лаби дилҷӯ ҷӯяд.
Гар акси рухаш бар чаман афтад рӯзе,
Аз хок ҳама лолаи худрӯ рӯяд.

Ишқи ту маро чу хоки раҳ хоҳад кард,
Холи ту маро ҳол табаҳ хоҳад кард,
Зулфи ту маро ба бод бархоҳад дод,
Чашми ту маро хонасияҳ хоҳад кард.

[1] Ғултоқ – чашму абрӯ.

Гар васли ту дасти мани шайдо гирад
В-ин дарду фироқ роҳи саҳро гирад,
Ҳам ҳоли ман аз рӯйи ту некӯ гардад,
Ҳам кори ман аз қадди ту боло гирад.

Лаб ҳар кӣ бар он лаъли тарабнок ниҳад,
По бар сари нуҳ курсии афлок ниҳад.
Хуршед чу моҳ пеши рӯяш ба адаб
Ҳар рӯз ду бор рӯй бар хок ниҳад.

Аз шиддати тангдастию меҳнати бард[1]
Дар хаймаи мо на хоб ёбию на х(в)ард,
Дар тобаву саҳну косаву кӯзаи мо
На чарбу на ширину на гарм асту на сард.

З-ин гуна, ки ин шамъ равон месӯзад,
Гӯӣ зи фироқи дӯстон месӯзад.
Гар гиря кунем ҳар ду бо ҳам, шояд,
К-ӯрову маро риштаи ҷон месӯзад.

Қавме зи пайи мазҳабу дин месӯзанд,
Қавме зи барои ҳуриин[2] месӯзанд.
Ман шоҳиду май дораму боғе чу биҳишт
В-эшон ҳама дар ҳасрати ин месӯзанд.

Дил бо рухи дилбаре сафое дорад,
К-ӯ ҳар нафасе майл ба ҷое дорад.
Шарҳи шаби ҳиҷрону парешонии мо
Чун зулфи бутон дарозное дорад.

Васфи лаби ӯ сухан чу оғоз кунад
В-он ранги рухаш, ки бар суман ноз кунад.
Аз ғунча шунав, чу ғунча лаб бикшояд
В-аз гул биталаб, чу гул даҳан боз кунад.

---

[1] Бард – аз калимаи бурудат – хунук, сард.
[2] Ҳуриин – зани хушрӯй дар биҳишт.

Доно зи майи муғона менагрезад
В-аз чангу дафу чағона менагрезад;
Як шоҳиду ду надим, се ҷоми шароб,
Албатта, аз ин сегона менагрезад.

Ҳар лаҳза расад ба ман балое дигар,
Ояд ба дилам захм зи ҷое дигар.
Бар дарди саре, к-аз фалакам рост бувад,
Имрӯз фузуд дарди пое дигар.

Аз шавқи туам ҳаст бар оташ хотир,
Бе васли туам намешавад х(в)аш хотир.
Дар ҳасрати абрӯву сари зулфи хушат
Пайваста нишастаам мушаввашхотир.

Эй лаъли лабат ба дилнавозӣ машҳур
В-эй рӯйи хушат ба турктозӣ машҳур.
Бо зулфи ту қиссаест моро мушкил,
Ҳамчун шаби ялдо ба дарозӣ машҳур.

Эй дил, пас аз ин андуҳи беҳуда махӯр!
З-ин беш ғами будаву нобуда махӯр!
Ҷон медеҳу доди тамаъу ҳирс мадеҳ,
Ғам мехӯру нони миннатолуда махӯр!

Эй дил, пас аз ин ғуссаи айём махӯр!
Ҷуз най маталаб ҳамдаму ҷуз ҷом махӯр!
Марсум тамаъ мадору ташриф мапӯш,
Идрори қалам барнеҳу инъом махӯр!

Дил дар пайи ишқи дилбарон аст ҳанӯз
В-аз умри гузашта дар гумон аст ҳанӯз.
Гуфтем, ки мову ӯ ба ҳам пир шавем,
Мо пир шудему ӯ ҷавон аст ҳанӯз.

Не ёр навозад ба карам як рӯзам,
Не бахт, ки бар васл кунад пирӯзам.
Чун шамъ баробари рухаш гаҳ-гоҳе
Аз дур нигаҳ мекунаму месӯзам.

Бим аст, ки дар бехудӣ афсона шавам
В-ангуштнамои хешу бегона шавам.
Ин ақли фузул медиҳад заҳмати ман,
Ногоҳ зи дасти ақл девона шавам.

Дил сер шуд аз ғуссаи гардун хӯрдан
В-аз дасти ситам силии ҳар дун хӯрдан.
То чанд чу ной ҳар нафас нола задан?
То кай чу пиёла дамбадам хун хӯрдан?

Дар кӯчаи факр гӯшае ҳосил кун!
В-аз кишти ҳаёт хӯшае ҳосил кун!
Дар куҳнаработи даҳр ғофил манишин,
Роҳе пеш аст, тӯшае ҳосил кун!

Аз кори ҷаҳон карона хоҳам кардан,
Рӯ дар маю дар муғона хоҳам кардан.
То халқи ҷаҳон даст бидоранд зи ман,
Девонагие баҳона хоҳам кардан.

Гуфтам: Санамо, шудам ба коми душман
З-он ғамзаи шӯху турраи мардафкан.
Гуфт: Он чи зи чашму зулфи ман бар ту гузашт,
Эй хонасияҳ, чаро нагуфтӣ бар ман?!

Аз чашмаи Хизр ҷоми сангӣ хуштар
В-аз вазъи хатиб қавли[1] чангӣ хуштар.
Тезе, ки зи риндакон ба мастӣ биҷаҳад,
Аз сиблати[2] шайхакони бангӣ хуштар.

---

[1] Қавл – ғазалсарой, гуфтор.
[2] Сиблат – бурут.

Дар хонаи ман зи неку бад чизе нест,
Ҷуз бангею пораи намад чизе нест.
Аз ҳар чӣ пазанд, нест ғайр аз савдо
В-аз ҳар чӣ хӯранд, ҷуз лагад чизе нест.

З-ин савмаае, ки ҷойи тазвиру риёст,
Безор шудам, роҳи харобот куҷост?
Аз суҳбати бангу бангиям дил бигирифт,
Ҳам май, ки ҳарифу ҳамдами куҳнаи мост.

Эй ёр, нагуфтамат, ки саҳбо мехӯр!
Бо дилбари гулчеҳраи раъно мехӯр?!
Пандам нашунидӣ, инак, омад рамазон,
Ҷон медеҳу тар мекуну ҳалво мехӯр!

## ТАРҶЕЪБАНД

Вақти он шуд, ки кор дарёбем,
Дар шитоб аст умр, биштобем.
Дидаи ҳирсу оз бардӯзем,
Панҷаи зуҳду зарқ бартобем.
Мо гадоёни кӯи майкадаем,
На муқимони кунҷи меҳробем.
На зи ҷаври замона дар хашмем,
Н-аз ҷафои сипеҳр дар тобем.
На асирони ному номусем,
На гирифтори мулку асбобем.
Бандаи якравони якрангем,
Душмани шайхакони қаллобем.
Гирди кӯи муғон ҳамегардем,
Мутарассид,[1] ки фурсате ёбем,

Бо муғон бодаи муғона хӯрем,
То ба кай ғуссаи замона хӯрем?!

Ҳар кӣ ӯ оҳи ошиқона занад,
Оташ аз оҳи ӯ забона занад.
Ишқ шамъе аз он барафрӯзад,
Шуъла чун бар шаробхона занад.
Май дарояд ба ҷӯшу ҳар қатра
Акси дигар бар остона занад.
Ҳар кӣ з–он бода ҷуръае бичашид,
Лофи мастии ҷовидона занад.
Бандаи он дамам, ки бо соқӣ
Шоҳиди мо дам аз чамона занад,
Бо ҳарифе се-чор, к-аз мастӣ
Ин кунад рақсу он чағона занад.
Хез, то пеш аз он ки мурғи саҳар
Боли заррин ба ошёна занад

Бо муғон бодаи муғона хӯрем,
То ба кай ғуссаи замона хӯрем?!

---

[1] Мутарассид – умедвор ва чашмдоранда.

Ақл бо рӯҳ худситоӣ кард,
Ишқ бо ҳар ду подшоӣ кард.
Аз паси парда ҳусн бо сад ноз
Чеҳра бинмуду дилрабоӣ кард.
Ногаҳон илтифоти ишқ бидид,
Ғарра шуд, даъвии худоӣ кард.
Кор дарёфт ринди фарзона,
Рафту бо ишқ ошноӣ кард.
Сӯфӣ афзуда буд мояи хеш,
Дар сари зуҳду порсоӣ кард.
Ҳаҷр бар мо дари тараб барбаст,
Васлаш омад, гиреҳкушоӣ кард.
Хез, то чун иродаташ моро
Сӯйи майхона раҳнамоӣ кард,

Бо муғон бодаи муғона хӯрем,
То ба кай ғуссаи замона хӯрем?!

Ишқ ганҷест, дил чу вайрона,
Ишқ шамъест, рӯҳ парвона.
Дар биёбони ишқ мегарданд
Рӯҳ мадҳушу ақл девона.
Даст то дарназад ба домани ишқ,
Раҳ ба манзил набурд фарзона.
Хуррам он орифон, ки дунёро
Пушти пое заданд мардона.
Одам аз дона уфтода ба дом,
Оҳ аз ин дому вой аз он дона.
Умр дарбохтем то акнун
Гаҳ ба афсуну гаҳ ба афсона.
Баъд аз имрӯз агар ба даст орем
Домани ёру кунҷи майхона,

Бо муғон бодаи муғона хӯрем,
То ба кай ғуссаи замона хӯрем?!

Ақлро донишеву рое нест,
Беҳтар аз ишқ раҳнамое нест.
Талаби ишқу васл варзидан
Кори ҳар муфлису гадое нест.
Номи ҷаннат мабар, ки ошиқро
Хуштар аз кӯи ёр ҷое нест.
Пой дар кӯи зуҳду зарқ манеҳ!
К-андар он кӯй ошное нест.
Бар дари хонақаҳ марав, ки дар ӯ
Ҷуз риёеву бӯрёе нест!
Пеши мо маҷлиси шароб хуш аст,
Маҷлиси вазъро сафое нест.
Роҳи майхона гир, то шабу рӯз,
Чун дар исломиён вафое нест,

Бо муғон бодаи муғона хӯрем,
То ба кай ғуссаи замона хӯрем?!

Оҳ аз ин суфиёни азрақпӯш[1],
Ки надоранд ақлу донишу ҳуш.
Рақсро ҳамчу най камар баста,
Лутро ҳамчу сурфа ҳалқа ба гӯш,
Аз паси сайд дар паси зону
Мутарассид чу гурбаи хомӯш.
Шукри онро, ки нестӣ сӯфӣ,
Айш мерону бода мекун нӯш!
Хез, то пеш аз он, ки ногоҳе
Баркашад субҳдам хурӯс хурӯш,
Бо сабӯҳикунони дурдошом,
Бо хароботиёни ишвафурӯш
Рӯ ба майхонаи муғон орем,
Бода дар ҷому чанг дар оғӯш

Бо муғон бодаи муғона хӯрем,
То ба кай ғуссаи замона хӯрем?!

[1] Азрақпӯш – ҷомаи нилгунпӯшанда, киноя аз фиребгар ва дурӯғгӯй.

Хез, ҷоно, ҷамона бардорем.
Бодаҳои муғона бардорем.
Асби шодӣ ба зери рон орем
В-аз қадаҳ тозиёна бардорем.
Беш аз ин ғуссаи ҷаҳон нахӯрем,
Дил зи коми замона бардорем.
Зуҳду тасбеҳ дому донаи мост,
Аз раҳ ин дому дона бардорем.
Шоҳиду нуқлу бода баргирем,
Дафу чангу чағона бардорем.
Пештар, з-он ки ногаҳон рӯзе
Рахт аз ин ошёна бардорем,

Бо муғон бодаи муғона хӯрем,
То ба кай ғуссаи замона хӯрем?!

## ТАШБИБИ ҚАСИДА ВА
## ТАРКИББАНДҲОИ МАДҲИЯ

Хушвақт ошиқе, ки даме ёр ёри ӯст,
Хуррам диле, ки дилбари ӯ ғамгусори ӯст.
Ман дар миёни хуни ҷигар ғарқа в–ин замон,
То кист, он ки мӯниси ӯ дар канори ӯст?
Ошиқ равад ба шаҳри касон, лек ҳамчу мо
Майлаш ба ҷонибест, ки шаҳру диёри ӯст.
Ҳар хастае, ки дур шуд аз пеши ёри худ,
Аз шаҳри ёр ҳар кӣ расад, шаҳрёри ӯст.
Нақши хаёли қоматаш аз чашми мо талаб,
К-он сарви ноз бар тарафи ҷӯйбори ӯст.
Мо – он насим, к-ӯ гузаре сӯйи мо кунад,
Мо хоки он раҳем, ки бар раҳгузори ӯст.
Бисёр хост фитна зи қадди бутон, вале
Ин фитна барнахост, ки дар рӯзгори ӯст.
Дил боз кай ба синаи маҷрӯҳи мо расад?
Мискин асири силсилаи мушкбори ӯст.
Номи Убайд кай равад аз ёди аҳли дил,
Чун гуфтаҳои нозуки ӯ ёдгори ӯст.

* * *

Омад насиму накҳати гул дар ҷаҳон фиканд,
Булбул зи шавқ ғулғула дар бӯстон фиканд.
Ҳам боди навбаҳор дили ғунча баркушод,
Ҳам бед соя бар сари оби равон фиканд.
Шавқи фурӯғи зулмати гул боз оташе
Дар ҷони зори булбули фарёдхон фиканд.
Сӯфисифат шукуфа бар овози андалеб
Рақсе бикарду хирқа сӯйи боғбон фиканд.
Ранги узори соқию тоби шуои май
Он акс бин, ки бар гулу бар арғувон фиканд.
Ҳайрон бимонд савсани озоди даҳзабон,
То худ кӣ банди хомушияш бар забон фиканд?

То сарви сарфароз тамаввул[1] намуд боз,
Сарҳо ба завқ дар қадамаш метавон фиканд.
Бар сар ниҳод наргиси сармаст ҷоми зар,
Чун чашм боз карду назар дар ҷаҳон фиканд.
Боди баҳору мақдами Наврӯзу бӯйи гул
Ошӯби айш дар дили пиру ҷавон фиканд.
Чун ғунча лаб ба мадҳи шаҳаншоҳ баркушуд,
Абраш ҳазор донаи дур дар даҳон фиканд.
Баҳри нисор домани зар баргирифт гул,
Худро ба базми подшаҳи компрон фиканд…

* * *

Чу субҳ рояти хуршед ошкор кунад,
Зи меҳр қиблаи афлок зарнигор кунад.
Замона машъалаи қудсиён[2] барафрӯзад,
Сипеҳр кисвати[3] рӯҳониён[4] шиор кунад.
Хуҷаста хусрави сайёрагон[5] ба толеи саъд
Дигар ҳазимати саҳрову кӯҳсор кунад.
Чу хайли турк, ки бар лашкари ҳабаш тозад,
Чу шоҳи Рум, ки оҳанги Зангбор[6] кунад.
Ба захми теғи мамоликситони кишваргир
Ҳазор рахна дар ин нилгун ҳисор кунад.
Ҷаҳон ҳуроқаи[7] шабро ба таффи гармии субҳ
Зи тоби шуълаи хуршед пуршарор кунад.
Замона домани афлокро зи лутфи шафақ
Ҳазор лолаи навруста дар канор кунад.
Сипеҳр[8] иқди[9] сурайё ниҳода бар кафи даст,
Бад-он умед, ки дар пойи шаҳ нисор кунад.

---

[1] Тамаввул – давлатмандӣ, молдорӣ.
[2] Қудсиён – фариштагон.
[3] Кисват – ҷома, либос.
[4] Рӯҳониён – бошандагони олами рӯҳ.
[5] Хусрави сайёрагон – кинoя аз Офтоб.
[6] Зангбор – мамлакати ҳабаш.
[7] Ҳуроқа – шуълаи оташак (барқ).
[8] Сипеҳр – осмон.
[9] Иқд – шаддаи марворид – гулӯбанд.

Сафои субҳ дили ошиқон ба даст орад,
Насими боди сабо сози навбаҳор кунад.
Расид мавсими Наврӯзу гоҳи он омад,
Ки дил ҳавои гулистону лолазор кунад.
Сабо фасонаи ҳурони сарвқад гӯяд,
Чаман ҳикояти хубони гулъузор кунад.
Арӯси гул зи аморӣ[1] ҷамол бинмояд,
Ба ноз ҷилвакунон азми ҷӯйбор кунад.
Сабоҳ[2] гардану гӯши мухаддароти[3] чаман
Зи файзи хеш пур аз дурри шоҳвор кунад.
Ҳазор ошиқи дилхастаро ба як нағма
Навои булбули шӯрида беқарор кунад
Сабо ба ҳар чӣ занад дам ба пеши лолаву гул
Ривоят аз нафаси нофаи татор кунад.
Зи завқ наргиси тар об дар даҳон орад,
Агар нигоҳ дар ин назми обдор кунад.
Чинор даст баровардa, рӯзу шаб чун ман
Дуои давлати султони комгор кунад.
Дар инчунин сара фасле чӣ гӯям он касро,
Ки тарки бодаи ҷонбахши хушгувор кунад?!
Касе, ки бода нанӯшад, чӣ хушдилӣ бинад?
Диле, ки ишқ наварзад, дигар чӣ кор кунад?
Ғуломи наргиси онам, ки бо сурохию май
Гирифта дасти буте дар чаман гузор кунад.
Гаҳе ба бӯсае аз лаъли ӯ шавад қонеъ,
Гаҳе ба нуқтае аз лаълаш иқтисор кунад.
Гаҳе ҳикояти айши гузашта гӯяд боз,
Гаҳе шикояти эҳдоси рӯзгор кунад.
Даме зи нағмаи най нолаи ҳазин шунавад,
Даме ба соғари май чораи хумор кунад.
На ҳамчу ман, ки дарунам бисӯзад оташи шавқ,
Чу ёди суҳбати ёрони ғамгусор кунад.

---

[1] Аморӣ – каҷовае, ки дар он занон нишаста бо уштур сафар мекарданд. Ин ҷо киноя аз пардаи ғунча аст.
[2] Саҳоб – абр.
[3] Мухаддарот – занони парданишин. Ин ҷо киноя аз гулҳои ношукуфтаи чаман аст.

Канори ман шавад аз хуни дида моломол,
Дили рамида чу ёди диёру ёр кунад.
Дар ин ғарибию оворагӣ чунин ки манам,
Маро ба лутф кӣ пурсад, кӣ эътибор кунад?
Убайдро беҳ аз ин нест дар чунин сахтӣ,
Ки такя ба караму лутфи Кирдгор кунад.
На беш дар талаби моли бесубот равад,
На эътимод бар ин ҷоҳи мустарор[1] кунад.
Ба оби тавба зи кори ҷаҳон бишӯяд даст,
Зи тӯша даргузарад, гӯша ихтиёр кунад…

* * *

Сапедадам алами субҳ чун равон карданд,
Зи меҳр бар сари офоқ зар фишон карданд.
Мудаббирони умури фалак зи роҳи Хутан
Ба тирагӣ зи Ҳабаш лашкаре равон карданд:
Ба сад либос баромад сипеҳри бӯқаламун[2],
Чу субҳро тутуқ аз сода парниён[3] карданд.
Чу чатри хусрави ховархиром пайдо шуд,
Сипоҳи шаб буна[4] дар кӯҳҳо ниҳон карданд.
Хурӯси субҳ чу зад боли оташин бар чарх,
Ғуробро[5] ба шаб овоз з–ошён карданд.
Зи осмон чу нишони шафақ падид омад,
Канори кӯҳ пур аз тозаарғувон карданд.
Мусофирони самовӣ ба хиттаи Мағриб
Ҳазимат аз тарафи Роҳи Каҳкашон карданд.
Зи ранги оинаи субҳ з-он нафас шуд пок,
Ки теғи меҳри зарандуд зарфишон карданд…

---

[1] Мустарор –ориятӣ, муваққатӣ.
[2] Бӯқаламун – рангоранг, тобанда.
[3] Парниён – ҳарири қадими хитоӣ.
[4] Буна – бунаҳ, бор.
[5] Ғуроб – зоғ.

* * *

Дамид боди диловезу бӯйи ҷон овард,
Навиди кавкабаи[1] гул ба гулситон овард.
Расид мавсими Наврӯзу юмни мақдами ӯ
Ба сӯйи хуррамӣ аз ҳар диле нишон овард.
Шукуфа боз бихандиду лутфи хандаи ӯ
Нишот бо дили маҳзуни ошиқон овард.
Насим хаста шуду нотавону меафтад,
Зи баски рахт раёҳин ба бӯстон овард.
Ҳазордастон[2] дар васфи бӯйи лолаву гул
Ҳазор нағмаву дастон ба достон овард.
Ғуломи давлати онам, ки бар канори чаман
Нишасту бо бути худ даст дар миён овард.
Сапедадам, ки сабо баҳри шоҳидони баҳор
Ба арсаи чаман аз абр соябон овард.
Чӣ зарра аст, ки бар турраи бунафша фишонд,
Чӣ оби лутф, ки бар рӯйи арғувон овард.
Зи шавқ булбули шӯридадил ба гул мегуфт:
Биё, биё, ки фироқат маро ба ҷон овард.
Паём дод ба боди саҳар шукуфа, ки: хез,
Биё, ки бе ту нафас барнаметавон овард!...

* * *

Туркам чу қасди хуни дили ошиқон кунад,
З-абрӯву ғамза даст ба тиру камон кунад.
Ороми ҷон ба наргиси соҳир зи мо барад,
Тороҷи дил ба турраи анбарфишон кунад.
Чун бо камар ба роз дарояд миёни ӯ,
Ҷосусвор боз саре дар миён кунад.
Гаҳ бар гули бунафша хате дилрабо кашад,
Гаҳ лоларо зи сунбули тар соябон кунад.
Сармаст агар ба боғ равад, акси оразаш,
Хун дар канори тозагулу арғувон кунад.

---

[1] Кавкаба – дабдаба, дастаи саворон, гурӯҳи мардум.
[2] Ҳазордостон – булбул.

Аз шарми ӯ чу ҷилва кунад дар канори ҷӯй,
Сарв аз чаман барояду гул рух ниҳон кунад.
Савсан чу бигзарад мутамоил ба сад забон,
Афсӯс бар шамоили сарви равон кунад.
Ҳоли дилам зи зулфи парешони ӯ бипурс,
То мӯ ба мӯ бигӯяду як–як баён кунад.
Аз чашми ӯ фасонаи ранҷуриям шунав,
То ӯ ба шарҳ васфи мани нотавон кунад.
Ҳам дардманди ишқ, ки савдои ӯ пазад,
Судаш ба даст бошад, агар сад зиён кунад.
Дар кӯи ишқ муддаияш ном кардаанд,
Онро, ки номи сар бараду фикри ҷон кунад…

* * *

Ҷаҳон хуш асту чаман хуррам асту булбул шод,
Биёр бодаи гулранг, ҳар чӣ бодо, бод!
Ба шаш ҷиҳат чу аз ин ҳафт чархи бӯқаламун,
Аз он чи ҳаст муқаддар, на кам шавад, на зиёд.
Ба ною най нафасе вақти хештан хуш дор,
Чу ною най чӣ диҳӣ умри хештан бар бод?!
Бигир дасти буте в–аз замона даст бидор,
Ғуломи сарвқаде бошу аз ҷаҳон озод.
Замин, ки буд зи таъсири замҳарир[1] хароб,
Зи юмни мақдами наврӯз мешавад обод.
Ба шоҳидони чаман сад ҳазор лахлаха[2] ҳур
Ба дасти пайки насими баҳор бифристод.
Чу нақшбанди раёҳин қабои ғунча бибаст,
Сабо ба лутф сари нофаи Хутан бикшод.
Миёни сабзаву гул рақс мекунад лола,
Ба пеши оби равон ҷилва мекунад шамшод.
Дирамфишонӣ бар фарқи сабзаҳо корест,
Ки боз лутфи насими баҳорро афтод…

[1] Замҳарир – сармои сахт.
[2] Лахлаха – мураккаби чанд хушбӯйӣ.

* * *

Бинӯш бода, ки фасли баҳор меояд,
Навиди хуррамӣ аз рӯзгор меояд.
Зи абр қатраи оби ҳаёт меборад,
Зи бод нафҳаи[1] мушки татор меояд.
Барои равнақи базми муоширон лола
Гирифта ҷоми майи хушгувор меояд.
Миёни боғ ба сад лаб шукуфа механдад,
Ки сабза медамаду гул ба бор меояд.
Димоғи шефтагонро ба ҷӯш меорад,
Хурӯши мурғ, ки аз марғзор меояд.
Ҳазор пираҳан аз шавқ мекунад пора,
Ба гӯши ғунча чу бонги ҳазор меояд.
Ба боғ гурба бар атрофи шох, пиндорӣ,
Кушода панҷа барои шикор меояд.
Ба ҳар куҷо, ки равад, мурда зинда гардонад,
Насим, к-аз тарафи ҷуйбор меояд.
Кунун чу ғунчаву гул ҳар куҷо, ки зиндадилест,
Ба зери сояи беду чинор меояд.
Канори обу канори бутон ғанимат дон,
Кунун, ки мавсими бӯсу канор меояд.
Ғуломи ҳиммати онам, ки маст сӯйи чаман,
Гирифта дасти буте чун нигор, меояд.
Ба боғ ҷилвакунон гул ниҳода зар бар каф,
Ба базми шоҳи ҷаҳон бо нисор меояд…

* * *

Хуш он насим, ки бӯе зи зулфи ёр орад,
Ба ошиқе хабари ёри ғамгусор орад.
Ба сӯйи булбули бедил барад башорати гул,
Ба боғ муждаи айёми навбаҳор орад.
Хушо касе, ки саломе бад-он диёр барад,
В-аз он диёр паёме бад-ин диёр орад.
Агар на пайки насими баҳор ранҷа шавад,
Инояте ба сари ошиқони зор орад.

[1] Нафҳа – бӯйи хуш.

Кӣ ҳоли ман ба сари кӯи ёр арза кунад,
Ки ёдаш аз мани маҳҷури дилфигор орад?
Ба ихтиёр накардам ҷудоӣ аз бари ёр,
Бало кӣ бар сари хотир ба ихтиёр орад?
Ғариби шаҳри касонам, ки дар шумор оям,
Ғариби бесарупоро кӣ дар шумор орад?…

* * *

Насими боди саҳар азми бӯстон дорад,
Дамиду боз дамаш кимиёи ҷон дорад.
Расид мужда, ки султони гул ба толеи саъд,
Азимати чаману ройи гулситон дорад.
Ба ноз такя зада бар канори оби равон,
Зи бед мирваҳа[1] в-аз сарв соябон дорад.
Суман фасона зи рухсори ҳур мегӯяд,
Чаман таровати нузҳатгаҳи ҷинон дорад.
Намеравад ҳама шаб чашми наргис андар хоб,
Зи баски булбули шӯридадил фиғон дорад.
Ҳанӯз лолаи навруста ношукуфта тамом,
Чӣ мӯҷибест, ки бо сабза сар гарон дорад?
Фурӯғи рӯйи бутам дар қадаҳ бад-он монад,
Ки об ояду дар рӯй арғавон дорад.
Зи акси чеҳраи ӯ лоларо ба хуни ҷигар
Ҳикоятест, ки бо ғунча дар миён дорад.
Ба сарв нисбати озодиву сарафрозӣ
Аз он кунанд, ки оини ростон дорад…

* * *

Боз гул ҷилвакунон рӯй ба саҳро дорад,
Навҷавон аст, сари айшу тамошо дорад.
Хор дар паҳлуву по дар гилу хуш механдад,
Лутф бин, к-ин гули наврустаи раъно дорад.
Об ҳар лаҳза чу Довуд зиреҳ месозад,
Бод хосийяти анфоси Масеҳо[2] дорад.

[1] Мирваҳа – бодбезан.
[2] Анфоси Масеҳо – дами рӯҳбахши Исо.

Лола бар тарфи чаман рақскунон, пиндорӣ
Наварӯсест, ки пироҳани воло дорад.
Қиссаи сарв дароз аст, намешояд гуфт,
К-он ҳадисест, ки он сар ба Сурайё дорад.
Инчунин зор, ки булбул ба чаман менолад,
Нисбате бо мани дилдодаи шайдо дорад.
Бӯстонро ҳама асбоб муҳайёст, вале
Хуррам он, к-ӯ ҳама асбоб муҳайё дорад.
Нақди имрӯз ғанимат шумар, аз даст мадеҳ,
Кӯрбахт аст, ки андешаи фардо дорад.
Бути ман ҷилвакунон гар ба чаман даргузарад,
Бо рухаш сӯйи гулу лола кӣ парво дорад?
Он чӣ ҳусн аст, ки он шаклу шамоилро ҳаст?
В–он чӣ лутф аст, ки он қомату боло дорад?
Гуфтамаш: Зулфи ту дорад дили ман. Аз сари танз
Гуфт к: – Ин бесарупо, бин, ки чӣ савдо дорад?
Қатраи ашки мани хастаҷигар дар ғами ӯ
Ҳаст хуне, ки тааллуқ ба сувайдо дорад.
Оламе бандаи ӯ гаштаву ӯ аз сари сидқ
Ҳаваси бандагии соҳиби доно дорад…

* * *

Боз ба саҳро расид кавкабаи навбаҳор,
Соқии гулрух, биё, бодаи гулгун биёр!
З-он майи чун лаъли ноб, к-аз мадади ӯ мудом
Айш бувад бардавом, умр бувад хушгувор.
Рӯҳфазое, ки ӯ табъ кунад шодмон,
Оби ҳаёте, к-аз ӯ маст шавад ҳушёр.
Ҳамдами барнову пир, мӯниси шоҳу гадо,
Бар ҳама кас меҳрубон, бо ҳама кас созгор.
Шефтаро дилпазир, дилшударо ногузир,
Сӯхтаро дастгир, ғамзадаро ғамгусор.
Ҳозимаро судманд, фокираро нақшбанд,
Босираро нурбахш, сомиаро гӯшвор.
Мавсими он мерасад боз, ки дар боғу роғ
Лола бирӯяд зи хок, гул бадар ояд зи хор…

* * *

Субҳдам, к-аз ҳадди Ховар хусрави нилиҳисор
Лашкари румӣ равон мекард сӯйи Зангбор.
Соябони қирии[1] шаб медарид аз якдигар,
Мешуд аз атрофи Ховар[2] рояти[3] рӯз ошкор.
Пайкари раънои зарринболи симиношён
Саҳни саҳро симгун мекарду заррин кӯҳсор.
Ҳамчу ғаввосон дар ин дарёи мавҷи симгун
Ғӯта мезад, нур меандохт гирди кӯҳсор.
Ман муҷаррад аз халоиқ, муътакиф дар гӯшае,
Карда аз рӯйи фароғат кунҷи узлат[4] ихтиёр.
Ғарқаи дарёи ҳайрат монда дар гирдоби фикр
Бар тамоили фалак бикшода чашми эътибор…

* * *

Сапедадам чу шаҳаншоҳи гунбади гардон
Кашид теғу бар атрофи Шарқ гашт равон,
Сипеҳр ғолиясову сабо абиромез,
Шамол миҷмарагардон, насим муждарасон.
Зи баҳри мақдами султони чарх партави субҳ
Ба сӯйи арсаи[5] Ховар кашид шодурвон[6]
Тулӯъ кард зи Машриқ талояи[7] хуршед
Чу аз билоди ҳабаш подшоҳи Туркистон.
Ба юмни давлату иқболи шоҳи банданавоз[8]
Маро ба ҷониби Кирмон кашид бахт инон.
Назар кушодаму дидам: Хуҷиста мамлакате,
Мақарри[9] ҷоҳу ҷалолу мақоми амну амон.

---

[1] Қир – равғани сиёҳ.
[2] Ховар – шарқ.
[3] Роят – байрақи лашкар. Ин ҷо киноя аз Офтоб аст.
[4] Узлат – танҳоӣ.
[5] Арса – майдон.
[6] Шодурвон – бисот, палос, парда, соябон ва ғайра, ки ҷиҳози хона аст.
[7] Талоя – қисми пеши лашкар, ки онро муҳофиза кунад. Посбони шабона. Ин ҷо ба маънои шуоъ ва нурҳои офтоб омадааст.
[8] Ишора ба Шоҳшуҷоъ, ки подшоҳи Кирмон буд ва Убайдро ба он ҷо даъват кардааст.
[9] Мақарр – ҷойи қароргирӣ.

Саводи[1] ӯ чу хами зулфи ҳур анбарбор,
Ҳавои ӯ чу дами боди субҳ мушкафшон.
Ба ҳар тараф, ки расӣ, сабзаҳои ӯ хуррам,
Ба ҳар чаман, ки расӣ, ғунчаҳои ӯ хандон.
Зи оби софии ӯ ғибта[2] мехӯрад Кавсар,
Ба лутфи равзаи[3] ӯ рашк мебарад Ризвон[4]
Фазои ӯ ҳама пурбоғуроғу гулшану кох,
Замини ӯ ҳама пурёсамину пуррайҳон.
Гузашта тораки[5] айвонҳои олии ӯ
Зи авҷи манзари Бирҷису[6] торами Кайвон.
Ба эътидоли ҷинон фаслҳои ӯ наздик,
Ки эмин аст дар ӯ барги гул зи боди хазон.
Аҷаб набошад, агар мурда зинда гардонад,
Насим чун кунад андар фазои ӯ ҷавлон.
Назар ба қалъаи ӯ кун, ки аз баландии қадр
На дасти ваҳм бад-ӯ мерасад, на пойи гумон.
Ҳам осмонаи ӯ гашта бо сапеҳр қарин,
Ҳам остонаи ӯ карда бо ситора қирон.
Зи шакли тоқу равоқаш нишонае Шабдез,
Зи вазъи кунгураҳояш намунае ҳирмон….

* * *

Соқиё, мавсими айш аст, бидеҳ ҷоми шароб,
Лутф кун, басталабонро ба зулоле дарёб!
Қадаҳи бода агар ҳаст, ба ман деҳ, то ман
Дар сари бода кунам хонаи ҳастӣ чу ҳубоб.
Дар ҳисоби зару сим асту ғами доду ситад,
Кӯрбахте, ки надорад хабар аз рӯзи ҳисоб.
Бар касам ҳеч ҳасад нест, Худо медонад,
Ҷуз бар он ринд, ки афтода бувад масту хароб.

[1] Савод – атроф, ҷойҳои обод.
[2] Ғибта – орзу бурдан ба моли касе на аз рӯйи бадхоҳӣ.
[3] Равза – боғ.
[4] Ризвон – номи яке аз боғҳои биҳишт.
[5] Торак – фарқи сар. Ин ҷо ба маънои қубба ва гунбадҳои биност.
[6] Бирҷис – номи яке аз сайёраҳо.

* * *

Соқӣ, биёр бодаву пур кун ба ёди ид,
Дардеҳ, ки ҳам ба бода тавон дод доди ид.
Банмуд ид чеҳраву андаррасид боз
Хуррам висоли дилбару хуш бомдоди ид.
Ташриф доду боз асоси тараб ниҳод,
Эй сад ҳазор раҳмати ҳақ бар ниҳоди ид!...
Ид омаду муроди ҷаҳоне ба бода дод,
Бодо ҷаҳон ҳамеша ба кому муроди ид!...

# ДОСТОНҲО

## УШШОҚНОМА

### Сифати дил

...Гарам иқбол рӯзе ёр гардад,
Ғунуда[1] бахти ман бедор гардад,
Бар он даргоҳ хоҳам дод аз ин дил,
Мусалмонон, маро фарёд аз ин дил!
Диле дорам, ки аз ҷон баргирифта,
Умед аз куфру имон баргирифта.
Дили реше, ғамандӯзе, балое,
Ба доми ишқи хубон мубталое.
Диле шӯридашакле, беқароре,
Диле девонае, ошуфтакоре.
Диле дорам, ғами дурӣ кашида,
Зи чашми ёр ранҷурӣ кашида.
Диле, к-ӯ аз Худо шарме надорад,
Зи рӯйи халқ озарме[2] надорад.
Диле пайваста з-ӯ ором рафта,
Ба пойи хештан дар дом рафта.
Машаққатхонае, ишқошёне,
Муҳаббатдидае, бедудмоне[3].
Бахуноғуштае, савдомизоҷе,
Куҳанбемори ишқе, беилоҷе,
Чу чашми шоҳидон пайваста масте,
Муғе, кофарниҳоде, бутпарасте.
Чу зулфи дилбарон ошуфтакоре,
Сияҳрӯе, парешонрӯзгоре.
Ҳамеша бар балои ишқ мафтун,
Саропойи вуҷудаш қатраи хун.

---

[1] Ғунудан – хобидан.
[2] Озарм – шарм.
[3] Бедудмон – бехонаву ҷой – бехонумон, бекас, беқабила ва бехешу табор.

Набошад дар пайи молеву ҷохе,
Набошад ҳаргизаш рӯе ба роҳе.
Зи ғам ҳар дам ба сад дастон бароял,
Зи баҳри хатту холаш ҷон бароял.
Зи шайдоию худроӣ натарсад,
Чу нодонон зи расвоӣ натарсад.
Шавад ҳайрони ҳар шӯхеву шанге,
Набошад ҳаргизаш номеву нанге.
Ҳар он к-ӯ дорадаш чун дида дар тоб,
Ниҳолашро ба хуни дил диҳад об.
Даруни хеш доим реш хоҳад,
Бало чандон ки бинад, беш хоҳад.
Ҳамеша сӯгворӣ[1] пеша дорад,
Ҳамеша ошиқӣ андеша дорад.
Зи дур ар сарвболое бибинад,
Ба пояш дарфитад, дардаш бичинад.
Чу дасти норпистоне бигирад,
Ба пеши норпистоне бимирад.
Зи баҳри хубрӯён ҷон бибозад,
Ба куфри зулфашон имон бибозад.
Ту гӯӣ, одати парвона дорад,
Ба ҷони хештан парво надорад.
Ман аз афкори ӯ пайваста афгор,
Ман аз тимори ӯ пайваста бемор.
Ба нури чашм бинад ҳар касе роҳ,
Дили мискин зи чашм афтода дар чоҳ.
Маро дил кушт, фарёд аз кӣ хоҳам?
Асири дил шудам, дод аз кӣ хоҳам?
Зи дасти ин дили девона мастам,
Даруни сина душман мепарастам.
Надида донае аз васфи дилдор,
Ба доми дил гирифторам, гирифтор.
Бад-ин сон хаста касро дил мабодо,
Касеро кори дил мушкил мабодо.

[1] Сӯгворӣ – мотамдорӣ.

Зи дасти дил шудам бо ғусса дамсоз,
Худоё, ин диламро чорае соз!
Маро дил дар ғами дилдоре афканд,
Ба доми ишқи гулрухсоре афканд.

## Сифати маъшуқ

Маҳе, фаррухрухе, фархундарое,
Ба шаҳристони хубӣ подшое,
Миёни нозанинон нозанине,
Зи шириниш Ширин хӯшачине,
Рухаш гулбарги хубӣ соз карда,
Қадаш бар сарви раъно ноз карда,
Гирифта сунбулаш бар гул ватангоҳ,
Суҳайл[1] овехта аз гӯшаи Моҳ,
Баҳори лутфро нозанда сарве,
Ба боғи дилбари раъно тазарве,
Зи анбар роҳро пироя карда,
Гулашро чатри сунбул соя карда,
Ниҳон дар иқди луълу дурҷи ёқут,
Ҳадиси шаккаринаш рӯҳро қут[2].
Ду чашмаш чун ду ҷодуи фусункор,
Ду зулфаш корвони мушки тотор.
Даҳонаш дар ҳақиқат камтар аз ҳеч,
Сари зулфайни ҷаъдаш печ дар печ.

## Ғазал

Хами абрӯйи ӯ дар ҷонфизоӣ
Тирози остини дилрабоӣ.
Худо аз лутфи маҳзаш офаридаст,
Ба ном Эзид, зиҳӣ лутфи худоӣ!
Ба ғамза чашми масташ кард пайдо,
Русуми мастиву сеҳрозмоӣ.

[1] Суҳайл – номи як ситора, ин ҷо ба маънои умуман ситора омадааст.
[2] Қут – хӯрок.

Зи кӯи ӯ ғуборе, к-оварад бод,
Кунад дар чашми ҷонҳо тутиёӣ.
Убайд, ӯ подшоҳи дилбарон аст,
Бирав пешаш гадоӣ кун, гадоӣ!

**Сухан дар ишқ**

Нахустин рӯз, к-ин чашми балокаш
Маро аз ишқи ӯ дар ҷон зад оташ,
Дил аз ҷону ҷавонӣ баргирифтам,
Умед аз зиндагонӣ баргирифтам.
Чунон дар ишқи ӯ девона гаштам,
Ки дар девонагӣ афсона гаштам.
Хирад мегуфт, к-эй мадҳуши бемор,
Ғамашро дар миёни ҷон нигаҳ дор!
Агар дил медиҳӣ, боре бад-ӯ деҳ!
Ба ҳар хорӣ, ки ояд, дил фурӯ деҳ!
Гаҳе чун шамъ меафрӯз аз ишқ,
Чу парвона гаҳе месӯз аз ишқ.
Диле к-ӯ бо буте ишқе наварзад,
Махонаш дил, ки ӯ чизе наярзад.
Надонад, ҳар кӣ ӯ шавқе надорад,
Ки дил бе ошиқӣ завқе надорад.
Чаро ҷуз ишқ чизе парварад дил?
Агар сӯзе набошад, бифсурад дил.
Мабод он дил, ки ӯ сӯзе надорад,
Ҳавои маҷлисафрӯзе надорад.
Бирав, дар ишқбозӣ сар барафроз!
Ба кӯи ишқ ному нанг дарбоз!
К-аз ин беҳтар хирадро пешае нест
В-аз ин беҳ дар ҷаҳон андешае нест.
Шунидам панду дил дар ишқ бастам,
Чу мадҳушон зи ҷоми ишқ мастам.
Ба дасти ишқ додам мулки ҷонро,
Салои ишқ дардодам ҷаҳонро.

Дигар дар доми ишқ андохтам дил,
Шудам омоҷи[1] меҳнат, сохтам дил.
Аз ин пас Каъбаи ман кӯи ӯ бас,
Маро меҳроби ҷон абрӯйи ӯ бас.

## Арзи шавқ

Шабе шавқам шабехун бар сар овард,
Зи ғам дар пойи дил ҷӯше баровард.
Танам зуннори габрон дар миён баст,
Дили шӯрида шӯре дар ҷаҳон баст.
Ба куллӣ аз хирад бегона гаштам,
Чу афюнхӯрдагон бегона гаштам.
Чу зулфаш беқарорӣ пеша кардам,
Фиғону оҳу зорӣ пеша кардам.
Зи мижгон ашки хунин мефишондам,
Ба обе оташи дил менишондам.
Намеосудам аз фарёду зорӣ,
Наметарсидам аз дашному хорӣ.
Хурӯшам гӯши гардун хира мекард,
Ҳаворо дуди оҳам тира мекард.
Паёпай заҳри ҳиҷрон мечашидам,
Қалам бар ҳастии худ мекашидам.
Ҳамеша гирди манзилгоҳи ёрам
Тавофи Каъбаи ҷон буд корам.
Замирам бо хаёлаш роз мехонд,
Ба сӯз ин байтҳоро бозмехонд…

## Ғазал

Дилам з-ин беш ғавғо бар натобад.
Сарам з-ин беш савдо бар натобад…[2]

---

[1] Омоҷ – нишонаи тиру туфанг.
[2] Ба қисми «Ғазалиёт» нигаред.

## Воқиф шудани маъшуқ аз ҳоли ошиқ

Дар он шабҳои тор аз беқарорӣ,
Чу бисёре бинолидам ба зорӣ,
Магар, к-аз оҳи ман сарви гуландом
Садое гӯш кард аз гӯшаи бом?
Бар он нолидани ман раҳмат овард,
Хиромон рӯ ба наздакони худ кард.
Якеро з-он парирӯёни танноз
Ҳикоят боз мепурсид аз роз,
Ки ин мискини савдоӣ кадом аст,
К-аз ин дарди сараш савдои хом аст?
Зи кӯи мо киро мечӯяд, охир?
Ба гирди мо чаро мепӯяд, охир?
Кӣ кардаш инчунин бехобу ором?
Кадомин дона афкандаш дар ин дом?
Кӣ з-ин сон бехӯру бехоб кардаш?
Кӣ аз ғам дида пурхуноб кардаш?
Кадомин ғамза зад бар ҷони ӯ тир,
Ки бо нахҷирбонаш кард нахҷир?
Кадомин сел бигрифташ гузаргоҳ?
Кадомин шӯхчашмаш бурд аз роҳ?
Ҷавобаш дод, к-ин дилдода аз даст
Ба кӯи мо дарояд ҳар шабе маст.
Гаҳе дар хок ғалтад ҳамчу мастон,
Гаҳе саҷда барад чун бутпарастон.
Касе з-ӯ нашнавад чуз нола овоз,
Зи шайдоӣ нагӯяд бо касе роз.
Дар ин дардаш касе фарёдрас нест,
Ба ғайр аз оҳи сардаш ҳамнафас нест.
Ҳама вақте дар ин шабҳои торӣ
Гаҳе нолад, гаҳе гиряд ба зорӣ.
Ба шаб бо ахтарон дамсоз гардад,
Чу рӯз ояд, дигар раҳ боз гардад.
Мудом аз дида хун бар чеҳра ронад,
Касе аҳволи ин мискин надонад.

Ба ханда гуфт, к-ин хом уфтодаст,
Ҳамоно нав дар ин раҳ ӯ фитодаст.
Дигар ошиқ бад-ин зорӣ набошад,
Бад-ин хориву ғамхорӣ набошад.
Бағоят тунд месӯзад чароғаш,
Халал кардаст, пиндорӣ, димоғаш.
Чунин шӯрида сомон дер ёбад,
Чунин бемор дармон дер ёбад.
Бад-ин сон к-ӯст, ёриро нашояд,
Чунин девонаро занҷир бояд.
Куҷо ёбад калид ин бастагиро,
Кӣ созад марҳам ин дилхастагиро?
Кӣ ҷӯяд бо чунин кас ошноӣ,
Шикасташро кӣ созад мӯмиёӣ?
Гумон бурдӣ, диле номус кардӣ,
Бар ин осудадил афсӯс кардӣ.

**Пайғом фиристодани ошиқ ба маъшуқ**

Пас аз умре, ки дил хуноба мех(в)ард,
Хирад берун шуду дил кор мекард.
Чу бар дил шуд зи ғам роҳи нафас танг,
Ба сад афсуну сад дастону найранг.
Уқобе тезпарро ром кардам,
Ба сӯйи он санам пайғом кардам,
Ки эй ҳам ҷону ҳам ҷононаи дил,
Ғамат султони хилватхонаи дил.
Ҷамолат чашми ҷонро чашмаи нур,
Зи рухсори ту бодо чашми бад дур!
Манам он бедиле, к-аз беқарорӣ
Кунам бар даргаҳат фарёду зорӣ.
Хилофи ройи ту рое надорам,
Ба ғайр аз кӯи ту ҷое надорам.
Дилам доим таманнои ту варзад,
Дарунам меҳру савдои ту варзад.

Маро ҷодуи чашмат бурда аз роҳ,
Занахдони[1] туам афканда дар чоҳ.
Асири зулфи мушкини ту гаштам,
Тарраҳум кун, чу мискини ту гаштам.
Дилам пурҷӯшу тан пуртоб то кай?
Зи ҳасрат дида пурхуноб то кай?
Чунин мадҳушу расво чанд гардам?
Чу гардун бесару по чанд гардам?
Бар ин маҷрӯҳи саргардон бибахшой!
Бар ин маҳзуни бесомон бибахшой!
Чу зулфи хеш бесомониям бин,
Парешонию саргардониям бин!
Ҷуз аз алтофи ту ғамхориям нест,
Зи чашмат баҳра ҷуз бемориям нест.
Замоне гар зи рӯйи ошноӣ
Диҳад шамъи ҷамолат рӯшноӣ,
Шавам парвона, дар пойи ту мирам,
Ба пеши қадду болои ту мирам.
Маро аз офтобат заррае бас,
В-аз он боғи Ирам гултаррае бас.
Нагӯям, як замон пешат нишинам,
Шавам хурсанд, к-аз дурат бибинам.
Чу аҳволам саросар арза дорӣ,
Якояк қиссаи ман баршуморӣ.
Зи ашъори Ҳумом ин назми дилсӯз
Адо кун пеши он моҳи дилафрӯз.
Чу ин ҷо ҳаст, ин абёт дар кор,
Зи устодон набошад орият ор.
Бигӯ, мегӯяд он бехобу ором,
Аз он соат, ки ногоҳ аз сари бом.

[1] Занахдон – зери манаҳ.

## Ғазал

Бидидам чашми мастат, рафтам аз даст[1],
………………………………………..

## Пайғом расонидани қосид

Замири поки он мурғи сухансоз,
Чу ин афсона кардам пешаш оғоз,
Шуд аз ҳоли дили пурдардам огоҳ,
Чу оташ гашту шуд бо бода ҳамроҳ.
Ба хилватгоҳи он ороми ҷон рафт,
Ба устодӣ зи ҳар чашме ниҳон рафт.
Ба ӯ аз ҳар даре афсона мегуфт,
Ҳикоят хубу устодона мегуфт.
Зи ман ҳар дам ғаме тақрир мекард,
Зи дарёе наме тақрир мекард.
Чу рамзе з-ин ҳикоят ёд кардӣ,
Суманбар з-ин сухан фарёд кардӣ.
Ба санъат з-ин сухан дурӣ намудӣ,
Бад-ӯ оини мастурӣ намудӣ.

## Хитоби маъшуқ ба қосид

Чу зулфи хештан ногаҳ барошуфт,
Битундиду[2] дар он ошуфтагӣ гуфт:
Бад-он ранҷуру бедармон бигӯед,
Бад-он маҷнуни бесомон бигӯед:
Чу савдо дорӣ, эй девона, дар сар,
Зи сар савдои мо бигзору бигзар.
На кори туст ин найрангсозӣ,
Сари худ гир, то сар дарнабозӣ.

---

[1] Мисраи дуюми ҳар байти ин ғазал ба забони лаҳҷавӣ навишта шудааст ва хонданаш ҳам душвор аст. Толибонаш метавонанд ба нусхаи чопи Теҳрони «Куллиёти Убайди Зоконӣ», 1334 шам, (1956 м.) қисми аввал, саҳ. 94 муроҷиат кунанд.
[2] Тундидан – тез шудан.

Кучо ёбӣ зи васлам рӯшноӣ,
Парӣ бо дев кай кард ошноӣ?
Гадое бо шаҳе ҳамдӯш кай шуд?
Гиё бо сарв ҳамоғӯш кай шуд?
Туӣ парвона, ман шамъи дилафрӯз
Кучо бар шамъ шуд парвона пирӯз?
Дилат гар мочарои ишқ варзад,
Дарунат гар ҳавои ишқ варзад.

**Ғазал**

Зи сӯзи ишқи ман чонат бисӯзад,
Ҳама пайдову пинҳонат бисӯзад…[1]
………………………………………..

**Тамомии сухани маъшуқ**

Туро он беҳ, ки роҳи хеш гирӣ,
Шикебоӣ дар ин раҳ пеш гирӣ.
Равӣ чун оқилон дар хона з-ин пас,
Нагардӣ инчунин девонаи кас.
Макун бо чашми сармастам далерӣ,
Ки аз рӯбаҳ наёяд шергирӣ.
Макун бо зулфи шастам ишқбозӣ,
Ки ин корест бо лахте дарозӣ[2].
Ҳар он кас к-ӯ надонад пояи хеш,
Бибозад ногаҳон сармояи хеш.
Кучо монанди ту мискин гадое
Расад дар васли чун ман подшое?
Чӣ хезад з-ин гиребон чок кардан?
Фишондан ашку бар сар хок кардан?
Нагирад дастат ин ошуфтакорӣ,
Ба корат н-ояд ин фарёду зорӣ.

[1] Ба қисми «Ғазалиёт» нигаред.
[2] Лахт – андак, каме.

Надорам бок, агар дил гардадат хун,
Нагирад дар ман ин найрангу афсун.
Ҳар он к-ӯ ишқ варзад, дард бинад,
Сиришке сурху рӯе зард бинад.
Ту, эй мискин, бад-ин бенангуномӣ
Чӣ ҷинсӣ в-аз кадоминон кадомӣ?
Ту, эй маҷнун, ки ошиқ ном дорӣ,
Шароби шавқи ман дар ҷом дорӣ,
Туро он беҳ, ки бо дардам нишинӣ,
Ки ҷон дарбозӣ, ар рӯям бибинӣ.
Магар нашнидаӣ, эй аз хирад дур,
Ки парвона надорад тоқати нур?
Бирав, месоз бо андуҳу хорӣ,
Ки созад ошиқонро бурдборӣ.

**Расидани ҷавоби маъшуқ ба ошиқ**

Чу ин пайғомҳо дар гӯш кардам,
Ба куллӣ тарки ақлу ҳуш кардам,
Зи шавқаш оташе дар ҷонам афтод,
Дилам дарёи хун аз дида бикшод,
Вале медод ҳар дам дил гувоӣ,
Ки бо ӯ зуд ёбам ошноӣ.
Ду рӯзе гар диле хуррам набошад,
Чу давлат ёр бошад, ғам набошад.

**Пайғом фиристодан ба маъшуқ**

Дигар бор аз сари сӯзе, ки донӣ,
Дар он бечорагию нотавонӣ
Ба хилват пеши он фарзона рафтам,
Дигар раҳ бо сари афсона рафтам,
Фитодам боз дар пояш ба хорӣ,
Бад-ӯ гуфтам зи рӯйи беқарорӣ:
Чӣ бошад, к-аз сари мискиннавозӣ
Ба лутфе кори мискине бисозӣ?

Карам кун, даст гир афтодаеро,
Ба раҳмат банда кун озодаеро!
Дили бечорае аз ғам ҷудо кун!
Даруни дардмандеро даво кун!
Аз ин дар гар маро коре барояд,
Ба лутфи чун ту ғамхоре барояд.
Бикун парвозе, эй бози шикорӣ,
Бинеҳ доме, магар дар домаш орӣ!
Бигӯ, мегӯяд он саргаштаи ту,
Асири ишқу ҳиҷрон гаштаи ту,
Чӣ гум гардад зи мулки подшое,
Агар ганҷе ба даст орад гадое?
Дили Маҷнун зи Лайлӣ ком гирад,
Сикандар з-оби ҳайвон ҷом гирад.
Ба Ширин даррасад бечора Фарҳод,
Парирӯ рӯй бинмояд ба Гулшод.
Ба Юсуф баркушояд чашм Яъқуб,
Ба Ромин барнамояд Вис маҳбуб.
Зи Узро ҷони Вомиқ тоза гардад,
Чу ғам шодиш беандоза гардад.
Нишинад шод бо Гулчеҳр Авранг,
Ба дасте гул, ба дасте ҷоми гулранг.
Чунин ҳам ин Убайди бенаворо,
Зи дил бегонаи ишқошноро
Фитад бо чун ту ёре ошноӣ,
Биёбад аз висолат рӯшноӣ.
Туро давлат ба кому бахт фирӯз,
Наёварда шабе дар ҳаҷри ту рӯз.
Чӣ донӣ қиссаи бемории мо,
Ҷигархориву шаббедории мо.
Туро низ ар ғаме доман бигирад,
Дилатро ишқ пироман бигирад,
Аз он пас ҳоли дарвешон бидонӣ,
Мусибатномаи эшон бихонӣ.
Ба уммеде ту ҳам уммедворӣ,
Чӣ бошад, гар умеди мо барорӣ?!

**Рафтани қосид пеши маъшуқ**

Дигар бор он фусунгар марғи чолок,
Чу пешаш мениҳодам рӯй бар хок,
Қадам дар раҳ ниҳод аз рӯйи ёрӣ,
Ба ҷой овард шарти ҷонсупорӣ.
Хиромон шуд бари он сарви озод,
Ба ширинӣ забони чарб бикшод,
Ки: Эй навбоваи[1] боғи ҷавонӣ,
Диламро ҷону ҷонро зиндагонӣ!
Ҷамолат чашми ҷонро чашмаи нур,
Зи рухсори ту бодо чашми бад дур,
Ба лолоит анбар хӯй карда,
Шамимат боғ анбарбӯй карда.
Гули садбарг дар пойи ту мурда,
Санавбар пеши болои ту мурда.
Хиҷил мушки татор аз тори мӯят.
Фитода моҳу хур дар хоки кӯят.
Ҳамеша шоду давлатёр бошӣ,
Зи ҳусну умр бархурдор бошӣ!
Маро ҳам ҷон туӣ, ҳам зиндагонӣ,
Макун з-ин беш бо ман саргаронӣ!
Насиҳат гӯш дор аз дояи хеш,
Ғанимат дон, ғанимат мояи хеш!
Ҷавонӣ, аз ҷавонӣ баҳра бардор!
Зи даври шодмонӣ баҳра бардор!
Ҷавоне, к-ӯ нагашт аз ошиқӣ шод,
Яқин дон, к-ӯ ҷавонӣ дод бар бод.
Ба дилдорӣ дили мардум ба даст ор,
Касеро, то тавонӣ, дил маёзор!
Маранҷон он ғариби нотавонро,
Касе душман надорад дӯстонро.
Хирадмандон, ки дурри назм суфтанд[2],
Нигаҳ кун, ин сухан чун нағз гуфтанд:

---

[1] Навбова – навниҳол.
[2] Ин ҷо мурод аз «хирадманд» дар навбати аввал Низомист, ки байти иқтибосӣ ва боз чанд иқтибоси дигар аз вай оварда шудааст.

«Чу нили хешро ёбӣ харидор,
Агар дар Нил бошӣ, боз кун бор!».

## Ҷавоб гуфтани маъшуқ ба қосид

Чу бишнид ин суханро сарви озод,
Ҷавобаш дод, к-эй фарзона устод!
Ман он шамъам, ки сад парвона дорам,
Куҷо парвои ин девона дорам?!
Надорад суде ин афсона гуфтан,
Ҳадиси ончунон девона гуфтан.
Ба дасти худ касе чун мор гирад?
Ғариберо касе чун ёр гирад?
Чунон шӯридае бо кас насозад.
Бувад чун ӯ, ки бо вай ишқ бозад.
Ман ар бо ӯ ба ёрӣ сар барорам,
Дигар пеши касон чун сар барорам?!
Чӣ нодону хаёландеш мардест,
Маро хоҳад, муҳоландеш мардест.
Касе, к-ӯ бо чунон ошуфтарое
Нишинад як замон рӯзе ба ҷое,
Ҳамоно зуд душманком гардад,
Миёни мардумон бадном гардад.
Бигӯ: лутфе бикун, з-ин кӯй баргард,
Чунин то чанд кӯбӣ оҳани сард?
Дилат дар ишқбозӣ нотамом аст,
Биҳил, то мезанад ҷӯше, ки хом аст.
Зи дилдоре, ки бошад дилпазират,
Агар, албатта, бошад ногузират,
Талаб кун ҳамчу худ беобуранге,
Аз ин девона, эй бе ному нанге,
К-аз ин дар барнаёяд ҳеч комат,
Бисӯзад ҷон дар ин савдои хомат.

## Ҳадис гуфтани қосид ба маъшуқ

Дигар бор он фусунпардоз устод
Бар ӯ афсуне аз нав кард бунёд,

Ҷавобаш дод, к-эй сарви сарафроз,
Макун з-ин бештар бар бедилон ноз!
Асире, к-ӯ таманнои ту дорад,
Сараш пайваста савдои ту дорад,
Чунин то чанд кӯшӣ дар ҳалокаш?
Битарс, охир, зи оҳи сӯзнокаш!
Бас ин бечораро дар дард куштан,
Чароғашро ба боди сард куштан.
Биҳил[1], то аз лабат коме бигирад,
Бувад, к-ин дардаш ороме бигирад.
Ман он пири куҳансолам, ки дар кор
Ҷавонон аз ман омӯзанд ҳанҷор[2].
Табиби ранҷу ранҷурони ишқам,
Давои дарди бедармони ишқам.
Кунам дилдодагонро дилнавозӣ,
Кунам бечорагонро чорасозӣ,
Илоҷи ошиқи девона донам,
Ҳазор афсун аз ин афсона донам.
Зи ман бишнав: Ғанимат дон ҷавонӣ,
Дубора нест касро зиндагонӣ.
Дигар бар ошиқони хеш хорӣ
Макун, гар тоқати хорӣ надорӣ!
Бад-ин дилсӯхта оташ чӣ резӣ?
Раҳо кун баъд аз ин тундию тезӣ!
К-аз ин оташ ба ҷуз дурӣ набинӣ,
Пушаймон гардию суде набинӣ.
Баҳоре заҳмати хоре наярзад,
Ҳама дунё ба озоре наярзад.
Касе бо меҳрубонон кин наварзад,
Хусумат кас бад-ин оин наварзад.
Бад-ин саргаштагӣ мискин ҷавоне,
Ғарибе, дардманде, нотавоне.
Раво чун дорияш маҳҷур кардан?
Ба хорӣ з-остонаш дур кардан?

---
[1] Биҳил – бигзор.
[2] Ҳанҷор – тарз, равиш, қоида.

Гирифтам, к-аз ту коме барнагирад,
Чаро бояд, ки дар ҳаҷрат бимирад?
Намегӯям, ки дар пешат нишинад,
Биҳил, то як дам аз дурат бибинад.
Чӣ расм аст ин, ҷафо бо ёр кардан?
Дили ёрон зи худ безор кардан?
Замоне бо ғарибе ҳамзамон шав!
Даме бо меҳрубоне меҳрубон шав!
Бад-ин оташ дили ӯ гарм мекард,
Дамаш медоду оҳан нарм мекард.
Миёншон муддате ин моҷаро рафт,
Зи ҳар ҷониб басе чуну чаро рафт.
Ба ҳар узре, ки меовард дар кор,
Ҷавобе мениҳодаш тоза дар бор.
Чу бисёре аз ин маънӣ бар ӯ хонд,
Бути шаккарлаб аз посух фурӯ монд.
Ба ҳилат мурғ дар шаст омад охир,
Рамида боз дар даст омад охир.
Бути тавсанмизоҷ аз бадлигомӣ
Ба оине, ки мегӯяд Низомӣ:
«Ба чашме ноз беандоза мекард,
Ба дигар чашм аҳде тоза мекард.
Итобаш гарчи мезад шиша бар санг,
Ақиқаш нарх мебуррид дар ҷанг».

**Посухи маъшуқ қосидро бори дигар**

Чу бо ҳамрози худ ҳамдостон шуд,
Забон бикшоду бо ӯ ҳамзабон шуд.
Ба сад озарм гуфт: Эй меҳрубон ёр,
Бирав, он хастадилро дил ба даст ор,
Ки ишқе тоза меафрӯзадам дил,
Бар он бечорагӣ месӯзадам дил.
Аз он оташ, ки ӯро дар чароғ аст,
Маро ҳам бештар з-он дар димоғ аст.

Гар ӯро даррабуд аз ишқ сайле,
Маро ҳам сӯйи он сайл аст майле.
В-ар ӯро аз ғами мо хастагиҳост,
Маро ҳам сӯйи ӯ дилбастагиҳост.
Дилам гар рост меҳоҳӣ, бари ӯст,
Кӣ бошад, к-ӯ наҳоҳад дӯстро дӯст.
Агар, ки гоҳ нозе менамудам,
Иёраш дар вафо меозмудам.
Кунун бозомадам з-он саркашидан,
Ба рӯйи дӯстон ханҷар кашидан.
Зи ҷавру бевафоӣ сер гаштам,
Гузашт он в-аз сари он даргузаштам.
Агар дар роҳи мо хоре расидаш,
Зи мо бар хотир озоре расидаш,
Ба ҳар озурдане ҷоне биёбад,
Ба ҳар хоре гулистоне биёбад.
Зи лутфи ман бихоҳаш узри бисёр,
Ба озармаш бигӯ, к-эй меҳрубон ёр,
Туро гар дил ба меҳрам дарднок аст,
Маро низ аз ғамат бими ҳалок аст.
Намепардозам аз шавқат ба коре,
Надорам дар ҷаҳон ғайр аз ту ёре.
Ба поён омад он ғамҳо, ки дидӣ,
Ба ганҷе, к-он талаб кардӣ, расидӣ.
Ҳадиси васли мо фардо маяндоз,
Шабистонро зи номаҳрам бипардоз!
Ҳаме биншину моро мунтазир бош,
Маҳил[1], к-он роз гардад пеши кас фош.
Зи баҳри номи худ кӯшида беҳтар,
Зи ҳар кас рози худ пӯшида беҳтар.
Нахуфт он шаб зи бас тадбир кардан,
Бар ӯ аз ҳар даре тақрир кардан.
Ҳикоят аз мани девона мегуфт,
Ҳама шаб бо ман ин афсона мегуфт.

[1] Маҳил – магзор.

## Васфи баҳор

Саҳаргоҳе, ки боди субҳгоҳӣ
Бибурд аз чеҳраи гардун сиёҳӣ.
Шафақ шангарф[1] бар мино[2] пароканд,
Фалак дурдона бар дарё пароканд,
Зи машриқ шоҳи Ховар теғ бардошт,
Сипоҳи Зангбор иқлим бигзошт;
Кулоҳ аз фарқи фарқад[3] даррабуданд,
Нитоқ[4] аз бурҷи Ҷавзо баркушуданд.
Дами ҷонбахши боди навбаҳорӣ
Ҷаҳон мекард пурмушки таторӣ.
Суман, гӯӣ, гиребон боз мекард,
Сабо бар ғунча ҳар дам ноз мекард,
Узори гул ба оби жола[5] мешуст,
Ба ашки абр рӯйи лола мешуст.
Бунафша ҷаъди мушкин шона мезад,
Чаковак наъраи мастона мезад.
Насим аз ҷайбу домон мушкрезон,
Чу мастон ҳар даме афтону хезон.
Гаҳе ҳамрози марзангӯш[6] мешуд,
Гаҳе бо лола ҳамоғӯш мешуд.
Шукуфа ханданок аз боди гулбӯй,
Кушода сунбули сероби гесӯй.
Хиромон дар чаман сарви сарафроз,
Зи мастӣ чашми наргис гашта пурноз.
Чаман чун тӯтиён пар боз карда,
Ғизол аз нофа мушкандоз карда,
Дурафшон аз канори кӯҳу саҳро
Чароғи лола чун қандили тарсо,

---

[1] Шангарф – ранге, ки аз симоб ва гӯгирд тайёр мекарданд.
[2] Мино – обгинаи рангин, ки бо тилову нуқра наққошӣ шудааст, аксари он сабз ё ки лоҷвардист, сафеду сурх ҳам дорад.
[3] Фарқад – номи ҳарду ситораи қутб.
[4] Нитоқ – камарбанд.
[5] Жола – шабнам.
[6] Марзангӯш – навъе аз райҳон.

Сабо ҷаъди бунафша тоб медод,
Зи шабнам сабза ханҷар об медод,
Арӯси гул аморӣ соз карда,
Зи хубӣ бар раёҳин ноз карда.
Суман чун шакли Парвин ханда мезад,
Шукуфа бар раёҳин ханда мезад.
Насими субҳдам ҷон тоза мекард,
Хирад медиду имон тоза мекард.
Раёҳин аз шароби ҳусн сармаст,
Саҳоби симгун рашшоша[1] бар даст.
Зи бас дурҳо, ки бар гулзор мерехт,
Гулоб аз чеҳраи гулнор мерехт.
Санавбар чун арӯсон парниёнпӯш,
Чаманро шоҳиде чун гул дар оғӯш.
Гирифта сарбаландӣ пояи сарв,
Хунук оби равону сояи сарв.
Дар ин мавсим, ки гул дил мерабояд,
Садо дар боғ муъҷиз менамояд,
Ман андар кунҷи боғе, бода дар сар,
Гирифта соғаре бар ёди дилбар.
Ниҳон дар гӯшае танҳо нишаста,
Зи сад ҷо хори ғам дар по шикаста.
Хаёле дар дилам маъво гирифта,
В-аз он савдо дилам саҳро гирифта.
На ҳамдарде, ки дарде бозгӯям,
На ҳамроҳе, ки бо ӯ роз гӯям.
Сар андар пеш чун мастон фиканда,
Чу булбул нола дар бустон фиканда.
Рухам чун лола аз бас ашки гулгун,
Чу гул хунинҷигар, чун ғунча пурхун.
Ба ёди рӯйи он сарви гуландом
Гирифта бо гулу бо сарв ором.
Гаҳе бар ёди он гул мешудам маст,
Гаҳе чун сарв бар сар мезадам даст.

[1] Рашшоша – қатраҳои маҳин ва борики борон.

Хаёлам он, ки, гӯӣ, ногаҳоне
Бувад, к-аз васли ӯ ёбам нишоне.
Дар ин ҳасрат зи ҳад бигзашт сӯзам,
Дар ин савдо ба поён рафт рӯзам.
Шаб омад, боз дил дар ғам ниҳодам,
Зимоми дил ба дасти ғусса додам.
Ҳамегуфтам дар он шабзиндорӣ,
Дар он беёрию беғамгусорӣ:

**Ғазал**

Гар он маҳро вафо будӣ, чӣ будӣ?
В-араш тарс аз Худо будӣ, чӣ будӣ[1]!...

**Расидани ошиқ ва башорат**
**ва инояти маъшуқ**

Дар ин андеша шабро рӯз кардам,
Фаровон нолаи дилсӯз кардам.
Чу аз ҳадди уфуқ ҳангоми шабгир
Алам бифрошт хуршеди ҷаҳонгир,
Зи машриқ бар шафақ зар мефишонданд,
Ба санъат лаъл дар зар менишонданд.
Чароғи толеи шаб тира мешуд,
Сипоҳи рӯз бар шаб чира мешуд.
Дар он соат сухан навъе дигар шуд,
Дуои субҳгоҳам коргар шуд.
Зи ногаҳ пайки давлат медавонид,
Ба ман пайғоми дилбар мерасонид,
Ки дил ҳуш дор, инак ёрат омад,
Дигар обе ба рӯйи корат омад.
Агарчи муддате ранҷе кашидӣ.
Ба охир даст бар ганҷе кашидӣ.
Ғаме хӯрдиву ғамхоре гирифтӣ,
Диле додиву дилдоре гирифтӣ.

---

[1] Ба қисми «Ғазалиёт» нигаред.

Зи ҳиммат донае дар дом кардӣ,
Бад-ин афсун париро ром кардӣ.
Нишаст он мушфиқи дерина пешам,
Давои дарду марҳамсози решам,
Ба ман пайғоми дилбар бозмегуфт,
Ҳикоятҳои ғампардоз мегуфт.
Забон чун дар паёми ёр бикшуд,
Дилам хуррам шуду ҷонам биёсуд.
Қадаҳ аз даст дар бустон фикандам,
Кулоҳ аз айш дар айвон фикандам,
Рамида бахти ман сомон пазируфт,
Куҳан бемориям дармон пазируфт.
Гули айшам ба боғи умр бишкуфт,
Нигорам мерасиду бахт мегуфт:
«Чӣ хуш бошад, ки баъд аз интизорӣ
Ба уммеде расад уммедворе».

**Омадани маъшуқ ба хонаи ошиқ**

Чу зарринбол анқои сарафроз
Зи Машриқ сӯйи Мағриб кард парвоз.
Ниҳон гардид шамъи гетиафрӯз,
Сипоҳи шом шуд бар рӯз пирӯз.
Арӯси меҳр рафт андар аморӣ,
Муқаррар гашт бар шаб пардадорӣ.
Ҳаюни[1] кӯҳро дар соя бастанд,
Зи гавҳар бар фалак пироя бастанд.
Фурӯ шуд шоҳи Ховар дар сиёҳӣ,
Баромад моҳ бар авранги шоҳӣ.
Дар он гулшан, ки маъвоҷойи ман буд.
Бад-он сурат, ки расму ройи ман буд,
Ба ойин ҷойгоҳе соз кардам,
Ба рӯйи дӯстон дар боз кардам,
Мақоме ҳамчу ҷаннат ҷонфизое,
Чу гулзори Ирам бустонсарое.

[1] Ҳаюн – асб ва уштур.

Зи хокаш анбари тар рашк бурда,
Зи обаш ҳавзи Кавсар ғӯта хӯрда.
Нишастам гӯш бар дар, дида бар роҳ
Ба юмни давлати бедор ногоҳ.
Хури хуррамхирому ҳури маҳваш,
Гули нозукмизоҷу сарви саркаш.
Чу ганҷ аз дидаи мардум ниҳонӣ,
Бад-он равнақ, бад-он оин, ки донӣ,
Даромад ногаҳон сармасту дилшод,
Ниқоб аз рӯйи чун хуршед бикшод.
Муборак соате, фархунда рӯзе,
Ки бозояд зи дар маҷлисфурӯзе,
Бидидам рӯяшу девона гаштам,
Бари шамъи рухаш парвона гаштам.
Ба дасте чодур аз рух боз мекард,
Ба дасте зулфи мушкин соз мекард.
Чу зад хуршеди рӯяш дар саро теғ,
Бурун омад гул аз ғунча, маҳ аз меғ[1].
Зи зебоӣ гулаш дар пой мемурд,
Санавбар пеши қаддаш саҷда мебурд.
Каманди зулфи мушкин тоб дода,
Зи сунбул хирмане бар гул ниҳода.
Лаб аз боди нафас афгор гашта,
Хуморин наргисаш бемор гашта.
Даҳонаш з-оби ҳайвон об бурда,
Ақиқаш равнақи унноб[2] бурда.
Сабо зулфаш парешон карда дар роҳ,
Гулобангез гашта гӯшаи моҳ.
Биҳиштоин шуд аз вай хонаи мо,
Мунаввар гашт аз ӯ кошонаи мо.
Зи иззат бар сару чашмаш нишондам,
Зараш бар сар, сараш бар по фишондам.
Зи рӯяш хона бустоне дигар шуд,
Сарои мо гулистоне дигар шуд.

[1] Меғ – абр.
[2] Унноб – челон.

Касе коме, ки меҷӯяд ҳама сол,
Чу бо даст оядаш, чун бошад аҳвол?!
Нишаста ӯву ман истода хомӯш,
Дар ӯ бикшода чашму рафта аз ҳуш,
Чу беморе, ки дармон боз ёбад,
Чӣ дармон? Мурдае ҷон боз ёбад.
Зи дил оташфурӯзон пеши рӯяш,
Чу шамъ аз дур сӯзон пеши рӯяш.
Назар бар шамъи рухсораш ниҳода,
Чу шамъам оташе бар ҷон фитода.
Чу чашми фитнаҷӯён рафта дар хоб,
Мусаллат[1] гашта бар офоқ маҳтоб.
Нишотангез базме соз кардем,
Зи ҳар сӯ мутрибон овоз кардем,
Даромад соқӣ аз дар хурраму шод,
Май оварду салои айш дардод.
Гирифтам аз рухаш фоле муборак,
Зиҳӣ вақти хушу ҳоле муборак!
Зи бонги най фалакро гӯш бигрифт,
Ҷаҳон овози нӯшонӯш бигрифт.
Бухори май хирадро хонапардоз,
Бухӯри[2] уду анбар гашта ғаммоз,
Паёпай ҷоми заррин давр мекард,
Ду чашмаш нозу соқӣ ҷавр мекард.
Ҷаҳон бар ишрати мо рашк мебурд,
Бар он шаб зуҳра шабҳо рашк мебурд.
Хирадро чун димоғ аз май сабук шуд,
Ҳаёро шишаи даъво тунук шуд.
Чу халхоли зараш дар по фитодам,
Ба иззат бӯса бар пояш ниҳодам.
Нишастам пешаш аз густохрӯӣ,
Шудам густох дар беҳудагӯӣ.
Ҳадиси тан бари ҷон арза кардам,
Шикоятҳои ҳиҷрон арза кардам.

---

[1] Мусаллат гаштан – ба зери даст даровардан; ғалаба кардан.
[2] Бухӯр – хушбӯйӣ ва атриёте, ки аз сӯхтани баъзе чизҳо аз қабили уду анбар ҳосил шавад.

Аз он андуҳи беандоза хӯрдан,
В-аз он ҳар лаҳза захми тоза хӯрдан,
В-аз он оби сиришку оҳи дилсӯз,
В-аз он нолидани шабҳои берӯз,
В-аз он риндиву з-он беобурангӣ,
В-аз он мастиву з-он беномунангӣ,
В-аз он аҷзи ғулому доя бурдан,
Ҳимоят бар дари ҳамсоя бурдан
Чу аз ҳоли худаш огоҳ кардам,
Хиҷил гаштам, сухан кӯтоҳ кардам.
Маро чунончунон бехештан дид,
Ба чашми марҳамат дар ҳоли ман дид.
Парешон гашту бо дил доварӣ кард,
Забон бикшоду мискинпарварӣ кард.
Ҳикоятҳои узромез мегуфт,
Шикоятҳои шавқангез мегуфт.
Ба ҳар лутфе, ки бо ин банда мекард,
Ту гӯӣ, мурдаеро зинда мекард.
Чӣ хуш бошад сухан бо ёр гуфтан,
Ғами дерина бо ғамхор гуфтан.
Маро чун васли ӯ уммедгоҳе
Шабе чун солеву рӯзе чу моҳе.
Чи хуш соле, чи хуш моҳе, ки он буд,
Чи хуш вақте, чи хуш ҳоле, ки он буд.
Ҷавонӣ буду айшу шодмонӣ,
Хушо он давлату он комронӣ,
Кӣ ёбад ончунон даврони дигар,
Кӣ бинад мисли он даврони дигар?
Хушо, он давру он тимору[1] он сӯз,
Хушо, он мавсиму он вақту он рӯз.
Гирифтам, давлатам дамсоз гардад,
Куҷо рӯзи ҷавонӣ бозгардад?!
Агар рӯзе нишоту ноз бинам,
Шаби қадре чунон кай боз бинам?

[1] Тимор – ғамхорӣ.

Ҳама шаб то саҳар май нӯш мекард,
Маро аз шавқи худ мадҳуш мекард.
Саҳаргоҳе сабуҳӣ карду бархост,
Ба зебо рӯйи худ гулшан биёрост.
Чаман аз мақдамаш дар шодӣ омад,
Зи қаддаш сарв дар озодӣ омад.
Чамон[1] чун шохи райҳон мехиромид,
Чу гул бар тарфи бустон мехиромид.
Гул аз шавқи рухи раънош мемурд,
Санавбар пеши сартопош мемурд.
Зи лаълаш танг монда ғунчаро дил,
Зи қаддаш сарвбунро пой дар гил.
Сабо ҳар гаҳ, ки рухсораш бидидӣ,
Бихондӣ ояте, бар вай дамидӣ.
Чу бигзаштӣ чунон болобаланде,
Фишондӣ лола бар оташ сипанде.
Чу гул пеши рухаш медид дар худ,
Ба сад афсӯс механдид бар худ.
Назар чун бар рухи зебош мекард,
Ба доман зар нисори пош мекард.
Шақоиқ[2] ҷома бар тан чок мекард,
Зи шавқи ӯ кулаҳ бар хок мекард.
Санавбар бандаи болош мешуд,
Бисоти сабза хоки пош мешуд.
Бад-ин равнақ чу гоме чанд паймуд,
Нишон афзуду азми бода фармуд.
Канори об диду сояи сарв,
Даме аз лутф шуд ҳамсояи сарв.
Ба ҳар дам, к-аз шароби ноб мезад,
Рухаш ранге дигар бар об мезад.
Чунин зебонигоре, дилситоне,
Ба раъноиву хубӣ достоне.
Гаҳе бар ёди гул май нӯш мекард,
Гаҳе овози булбул гӯш мекард.

---

[1] Чамон – бо ноз ба ҳар тараф майлкунон роҳраванда.
[2] Шақоиқ – лолаҳо.

Насими навбаҳору накҳати гул,
Навои қумрию гулбонги булбул.
Дили ғунча чу табъи тангдастон,
Шуда наргис чу чашми ниммастон.
Чаковак беқарорӣ пеша карда,
Чу ман фарёду зорӣ пеша карда.
Чу габрон[1] лола дар оташфишонӣ,
Муқаррар бар анодил[2] зандхонӣ[3]
Муриди сабзпӯшон гашта булбул,
Зи ҷӯши гул хурӯшон гашта булбул.
Зи ҳар мастӣ суруд оғоз карда,
Ба ҳар барге навое соз карда.
Дамодам нолаи дилсӯз мекард,
Наво дар пардаи Наврӯз мекард.
Ба овози баланд аз шохи шамшод
Саҳаргоҳ ин нидо дар боғ дардод:
Биёвар, соқиё, май дардеҳ имрӯз,
Ки бахтам фаррух асту рӯз фирӯз!
Аз ин хуштар сару коре кӣ дорад?
Чунин боғе, чунин коре кӣ дорад?
Зиҳӣ мавсим, зиҳӣ ҷаннат, зиҳӣ ҳур,
Аз ин маҷлис, Худоё, чашми бад дур!
Бидеҳ соғар, ки ёрон майпарастанд,
Зи бӯйи ҷуръа гулҳо ниммастанд.
Мабош ар оқилӣ, як лаҳза ҳушёр,
Ки ҳушёрӣ фалокат оварад бор.
Махӯр ғам, то ба шодӣ метавон хӯрд,
Ғами даври фалак то кай тавон хӯрд?
Ғами беҳуда поёне надорад,
Ба ғайр аз бода дармоне надорад.
Дар ин даҳрӯза умри сустбунёд
Маёвар, то тавон, ҷуз хуррамӣ ёд.

[1] Габр – оташпараст.
[2] Анодил – булбулон.
[3] Занд – китоби динии оташпарастон.

## Дар сифати висол

Чунин зебонигоре, дилситоне,
Ба раъноию хубӣ достоне.
Чунон бар ошиқи худ меҳрубон буд,
Ки, гӯӣ, ошиқи ҷону ҷаҳон буд.
Набудӣ бо манаш ҷуз меҳрубонӣ,
Надидам ҷуз аз ӯ ширинзабонӣ.
Мудомам хуррамӣ дамсоз будӣ,
Ба рӯяш чашми ҷонам боз будӣ.
Ба дил гуфтам, ки эй мадҳуши бемор,
Ғамашро дар миёни ҷон нигаҳ дор!
К-аз ин хуштар касе дилбар наёбад,
Ба хубӣ кас аз ин беҳтар наёбад,
Ба ҳам хуш буд моро рӯзгоре,
Ба васлаш доштам хуш кору боре.
Саодат ёру бахтам ҳамнишин буд,
Замон дар ҳукму иқболам қарин буд.
Зи толеъ хурраму дилшод будам,
Зи банди ҳар ғаме озод будам.
Ҷаҳон маҳкуму давлат ёварам буд,
Фалак маъмуру ахтар чокарам буд.
Кунун з-он айш ҷуз хун дар дилам нест,
Дар он шодӣ ба ҷуз ғам ҳосилам нест.
Тане хаста, диле ғамнок дорам,
Ба дасте боду дасте хок дорам.

## Дар сифати ҳол

Дило, то чанд аз ин суратпарастӣ?!
Қадам бар фарқи ҳастӣ зан, ки растӣ?!
Ғами ҳар будаву нобуда то чанд?
Ҳикоят гуфтани беҳуда то чанд?
Чу риндон хезу чобукдастие кун!
Зи ҷоми нестӣ сармастие кун!
Раҳо кун ақлу рав, девона мегард,
Чу мастон бар дари майхона мегард!

Ки аз майхона ёбӣ рӯшноӣ,
Кунӣ бо покбозон ошноӣ.
Дам аз ғам зан, агар шодит бояд,
Харобӣ ҷӯ, гар ободит бояд!
Мазан чун нор дар хуни ҷигар ҷӯш,
Беҳӣ хоҳӣ, чу биҳ пашмина мепӯш!
В-агар хоҳӣ зи меҳнат растагорӣ,
Ба камтар з-он қаноат кун, ки дорӣ!
Сарири салтанат бедоварӣ нест,
Ғами соҳибкулоҳӣ сарсарӣ нест.
Бирав, чашми ҳавасро мил даркаш!
Пас он гаҳ хирқаро дар нил даркаш!
Тамаъ густох шуд, бонге бар ӯ зан,
Ҳавасро низ санге дар сабӯ[1] зан!
Аз он тарсам, ки чун мебоядат мурд,
Ту орӣ гирду дигар кас кунад хӯрд.
Агар рӯҳат зи олоиш салим аст,
Расидан дар сиротулмустақим аст.
Дар ин манзил, ки ҳам роҳ асту ҳам чоҳ,
Алоиқ[2] ҳар яке ғӯлест дар роҳ.
Чу мардон бораи[3] давлат барангез,
Ба афсун хондан аз ин ғӯл бигрез!
Чу товуси саробустони ҷонӣ,
Чу бози ошёни ломаконӣ.
Аз ин байғӯлаи[4] ғӯлон чӣ хоҳӣ?
На чуғзӣ, хона дар вайрон чӣ хоҳӣ?
Дар ин киштӣ, ки номаш зиндагонист,
Нафасро пеша дар вай бодбонист.
Нашояд хуфт фориғ дар шакархоб,
Фитода киштӣ аз соҳил ба гирдоб.
Дар ин гирдоб натвон орамидан,
Бибояд рахт дар ҳомун кашидан.

---

[1] Сабӯ – кӯза.
[2] Алоиқ – алоқамандӣ, сидқу садоқат, муносибат ва вобастагиҳои зиндагӣ.
[3] Бора – қалъа.
[4] Байғӯла – кунҷ, гӯша.

Аз ин дарё машав як лаҳза эмин,
Манат ин худ ҳамегӯям, валекин
Бад-ин маллоҳию ин нохудоӣ
Аз ин гирдоб кай хоҳӣ раҳоӣ?
Ба боде бишканад бозори дунё,
Ба коре менаёбад кори дунё.
На ҷойи туст, з-ин дил гӯша бардор!
Раҳат пеш аст, рав, раҳтӯша бардор!
Туро ҷойи дигар оромгоҳест
В–аз ин созандатар обу гиёҳест.
Дар он ҷо бенавоёнро бувад кор,
Дар он кишвар гадоёнро бувад кор.
Дар ӯ дармонфурӯшон дард хоҳанд,
Тани борику рӯе зард хоҳанд.
Надорад саркашӣ он ҷо равоӣ,
Ба коре н-ояд он ҷо подшоӣ.
Бар ин арса машав кажрав чу фарзин,
Дағобоз аст гардун, мухра барчин!
Адои бад макун бо қавли каҷ бор,
Ки орад бад адое муфлисӣ бор.
Агар хушайшию гар мустамандӣ[1],
Дар ин даҳрӯза, к-ин ҷо пойбандӣ,
Чу анқо гӯшаи узлат нигаҳ дор!
Марав бар суфраи мардум магасвор!
Тараддуд дар миёни халқ кам кун,
Чу мардон рӯй бар девори ғам кун!
Намебинӣ, камон чун гӯшагир аст,
Бар ӯ овозаи зеҳ ногузир аст.
Муҷаррад бошу бар риши ҷаҳон ханд!
Зи мардум бигсилу бар мардумон ханд!
Макун зан, ҳар замон ҷанге маяндӯз!
Зи баҳри шаҳвате нанге маяндӯз!
Ки аз беғайратӣ беҳ порсоӣ,
Ба дайюсӣ наярзад кадхудоӣ.

---

[1] Мустаманд – ғамгин.

Алоиқ бар сари хокат нишонад,
Муҷаррад шав, ки таҷридат[1] раҳонад.
Ғанимат мардро беобурангист,
Хушӣ дар олами беобурангист.
Харобободи дунё ғам наярзад,
Ҳама сӯзаш ба як мотам наярзад.
Аз ин саҳрои бепоён чӣ пӯӣ?
Ғанимат[2] з-ин деҳи вайрон чӣ ҷӯӣ?
Аз ин манзил, ки мо дар пеш дорем,
Диле хаста, равоне реш дорем.
Биёбонест, к-ӯ сомон надорад,
Раҳе дорад, ки он поён надорад.
Бад-ин раҳ рафтанат корест мушкил,
На мақсудат, на мақсад ҳаст ҳосил.
Дар ин вайрона гар сад ранҷ дорӣ,
В-аз ин кошона гар сад ранҷ дорӣ,
Гарат Кайхусраву Ҷамшед ном аст
В-арат халқи ҷаҳон яксар ғулом аст,
Ба вақти кӯч ҳамроҳе наёбӣ,
Зи кӯҳе парраи коҳе наёбӣ.
Чӣ хуш мегӯяд ин маънӣ Низомӣ,
Ба рағбат бишнав, эй ҷони гиромӣ,
«Ки молу мулку фарзанду зару зӯр
Ҳама ҳастанд бо ту толиби гӯр.
Раванд ин ҳамраҳон чолок бо ту,
Наёяд ҳеч кас дар хок бо ту».
Куҷо он, к-ӯ аз ин мотам нагиряд,
Кадомин сангдил з-ин ғам нагиряд?
Дар ин бустон гулу наргис, ки бӯйӣ,
Ҳамон сарву ҳамон сунбул, ки ҷӯйӣ,
Дилам мегардад аз гуфтан парешон,
Вале чун бингарӣ, ҳар як аз эшон
Рухи хубеву чашми дилситонест,
Қади шӯхеву зулфи навҷавонест.

---

[1] Таҷрид – муҷаррад гардонидан, танҳошавӣ.
[2] Ғанимат – ин ҷо ба маънои дороист.

Аз ин манзил ҳар он, к-ӯ барнишинад,
Касаш дигар дар ин манзил набинад.
Ба вақти худ чу мардон кор дарёб,
Машав ғофил, ки ин гардандадӯлоб
Надорад кор ҷуз найрангсозӣ,
Фиғон з-ин ҳуққаву з-ин ҳуққабозӣ!
Яке аз мӯбаде пурсид дар роз
Зи ҷаври чарху аз анҷому оғоз.
Ҷавобаш дод аз аҳволи ин дайр,
Ки доим мекунад гирди замин сайр.
Ҳақиқат кас нишоне боз надҳад,
Касе низ аз фалак овоз надҳад.
Агарчи сустмеҳре зудсайр аст,
Чунин дар давр, то дидааст, дер аст.
Дар ин парда хирадро нест роҳе,
На дорад жониш он ҷо дастгоҳе.
Бад-ин чашма, ки нурат мефизояд,
Бад-ин айвон, ки дурат менамояд,
Ба пойи ҷисм чун бояд расидан?
Ба боли рӯҳ мебояд паридан.
Тилисме ончунон аз дур дидан,
Куҷо шояд дар аҳкомаш расидан?
Аз ӯ ҷуз даври сомоне набинӣ,
Туро он беҳ, ки хомӯшӣ гузинӣ.
Насиҳат гар зи мӯбад гӯш дорем,
Ҳамон беҳтар, ки лаб хомӯш дорем.
Ба ҷуз тавфиқ ёре нест ин ҷо,
Ба ҷуз таслим коре нест ин ҷо.
Ҷаҳонро бесаботӣ расму дин аст,
Ҳамеша одати дунё чунин аст.
Касе оғозу анҷомаш надонад,
Ҳамон беҳтар, ки кас номаш надонад.
Худ ин аҳволи мо гар гӯш дорӣ,
Набинӣ рӯйи кас, гар ҳуш дорӣ.
Набозӣ ишқу дил дар кас набандӣ,
Дигар чун аблаҳон бар худ нахандӣ.

Убайд, аз кори дунё дил бипардоз,
Дигар раҳ бар сари афсона шав боз.

**Дар заволи висол ва сабаби фироқ**

Ман андар айшу бахтам дар камин аст,
Чӣ шояд кард, толеъ гар чунин аст?
Зи ногаҳ бахти ворун[1] бар сарам тохт,
Аз он хуш зиндагонӣ дурам андохт.
Зи ҳар сӯ душманонамро хабар шуд,
Ҳадиси мо ба ҳар ҷое самар[2] шуд.
Ҷаҳонеро аз он огоҳ карданд,
Зи васлаш дасти мо кӯтоҳ карданд.
Чу хасмонро аз ин маънӣ хабар шуд,
Ҳикоят баъд аз ин навъе дигар шуд.
Дар ин маънӣ басе тақрир карданд,
Ба охир дасти ин тадбир карданд.
Ки ин ҷо буданаш корест душвор,
Бибояд рафтанаш з-ин мулк ночор.
Бар ин андеша яксар дил ниҳоданд,
Бар ӯ з-ин қисса рамзе баркушоданд.
Чу бишнид ин сухан хуршеди хубон,
Зи рафтан шуд танаш чун бед ларзон.
Гуландомаш даруни пардаи роз
Чу ғунча тангхӯӣ карда оғоз.
Нафиру нолаву шеван баровард,
Хурӯш аз ҷони марду зан баровард.
Фиғон бар гунбади гардон расонид,
Садои нола бар кайвон расонид.
Зи ҳар навъе басе дар нафъ кӯшид,
Ғаримаш[3] ҳар сухан, к-ӯ гуфт, нашнид,
К-аз ин ҷо тоқати дурӣ надорам,
Чунин аз ақл дастурӣ надорам.

---

[1] Ворун – чаппа, баргашта, сарнагун.
[2] Самар – афсона.
[3] Ғарим – кулфатзада.

Ба пушти бодпое барнишондаш,
Зи оби дида дар озар нишондаш.
Ба роҳаш бо парӣ ҳамдостон кард,
Париворaш зи чашми ман ниҳон кард.

**Огоҳ шудани ошиқ аз ҳоли маъшуқ**

Чу ин нохушхабар дар гӯшам омад,
Ба сад зорӣ дил андар ҷӯшам омад.
Ҷаҳон он айши ширинам бишӯрид,
Маро з-он моҳи меҳрафрӯз бибрид.
Зи дарди дурияш девона гаштам,
Зи ҳушу хобу хур бегона гаштам.
Чу бар ҷонам фироқаш тохтан кард,
Маро шӯридаи ҳар анҷуман кард.
Диламро навбати шодӣ сар омад[1],
Ғамаш навбатзанон аз дар даромад.
Фироқаш ногаҳонам мубтало кард,
Ғамаш пироҳани сабрам қабо кард.
Танам дар ғуссаи ҳиҷрон бифарсуд,
Дилам хун гашту аз дида биполуд[2].
Падар, к-аз ман равонаш бод пурнур,
Маро пирона панде дод машҳур:
Ки дар дил оташи савдо маяфрӯз!
Зи ҳусни дилфурӯзон дида бардӯз!
Макун бо дилбарон пайванди ёрӣ!
Макун бо ҷони худ зинҳор хорӣ!
Мани нодон чу пандаш доштам хор,
Аз он гаштам бад-ин хорӣ гирифтор.
Зи ҷаври даври гардун чанд нолам?
Чунин то кай бувад ошуфта ҳолам?
Мусалмонон, маломат кам кунедам,
Худоро, чорае ҳамдам кунедам.
На дарди дил тавонам гуфт бо кас,
На роҳ аз пеш медонам, на аз пас.

[1] Сар омадан – тамом шудан.
[2] Полудан – софу тоза кардан.

Надорам тоқати дурӣ, надорам,
Надорам барги маҳҷурӣ, надорам.
Тане дорам, зи дил дар хун нишаста,
Зи мавҷи ашк дар Ҷайҳун нишаста.
Диле дорам, дар ӯ ғам тӯй дар тӯй[1],
Равон хуноба аз вай ҷӯй дар ҷӯй.
Равоне новаки ғам дарнишонда,
Вуҷуде дар адам роҳе намонда.
Ғам, аз ин хастаи танҳо чӣ хоҳӣ,
Зи ман, дилдодаи шайдо, чӣ хоҳӣ?
Дилам сер омад аз ҷону ҷавонӣ,
Худоё, чораи корам ту донӣ.
Чу ёд ояд маро з-он айши ширин,
Фурӯ борад зи чашмам иқди Парвин.
Чунон аз шавқи ӯ афғон барорам,
Ки дуд аз гунбади гардон барорам.
Гаҳе аз дасти дил дар хун нишинам,
Гаҳе аз дида дар Ҷайҳун нишинам.
Гаҳе бар ҳоли зори худ бигирям,
Гаҳе бар рӯзгори худ бигирям.
Гаҳе аз сӯзи ҷон афғон барорам,
Нафир аз дарди бедармон барорам.
Ба зорӣ ҷӯйи хун аз дида ронам,
Ба васф-ул-ҳоли худ ин шеър хонам:

## Ғазали Ҳумом[2]

Хаёле буду хобе васли ёрон,
Шаби маҳтобу фасли навбаҳорон.
Миёни боғу ёри сарвболо
Хиромон бар канори ҷӯйборон.
Чаман мешуд зи акси орази ӯ
Мунаввар чун дили парҳезгорон.
Сари зулфаш зи боди навбаҳорӣ
Чу аҳволи парешонрӯзгорон.

[1] Тӯй дар тӯй – таҳ ба таҳ, қабат ба қабат.
[2] Ҳумом – тахаллуси шоири муосири Саъдӣ.

Бирифт он навбаҳори ҳусну бигзошт
Дилу чашмам миёни барқу борон.
Худовандо, ҳанӯзам ҳаст уммед,
Бидеҳ коми дили уммедворон.
Ҳумом аз навбаҳору сабзаву гул
Намеёбад сафо бе рӯйи ёрон.

## Тамомии сухан

Дареғ, он рӯзгори шодмонӣ!
Даре, он дар танаъъум зиндагонӣ!
Куҷо рафт он, ки табъам шодмон буд,
Умедам ҳосилу бахтам ҷавон буд?!

## Дар хоб дидани ошиқ маъшуқро

Шабе чун шом дар фарёду зорӣ
Ба субҳ овардам андар навҳакорӣ.
Сабоҳе ногаҳонам хоб бирбуд,
Замоне ҷонам аз зорӣ биёсуд.
Хиромон омад андар хоби нӯшин
Хаёли он сиҳисарвам ба болин.
Маро дид уфтода зору мадҳуш,
Зи тоби оташи дил сина пурҷӯш.
Дар оби дидаи худ ғарқ гашта,
Ҷигар дар тобу дуд аз сар гузашта.
Ба ҷон маҷрӯҳу тан бемору дил реш,
Ба коми душманон афтода бехеш.
Зи мижгон ашки хунин бар замин рехт,
Зи рӯйи меҳрубонӣ дар ман овехт.
Ба ман мегуфт, к-эй хӯкарда бо ман,
Басе дар васли ҷон парварда бо ман!
Ту он дар ишқи рӯям достонӣ,
Ту он бигзида ёри меҳрубонӣ,
Ки бе ман як дам оромат набудӣ,
Ба ҷуз васлам дигар комат набудӣ.
Кунун чун бемурод аз ҳусни тақдир
Фитодӣ дар чунин ҳиҷрони дилгир.

Дар ин саргаштагӣ чун аст ҳолат?
Намегирад зи умри худ малолат?
Маро, то аз ту дурам, нест ором,
Ҷудо мондам ба сад нокомӣ аз ком.
Хаёлӣ гаштаам дар орзуят,
Ба ҷон омад дилам дар ҷустуҷӯят.
Парешонҳол чун зулфи бутонам,
Чу чашми масти хубон нотавонам.
Намонд аз сарви қаддам ҷуз хаёле,
Намонд аз моҳи рӯям ҷуз ҳилоле.
Танам аз зиндагонӣ баҳравар нест,
Туро аз ҳоли зори ман хабар нест.
Чу аз бӯйи хаёлаш ҷон хабар ёфт,
Зи беҳушӣ замоне рӯй бартофт.
Тасаввур шуд диламро, к-ин висол аст,
Чӣ донистам, ки дар хобам, хаёл аст.
Шудам, то қиссаи худ арза дорам,
Якояк захми ҳиҷрон баршуморам.
Даромад толеи шӯрида дар кор,
Шудам аз сӯъи[1] бахти хуфта бедор.
Чу холӣ дидам аз дилбар шабистон,
Баромад аз дили пурдардам афғон.
Дили маҷрӯҳи зорам зортар шуд,
Даруни хастаам бемортар шуд.
Ғами ҳиҷрон бад-ӯ ногуфта мондам,
Чу зулфаш з-ин сабаб ошуфта мондам.
Хурӯше аз мани маҳзун баромад,
Нафирам аз дили пурхун баромад.
Ба ҷуз боди сабо ёре надидам,
В-аз ӯ беҳ ҳеч ғамхоре надидам,
Ки рози дил ба ҷононам расонад,
Зи дарди дил ба дармонам расонад.
Пас аз нолидану фарёду зорӣ
Бад-ӯ гуфтам зи рӯйи беқарорӣ:

[1] Сӯъ – бадӣ ва андӯҳ.

## **Пайғом фиристодани ошиқ ба маъшуқ**

Ало, эй боди анбарбӯйи мушкин,
Надиму мӯниси ушшоқи мискин,
Шифову роҳати ҳар дардманде,
Давову чораи ҳар мустаманде,
Илоҷи синаи дилхастагонӣ,
Мудовои бағампайвастагонӣ!
Ҳадиси дарди дилҳо бо ту гӯянд,
Калиди шодмонӣ аз ту ҷӯянд.
Зи рӯйи мардумӣ в-аз роҳи ёрӣ
Даме бозам раҳон з-ин навҳакорӣ!
Саҳаргоҳе гузоре кун ба ҷое,
Ба кӯи меҳрубоне, ошное.
Бад-он манзил, ки ширин ҷонам он ҷост,
Давои дарди бедармонам он ҷост.
Бад-он рашки биҳишти ҷовидонӣ,
Ки маскан дорад он ҷони ҷавонӣ.
Қадам бар остони дилситон неҳ,
Зи хокаш дидаи ҷонро ҷило деҳ.
Ба озарм аз ҷамолаш парда бардор,
Бинеҳ дар пеши ӯ бар хок рухсор
Салому бандагиҳои фаровон
Аз ин мискин бад-он хуршеди тобон.
Саломе, к-аз насимаш ҷон физояд,
Саломе, к-аз дамаш дил баркушояд.
Саломе тираи[1] мушки таторӣ,
Саломе рашки гулбарги баҳорӣ,
Саломе ҷонфизо чун васли ҷонон,
Саломе хуш чу хӯи меҳрубонон.
Саломе, к-аз вуҷудаш ишқ зояд,
Зи сартопойи ӯ бӯйи дил ояд.
Расон, эй хуш насими навбаҳорӣ,
Ҳадисам арза дор аз рӯйи ёрӣ!
Бигӯ, мегӯяд он саргаштаи ту,
Асири ишқу ҳиҷрон гаштаи ту.

---

[1] Тира – ҳиҷолат ва шарм.

Зи савдои ғамат девона гаштам,
Ба ишқат дар ҷаҳон афсона гаштам.
Дилорому дилу ҷонам ту будӣ,
Мурод аз куфру имонам ту будӣ.
Висолат ҳамдаму ҳамрози ман буд.
Хиёлат рӯзу шаб дамсози ман буд.
Ба васлат солу маҳ дар комронӣ
Ҳамекардам ба ишрат зиндагонӣ.
Чунон дар васли ту хӯ карда будам,
Чунон васлат ба ҷон парварда будам,
Ки гар як лаҳза бе рӯят гузаштӣ,
Ҷаҳон бар чашми ман торик гаштӣ.
Ба сад зорӣ бирафтӣ ҳушам аз ҳуш,
Танам дар тоб рафтӣ, сина дар ҷӯш.
Кунун шуд муддате, то дурам аз ту,
Ба дил хаста, ба тан ранҷурам аз ту.
Бирафтию маро танҳо бимондӣ,
Чу Маҷнун бар сари роҳам нишондӣ.
Дилам дар оташи сӯзон фикандӣ,
Маро дар ғуссаи ҳиҷрон фикандӣ,
Ниҳодӣ доғи ҳиҷрон бар дили реш,
Гирифтӣ чун дили решам сари хеш.
Ту он ҷо хурраму шодон нишаста,
Ман ин ҷо дар ғами ҷон даст шуста.
Ту он ҷо дар нишоту шодмонӣ?
Ба иззат мегузорӣ зиндагонӣ.
Ман ин ҷо дида бар роҳат ниҳода,
Ба пайғоми ту гӯши ҷон кушода.
Куҷоӣ, эй дилу ҷони ҷавонӣ?!
Куҷоӣ, охир, эй хушзиндагонӣ?!
Куҷоӣ, эй мудовои дили ман?!
Биё, бикшой аз дил мушкили ман!
Куҷо-т он ҳар замон аз дилнавозӣ,
Куҷо-т он дар вафо гарданфарозӣ?
Кунун умрест, эй сарви қабопӯш,
Ки рафтию маро кардӣ фаромӯш.
Намегӯӣ, маро бечорае ҳаст,
Зи мулки офият оворае ҳаст.

Асире, дардманде, меҳрубоне,
Ғарибе, бедиле, бехонумоне.
Зи хешу ошно бегона гашта,
Зи савдои ғамам девона гашта.
Намегӯӣ, ки рӯзе орамаш ёд,
Кунам ҷонаш зи банди меҳнат озод.
Бад-ӯ аз лутф пайғоме фиристам,
Ба дармонда дилаш коме фиристам.
Дили дармондагонро бурдӣ аз ҳуш,
Ба охир дасташон кардӣ фаромӯш.
Зи роҳу расми дилдорӣ набошад,
Фаромушкорӣ аз ёрӣ набошад.
Бимурдам, нозанино, дар фироқат,
Ба ҷон омад дилам дар иштиёқат.
Зи сӯзам ёд кун в-аз ғам бияндеш,
Маро мапсанд дар ҳиҷрон аз ин беш.
Нигорино, ба ҳаққи дӯстдорӣ,
Дилоромо, ба ҳаққи ҷонсупорӣ,
Ба ҳаққи сухбати деринаи мо,
Ба ҳусни Юсуфу ҳузни Зулайхо,
Ба оби дидаи ман дар фироқат,
Ба оҳу нолаи ман з-иштиёқат,
Ки паймон машкану аҳдам нигаҳ дор,
Махӯр бар ҷони ман зинҳор зинҳор.
Чунон кун, эй ба рух хуршеди Ховар,
Ки то дар зиндагӣ як бори дигар
Саодат боз бар ман рӯ намояд,
Дари иқбол бар ман баркушояд.
Ба чашми хештан рӯят бибинам,
Ба коми хештан пешат нишинам.
Биёбам аз фироқат растагорӣ,
Набояд бурдат аз ман шармсорӣ.
Сабо аз рӯйи лутфу роҳи ёрӣ
Чу пайғомам паёпай арза дорӣ,
Бихоҳ аз лаъли нӯшинаш ҷавобе
Ба ҷӯйи шодиям боз ор обе.

Замоне бозгарду зуд биштоб,
Маро як бори дигар зинда дарёб!
Ба пайғомаш равонам тоза гардон,
Зи бӯяш мағзи ҷонам тоза гардон!
Ту то боз оиям, эй боди шабгир,
Дамат дилбанду ҷонбахшу ҷаҳонгир.
Мани мискини саргардони беёр
Ба одат шеван оғозам дигар бор.
Зи рӯйи бедиливу беқарорӣ,
Ҳамемӯям[1], ҳамегӯям ба зорӣ:

## Муноҷот

Чӣ гум гардад, Худоё, аз худоит,
Чӣ нуқсон ояд андар подшоит,
Ки гар бечорае коме биёбад,
Дилафгоре диломе биёбад?
В-агарчи рӯзгорам з-ӯ ҷудо кард,
Фироқаш ҷомаи сабрам қабо кард,
Қазо дастам зи васлаш кард кӯтоҳ,
Қадар бибрид ногоҳам зи дилхоҳ.
Зи ман дур уфтод он ҷони ширин,
Фироқ омад насибам з-он нигорин.
Замона хотири ношод хоҳад,
Висол аз дасти мушкил дод хоҳад.
Ба таъсир ахтарон бар бод доданд,
Зи мо ҳар як ба иқлиме фитоданд.
Ба нокомӣ шудем аз якдигар дур,
Ба ишқ андар ҷаҳон гаштем машҳур.
Умед аз васли ҷонон барнагирам,
Магар, к-аз ғуссаи ҳиҷрон бимирам.
Ба фазлат ҳамчунон уммедворам,
Ки уммедам ниҳӣ андар канорам…

[1] Мӯя – гиря бо овози паст.

## Хотима

Ба беҳтар толеу фархундатар фол,
Дувум рӯз аз раҷаб дар нун, алиф, зол[1]
Ба назм овардам ин дарди дили реш,
Ба ҳар кас бозгуфтам қиссаи хеш.
Ду ҳафта ҳафтсад[2] бикр аз аморӣ
Баровардам, чу хотир кард ёрӣ.
Ғараз он буд з-ин абёти дилсӯз,
Ба дасти бедилон афтад яке рӯз,
Магар, к-аз сӯзи дил рӯзе ба ҷое
Кунад соҳибдиле бар ман дуое.
Бибахшад Ҳақ бад-ин дилсӯзии ман,
Бувад, к-он моҳ гардад рӯзии ман.
Сухансозон, ки дил пурнур доранд,
Мани девонаро маъзур доранд.
Ҳадисам чун надорад рангу бӯе,
Кӣ хоҳад кард ӯро ҷустуҷӯе?
Зи мо донодилон маънӣ наҷӯянд,
Димоғошуфтагон «ошуфта» гӯянд.
Кунун вақт аст, агар кӯтоҳ гирам,
Суйи хомӯш гаштан роҳ гирам.
Касеро пойи дил дар гил мабодо!
Чунин кори касе мушкил мабодо!

---

[1] 2-юми раҷаб, нун, алиф, зол ба ҳисоби абҷад 751 ҳиҷрӣ баробари 5-уми сентябри соли 1450 мелодист.

[2] Ишорат ба он ки ин достон аз 700 байт (1400мисраъ) иборат буда, дар ду ҳафта эҷод шудааст.

## МЕҲМОНӢ КАРДАНИ САНГТАРОШ ХУДОВАНДРО АЗ САДОҚАТ

Сангтароше буд андар кӯҳи Тур,
Сангтарошӣ карду гуфтӣ, эй ғафур![1]
Ту куҷоӣ дар миёни осмон?
Чанд бошӣ пеши чашми мо ниҳон?
Хуб бошад, гар биёӣ бар замин,
Дар бари мо, ё Илоҳалоламин.
Хонаи сангӣ тарошам баҳри ту,
Чокари даргоҳ бошам баҳри ту.
Гар ту хоҳӣ гашти саҳрое кунӣ,
Бо ман оиву тамошое кунӣ.
Хуш тафарруҷҳост андар кӯҳсор,
Арғавонӣ лолаҳои марғзор.
Дузду ёғӣ нест ин ҷо ин замон,
Ту биё бо мо, матарс аз кофирон.
Гар шағолу хук ояд ё паланг,
Бишканам паҳлӯи эшонро ба санг.
Рӯз аз рӯят бипарронам магас,
Шаб ба гирди хона гардам чун асас.
Ин бигуфту хонаро бунёд кард,
Аз тазарруъ нолаву фарёд кард.
Сангтарош аз баҳри дидори Худо
Санг тарошидӣ сари шаб то сабо.
Хонаи сангӣ тарошид аз ҳунар,
Кӯзаҳои санг ҳар як хубтар.
Кӯзаҳоро об карду сар ниҳод,
Косаҳо пуркут карду барниҳод.
Дар канори тахт болин сохта,
Шаш ҷиҳат он хонаро пардохта.
Косаҳои санг тарошид аз ҳунар,
Тахти шоҳӣ барниҳода аз ҳаҷар[2].

---

[1] Ғафур – бисёрбахшанда.
[2] Ҳаҷар – санг.

Зору нолон ҳамчу булбул дар баҳор,
Садҳазорон бар яке нолид зор.
Шаб ба бедорӣ бимондӣ то саҳар
Оҳ сарду рӯй зарду дида тар.
Оҳи сард аз дил кашидӣ зор-зор,
Ашк меборид чун абри баҳор.
Гуфт: Ё Раб, гар биёӣ ин замон,
Аз карам ой фуруд аз осмон,
Ман туро аввал бишӯям дасту по,
Оби поятро хӯрам чун кимиё.
Хон биёрам дар бари ту ин замон,
Худ шавам бар даргаҳи ту посбон.
Сард бошад, баҳри ту оташ кунам,
Гарм бошад, ҳар замон бодат занам.
Об хоҳӣ, кӯза бар дастат диҳам,
Нон хоҳӣ, суфра дар пешат ниҳам.
Пеши чӯпонон равам аз баҳри шир,
Оварам бисёр равған бо панир.
Оби сарду кӯзае бо нонх(в)ариш,
Зиндагонӣ кун ба некӯ парвариш.
Дунба хоҳӣ, аз бароят оварам,
Қаля хоҳӣ, аз бароят мепазам.
Болише созам зи баҳри такяат,
Чангу най хоҳӣ ту, дар пеш орамат.
Гар ту мехоҳӣ зани соҳибҷамол,
Ҳамчунон орам ба наздат бесуол.
Чунки[1] хезӣ, кафшгардонӣ кунам,
Гирди ту оям, нигаҳбонӣ кунам.
Гӯсфанд орам, ба қурбон созамаш,
Баҳри ту дарҳол бирён созамаш.
Мекунам баҳри ту қурбон, эй Худо,
Баъд аз он дидори худ бар ман нумо!
Ин бигуфту рафт дар кӯҳи буланд
Назди чӯпонон зи баҳри гӯсфанд.

[1] Чунки – ин ҷо ба маънои «вақте ки».

Гӯсфандеро ба таъҷил ӯ харид,
Ресмон дар шохи ӯ карду кашид.
Бо дили худ гуфт: Хуш бошад, ки ман
Чун равам дар хонақоҳи хештан,
Омада бошад Худо дар хонаам,
То шавад хуррам дили девонаам.
Хуфта бошад бар сари он тахти хеш,
Хурраму осудадил бо бахти хеш.
Ӯ бувад осудаву ман бехабар
Гӯсфанд он ҷо расонам зудтар.
Гуфт бо худ он заифи нотавон:
«Омада бошад Худо аз осмон.
Хуфта бошад дар даруни хонаам,
Шод гардонад дили девонаам.
Як замон сабре кунам ман дар зиҳоб,[1]
Гӯсфанде он гаҳе созам кабоб.
Як кумоче[2] кардаам он ҷо ниҳон,
Ӯ надонад, ман биёрам дарзамон.
То хӯрад аз нони гандум бо кабоб,
Кӯза дар дасташ диҳам ҳам пур зи об.
Об хоҳад, оби сарди нозанин,
Кӯза дар дасташ диҳам, по бар замин».
Инчунин мегуфт ӯ бо ишқу сур,
Гӯсфандак мекашид аз роҳи дур.
Аз қазо[3] Мӯсо ба кӯҳи Тур шуд,
Дохили он маъдани пурнур шуд.
Рафту Мӯсо андар он хона нишаст.
Косаҳову кӯзаҳо дар ҳам шикаст.
Сангтарош омад, ба бора гӯсфанд,
Чун сарозер гашт аз кӯҳи буланд,
Косаҳо бишкаста диду кӯзаҳо,
Кард зорӣ беҳаду бемунтаҳо.

[1] Зиҳоб – рафтан ва бозгаштан.
[2] Кумоч – як навъ нони ғафс, ки бо нахӯд пазанд – нони ширмол.
[3] Қазо – ногоҳ.

Гуфт: «Ё Раб, ман чӣ гуна бефузул,
К-ӯ ба даргоҳат наяфтода қабул?!
Ту, ки бо мо меҳрубонӣ доштӣ,
Инчунин кардан чиро бигзоштӣ?».
Ин бигуфту ҳамчу борон гиря кард,
Ҳам ба дарди ноумедӣ навҳа кард.
Гӯши Мӯсо нолаи ӯро шунид,
Наздаш омад, бар рухи ӯ бингарид.
Гуфт: Эй нодон, чӣ зорӣ мекунӣ?
Ҳеч медонӣ, чӣ коре мекунӣ?
Гуфт: «Оре, хонаи Ҳақ сохтам,
Фаршу болин андар он андохтам.
Ту чаро ин косаҳо бишкастаӣ?
Ин дили моро зи ғам ту хастаӣ!
Гуфт: Эй нодон, Худоро хона нест,
Ҳаргиз ӯро манзилу кошона нест.
Тавба кун ту, тарки ин беҳуда гӯ!
Гар ту аблаҳ нестӣ, ин раҳ мапӯ!».
Ин бигуфту Мӯсӣ аз вай дур шуд,
Сангтарош аз ин сухан ранҷур шуд.
Инчунин нолид в-андар рӯйи ӯ
Шуд равон аз оби чашми ӯ ду ҷӯ.
Дида пурхун мекунад аз дарди дил,
То ки бистонад ғубор аз дарди дил,
Гуфт: «Субҳоно, ту донӣ ҳоли ман,
Воқифӣ аз ҷумлаи афъоли ман.
Ҳар чӣ кардам ман ба нодонии хеш,
Афв фармо ту ба доноии хеш».
Инчунин мегуфт ӯ бо тарсу бим,
Ҷабраил омад, ба Мӯсои калим.
Гуфт: «Ё Мӯсо, ки мегӯяд ғафур,
Бандаи моро чаро кардӣ ту дур?
Хонаву тахте бароям сохта,
Тахту болин андар он андохта.
Ин замонам узрхоҳӣ мекунӣ,
Ту хатои худ табоҳӣ мекунӣ.

З-ин хато кардан чӣ гуна мераҳӣ?
Ин замон моро иваз хун медиҳӣ».
Чун ба Мӯсо ваҳй[1] шуд аз Кирдгор,
Рафт пеши он ҳазини дилфигор.
Гуфт: «Эй саргаштаи бехобу х(в)ар,
Он чӣ ман кардам иноят, даргузар».
Гуфт: «Эй Мӯсо, туӣ марди Худо,
Кардаӣ бо ман адоват аз чиро?
Рафтаӣ, дар хонаам биншастаӣ,
Косаҳову кӯзаҳо бишкастаӣ.
Ҷабраил ояд, ки Ҳақ гӯяд нахуст,
Косаҳову кӯзаҳояш кун дуруст».
Гуфт Мӯсо: «Косаи дигар харам,
Косаҳову кӯза баҳраш оварам.
Буд андар кӯзаҳои сангтарош.
Сидқ покиза, мунаввар нақшҳош.
Косаи сидқаш чаро бишкастаӣ,
Он дили зораш зи ғусса хастаӣ?!
Аз даруни ҷони ӯ ман огаҳам
В-он гаҳе кулли муродаш медиҳам».
Гуфт Мӯсо: «Чун шунидам, ё Карим,
Афв кун бар ман гуноҳони азим».
Гуфт Мӯсоро Худо: «Эй ту ба ном,
Бошад ин банда ба даргоҳам давом.
Гар ҳамехоҳӣ ба дарди худ даво,
Рав ба пеши ӯву истирзо[2] намо!
Гар туро бахшид он марди Худо,
Ман туро бахшида дорам баъдҳо».
Рафт Мӯсову сухан оғоз кард,
Баҳри розӣ карданаш дамсоз кард.
Чунки розӣ шуд аз ӯ марди Худо,
Баъд аз он розӣ шуд аз ӯ подшо.

[1] Ваҳй – фармони Худо.
[2] Истирзо – талаби ризомандӣ кардан.

## МУШУ ГУРБА

Агар дорӣ ту ақлу донишу ҳуш,
Биё, бишнав ҳадиси «Гурбаву Муш»!
Бихонам аз бароят достоне,
Ки дар маънои он ҳайрон бимонӣ.

* * *

Эй хирадманди оқилу доно,
Қиссаи «Мушу Гурба» бархоно!
Қиссаи «Мушу Гурба»-и манзум
Гӯш кун ҳамчу дурри ғалтоно!
Аз қазои фалак яке гурба
Буд чун аждаҳо ба Кирмоно.
Шикамаш таблу синааш чу сипар,
Шердумму палангчангоно.
Аз ғиреваш[1] ба вақти ғурридан
Шери дарранда шуд ҳаросоно.
Сари ҳар суфра чун ниҳодӣ пой,
Шер аз вай шудӣ гурезоно.
Рӯзе андар шаробхона шудӣ
Аз барои шикори мушоно.
Дар паси хум ҳаменамуд камин[2]
Ҳамчу дузде, ки дар биёбоно.
Ногаҳон мушаке зи деворе
Ҷаст бар хумми май хурӯшоно.
Сар ба хум барниҳоду май нӯшид,
Маст шуд ҳамчу шери ғурроно.
Гуфт: «Ку гурба, то сараш биканам?!
Пӯсташ пур кунам зи коҳоно!
Гурба дар пеши ман чу саг бошад,
Ки шавад рӯ ба рӯ ба майдоно!».

---

[1] Ғирев – наъра ва ғурриш.
[2] Камин – шинак.

Гурба инро шуниду дам назадӣ,
Чангу дандон задӣ ба сӯҳоно.
Ногаҳон ҷасту мушро бигирифт
Чун палангшикори кӯҳоно.
Муш гуфто, ки: Ман ғуломи туам,
Афв кун аз ман ин гуноҳоно».
Гурба гуфто: «Дурӯғ камтар гӯй!
Нахӯрам ман фиребу макроно.
Мешунидам ҳар он чӣ мегуфтӣ.
Орводин қаҳба номусалмоно».
Гурба он мушро бикушту бихӯрд,
Суйи масҷид шудӣ хиромоно.
Дасту рӯро бишусту масҳ кашид,
Вирд мехонд ҳамчу муллоно:
«Бор илоҳо, ки тавба кардам ман,
Надарам мушро ба дандоно.
Баҳри ин хуни ноҳақ, эй Халлоқ,
Ман тасаддуқ диҳам ду ман ноно».
Он қадар лоба карду зорӣ кард,
То ба ҳадде, ки гашт гирёно.
Мушаке буд дар паси минбар
Зуд бурд ин хабар ба мушоно:
«Муждагонӣ, ки гурба тоиб[1] шуд,
Зоҳиду обиду[2] мусалмоно».
Буд дар масҷид он ситудахисол[3]
Дар намозу ниёзу афғоно.
Ин хабар чун расид бар мушон,
Ҳама гаштанд шоду хандоно.
Ҳафт муши гузида[4] барҷастанд,
Ҳар яке кадхудову[5] деҳқоно.[6.]

---

[1] Тоиб – тавбакунанда.
[2] Обид – ибодаткунанда.
[3] Ситудахисол – хислатҳои таърифӣ, сара ва писандида.
[4] Гузида – интихобшуда, хубу сара.
[5] Кадхудо – давлатманд, соҳиб.
[6] Деҳқон – заминдори калон

Баргирифтанд баҳри гурба зи меҳр
Ҳар яке туҳфаҳои алвоно[1].
Он яке шишаи шароб ба каф
В-он дигар – барраҳои бирёно.
Он яке таштаке[2] пур аз кишмиш
В-он дигар як табақ зи хурмоно.
Он яке зарфе аз панир ба даст
В-он дигар мост бо карамоно[3].
Он яке – хончаи палав бар сар,
Афшура[4], оби лиму, уммоно[5]
Назди гурба шуданд он мушон
Бо салому дуруду[6] эҳсоно.
Арз карданд бо ҳазор адаб,
К-«Эй фидои раҳат ҳама ҷоно.
Лоиқи хидмати ту пешкаше
Кардаем, ин қабул фармоно!».
Гурба чун мушакон бидид, бихонд:
«Ризқакум фис-самои ҳаққоно».[7]
Ман гурусна басе ба сар бурдам,
Ризқам имрӯз шуд фаровоно.
Рӯза будам ба рӯзҳои дигар
Аз барои ризои Раҳмоно.
Ҳар кӣ кори Худо кунад, ба яқин
Рӯзияш мешавад фаровоно».
Баъд аз он гуфт: «Пеш фармоед
Қадаме чанд, эй рафиқоно!»
Мушакон ҷумла пеш мерафтанд,
Танашон ҳамчу бед ларзоно.

---

[1] Алвон – лавнҳо, рангҳо, рангоранг.
[2] Таштак – лаълӣ, табақ.
[3] Каранон – навъе аз нон, фатирмаска.
[4] Афшура – шарбат – оби мева. Аз калимаи фишор додан.
[5] Уммон – номи баҳрест дар ҷанубии Арабистон. Ин ҷо ба маънои бисёр омадааст.
[6] Дуруд – салом.
[7] Маъноаш: Ризқамро Худо аз осмон дод.

Ногаҳон гурба ҷаст бар мушон,
Чун мубориз ба рӯзи майдоно.
Панҷ муши гузидаро бигрифт,
Ҳар яке кадхудову элхоно[1].
Ду бад-ин чангу ду бад-он чангол,
Як ба дандон чу шери ғуррono.
Он ду муши дигар, ки ҷон бурданд,
Зуд бурданд хабар ба мушоно,
Ки: «Чӣ биншастаед, эй мушон?
Хокатон бар сар, эй ҷавононо!
Панҷ муши раисро бидарид
Гурба бо чангҳову дандоно».
Мушаконро аз ин мусибату ғам,
Шуд либоси ҳама сиёҳоно.
Хокбарсаркунон ҳамегуфтанд:
Эй дареғо, раиси мушоно!
Баъд аз он муттафиқ шуданд, ки мо
Меравем пойи тахти султоно.
То ба шаҳ арзу ҳоли хеш кунем
Аз ситамҳои хайли гурбоно.
Шоҳи мушон нишаста буд ба тахт,
Дид аз дур хайли мушоно.
Ҳама як бор карданаш таъзим,
К-«Эй ту шоҳаншаҳӣ ба давроно.
Гурба кардаст зулм бар моҳо,
Эй шаҳаншаҳ, улам[2] ба қурбоно.
Соле як дона мегирифт аз мо,
Ҳол ҳирсаш шуда фаровоно.
Ин замон панҷ-панҷ мегирад,
Чун шуда тоибу мусалмоно».
Дарди дил чун ба шоҳи худ гуфтанд,
Шоҳ фармуд, к-эй азизоно!

[1] Элхон – лақаби подшоҳони муғул дар Эрон.
[2] Улам – мурам.

Ман талофӣ[1] ба гурба хоҳам кард,
Ки шавад достон ба даврono».
Баъди як ҳафта лашкаре орост,
Сесаду сӣ ҳазор мушоно.
Ҳама бо найзаҳову тиру камон,
Ҳама бо сайфҳои[2] бурроно.
Фавҷҳои[3] пиёда аз як сӯ,
Теғҳо дар миёна ҷавлоно.
Чунки ҷамъоварии лашкар шуд
Аз Хуросону Рашту Гелоно.
Яккамуше вазири лашкар буд,
Ҳушманду далеру фаттоно.[4]
Гуфт: бояд яке зи мо биравад
Назди гурба ба шаҳри Кирмоно.
Ё биё пойтахт дар хидмат,
Ё ки омода бош ҷангоно».
Мушаке буд элчие зи қадим,
Шуд равона ба шаҳри Кирмоно.
Нарм-нармак ба гурба ҳолӣ кард[5],
Ки манам элчие зи мушоно.
Хабар овардаам барои шумо,
Азми ҷанг карда шоҳи мушоно.
Ё бирав пойи тахт дар хидмат,
Ё ки омода бош ҷангоно».
Гурба гуфто, ки: Шоҳ г… хӯрда,
Ман наёям бурун зи Кирмоно».
Лекин андар хафо[6] тадорук кард
Лашкари муъзаме зи гурбоно.
Гурбаҳои бароқи шершикор
Аз Сифоҳону Язду Кирмоно.

[1] Талофӣ – пур кардани он чизе, ки холӣ шудааст.
[2] Сайф – шамшер.
[3] Фавҷ – қисме аз лашкар.
[4] Фаттон – зирак ва доно.
[5] Ҳолӣ кардан – арз кардан, баён кардан.
[6] Хафо – махфӣ.

Лашкари гурба чун муҳайё шуд,
Дод фармон ба сӯйи майдоно.
Лашкари мушҳо зи роҳи кавир,[1]
Лашкари гурба аз куҳистоно.
Дар биёбони Форс ҳар ду сипоҳ
Разм[2] доданд чун далероно.
Ҷанги мағлуба шуд дар он водӣ,
Ҳар тараф рустамона ҷангоно.
Он қадар мушу гурба кушта шуданд,
Ки наёяд ҳисоб осоно.
Ҳамлаи сахт кард гурба чу шер,
Баъд аз он зад ба қалби[3] мушоно.
Мушаке асби гурбаро пай кард[4]
Гурба шуд сарнагун зи зиноно.
Аллаҳ-аллаҳ фитод дар мушон,
Ки бигиред, паҳлавононо!
Мушакон табли шодиёна заданд,
Баҳри фатҳу зафар фаровоно.
Шоҳи мушон бишуд ба фил савор,
Лашкар аз пешу пас хурӯшоно.
Гурбаро ҳар ду даст баста ба ҳам
Бо калофу[5] танобу ресмоно.
Шоҳ гуфто: «Ба дор овезед
Ин саги рӯсиёҳи нодоно!».
Гурба чун дид шоҳи мушонро,
Ғайраташ шуд чу дег ҷӯшоно.
Ҳамчу шере нишаст бар зону,
Канд он ресмон ба дандоно.
Мушаконро гирифту зад ба замин,
Ки шудандӣ ба хок яксоно.

[1] Кавир – биёбон, ҷойҳои хароба ва ғайри қобили зироат.
[2] Разм – ҷанг.
[3] Қалб – миёна. Чунончи қалби лашкар – миёнаи лашкар.
[4] Пай кардан – буридани пай.
[5] Калоф – калова, ресмон.

Лашкар аз як тараф фирорӣ шуд,
Шоҳ аз як ҷиҳат гурезоно.
Аз миён рафт филу филсавор,
Махзану тоҷу тахту айвоно.
Ҳаст ин қиссаи аҷибу ғариб
Ёдгори Убайди Зоконо.

* * *

Ҷони ман, панд гир аз ин қисса,
Ки шавӣ дар замона шодоно.
Ғараз аз «Мушу Гурба» бархондан
Муддао фаҳм кун, писарҷоно!

НОСИРИ БУХОРОӢ

# МУНТАХАБИ АШЪОР

## ДАРВЕШ НОСИРИ БУХОРОӢ

Дарвеш Носири Бухороӣ яке аз шоирони ғазалсарои тирози аввали адабиёти форсу тоҷик аст, ки номаш дар радифи бузургтарин шоирони ғазалсарои асри Х1У чун Салмони Соваҷӣ ва Ҳофизу Камоли Хуҷандӣ меистад. Носир зодаи Бухорост, аммо дар масъалаи номи падар, насаб ва куняташ чизе маълум нест. Соҳибони тазкираҳо ӯро бо унвони Шоҳ, Хоҷа ва Дарвеш Носири Бухороӣ ёд кардаанд. Давлатшоҳи Самарқандӣ Носирро дар қатори Салмони Соваҷӣ, Хоҷуи Кирмонӣ, Убайди Зоконӣ, Алоуддавлаи Симнонӣ ва Шайх Абдурраззоқи Кошӣ аз шоирону орифони замони Султон Абӯсаид медонад. Султон Абӯсаиди Элхонӣ солҳои 716- 736 ҳукмронӣ кардааст ва Носир дар маснавии «Ҳидоятнома», ки соли 1365 хатм намудааст, аз пирии худ шикоят мекунад. Ин ҳама шаҳодат медиҳад, ки Носир на дар байни солҳои 715 -720 ҳ., ки М. Дурахшон ҳадс мезанад, балки пештар аз он, то соли 710, эҳтимол дорад дар байни солҳои 705- 710 ҳ. ба дунё омада бошад. Ин сана ба ҳама маълумотҳое, ки тазкиранигорон додаанд ва ҳам худи шоир дар ашъораш ишора мекунад, мувофиқат мекунад.

Аз ишораҳои шоир бармеояд, ки падару аҷдоди ӯ аз уламо ва рӯҳониёни замони худ будаанд. Носир таҳсили ибтидоӣ ва улуми мадрасагиро аз устодаш Ҳамидуддин ва тағояш Шарофуддин Муҳаммад омӯхтааст, ки худ дар қасидае ба ин нукта ишора мекунад. Аз ахбори сарчашмаҳо ва ишораҳои худи шоир маълум мегардад, ки Носир дар хонадони соҳибмаърифат ва дорандае ба дунё омада, ки тавонистааст бо фароғати ҳол ба илмомӯзӣ машғул гардад ва ба дараҷаи уламои забардасти замон расад. Сонияն, дар илм, хосса улуми шаръӣ ба мақоме расида, ки бино ба қавли Тақиюддини Кошӣ, «дар вилояти Балху Бухоро» касе набуда, ки тавонад дар илм бо ӯ баробарӣ кунад ва дарки суханони вайро дошта бошад. Аз ин сабаб, «машоихи Балху Бухоро савоб дар он мебинанд, ки Носир ба Бағдод равад ва ба сайру сулук машғул гардад, то ба суханони ӯ сикка зада шавад».

Сабаби сафар ихтиёр кардан ва ба тасаввуф гаравидани Носир ба чанд ваҷҳ будааст: Аввалан барои такмили илму дониш ва расидан ба камол. Сонияն, баъд аз ба мақоми баланди илм расиданаш дарёфта, ки бо роҳи илму ҷадал ё худ қилу қол наметавонад ба ҳақиқат даст ёбад. Ба суҳбати орифони бузурги он замон расиданаш ин гуфтаро тақвият мебахшад. Сабаби асосие, ки аксари тазкиранигорон ба он ишора кардаанд, яъне, зиёрати Маккаи мукаррама ва иҷрои маросими ҳаҷро набояд аз назар дур кард.

Ҳамин тариқ Носир баъди касби мақоми аршади динӣ ба тасаввуф мегаравад ва барои дарёфти ҳақиқат ба сайру сафар мебарояд. Шоири ориф дар ин сафари тӯлонии худ аз аксари шаҳрҳои мамолики исломӣ дидан карда ва дар баъзе шаҳрҳо ду-се навбат будааст, вале дар ягон шаҳр муддати зиёд тарҳи иқомат наафкандааст. Дар шаҳрҳои Самарқанд. Машҳад, Табрез. Ардабил, Исфаҳон, Шероз, Бағдод, Ҳалаб, Шом, Димишқ, Ҳирот, Наҷаф, Макка. Мадина, Шабирон, Шамохӣ, Шарвон будани шоир яқин аст. Аммо далоиле, ки М.Дурахшон барои сафари Ҳиндустони шоир меоварад, асоси илмӣ надоранд. Мо ҳеҷ як далеле дар даст надорем, ки ба Ҳиндустон рафтани шоирро собит намояд.

Аксари тазкиранигорон вохӯрии Носир бо Салмони Соваҷиро соли 776 ҳ. зикр кардаанд. Агар баъзе гуфта бошанд, ки «вақти азимати Байтуллоҳ» бо Салмон вохӯрд, гурӯҳи дигар, «баъд аз зиёрати Маккаи муаззама» ба Бағдод омадану бо Салмон вохӯрдани ӯро таъкид кардаанд. Аз баррасии ахбори тазкираҳо маълум гардид, ба ҷуз аз Тақиюддини Кошонӣ аксари муаллифони тазкираҳо ҳамон маълумоти Давлатшоҳро ба навъи дигар такрор кардаанду бас ва баъзе аз онҳо, монанди тазкиранигорони Ҳинд саргузашти ӯро бо Қозӣ Носири Бухороӣ махлут кардаанд. Омӯзиши дақиқи ахбори тазкираҳо ва муқоисаи онҳо бо маълумоти сарчашмаҳои таърихию девони шоир нишон дод, ки Носир қабл аз соли 776 ҳ. ба Бағдод омада ва шиносоии ӯ бо Салмон низ қабл аз ин сана сурат гирифта ва шояд бо васитаи Салмон ба дарбори Султон Увайс муаррифӣ шуда бошад. Ин вохӯрӣ ба сафари аввали шоир рост меояд. Соли 776 ҳ. шоир воқеан дар Бағдод будааст ва ин сафари ӯ лоақал бори дувум баъд аз зиёрати Маккаи мукаррама сурат гирифтааст. Бурҳони қотеъи ин гуфтаҳо, пеш аз ҳама, байтест, ки дар он сухан аз туғёни оби Даҷла меравад. (Ироқро чу зи туғёни об чашм расид, Маро зи хуни ҷигар Даҷла дар канор омад). Ва ҳаминчунин ахбори Хондмир, ки бо зикри номи Носир ба ин масъала ишора мекунад, ин далелро собит мекунад.

Носир баъд аз марги Султон Увайс бо шиносоӣ аз хулқу атвори валиаҳди айёши вай Султон Ҳусайн комилан робитаашро бо Оли Ҷалоир меканад ва ба Шарвон меравад. Имкон дорад робитаи Носир бо Ҳушангшоҳ, ки мамдӯҳи асосии шоир аст, дар байни солҳои 774-777 ҳ. сурат гирифта бошад. Шоир муддате дар дарбори ин амир ба китобат машғул мегардад, аммо зиёд наистодааст. Вай баъд аз ҳар сафараш ба дарбори Ҳушангшоҳ меомада ва ба сифати «раҳовард» қасида месурудааст. Пеш аз марги Ҳушангшоҳ (784 ҳ.) Носир соли 782 ҳ. бори дигар азми

сафари ҳаҷ мекунад, ки худ аз таърихи ин сафар хабар медиҳад (Сол бар ҳафсаду ҳаштоду ду аз ҳиҷрат буд, К-ин муборак ба сар омад ба тариқи эъҷоз).

Дар мавриди соли вафоти шоир низ феҳристнигорону муҳаққиқони муосир дар як ақида нестанд, аксар санаҳои 772, 773 ва 779, ки тазкиранигорон зикр намудаанд, такрор намудаанд. Аз ин миён М. Дурахшон ва С. Қурбонов соли вафоти шоирро байни солҳои 784-790 донистаанд. То соли 782 ҳ. зинда будани Носир далели бебаҳс аст. Маҳз дар ҳамин соли 782 ҳ. Темур ба Хуросон лашкар мекашад. Носир бар хилофи Камолу Ҳофиз ба Темур ҳато ишорае ҳам надорад. Аз ин тахмин задан мумкин аст, ки Носир пеш аз ташкили давлати Темуриён дар байни солҳои 782-785 ҳиҷрӣ ҳангоми сафари ҳаҷ вафот карда бошад. Ин ҷо маълумоти Тақиюддини Кошонӣ, ки мегӯяд: «бори дигар ба сафари ҳаҷ рафт ва дар ин сафар падруди ҳаёт гуфт» ба ҳақиқат наздиктар менамояд

Носир беш аз шаст сол ба сурудани ашъори лирикӣ пардохта, аз худ девоне мерос гузошта, ки муштамил бар қасоид, ғазалиёт, рубоиёт, таркиббандҳо, тарҷеъот, мухаммасу мусаммат, муқаттаъот, муфрадот ва маснавӣ аст. Ҳарчанд ӯ дар ағлаби анвоъи шеърӣ дасти тамом дорад, аммо ҳунари шоирии ӯ дар ғазал таҷассум ёфтааст ва қисмати бештари девони ӯро ғазал ташкил медиҳад. Нусхаҳои хаттии девони ӯ дар китобхонаҳои Эрон, Туркия, Русия, Тоҷикистон, Озарбайҷон ва Ӯзбакистон ба назар расид. Шояд дар китобхонаи мамолики дигар, аз ҷумла Ҳиндустон вуҷуд дошта бошад, аммо ин нукта мусаллам аст, ки бархилофи девони шоирони дигари ҳамасраш, нусхаҳои девони Носир хеле камёфту нодир аст.

Қадимтарин нусхае, ки дар он ашъори Носир дарҷ аст, ҳамоно нусхаи 884-и Ганҷинаи дастнависҳои шарқии ба номи академик А. Мирзоеви АУ ҶТ мебошад. Аслан ин дастнавис девони Котибӣ буда, дар ҳошияи он ашъори Носири Бухороӣ, Шоҳӣ, Бисотӣ, Хаёлӣ ва Озарӣ сабт ёфтаанд. 289 ғазали Носир дар ҳашияи варақҳои 88б, 100б- 106б; 117а-163б;165а-208б; маснавии «Ҳидоятнома» варақҳои 209а-226а; 3 тарҷеъбанд варақҳои 226б-233б ҷой гирифтаанд. Китобати он моҳи рамазони соли 850 ҳ.(ноябр-декабри 1446) ба охир расидааст. Қисмате аз авроқи ин нусха дар нусхаи 628 афтодааст. Нусхаи девони нисбатан мукаммали шоир нусхаи Намангон мебошад, ки дар Ӯзбакистон аст. Ин девон аз 256 варақ иборат буда, шомили 7000 байт аст, ки соли 858 ҳ. (1454) дар Шероз аз тарафи Маҳмуди Котиб китобат шудааст. Нусхаи «Малик», ки зери №5987 дар китобхонаи Донишгоҳи Теҳрон нигаҳдорӣ мешавад, соли 859 китобат шудааст. Нусхаи китобхонаи «Фотеҳ»-и

Истамбул, ки соли 864 китобат шуда, дорои 6600 байт мебошад ва девони тартибдодаи М. Дурахшон аслан аз рӯйи ҳамин нусха аст.

Ҳамин тариқ дар маҷмӯъ ашъори Носир, ки аз нусхаҳои мутааддиди девону баёзҳо ба даст омад, қариб 8000 байтро ташкил медиҳад.

Девони Носири Бухоро вобаста ба ҷойгиршавии анвои шеърӣ чунин табақабандӣ шудааст:

1. **Қасоид.** Дар девони Носир 74 қасида вуҷуд дорад, ки шомили 2455 байт аст. Калонтарин қасидаи Носир аз 68 байт ва хурдтаринаш аз 27 байт иборат аст.

2. **Таркиббанд.** Дар девони Носир шаш таркиббанд ба назар расид, ки шомили 240 байт аст. Чаҳор таркиббанд ба мадҳ ихтисос дошта, дуи дигар, яке марсия ва дигаре комилан ирфонӣ мебошад.

**3. Тарҷеъбанд**. Дар девони Носир чаҳор тарҷеъбанд ба назар расид, ки ҷамъулҷамъ аз 360 байт иборат аст. Дар ҳама тарҷеъбандҳои Носир матолиби ирфонӣ, алалхусус ваҳдати вуҷуд ва ишқи лоязолӣ матраҳ шудаанд. Масалан, байти тарсеъи яке аз онҳо, ки дар баҳри хафифи мусаддаси махбуни маҳзуф буда, даҳ бор дар ҳар банд ба такрор омадааст:

Ин ҷаҳон партавест аз рухи дӯст,
Ҷумлаи коинот сояи ӯст.

Мурод аз «дӯст» ин ҷо вуҷуди Ҳақ аст ва ғараз аз «рухи дӯст» – таҷаллии ҷамоли раббонист. Ин ҷо ҳамон ваҳдати вуҷуд матраҳ шудааст. Яъне, ин ҷаҳон ва ҷумла коинот дар худии худ вуҷуд надорад. Вуҷуди воҳиди ҳақиқӣ вуҷуди Ӯст ва вуҷуди оламу коинот ва ашё таҷаллӣ ва сояи Ҳақ аст. Носир ба такрор мегӯяд: Ин ҷаҳон шуъоеву фурӯғе аз таҷаллиии раҳмонии Ӯст ва ҳама коинот сояи фурӯғи вай ҳастанд.

**4. Мусаммат.** Дар девони Носир чаҳор мусаммат мавҷуд аст, ки ҳамагӣ аз 60 байт ибрат буда, мазомини ирфонӣ доранд.

**5. Муқаттаъот.** Дар девони Носир дувоздаҳ қитъа ба назар расид, ки хурдатарини он аз ду ва бузургтаринаш шомили шонздаҳ байт аст. Ҷамъулҷамъ қитаоти Носир аз 94 байт иборат аст. Қитаоти Носир дар мавзӯъҳои гуногун суруда шудаанд. Муҳимтарин хусусияти қитаоти Носир дар соддагию равонӣ, муъҷазӣ ва корбурди истилоҳоти нарду шатранҷ ба тариқи иҳом аст.

**6. Рубоиёт ва фарду чаҳорпораҳо**. Дар миёни ашъори Носир дар соири нусхаҳо дар ҳаҷми 66 байт рубоию дубайтӣ ва муфрадот ба назар расид, ки ба моли Носир будани баъзе аз онҳо тардид аст. Аз ҷумла як рубоии машҳури Хайём (Асрори азалро на ту дониву на ман) ба ӯ нисбат дода шудааст. Се рубоии дигар, ки дар

девони Носир аст, бо андаке тағйирот дар девони Ҳофиз ба назар расид. Баррасии нусхаҳои қадими девони ҳарду шоир нишон дод, ки сароядаи аввали ин рубоиҳо Носир аст. Ин се рубоӣ дар нусхаи Намангон, ки соли 858ҳ(1454) дар Шероз ба қалами Маҳмуди Котиби Шерозӣ китобат шудааст, ҷой дорад. Дар ин айём ашъори Ҳофиз на танҳо дар Шероз, балки дар куллии мамолики форсзабонон шуҳрат ёфта буд. Ҳеч мумкин нест, ки баъд аз 67 соли вафоти Ҳофиз Котиби Шерозие рубоиёти ӯро дар девони Носир ҷой диҳад. Аз ин рӯ ба Носир будани сароядаи аввали онҳо ҷойи тардид намемонад.

**7. Маснавӣ.** Дар нусхаҳои девони шоир ду маснавӣ ба назар расид, ки яке бо номи «Ҳидоятнома**»** қариб 600 байт ва дигар маснавии кутоҳе дар ҳаҷми 26 байт. Маснавии «Ҳидоятнома» дар девони тартибдодаи М. Дурахшон номукаммал аст ва мо бо нусхаи 628-и Институти мероси хаттии АУ ҶТ ва нусхаи китобхонаи Озарбойҷон матни комили маснавиро барқарор кардем, ки шоир дар охири маснавӣ аз соли хатми он дарак медиҳад. Ин маснавӣ дар пайравии «Бӯстон»-и Саъдӣ иншо шуда, баёнгари андешаҳои каломию ахлоқӣ ва ирфонии шоир аст

Ашъори Носир ҳама дар як сатҳ нестанд ва чун матни интиқодии девони ӯ ба сомон нарасида, наметавон он ҳама абёти носаҳеҳро моли ӯ донист. Дар қасида ҳарчанд Носир ба пояи Анварию Заҳир ва ё Хоқонӣ нест, аммо ҷиҳати боризи қасоиди ӯ дар мазомини ирфонию ахлоқӣ ва панду андарз аст, ки нисбат ба мадҳ бештар ҷой дорад. Ҳамчунин дар девони Носир қасидаҳое ҳастанд, ки дар радифи беҳтарин қасоиди адаби форсӣ қарор доранд. Қитъаву тарҷеъбанд ва таркиббанду мусамматҳои ӯ ағлаб мазомини ирфонӣ доранд ва аз намунаҳои боризи шеъри хуби адабиёти мост.

Носир, пеш аз ҳама, шоири ғазалсарост ва ҳунари шоирии ӯ бештар дар ғазал таҷассум ёфтааст. Дар ғазал низ ӯ ба шуарои пешин, монанди Саноӣ, Мавлоно, Саъдӣ, Хоҷу ва аз шуарои муосираш Салмон пайравӣ кардааст, аммо ин пайравӣ мубтакирона аст, на муқаллидона. Сабки Носир ба сабки Ҳофиз бисёр наздик буда, баъзе абёту ғазалҳои ӯ вориди девони Ҳофиз гаштааст, ба монанди ғазали «Ҳаргизам нақши ту аз лавҳи дилу ҷон наравад…» Баъзе абёти Носиру Ҳофиз чунон ба ҳамдигар монананд, ки танҳо калимае дар радиф фарқ мекунаду бас. Аммо ҳофизшиносон то ба ҳол муайян накардаанд, ки Ҳофиз аз Носир таъсир гирифта ва ё Носир аз Ҳофиз. Ғазали Носир ҳаргиз ба пояи ғазали Ҳофиз намерасад, вале ин нукта мусаллам аст, ки аз Ҳофиз калонсолтар буда ва пештар аз ӯ фавтидааст. Шояд сабки вижае, ки Ҳофиз дорад, аз Носир гирифта, онро ба нуқтаи олияш расонида

бошад. Ин суолоте ҳаст, ки баъд аз таҳқиқи ҳамаҷонибаи нусхаҳои девони ҳарду шоир метавон ҷавоб пайдо кард.

Мазомини ғазалҳои Носир аксар ирфонианд ва ҳамон мазомину истилоҳот ва образҳое доранд, ки дар ашъори Ҳофиз аст. Муҳимтарин паёми ғазалиёти Носир ишқ аст, ишқ ба маъшуқи азалию абадӣ, вале монанди Ҳофиз аз ишқи инсонию заминӣ низ ғофил набудааст. Монанди сабки Ҳофиз иҳомангезӣ аз хусусиятҳои марказии шеъри Носир аст. Аксари муҳаққиқоне, ки ба ашъори ӯ назар доштаанд, сабки сухани ӯро монанди шеваи сухани Ҳофиз донистаанд.

Носир худро соҳибсабк медонад ва шеъри худро «тарзи ғариб»-у «каломи дигар» номидааст:

Дар ҷаҳон ҳаст чу Носир мутакаллим бисёр,
Лекин ин тарзи ғарибею каломи дигар аст.

Дар байти боло муроди шоир аз «мутакаллим», ки онро «мутакаллам» ҳам талуффуз мекунанд, на донандаи илми калом, ҳарчанд ки Носир ин ҳунарро низ доро буд, балки гӯяндаи сухан, яъне, шоир аст. Манзур аз «тарз» тибқи корбурди суханшиносони қадим, сабк дар назар аст. Яъне, Носир ба сабки нодиру тоза доштани худ ишора мекунад ва бар он аст, ки сабки суханаш ва маънии каломаш аз дигар шоирон фарқ дорад. Ҳамин маъниро ҷойи дигар ба тарзи дигар таъкид намудааст:

Ривоҷе ёфт динори маонӣ,
Ки Носир сиккаи нав бар сухан зад.

Манзури шоир аз «сиккаи нав», ки бар сухан задааст, ҳамон сабки ғариби худ аст. Шоир шеъру шоириро ба масобаи кишваре дар тасаввур меоварад ва худро дар ин кишвар подшоҳи тозаҷулусе медонад, ки дар «динори маъонӣ» «сиккаи нав» задааст. Яъне, ҳар подшоҳе, ки тоза ба тахт менишинад, сикка ба номи худ мезанад ва Носир дар иқлими суханварӣ шоҳи тозавуруд аст, ки сиккаи нав дар динори маъонӣ задааст ва боисиривоҷи он гаштааст.

Ҷойи дигар ба яке аз вижагиҳои ин сабк, яъне, корбурди устодонаи санъати тарсеъ ишора намудааст:

Гуҳар зи дидаи Носир бурун шавад бар зар,
Сухан ба санъати тарсеъ агар биёроям.

Хусусияти дигари ин сабк дар баёни маъонии тоза ва камоли фасоҳати калом мебошад, ки шоир сареҳан ба он ишора менамояд:

Носир, зи ту баёни маъонӣ бадеъ нест,
Шеъри фасеҳи ту зи камоли фасоҳат аст.

Дар байти боло истилоҳоти улуми адабия, чун баён, маъонӣ, бадеъ ва фасоҳат иҳом доранд ва ба ду маънӣ корбаст шудаанд: ҳам ба маънии луғавӣ ва ҳам ба маънии истилоҳӣ. Муҳимтарин санъате, ки дар шеъри Носир ба кор рафтааст, иҳом аст ва ҳунари ӯ низ бештар дар корбурди ин санъат таҷассум ёфтааст. Таҷнис, тарсеъ, муроoти назир ва ташбеҳу киноя низ аз саноеъи роиҷ дар девони ӯст. Иҳом дар шеъри Носир на танҳо ба унвони як санъати бадеӣ ва ё як маҳосини шеърӣ, балки ба сифати васила, кайфияти ҷавҳарӣ ва маншаъи умдаи «ваҳмангезию хаёлофаринӣ ва уфуқи номаҳдуди эҳсосу тахайюл» аст. Иҳом аз санъатҳои маъруфи бадеист, ки ҳам дар шеъри форсӣ ва ҳам дар адабиёти араб таърихи тӯлонӣ дорад ва пеш аз Носиру Ҳофиз, ки иҳомангезӣ хоси ҳунари эшон аст, ба кор рафтааст. Аммо иҳоми Носир фаротар аз инҳост, яъне, он таърифе, ки суханшиносон ба иҳом додаанд, комилан ҷавобгӯйи иҳомоти ӯ нест. Дар иҳоми Носир баъзан маънии наздик маънии аслии шеър аст ва маънии дур низ ба василаи қаринае ба маънии мақсуд мепайвандад. Аз таърифи суханшиносони қадим бармеояд, ки иҳом аслан марбут ба лафз аст. Аммо иҳоми Носир монанди иҳоми Ҳофиз лафзу маънӣ ҳар дуро дарбар мегирад. Барои он ки ин гуфтаҳо далеле дошта бошад, ба зикри намунаҳое аз иҳомоти шеъри Носир мепардозем.

Зи зулфи ту ба **хато** гар сабо барад як **чин**,
Шавад чу зулфи ту **бар бод** бӯйи нофаи **Чин.**

Мафҳуми «хато» ин ҷо зоҳиран ба маънии «нодуруст, норост, зидди савоб ва саҳву иштибоҳ» аст. Вале Хато иҳом ба кишвари Хитой дорад, яъне, Хато «номе, ки дар адабиёти форсӣ ба Чини шимолӣ, навоҳии Манҷурия ва Муғулистон ва Туркистони шарқӣ дода шуда…». Зикри мафҳумҳои «Чин», «чин» ва «нофа» қарина барои он шудааст. Ба эътибори маънии дувум, яъне, кишвари Хитой ё худ Чин маънии байт саҳеҳу латифтар аст, зеро нофаро дар Чин ва Хатову Хутан истеҳсол мекунанд. Ҳамчунин мафҳуми «чин», ки дар ҳарду мисраъ омадааст, ҷиноси том аст: яке ба маънии чину шикани зулф ва дуюмӣ ба маънии кишвари Чин, Хитой аст. Мафҳуми «бар бод» низ ҷиноси мураккаб аст: барбод шудан - несту нобуд шудан ва бар бод шудан, яъне, ба бод ҳамроҳ шудан. Ба таъбири дигар, бод бӯйи нофаи Чин дорад, зеро сабо чине аз зулфи туро бурдааст.

Мафҳуми аввалии байт (бо назардошти хато ба маънии иштибоҳ): Агар боди сабо иштибоҳан шикане аз сари зулфи туро бубарад, қимати нофаи Чинро, ки дар хушбӯйӣ назир надорад, барбод медиҳад.

Мафҳуми дувуми байт (бо назардошти «бар бод»): Агар боди сабо иштибоҳан шикане аз сари зулфи туро бибарад, монанди зулфи ту бӯйи нофаи Чин бо бод ҳамроҳ мешавад.

Мафҳуми севуми байт (бо назардошти Хато ба маънии кишвар): Агар боди сабо шикане аз сари зулфи туро ба Чин бибарад, зулфи ту арзиши нофаи Чинро барбод медиҳад. Яъне, аз бӯйи муаттари шикани зулфи ту нофаи Чин қимати худро аз даст медиҳад.

Мафҳуми чаҳоруми байт (бо назардоршти «бар бод»): Агар боди сабо шикане аз сари зулфи туро ба Чин бибарад, шабеҳи зулфи ту ҳама бод бӯйи нофаи Чин мекунад. Мақсуди аслии шоир мафҳуми дувуми байт аст, аммо маонии аввал ва севуму чаҳорум низ ба он алоқаманданд.

Мафҳуми «хато» дар байти зер низ иҳом дорад ва ба ҳамон маъонӣ карбаст шуда, ки дар байти фавқуззикр баён намудем:

Он чашми сияҳдил, ки камон дорад аз абрӯ,
Туркест, ки пайваста занад роҳи **хато**ро.

Агар лафзи хито ё хато дар байт ду бор ба кор равад, ҷиноси лафз аст, зеро яке бо то-и одӣ ва дигаре бо то-и итқӣ навишта мешавад, масалан, дар байти зерин:

Аз **хато нофа** ба **чини** сари зулфат дам зад,
Мӯйҳо хост бар андомаш аз ин фикри **хато**.

Агар «хато»-и масраи аввал бо то-и одӣ навишта шавад, мурод мамлакати Чин аст, ки нофа дар он ҷо ба даст меояд, агар бо то-и итқӣ бошад, ба маънии саҳв, иштибоҳ аст. Аммо ба тарзи шифоҳӣ ва дар хатти кирилӣ ин сифат аз байн меравад. Шоир метавонад онро як бор ба кор барад ва иҳом созад.

Чизи дигаре, ки шеъри Носирро зебо ва пурмаъно карда, ҳамоно инсиҷоми калимот аст, ки дар илми бадеъ аз нигоҳи лафзӣ муроoти назир мегӯянд, аммо муроoти назири Носир танҳо марбут ба лафз нест, балки дар он лафзу маънӣ тавъам омадаанд. Дар байти боло мурод аз «сияҳдил» ҳамон мардумаки чашм аст, ки бо камон ва абрӯ инсиҷоми лафзию маъноӣ дорад. Мардумаки чашм дар зери абрӯ қарор дорад ва аз он ҷо, ки абрӯ шакли камонро дорост, бо камон иртиботи маъноӣ пайдо мекунад. Аз сӯйи дигар, мардумаки чашм бо лафзи «мардум» ҷинос аст ва дар иртибот бо калимаи «турк»- и мисраи дувум мардеро дар назар меоварад, ки дар даст камон дорад, зеро қавми турк мардуми ҷангҷӯ ва пайваста бо тиру камонанд. Турк ба маънии зеборӯй низ дар байти боло дар назар аст. Мафҳумҳои «задан» ва «роҳи хато», яъне, роҳи носавоб, мурод қатлу ғорат, ки бештар ба туркон хос аст, низ бо ка-

лимоти дигари байт таносуби маъноӣ доранд. Агар «роҳи Хато ё Хито»-ро ба маънии роҳи кишвари Чин ба назар бигирем, боз ба вожаи «турк» бо ҳарду маънӣ иртиботи маъноӣ дорад: Аввалан, сарзамини Хито ё Чин мансуб ба туркҳост, сониян, сокинони ин сарзамин ба зебоӣ шуҳраи офоқ будаанд. Маҳз аз ҳамин лиҳоз вожаи «турк» дар шеъри форсӣ бештар ба маънии маъшуқи зеборӯй аст. «Сияҳдил» ба маънии бадандеш, кинаҷӯ низ то андозае ба турк иртиботи маъноӣ дорад.

Ин гуна инсиҷоми маъноӣ аст, ки шеъри Носирро зебову пурмаъно кардааст. Агар дар байти боло яке аз ин мафҳумҳо иваз карда шавад, ин вусъати маъноӣ аз байн меравад. Масалан, агар ба ҷойи мафҳуми «турк» калимаи «мард»-ро бигзорем: «Мардест, ки пайваста занад роҳи хатоpo».

Дар ин сурат вазну маънии аслӣ халал намеёбад, вале он вусъати маъноӣ ва инсиҷоми калимот аз байн меравад. Аз ин нигоҳ сабки Носир сабки Ҳофизро мемонад, вале камолоти сабки Хоҷаро надорад ва аз сӯйи дигар, ҳама ашъори ӯ яксон нест. Ба таъбири дигар, сабки Ҳофиз ҳамон сабки камолёфтаи Носир аст.

Мафҳумҳои «ширин» ва «хусрав» низ аз алфозест, ки Носир бештар бо иҳом ба кор мебарад. Чунончи, дар қасидае дар мадҳи Ҳушангшоҳ мегӯяд:

Бигӯй, Носир, агар гаштаӣ Бузургумед,
Ба самъи хусрави одил ҳадиси ширинро.

Аслан муроди шоир аз хусрав Ҷалолуддини Ҳушангшоҳ аст, ки қасида ба ӯ ихтисос дорад. Аммо хонанда бо назардошти Бузургумед ва Ширин гумон мекунад, ки мақсуди шоир Хусрави Парвиз аст. Ҳадиси Ширин низ иҳом дорад. Ба назари аввал гумон меравад, ки мурод Ширин – маликаи Арман аст, ки дӯстдоштаи Хусрави Парвиз буд, вале мақсуди аслии шоир аз «ҳадиси ширин» хабари хуш аст. Вожаи Бузургумед низ иҳом дорад: 1)Ҳамон Бузургмеҳри ҳаким, ки аз донишмандони бузург ва надиму машваратчии шоҳони Сосонӣ, аз ҷумла Хусрави Парвиз буд. 2)Ба маънии умеди бузург, яъне, Носир аз Ҳушангшоҳ умеди зиёд дорад, ки мақсуди аслии шоир ҳамин аст.

Дар байти дигар низ калимоти «хусрав»-у «ширин» ба ҳамон маъонии дугона ба кор рафтаанд:

Ниҳода лола кулаҳ каҷ ба шеваи хусрав,
Кушода ғунча даҳан хуш ба хандаи ширин.

Дар қасидаи дигар, ки мисраи дуюми байти аввалро такрор намудааст, мурод аз «хусрави одил» Ҳушангшоҳу ғараз аз «ҳикояти ширин» шеъри худаш аст:

Шакар ба коми вай он гаҳ расад, ки бархонад
Ба самъи хусрави одил ҳикояти ширин.

Зикри «Хусрав», «Ширин» ва «Шакар» дар байти боло, ки низ яке аз персанажҳои достони «Хусраву Ширин» аст, хонандаро ба шак меафканад. Ин гуна иҳомангезӣ дар ашъори шоир хеле фаровон аст:

**Май ор**у ҳеҷ баҳона **маёр**, эй соқӣ,
Ки ташна хостаам дар азал зи хоби хумор.

* * *

Чу чашми масти ту бемор гаштаам зи **хумор,**
Барои рафъи **хуморам** сабӯйи май зи **хум ор.**

Гоҳе ҷиноси томро чунон ҳунармандона ба кор мебарад, ки бо иваз кардани як калима маъонии дигар ироа мешавад:

**Чу** чашмат ҳеҷ **оҳуе** надорад,
**Ки** чашмат ҳеҷ **оҳуе** надорад.

Фарқи мисраъҳо дар байти боло танҳо дар пайвандаки «ки» ва «чу» аст, аммо ҳар як мисраъ маънии ҷудогона дорад. «Оҳу»-и аввал ҳамон ҷонвар - ғизоли маъруфест, ки дар шеъри форсӣ чашми ёрро ба он ташбеҳ кардаанд, аммо «оҳу»-и дуюм ба маънии айбу нақс аст.

Истилоҳоти мусиқӣ низ аз мафҳумҳое ҳастанд, ки бештар васитаи баёни фикри шоир ба тариқи иҳом гаштаанд. Аз ҷумла қасидаи зер, ки чанд байташро меоварем ва ҷойи дигар онро баррасӣ кардаем:

**Мутрибо**, бар сари **роҳ**ем ба **оҳанги Ҳиҷоз,**
Дили **ушшоқи ҳазинро** ба **навое** би**навоз**.
**Удр**о гӯш ба **раҳ** буд, баровард **хурӯш**,
Бо кӣ гуфтанд ба **гӯши дил**аш аз **пардаи роз?**
**Мутрибу соз** агар нест, **бисозем**, ки ҳаст
**Зуҳра** дар **маҷлис**и мо **мутриб**ае бо ҳама **соз**.
**Роҳи ушшоқи Ҳусайнист,** агар хоҳӣ **рост,**
Ҷойи **бардошт Ироқ аст**у **фуруд** аст **Ҳиҷоз**.

Чунон ба назар мерасад, ки Носир бештар саъй намуда, то матлаберо ба гунае адо кунад, ки шунаванда ва ё хонанда ба гумон афтад ва бо корбурди калимоту ибороти дупаҳлу маъонии дигареро ба ҷуз он ки дар зоҳир мурод аст, ироа мекунад. Хонанда дар мутолиаи абёти боло гумон мебарад, ки шоир аз мусиқию созу

наво суҳбат дорад. Истифодаи калимоти мутриб, роҳ оҳанг, Ҳиҷоз, ушшоқ, ҳазин, наво, навоз, уд, раҳ, хуруш, гӯш, парда, роз, соз, Зуҳра, маҷлис, Ҳусайнӣ, бардошт, Ироқ, фуруд ҳама алфозу калимотест, ки марбути мусиқиянд ва иҳом доранд. Аслан муроди шоир чизи дигар аст. Шоир ба зиёрати хонаи Худо, ки дар Ҳиҷоз аст, азми сафар дорад. «Роҳ»-и мисраи аввал бо таносуб ба мутриб, оҳанг ва «Ҳиҷоз» аз пардаҳои мусиқӣ аст, вале муроди шоир аз он роҳи муқаррарист; «оҳанг» дар нигоҳи аввал ба маънии лаҳн аст, аммо аслан ба маънии қасд, азм ба кор рафтааст; «Ҳиҷоз» низ дар зоҳир ба маънии пардаи мусиқист, вале мурод аз он шаҳри Ҳиҷоз аст; «Ушшоқ» ҳам номи яке аз пардаҳои мусиқист, вале мақсади шоир ҳамон ошиқони роҳи Ҳақ ҳастанд, ки азми хонаи Худо доранд. Калимоти мисраъҳои дигар низ ба ҳамин минвол ба ду маънӣ корбаст шудаанд. Дар байти чаҳорум шоир тавассути алфози мусиқӣ самти ҳаракати худро ба Каъба таъйин намудааст. Яъне, Носир аз Ироқ(«ҷойи бардошт Ироқ аст») ба сӯйи Ҳиҷоз сафар кардааст(«фуруд аст Ҳиҷоз»).

Ин гуна иҳомот ва корбурд ақсоми мухталифи таҷнис дар ашъори шоир хеле зиёданд ва аз мушаххасоти сабки ӯ ба ҳисоб меравconfigured.

Ин гуна иҳомангезӣ дар ашъори Хоҷа Ҳофиз хеле зиёд ва ҳунармандонатар аз Носир аст. Баррасии ашъори ин ду шоир, ки дар китоби «Мероси Носири Бухороӣ ва такомули ғазали ошиқонаи орифона дар асри Х1У» матраҳ кардаем, нишон дод, ки чунин сабк моли Носир буда ва эҳтимол дорад, Хоҷаи Шероз онро аз ӯ гирифта, ба камол расонида бошад.

Хулоса Носири Бухороӣ шоири орифи дорои маънавиёти олӣ, инсонияти баланд ва мавқеи устувори ғоявӣ буда, ба такрор аз озодию бетааллуқии худ аз ҳама чизу ҳама кас сухан мекунад. Ӯ ба сифати як ҳунарманди равшангар афкори пешқадаму ақоиди мутараққии замони худро аз мақоми орифи комил ва шоири ширинбаён тарғиб менамояд ва дар такомули адабиёти форсӣ-тоҷикӣ, хусусан ғазал нақши басазо гузоштааст.

*Ш.Р. Исрофилниё*

## ҚАСИДАҲО

### Дар тавҳиди Борӣ таъоло, азза исмуҳу

Эй номи Ту тоҷи сари ҳар нома, ки хонанд,
Номи Ту бихонанду нишони Ту надонанд.
Гар тири назарро бинишонам ба нишона,
Бо каҷназарон рост наояд, ки камонанд.
Васфи Ту ҳамон аст, ки гуфтанду шунидем,
В-ин гуфту шунидаст, ки бисёр дар он онанд.
Дар васфи камоли Ту чу диръанд[1] ҳама гӯш,
Сар то қадам онҳо, ки чу шамшер забонанд.
В-инростравоне, ки чу тиранд зи кешат,
Пур карда лаболаб ба зеҳ аз шукр даҳонанд.
Ҷон сӯхтаи тоби таҷаллии ҷалолат,
Бинмой ҷамолат, ки ҷаҳоне нигаронанд.
Бинмой рухат, то ки бубинанд ба таҳқиқ
Ҷамъе, ки паси пардаи пиндору гумонанд.
Аз илм ба маълум расиданд касоне,
К-аз партави дидори Ту дар айни аёнанд.
Донанд яқин роҳи «Ҳусайнӣ»-ю «Ҳиҷоз»-е,
К-аз аҳли Ироқанду зи шаҳри Ҳамадонанд.
Олам ба Ту зинда-ст, на ҷисмию на ҷонӣ,
Эй ҷони ҷаҳон, зинда ба Ту ҷону ҷаҳонанд.
Ашё, ки сифатҳои Туро мазҳари нуранд,
Дар пардаи анвори Ту пайдову ниҳонанд.
Аз обу ҳаво ҷурми замин чун кафи дарё,
В-ин ҳафт фалак бар сари оташ чу духонанд.
Саҳрост магар чарх зи Бузғолаю Барра,
Ё баҳр, ки дар вай ҳама Ҳуту Саратонанд?
Автоди[2] ҷиболанд, камар баста ба хидмат,
В-аз теғ биандӯхта зар дар дили конанд.
Ганҷури сипеҳранд яке баҳру дувум кон,
К-он ҳар ду дар ин растаи бозор дуконанд.

[1] Диръ – ҷавшан, зиреҳ, либоси ҷангӣ.
[2] Автод – ҷамъи ватад, мехчӯби хайма.

Ҷони мани танҳо чӣ матоест, ки ҳар дам
Сад қофилаи ҷон ба ҷаноби Ту равонанд.
Онон, ки бахиланд ба ҷон дар раҳи ҷонон,
Гар ҷони азизанд, сабуксору гаронанд.
Имрӯз ҳама золу залиланд далелон,
Доланд, вале наҳс чу доли Дабаронанд.
Носир, чу маонии баёни ту бадеъ аст,
Ашъори ту мифтоҳи маонию баёнанд.
То кай сухану лофи сухан, тарки сухан гӯй,
Бозон зи хамӯшист, ки бар дасти шаҳонанд.
Аз булбулу қумрӣ агар аҳвол бипурсӣ,
Гӯянд, ки аз дасти забон дар чӣ зиёнанд.
Хайр аст, калиди дари Фирдавс, дигар хайр,
Ҳурон, нашунидӣ, ҳама хайроти Ҳасонанд.[1]
Ё Раб, ба туфайли ҳама бар банда бубахшой,
То ҷумла зи инъоми Ту маҳрум намонанд.

**Дар наъти Саййиди мурсалин (с)**

Маро чу баҳр лаби хушку дида тар бошад,
Чу кӯҳ бар сари теғи забон гуҳар бошад.
Маро сиёҳии дида сапед бод чу сим,
Агар ба ғайри рухи зард ваҷҳи зар бошад.
Гумон мабар, ки агар тири нола бикшоям,
Синони оҳи маро осмон сипар бошад.
Дило, фараҳ натавон ёфт, хоса дар давре,
Ки шарбати ту зи хунобаи ҷигар бошад.
Мапӯш диръи ҷафову макаш синони ситам,
Ки тири нолаи мазлум коргар бошад.
Агар ҷиҳод ту бо нафси худ тавонӣ кард,
Умед ҳаст, ки бар душманат зафар бошад.
Ва гар ту мункири аҳли ҳаво тавонӣ шуд,
Яқин шинос, ки ин кор муътабар бошад.
Мабош ғарра ба симои хеш чун товус,
Ки беҳтар аз ту дар ин мулк ҷонвар бошад.

[1] Ҳасон – шоири шаҳири араб.

Зи сайри ҷӯйи сафо гар латофате дорӣ,
Ки обро дили шӯрида аз ҳазар бошад.
Рухи мунаввари хуршед матлаъи анвор
Аз он бувад, ки шабу рӯз дар сафар бошад.
Касе, ки ганҷи қаноат ба кунҷи узлат ёфт,
Зи ихтилоти бадон нек боҳазар бошад.
Ризо ба қисми Худо додаам, бад-он шокир,
Ки хушкноне ҳосил зи килки тар бошад.
Чу ҳалқа ҳар кӣ бувад рӯйсахт бар дарҳо,
Бар остони хасон ҳамчу хоки дар бошад.
Тамаъ ба кас накунам, аз гадоиям ор аст,
Суол кори гадоёни беҳунар бошад.
Санои ҳар касу нокас зи баҳри зар накунам,
Ки ваҷҳи қути ман аз дасти ранҷбар бошад.
Ба ғайри мадҳи набию валӣ нахоҳам гуфт,
Чу ройи тӯтии ширинсухан шакар бошад.
Назар кунанд зи ман вом ахтарони фалак,
Ки офтоби ҳудоро[1] ба ман назар бошад.
Паноҳу пушти рисолат, Расул, Бор Худой,
Ки халқро ба раҳи рост роҳбар бошад.
Шафеи рӯзи қиёмат, Муҳаммади мурсал,
Ки маҳбити малаку мақсади башар бошад.
Фақири мулкситон, хокии фалакпаймо,
Ки арш дар раҳи ӯ хоки раҳгузар бошад.
Ҳумои ҳиммати ӯро, ки ҳаст фориғбол,
Чу байзаи курраи чарх зери пар бошад.
Ба ҳар куҷо, ки равад офтоби рояти ӯ,
Чу соя давлати ҷовид бар асар бошад.
Муроди хилқати афлок зоти комили Ӯст,
Бале, ғараз зи вуҷуди шаҷар самар бошад.
Зи пойи минбари Ӯ хутба сарбаландӣ ёфт,
Зи номи номии Ӯ сикка номвар бошад.
Зи баски сарзаниш аз касри Ӯст, Кисроро,
Мудом Тоқи Мадоин шикастасар бошад.

[1] Ҳудо – ҳидоят, роҳи рост.

Гар Ӯ хабар надиҳад аз маъоду мабдаи халқ,
Зи омаду шуди худ рӯҳ бехабар бошад.
Зиҳӣ, саҳобсахое, ки рӯди Нили фалак
Ба пеши баҳри муҳити кафат шамар бошад.
Кушоди шасти Ту аз қурби «Қоби қавсайн» аст,
Зи нӯки новаки Ту моҳ дар хатар бошад.
Чӣ гуна зилзилат-ул-арз дар ҷибол афтад,
Чу дасти ҳилми Ту бо кӯҳ дар камар бошад.
Бուроқи азми Ту чун бар фалак уруҷ кунад,
Саманди ҷоҳи Туро наъл аз қамар бошад!
Ба марғзори фалак барқсон Буроқи Туро
Заҳоби чашмаи хуршед обх(в)ар бошад.
Куҷо назар суйи зоғошёни даҳр бувад,
Туро, ки сурмаи «мозоғ» дар басар бошад.
Чи илтифот бувад бар сафинаи Носир,
Туро, ки Нӯҳи паямбар дурудгар бошад.
Сухан зи бими малоли Ту мухтасар кардам,
Ба нозукон сухан он беҳ, ки мухтасар бошад.

**Дар наъти Набии акрам (с) фармояд**

Эй зи таъйиди азал накди амонатро амин,
Маҳрами асрори Қуръон, ҳамдами Рӯҳуламин.
Содиқи аъзам Муҳаммад, соҳиби теғу китоб,
Сарвари аҳли ҳудо, сархайли асҳоб-ул-ямин.
Аҳмади мурсал, Абулқосим, ки Ризвон дар биҳишт
Мекунад аз хоки пояш тӯтиёи ҳуриъин.
Чашмаи хуршед аз он шуд чашми пурнури фалак,
К-ӯ ниҳад ҳар субҳ бар хоки ҷаноби Ту ҷабин.
Ахтарон дар пойи Ту чун донаи гавҳарнисор,
Осмон дар дасти Ту чун ҳалқаи ангуштарин.
То шуда доруш-шифои дардмандон дини Ту,
Дода кӯрони гумонро сурмаи айн-ул-яқин.
Моҳи навро карда гардун аз барои Ту рикоб,
Бар Буроқи барқсайр он шаб, ки барбастӣ Ту зин.
Чун магас аз сӯхтан тарсиду н-омад Ҷабраил,
Ту чу парвона ба шамъи васл гаштӣ ҳамнишин.

Дар баёни шаръи Яздон бо саҳоба гуфта роз,
Дар мақоми «лимаъаллаҳ» бо Худо буда қарин.
Гоҳ теғи золимон аз гавҳари Ту бурда об,
Гаҳ шикаста санги бадхоҳон Туро дурри самин.
Мурғи ҷони бедилон ғавғо кунад ҳамчун зубоб,[1]
Дар сухан чун аз лаби ширин фишонӣ ангубин.
Омад аз «Ва-ш-шамс» мақсуди Илоҳӣ номи Ту,
Эй Худо, хонда ба рӯйи оламороят ямин.
Мушк аз оҳу бувад, бо бӯят ар лофе занад,
Чин Туро дар мушку оҳу мушк месозад ба Чин.
Ҷавҳари ҷисми Ту чун пинҳон шуд андар дурҷи хок,
Дар талаб саргашта мегардад фалак гирди замин.
Ё Ҳабибуллаҳ, зи хоби мағфират бардор сар,
Наргиси раъно гушою ҳоли муштоқон бубин.
Интизори ошиқон дар ҳаҷри Ту бисёр шуд,
Хез аз хоки лаҳад чун арғавону ёсамин.
Доди мазлумони уммат деҳ, ки дур аз рӯи Ту
Зулми бединон харобӣ кард дар бунёди дин.
Бар сари хоки Ту то дил бастаам қандилвор,
Шуълаи меҳри Ту дорам дар даруни оташин.
Ҷуз гадои остонат нест Носир, з-он ки ҳаст
Остонатро калиди давлат андар остин.

**Дар мадҳи имоми ҳаштум**
**ҳазрати Алӣ бинни Мӯсо ар-Ризо**

Субҳ дар омад зи далв Юсуфи зарринрасан,
Кард чу Юнус бар об дар дили моҳӣ ватан.
Субҳдам аз Қирвон бар сари шаб зад амуд,
Рост чу румҳи шаҳоб бар гулуи Аҳраман.
Чун думи гурги саҳар аз сӯйи машриқ намуд,
Ҷурми ҳаво чун паланг гашта муламмаъбадан.
Ханҷари заррини меҳр паҳлуи шабро шикофт,
Рӯйи уфуқ шуд зи хун ҳамчу ақиқи Яман.
Боди саҳаргаҳ нишонд ҷумла чароғи нуҷум,
Нур зи як шамъ ёфт доираи нуҳ лаган.

[1] Зубоб – магас.

Гашта чу ганҷи гуҳар сурати анҷум ниҳон,
Ҳалқа зада мори чарх муҳраи зар дар даҳан.
Чашмаи хуршед шуд чашмаи оби ҳаёт,
Соқии даврон аз ӯ дод ба ҳар анҷуман.
Сабза чу як ҷуръа хӯрд ҳамчу Хизир зинда шуд,
В-аз қадами ӯ расид зиндагие дар чаман.
Тифли маволидро навбати зодан расид,
К-аз асари ҳафт мард ҳомила шуд чор зан.
Пайки сабо ҳамчу бод омаду пайғом дод,
Аз суйи фасли рабеъ ҷониби рабъу даман.
Гуфт, ки инак расид кавкабаи навбаҳор,
Лашкари сармо гурехт в-аз сари мо шуд миҳан[1].
Маҳв шуд идбори бард[2], омада иқболи вард[3],
Мурдани Рӯинтан аст зиндагии Таҳамтан.
Гул ба рисолат расид, ҷомаи худро дарид,
К-омадаш аз боди субҳ бӯйи Увайси Қаран.
Ғунча сабуе пуроб, лола чу ҷоми шароб,
Наъраву гулбонги мурғ замзамаи хоркан.
Ҳайати худро намуд сурати гулбун ба боғ
В-аз сумани ҳафтранг саҳни чаман пурпаран.
Сояи сарву чинор кард чаманро чу шаб,
Кавкаби равшан ҳазор ҳар тараф аз настаран.
Теғсифат барги бед тез аз он шуд ба об,
К-аз ҳаракат обро сохт ҳаво чун сафан.
Дидаи Яъқуб шуд наргиси маҳҷур боз,
Чун ба саҳар чок зад Юсуфи гулпираҳан.
Дил, ки зи ғам мурда буд, чун бишунид ин паём,
Ғунчамисол аз фараҳ хост даридан кафан.
Пеш гирифтам раҳе ҳамчу тариқат савоб,
Ҳамчу ҳақиқат ало, ҳамчу шариъат алан.
Хоки танам чун ғубор хост ба азми савор
Бар шутури бодпой, шердилу пилтан.

[1] Миҳан – ҷамъи меҳнат, ранҷҳо, заҳматҳо.
[2] Бард – сардӣ, хунукӣ.
[3] Вард – гули сурх.

Гардани ӯ ҳамчу қавс, соиди ӯ ҳамчу тир,
Сурати наълаш ба хок ҳамчу ду нима миҷан[1].
Кӯҳи гарон дар диранг, боди вазон дар шитоб,
Дар куҳу саҳро давон хорхӯру хоракан.
Рӯзу шаб аз гоми нарм мешиканад хори сахт,
Барги гуле кас надид, хори муғелоншикан.
Аз даҳанаш ҷоми шир ҳал шуда дар вай набот,
В-аз кафи ӯ чор қурс бар сар хони атан.
Гаҳ ба баландӣ равад нолакунон абрвор,
Гоҳ ба пастӣ шавад селсифат, наъразан.
Ҳайкали ӯ Бесутун, сақф равон бар сутун,
Рокиби ӯ ҳамчу шер, бар забари каргадан.[2]
Ҳар тарафе сорбон карда ду ҳавдаҷ равон,
Зуҳраву маҳ дар қирон дар дараҷа муқтаран.
Маҳмили гардуннишон дар бари ӯ маҳвашон,
Гул ба миёни ҳиҷоб, бут ба канори шаман.
Ҷумла ба касби ҷамол, дар талаби милку мол,
Қиблаи мақсуди ман боби имоми заман.
Дурҷи дари «ло фато», бурҷи маҳи «ҳал ато»,
Ҳисни ҳасини футур, дориамони фитан.
Каъбаи олимақом машҳади ҳаштум имом,
Орифи роҳи Худой, олими ҳар қисму фан.
Аз камари Муртазо, гавҳари Мӯсо Ризо,
Он ки Алӣ номи ӯст, хилқату хулқаш ҳасан.
Қурраи айни Батул, мафхари Оли Расул,
Сарвқаде з-он риёз, сурхгуле з-он чаман.
Гесуи ӯ мушкро сӯхта хун дар гулӯ,
Турраи ӯ моҳро баста ба мушкин расан.
Лоиқи хонаш набуд меҳвари насрини чарх,
Чист ду мурғи ҳақир бар сари як бобзан.
Оби бақоро бирехт гарди раҳаш оби рӯ,
Дурри саминро шикаст хоки дари ӯ саман.[3]

---

[1] Миҷан – сипар.
[2] Каргадан – ҳайвон ширхори говмешмонанди ғафспӯст, ки дар болои биниаш як шох дорад.
[3] Саман – қимат, баҳо.

Зуҳра дар айвони ӯст мутриби пардасарой,
Моҳ ба даврони ӯ соқии симинзақан.
Гар зи ғубори дараш бод барад сӯи Чин,
Ноф ниҳад бар замин нофаи мушки Хутан.
Чун ба забонам равад гавҳари авсофи ӯ,
Пур зи ҷавоҳир шавад ҳуққаи дурри Адан.
Мидҳати ӯ фарзи айн, бар ҳамагон айни фарз
Дар қаъадоти фуруз, дар ракаоти сунан.
Хоки раҳашро ба чашм гар бисупорам, равост,
Пой зи сар мекунад дар раҳи бут барҳаман.
Заҳр чашад аз инаб, шир хӯрад з-он сабаб
Ҳамчу наботи биҳишт бар лаби ҷӯйи лабан.
Моҳ ҷудо аз будур, моҳие аз об дур,
Ахтари нобурдароҳ дар ватани хештан.
Ҳар кӣ бад-ӯ ҷуст кин, меҳр набудаш ба дин,
Золими аҳли яқин, муфсиди арбоби зан(н).
Даҳр муғелонгаҳ аст, оли Набӣ арғавон,
Рӯйи замин шӯразор, насли Алӣ ёсуман.
Гарчи ба Одам бувад нисбати ҳар одамӣ,
Хор зи ҷинси набот ҳаст ҷудо аз суман.
Ҳафт фалак хумкада-ст, халқ дар ӯ чун шароб,
Соф дар аъломақом, асфали ӯ дурди дан.[1]
Садри нубувватпаноҳ, воситаи иқди шоҳ,
Ҷавҳари худ васл кард бо гуҳари Булҳасан.
Мири вилоят Алӣ, дини Набиро валӣ,
Иззи арабро писар, шоҳи русулро Хутан.
Гуфта салунӣ ба илм, кард сабурӣ ба ҳилм,
Ҳайдари Хайбаркушой, сафдари антарфиган.
Дода ба ӯ Кирдгор баҳри вағо[2] зулфиқор,
Ламъаи ӯ бесиқол, тезии ӯ бемасан.
Зоҳири ӯ буд шер, ботини ӯ офтоб,
Шамси асадро гузид баҳри сукуну сакан.
Риштаи аҳдаш дигар барнакашад рӯҳро,
Дар чаҳи дилгири тан баста шавад бе шатан.[3]

---

[1] Дан – хуми калон.
[2] Ваға – ҷанг.
[3] Шатан – таноб, ресмон.

Зодаи бурҷи шараф, аз қамар он Фарқадон,[1]
Рӯйи яке займарон, қадди яке норван.
Кӯрдиле, к-ӯ гузид дори фано бар бақо,
Кард сарои сурур дар сари байти ҳазан.
Кушта якеро ба заҳр ғамзадаву талхком,
Хаста якеро ба теғ ташналабу мумтаҳан.
Гул шукуфад дар баҳор сурх зи хуни Ҳусайн,
Сабза барояд зи хок сабз ба заҳри Ҳасан.
Чун зи гулистони дин булбулу тӯтӣ шуданд,
Минбару меҳроб шуд манзили зоғу заған.
Дин чу ба дунё фурӯхт, шуд лақаби ӯ ҳимор,
К-ӯ зи харӣ мехарид тарра ба салвову ман.
Он ки зи нуқсон биронд теғ бар аҳли камол,
Буд ба ҷисмаш барас, буд ба чашмаш васан.
Рӯҳи Паямбар кашид итрати худро ба хулд,
Дархури эшон набуд сиҷни сарои шаҷан.
Ҳар чӣ аз ин ибтилост, аз тарафи мо балост,
В-арна бар эшон атост аз тарафи Зулминан.
Аз ғами шоҳи араб хотири ман гӯиё
Мӯйи сари зангиест шефтаву пуршакан.
Лек ба рағми ҳасуд медиҳадам лутфи ӯ
Хамри муҳаббат ба ратл, нуқли қаноат ба ман.
То тани худ сӯхтам з-оташи эшон, нашуд
Дил ба бало мубтало, ҷон ба ано муртаҳан.
Нест раҳоваради ман ҷуз ғами оли Расул,
Бор Худоё, ба ҳашр зард макун рӯйи ман.
Ё Раб, бар номи хеш хатм куну дарнаворд
Номаи Носир, ки ҳаст номи Ту хатми сухан.

**Дар мадҳи Ҷалолиддин Ҳушангшоҳ**

Ҳаме диҳанд башорат мубашширони сабо,
Ки шуд мизоҷи ҷаҳон хуш зи эътидоли ҳаво.
Ба шакли сурати ойина менамояд рӯй
Ҳар он латифа, ки мастур буд дар дили мо.

[1] Фарқадон – мусаннои Фарқад, номи ду ситораест дар Дубби Асғар.

Магар, ки боди саборо хавоси Исо буд,
Ки дам ба дам кунад амвоти хокро эҳё.
Дили сипеҳр чу аз меҳр гарм шуд бар ман,
Бирафт аз сари мо ранҷу меҳнати сармо.
Барои маҷлиси дурдикашон зи ҷоми ҳаёт
Бар об шишагарӣ мекунад насими сабо.
Бирафт он ки чаманро навову барг набуд,
Кунун зи булбулу гул мерасад ба баргу наво.
Бунафша аз хати хубон чу шаммае бархонд,
Сипеҳраш аз сари ғайрат забон кашад ба қафо.
Дар об акси рухи дилбарони раъно дид,
Ки сурху зард баромад ба боғ гул зи ҳаё.
Аз он чу барг ба ҳар бод бед меларзад,
Ки ҳамчу қадди бутон кори сарв шуд боло.
Муқим дар дили ғунчаст сурати шоҳид,
Мудом дар сари лоласт соғари саҳбо.
Баробаранд чу мизон ду каффаи шабу рӯз,
Ки бо Ҳамал шуда хуршедро сару савдо.
Ба далви раҳгузараш аз барои он афтод,
Ки дар фалак масали Юсуфест хубликқо.
Баромад аз лаби дарё чу Юнус аз моҳӣ,
Калимвор намуд аз Ҳамал яди байзо.
Чунон ба бурҷи Ҳамал шуд биайниҳ хуршед,
Ки сӯйи байти шарафи офтоб абри ато.
Худойгони салотин Ҷалолуддини Ҳушанг,
Ки ҳаст кисвати шоҳӣ ба қадди ӯ зебо.
Маҳи сипеҳрҷалолат, ки чарх бо ҳама қадр
Зи исми аъзами ӯ сохт ҳар[1] зи ҳафт аъзо.
Ба қасри қайсар ташбеҳ дори ӯ накунам,
Ки қасри қайсар набвад чу дори ӯ доро.
Ба маҷлисе, ки нишинад чу офтоб дар авҷ,
Зи бандагони камарбастааш бувад Ҷавзо.
Чи хуни дида, ки аз дасти ӯ надорад кон,
Чи шӯр, к-аз кафи ӯ нест дар дили дарё.

[1] Ҳар – ҳарорат, гармӣ, тафс.

Сипар бияфканад аз саҳм хусрави гардун,
Дар он замон, ки барорӣ ту теғ дар ҳайҷо.
Агар ба кӯҳ расад сити оламороят,
Шавад чу гул ҳама тан гӯш сахраи саммо.
Зи чашма кӯҳ биронд обу санг бар дил зад,
Зи боди ҳилми ту нолид аз забони садо.
Чу зарра ҳар кӣ ҳаводори туст аз дилу ҷон,
Чу офтоби ҷаҳонгир шуд тани танҳо.
Фалак барои ту афрохт торами мину,
Замин зи баҳри ту густард мафраши мино.
Зи ғунча хиргаҳи сабзу зи лола хаймаи сурх
Зад аз барои ту фарроши бод дар саҳро.
Адӯ зи рояти ту рӯй мениҳад ба гурез,
Куҷо тавонад рафтан зи коми аждарҳо?
Чу гарди мавкаби ту рӯйи меҳр дарпӯшид,
Ҷаҳони равшан торик гашт бар аъдо.
Шаҳо, сухан на ба андозаи ман аст, вале
Ба фарри адли ту олӣ ҳама шавад иншо.
Чу кӯҳ дар дили танги ман аст кони гуҳар,
Аз он чу коҳ ба боде намеравам ҳар ҷо.
Фишонда дасти фароғат бар атласу аксун,
Кашида пойи қаноат ба домани хоро.
Ба юмни ғарраи моҳи саодати ту диҳад
Мазиди шуҳрати ман ин қасидаи ғарро.
Ба шеъри ман набувад ганҷи шойгонро вазн,
Саманди фикр бате нест, к-оварад ибто.
Сари маро ҳаваси хоки остонаи туст,
Ба сӯйи кул бувад, оре, таҳарруки аҷзо.
Чу Носир аз карамат ёфт давлати ду ҷаҳон,
Нахоҳад аз ду ҷаҳон ғайри умри ту ба дуо.
Ҳамеша то ба чаман андалеби фасли баҳор
Зи ишқи шоҳиди гул баркашад ҳазор ово.
Саройпардаи ҷоҳат, ки ғайрати чаман аст,
Ҳамеша бод пур аз андалеби пардасаро!

**Дар мадҳи мавлоно Қозӣ Шамсуддин**

Субҳдам муждаи васли ту ҳамедод сабо,
Олими пир ҳамеёфт аз ӯ аҳди сибо.
Ҳудҳуди ҳодии сарномаи Билқис овард
Мантиқ-ут-тайр ба наздики Сулаймон зи Сабо.
Рӯй бинмо назарею назаре бо мо кун,
Ки маро чеҳраи зард аст зар аз рӯи шумо.
Рост чун сарв нишин хуш ба канори чашмам,
Ростӣ, хуш набувад сарви равон худ бе мо.
Чӣ аҷаб, нақши даҳони ту агар пайдо нест,
Зарра дар партави хуршед бувад нопайдо.
Кӯйи ту каъбаи ҷон асту ман аз хуни ҷигар
Мехӯрам об зи сарчашмаи Замзам ба Сафо.
Аз хато нофа ба чини сари зулфат дам зад,
Мӯйҳо хост бар андомаш аз ин фикри хато.
Куфрро қисса ҳам аз зулфи ту гаштаст дароз,
Фитнаро кор ҳам аз қадди ту гирад боло.
Аз ҷафои ту бар онам, ки ҳимоят талабам
Дар паноҳи караму тарбияти Мавлоно.
Садр бар ҷайши маҳал қутби ҳудо Шамсуддин,
Он ки Нуъмони ҷаҳон аст зи ҷамъи уламо.
Он ки бо ғайрати ӯ тоб надорад оташ
В-он, ки бо гавҳари ӯ об надорад дарё.
Олими илму ҷаҳони амалу ҷудии ҷуд,
Алами ҳилму муҳити караму кони сахо.
Моҳро руъяти ӯ даршиканад тарфи кулоҳ,
Чархро рифъати ӯ чок занад банди қабо.
Дӯш дар дафтари мадҳаш назаре мекардам,
То барам пешкаши ӯ бо тариқи шуаро.
Мунҳии ғайб хабар дод, ки дар соати саъд
Ахтаре кард улув аз уфуқи иззу уло.
Ғунчаҳо дар чамани давлати ӯ нав бишукуфт,
Бахт гуфт: анбатааллоҳу наботан ҳасано.
Ҳар кӣ афъоли писандидаи ту дид чу, гуфт:
Одам аст ин, ки расидаст ба илми асмо.

Пеши сити ту бувад шуҳрати бадхоҳ чунон,
Ки бисозад магас аз нағма навои анқо.
Қозии чарх ба ҷон муштарии қадри ту шуд,
Нашудӣ тобеъу худ несташ ин қадру баҳо.
Ҳадди мадҳи ту ба андозаи фикри мо нест,
Гар ҳама санъати мо ҳаст ба шеъри танҳо.
Ин қадар ҳаст, ки то қозии ислом шудӣ,
Боз бастаст ба нӯги қаламат ҳукми қазо.
Ҳар кӣ дар илми ишорот ба қонуни ту дид,
Аз бало ҷуст наҷоту зи мараз ёфт шифо.
Эй ҷавонмард зи фарти карамат наҳлу нахил
В-эй тавонгар зи умуми ниъамат хосу гадо.
Дар саропардаи афлок ниҳон шуд Зуҳра
З-иҳтисоби ту, ки дар парда бувад пардасаро.
Абр аз баҳри кафат тунд баромад, лекин
Аз гуҳарбории ту ғарқи арақ шуд зи ҳаё.
Кон зи дасти дили дарёи ту хун дар ҷигар аст,
Кӯҳ меноладу овоза барояд ба садо.
Доваро, бандаи хокӣ чу замин дар пешат
Ташна афтодаву файзи карамат абри ато.
Гар шавад бар сари ман абри атоят борон,
Баски рӯяд зи дили ман гулу райҳони сано.
Носир аз бими малоли ту зи татвили сухан
Беҳ аз он нест, ки ояд ба сӯйи хатму дуо.
То замон лозими давр аст, туро бод замон,
То бақо мумкини зот аст, туро бод бақо!

**Дар мадҳи яке аз бузургон**

Сабо орост аз гул бӯстонро,
Салои айш дардеҳ дӯстонро.
Зи савти мурғ бишнав арғанунро,
Зи ҷоми лола даркаш арғавонро.
Маи чун гул ситон аз дасти соқӣ,
Ки рангу бӯй бахшад гулситонро.
Ба соғар дар чаман шуд гул, ки хубон
Чунин карданд кишти бӯстонро.

Сари шоҳист наргисро зи кай боз,
Ки бар сар мениҳад тоҷи каёнро.
Маро ҳайрат ҳама аз дасти бед аст,
Ки чун бедаст бардорад синонро.
Ҷаҳад ҳар дам сабо аз суҳбати гул,
Вафое нест чандоне ҷаҳонро.
Шамар[1] сокин шуду софӣ, ки аз сайр
Ғуборе бар дил аст оби равонро.
Ба хосийят биҳишт урдибиҳишт аст,
Ки дар пирӣ ҷавон созад ҷаҳонро.
Дили ғунча фароҳ аз заъфарон ёфт,
Ки гул аз ханда бикшояд даҳонро.
Зи пирон дар ҷавонӣ чун сабақ бурд,
Ҳамин бошад нишон бахти ҷавонро.
Зудояд сайқали ройи мунираш
Зи миръоти яқин занги гумонро.
Зуҳалро гар маҳал бахшад ба Баҳром,
Қарини саъд гардонад қиронро.
Чунон дасти заифонро қавӣ кард,
Ки мӯре бишканад шери жаёнро.
Зиҳӣ, дар даври инсофи ту гардун
Ба оташ сӯхта тиру камонро.
Саҳоби дасти файёзи ту дорад
Сахое к-он набошад баҳру конро.
Ҳасудатро чу сар бар тан гарон аст,
Сабук бардор аз ӯ бори гаронро.
Зиёни Носир аз дасти забон аст,
Аз он рӯ гӯш медорад забонро.
На ҳар соат ба ҳар кас метавон гуфт
Ҳадиси заъфи ҳоли нотавонро.
Ғарибӣ монеи он шуд, ки гӯям
Ба пеши дӯсте ин достонро.
Чу натвон оби рӯй аз баҳри нон рехт,
Ба обе мебибояд хӯрд нонро.

---

[1] Шамар – ҳавзча,обгир, кӯлча.

Ҳаме то олами фонӣ надодаст,
Бақои ҷовидонӣ инсу ҷонро.
Ту ҷонӣ оламӣ, Эзад расонад
Ба умри ту бақои ҷовидонро.

**Дар мадҳи Ҷалолиддин Ҳушанг**

Қади ту дод ба бод обрӯйи Тубиро,
Биҳишт ҳур зи ғайрат биҳишти аълиро.
Маро зи дидаи маънӣ назар ба сурати туст,
Ки сурати ту намояд камоли маъниро.
Ба суратат нигарад, бутпараст, ар Монист,
Равон бар об занад нақшҳои Мониро.
Хилофи зоҳиди мастур чашми сармастат
Хароб кард бинои салоҳу тақвиро.
Агар ба чашми ту зад лоф наргис аз мастӣ,
Мубассирон нагирифтанд хурда аъмиро.
Хаёли зулфи ту занҷири ақли Маҷнун аст,
Гузашт умру надидам ба хоб Лайлиро.
Шаби висоли ту он беҳ, ки шамъ биншинад,
«Ба моҳтоб чӣ ҳоҷат шаби таҷаллиро».[1]
Маро қазияи ишқ асту шоҳиду манзур
Расондаем ба шоҳидӣ субути даъвиро.
Надошт Носир дунёву қасди дин кардӣ,
Макун, ки муфтахарам фахри дину дуниро.
Ҷалоли давлату дин, хусрави замон Ҳушанг,
Ки аз адолати ӯ касрҳост Кисроро.
Агар чу меҳр кашад теғи кина бар офоқ,
Чу субҳ сар бибурад золимони зулмиро.
Замин ба суддаи ӯ мебарад тақаррубро,
Фалак ба толеъи ӯ мекунад таваллоро.
Ба ҳоли инсон гар лутфи ӯ аз ин сон аст,
Диҳад ба олами суғро ҷаҳони куброро.
Зиҳӣ карим, ки пеш аз савол соилро
Чу оби лутфи ту хонад ҷавоби ореро.

[1] Тазмин аз Заҳири Форёбӣ.

Насими хулқи ту юҳиал-ъизому ҳия рамим,
Шикаст номи ту номуси маъну яҳиро.
Зулоли ҷуръаи ҷомат ба хосият бахшад
Мизоҷи чашмаи ҳайвон луоби афъиро.
Наволҳои наволат зи хони гардун беҳ,
Ба сабзае натавон дод манну салвиро.
Баъид нест, ки ояд ба ид иқболат
Ҳамал ба ханҷари Баҳром баҳри Азҳиро.
Яҷузро кӣ тавонад зи ло яҷуз шинохт,
Агар ту хат надиҳӣ аз ҷавоз фатвиро?!
Касе, ки сурати лутфи Худо надида бувад,
Туро бубинаду ҳосил кунад тасаллиро.
Дами ту зинда кунад дар қироати Қуръон
Муассири нафаси рӯҳбахши Исиро.
Ба вақти «анҳо» «ҳо» дар рухи ту ҳайрон аст,
Кушодаанд ду чашм аз барои ин «ҳо»-ро.
Турост дар яди байзо ба рӯзи маърака румҳ,
Бад-он мисол, ки суъбон ба даст Мӯсиро.
Садои кӯси ту гӯяд ба гӯши душману дӯст,
Ба шарру хайр башар ёфт хавфу бушроро.
Камони чархи ту дорад шиҳоби девафкан,
Чаро ки раҷм кунад ҷинниёни ҳанноро.
Тазарви хасми туро дар ақиб уқоби сепар
Расида, то бирасонад иқоби уқбиро.
Зи дастбӯси ту чавгон чу гардан афрозад,
Чӣ сарзаниш, ки хӯрад гӯй аз таманноро.
Ҷаҳонпаноҳо, чун аз улувви мидҳати ту
Бар осмон бирасондам шиору шиърриро.
Дабири чарх ба хатти риқоъи ман аз насх
Мисол дод камоли Ҷарирру Аъшоро.
Санои ғайри туро бор нест дар дили ман,
Ҳарими Каъба ҳаром аст Лоту Уззиро.
Маро ба айби ҳунар мункаранд тоифае,
Ки нақши мӯе хонанд нақши Мавлиро.
Алиф агарчи ба нуқта баробар аст ба бо,
Зи ростии хат омад ҷудо алифборо.

Навиштаам сухане тарзи Анварию Заҳир,
Ки нур дод зуҳур аз Тароз ҳуриро.
Се-чор байт бино кардаам шикояти ҳол,
Ки рафъ кард қусури риёзи ухриро.
Дуруст буд ба ман аҳди ақрабо зи ҳазар,
«Сафар гузидаму бишкаст аҳд қурбиро».[1]
Вадиъате, ки ба мо ворасид, сабре буд,
Видоъ кард ба куллӣ диёру маъвиро.
Ба ҳар тариқ ба сар бурда умру медонам,
Вале зи даст надодам тариқи авлоро.
Ба ҳила омадаам аз Димишқ то Бағдод,
Саломи ман кӣ расонад ба ҳулла Салморо?
Ба айни ақл назар кун, ки килки лоғари ман
Чӣ гуна мекашад ин ҳарфҳои фарборо.
Ба мавқее, ки ниҳам хома бар рухи нома,
Фалак нисор кунад дурчҳои имлиро.
Туро Худой диҳад аҷр, то фавозили ту
Баранд мучрии арбоби фазли иҷриро.
Сухан ба ҳадди малолат нагӯяму гӯям
Дуои ҷони тую шукри Ҳақ таъолиро.
Ҳамеша то ки уқулу нуфус дар олам
Диҳанд назм ба ҳам сурату ҳаюлиро,
Мудом сурати хасми ту дар ҳаюло бод,
Назар ба нафси нафисат уқули авлиро.

### Дар мадҳи хоҷа Убайдуллоҳ-вазир ва соҳибдевон

Зи офтоби рухи туст бар дили маҳ тоб,
Зи тоби оташи рӯят маро чу зулф матоб.
Дилам ба тоқи хами абруи ту қандил аст,
Зи сӯзи шавқ фурӯзон чу шамъ дар меҳроб.
Як имшабе, ки зи зулфу лаби ту ёфтаам
Мае чу чашми хурӯсу шабе чу парри ғуроб.

[1] Тазмин аз Заҳири Форёбӣ.

Бинӯш бода, ки дар даври чашми сармастат
Зи баҳри нуқл дар оташ маро дилест кабоб.
Нишаст дар таки хум бода ҳамчу Афлотун,
Бисоз оинае чун Сикандар аз майи ноб.
Бибаст боби саодат ба рӯи ман гардун,
Магар даре бикушояд, муфаттиҳ-ул-абвоб.
Зуҳалмаҳалли Уторудназар Убайдуллоҳ,
Ки Исми Аъзами ӯ дод зинати алқоб.
Худойгони вазирон, муҳандиси аъзам,
Ки забти мулк диҳад бе хато ба фикри савоб.
Вазири машриқу мағриб, ки равшанони фалак
Ба ройи равшани ӯ абдаҳу кунанд хитоб.
Мадори теғу қалам хоҷае, ки девонро
Зи ройи ӯ ба ҳама рӯй равшан аст ҳисоб.
Зи фарти ҷуду саховат саволи соилро
Сарири хомаи ӯ медиҳад ба лутф ҷавоб.
Зиҳӣ, расида ба ҷое, ки чархи симобӣ
Зи ҳайбати ту дарояд ба ларза чун симоб.
Касе надид ба даври ту гиря ҷуз аз ҷом,
Касе накард ба аҳди ту нола ғайри рубоб.
Ҳумои адли ту то боз соягустар шуд,
Ба дасти тиҳею дармонда аз иқоби иқоб.
Чунон зи адли ту маъмур шуд харобаи даҳр,
Ки дар замона ба ҷуз буму ҷуғд нест хароб.
Ба ғайри наргиси масти бутон, ки дар хоб аст,
Надида дидаи мардум хаёли фитна ба хоб.
Ба ҳар куҷо фитад аз шамъи ройи ту партав,
Аз ӯ фурӯғ ба парвона мебарад маҳтоб.
Бузургқадро, ба шеъри банда хурда магир,
Агарчи назми диловези туст дурри хушоб.
Ба хӯшачинии арбоби давлат омадаам,
Басе гадой ба хирман расид аз арбоб.
Магар, ки лутфи ҷамилат сабаб шавад, в-арна,
Ба ҷаҳди банда мураттаб намешавад асбоб.
Ҳикояти Ҷаму ҷоми ҷаҳоннамой магӯй,
Магар ту бехабарӣ аз сафои ҷому шароб?

Муриди пири муғонам, ки рӯи зарди маро
Ба бодаи инабӣ сурх кард чун унноб.
Ба ғайри бода надорем ҳосиле аз умр,
Чу бод мегузарад умр, соқиё, дарёб!
Ба кори давр агар чархро шитобе нест,
Ту бар мувофиқати ӯ ба кори май биштоб.
Ҳазор гуна ғам аст аз замона бар дили ман,
Ки шарҳи ҳар як татвил дораду итноб.
Гирифтаӣ чу инон кори бандаро бар даст,
Таваққуъ аст, ки дар по наяфканӣ чу рикоб.
Дар инчунин сарвақте ки шоҳидони нуҷум
Нуҳуфтаанд рухи маҳ ба зери абри ниқоб,
Бибаст аз дами сарди шамол чашмаи меҳр,
Фусурд аз нафаси замҳарир ашки саҳоб.
Гирифт ҳамчу самандар паноҳ дар оташ,
Ки хуни моҳӣ аз ларза хушк шуд дар об.
Замин зи барф бипӯшид пӯшиши қоқум,
Ҳаво зи абр ба бар кард ҷомаи санҷоб.
Маро, ки ҷуз тани чун мӯе нест мӯйина,
Куҷо зи бод тавон зинда ёфт дар мурдоб?!
Ҷаҳон зи адли шумо шуд биҳишту ман бе ҷурм,
Чаро ба дӯзахи ҳирмон муаззабам ба азоб.
Чу Кирдгор муини ту гашт, Носирро
Аз ин азоб наҷоте бидеҳ барои савоб.
Ҳамеша то дари давлат гушода хоҳад буд,
Гушода бод дари давлати ту аз ҳама боб!

**Дар мадҳи хоҷа Ҳасан - қозии Димишқ**

Гар бода нест, мехӯрам аз хуни дил шароб,
В-ар нуқл нест, сохтаам аз ҷигар кабоб.
Гар шоҳиде набошад, ғам нест, з-он ки ҳаст
Маҳбуби ман китобату манзури ман китоб.
Гар молу милк нест, забони чу теғ ҳаст,
Бар сарварони даҳр шуда молик-ур-риқоб.
Гар аз наиму нози ҷаҳон нестам насиб,
Ҳастам ба чанд гуна ҳунар молики нисоб.

Бардӯхт чашми пири фалак нӯки хомаам,
Гӯйӣ, ки ҳаст хомаи ман найзаи шиҳоб.
Аз саҳми[1] таъни найзаи хатти килки ман
Ҳар шом офтоб ниҳад теғ дар қироб.[2]
Шояд агар балои ман ояд, хавоси ман,
Оре, ҳамеша офати сар шуд пари уқоб.
Бозори фазл дидаву безор гаштаам,
З-он соате, ки ман ба ҳунар кардам интисоб.
Чун фазл шуд фузулу ҳунар айб, лоҷарам,
Қадре намонд фазлу ҳунарро ба ҳеч боб.
Ман шарқ то ба ғарб ҷаҳон озмудаам,
Аз фазл нест ҳеч ҳунарманд комёб.
Фоиз шавад зи оташи ман об маърифат,
То гул насӯхт, аз гуле пайдо нашуд гулоб.
Динор шуд ҳиҷоби раҳи мо, агар на ёр
Дидор менамоядам ҳар лаҳза беҳиҷоб.
Кӯтоҳ бод дасти ман аз доманаш чу уд,
Гар з-он ки нест киссаи ман косаи рубоб.
Дилбар харобаи дили мо ихтиёр кард,
З-он рӯ, ки ҷойи ганҷ набошад ба ҷуз хароб.
Имрӯз нест дар ҳама олам диле, ки нест
Аз бахт дар шикояту бо чарх дар итоб.
Гӯйӣ, ки дод модари гетӣ ба бахти ман
Бар ҷойи шир шарбату хашхош баҳри об.
Дар толеъам саодати куллӣ асар кунад
Аз садри муштариназари осмонҷаноб.
Фахри имом Хоҷа Ҳасан, он ки чун Ҳусайн
Роҳи хато нарафт зи андешаи савоб.
Пушту паноҳи шаръ, к-аз ӯ маснади қазо
Дид он саодате, ки набинад фалак ба хоб.
Чун рӯзи равшан аст, ки рояш ба ростӣ
Берун барад зи зулфи шаби тира печутоб.
Он олиме, ки соил агар мекунад суол,
Эҳсони филбадиҳаи ӯ медиҳад ҷавоб.

[1] Саҳм – тарс, ваҳм, бим, тир.
[2] Қироб – ниём, ғилофи шамшер.

Гирад чу бод аблақи айёмро инон,
Чун оварад азимати ӯ пой дар рикоб.
Гар лутфи ӯ ба айни иноят назар кунад,
Оби ҳаёт хезад аз ламъаи сароб.
В-ар қаҳри ӯ ба теғи сиёсат забон диҳад,
Усфур қатъи насл кунад боз чун судоб.
Эй хоҷа, эй ки соҳиби девони осмон
Аз меҳр бо ту соҳиби аъзам кунад хитоб,
Чун сурма хоки пойи ту аз рӯи хосият
Бахшид нур босираи чашми офтоб.
Меоваранд баҳри нисори қудуми ту
Чашми саҳобу гӯши садаф луълуи хушоб.
Аз сарзаниш ҳасуди ту чун мехи хайма буд,
Андохт дасти ҳодиса дар гарданаш таноб.
Баҳри аҷоиб аст кафи дурфишони ту,
К-аз badду ҷазри ӯст равон зар ба ҷойи об.
Афсурда хун зи бими ту андар уруқи кон,
Дар пеши дасти ту зи ҳаё об шуд ҳубоб.
Андешаи сафар накунад ҳаргиз аз Димишқ,
Илло касе, ки Дориссаломаш бувад маоб.
Воҳасрато, Ироқ, ки аз машҳади Наҷаф
Дорад туроби турбати ӯ бӯйи Бӯтуроб.
Қадри ту ҳам Ироқ шиносад, ки қадри дур
Донад мубассире, ки кунад илм иктисоб.
Динор агарчи ҳаст ғуломи сафедрӯй,
Чун сифр пеши ҳиммати ту нест дар ҳисоб.
Дар хушксоли қаҳти карам аҳли фазлро
Ғайри ҷаноби олии ту нест фатҳи боб.
Шуд вақти он ки раҳзани боди хазон ба теғ
Берун кунад қавофили ашҷорро сиёб.
Дар гӯшаҳои боғ шавад мунзавӣ ҳазор,
Бар минбари чаман чу хатибон равад ғуроб.
Пӯшад сипеҳрро фалак аз абр пӯстин,
Бандад замона шоҳиди хуршедро ниқоб.
Бар рӯди хушк сел занад нағмаҳои тар,
Мағзи замона тар шавад аз нолаи рубоб.

Шери жаён ба шакли самандар зи бими ҷон
Ояд ба сӯйи оташу ғоиб шавад зи ғоб.[1]
Ҳоҷат ба баҳси Носиру ҳусни суол нест,
Пеш аз суол лутфи ту худ медиҳад ҷавоб.
То даҳр мустақим бувад, давр баргузар,
То хок баргузор бувад, чарх дар шитоб,
Зоти ту мустақиму ҷаҳон барқарор бод
Дар ҳаққи ту дуои дуогӯй мустаҷоб!

**Дар мадҳи шайх Сафиуддини Ардабилӣ**

Меравад қофилаи умр, рафиқо, башитоб,
Рӯзи мавлуди Расул аст, Худоро, дарёб.
Ҳомии миллату моҳии гуноҳи уммат,
Хотами давлату хатми русул аз теғу китоб.
Молики мулки қидам, шаҳнаи девони азал,
Ҳокими ҳукми абад, муҳтасиби рӯзи ҳисоб.
Он Муҳаммад, ки шавад оқибат аз вай маҳмуд,
Гар зи хоки дари ӯ сар накашем аз ҳама боб.
Ҳама ҷо мидҳати ӯ гуфта Худо дар Қуръон,
Номи ӯ ҷомеи мадҳ аст, чӣ ҷойи алқоб?
Вақти он аст, ки як бори дигар шамси зуҳо
Дар шаби қадр кушояд чу маҳи бадр ниқоб.
Аламу манчуқи ислом барафрохтаанд,
Мекунад шоҳиди осори набӣ рафъи ҳиҷоб.
Осмон шояд агар шамъ фурӯзад аз меҳр,
З-он ки бо партави ин нур надорад маҳ тоб.
Қадри имрӯз ба ҳар ҷой гиромӣ бошад,
Хоса дар боргаҳи ҳазрати Қутб-ул-ақтоб.
Шайх-ул-ислом Сафиуддин, к-аз баҳри сафо
Сӯфиёнро бидиҳад сафвати ӯ дурри хушоб.
Муршиди мутлақ, к-аз партави лавҳ-ул-маҳфуз
Нашр кардаст дар офоқ улуму одоб.
Сарви бустони вилоят, ки зи тиби хулқаш
Медиҳад обу гили марқади ӯ бӯйи гулоб.

[1] Ғоб – ҷамъи ғоба,беша, ҷангал.

Бар дари зовияи ӯст завоёи сипеҳр,
Хору саргашта чу гарде, ки бувад гирди ҳубоб.
Дар ҳазира-ст зи қандили ҳузураш шамъе,
Ки аз ӯ нур ба парвона ситонад маҳтоб.
Ҳофизон чун бикушоянд дари дурҷи замон,
Чархи симобӣ дар ларза фитад чун симоб.
Зокирон ҳамчу зар аз оташи дил бигдозанд,
Гардану гӯши ҷаҳон пур шавад аз гавҳари ноб.
Саффаи дори ҳадисаш сифати ҳашт биҳишт,
Шарфаи қуббаи қабраш шарафи ҳафт қибоб.
Хок аз турбати ӯ фахр кунад бар гардун,
Тани ӯ дар дили хок аст, хушо, ҷони туроб!
Халафи ҳазрати ӯ хоҷаи ҳафт иқлим аст,
Он ки сарҳадди ҷаҳонрост ҳаримаш меҳроб.
Хоҷа Садруддин султони тариқат, ки ба шаръ
Кашфи асрори ҳақиқат кунад аз роҳи савоб.
Ин муҳол аст, ки гунҷад ба ҷаҳон ҳиммати ӯ,
Ҳимматаш ганҷи равон аст, ҷаҳон ҷоми шароб.
Суҳбаташ ганҷи амиқ асту дар ӯ ганҷу гуҳар
Мерасад аз садафи сидқ ба гӯши асҳоб.
Ҳар суоле, ки кунад аз назари ӯ соил,
Карами табъ ҷавобаш диҳад аз лутф чу об.
Ҳушёре, ки ба давраш қадаҳу мастиро
Чашми наргис натавонад, ки бибинад дар хоб.
Эй кариме, ки кафи кофият аз хони карам
Пил бо пашша ҳамебахшад, анқо ба зубоб.
Фоиз аз нури Расул аст ба сӯйи уммат,
Табъи файёзи ту дар гавҳари бахр-ул-ансоб.
Ҳодии миллати исломию аз Дориссалом
Мерасад зоти туро салламакаллоҳ хитоб.
Меҳрро з-оташи меҳри ту ҳамегирад таб,
Моҳ бо тобиши меҳри ту намеорад тоб.
Чашмаи лутф, ки дар зоҳиру ботин дорӣ,
Мекунад ташнаи водии талабро сероб.
Чун Сикандар наравӣ дар талаби оби ҳаёт,
Туӣ он Хизр, ки дар пеши ту ояд ба сар об.

То барандохтаӣ пардаи дастон аз дур,
Пеши он чанги муғаннӣ накунад нола рубоб.
Буми хасми ту хароб аст чу манзилгаҳи ҷуғд
Боли ӯ бод сияҳрӯйтар аз парри ғуроб!
Хаймаи ҷоҳи туро чархи барин бод тутуқ,[1]
Хиргаҳи қадри туро ҳабли матин бод таноб.
Бод зулли ту ба ҷое, ки наояд дар ҳад,
Бод умрат ададе, к-он надарояд ба ҳисоб.
Сарваро хоки сари кӯйи ту, яъне, Носир,
Қурби моҳест, ки дорад ба ҷаноби ту маоб.

**Дар мадҳи шайх Шаҳобуддин**

Эй зулфу орази ту бо ҳам чу рӯз дар шаб,
Хуршедро зи рӯят гоҳе арақ, гаҳе таб.
Бо рӯйи ту агар маҳ даъвӣ кунад ба хубӣ,
Аз авҷи осмонаш даркаш ба чоҳи Нахшаб.
Чашмат ба тоқи абрӯ пайваста тир дар қавс.
Рух дар шиканҷи зулфат бигрифта маҳ ба ақраб.
Сарви баланди қаддат дорад биҳи занахдон,
Шамшоди қомати ту орад турунҷи ғабғаб.
Гуфтам биозмоям дар ваъдаи висолаш,
Лаълаш ба ханда гуфто:«Ман ҷаррабал-муҷарраб».
Як нуқта холи мушкин бар сафҳаи узорат
Гӯё ки мунхасиф шуд бар офтоб кавкаб.
Чун шамъ аз забонам оташ занад забона,
Ҳар гаҳ ки бар забонам ояд сухан аз он лаб.
Хатти ту ҳамчу тӯтӣ дорад шакар ба минқор,
Зулфи ту ҳамчу товус гирад суман ба михлаб.
Хатте ба хуни ҷонам овардаӣ ба шӯхӣ,
Ё Раб, хати ғуборат ҳаргиз мабод муъраб.
Хунам марез, к-аз ту рӯзе дият ситонад,
Шоҳаншаҳи вилоят, султони дину мазҳаб.
Шайх-уш-шуюхи миллат, он хоҷаи муаззам,
К-аз аҳли дину дониш ӯ аҳсаб асту ансаб.

[1] Тутуқ – парда, чодар, саропарда.

Волошаҳоби миллат, к-аз баҳри раҷми девон
Ислоҳи мамлакатро омад бар ин мулаққаб.
Дар ҳазрати илоҳӣ, дар боргоҳи шоҳӣ
Ҳамчун фалак муалло, ҳамчун малак муқарраб.
Эй аз насими хулқат ҷайби сабо муаттар,
В-эй аз риёзи лутфат ҷирми ҳаво мутайяб.
Сӯфии шаҳр агарчи айёри субҳхез аст,
Аз нури хотири ӯ софӣ шуду муҳаззаб.
Ҳарчанд пири гардун раққосу хирқапӯш аст,
Аз вай гирифт рӯят лавҳе чу тифли мактаб.
Чун офтоби гардун бар хинги чарх биншин,
То ҳар маҳ аз ҳилолат созанд наъли маркаб.
Гар раҳгузар саборо бар мавкиби ту бошад,
Анбар кашад ба домон аз гарду наъли ашҳаб.
Гашт аз сахои зотӣ доим ятимпарвар,
Дарёи хушклабро то дасти туст машраб.
Хасмат, ки гашт мункир қурби муроқибонро,
Дар буъди буъд афтод аз сирри наҳну ақраб.
Садри ту ҳамчу ҷаннат бикшод боби раҳмат,
То дар фани макорим шуд нусхаи мубавваб.
Маъзур дор садро, аз лутф, гар набошад
Назми раҳӣ муназзам, силки сухан мураттаб.
Ҳар кас, ки ҳамчу хома сар бар хати ту бинҳад,
Бошад ба дарди хизлон аҷзои ӯ мураккаб,
К-аз шавқи пойбӯсат шуд муддате, ки Носир
Ҳаст аз сафар мубаттар, ҳаст аз миҳан муаззаб.
Чун бар шиори мадҳат табъам шуур ёбад,
Ғолиб шавад зи шеъре абёти шеърам ағлаб.
Ибром аз он намудам дар ҳазратат, ки набвад
Хуштар аз ин хитобе, беҳтар аз ин мухотаб.
То тоқи лоҷвардӣ ҳар бомдод гардад
Аз акси меҳри тобон чун қуббаи музаҳҳаб.
Тоқи сарои умрат пайваста бод олӣ
Чун қуббаи мусаннад аз лутфу бахшиши Раб!

## Дар мавъиза ва панд

Дарвешро, ки мулки қаноат мусаллам аст,
Дарвеш ном дораду султони олам аст.
Гар қурси гарми меҳр барорад танӯри чарх,
Дар вақти чошт суфраи дарвешро кам аст.
Дарҳам шавад зи баҳри дирам ҳоли одамӣ,
Оре, тамоми сурати дарҳам чу дирҳам аст.
Хуш вақти он гадой, ки дар пеши ҳимматаш
Тарки кулоҳи фақр беҳ аз афсари Ҷам аст.
Озодавор домани ҳиммат фурӯ фишон
З-ин хокдон, ки шодии ӯ бандаи ғам аст.
Гар одамӣ шукуфта набошад чу гул, равост
Дар бӯстони даҳр, ки зиндони одам аст.
Онро, ки дил ба охури охирзамон ниҳод,
Камтар зи хар шумораш, агар Рахши Рустам аст.
Фирӯзаи фалак, ки ба гавҳар нишондаанд,
Бар вай нишони ҳодиса чун нақши хотам аст.
Дар давр агар ба ҷоми муроде расӣ, манӯш,
К-он коси шарбатест, ки олудаи сам аст.
Рӯзе туро ба заҳри ҳаводис кунад ҳалок,
Гардуни ҳалқакарда, ки чун мори арқам аст.
З-ин ҳуққаи мудаввари куҳлии осмон
Дору талаб макун, ки дар ӯ дард марҳам аст.
Маъдум шуд вафову мурувват вафот ёфт
В-ин ҷомаи кабуди фалак баҳри мотам аст.
Нодон чу вови Амр бурун аст аз ҳисоб,
Аҳли хирад ниҳон шуда чун ҳарфи мудғам аст.
Хам дар хам аст кори ҷаҳон ҳамчу зулфи ёр,
Сад гуна пойбанди ту дар зери ҳар хам аст.
Бар бод рафт умру ту аз хеш ғофилӣ,
Як дам ба худ биё, ки ҳама умр як дам аст.
Фурсат агар дамест, ғанимат шумор умр,
Ҳамдам маҷӯ, ки ҳамдами ту бо ту ҳам дам аст.
Тадбири зод кун, ки бақо дар раҳи фаност,
Тарки амал бигӯ, ки азимат мусаммам аст.

Тадбири ақлу қуввати мардию мардумӣ
Ин ҷумла ҳасту панҷаи тақдир муҳкам аст.
Носир, мақоми аҷз бувад роҳи бандагӣ,
Як роҳвор дар роҳи ӯ пури Адҳам аст.
Дар силки бандагони худат гар диҳанд ҷой,
Ин манзилат зи манзили шоҳӣ муқаддам аст.
Халқе буруни пардаи асрори Мустафо,
Хуш вақти анкабут, ки дар парда маҳрам аст.

### Дар мадҳи қозӣ шайх Алӣ

Маро чу зулфи бутон хотири парешон аст,
Тани чу мӯй бар оташ зи ғусса печон аст.
Зи дур ҳар кӣ бибинад маро зи наздикон
Гумон барад, ки хаёле ба шакли инсон аст.
Мабин ба талхии айшам, ки ҳамчу баҳр маро
Зи ашк дар садафи сина дурру марҷон аст.
Чу кӯҳ санги сабурӣ ниҳодаам дар дил,
Ки лаъл бар камару гавҳарам ба домон аст.
Азизи Мисри фасоҳат чу Юсуфам, аммо
Шикоятам ҳама аз кайду макри ихвон аст.
Маро зи хори мижа тозатар гуле нашкуфт,
Магар ба толеъи ман хорҳо гулистон аст.
Сапедкории козиб ҷаҳон гирифт маро(?),
Чу субҳ аз он сабабам даст дар гиребон аст.
Магар ба ғайбати ман ғайбате расонд ҳасуд
Ба самъи олии садре, ки айни аъён аст.
Валии миллату дин, Шамсу муштаритолеъ,
Ки наъли маркаби ӯ тоҷи фарқи Кайвон аст.
Замин зи арсаи ҷоҳаш кеҳина саҳроест,
Фалак зи қасри ҷалолаш камина айвон аст.
Тане, ки ҳамчу қалам сар ба хатти ӯ наниҳод,
Ба ҳукм ӯро бар аҳли теғ фармон аст.
Фалак бибандад паймон ба даври давлати ӯ,
Ки ҳамчу дину диёнат дуруствпаймон аст.
Ҳунарпаноҳо, қозӣ туӣ ба ҳукми қазо,
Шумули илми ту бар ошкору пинҳон аст.

Шунидаам, ки ба пеши ту муддаъӣ аз ман
Бигуфт, он чи на дини ман асту куфрон аст.
Бад-ин қазия надорад гувоҳу доъиро
Қасам шавад мутаваҷҷеҳ, чӣ бок, имон аст.
Бад-он Худой, ки дар мулки бениёзии ӯ
Заифмӯре дар қуввати Сулаймон аст.
Бад-он Расул, ки бар қадди истиқомати ӯ
Қабои хатми рисолат ба ҳукми Қуръон аст.
Ба Ҷабраилу китобу ба анбиёву русул,
Ба офтоби ҳидоят, ки нури имон аст.
Ба ҳукми муҳками тақдиру иқтизои қазо,
Ки ҳалли укди ҷаҳонро асосу бунён аст.
Ба дӯзаху ба биҳишту ҳисобу рӯзи шумор,
Ба солике, ки раҳаш бар сироту мизон аст.
Ба ҳисси муштараку ҳифзу зикру фикру хаёл,
Ба ваҳм, к-ӯ ғалати ақлу бими нисён аст.
Ба сурате, ки ҳаюло бад-ӯ мураккаб шуд,
Бад-он бисоти басите, ки чархаркон аст.
Ба рӯйи равшани рӯзу ба зулфи тираи шаб,
Ки дар висол биайниҳ хаёли ҳиҷрон аст.
Ба ҳаққи собиту сайёру осмону буруҷ,
Ки ҳар дақиқаи он сирри сунъи Яздон аст.
Ба нури меҳри саҳархезу моҳи қоимшаб,
Ки зоти Ҳақро ҳар як далелу бурҳон аст.
Ба чор рукну се буъду ду гавҳару як зот,
Ки дар мамолику мулки вуҷуди султон аст.
Ба Каъбаву Арафоту ба Масҷид-ул-ақсо,
Ба кӯҳи Тур, ки миқоти аҳли ирфон аст.
Ба се натиҷа, ки ҳайвону маъдан асту набот,
Ба нуҳ араз, ки ба ҷавҳар қиёми инсон аст.
Ба одамию парию ба ҳурию ба малак,
Ба тоате, ки ҷазояш ризои Ризвон аст.
Ба ҷони равшан, к-ӯ оинаст ҷононро,
Ба ақли доно, к-ӯ файзи олами ҷон аст.
Ба ваҳшу тайру ба моҳию мору мӯру малах,
Ба навъу синф, ки дар таҳти ҳисси ҳайвон аст.

Ба қатрае, ки ба дарё расиду гавҳар шуд,
Ба ҷавҳаре, к-он маркуз дар дили кон аст.
Ба моҳи оразн ёру ба аҳсан-ут-тақвим,
Ки дар тааммули ӯ чашми ақл ҳайрон аст.
Ба залли шом, ки шуд парчами сиёҳи Ҳабаш,
Ба нури субҳ, ки манҷуқи хайли Хоқон аст.
Ба ҳурмати сари гарданкашу ба ҷабҳату фарқ,
Ки файзи ҳар як файзе зи файзи Раҳмон аст.
Ба тоқи абрӯ, ки ӯ ҷуфт шуд ба пешонӣ,
Зиҳӣ камон, ки аз ӯ ҷумла кеш қирбон аст.
Ба пардадории чашму хаёли бозӯи ӯ,
Ки ҳафт пардаи он нақшҳои алвон аст.
Ба гӯшагирии гӯшу ба роҳдории ӯ,
Ки тоҷхоҳи сари шоҳ ӯ ба алҳон аст.
Ба ҷустуҷӯи машому ба бӯй бурдани ӯ,
Ки тибу қуташ аз атри рӯҳу райҳон аст.
Ба хончае, ки бар ӯ завқи чошнигирист,
Ба нусхае, ки аз ӯ ламси ҳандасидон аст.
Ба дурҷи лаъл, к-аз ӯ комёб гашт забон,
Ки дурри ноб дар ӯ аз сию ду дандон аст.
Ба ҳусни сурату сират, ба лутфи маъниву лафз,
Ба шеъри банда, ки мушъир ба фазлу эҳсон аст.
Бад-ин қасида, ки бар ҳусни ҳар яке байташ
Ҳазор наъраи таҳсин зи рӯҳи инсон аст.
Ба илми ту, ки аз ӯ чор фаслу як боб аст,
Ба ҷуди ту, ки аз ӯ ҳашт хулд як хон аст,
Ба қаҳри ту, ки аз ӯ ёфт гармии дӯзах,
Ба лутфи ту, ки аз ӯ равза боғу бӯстон аст,
Ки нақл нисбати куфрони неъматат аз ман
Дурӯғу туҳмату тазвиру зӯру буҳтон аст.
Матоб рӯй чу иқбол бегуноҳ аз ман,
Агарчи рӯйи мунири ту моҳи тобон аст.
Аз он дурӯғ, ки чун бод муддаъӣ паймуд,
Ғубор бар дили поки ту зулму удвон аст.
Ҳазор ҳамчу ману ӯ бад-ӯ намеарзем,
Ки хотират сари мӯе зи мо парешон аст.

Ман ин шикаст наёвардаам ба худ, аммо
Чу ҳаст одати гардун, маро чӣ товон аст?
Чи ҳоҷат ин ҳама савганд бар ҷаримаи ман,
Гуноҳи банда, гирифтам, ҳазор чандон аст.
Маро гуноҳ зи нуқсон агар камол гирифт,
Камоли афви ту боре барӣ зи нуқсон аст.
Кушой укда зи абрӯ, ба чашми лутф нигар,
Ки бар ту укдакушоӣ азим осон аст.
Вуҷуди зоти шарифи ту он қадар бодо,
Зи ҷуди воҷиби мутлақ, ки ҳадди имкон аст.

## Дар тафохур ва таъриф аз худ гӯяд

Девонаам в-ин ақли кул тифли дабистони ман аст,
Руҳулқудус бар лавҳи дил камтар санохони ман аст.
То Муштарӣ шуд дилбарам, фориғ зи ҳавзи Кавсарам,
Маҳро гиребон медарам, маҳ дар гиребони ман аст.
Ман чун халифазодаам, андар вилоят ҳокимам,
Чашми ду оламро назар бар лутфу эҳсони ман аст.
Эй осмон, бикшо камар, хуршед, тоҷ афкан зи сар,
Шуд мунтаҳӣ даври қамар, имрӯз даврони ман аст.
Гардун ҳазору бисту нуҳ дорад зи анҷум дидаҳо,
Гар сад ҳазор афзун шавад маҷмӯъи ҳайрони ман аст.
Гулзори сабзи нуҳ чаман ҳаст аз баҳори ман гуле,
Бустонсарои ҳаштдар як кунҷи айвони ман аст.
Ҳар моҳ мегардад қамар гаҳ чун камон, гаҳ чун сипар,
Гаҳ мешавад чун гӯйи зар, гоҳе чу чавгони ман аст.
Дар шаҳр банди ҳафт ту, роҳе надорам ҳеч сӯ,
Хоҳам ба саҳро кард кӯ, к-он ҷойи ҷавлони ман аст.
Дар маҷлиси ман осмон созад зи меҳвар бобзан,
Насрини саргардони ӯ ду мурғи бирёни ман аст.
Ҳаргиз нахоҳад шуд фалак сер аз ду қурси бенамак,
Бар устухоне ҳамчу саг хӯ карда аз хони ман аст.
Ҳам оташи дӯзах асар дорад зи сӯзи синаам,
Ҳам оби дарёро мадад аз чашми гирёни ман аст.
Боди вазонро ҷунбише дамҳои сардам медиҳад,
Хоки равонро обрӯй аз гарди домони ман аст.

То дил ба ҷонон додаам бе миннати ҷон зиндаам,
Аз тан гаронӣ бар сабук, эй ҷон, ки ӯ ҷони ман аст.
Чун булбулон шӯридаам, то дидам он рӯи чу гул,
Чун тӯтиён гӯё шудам, к-ӯ шаккаристони ман аст.
Дар силки назми ман тавон дурри маъонӣ ёфтан,
Дурҷи ҳақиқатро амин табъи сухандони ман аст.
Оҷиз шуданд аз дасти ман ҳам одамию ҳам парӣ,
К-ин боди рангини сухан тахти Сулаймони ман аст.
Ҳамчун хаёли соҳирон маҳв аст шеъри дигарон,
Ман Мӯсии Имрон шудам в-ин хома суъбони ман аст.
Носир чу аз қанду шакар хони сухан мегустарад,
Хайли малоик чун магас нохонда меҳмони ман аст.
Аз ман дар ин даъвӣ агар бурҳон ҳамехоҳад касе,
Гӯ, айни даъвии маро бингар, ки бурҳони ман аст.

**Ҳангоми азимат ба зиёрати Каъба гӯяд**

Мутрибо, бар сари роҳем ба оҳанги Ҳиҷоз,
Дили ушшоқи ҳазинро ба навое бинавоз.
Удро гӯш ба «Раҳ» буд, баровард хурӯш,
Бо кӣ гуфтанд ба гӯши дилаш аз пардаи роз?
Мутрибу соз агар нест, бисозем, ки ҳаст
Зуҳра дар маҷлиси мо мутрибае бо ҳама соз.
«Роҳи ушшоқ» «Ҳусайнӣ»-ст, агар хоҳӣ «Рост»,
Ҷойи «Бардошт» «Ироқ» асту фуруд аст «Ҳиҷоз».
Магар аз Каъба даре бар дили ту боз шавад,
Пой дарнеҳ ба раҳи бодияву сар дарбоз.
Дер вақтест, ки мо рӯй бар ин дар дорем,
Дар азал буд бари вай дили мо ин дар боз.
Каъба з-он рӯ ки зи таъйид аломат дорад,
Менишинад чу арӯсон ба саропардаи ноз.
Баста хотуни араб пардаи исмат бар рӯй,
Баҳру бар пеши вай оварда ғанимат ба ҷиҳоз.
Чун расӣ, эй дили саргашта, ба иҳрому тавоф,
Хештанро ба ҳарими ҳарами ёр андоз.
Ҳалқа бар дар зану гар з-он ки дарат накшоянд,
Анбиёро ту дар ин роҳ шафеи худ соз.

В-ар қабулет бувад, аз сари ихлос бигӯй:
Подшоҳӣ, назаре сӯйи гадоён андоз!
Подшоҳию гадоён ба дарат омадаанд,
К-эй зи меҳри ту шабу рӯз фалак дар таку тоз.
Ҳоҷати мо ба ту бисёру ту аз мо фориғ,
Бениёзию ҳама кас ба ту доранд ниёз.
Мар варо, к-аз ҳарами Каъба сафое дорад,
Ба ҳама рӯз намоз асту ҳама умр ниёз.
Ҳаббазо, равзаи Ясриб, ки ба иқболи Расул
Хоки ӯ шуд зи шараф бар ҳама олам танноз.
Ошиқон бо дили пурнуру рухи зард чу шамъ
Бар сари қабри набӣ омада бо сӯзу гудоз.
Қуввати нотиқа аз мадҳи набӣ оҷиз шуд,
Ки Худо мидҳати ӯ гуфт ба ҳадди эъҷоз.
Рӯйи хони карамат ози гадо гар бинад,
Чун сахо то ба абад сер шавад дидаи оз.
Ҳар куҷо хонаи ёр аст, бувад Каъба, вале
Роҳ дар кӯйи ҳақиқат набаранд аҳли маҷоз.
Агар аз Замзами хум ҷома намозӣ накунӣ,
Дар ҳарими ҳарами Каъба раво нест намоз.
Май хуру тавба кун, эй дил, ки дари майкадаро
Боз кардандy накарданд дари тавба фароз.
Чун наояд сари саргашта ба меҳроб фуруд,
Баъд аз ин чашми ману абруи хубони Тароз.
Он ки ранҷида зи мо рафт, чӣ рафтаст, ки ман
Боз меояму ӯ ҳеч намеояд боз?!
Дили маҷрӯҳ, ки қурбони камони абрӯст,
Ёфт чун сайди ҳарам дар ҳама гетӣ эъзоз.
Соқиё, чанд дамам медиҳӣ, як дам май деҳ,
Ки дар ин давр ба ҷуз бода надорам дамсоз.
Бими сар дошт забон, сирри маро фош накард,
Рафт дар хуни ман он ғамзаи шӯхи ғаммоз...

**Дар тафохур ва таъриф аз худ гӯяд**

Мулки сухан марост, кӣ омад ба доварӣ,
К-ӯро надод ҳиммати ман доди шоирӣ...

Дорам басе ҷавоҳиру ҷавҳаршинос на,
Хармуҳра мехаранд кунун мардум аз харӣ.
Ман аз ҳунар тавонгараму аз дирам фақир,
Пӯшида ҷумлаи ҳунарам айби безарӣ.
Ё кӯр гашт муддаию рӯйи ман надид,
Ё ман магар падид наям аз муҳаққарӣ?
З-ин чанд дузди лафз маонӣ талаб макун,
Донӣ, ки нест пешаи қаллоб заргарӣ.
Монанди байзаанд, ки шуд ҷавҳараш табоҳ,
Мурғи камол нест дар эшон, чу бингарӣ.
Андар бисоти назм пиёда зи асби фазл
Фарзин раванд бо рухи зарди музаъфарӣ.
Исои вақти хешаму ин хартабиатон
Бонге зананд беҳуда чун гови Сомирӣ.
Ҳар дам ки атр соям дар ҳовани давот,
Мағзи замона атса занад аз муаттарӣ.
Ҳар сафҳае, ки ёфт зи тавҳиду наъти ман,
Як руқъа аз мураққаи худ сохт Муштарӣ.
Ҳар қитъаву қасида, ки аз ман шунид низ,
Бинвишт бар баёзи маҳ аз зарри ҷаъфарӣ.
Ҳар як ғазал, ки нолаи ман бар фалак расонд,
Зад бар рубоб Зуҳраву шуд моҳ муштарӣ.
Таҳсин кунанд табъи маро ҳар чаҳор табъ,
Ҳар гаҳ, ки ман кунам ба рубоӣ суханварӣ.
Ҳар маснавӣ, ки ғолия донист пур зи тиб,
Пуртиб мағзи хушки Зуҳал кард аз тарӣ.
Ҳар байти беқусур, ки ман кардаам бино,
Бо ӯ қусури хулд надорад баробарӣ.
Хуршедро, ки анварии чарх гуфтаанд,
Бо табъи равшанам назанад лоф Анварӣ.
Дар чашми ман наояд Маҳмуду мулки ӯ,
Дар унсурам нагунҷад тақлиди Унсурӣ.
Носир, инони асби фасоҳат кашида дор,
Иззат хуш аст, гарчи ту солори лашкарӣ.
Ҳар кас ба даври хеш бигуфтанд неку бад,
Ғайр аз Худо касе набувад аз хато барӣ.

## Дар муфохарату мубоҳот ва таъриф аз худ гӯяд

Офарин бар ман, ки ман аз офариниш бартарам,
Тоири қудсам, фалак чун байза дар зери парам.
Собиту сайёр дар минқори ман чун арзананд,
Бози султонам, напиндорӣ, ки арзан мех(в)арам.
Донаи гандум, к-аз ӯ Одам бурун шуд аз биҳишт,
Донаи гавҳар шавад, ҳаққо, ки бар вай нангарам.
Чун магас хони лаимонро нахоҳам шуд туфайл,
Чун сурохӣ пеши ҳар коса фурӯ н-ояд сарам.
Кас намедонад чӣ мурғам, ошёни ман куҷост,
Гаҳ ба пастӣ менишинам, гаҳ ба боло мепарам.
Ваҳм сайёҳ асту пай гум мекунад дар роҳи ман,
Ақл сарроф асту ҳайрон мешавад дар ҷавҳарам.
Софиям чун ойина, борикбинам чун хирад,
Рух ба ҳар сурат намоям, раҳ ба ҳар маънӣ барам.
Рози пинҳонам намедонад ба ҷуз донои роз,
Сурати ҳолам намебинад, магар суратгарам.
Шаҳсавори мулки фақрам в-аз забон шамшери ман,
Подшоҳи вақти хешам в-аз маъонӣ лашкарам.
Зар, ки аз хок аст, бодо хоки хорӣ бар сараш,
Ман ба рӯи зарди худ мустағнӣ аз ваҷҳи зарам.
Нафсу табъу чарху анҷум пардаи рӯйи мананд,
Сурхрӯ гардам чу гул, гар пардаҳоро бардарам.
Офтоби осмон раққос гардад зарравор
Дар ҳавои ман, агар бинад даруни анварам.
Аз дами ман дар машоми ҷон расад бӯйи абир,
К-оташи меҳри азал пур шуд даруни миҷмарам.
Ҳамчу ғаввосон агар ғӯте занам дар баҳри ғайб,
Тоҷи сарҳо гардад он гавҳар, ки берун оварам.
Соҳиби девони аъзам чун манам дар мулки шоҳ,
Ҳосили кавнайнро маҳсул гардад дафтарам.
То ба хидмат бастаам сад ҷо миён чун найшакар,
Тӯтии ҷонро ғизо шуд лафзи ҳамчун шаккарам.
Баски парвардам гуҳарҳои сухан дар баҳри шеър,
Пургуҳар шуд гӯши даҳр аз табъи маънипарварам.

Қуввати ақлу қабули ишқ бар ҳолам гувост,
Ғам надорам, гарчи мункир мешавад ҳар мункарам.
Муддаӣ, к-аз партави хуршеди ман шуд кӯрмуш,
Гар ҷаҳон равшан шавад аз ман, надорад боварам.
Аз барои акҳали маънӣ забонам ништарест,
В-ин гаронҷонон гурезон ҳамчу хар аз ништарам.
Гуфт Носир ин қасида аз забони кибриё,
В-арна дар роҳи тавозуъ аз ғуборе камтарам.

## ТАРҶЕЪОТ

Эй рӯйи ту офтоби анвар,
Зарроти ҷаҳон зи ту мунаввар.
Рухсори ту рӯзу зулфи ту шаб,
Рӯзеву шабе кӣ дида ҳамбар?
Чашму даҳани ту қанду бодом,
Рӯю лаби ту гул асту шаккар.
Ҳусни ту фишонд донаи хол
В-аз зулф ниҳод доми анбар.
Мурғи дили Одами сафиро
Дар дом кашид чун кабӯтар.
В-он гаҳ ба рисолаташ фиристод
Дар олами хок нома бар сар.
Мазмуни китобу васфи унвон
Ин сирри мусаттари мушаҳҳар:
        Май ойинаи ҷамоли соқист,
        Дар ҷоми Ҷами ҷалол боқист.

Бингар зи сафои бода дар ҷом,
Аз аввали кор то ба анҷом.
Мехост, ки рӯи хеш бинад,
Маъшуқи суманбари гуландом.
Аз акси ҷамоли хеш мехост
Аз зилли ҷалоли хештан ҷом.
В-он гаҳ ба камоли худ назар кард
Дар ойинаи мудом модом.
Дар ойина рӯйи хештан дид,
Бигрифта ба бӯса аз лабаш ком.
Ҷоми майи ӯ зи ҳастии мост,
Ҷон бодаву ҷом нафси пидром.
Гар нашвавӣ аз шаҳодати ман,
Бишнав зи Суруши ғайб пайғом:
        Май ойинаи ҷамоли соқист,
        Дар ҷоми Ҷами ҷалол боқист.

Ишқ аст ниҳода рахт дар ҷон,
Чун сукр, ки дар май аст пинҳон.
Аз мастии ишқ мезанад ҷӯш
Дар хумми вуҷуд рӯҳи инсон.
В-аз ҷӯшиши ин май аст дар давр,
Хумхонаи чарх доирасон.
В-аз акси шуои рӯи соқист
Ойинаи меҳру моҳ тобон.
В-аз бӯйи насими дурдии дан
Бехештананд чор аркон.
В-аз ҷуръаи май, ки рехт бар хок,
Шуд маст наботу кону ҳайвон.
Сирри малакуту мулк бе ҳарф,
Мармуз зи лавҳи ишқ бархон:
          Май ойинаи ҷамоли соқист,
          Дар ҷоми Ҷами ҷалол боқист.

Соқӣ сари шиша баргушояд,
Дар ҷом ҷамоли худ намояд.
Аз акси руху сафои бода
Дар ҷом латофате физояд.
Анвор шаванд ҷумла дар ҷом,
То рӯҳи хафӣ зи нур зояд.
Рӯҳе, ки зи зулф ақл бахшад,
Ҷоне, ки зи ҳусн дил рабояд.
Ақле, ки гар он ғазола бинад,
Девона шавад, ғазал сарояд.
Якранг шаванд бодаву ҷом,
Гард аз азалу абад бараояд.
Гӯяд ба забони қол дар ҳол,
Он дам, ки ниқоб баргушояд:
          Май ойинаи ҷамоли соқист,
          Дар ҷоми Ҷами ҷалол боқист.

Аз қумқума рез, соқиё, қум,
З-он бодаи софии сақоҳум.

З-он бода, ки ақл шуд забунаш
Лояъқилу кард пою сар гум.
Гулгун қадаҳе, ки дар ҳавояш
Шуд булбула булбул аз тараннум.
Аз гиря қанина дар фавоқ аст,
Он беҳ, ки қадаҳ кунад табассум.
Як дам кафи мо мабод бе ҷом.
То каф ба лаб оварем чун хум.
З-он пеш шароби ноб нӯшем,
К-аз чарх хӯрем неши каждум.
Дӯшина ба гӯши дил сурохӣ
Мегуфт ниҳон зи чашми мардум:
    Май ойинаи ҷамоли соқист,
    Дар ҷоми Ҷами ҷалол боқист.

Раҳбин шаву раҳнамо талаб кун,
Берун зи худ о, Худо талаб кун.
Беруну даруни мо муҳит аст,
Гавҳар зи муҳити мо талаб кун.
Наздик ба нафй шав ба илло,
Дурӣ зи бало, бало талаб кун.
Дурдикашу дардманд мебош,
Сӯфӣ машаву Худо талаб кун.
Ганҷе, ки ба дасти подшо нест,
Зери қадами гадо талаб кун.
Он бӯй, ки ғунча дошт дар ҷайб,
Аз раҳгузари сабо талаб кун.
Акси рухи лоларанги соқӣ
Дар ҷоми ҷаҳоннамо талаб кун:
    Май ойинаи ҷамоли соқист,
    Дар ҷоми Ҷами ҷалол боқист.

Анқои ҳувияти ҳаводор,
Дар қофи қадам зи нӯги минқор.
Болу пари хештан биёрост
В-он гаҳ бипарид сӯи гулзор.

Аз ҳар пари ӯ ба навъи дигар
Нуре шуду соя падидор.
Чун соя зи нур зиндагӣ ёфт,
Воҳид ба адад намуд бисёр.
Симурғ агар ҳазор шуд беш,
Аммо ту ба ҷуз якеш машмор.
Хат гарчи зи нуқта ёфт таълиф,
Ҳам нуқта бувад, вале ба такрор.
Ҳар лаҳза муғаннии маъонӣ
Ин нағма адо кунад ба адвор:
　　Май ойинаи ҷамоли соқист,
　　Дар ҷоми Ҷами ҷалол боқист.

Мутриб, ба самоъи ошиқона
Баргӯ ба навои тар тарона.
Даф рух ба тапонча сурх дорад,
Чун най нахӯрад дами замона.
Нолид зи гӯшмоли ҳиҷрон
Дар чанги муғанниён чағона.
Баҳр аст самоъи дардмандон,
Чун қатра дарой дар миёна.
То мавҷу хурӯшу ҷӯш бинӣ
Дар баҳри муҳити бекарона,
По бар сари ғам бикӯб, к-омад
Дар дасти ту гавҳари ягона.
Чун шамъ агар забон бисӯзам,
Аз дил занад ин сухан забона:
　　Май ойинаи ҷамоли соқист,
　　Дар ҷоми Ҷами ҷалол боқист.

Дар хилвати ёр будаам дӯш,
Бо ёр ниҳода дӯш бо дӯш.
Дидам рухи хеш, чун барандохт
Аз чеҳра ниқоб зулфи маҳпӯш.
Лаб бар лаби хештан ниҳодам,
Худро бигирифтам андар оғӯш.

Худ гуфтаму худ ҳамешунидам,
Гаҳ ҷумла забон шудам, гаҳе гӯш.
Худ соқиву худ ҳариф будам,
Нӯшида шаробу гуфта худ: Нӯш.
Дар ҳушу хирад ягона гаштам,
Он дам, ки шудам зи ишқ беҳуш.
Ин нақш бар об менигорад,
Он лаҳза, ки хум ҳамезанад ҷӯш:
Май ойинаи ҷамоли соқист,
Дар ҷоми Ҷами ҷалол боқист.

Эй чашми ту ҷодуи фусунсоз,
Гесуи ту ҳиндуи расанбоз.
Абрӯи ту ҳоҷиби камондор,
Пайвастаи турки новакандоз.
Садсола ниёзи ошиқонро
Зулфи ту ба бод дода аз ноз.
Бӯйе зи ту боди субҳ бурда,
Бар ғунча дарида пардаи ноз.
Шамъӣ, ки ба гирди ту ду олам
Парвонасифат кунанд парвоз.
Носир, сухани шаробу соқӣ
Охир шуду ишқ кард оғоз:
Май ойинаи ҷамоли соқист,
Дар ҷоми Ҷами ҷалол боқист.

**Тарҷеъбанд**

Эй рухат офтоби кишвари дил,
Тоби меҳрат маҳи мунаввари дил.
Нақши рӯят маю сурохӣ чашм,
Сӯзи ишқи ту уди миҷмари дил.
Зулфи ту бурда об аз рухи ақл,
Холи ту карда хок бар сари дил.
Туъмаи сунбулат зи хуни ҷигар,
Мастии наргисат зи соғари дил.

Пур шуд аз ғуссаи ту лавҳи вуҷуд,
Набарад қиссаи ту дафтари дил.
Ишқ дарёву дил дар ӯ садаф аст,
Рӯҳ ғаввосу васл  гавҳари дил.
Дӯш бо булбулони олами ғайб
Мезад ин достон кабӯтари дил,
        Ки ҷаҳон партавест аз рухи дӯст,
        Ҷумлаи коинот сояи ӯст.

Эй ғамат марҳами талабкорон,
Чашми мастат балои ҳушёрон.
Абруи ту мақоми ранҷурон,
Ҳоҷиби ту табиби беморон.
Оразат хобгоҳи махмурон,
Гесуят манзили гирифторон.
Ҷуръаи ҷоми ту касе, ки чашид,
Гашт саққои кӯйи хамморон.
Корвон, гӯй, то равон нашавад,
Ки равон шуд зи чашми мо борон.
Сухани дӯстро ниҳон гуфтем,
То наояд ба гӯши ағёрон.
Дӯш бо чанг ин наво мехонд
Мутрибе дар миёни майхорон,
        Ки ҷаҳон партавест аз рухи дӯст,
        Ҷумлаи коинот сояи ӯст.

Бедилонро най аст ҳамдами ишқ,
Ки ба ҳар дам ҳамезанад дами ишқ.
Бе забон асту роз мегӯяд,
Ку яке роздору маҳрами ишқ?
Чангро бин, палос пӯшида,
Мӯй андохта зи мотами ишқ.
Мехӯрад захму зор менолад,
Месарояд шикояти ғами ишқ.
Турки маҳрӯи боданӯш куҷост,
То диҳад соғари дамодами ишқ?!

Дӯш сармасту ҷоми бода ба даст,
Мегузаштам ба сӯйи олами ишқ.
Мурғи дилро ба гӯши ҷон омад,
Ин нидо аз садои торами ишқ,
Ки ҷаҳон партавест аз рухи дӯст,
Ҷумлаи коинот сояи ӯст.

Турки ниликамони турлакпӯш
Офтобест, муштаридаргӯш.
Лаъли ӯ бар канори оби ҳаёт,
Гавҳараш дар миёни чашмаи нӯш.
Ман қаландармизоҷу қаллошам,
Рӯзу шаб кӯза мекашам бар дӯш.
Толиби восилони дурдикаш,
Сокини остони бодафурӯш.
Дӣ ба боғе гузар ҳамекардам,
Дидам аз шавқ булбулон дар ҷӯш.
Ба тафарруҷ даромадам, дидам
Бар сари сарв булбуле хомӯш.
Назараш чун ба сӯйи ман афтод,
Аз дили хаста баркашид хурӯш,
Ки ҷаҳон партавест аз рухи дӯст,
Ҷумлаи коинот сояи ӯст.

Сарв бо ту сухан зи боло гуфт,
Қомати ту ҷавоби раъно гуфт.
Ҷон туро моҳ гуфту равшан шуд,
Дил туро сарв хонду зебо гуфт.
Лаби лаълат ба таъна луълуро
Ҳалқа дар гӯш карду лоло гуфт.
Об шуд баҳр, аз он ки дидаи ман
Қиссаи мавҷи худ ба дарё гуфт.
Мо суханро нуҳуфта мегӯем,
Рози пӯшидаро кӣ пайдо гуфт?
Дӣ ба дуккони кӯзагар рафтам,
Хостам роз, ошкоро гуфт.

Дар сафи кӯзаҳо чу биншастам,
Кӯзае з-он миёна бо мо гуфт,
Ки ҷаҳон партавест аз рухи дӯст,
Ҷумлаи коинот сояи ӯст.

Манам он ринди умр дода ба бод,
Ки чу ман умр кас ба бод надод.
Бандаи сокинони дайр шуда,
Гашта аз банди рӯзгор озод.
Аз даво фориғу зи дард эмин,
Дар бало хурраму ба ғамҳо шод.
Баҳри май чун қадаҳ миёнбаста,
Ёфта аз шаробхона гушод.
Ёр бо ман қарину ман маҳҷур,
Кас бад-ин бахт дар замона назод.
Сиррам аз нола ошкоро шуд,
Розам аз хуни дил бурун афтод.
Чун ба куллӣ зи худ фано гаштам,
Боз гӯем, ҳар чӣ бодо, бод,
Ки ҷаҳон партавест аз рухи дӯст,
Ҷумлаи коинот сояи ӯст.

Мо хароботиему ринду гадой,
Ки надорем ғайри майкада ҷой.
Эмин аз куфру дину роҳату ранҷ,
Фориғ аз бӯстону боғу сарой.
Куштаи луъбатони бодапараст,
Бандаи мутрибони нағмасарой.
Гаҳ бибӯсем соқиёнро даст,
Гаҳ бимолем шоҳидонро пой.
Холӣ аз ишқ то напиндорӣ
Ошёни ғуробу парри ҳумой.
Дар қуъуд аст хок биншаста,
Дар рукуъ аст осмон бар пой.
Корвоне маро ба пеш омад,
Ин нидо баркашид бонги дарой,
Ки ҷаҳон партавест аз рухи дӯст,
Ҷумлаи коинот сояи ӯст.

Эй рухат соқиву лаби ту мудом,
Оламе маст гашта аз як ҷом.
Бода бар ёди ғамзаи ту ҳалол,
Бод бе бӯйи турраи ту ҳаром.
Ҷон чу соғар расондаем ба лаб,
Аз лаби ту намерасем ба ком.
Мо зи ислому куфр берунем,
Кофару куфру муъмину ислом.
Базми мо нест ҷойи зоҳиди хушк,
Пеши хосон чӣ кор дорад ом?!
Бар дари дайр ошиқе дидам
Фориғ аз куфру дину шоҳу ғулом.
Пеши ӯ рафтаму бидода салом,
Ин сухан гуфт дар ҷавоби салом,
Ки ҷаҳон партавест аз рухи дӯст,
Ҷумлаи коинот сояи ӯст.

Дишаб андар нигорхонаи хоб
Дидам он моҳро ба чашмаи об.
Холи ӯ аз Ҳабаш фитода ба Рум,
Лаъли ӯ дар шакар сиришта шароб.
Турки чашмаш гирифта кеши хато,
Чини зулфаш бибаста роҳи савоб.
Ҳар ду дармони мову ин аҷаб аст,
К-ин яке дар таб асту он дар тоб.
Чеҳраву зулфи ӯ намуд ба ман
Ояти раҳмату нишони азоб.
Бехуд аз ҷоми ишқ маст, саҳар
Мегузаштам ба турбати асҳоб.
Чун зи асрори ишқ пурсидам,
Каллае з-он миёна дод ҷавоб,
Ки ҷаҳон партавест аз рухи дӯст,
Ҷумлаи коинот сояи ӯст.

Дӯш сармасту фориғ аз дунё
Мегузаштам ба олами маъно.
Гузари ман ба сӯйи дайр афтод,
Лотро дидам огаҳ аз Уззо.
Ҳама аз ҷоми ишқ масту хароб,
Ҳама мавлои ҳазрати мавло.
Ҳамчу Носир сабӯкашон дидам,
Бар дари дайр сохта маъво.
Бедиле бар равоқи дайр омад,
Дар сари ӯ на зуҳду не тақво.
Як замон зикри дӯст кард баён,
Соате дарси ишқ кард имло.
Боданӯшон даромаданд ба ҷӯш,
Дару девор баркашид нидо,
Ки ҷаҳон партавест аз рухи дӯст,
Ҷумлаи коинот сояи ӯст.

## МУСАММАТ

Дӯш мурғони чаман наъраи мастона заданд,
Оташе дар дили шӯридаи девона заданд,
Зоҳидон хаймаи ишрат суйи майхона заданд,
Хез, к-аз боди сабо зулфи суман шона заданд
В-аз рухи шоҳиди гул парда барандохтаанд.

Соқиё, ҷоми Ҷам аз бодаи ҳумро карданд,
Шоҳидон бода ба рӯйи гулу райҳон х(в)арданд.
Майфурӯшон майи гулранг ба хун парварданд
В-аз гулу сабза бисоте ба чаман густарданд,
То дар ӯ маҷлисиён базми тараб сохтаанд.

Навбаҳор омаду гулҳои чаман бишкуфтанд,
Булбулон рози дили хеш зи кас нанҳуфтанд,
Ғунчаро дӯш чу ёқут даҳан месуфтанд,
Андалебони саҳархез ба гул мегуфтанд,
Ки насими саҳар аз ғолия нашнохтаанд.

Соқиё, ратли гарон деҳ, ки зи хилват растем,
Сухани тавба магӯ беш, ки мо бишкастем,
Бинишин, к-аз майи нӯшини лабат сармастем,
Бо гулу лола чу имрӯз ба май биншастем,
Қомати сарви саҳӣ аз чӣ барафрохтаанд?!

Боданӯшон, ки чу ман муътакифи хамморанд,
Вақти он аст, ки хотир ба чаман биспоранд,
Абр мегиряду мурғони чаман мезоранд,
Ҳаваси сарву гул онҳо, ки чу Носир доранд,
Рахти савдо ҳама аз сина бипардохтаанд.

## МУСАММАТ

Эй орази ту оинаи сунъи илоҳӣ,
Асрори ту чун ҳусни рухат номутаноҳӣ,
Дар сояи зулфат шудам эмин зи табоҳӣ,
Ҳар ҷо ки занад чеҳраи ту хаймаи шоҳӣ,
Абрӯйи ту пайваста бувад ҳиндуи ҳоҷиб.

Рафтиву фироқи рухи ту мешиканад дил,
Гар хун бишавад аз ғами рӯят, чӣ кунад дил?
Бе ёди лаби ту нафаси хуш назанад дил,
Бо меҳр агар нисбати рӯйи ту кунад дил,
Ҷон наъра барорад, ки магӯ номутаносиб.

Боз ой, ки хуни ҷигар аз дида равон шуд,
Дарёб, ки ҷонам ба ҷамолат нигарон шуд,
Дил дар талабат наъразанон, ҷомадарон шуд,
Аз васли ту қонеъ ба хаёле натавон шуд,
То Меҳр бувад, кас накунад ёди кавокиб.

Эй чашми хирад аз рухи идроки ту маҳҷуб,
Бо орази ту сурати Юсуф набувад хуб,
Бе бӯйи ту равшан нашавад дидаи Яъқуб,
По фарқи иродат наниҳад бар дари матлуб,
Бо ёди ту дар хоб шуда дидаи толиб.

Чун рӯи ту маҳро набувад сирату ахлоқ,
Авсофи ҷамолат натавон кард бар авроқ,
Ҳар ҷавру ҷафое, ки кунӣ бар мани муштоқ,
Афғон натавон кард, ки дар мазҳаби ушшоқ
Фармони ту ҷоиз бувaду ҳукми ту воҷиб.

Эй нақши ту дар дидаи савдозада ҳозир,
Ҳаргиз накунӣ ёди мани сӯхтахотир,
Баъд аз ману ту гирди ҷаҳон равшану зоҳир,
Васфи рухи хуби туву дарди дили Носир
Бар дафтари қозӣ бувaду сафҳаи котиб.

## ҒАЗАЛИЁТ

Эй чашми ту бар ҳам зада ҳоли дили моро,
Зулфи ту барошуфта мани бесарупоро.
Он чашми сияҳдил, ки камон дорад аз абрӯ,
Туркест, ки пайваста занад роҳи хаторо.
Занҷир ниҳад турраи ту оби равонро,
Дар дом кашад гесуи ту боди саборо.
Мо гирди ту, эй сарв, чу обем, ки бошад
Осудагӣ аз сояи иқболи ту моро.
Мо аз даҳани танги бутон ваъдаи ширин
Бисёр шунидему надидем вафоро.
Сад бор ба ҳаҷ рафтани ҳоҷӣ накунад суд,
Як бор ҳамон беҳ, ки равад роҳи сафоро.
Рафтан ба дари хона, Худоро, натавонем,
Лутфе куну пайғом бар, эй бод, Худоро.
Эй хоҷа, ту донию ҳавохоҳии султон,
Ман муътақидам ҳиммати риндони гадоро.
То ёр суи худ бикашад ҳамчу камонам,
Рӯзе бинишонам ба нишон тири дуоро.
Носир, чу Хизир дар зулумоти сари зулфаш
Аз чоҳи занахдони ту хӯрд оби бақоро.

* * *

Чун Каъбаи васли ту мақом аст сафоро,
Дар қибла худ о, то бипарастем Худоро.
Чун ғунча касе ёфт ҳавои сари кӯят,
К-андар дили тангаш набувад роҳ ҳаворо.
Ту тозабаҳориву ба савдои ту чун гул
Мо зар бадар оварда зи дил, тозабаҳоро.
Бо мушки Хито нисбати зулфи ту хато рафт,
Хат даркашам аз хатти ту ин хатти хаторо.
Бе мутрибу соқӣ нашавад маҷлиси мо гарм,
Аз булбулу гул ёфт чаман баргу наворо.
Мустазҳарам аз булбули хушнағма, ки дар фақр
Бе савту муғаннӣ натавон ёфт ғинороо.
Носир ба назар оби равон дораду ҳаргиз
Нагрифт каноре чу қади сарви ту моро.

* * *

Оинаи худоӣ рухсори туст, ёро,
Бигзор, то бибинам дар оина Худоро.
Дар Каъбаи висолат гар бошадам мақоме,
Аз Замзами ду дида обе занам Сафоро.
Эй гул, ба тозарӯӣ биншин бар оби чашмам,
То обрӯ физояд аз суҳбати ту моро.
Магзор, то рухатро аҳли ҳаво бибинанд,
Он беҳ, ки раҳ набошад бар шамъи ту ҳаворо.
Гар мушк кард аз оҳу бо зулфи ту ташаббуҳ,
Набвад аҷаб, ки дорад дар асли худ хаторо.
Хуш бод най, агарчи бар бод рафт умраш,
К-ӯ медиҳад навое риндони бенаворо.
Носир, ду рӯди дида пур дор аз тарона,
К-аз пардаҳои чашмаш барбаста рудҳоро.

* * *

Бибин ба дидаи мо рӯи хештан, ёро,
Ки ҳукми оина шуд об дидаи моро.
Ту сарви нози манӣ, сар чӣ макашӣ аз ноз,
Гузар ба ҷониби оби равон тамошоро.
Мабош дар ғами фардову шод бош имрӯз,
Ки кас надонад имрӯз ҳоли фардоро.
Биё, ки субҳи баҳор асту вақти гул чидан,
Ки пур зи лолаву гул доман аст саҳроро.
Хумор дарди сар овард, соқиё, бархез,
Ба аҳли дард бидеҳ дурдии мусаффоро.
Даме, ки киштии заррин ба дасти мо ояд,
Зи ташнагӣ ба даме даркашем дарёро.
Бисоз, Носир, бо ошиқию танҳоӣ,
Ки нест заҳмати танҳо ҳарифи танҳоро.

* * *

Нигоро, дилбаро, чобуксаворо,
Буто, кофирдило, бераҳм ёро.
Макун дурӣ, макун аз мо ҷудоӣ,
Ки ҳиҷронат парешон кард моро.

Фироқи дӯстон нохуш балоест,
Худоё, кас мабинод ин балоро!
На васлат медиҳад як рӯз ташриф,
На ҳаҷрат мекунад як дам мудоро.
Наоию наояд ёдат аз мо,
Фаромуш кардаӣ гӯйӣ вафоро,
Агар боди сабо гардад ба гирдат,
Зи ғайрат пай канам боди сaборо.
Қазо гар доди ман настонад аз ту,
Ба дарди дил бисӯзонам қазоро.
Ба ҷони ту, ки бе ту хору зорам,
Бикун раҳме, макун дурӣ, Худоро.
Чу Носир ошиқе бояд мусаффо,
Ки донад қимати ҳусну сафоро.

* * *

Хилофи аҳд накардам ба ҳусни аҳди ту, ёро,
Хилофи аҳди ту кардан маро чӣ заҳраву ёро?
Агар зи зулфи ту дастам расад ба ҳалқаи Каъба,
Ба оби Замзами дида сафо диҳем Сафоро.
Ҳазор нуктаи ширин ба ваъда аз лаби лаълат
Шунидаем, валекин надидаем вафоро.
Агар ба дасти расуле таҳийяте нафиристӣ,
Ба ҳаққи он, ки каримӣ, худ ой баҳри Худоро.
Хаёли он лабу дандон нишастааст ба чашмам,
Ба лаълу дур бувад, оре, ҳамеша чашм гадоро.
Нахуст тир, ки зад ғамзаи ту бар дили решам,
Ҳалок буд, валекин қазо набуд қазоро.
Шаби дароз ба сар гирди остони ту рафта-ст,
Саҳар ба кӯйи ту рафтан маҷол нест сaборо.
Агар чу зарра ҳавоӣ шавам зи партави меҳрат,
Камина меҳр нагӯяд: масоз тира ҳаворо.
Ҳамеша наргиси мастат бувад ба дидаи Носир,
Чаро ба чашм наёрӣ ту оби дидаи моро.

* * *

Варои ину он ёрест моро,
Бурун з–он ину он корест моро.

Буте дорам, ки пеши рангу рӯяш
Гули сурхи чаман хорест моро.
Наёяд дар баён, чандон ки гӯям,
Аҷоиб турфа дилдорест моро.
Бурун аз чорсӯи ҳар ду олам
Сару савдои бозорест моро.
Даруни қолаби аз хун сиришта
Дили маҷрӯҳи афгорест моро.
Даре аз дил суйи бустони ҷон аст,
Бурун з-он низ гулзорест моро.
Ҳазорон Носиру Мансур бар дор,
Ба зери парда асрорест моро.

* * *

Азм кун, эй боди субҳ, баҳри Худоро,
Номаи Маҷнун бибар ба хаймаи Лайло.
Гӯй ба Ширин фироқномаи Фарҳод,
Гӯй зи Вомиқ салом хидмати Азро.
Боз расон орзуи зарра ба хуршед,
Боз намо иштиёқи қатра ба дарё.
Бо саги кӯяш бигӯ, ки дар дари давлат
Шому саҳар ҳеч ёд мекунӣ аз мо?
То сарам аз остони дӯст ҷудо шуд,
Не зи сар ҳастам вуқуфу не хабар аз по.
Чунки фитодам зи васли қадди баландаш,
Гӯӣ, ки афтодаам зи чархи муалло.
Боз магар дасти лутфи Ҳақ бирасонад
Носири афтодаро ба ҳазрати аъло.

* * *

Эй бод, бар салом зи мо он дарахтро,
Барге биёр булбули шӯридабахтро.
Ошиқ касе бувад, ки чу Маҳмуди покбоз
Хоки раҳи Аёз кунад тоҷу тахтро.
Рӯзе зи гиряам дили ту нармтар шавад,
Қатроти об рахна кунад санги сахтро.

Қадди ту дид дидаву бар хок рух ниҳод,
Ҳинду, шунидаам, ки парастад дарахтро.
Шаъмӣ ту, рахти Носири бедил дил асту ҷон,
Боз ой, то зи ишқ бисӯзем рахтро.

* * *

Чӣ нависаму чӣ гӯям сифати нигори худро,
Ба забон чӣ гуна орам ғами рӯзгори худро?
Бизанам наво чу булбул, бикунам хурӯшу ғулғул,
Чу ба коми худ надидам гулу лолазори худро.
Ғами ман магар, нигоро, бихӯранд душманонам,
Ту ки дӯстӣ, нахӯрдӣ ғами дӯстдори худро.
Биравам ба сӯи сайдат, ки манам асири қайдат,
Ту магар намешиносӣ, санамо, шикори худро?
Ҳама заҳр буд соғар, зи дарун гулобу шаккар,
Ту шакар шудию додӣ ҳама заҳр ёри худро.
Зи нахуст қатра будам, зи ғамат шудам чу дарё,
Ба сиришк пур зи гавҳар бикунам канори худро.
Агар аз ғами ту Носир биравад диёри дигар,
Ба куҷо барад, надонам, дили беқарори худро.

* * *

Чанд пинҳон сӯзаму пӯшида дорам дудро,
Дуд бар оташ куҷо пӯшида дорад удро.
Ноларо, гирам, ки барбандам раҳи берун шудан,
Чун ба ҷойи худ нишонам ашки хунполудро?
То шуд ӯ ороми дил, як дам наоромидаам,
То шуд ӯ мақсуди ман, гум кардаам мақсудро.
Дарди ӯро кай кунам дармон, ки ҳар дам аз ғамаш
Шодмониҳо физояд ҷони ғамфарсудро.
Ман ба тарки ишқ дилро панд медодам, валек
Лаззат аз Қуръон набошад тифли нохушнудро.
Гӯядам ҳар кас, ки бигрифтӣ миёнаш дар канор,
Бар ман, эй душман, чӣ бандӣ туҳмати нобудро!
Носир аз рӯи ҷаҳон бе рӯи ӯ гардад малул,
Бе Аёз он салтанат ҳосил нашуд Маҳмудро.

* * *

Чун ба карашма каж кунӣ тарфи кулоҳи хешро,
Қиблаи оламе кунӣ рӯи чу моҳи хешро.
Чарх кулоҳи офтоб аз сари рашк бифканад,
Гар ту ба чарх барзанӣ акси кулоҳи хешро.
Аз пайи он, ки то магар аспи ту пай бар ӯ ниҳад,
Хоки дари ту кардаам рӯи чу коҳи хешро.
Шоҳи парирухон туӣ, мо ҳама хайли ишқи ту,
Ҳеч ғаме намехурӣ хайлу сипоҳи хешро.
Майл ба ман намекунӣ, чист, бигӯ, гуноҳи ман,
То ки ба узр бишканам садди гуноҳи хешро.
Зулфи сиёҳи ту маро бедилу беқарор кард,
Тоб чаро намедиҳӣ зулфи сиёҳи хешро?
Ҷавру ҷафову саркашӣ бас кунию ситамгарӣ,
Бо ту агар баён кунам ҳоли табоҳи хешро.
Дидаи хунфишони ман ҳаст гувоҳи ҳоли ман,
Гарчи ки хун бирехтам бе ту гувоҳи хешро.
Ҳафт фалак бисӯзад аз синаи Носир, эй санам,
Гар ба фалак бароварад шуълаи оҳи хешро.

* * *

Аз ақл нест пеши ту рафтан чароғро,
Он беҳ, ки равғане бичаконад димоғро.
Бар рӯ мапеч силсилаи зулфи анбарин,
Бар орази тазарв манеҳ парри зоғро.
Эй бод, агар ба бурдани ҷонат рисолат аст,
Бар ту гирифт нест, бигӯ мо балоғро.
Коме зи умр гиру мадеҳ ройгон зи даст
Рӯзи висолу аҳди шабобу фароғро.
Зуҳҳод ҳуру ҷаннату Кавсар гузидаанд,
Мо шоҳидею ҷоми шаробею боғро.
Рӯзе, ки косаи сари Носир шавад аёғ,
Ҷон тоза гардад аз лаби лаълат аёғро.

* * *

Ҷоҳили кӯтаҳназар девона мехонад маро,
Фосиқу дурдикаши майхона мехонад маро.

Шайхи азрақпӯш гар ҳошок месозад мурид,
Ҳамдами чангу дафу паймона мехонад маро.
Воизи қаллош, к–ӯ афсуни дардам мекунад,
Рӯзу шаб дар гӯши дил афсона мехонад маро.
Миннат Эзадро, ки ринди солики софиназар
Ошиқи ҷон бар дари ҷонона мехонад маро.
Носиро, мардона рав в–аз теғи душман сар матоб,
К–он санам соҳибдилу мардона мехонад маро.

* * *

Гар силсила ҷунбонӣ гесуи парешонро,
Ошуфта кунӣ дилро, девона кунӣ ҷонро.
Дар савмаа гар бӯе пайдо шавад аз ишқат,
Аз хирқа бурун оранд сад мушрики пинҳонро.
Аз зулф мазан чавгон бар гӯйи занахдонат,
То гӯй зи сар созем мо он хами чавгонро.
Андоми ту гар бинад, аз хор кунад сӯзан
В-аз рашк бисӯзонад гул чоки гиребонро.
Худро ҳама шаб баста дар зулфи ту мебинам,
Таъбир намедонам ин хоби парешонро.
Ҳам об занам аз чашм, ҳам аз мижа ҷорӯбе,
Рӯзе, ки бурун ойӣ ороиши майдонро.
Дар хилвати васли ту кай роҳ барад Носир,
Ин хор чӣ кор ояд он саҳни гулистонро?

* * *

Эй чашми ту кашида абрӯйи чун камонро,
Тире, ки мекушоӣ, аз мо талаб нишонро.
Он дам, ки тири ғамза бар бедилон кушоӣ,
Мурғ аз ҳаво дарояд аз бахри ҷонфишонро.
Ман дар миёни ҷонат чун най камар бибастам,
То ту ба қасди ҷонам барбастаӣ миёнро.
Аз сими оби дида ҳар чашми ман чу конест,
Бо зулфи ту ба савдо бикшодаам дуконро.
То чашми масти ту май нӯшад зи хуни ҷонам,
Чун ҷом бар кафи даст бинҳодаем ҷонро.
Боди сабо ҷаҳон шуд аз банди доми зулфат,
Тарсам, ба як сари мӯй бандӣ ҳама ҷаҳонро.

Номи ҳаё баровард борон, ки пеши рӯят
Аз шарм мечакад хай хуршеди осмонро.
Гар душманон чу савсан теғи забон кашиданд,
Чун ғунча аз шикоят ман бастаам даҳонро.
Носир, зи хуни душман гардад ҷаҳон гулистон,
Гар ҳамчу теғи Ҳайдар рухсат диҳӣ забонро.

* * *

Наргиси мастат нишонад ҳамчу гул дар хун маро,
Кай равад чун ғунча меҳри ту зи дил берун маро.
Рӯи худ бар рӯ ниҳад субҳи абад Лайлӣ туро,
Бӯсае бар сар занад рӯзи ҷазо Маҷнун маро.
Ҳамчу гардунам зи дил берун наёяд меҳри ту,
В-ар бигардонад ба сар меҳри ту чун гардун маро.
Рондам оби чашми гулгун, рафт то хоки дарат,
Зуд бо манзил расонад гармрав гулгун маро.
Дар паси девори узлат тангдил биншастаам,
Ҳамчу соя чанд коҳад меҳри рӯзафзун маро?
Ман сари воиз надорам, мутриб, оҳанге бисоз,
К–аз раҳи афсона дигар худ махон афсун маро.
Дӣ сиришкам гуфт: Носир, рехтам хуни дилат,
Бар дари дилдор метарсам, ки гирад хун маро.

* * *

Дӯш омад рухи зебои ту дар хоб маро,
Сел аз дида равон гашту бибурд об маро.
Танам аз заъф чунон шуд, ки намеёфт дигар
Ақл, ҳарчанд ки меҷуст ба маҳтоб маро.
Дар сари зулфи ту бастам дилу медонистам,
Ки шавад кор чу шогирди расантоб маро.
Ман аз он рӯз, ки абрӯи ту дидам чун моҳ,
Рӯй дар қибла шуду чашм ба меҳроб маро.
Носир, аз хоки дари дӯст маҷӯ ҳеч мурод,
Ки гушод аз назари ӯст дар ин боб маро.
Боз кори дили ман бо шаби ҳиҷрон афтод,
Вақти он аст, ки падруд кунад хоб маро.

* * *

Он сиёҳҷурда, ки хуршед ғулом аст ӯро,
Нури чашм аст, ки дар дида мақом аст ӯро.
Ҳеҷ кас нест, ки пинҳон назараш бо ӯ нест,
То назар бо кию хотир ба кадом аст ӯро.
Офтобест рухи ӯ, ки заволеш мабод,
Ҳар саҳар матлаи иқбол ба шом аст ӯро.
Чашми ӯ мехурад аз хуни дили мо бода,
Эй хуш он маст, ки ин шева мудом аст ӯро.
Моҳ дар дил зи ҳавои ту нишоне дорад,
Заррае партави меҳри ту тамом аст ӯро.
Ҳар кӣ рӯзе шаби ҳиҷрони туро дарёбад,
Хун ҳалол аст, вале хоб ҳаром аст ӯро.
Ҳаббазо, хандаи соғар, ки мудом аз лаби ёр
Давр дар гардишу айём ба ком аст ӯро.
Ин ҳама ҳаст, вале заҳра надорад Носир,
То бипурсад зи рақибон, ки чӣ ном аст ӯро.

* * *

Мекашад ишқи ту сӯи худ дили девонаро,
Ҳаст сӯзе, к–ӯ ба шамъе мекашад парвонаро.
Сели чашмам рафту вайрон кард бунёди дилам,
Чун зи дарду ғам нигаҳ дорам ман ин вайронаро?
Майли холат дораму андешаам аз зулфи туст,
Мурғи зирак холӣ аз доме надонад донаро.
Шона зулфатро ба дандон меканад, беҳуда нест,
То чӣ дандон аст бо зулфи ту гӯӣ шонаро.
Оқибат мирему заҳмат аз сари кӯят барем,
Чанд хоҳӣ ронд бар мо, охир, ин миронаро?
Оқил андар худнамоӣ рафту ман дар бехудӣ,
Зоҳидон тасбеҳ бинмоянду ман паймонаро.
Дида гар бандам зи хубон, чун кунам табдири дил?
Бастани дар ҳеҷ монеъ нест дузди хонаро.
Сӯхтам з–ин ғам, ки боз он ошно бегона шуд,
Чун тавон кард ошно бо хештан бегонаро?
Носир аз ҷонон нахоҳад доштан ҷонро дареғ,
Халқ ҷонро дӯст медоранду мо ҷононаро.

* * *

Соқӣ, биёр ҷоми шароби муғонаро,
Мутриб, бигӯ, бизан ғазали навтаронаро.
Поён мабод даври қадаҳро, ки зиракон
Поён надидаанд ҷафои замонаро.
Воиз, магӯ, ки маст наёбад қабули ёр,
Ман тифл нестам, ки харам ин фасонаро.
Имшаб нишон нигар, ки бар он дар гиристам,
Олудаам ба хуни ҷигар остонаро.
Ман дар хумор тавба зи май кардаам, вале
Пири муғон намешунавад ин баҳонаро.
Мурғе, ки дар муҳаббати анқо ҳамепарад,
Сӯзад дар оташи пари худ ошёнаро.
Носир, агар ягона нагардӣ зи ҳар ду кавн,
Майли қабули ту нашавад он ягонаро.

* * *

Саломи ман бирасон, эй сабо, Бухороро,
Бигӯ таҳийяти Маҷнун диёри Лайлоро.
Зи Кӯҳкан хабаре сӯи қасри Ширин бар,
Ки дил гирифт ба кӯҳ он ғариби танҳоро.
Агар саодати дидори ёри ман бошад,
Тақаррубе бинамоӣ мақоми аълоро.
Адо кунӣ ба адаб бандагию хидмати ман,
Агар қабул бувад ошиқони шайдоро.
Ба пои новаки ӯ сар ниҳию арза диҳӣ
Ниёзи мардуми чашми ман он кафи пороро.
Гар аз дами ту маломат бад-ӯ наёбад роҳ,
Бигӯй ин қадар он шӯхчашми раъноро.
Ба даври ҳусни ту ҷамъияте надорад дил,
Чу зулфи хеш мушавваш мадор дилҳоро.
Дилам зи ёди ту як дам намешавад холӣ,
Туро чӣ шуд, ки фаромӯш кардаӣ моро?
Ба зери бори дилу оби чашми худ мондем,
Бурид менатавонем кӯҳу саҳроро.
Аз он замон, ки ман аз дӯстон ҷудо мондам,
Ҷудоӣ аст зи ҳам бандҳои аъзоро.

* * *

То зи борикӣ миёнат тоб доди мӯйро,
Сабза пеши хатти ту бар хок молад рӯйро.
Ту чӣ ғам дорӣ, агар селоби ашкам меравад,
Чун ман аз хошоки роҳе камтарам ин кӯйро.
Бар вафодорони худ ҳар дам занӣ теғи ҷафо,
Кас нишон надҳад бад-ин тундию тезӣ хӯйро.
Дидаро дар ҳаҷри ту аз хуни дил тар сохтам,
Сарви ман, бар дида биншон қомати дилҷӯйро.
Дӯш май хӯрдию имрӯз аз хуморӣ саргарон,
Аз даҳонат дар саҳаргаҳ бурдаам ин бӯйро.
Гар ту бар гӯйи занахдон мезанӣ чавгони зулф,
Саҳни майдон аз саводи дида созам гӯйро.
Санги таъна то ба кай Носир хурад дар кӯйи ту,
Эй гули хушбӯ, чӣ ронӣ булбули хушгӯйро?

* * *

Дареғ охир зи рӯйи ман чӣ медорӣ нигоҳеро,
Расад хуршед бар девору бинад рӯйи коҳеро.
Бисӯзад бар сари оташ чу анбар зулфи мушкинаш,
Агар дар кори маҳрӯён кунам як рӯз оҳеро.
Ба болоят нахоҳам кард ҳаргиз сарвро нисбат,
Ки андар маърази мӯе бақо набвад гиёҳеро.
Гунаҳ кардам, ки бӯсидам даҳонат в-ар равам дӯзах,
Ба сад ҷаннат харидорам чунин ширин гуноҳеро.
Ба бӯса гуфтам аз лаълат ситонам доди худ, аммо
Ту ҳайрон мондаӣ бисёр чун ман додхоҳеро.
Чӣ гӯӣ панд, эй аҳли саломат, бо мани гумроҳ,
Ки ман бе шоҳиду мутриб наёбам рӯю роҳеро.
Зи Носир доман андар чид аз нахват саги кӯят,
Ки  оре бошад, оре, аз гадое подшоҳеро.

* * *

Дар майкада май дар хуме мегуфту мезад ҷӯшҳо,
То ман зи дурдӣ нагзарам, наншинам он гаҳ босафо.
То ман нагардам лаългун, н-оям зи иллатҳо бурун,
Гирди даҳони нозукон гаштан намешояд маро.

Гар бо мухолиф мерасам, тундиву тезӣ мекунам,
Пеши ҳарифи хештан ҳастам ҳама нӯшу шифо.
Чун шуд сабӯ аз май тиҳӣ, пур гашт аз мо ботинаш,
Ҳар дам ниҳад сар бар замин, кибраш намонд аз кибриё.
Он абр дар дарёкашӣ мебуд аз он рӯ сели ӯ,
Сармасту ғалтон меравад, сарро намедонад зи по.
Аз ҷоми заррини малак зарра ба бӯйе маст шуд,
Гаҳ чарх мезад дар замин, гоҳе муаллақ дар ҳаво.
Хумҳо ба дасти ҷоми май пайғоми Носир медиҳанд,
Гар завқи ҳастӣ боядат, сарро бинеҳ бар пойи мо.

* * *

Ҳама бар қадди баланди ту бувад ҳиммати мо,
Гар диҳад даст, зиҳӣ ҳиммати бо рифъати мо.
Шаби ҳиҷрон бигузашту саҳари васл расид,
Панҷ навбат бизан, эй бахт, ки шуд навбати мо.
Мекунам хидмати ту, он чи маро даст диҳад,
Чӣ кунам, лоиқи қадрат набувад қудрати мо.
Шоҳидон рӯи худ аз сурху сапед ороянд,
Мо шаҳидему зи хок асту зи хун зинати мо.
Офтобам, накашам миннати кас як зарра,
Пушти афлок дуто мешавад аз ҳиммати мо.
Ба зиёратгаҳи Носир агар ойӣ рӯзе,
Алами ишқ бибинӣ ба сари турбати мо.

* * *

Моили ишқи харобот аст ақли пири мо,
То чӣ орад бар сари мо пири бетадбири мо.
Ман ба ҷуз тақдир тадбире надонам ишқро,
Инчунин рафта-ст гӯӣ дар азал тақдири мо.
Ишқро иксир агар гӯянд, ваҷҳи зоҳир аст,
Ваҷҳи зар аз чеҳраи зард аст дар иксири мо.
Кай дили девона дар олам бимонад пойбанд,
Ҳалқаи зулфи бутон гар нестӣ занҷири мо.
Дар иборат чун намеояд камоли ҳусни ёр,
Қосир омад аз баёни васфи ӯ тақрири мо.
Дар дили тангам намегунҷад хаёли рӯи дӯст,
Нест дархурди хаёлаш синаи дилгири мо.

Ошкоро гардад ин зуннори габрӣ дар миён,
Оташи мо гар бисӯзад хирқаи тазвири мо.
Мо басе тақсирҳо кардем, аммо лутфи дӯст
Узр гӯяд аз забони афв бар тақсири мо.
Носир аз саҳви қалам дар хат агар орад хато,
Ёр хат дармекашад бар хомаи таҳрири мо.

* * *

Гирифт мулки дилам ҳусни дилситони шумо,
Ба ҷойи ҷони манӣ, ҷони мову ҷони шумо.
Ба тангнои даҳони ту ҷойи лутф набуд,
Дақиқ шуд сухан аз тангии даҳони шумо.
Зи ҷой рафт дили танги ғунча чун савсан,
Ба гӯши гул сухане гуфт аз забони шумо.
Садаф шавад зи гуҳар, гӯши ҳар кӣ дарёбад
Ҳадиси лаъли дурахшони дурфишони шумо.
Басе дақиқаи борик меравад чун мӯй
Миёни чашми заъифи ману миёни шумо.
Ба хидмати дари ту даркашида ҳалқа ба гӯш,
Ниҳодаам сари тоат бар остони шумо.
Ба бӯи боди сабо ҷон ҳамедиҳад Носир,
Ки ҳаст раҳгузари ӯ ба бӯстони шумо.

* * *

Эй хиҷил гул зи рангу бӯйи шумо,
Сурх гашта зи шарм рӯйи шумо.
Сарви ман, то ту бар лаби ҷӯӣ,
Обрӯест оби ҷӯйи шумо.
Эй ки ту орзуи ҷони манӣ,
Сӯхт ҷонам дар орзуйи шумо.
Устухоне шудам, магар афтам
Дар қабули сагони кӯйи шумо.
Навбаҳор асту лолаҳо аз хок
Барзада сар ба ҷустуҷӯйи шумо.
Савти мурғону гуфтаи Носир
Набувад ғайри гуфтугӯйи шумо.

* * *

То ҷаста барқи рӯят аз акси ҳусни зебо,
Афтода шуълаи ӯ дар хирмани дили мо.
Тоби таҷаллии ҳусн ҷуз ишқи мо надорад,
Муҳкамтар аст бо ту аҳдам зи санги хоро.
Дар фақр агар надорам ҷуз чеҳраи ту ваҷҳе,
Аз ҳимматам набошад ҷуз қомати ту боло.
То дид ҳусни рӯят, Лайлӣ шуда-ст Маҷнун,
То бохт нарди ҳуснат, Вомиқ шуда-ст Азро.
Гар ҷону дил ситонӣ, ошиқ чӣ бок дорад,
Гар болу пар бисӯзад, парвонаро чӣ парво?
Дар пои давлат афтам, бошад, сарам расонад
Бар хоки остонат, яъне ба чархи аъло.
Ҷонам дар ин таманно ояд бурун, валекин
Ҳаргиз бурун наёяд аз ҷонам ин таманно.
Зоҳид агар ба фардо савдои нася дорад,
Ман ёфтам зи ишқат имрӯз нақди фардо.
Носир ба хуни дида мепарварад хаёлат,
Дурре бад-ин бузургӣ набвад ба ҳеч дарё.

* * *

Оқибат раҳме кунад бар дарди мо дармони мо,
Бандагони хешро ёд оварад султони мо.
Гар нахоҳад буд васли ёри мо андар биҳишт,
Лоҷарам боғи ҷинон хоҳад шудан зиндони мо.
Ту зи васли хештан ҳаргиз наяфтодӣ ҷудо,
Зоҳиран воқиф наӣ аз оташи ҳиҷрони мо.
Ҳамчу мум аз оташи ғам мегудозад шамъи дил,
Қатра-қатра мечакад аз дидаи гирёни мо.
Гарчи абр аз чашми мо доим фишонад сели хун,
Ҳеҷ гул дар бар намеояд аз ин борони мо.
Мо сару сомони худ дерест то гум кардаем,
Эй маломатгӯ, чӣ меҷӯӣ сару сомони мо?!
Зуд мешуд Носир аз танҳоию ғурбат ҳалок,
Гар хаёли ӯ набудӣ ҳар шабе меҳмони мо.

* * *

Биё, ки шоҳнишин аст садри синаи мо,
Бибин ҷавоҳири манзума дар хазинаи мо.
Бар оби дида гузар доштам ба рӯзи видоъ,
Ба мавҷи хуни ҷигар ғарқ шуд сафинаи мо.
Шароби лаъли ту дорем дар зуҷоҷаи чашм,
Мунаввар аст ба рӯи ту обгинаи мо.
Маро висоли ту дӣ буду ҳаҷри ту имрӯз,
Зиҳӣ харобии имрӯзу завқи динаи мо.
Зи меҳри рӯи ту Носир таваққуъ он дорад,
Ки ҳеҷ гоҳ набандӣ камар ба кинаи мо.

* * *

Дӯш медидам дили гумгаштаи худро ба хоб,
Аксараш хун буд ҷое оташу ҷое кабоб.
Ман ба худ мегуфтам, ин шакли дили реши ман аст,
Ё маи лаъл аст, ҷояш карда аз ёқути ноб.
Ё магар ғунча-ст, к-аз боди абиромези субҳ
Тоза шуд ҷонаш, зи рӯ бардошт зангори ниқоб.
Ақли дурандеши ман гуфто сипанде сӯхтаст,
К-аз тафи оташ ба якбор омад андар изтироб.
Дил шунид овози ман, бишнохт, гуфт: Эй сустаҳд,
Нест аз ёрон фаромӯшӣ раво дар ҳеч боб!
Гуфтам: Эй мискин, куҷоӣ, мурдаӣ ё зиндаӣ?
Чанд гоҳ аз мо чаро кардӣ ба куллӣ иҷтиноб?
Гуфт: Рӯзе бод зулфи ёри ман дар ҳам шикаст,
Печутобам рафт, дарпечидам андар печу тоб.
Гуфтам: Он ҷо вақти ту чун асту ҳолат чист? Гуфт:
Ҳамчу зулфи ӯ парешон, ҳамчу чашми ӯ хароб.
Гуфтамаш: Аз чашми Носир об бар оташ бизан,
Гуфт: Метарсам, ки дар ҷӯш оядам дарёи об.

* * *

Бар оби кор беҳ, ки бисозем кори об,
К-ин баҳри сарнигуни фалак нест ҷуз сароб.
Ман масту ринду он гаҳе даъвии ақлу илм,
Бунёди кори ақл зи мастӣ шавад хароб.

Сӯфӣ надошт дард, ки дурде накард нӯш,
Соқӣ, биёр май, ки сафо нест дар шароб.
Хӯрдӣ шаробу рӯйи ту афрӯхт оташе,
То аз барои нуқл ҷигарҳо кунад кабоб.
Бояд, ки уд гӯш ниҳад бар самоъи ӯ,
Чандон ки сайр дорад дар гӯшҳо рубоб.
Раҳ дар саводи дидаи ман хобро намонд,
Бо ту кӣ хоб дораду бе ту кирост хоб?!
Носир, бинӯш бодаву то даст медиҳад,
Аз рӯйи хуб ҳамчу сари зулф рух матоб.

* * *

Чашми ту сар барнамедорад зи хоб,
Маст дар меҳроб менӯшад шароб.
Аз даҳонаш кас намеёбад нишон,
Зарра нопайдо бувад дар офтоб.
Ғамзаи шӯхат ба яғмо бурд дил,
Турки масте кард шаҳреро хароб.
Пеши чашмат дил бар оташ мениҳам,
Рост хоҳам кард мастонро кабоб.
Ҳар варақ нақши ту дорад, лоҷарам
Айши гулро тоза медорад гулоб.
Бонги булбул аз ҳазорон даргузашт,
Гул ҳаме аз сад яке гӯяд ҷавоб.
Булбуле бардорад аз ҳар сӯ нафир,
Гар чу гул бардорӣ аз рӯят ниқоб.
Хезу дардеҳ як дам обам, соқиё,
То нишонад оташамро як дам об.
Нокасе ҳамчун маро худ ҳеҷ кас
Дар ҳисобе н-оварад рӯзи ҳисоб.
Носир андар хоб кай бинад туро,
Хобро чун ӯ намебинад ба хоб.

* * *

Чашми ӯ маст асту дар мастӣ шуда махмури хоб,
Дида гар бар ҳам занад, бунёди ҷон гардад хароб.
Бо лабаш гуфтам ҳадиси бӯса, шуд сурх аз ҳаё,
Ин сухан омад гарон бар лаъли ӯ, н-овард тоб.

Тез мекардам назар дар офтоби рӯйи ӯ,
Гар нагаштӣ чашми ман аз акси рухсораш пуроб.
Азми рафтан кард дилбар, гуфтамаш таъҷил чист?
Гуфт: Ман умри туам, худ расми умр омад шитоб.
Номае, гуфтам, ба хуни дил нависам пеши дӯст,
Боз мегӯям, ҳадиси мо нагунҷад дар китоб.
Кори ман чун зиндагӣ гардад ба як паймона рост,
Ман лаби худро наёлоям ба дарёи шароб.
Аз дили Носир кабобе мекунад чашмаш, вале
Масту лояъқил шуда-ст он турк, месӯзад кабоб.

* * *

Гар кушоӣ абри буркаъ аз ҳаё гардад гул об
В-аз ҳаводорӣ фишонад бар гули рӯят гулоб.
Буркаъе даркаш, ки рӯятро бисӯзад дил зи меҳр,
Аз латофат з-офтоб, оре, пазирад офат об.
Лаъли ту шаҳд асту ояд шаҳд ширинтар ба ком,
Чашми ту фитна-сту бошад фитна некутар ба хоб.
Холи ту дар зулф пинҳон – донае андар сипанд,
Лаъли ту дар ханда пайдо – заррае дар офтоб.
Гар бипечам бар ту худро, одати мӯяст печ
В-ар битобӣ рӯй аз ман, лозими моҳ аст тоб.
Тури ҳастӣ шуд ҳиҷоби кӯҳи Тури нестӣ,
Шуълаи барқи таҷаллӣ ку, ки сӯзонад ҳиҷоб!
Чун маоби ҳусн дар олам муқаррар иззат аст,
Нест Носирро ба ғайр аз кӯи ту ҳусн-ал-маоб.

* * *

Рафтем аз диёри ту бо дидаи пуроб,
Чун зулфи ту мушаввашу чун ҳоли ту хароб.
Маҳмил мабанд бар шутур, эй сорбон, ки мо
Маҳмил бар оби дида бибастем чун ҳубоб.
Ашкам дар остин шуду мегирадам инон,
Корам ба по фитоду гарон меравад рикоб.
Эй дида, дарди сар мадеҳу оби мо марез,
Ҳиҷрон на оташест, ки сокин шавад ба об.
Эмин наям зи фитнаи чашмат, ки мекунад
Як инқилоби чашми ту сад гуна инқилоб.

Ин заҳри фурқате, ки чашидам ба ҷойи май,
Сӯзест дар дилам, ки ҷигар мекунад кабоб.
Чун рӯзи ҳаҷр ёди висоли ту мекунам,
Гӯё ки дидаем магар хоби хуш ба хоб.
Дар дӯзах ар насими ту бошад, зиҳӣ наъим,
Дар ҷаннат ар фироқи ту бошад, зиҳӣ азоб.
Носир, дуои хасм магар дар ту кор кард,
Ё Раб, мабод даъвати бадхоҳ мустаҷоб.

* * *

Зард шуд рӯи ман аз заҳмати бедории шаб,
Накашад шамъ чу ман ранҷи гирифтории шаб.
Чарх олуда ба хун домани худ ҳар шоме,
Ошиқонро кунад огоҳ зи хунхории шаб.
Саги кӯят, ки бар ӯ подшаҳон рашк баранд,
Бо ман аст он ҳама аз давлати бедории шаб.
Ҳамчу умрам шаби васли ту ба зудӣ бигузашт,
Дар фироқи ту аз ин буд вафодории шаб.
Нолаи зеру бам аз ҳар рагам ояд чун чанг,
Гар ҳикоят кунам аз ҳаҷри тую зории шаб.
Дар шаби ҳаҷр маро аз рухи худ дур макун,
Ки сабукбориям ояд зи гаронбории шаб.
Субҳи равшан дамад аз меҳри рухат Носирро,
Гар сари зулфи сиёҳат накунад ёрии шаб.

* * *

Сирри муҳаббат зи дили мо талаб,
Ганҷу гуҳар дар дили дарё талаб.
Нақши ҷамолаш зи дили мо биҷӯй,
Давлати васл аз дари дилҳо талаб.
Беҳунару мункири дониш мабош,
Мардумӣ аз мардуми доно талаб.
Сар макаш аз ростии қадди ёр,
Давлату иқбол зи боло талаб.
Тирагии сӯфии бедард бин,
Равшанӣ аз дурди мусаффо талаб.
Дар ду ҷаҳон ёр нагунҷад зи ҳусн,
Ойинаи сурати зебо талаб.

Акси рухаш дар дили Носир бибин,
Дилбари моро зи дили мо талаб.

* * *

Ишқу беморию дарвешию сад таъни рақиб,
Ин ҳама ҷамъу мани маҳҷур танҳову ғариб.
Аз кӣ хоҳам ёрие, чун дӯст бо ман душман аст
В-аз кӣ ҷӯям марҳаме, чун ҳаст дардам аз табиб?
Шамъ дар ҷамъи ҳарифон рафт, аз он парвона сӯхт,
Гул қарини хор шуд, з-он гашт нолон андалеб.
Неш мо хӯрдем аз он нахлу мухолиф нӯш ёфт,
Хор бо мо мерасад з-он нахлу хурмо бо рақиб.
То магас аз хони султон хӯрда халқ инъоми ом,
Аз буруни дар гадоён монда хору бенасиб.
Иди васли ӯ ки мо аз вай баъид афтодаем,
Давлате бошад агар, гардад муяссар анқариб.
Ошиқу маъшуқро маънию сурат воҷиб аст,
Сурати дилбар аҷоиб, маънии Носир ғариб.

* * *

Эй ба ҳусн аз олами инсон ғариб,
Зоти инсонӣ бувад з-ин сон ғариб.
Ҳаст дар чоҳи занахдони ту дил,
Ҳамчу Юсуф дар чаҳи Канъон ғариб.
Саф кашида хайли мижгони сиёҳ,
Лашкари ҳинду ба Туркистон ғариб.
Дар гулу гулшан ба хоб афтодааст
Турки маст аз лашкари хоқон ғариб.
Чанд гардӣ дар саводи зулфи ӯ,
Эй дили мискини саргардон, ғариб.
Чун шафақ дар хун нишинад субҳу шом
Бе диёру ёру хонумон ғариб.
Ҷони ӯро чун ба сад ҷон меҳарад,
Кай барад аз шаҳри ҷонон ҷон ғариб.
Дарди хиҷронро, ки дармонеш нест,
Ҳам ба дарди дил кунад дармон ғариб.
Аз сари кӯи ту то Носир бирафт,
Ҳеҷ пурсидӣ, куҷо шуд он ғариб?

* * *

Зи мо ҳар лаҳза ранҷидан чӣ таъриб?
Либоси куҳна пӯшидан чӣ таъриб?
Ту медонӣ, ки шӯру фитна дар шаҳр
Зи дасти кист, пурсидан чӣ таъриб?
Рақибо, зулфаш ар сайёд бошад,
Туро бар хеш печидан чӣ таъриб?
Чу кардӣ аз лабат инъом бӯсе,
Ба охир ноз варзидан чӣ таъриб?
Макун, Носир, ба қаддаш нисбати сарв,
Дурӯғе бартарошидан чӣ таъриб?

* * *

Хизри вақтам, ба вафо зиндаву фориғ зи вафот,
Дорам аз чашмаи нӯши даҳанат оби ҳаёт.
Хатти ту анбатуллоҳу наботан, ҳасано,
Ҳаст бар ҳусн чу бар тунги шакар руста набот.
Килки ман аз сифати пистаи шӯрангезат
Найшакар гашт, ки сармояи қанд асту набот.
Соқиё, сабзхатонро, ки хитоишакланд,
Бӯса зан бар лаби ширин ба ҳамон хатту барот.
Даври сармастии мо дар рамазон фавт шудаст,
Хезу дарбанд миёнро ба қазои мофот.
Меҳри рӯят ба маҳи рӯза ҳилоли ид аст,
Сифати зардии ораз аразе лозими зот.
Бидеҳ он оби ҳаёте, ки зи акси нураш
Гард аз чашмаи хуршед барорад зулумот.
Бодае деҳ, ки чу Исо ба дами ҷонпарвар,
Асари рӯҳ расонад ба рамиму ба руфот.
Носир, аз кӯрии душман зи дилу дидаи худ
Гӯй бар қуббаи пурнури Муҳаммад салавот.

* * *

Як рӯз дар кӯи муғон зуннор бандам оқибат,
Гӯям аналҳақ, хешро бар дор бандам оқибат.
Гирям чунон, к-аз хуни дил мижгонам олуда шавад,
Гулдастаҳои сурхро бар хор бандам оқибат.

Резам зи ишқат обрӯ, то хоки роҳат гил шавад,
Дар пеши чашми душманон девор бандам оқибат.
Ҳар дам зи оҳи сарди худ расвои олам мешавам,
Ман бар даҳони хештан мисмор бандам оқибат.
Ҳамчун қабо аз зебу фар маъшуқро гирам ба бар,
Ҳамчун камар худро ба зар бар ёр бандам оқибат.
Гар ҳамчу Носир бо туам рӯзе мулоқот уфтад,
Роҳи назар бикшояму гуфтор бандам оқибат.

* * *

Чу соқӣ хоми хум дар ҷоми Ҷам рехт,
Ту гуфтӣ об бо оташ даромехт.
Кумайти бода чун дар гардиш омад,
Саманди ақл ҳамчун бод бигрехт.
Даруни ҷоми мино бодаи лаъл
Чу Рӯинтан, ки бо Рустам даромехт.
Чу аз май қатрае афтод бар хок,
Миёни сангу оҳан оташ ангехт.
Ба ёди ёр Носир ҷуръаи май
Ҳамехӯрд аз қадаҳ в-аз дида мерехт.

* * *

Кофар чӣ гунаҳ карду мусулмон чӣ ибодат,
Дебочаи ишқ аст, касеро чӣ иродат?
Чи савмаа, чи майкада, чи дайр, чи кӯҳсор,
Чи куфр, чи имон, чи нуҳусат, чи саодат.
Дар масҷиди ту, шайхи муқаллид, чӣ дароям,
Моро дари майхона бувад ҷойи ибодат.
Меҳре, ки дилам бо сари гесуи ту дорад,
Аз субҳи азал буд, на аз рӯзи валодат.
Ишқи ману ҳусни туву дарёи сиришкам,
Ҳар лаҳза фузун гардаду ҳар рӯз зиёдат.
Ҳар кас ба ҷаҳон маслиҳате дораду моро
Савдои ту пеша-сту ғами ишқи ту одат.
Эй турки паричеҳра, ки бурдӣ дили Носир,
Бемори ту ҷон медиҳад аз шавқи аёдат.

* * *

Он турки сияҳчашм, ки дил бурд ба ғорат,
Набвад ба асирон назараш ҷуз ба ҳақорат.
Розест миёнаш, ки ишорат натавон кард,
Сиррест даҳонаш, ки наёяд ба иборат.
Ҳоҷат набувад тир аз он чашм, ки моро
Ҷонест ба лаб, омада мавқуфи ишорат.
Аз ганҷи ғами ӯ дили обод хароб аст,
Чун ганҷи равон аст, нагунҷад ба иморат.
Ранҷур шудему қадаме ранҷа нафармуд,
Мурдем ба зорию наёмад ба зиёрат.
Эй кош, расад муждаи васлат ба асире,
То коси шаҳомат занаму кӯси башорат.
Акнун майи софӣ ба сабӯ мекашад аз чашм,
Сӯфӣ, ки ба ибриқ кашид оби таҳорат.
Бо қанди лабаш ҷони маро доду ситад шуд,
Ширинтар аз ин дида касе ваҷҳи тиҷорат?
Носир зи мубассир гуҳари баҳр баҳо ёфт
В-ин гавҳари манзуми ту аз аҳли басорат.

* * *

Зи нури меҳри ту дар моҳ тоб аст,
Туро парвона шамъу моҳтоб аст.
Чӣ мепурсӣ хабар аз олами дил,
Зи чашми масти ту олам хароб аст.
Шароб аз хуни мо хурдию моро
Ҷигар дар оташи ишқат кабоб аст.
Зи даври чарх беҳтар гардиши ҷом,
Агар соқӣ маҳу май офтоб аст.
Сари обе талаб, к-ин баҳри пуршӯр
Ба чашми мардуми оқил сароб аст.
Саволи бӯса кардам, зад ба рӯям,
Лабаш бо соилон ширинҷавоб аст.
Туро Носир ба ҳиммат аз Худо хост,
Дуоҳои ғарибон мустаҷоб аст.

* * *

Хушо вақти риндони ҳушёрмаст,
Ки бо ғусса шоданду бо нест ҳаст.
Ба маънӣ бузургу ба сурат ҳақир,
Ба ҳиммат баланду ба миқдор паст.
Шабу рӯз махмури хамри бало,
Азал то абад масти ҷоми аласт.
Чу наргис зи хони фалак серчашм,
Чу ғунча зи мулки ҷаҳон тангдаст.
Ба озодагӣ сар кашида чу сарв,
Вале монда дар бандагӣ пойбаст.
Чу маҳ тобнок аз рухи ҳамчу меҳр,
Чу моҳӣ гирифтори зулфи чу шаст.
Зи баҳри муроди касон номурод,
Ба паймон дурусту ба худ дар шикаст.
На чун зоҳидон худпарастӣ кунанд,
Агар дурднӯшанд, агар майпараст.
Агар Носир аз ҳаҷри эшон бисӯхт,
Ҳамин бас, ки чун хор бо гул нишаст.

* * *

Ин дам ҳузури суҳбати ҷонон ғанимат аст,
Бе бори тан мусоҳибати ҷон ғанимат аст.
Эй Юсуфи азиз, зи Мисри дилам даме
Берун марав, ки кулбаи аҳзон ғанимат аст.
Соқӣ, биёр бодаву булбул, бинол зор,
Чун рӯзи сабзаву гулу райҳон ғанимат аст.
Эй Носир, ар туро нафасе даст медиҳад,
Пеш ор ҷоми бода, ки даврон ғанимат аст.

* * *

Кӯи ту, эй ҳур, моро ҷаннат аст,
Дидани рӯйи ту моро миннат аст.
Оқибат рӯзе ба кӯи ту расем,
Мурғро пар, одамиро ҳиммат аст.
Бода менӯшӣ ту, ман хун мехӯрам,
Он хӯрад ҳар кас, ки ӯро қисмат аст.

Чун хаёлатро шабе дидам ба хоб,
Гуфтӣ аз ҳаҷри ту бар мо раҳмат аст.
Гуфт: Берун неҳ зи ишқи мо қадам,
Гар туро дар дил умеди роҳат аст.
Гуфтамаш: Бар суратат дил бастаам,
Гуфт: Ин маънӣ аҷоиб сурат аст.
Носиро, ҳар кас надорад сӯзи ишқ,
Доғи ин савдо нишони давлат аст.

* * *

Ишқи ту дуррест, к-онро ҷони ошиқ қимат аст,
Ҳар кӣ натвонист додан қиматаш, беҳиммат аст.
Мекунам бе миннате ҷонро нисори рӯйи дӯст,
Гар қабул афтад туро, бар ҷони ман сад миннат аст.
Ту Суҳайлӣ, то куҷо тобию кай толеъ шавӣ,
Нури ту ҳар ҷо ки метобад, нишони давлат аст.
Суратат мебинаму ҳайрони маънӣ мешавам,
То чӣ маънии латифӣ ту, ки инат сурат аст?!
Масти ишқам, мехӯрам заҳри ҷафо бар ҷойи нуқл,
Ошиқонро беҳтарин нуқле балову меҳнат аст.
Эй ки мебинӣ, ки меорам ба пеши бут намоз,
Таъна кам зан, ту намедонӣ маро чӣ нийят аст.
Дигар аз Носир ҳадиси ҷаннату дӯзах мапурс,
Дӯзахи мо ҳаҷри ёр асту висолаш ҷаннат аст.

* * *

Маро, ки ҳамчу най аз оҳу нола баргу навост,
Тане чу нол низору қаде чу чанг дутост.
Наво зи лаъли ту хоҳам ба бӯса лек нуҳуфт,
Агарчи бахт мухолиф шуду наёмад рост.
Зи баҳри диданат имрӯз фард меоям,
Маро на чашм бар уммеди ваъдаи фардост.
Агар ту раҳ ба дили танг мебарӣ, роҳ аст
Ба ҷойи дидаи равшан агар нишинӣ, ҷост.
Хирад зи фикри миёни ту дар хаёли муҳол,
Дил аз тасаввури зулфи ту дар каманди балост.
Ба оби дидаи ман кай хати ту биншинад,
Чунон ки аз пайи хунрези ошиқон бархост.

Агар ту дӯст бигирӣ ба лутф Носирро,
Бидон, ки чун сари зулфи ту кори ӯ бар пост.

* * *

Биё, ки то асаре аз вуҷуди ман барҷост,
Туро чу нури басар дар миёни ҷонам ҷост.
Чӣ ҷойи сарви саҳӣ дар канор чашма бувад,
Даруни чашмат агар ҷой кардаем, равост.
Ҳама ҳидояту лутфу вафо зи ҷониби туст,
Ҳама залолату ҷавру ҷафо зи ҷониби мост.
Мапӯш рӯй, чу бар ту гузар кунад дарвеш,
Ки чашми аҳли басар бар камоли суъни Худост.
Агарчи сарв басе бар ту сарфарозӣ кард,
Надид фоида, чун дасти қоматат болост.
Туро миёнаи ҷон ҷой кардаам чу алиф,
Зи ту чӣ моя ниҳон дорам, ин ҳикояти мост.
Чу турки чашми ту ақлам бидид, гӯша гирифт,
Касе, ки пеши камондор маст рафт, хатост.
Зарурат аст ба сахтӣ миёни бодия мурд,
Аз он ки ғояти пайдои ишқ нопайдост.
Рақиб гуфт, ки Носир зи ишқ сар биравад,
Ба зулфи дӯст, ки дар сар маро ҳамин савдост.

* * *

Дӯш хун аз дида мерондам, сиришкам огаҳ аст,
З-он ки ҳар шоме ба болини манаш манзилгаҳ аст.
Аз насими хоки кӯят хор дар пойи гул аст,
В-аз ҳавои меҳри рӯят тоб дар рӯйи маҳ аст.
Шоми ҳаҷри мо ба зулфат рост н-ояд сар ба сар,
Ғайри ин васфи дарозе ҳар чи гӯям, кӯтаҳ аст.
Қоматам чун тир буду гашт акнун чун камон,
Устухоневу пае мондааст, к-аз ғам дутаҳ аст.
Гумраҳе донад тариқи ошиқӣ, на раҳбаре,
Шермарде бояд ин раҳро, чӣ ҷойи рӯбаҳ аст.
Дар гумон будам зи воиз то ба акнун, к-аз шароб
Тавба фармудам, яқинам шуд, ки маскин аблаҳ аст.
Ҳафт мегӯянд гардунрову нуҳ, мо фориғем,
Майпарастонро чӣ ҳосил з-он ки ӯ нуҳ ё даҳ аст!

Шаб ҳама шаб нола кардам бар дари ӯ, ходиме
Гуфт: Носир, то кай ин фарёд, рав шаб бегаҳ аст.

* * *

Гар роҳи ҳарам чун сари зулфи ту дароз аст,
Аз Каъба даре бар дили ушшоқи ту боз аст.
То гӯшаи абрӯи ту меҳроби дили мост,
Моро на сари дайру на оҳанги Ҳиҷоз аст.
Як ошиқи покизаназар нест чу Маҳмуд,
В-арна ҳама атрофи ҷаҳон пур зи Аёз аст.
Майле, ки дилам сӯйи ту дорад ба ҳақиқат,
Аз дидаи маънист, на аз рӯйи маҷоз аст.
Аз ҳар ду ҷаҳон қибла сари кӯи ту дорам,
Дар ҷаннату фирдавс чӣ ҳоҷат ба намоз аст?
Дарбоз дилу дин ба дари майкада, Носир,
Май нӯш замоне, ки дари тавба фароз аст.

* * *

Моро ҳаваси суҳбати ҷонпарвари ёр аст
В-арна ғараз аз бода на мастӣ, на хумор аст.
Оташнафасон қимати майхона шиносанд,
Афсурдадилонро ба харобот чӣ кор аст?
Найро, ки наво аз лаби ёр аст ба ҳар ҳол,
Пайваста чаро ҳамнафаси нолаи зор аст?
Бояд талабад, то бирасад мард ба матлуб,
Шодиву ғаму роҳату ранҷу гулу хор аст.
То қатъи алоиқ накунӣ, васл наёбӣ,
Сангу гуҳару неку баду муҳраву мор аст.
Шоҳӣ ба чӣ корояду давлат чӣ таҷаммул,
Лашкар чӣ маҳал дораду зар дар чӣ шумор аст?
Дар савмаа касро нарасад даъвии тавҳид,
Манзилгаҳи мардони муваҳҳид сари дор аст.
Дастор чӣ корояду саҷҷода чӣ бошад,
Бар маркаби беқуввати рӯҳ ин ҳама бор аст.
Носир агар аз дард бинолад, аҷабе нест,
Маҳҷур зи ёр асту парешон зи диёр аст.

* * *

Даҳонат заррае гар тангбор аст,
Лабат дар дилнавозӣ хурдакор аст.
Дил аз дасти фароғат мебарад бор,
Дили ман, боракаллаҳ, бурдбор аст.
Чу чашмам дар ҳиҷоби ҳафт парда-ст,
Ба чашмат ин ки дорам, пардадор аст.
Дилу чашми маро чун дар миён аст,
Маро з-ин раҳгузар хун дар канор аст.
Ба уммеди ту рӯзӣ мешуморам,
Маро ҳар рӯз худ рӯзи шумор аст.
Саҳар қаллошаму дар шом риндам,
Ҳама шаб мастаму рӯзам хумор аст.
Ба дасти кас агар ҳаст ихтиёре,
Мусулмонон, маро ин ихтиёр аст.
Чу гавҳар меравад дар дасти шоҳон,
Ки дурри назми Носир шоҳвор аст.
Бимонад то абад дар гӯши айём
Гуҳарҳое, ки аз ман ёдгор аст.

* * *

Асаре дар қадаҳи бода зи лаъл ёр аст,
Қиблаи хастадилон хоки дари хаммор аст.
Сухани ақл дар ин кӯй надорад вазне,
Ишқ аз он дил, ки дар ӯ ақл бувад, безор аст.
Хабар аз сӯзи дилам нест касеро чун шамъ,
З-он ки чун ман ҳама шаб то ба саҳар бедор аст.
Соқиё, як нафасам бодапарастӣ фармой,
Ки маро дар дил аз ин нафспарастӣ ор аст.
Ҳоли бемории ман арза макун пеши табиб,
Ки табиб аз ғами дарди дили ман бемор аст.
Дуди савдои ту бигзашт ба бозори дилам,
Сӯхт сармояи рахте, ки дар ин бозор аст.
Дар раҳи ишқ куҷо хом тавон рафт, эй дил,
Пухта хоҳӣ ки шавӣ, сӯхтанат ночор аст.
Як қадам гар зи раҳи нестӣ орӣ берун,
Рост пиндор, ки дигар қадамат бар дор аст.

Пеши ағёр макун шарҳи ғами дил, Носир,
Ки на ҳар бехабаре маҳрами ин асрор аст.

* * *

Бар ҷаноби ишқ дил беқадру ҷон беқиммат аст,
То напиндорӣ азизонро бар ин дар иззат аст.
Ҳар кӣ хоки пойи ту шуд, гашт соҳибэҳтиром,
Дил ки дорад майли болои ту, олиҳиммат аст.
Кардаам бе миннате ҳамчун сабо ҷонро нисор,
Гар қабул афтад туро, бар ҷони ман сад миннат аст.
Ҷон диҳам ҳар субҳдам, то хуштар ояд баҳри ту,
Барнамеояд ба ҷаҳд, ин кор кори давлат аст.
Ҷисм аз он ҳазрат ҷудо афтодаву дил дар ҳузур,
Тан агар аз хидматат дур аст, ҷон дар хидмат аст.
Нозанинонро диҳад зинат ниёзи бедилон,
Манъи муштоқон макун ҷонро, к-аз инат зинат аст.
Суратат мебинаму ҳайрони маънӣ мешавам,
То чӣ маънии латифӣ ту, ки инат сурат аст?!
Соқиё, мозӣ гузашту нест мустақбал падид,
Чун қадаҳ холӣ магард аз май, ки ҳоло фурсат аст.
Дигар аз Носир ҳадиси ҷаннату дӯзах мапурс,
Дӯзахи мо ҳаҷри ёр асту висолаш ҷаннат аст.

* * *

Бар хони ҳусни ту намаке аз малоҳат аст,
Моро аз ӯ насиб намак бар ҷароҳат аст.
Соқӣ, биёр роҳ, ки роҳат диҳад ба рӯҳ,
К-ин роҳ рӯҳи ман ҳама аз ранҷи роҳат аст.
Аз ташнагӣ ҳалол намедонам аз ҳаром,
Май деҳ, ки май ба ҳукми зарурат ибоҳат аст.
Зоҳид, ки манъи суҳбати ҷонон ҳамекунад,
Аз вай хилофи ҳусни далели қабоҳат аст.
Гардам зи меҳр гирди замин ҳамчу осмон,
Дар садри бадр моҳ зи юмни саёҳат аст.
Носир, зи ту баёни маъонӣ бадеъ нест,
Шеъри фасеҳи ту зи камоли фасоҳат аст.

* * *

Ҳеҷ донӣ ки чаро ҳамнафаси ман бод аст?
З-он ки рози дили ман пеши касе накшодаст.
З-оби чашме, ки ба хуни ҷигараш парвардам,
Моҷарои дили шӯрида бурун афтодаст.
Пеши лаълат зи ҳаё об шавад чашмаи Хизр,
В-аз насимат нафаси боди сабо бар бод аст.
Кард озодии болои ту савсан, з-он рӯй
Бед ларзон шудаву сарв ба по истодаст.
Некбахт он ки чунон рӯйи муборак бинад,
Эй хуш он банда, ки дар давлату шодӣ зодаст.
Ҳар ҷафое, ки кунад дод, бигӯям, ки надод
В-ар зи лаълат надиҳӣ дод, дилам бедод аст.
Ҳама аз хомаи наққоши азал ҳайронанд,
З-он ки дар нақши рухат доди накуӣ додаст.
Дар ҷаҳон дил ба ғами ҳиндуи зулфат бастам,
Хуррам он, к-аз ғаму шодии ҷаҳон озод аст.
Як дам аз ҳар ду ҷаҳон қатъи назар кун, Носир,
Мард он аст, ки дил бар ду ҷаҳон нанҳодаст.

* * *

Зулфи сиёҳат пеши рух, ҳинду ба маҳтоб андар аст,
Дар оби дида рӯйи ман чун зар ба симоб андар аст.
Дар даври чашми кофарат гӯйӣ мусулмонӣ намонд,
К-он масти ҷоду бехабар хуфта ба меҳроб андар аст.
Ҳар гаҳ шавад рӯйи дилат як зарра аз мо тофта,
Ҳар дил, ки ёбад сӯзадаш, оҳан, ки дар об андар аст.
Чашми ту моро бегунаҳ гаҳ мекушад, гаҳ мекашад,
Ӯ менадонад қадри мо, оре, сараш хоб андар аст.
Бошад, ки аз хоки дарат боди иноят даррасад,
К-ин мардуми чашми маро киштӣ ба ғарқоб андар аст.
Дилро, ки хун шуд, раҳ диҳам бар дида баҳри равшанӣ,
К-имшаб зи акси рӯи ту маҳ чашмаи об андар аст.
Ҳаҷри ту Носирро хунук дар бистар андозад, вале
Бар ёди хатти сабзи ту бар фарши санҷоб андар аст.

* * *

Ба тамомӣ рухи ту моҳи тамоми дигар аст,
Сарви озод ба пеши ту ғуломи дигар аст.
Ҳама аз ишқи ту мастанду ман аз ишқи ту паст,
Масти ин майкадаро бода зи ҷоми дигар аст.
Фақр бо ҳиммати муштоқи ту истиғно аст,
Нанг дар мазҳаби ушшоқи ту номи дигар аст.
Гарчи дил ҷониби ёр асту назар сӯйи рақиб,
Ҳар дам аз дил ба суйи дида паёми дигар аст.
Ақл бо ишқ мухолиф шуду девона бимонд,
Ки мухолиф дигару рост мақоми дигар аст.
То сабо сӯйи ман аз дӯст паёмовари ӯст,
Гӯши ман мунтазир аз баҳри паёми дигар аст.
Дар ҷаҳон ҳаст чу Носир мутакаллим бисёр,
Лекин ин тарзи ғарибеву каломи дигар аст.

* * *

Тоқи абрӯйи ту пайвастаи даври қамар аст,
Шаби гесӯи ту наздики тулӯи саҳар аст.
Моҳи рухсори ту ҳар шаб, ки бигардад толеъ,
Чашми бедори ман аз аз ашк ситорашумар аст.
Он ки бигрифт туро чуст дар оғӯш, қабост
В-он ки дасте ба миёни ту дарорад, камар аст.
Сабаби дарди дили мост рақиби ту, валек
Натавон кард шикоят, ки сабаб муътабар аст.
Хабари васли ту аз боди сабо мепурсам,
Гарчи бемори хароб асту чу ман бехабар аст.
Пой аз доираи хатти бутон берун неҳ,
Эй дил, эй дил, ки саводи ғаму хатти хатар аст.
Аз ҳаво дар раҳи ишқи ту бувад гарду ғубор,
Гард бар домани ушшоқ аз ин раҳгузар аст.
Ба карашма назаре кард ба ман чашми хушат,
Ҳар чӣ ман ёфтам аз давлати он, як назар аст.
Носир, аз шукри лабат кард даҳонро ширин,
Вароқи дафтари ӯ коғази қанду шакар аст.

* * *

Зи дил кабобу зи дида шароб дар назар аст,
Биё, ки ҷумла шаробу кабоб дар назар аст.
Агар чу сарв туро майли гӯшаи об аст,
Гузар ба гӯшаи чашмам, ки об дар назар аст.
Ба ханда то бинамудӣ зи дурҷ лаълу гуҳар,
Маро зи ҳасрат он дурри ноб дар назар аст.
Гулоб бар гули сурист ё арақ бар рӯй,
Маро зи дидани он гул гулоб дар назар аст.
Чароғро бибар имшаб, ба гӯшае биншон,
Ки аз фурӯғи туам офтоб дар назар аст.
Хаёли чашми ту наргис ба хоб масте дид,
Бибин хаёл ҳанӯзаш, ки хоб дар назар аст.
Ба ёди бодаи лаълат мудом Носирро
Зи ҷоми дида ақиқи музоб дар назар аст.

* * *

Узри равшан ишқро рӯят бас аст,
Банди роҳи ошиқон мӯят бас аст.
Туҳмати тиру камон бар худ мабанд,
Оламеро чашму абрӯят бас аст.
Аз ғамат паҳлӯ ниҳодам бар замин,
Ин қадар моро зи паҳлӯят бас аст.
Юсуфи аҳдию ман Яъқуби вақт,
Равшании чашми ман бӯят бас аст.
Кист Носир, то дам аз ёрӣ занад?!
Гар бувад камтар дуогӯят, бас аст.

* * *

Май кумайти бодпойи тунду тезу саркаш аст,
Моҳи наъли тезрав монанди обу оташ аст.
Хоки разро гар на аз хуни Сиёвуш аст об,
Бода мардафкан чаро гардид, гӯйӣ саркаш аст.
Рӯзу шаб бе ҷоми май дорам хумору дарди сар,
Эй хушо ринде, ки ӯ бо шоҳиду май сарх(в)аш аст.
Ман дамодам мехӯрам хуни дил аз дасти қадаҳ,
З-он ки ӯ лаб бар лаби нӯшинбутони маҳваш аст.

Мешавам фарроши кӯйи майфурӯшон аз мижа,
Остони дайр болин, натъи[1] хокам мафраш аст.
Ҳамчу тиркаш[2] шуд зи тири чашми соқӣ синаам,
Ман чу қирбон гаштаам акнун, чи ҷойи таркаш[3] аст.
Ҳамчу Носир ҷони ширинро ба талхӣ медиҳад,
Ҳар ки монанди қадаҳ софидилу дурдикаш аст.

* * *

Аз оташи май дар хуми хаммор чӣ ҷӯш аст,
Дар майкада аз ҷӯшиши мастон чӣ хурӯш аст?
Он кас, ки ба як ҷав нахарад мулки ду олам,
Ринде зи гадоёни дари бодафурӯш аст.
Талхе, ки чашонӣ ба ман, эй соқии ширин,
Он гар ҳама неш аст, ки моро ҳама нӯш аст.
Шуд бандаи дандони ту дур аз буни дандон,
Гавҳар зи буни гӯш туро ҳалқабагӯш аст.
Дишаб сари саргашта ба болини ту хуш буд,
Имшаб сари ман хуш ба хаёли шаби дӯш аст.
Мехостам аз лаъли ту бӯсе бирабоям,
Чашми хуши ту гуфт, ки бемор баҳуш аст.
Печидаам аз ғусса шаби дӯш камарвор,
З-ин ғам, ки чаро бо ту қабо дӯш ба дӯш аст.
Пайке, ки гузорад сухани дӯст, фаришта-ст,
Қосид, ки расонад хабари ёр, сурӯш аст.
Маълуми ту, Носир, нашавад ҷуз ба хамӯшӣ,
Сирре, ки дар он ҳалқаи ёқут хамӯш аст.

* * *

Маро остонат панохе хуш аст,
Ки хоки дарат такягоҳе хуш аст.
Аз он хозини равза шуд чун Билол,
Ки ҳиндуи холат сиёҳе хуш аст.
Агар ишқбозӣ ба фатвои шаръ
Гуноҳ аст, аммо гуноҳе хуш аст.

---

[1] Натъ – бисоту фарш, чарме, ки рӯйи он менишинанд.
[2] Тиркаш – сӯрохии тирандозӣ дар девори қалъа.
[3] Таркаш – тирдон.

Чу моҳи муҳаррам қадаҳ дар рабеъ
Агарчи ҳаром аст, моҳе хуш аст.
Замони хушӣ чун беҳ аз нохушист,
Хирадмандро интибоҳе хуш аст.
Ба қавли мухолиф зи роҳам мабар,
Ки ушшоқро расму роҳе хуш аст.
Дили Носир аз васли ту хуррам аст,
Вилоят ба иқболи шоҳӣ хуш аст.

* * *

Соқӣ, бидеҳ он бода, ки хуршеди сабуҳ аст,
Роҳат сабаби рӯҳи дилу роҳати рӯҳ аст.
Тӯфони бало гирди ҷаҳон мавҷ баровард,
Май хӯр, чӣ хӯрӣ ғам, ки қадаҳ киштии Нӯҳ аст.
Аҳдест, ки кардам, ба Худо, тавба зи тавба,
Носеҳ, чӣ занӣ таъна, ки ин тавба насуҳ аст.
Бар дидаи мо боби саодат бикушояд
Хоки дар майхона, ки мифтоҳи футӯҳ аст.
Носир ба қисоси дили худ хуни лабат хӯрд,
Дилро зи лаби ту, ки бихӯрдаст, чи рӯҳ аст.

* * *

Эй ки хаёли рӯи ту нақши сарочаи дил аст,
Раҳ набарӣ ба ҳеҷ рӯ, ҷойи ту хонаи гил аст.
Ҳосилам аз ҷаҳону ҷон дарди сарест, чун маро
Аз дили номуроди худ ҷумла мурод ҳосил аст.
Ҳаст даре ба кӯйи ту хонаи майфурӯшро,
Дарнаравад ба кӯйи ту, ҳар кӣ зи хона ғофил аст.
Дида ба ҳар чӣ мениҳам, нақши ту дида мешавад,
Рӯй ба ҳар чӣ мекунам, рӯйи туам муқобил аст.
Коми ману даҳони ту, ин чӣ гумони фосид аст,
Дасти ману миёни ту, ин чӣ хаёли ботил аст?!
Ҳар кӣ чу ҷоми май бувад покзамиру софдил,
Дур набошад, ар лабаш бо лаби дӯст восил аст.
Шамъи абирбӯйи ман то ба кадом маҷлис аст,
Моҳи ситорачашми ман то ба кадом манзил аст?
Май хӯру ҳеҷ ғам махӯр в-ар зи ман ин ҳадисро
Гӯши ту хуш намекунад, нағмаи чанг қойил аст.

Носир, агарчи сар ба сар шеъри ту панди қобил аст,
Дӯст қабул мекунад, з-он ки азим қобил аст.

* * *

Фақеҳи кавдани мискин на марди суҳбати мост,
Биёр бода, ки ин як-дурӯза навбати мост.
Муқими кӯйи муғонему ринду ошиқу маст,
Кунун, ки рӯзи висол аст, субҳи давлати мост.
Касе, ки ақл надорад, куҷо кунад маълум
Дақиқаҳои ниҳонӣ, ки дар шариати мост.
Ман аз мутолиаи суратат шудам ғофил,
Хати ту бар вараqи гул китоби ҳикмати мост.
Биё, ки гар ту худойӣ, парастишат накунам,
Зиҳӣ худойпарастӣ, ки дар шариати мост.
Чаро намоз кунам баҳри бӯстони биҳишт,
Даме тафарруҷи дидори дӯст ҷаннати мост.
Нидои ғайб шунидаст борҳо Носир,
Ки зуҳду фисқи ҳама халқ дар машияти мост.

* * *

Меҳр чун соя раҳнишини шумост,
Муҳри иқбол дар нигини шумост.
Қоба қавсайн шакли абруйи туст,
Соқи арш андар остини шумост.
Ҳар чӣ дард аст, дар ниҳоди дил аст,
Ҳар чӣ ҳусн аст, дар ҷабини шумост.
Ду ҷаҳон пушт дар ҳимояти туст,
Оламе рӯй бар замини шумост.
Куфру исломи ман чӣ хоҳад буд?
Иқтидои ҳама ба дини шумост.
Ҷон ямин мехӯрад ба давлати васл,
К-он чи юмн аст, дар ямини шумост.
Ростбоз аст гуфтаи Носир,
Ин ҳам аз чашми ростбини шумост.

* * *

Умрест, то хаёли ту дар аҳди ҷони мост,
Ёди ту мӯниси дилу вирди забони мост.

Дар меҳнати фироқи ту хун шуд дилу ҳанӯз
Меҳри ту дар миёни дили хунфишони мост.
Бигзар ба турбатам, ки пас аз мо ҳазор сол
Бар хоки раҳ нишаста сиришки равони мост.
Гуфтам: Бигӯям аз ғами дил бо ту, ақл гуфт:
Он ҷо ки ишқи ӯст, чӣ ҷойи баёни мост?
Ҳаққо, ки дар миён наниҳам бо забони хеш,
Розе, ки дар миёни туву дар миёни мост.
Дидам яқин, ба сирри даҳонат намерасад
Чандон, ки мунтаҳои камолу гумони мост.
Носир вафои аҳд намояд ба ҳеҷ боб,
Ҳарчанд агар ҷафои ту дар хуну ҷони мост.

* * *

То танам, эй ҷони ширин, аз висоли ту ҷудост,
Ҳар бало, к-аз чарх нозил мешавад, бар ҷони мост.
Ҳаҷр, к-ӯ меоварад, ғам ҳамнишини ман шудаст,
Ё Раб, он васле ки он ғам мебарад аз дил, куҷост?
То мубаддал гашт рӯзи васли мо бо шоми ҳаҷр,
Дур аз хуршеди рӯят умри ман чун соя кост.
Доим андар чашми пурхунам хаёли рӯи ӯст,
Ӯ гул аст, олуда дар хун, гар ҳамегардад равост.
Мерасам дар хидматат, гар умри кӯтоҳам расад,
Ман вафодорам, вале даврони гардун бевафост.
Розиям, гар васл мехоҳӣ вагар ҳиҷрон зи ман,
Мо ризо дорем ҳукмеро, ки содир аз шумост.
Носир, он дилбар ки ғоиб шуд, даруни ҷонат аст,
Ёрро аз худ талаб, ҷон манзили он бевафост.

* * *

То доғи меҳри ёр чу маҳ бар ҷабини мост,
Хуршед шуълае зи дами оташини мост.
Мо ҳамчу зарраем ҳаводору ҳар саҳар,
Шамшери меҳр ғарқа ба хун баҳри кини мост.
Зулфи ту дини равшани мо тира мекунад,
Мӯи ту куфри мутлақу рӯи ту дини мост.
Доманкашон чу субҳи мунаввар тулӯъ кун,
Бингар тарози меҳр, ки бар остини мост.

Чашмат гирифта гӯша чу турկони роҳзан,
З-абрӯ камон кашида магар дар камини мост?
Ҳар шаб чу соя то сари мо бар замини туст,
Ҳар субҳ рӯи меҳри фалак бар замини мост.
Носир чу гард аз сари кӯи ту барнахост,
То зарраҳои хоки дарат ҳамнишини мост.

* * *

Ҷомаи мақсуди дил ҳаст ба қадди ту рост,
Чеҳраи зебои ту сурати маънии мост.
Нақши муроди дилам гум шуда буд аз азал,
Менигарам дар рухат, бо назарам ошност.
Ишқи ману ҳусни ту моили якдигаранд,
Майли ҳаво бо дарахт, майли дарахт аз ҳавост.
Ҷон манӣ, кас накард дурии ҷон ихтиёр,
Ҳаҷри ту бар мо қадар, васли ту бар мо қазост.
Зулфи ту аз боди субҳ чун шавад ошуфтатар,
Бар рухи мо по ниҳад дар сари ӯ тоҷҳост.
Гарчи ба хоби хумор чашми ту хуш хуфта аст,
Ғофили макраш наям, хуфта чу айни болост.
Ғайри рухат дар ҷаҳон дидаи Носир надид,
Хосияти ин назар бахшиши он хокрост.

* * *

Хидмати пири муғон мазҳаби деринаи мост,
Саҷда дар пеши бутон пешаи пешинаи мост.
Гар бихоҳем, ки бинем рухи худро сурх,
Майи равшан ба каф орем, ки оинаи мост.
Дили мо гарчи хароб аст зи дарду ғами ту,
Ғами ишқи ту дар ӯ ҳаст, ки ганҷинаи мост.
Сина чун субҳ шикофем ба теғи хуршед,
То бибинӣ асари меҳр, ки дар синаи мост.
Дӯш агар бар ту нашуд сӯзи дили мо равшан,
Шамъ ҷон дода ба субҳ аз ғами деринаи мост.
Ҷон кунам пешкаши ғамзаи шӯхи ту, ки ӯ
Дили бекина зи мо бурдаву дар кинаи мост.
Хишти хум бар сари Носир кулаҳи давлат шуд,
Ин замон бар сари хум хирқаи пашминаи мост.

* * *

Маро аз теғи ҳиҷрон дил дуним аст,
Ки аз васлаш умед, аз ҳаҷр бим аст.
Ҳадиси замҳарир аз оҳи ман пурс,
Ки андар синаам нори ҷаҳим аст.
Нахустин ишқи ман рӯзи азал буд,
Ниёзи мову нози ӯ қадим аст.
Ба нодонӣ агар кардам гуноҳе,
Ҳамедонам, ки табъи ӯ карим аст.
Махон, эй бода, наргис чашми ӯро,
Ки бемориаю фикри ту сақим аст.
Ба рӯяш ҳалқа карда мори гесӯ,
Яди байзову суъбону Калим аст.
Ҳама сармояи савдои Носир
Рухи чун зарру ашки ҳамчу сим аст.

* * *

Дил пур аз дарду дида пурхун аст,
Ҳолам ин аст, ҳоли ту чун аст?
Умри Маҷнун агар равад, гӯ: бош,
Ҷони Лайлӣ, ки умри Маҷнун аст.
Эй ки сарчашмаи ҳаёти манӣ,
Чашми ман бе ту чашмаи хун аст.
Кӣ расонад ба самъи маймунат
Сухани ман, ки дурри макнун аст?
Васфи шавқат ба нома чун гӯям,
Шавқи ман чун зи васф берун аст.
Варақи гул шудаст номаи ман,
З-он ки аз оби дида гулгун аст.
Ҷони Носир зи дарди ишқ бисӯхт,
Номаро ин ҳадис мазмун аст.

* * *

Парешонам чу зулфат, ҳолам ин аст,
Бигуфтам мӯ ба мӯ – аҳволам ин аст.
Кашам дарёи хун аз дида ҳар дам,
Дамодам ҷоми моломолам ин аст.

Ҳумоюн булбули бустони ишқам,
Диле дорам шикаста, ҳолам ин аст.
Зари рухсора дар поят фишонам,
Ба ҳар ваҷҳе, ки бошам, молам ин аст.
Гадоӣ мекунам бар остонаш,
Нишони давлату иқболам ин аст.
Бибинам кӯрии чашми рақибон
Ба рӯзи саъди рӯят, фолам ин аст.
Агар олам бибахшад коми Носир.
Чӣ бояд кард, кори олам ин аст.

* * *

Шамоили ту, ба ҳар ҳол, дар хаёли ман аст,
Зиҳӣ хаёл, ки дар эҳтимоми ҳоли ман аст.
Намонд дар назарам нақши ҳеҷ меҳробе,
Ҷуз абруи ту, ки пайваста дар хаёли ман аст.
Танам заифу лабат қанду чашми ман соил,
Бидеҳ ҷавоб, ки сад ваҷҳ дар саволи ман аст.
Қадам, ки чун алифе буд, хам гирифт чу нун,
Далели рост ҳамин қомати чу доли ман аст.
Ҳадиси васл чӣ гӯям, ки ман наям, ҳама ӯст,
Дар он замон, ки ба маъшуқ иттисоли ман аст.
Рақиб, таънаи Носир ба айби ишқ мазан,
Ки ҳар чӣ пеши ту нуқсон бувад, камоли ман аст.

* * *

Ин хами болои дутоҳи ман аст,
Ё хзаёли абрӯи моҳи ман аст.
Ашки ман бар хоки раҳ диду бигуфт,
К-ин чӣ хунҳо дар гузаргоҳи ман аст?!
Дил ҳаме хоҳад зи лаълат бӯсае
Лутф фармо, он чи дилхоҳи ман аст.
Аз вафо сар мекашад сарви баланд,
Ин ҳама аз дасти кӯтоҳи ман аст.
Мутрибо, як дам раҳи «Ушшоқ» зан,
То ба роҳ оям, ки он роҳи ман аст.
Оқибат то дар чӣ ҳолам афканад,
Бахти гумроҳам, ки ҳамроҳи ман аст.

Ё Раб, он ду риштаи печон чу моҳ
Дар қафои ӯ магар оҳи ман аст?
Дигарон андар паноҳи ҳар касанд,
Ман ғуломи он, ки ӯ шоҳи ман аст.
Хирмани ҳастии Носир ҷав ба ҷав,
З-ашки сурху рӯйи чун коҳи ман аст.

* * *

Шаробхона биҳишт асту ёр ҳури ман аст,
Биҳишту ҳур дигар ҷустан аз қусури ман аст.
Биёр май, ки ман аз хештан парешонам,
Маро зи хеш чу ғайбат фитад, ҳузури ман аст.
Ман аз таҷаммули дунё намешавам мағрур,
Ки ҳар матоъ ки ӯ медиҳад, ғурури ман аст.
Вуҷуди ғайр набошад раво даруни дилам,
Маҷоли ғайри ту кай дар дил ғаюри ман аст?
Шавад чу коҳ агар, бори худ ниҳам бар кӯҳ,
Ғубори ҳиҷр, ки дар хотири сабури ман аст.
Зи домани тари худ каф ҳамезанам бар рӯй,
Чу ҳиҷри талхии комам зи бахти шӯри ман аст.
Зи ҳаҷр дидаи Носир рамад гирифт, чӣ бок,
Ғубори хоки сари кӯи ӯ зарури ман аст.

* * *

Агарчи ғамзаи хунрези ту балои ман аст,
Сиришки лаълу зари чеҳра хунбаҳои ман аст.
Маро, ки аз ту ба сад теғ барнатобам рӯй,
Чӣ ғам зи тири маломат, ки дар қафои ман аст.
Маро чу дар назарам саркаше ба ҷои ту нест,
Бар остонаи ту ҳар саге ба ҷойи ман аст.
Ҷафо зи ҳад набарӣ, то дуои бад накунам,
Ки офтоби ту дар сояи дуои ман аст.
Шабе, ки пойи бутамро ба дида молидам,
Бигуфт: Хок бар ин сар, ки зери пойи ман аст.
Барои кӯрии бадхоҳи ман зи хоки дарат
Фирист туҳфаи чашмам, ки тӯтиёи ман аст.
Чӣ илтифот намояд ба салтанат Носир,
Агар равад ба забонат, ки ӯ гадои ман аст.

* * *

Маро ҳосил зи умри худ ҳамин аст,
Ки он дилдор бо худ ҳамнишин аст.
Надорам дар назар ҷуз қомати ӯ,
Ҳамеша чашми ошиқ ростбин аст.
Хиромон шуд магар он сарв дар боғ,
Ки атрофи чаман хулди барин аст.
Саводи дидаро созам бисоташ,
Чаро он пойи нозук бар замин аст?
Нишаста моҳи ман чун хирмани гул,
Дар ӯ хуршеди тобон хӯшачин аст.
Наёрам кард дарвешӣ ба ҷое,
Ки чашми ҳосидон андар камин аст.
Зи дини худ равад бар бод Носир,
Агар донад, ки майли ӯ бад-ин аст.

* * *

Ошиқ ба кӯйи ишқ надонам, ки чанд хост,
Донам, ки ҳеч кас на чу ман мустаманд хост.
Бар чархи ҳусн рӯйи ту моҳи тамом шуд,
Дар боғи ишқ қадди ту сарви баланд хост.
Бӯсам лаби туро, даҳанам пуршакар шавад,
Унноб буд бори дарахти ту, қанд хост.
Бандӣ камар ба нозу дар абрӯ гиреҳ занӣ,
Чун найшакар ниҳоли қадат банд-банд хост.
Шуд тӯтиёи дидаи мардони роҳбин
Гарде, ки дар раҳи ту зи наъли саманд хост.
Аз дарди ишқ нолаи Носир ғариб нест,
Дар чанги гург наъра ҳам аз гӯсфанд хост.

* * *

Сарви болои туро оби равон аз чашми мост,
Гар нишонад рӯзгораш дар канори мо, равост.
Ҷойи ту донам, ки доим дар дили реши ман аст,
Лекин он мискини саргардон намедонам куҷост?
Ёди лаълат мекунам, он ҳаст савте дар нуҳуфт,
Васфи болои ту мегӯему он қавлест рост.

Дар чаман рӯйи гул аз шарму хиҷолат сурх шуд,
В-аз ҳаё дар пеши қаддат ҳеҷ сарве барнахост.
Гар муқорин мешавад бо меҳри ту моҳ, аз камист,
Гар ташаббуҳ мекунад бо зулфи ту мушк, аз хатост.
Бори савдоят кашам, ё бори ғам, ё бори ҷон,
Раҳмате кун чун ба гӯшат мерасонам борҳост.
Нолаи Носир шабе бишниду гуфто: Эй табиб,
Хоби хуш ҳаргиз намебинам, чӣ рӯзи ин гадост.

* * *

Бо ҳавас бегона гардад, ҳар кӣ бо ишқ ошност,
Ишқро раҳ дар диле бошад, ки холӣ аз ҳавост.
Ошиқо, худро раҳо кун, ҷониби маъшуқ гир,
Васли ёр он кас ҳамеёбад, ки ӯ аз худ ҷудост.
Аз дарун бут мепарастӣ, аз бурун ин саҷда чист?
Рост мебояд, ки бошад дил, чи қолаб каҷ, чи рост.
Дӯстро дар ломакон ҷустан зи роҳи нестӣ,
Нестро бо бутпарастӣ, к-ӯ ба ҳастӣ мубталост.
Хуни ошиқро баҳое нест андар дини ишқ,
Куштани маъшуқ ошиқро беҳ аз сад хунбаҳост.
Кай бароядҷон ба зӯри панҷаву бозуи ишқ,
Оҳувонро тоқати сарпанҷаи шерон куҷост?
Ишқ хоҳад монд, гар Носир намонад, бок нест,
Нақши мавҷе гар фано шуд, оби дарёро бақост.

* * *

Гар дилам дар бар чу оташ беқарор афтодааст,
Дурри дарёи саршикам обдор афтодааст.
Сунбулат аз гулпарастӣ дар чаман печидааст,
Наргисат аз хоби мастӣ дар хумор афтодааст.
Эй саҳоб, аз дида обе зан, ки боди субҳро
Дар миёни дӯстӣ бо гул ғубор афтодааст.
Чашми бемори туро танҳо на мо мирем зор,
Куштаи қаддат ба ҳар гӯша ҳазор афтодааст.
Дил, ки лофи шермардӣ зад, забуни ишқ шуд,
Оҳувони ширгиратро шикор афтодааст.

Гавҳари чашмам зи баҳри Ҳинд меояд ба Рум,
Сунбули зулфат зи Чин дар Зангбор афтодааст.
Сабр дорам дар фироқу нестӣ дар ошиқӣ,
Чора набвад, чун балоро чорз-чор афтодааст.
Бо паём афтод кору кас наёрад шуд расул,
Эй сабо, бархез, агар ёрӣ, ки кор афтодааст.
Дар миёни баҳри ваҳдат ғарқа шуд ҷон қатрасон,
Дил, ки хун мешуд, зи дида дар канор афтодааст.
Кист, к-аз Носир бигӯяд бо ту, эй ёри азиз,
Бар сари кӯят Бухорӣ хору зор афтодааст.

* * *

Ҳамчу зулфат кори ман бо ту дароз афтодааст,
Сад раҳам афтода буд ин кор, боз афтодааст.
Бандаи шӯридае дар банди шоҳе мондааст,
Пашшаи саргаштае дар чанги боз афтодааст.
Зулфи мушкини ту ҳоли мо парешон кардааст,
Лаъли майгуни ту моро чорасоз афтодааст.
Наргиси масти ту дар меҳроби абрӯ аз чӣ рӯ
Ҳамчу зуҳҳоди ҳарис андар намоз афтодааст?!
Чун тавофи Каъбаи рӯят кунад дил дар самоъ,
Лоҷарам, дар ҷонам оҳанги Ҳиҷоз афтодааст.
Охир, эй най, як замон аз суҳбати риндон манол,
Бенавоёнро даме бо ту ниёз афтодааст.
Нолаи бедоду оби чашми пинҳонам чӣ суд?
Таштам аз бому ниқоб аз пеши роз афтодааст.
Гар раванд аҳли ҳақиқат дар пайи хубон,чӣ бок?
Роҳи он иқлим дар кӯйи маҷоз афтодааст.
Дар ҳавои маҷлиси хоси ту Носир ҳамчу шамъ
Рӯзҳо мурдасту шабҳо дар гудоз афтодааст.

* * *

Омад баҳору мавкиби гулҳо расидааст.
Лола алам ба кӯҳу ба саҳро кашидааст.
Булбул суруд гуфта, сарандоз гашта сарв,
Ғунҷа зи шавқ ҷуббаи хазро даридааст.

Дар чашми шӯхи наргиси ӯ ҳеч шарм нест,
Кӯрест, к-он ду наргиси раъно надидааст.
Сабза синон кашида ҳаме гӯяд обро,
Нодида магзаред, ки гулҳо дамидааст.
Бар боми чарх рафт дилу зери бори ӯ
Пушти дутои гунбади хазро хамидааст.
Дил гуфт тарки Носиру омехт бо ғамаш,
Ӯ қатра буд, ҷониби дарё давидааст.

* * *

Он хоки равшани ту, ки чун нури дидаст,
Холест, к-аз сиёҳии чашмам чакидааст.
Равшан шудаст дида, ки дидаст рӯйи ту,
Маст аст гӯши дил, ки паёмат шунидааст.
Чандин ҳазор дида кушодаст осмон,
Моҳе чу рӯйи хуби ту ҳаргиз надидааст.
Олам хароб гашт, чаро чашмат аз мижа
Ду лашкари балои сияҳ баркашидааст?
Хун меравад аз обилаи пойи ашки ман,
Азбаски гарм дар талаби ӯ давидааст.
Бо ман магӯ, чаро равад аз дидаи ту хун,
Бо ғамза гӯ, ки дар ҷигари ман халидааст.
Носир, гумон мабар, ки шавад аз ғамат малул,
К-ӯро Худой аз ғами ишқ офаридааст.

* * *

Биёр бода, ки ҳангоми шайду қаллошист,
Замони риндиву мастиву рақсу авбошист.
Бунафша дар ҳарами бӯстон ба атторист,
Насим бар варақи ёсуман ба наққошист.
Сабо ба сӯйи сабуҳикашон паём овард,
Ки абр бар сари гулзор дар гуҳарпошист.
Ба бод гуфтам: Дар базми мо биё, биншин,
Шукуфа гуфт, ки ӯ дар мақоми фаррошист.
Магӯ, ки Носир, аз он май маҳӯр, ки фош шавӣ,
Маро, ки шуҳраи шаҳрам, куҷо ғами фошист.

* * *

Дилбаро, гирди сарат ҷону ҷаҳон гардон аст,
Каъбаи васли ту мақсуди ҷаҳонгардон аст.
Ҳар киро дарди муҳаббат нашавад домангир,
Остин бар сараш афшон, ки зи номардон аст.
Чун хату холи ту паргори муҳандис накашид
Нуқтаи фард, ки дар доираи фард он аст.
Дида дар пойи хаёли ту гуҳар кард нисор,
Чашми ман хоки кафи пойи ҷавонмардон аст.
Равшанӣ ёфт рухи зарди ман аз сӯз чу шамъ,
Равшанӣ лозимаи чеҳраи рухзардон аст.
Ҳар кӣ бо піразани даҳр кунад майл, зан аст,
В-он ки мардона аз ӯ даргузарад, мард он аст.
Носиро, хонаи афлок нашуд ҷойи қарор,
З-он ки нуҳ маҳмили ӯ гирди ҷаҳон гардон аст.

* * *

Нуқл аст лаби ту ё шароб аст,
Ё оташу дил аз ӯ кабоб аст?!
Як қатра зи ҷоми туст дарё,
Як зарра зи ҳуснат офтоб аст.
Шамъӣ туву дида ҷойи торик,
Ганҷӣ туву ҷони мо хароб аст.
Гуфто, ки маро ба хоб бинӣ?
Бо дарди туам чӣ ҷойи хоб аст?!
Бар сафҳаи маҳ хати ғуборат
Хаттест, ки аҳсан-ул-китоб аст.
Соқӣ, қадаҳе, ки ташна мурдам,
Саққоии ташнагон савоб аст.
Нуҳ гунбади чарх пеши Носир
Чун бар сари ҷоми май ҳубоб аст.

* * *

То қавси абруи ӯ дар офтоб пайваст,
Зулфи каҷаш зи абрӯй тарфе зи моҳ барбаст.
Аз по даруфтодам, то дӯст даст гирад,
Ёрӣ намекунад по, ёрам намедиҳад даст.

Мӯйи миёни ӯро аз нозукӣ миён нест,
Бошад, ки баркушояд розе, ки дар миён аст.
Мафтуни фитна гаштам, к-ӯ фитна аст мутлақ,
Бархост, фитна бархост, биншаст, фитна биншаст.
Дӯшина доми зулфаш бинмуд донаву хол,
Ман мешудам муқайяд, боди сабо ҳамеҷаст.
Фардо, ки ҳамчу наргис аз хок сар барорам,
Чун чашми майпарасташ махмур бошаму маст.
Дар баҳри оби дида ғарқем ҳамчу моҳӣ,
Дар ҳалқи тори зулфаш панҷоҳ ҳалқаву шаст.
Носир, шикаста-баста бинвишт васфи зулфаш,
То дар забони хома печид мӯю бишкаст.

* * *

Зулфат ба шӯру фитна агар қалби мо шикаст,
Умраш дароз бод, ки бишкасту бозбаст.
Боди сабо зи фарқи ту бӯе ба Чин расонд,
Шуд фарқ дар миёни мусулмону бутпараст.
Ошуфта ҳамчу наргиси бемори ту хушем,
Гоҳе зи ҷоми лаъли ту махмуру гоҳ маст.
Ҷоми Ҷам аст косаи сар майпарастро,
Хуш вақти ман, ки сархушам аз бодаи аласт.
Ту ҳамчу гул азизию мо ҳамчу хор хор,
Ту ҳамчу маҳ баландию мо ҳамчу хок паст.
Эй дӯст, даст гир, ки сар мениҳам ба пой,
Эй сабр, пой дор, ки дил меравад зи даст.
Дар доми зулфи ту ману боди сабо шудем,
Ман сайди қайд гаштаму боди сабо бичаст.
Носир зи ҳабси тан ба гулистони рӯҳ шуд,
Бишкаст андалеб қафасрову боз раст.

* * *

Туро шамоили мавзуну шеваи хуб аст,
Ки вазъу ҳайати матбӯъу шакли марғуб аст.
Шиори шаъри сияҳ бар баёзи орази ту
Чу оразест, к-з ӯ офтоб маҳҷуб аст.

Баёни қиссаи Хизр асту шарҳи сураи «Намл»,
Хате, ки бар вараҷи чеҳраи ту мактуб аст.
Туро ба ҷону сар, эй дӯст, узр мехоҳам,
Ки сар ба пойи ту дарбохтан на маҳсуб аст.
Чу Юсуфе, ки зи чанги уқоби гесуи ту
Дили шикастаи моро иқоби Яъқуб аст.
Чу мушк хуни ҷигар хӯрду ҳамчу уд бисӯхт,
Чу нофа ҳар кӣ ба оҳуи ишқ мансуб аст.
Зи ифтироқи адам то ба иттисоли вуҷуд
Баҳона буд, ғараз иттисоли маҳбуб аст.
Касе, ки сабри ману ашки ҳамчу тӯфон дид,
Бигуфт: Носир агар Нӯҳ нест, Айюб аст.

* * *

Бо руху зулфи ту дилро рӯзи бозор имшаб аст,
То дар ин савдо барояд, ҷони ширин бар лаб аст.
Дар сари зулфи ту дилҳои парешон ҷамъ шуд,
Ҳалқа-ҳалқа ҳар шабе фарёди ё Раб, ё Раб аст.
Хост, то аз моҳи рӯят чарх тобад рӯйи меҳр,
Офтоб аз шарм сурху зарду дар тобу таб аст.
Шорибе хамр аст хатти мушкборат гирди лаб,
Хизрро монад, ки аз оби ҳаёташ машраб аст.
Чашми соқӣ дар хами абрӯст тир андар камон,
Рӯйи шоҳид дар шиканҷи зулф маҳ дар ақраб аст.
Сураташ аз рӯйи маънӣ ҷон ба қолаб медиҳад,
Ҷон фидои қоматаш, то ҷони ман дар қолаб аст.
Чандам, эй зоҳид, ба ҳар мазҳаб далолат мекунӣ,
Мазҳаби мардони роҳи ишқ тарки мазҳаб аст.
Оби чашм аз заъф Носирро ба ҳар сӯ мебарад,
Дар тариқи ошиқӣ гулгуни ашкам маркаб аст.

* * *

Маро, ки нашъаи рӯҳ аз майи муғонаи туст,
Димоғи ақл тар аз нағмаи таронаи туст.
Наям чу уд, ки аз чанги ёр менолад,
Хурӯши ман ҳама аз нолаи чағонаи туст.
Нишони зулфи ту омад хитомаи маслак,
Нишон агар талабӣ, шабҳаи нишонаи туст.

Аз он миён ба каноре ризо диҳам чу камар,
Аз ин миён ғаразам лутфи бекаронаи туст.
Баҳонае, ки фазилат бувад, намеёбам,
Умеди ман ҳама бар фазли бебаҳонаи туст.
Ба осмон сари ҳиммат фурӯ намеорад
Танам, ки муътакифи хоки остонаи туст.
Саманди фикр, ту, Носир, ки тез меронӣ,
Ба форисӣ масал аз зарби тозиёнаи туст.

* * *

Макун маломати дурдикашони бодапараст,
Ки ҷойи ақл набошад димоғи ошиқи маст.
Ҳадиси ҳарзаи воиз куҷо ба гӯш орам,
Маро, ки бехудам аз ҷуръаи шароби аласт!
Чӣ тавба буд, ки овоза дарфитад, ки фалон
Дуруст кард вафои қадиму аҳд шикаст.
Бар ҳар насим зи кӯйи ту барнахоҳам хост,
Ки бар дари ту ғуборам ба оби дида нишаст.
Маро зи таънаи душман чӣ ғам, ки хотири ман
Балои ишқ гузид, аз балои хеш бираст.
Хаёли рӯйи ту буд, аз дарам даромад дӯш,
Танам зи пой даромад, дилам бирафт зи даст.
Дилам чу дид, ки шодии рӯзгор ғам аст,
Ба кул рамид зи шодию бо ғамат пайваст.
Дили шикастаи Носир чӣ ҷойи суҳбати туст,
Ба дида ҷойи ту созам, ки ҷойи онат ҳаст.

* * *

Маштоб як дам, сорбон, к-аз гиря поям дар гил аст,
Раҳме, ки ин саргаштаро по дар гилу раҳ дар дил аст.
Ман худ нахоҳам шуд зи ҷон ҳаргиз ба осонӣ ҷудо,
Гар ҷон ҷудойӣ мекунад, корам бағоят мушкил аст.
Вақти раҳил он моҳро гуфтам, ки дар маҳмил нишин,
Гар ҳамл бар ҷон мекунӣ, шояд ки он ҳам маҳмил аст.
Гаҳ хайма бар чашмам занад, гоҳе фуруд ояд ба дил,
Манзил ба манзил меравад в-он моҳ, ки ҷонаш манзил аст.
Ҷонон сафар кардасту ҷон оҳанги рафтан мекунад,
Натвон ба зӯраш доштан, чун ӯ ба ҷонон восил аст.

Ҳар манзиле, к-он маҳ равад, аз дил нахоҳад шуд бурун,
Чун ӯ муҳити ишқ шуд, ҳафт осмонро соил аст.
Носир, миёни пову сар фарқе макун дар роҳи ӯ,
Ошиқ зи сар созад қадам, гар дар муҳаббат комил аст.

* * *

Ту дар барию дидаи бадхоҳ бар дар аст,
Бар дар чӣ боки душман, агар дӯст дар бар аст.
Чашмат ба нӯки ғамза маро тирдӯз кард,
Зулфи туро ҳанӯз чӣ ошӯб дар сар аст?!
Булбул ба бод меравад аз дард ҳар замон
Аз ҳусну ноз дар сари гул боди дигар аст.
То ман рухи туро ба сифат меҳр гуфтаам,
Шармандаам, ки васфи ҷамолат на дарх(в)ар аст.
Азбаски хун гиристаам бар дари ту дӯш,
Пурхун шудаст хоки дару остон тар аст.
Гар хок бар сарам кунӣ, аз кӯйи хеш кун,
З-он рӯ ки хоки пойи ту бар сар накӯтар аст.
Носир зи теғи ту натавонад, ки сар кашад,
К-он ҳукми қотеъ аст, ки бар мо муқаддар аст.

* * *

Сунбули тозаи ту бар гули сероб хуш аст,
Наргиси масти ту дар гӯшаи меҳроб хуш аст.
Ҳоҷати шамъи муанбар набувад пеши рухат,
Муфлисонро ватан аз партави маҳтоб хуш аст.
Нақши болои ту дар дидаи ман ҳаст муқим,
Манзили сарви саҳӣ бар тарафи об хуш аст.
Чашми пурфитнаи мастат, ки балоест сиёҳ,
Як замон, гӯ, машав огоҳ, ки дар хоб хуш аст.
Анбар аз тоб бисӯзад, чу расад бар оташ,
Аҷаб аз турра, ки бар рӯйи ту дар тоб хуш аст.
Хуш нашуд дарди дили ман ба мудовои табиб,
Гар чашонӣ зи лабат шаккару уннob, хуш аст.
Акси ёқути лабат дар назари Носир ҷӯй,
Дидани лаъл зи сарчашмаи симоб хуш аст.

* * *

Мо чунин бедилу дилбар натавонем нишаст,
Низ бе он маҳи анвар натавонем нишаст.
Беҳ аз он нест, ки чун сабза ба пояш афтем,
Гар бад-он сарви суманбар натавонем нишаст.
Бе сару пой чу гӯйем дар ин раҳ ғалтон,
Ба сари дӯст, ки бесар натавонем нишаст.
Медавам соясифат дар пайи ту, эй хуршед,
Ки ҷудо аз ту мукаддар натавонем нишаст.
Рӯйи исломи ман ар рафт зи зулфат бар бод,
Дон, ки дар ҳалқаи кофар натавонем нишаст.
Медароям зи суйи равзани ту чун зарра,
Беш чун гард бар он дар натавонем нишаст.
Чӣ диҳӣ панд, ки бе дӯст ба ишрат манишин,
Эй бародар, ки бар озар натавонем нишаст.
Ҳамчу лола сари Носир биравад зуд ба бод,
Ки даме бе маю соғар натавонем нишаст.

* * *

Дасти ман ҳамчу дилу дил чу даҳонат танг аст,
Ашки ман бо маю май бо лаби ту ҳамранг аст.
Ҳама то боди сабо зулфи ту доранд ба чанг,
Ба ҷуз аз ман, ки маро боди сабо дар чанг аст.
Ман дуо гӯям, агар дӯст бигӯяд дашном,
Мо ба сулҳем, агар ёр ба мо дар ҷанг аст.
Чанг дар ман мазан, эй воизу маъзурам дор,
Ки дили ман ба маю гӯш ба бонги чанг аст.
Ҳар кӣ наздик ба ақл аст, бувад дур аз ишқ,
Ки миёни хираду ишқ басе фарсанг аст.
Дар раҳи ишқ агар меравӣ, инак сару санг,
Ки дар ин бодия ҳар ҷой саре бар санг аст.
Майли Носир ба суйи роҳи Ироқ асту Ҳиҷоз,
Мутрибо, з-ин ду мақомат ба кадом оҳанг аст?

* * *

Ёр гар аз дида пинҳон аст, пайдо дар дил аст,
Гар ба сурат мекунад дурӣ, ба маънӣ восил аст.

Ман ба сар оям ба сӯйи ӯ чу об ошуфтавор,
Гар наояд сарви мо, шояд ки пояш дар гил аст.
Ман чу сарвам истода пеши ӯ бар як қадам,
Ӯ чу шохи ёсуман ҳар дам ба сӯе моил аст.
Пардаи танро ба оҳи дил бихоҳам сӯхтан,
З-он ки ӯ андар миёни ҷону ҷонон ҳоил аст.
Сирри пинҳон аст Ҳақро бо даҳонат дар миён,
Ҳар кӣ воқиф нест аз асрори ҳуснат, ғофил аст.
Ту маро ҷонию ман худро чу қолаб дидаам,
Гар ҷудоӣ бар ту осон аст, бар ман мушкил аст.
Нест Носирро ба олам ҷуз висолат ҳосиле,
Ҳар киро ҳосил нагардад васли ту, беҳосил аст.

* * *

Чун мастии он наргиси пурфитна мудом аст,
Гӯши ману бонги наю дасти ману ҷом аст.
Гар ахтари мақсуд ба мо хуш набарояд,
Моро рухи зебои ту, эй моҳ, тамом аст.
Рухсори туро лолаи дилсӯха ҳиндуст,
Гесӯйи туро савсани озода ғулом аст.
Хуш бод шабу рӯзи ту, эй бод, ки доим
Ман дуру туро раҳгузар он гӯшаи бом аст.
Носир ба хароботи муғон дӯш гузар кард,
Бишнуд нидое, ки «туро хирқа ҳаром аст!»

* * *

Гул аст он, ки зи ҳуснаш ҷаҳон гулистон аст,
Аз ӯ ба ҳар чамане сад ҳазор дастон аст.
Чу ғунча гар даҳани ӯ ба ханда пайдо шуд,
Ҳанӯз зери лабаш хандаҳои пинҳон аст.
Дили санавбарии ғунчаро сабо бирабуд,
Ки сарв бар сари гул ҳамчу бед ларзон аст,
Бирез хуни сурохӣ, ки хунбаҳо, соқӣ,
Ҳазор ҷони гиромӣ диҳему арзон аст.
Маро ту умрӣ, агар аҳд бишканӣ, чӣ аҷаб,
Ки аҳди умр ба мо сахт суступаймон аст.
Дуост рӯи туро сурате, ки бар варақ аст,
Шифост шаҳди туро ояте, ки дар шон аст.

Чу боди субҳ дам аз зулфи ӯ мазан, Носир,
Дар ин ҳадис, ки печидаву парешон аст.

* * *

Тоқи абрӯи ту манзилгаҳи беморон аст,
Доми гесӯи ту маъвои гирифторон аст.
Чашми ҷодуи ту шуд пешрави айёрон,
Зулфи ҳиндуи ту сарҳалқаи тарророн аст.
Рӯзу шаб мори сари зулфи ту дар чашми ман аст,
То чӣ чашма-ст, ки оромгаҳи морон аст.
То чу Юсуф ту паси парда нишастӣ, эй дӯст,
Бар сари кӯйи ту ғавғои харидорон аст.
Чашми ман равшанӣ аз хоки дари майкада ёфт,
Равшан он дида, ки хоки дари хамморон аст.
Хонабардор шавад ринд, ки дар мазҳаби ишқ
Солик он аст, ки дар ҳалқаи майхорон аст.
Бар буногӯши ту шуд зангии холи ту муқим,
Боғи фирдавс чаро ҷойи гунаҳкорон аст?
Мардум аз суҳбати ағёр агар меноланд,
Нолаву зории Носир ҳама аз ёрон аст.

* * *

Зи чашмам хуни дил ҳар шаб равон аст,
Саришки хуниям аз шабравон аст.
Давон як шаб равонам аз Шамохӣ,
Ки ҷону дил маро дар Шобирон аст.
Саманди азмро барбастаам зин,
Ҳамин дам ашки гулгунам равон аст.
Рикобам гар гарон бошад, макун айб,
Ки бо ман бахти гумраҳ ҳамъинон аст.
Сабук бори сафар мебаст Носир,
Вале ҷон бар танаш бори гарон аст.

* * *

Ҷонам фидои ҷонон, гар майли ӯ ба ҷон аст,
Фармони дилпазираш бар ҷони мо равон аст.
Дар пойи сарви қаддаш афтодаам ба хорӣ,
Ман хоки остонат, рӯям ба остон аст.

Аз дил суйи забонам оташ занад забона,
Дарди саре ки дорам, чун шамъ аз забон аст.
Ҳар дам миёни ӯро гирад камар каноре,
Афканд бар канораш сирре, ки дар миён аст.
Чашмаш ба тири ғамза бинвохт синаамро,
То ҳашр дар дили ман аз тири ӯ нишон аст.
Чун боди субҳ як дам бар мо наменишинад,
Бар вай гирифт натвон, чун нозуки ҷаҳон аст.
Носир чу маҳ ба як нон бикшой рӯза ҳар шаб,
З-он рӯ ки рӯйи дунон дар дида чун синон аст.

* * *

Пеши он сарви равон оби рухи ман оби ҷӯст,
Обхурди сарви мо гӯйӣ магар аз оби рӯст.
Қосиди хун аст моро, он ки мегӯем ёр,
Душмани ҷон аст моро, он ки медорем дӯст.
Аз заифӣ тори мӯе шуд вуҷудам в-ин аҷаб,
К-аз вуҷуди ман миёнаш камтар аз як тори мӯст.
Мекашад дил сӯйи хешу ҷони худ мехонадаш,
Солҳо шуд, то миёни ҷону тан ин гуфтугӯст.
Гул аз он машҳури офоқ аст дар тардоманӣ,
К-ӯ шуда қонеъ зи рухсори бутам бо рангу бӯст.
Мекунам ҳар сӯ талабкорию матлубам дил аст,
Мешавам ҳар чизро қосид, вале мақсуд ӯст.
Носир андар оби дида нақши рӯяш дида буд,
Рӯзу шаб гирён, магар он нақшро дар ҷустуҷӯст?

* * *

Сари умед ниҳам бар замини ҳазрати дӯст,
Ба бӯйи он ки мушарраф шавам ба суҳбати дӯст.
Наъими ҳар ду ҷаҳон додаам баҳои ғамаш,
Кадом давлати шоҳӣ расад ба давлати дӯст?
Агар чу шамъ бибурранд душманон сари ман,
Ба дӯстӣ, ки натобам сар аз муҳаббати дӯст.
Шикоят аз ғами даврон камоли беадабист,
Чу рӯзгор мутеъ аст бар иродати дӯст.
Зи дӯстон ба ҷафо тарки аҳд натвон кард,
Манофеъе чу ниҳон аст дар мазаррати дӯст.

Нидои ғайб шунидаст борҳо Носир,
Ки марди ишқ нанолад зи дарду меҳнати дӯст.

* * *

Дод боди субҳдам бо ошиқон пайғоми дӯст,
Бурд оромам ба бӯйи зулфи беороми дӯст.
Хок мегуфтам шавам, то дар қадамҳояш равам,
Боз мегӯям нашинад гард бар акдоми дӯст.
Борҳо рафтам ба хидмат бар дараш, борам надод,
Ҳар гадоеро набошад давлати худдоми дӯст.
Дид чун гулғунча ӯро, кард пироҳан қабо,
Пора кард андоми худ аз ғайрати андоми дӯст.
Рӯзгоре бо чунин зорию дарду ҳаҷру васл,
Дар гумон ҳаргиз набудам, хоса дар айёми дӯст.
Зинҳор аз зарраҳои хоки раҳ ёд оварӣ,
Гоҳу бегоҳ, эй сабо, гар бигзарӣ бар боми дӯст.
Воизо, пандам мадеҳ, к-аз дасти ӯ хӯрдам шароб,
Бода оби зиндагонӣ мешавад дар ҷоми дӯст.
Номи ӯ вақти шаҳодат гӯ чу теғам мезанӣ,
То агар боре бимирам, ҷон диҳам бар номи дӯст.
Ман бад-ин ишқ аз ҳама дунёву уқбо фориғам,
Ғайри дини ошиқон куфр аст дар исломи дӯст.
Муддаӣ, чанд аз ҷафо ташвиши гӯшам медиҳӣ?
Гӯши мо осуда аст аз лаззати дашноми дӯст.
Кори Носир барнамеояд ба кӯшиш аз лабаш,
Чанд коми душманон бинем бар нокоми дӯст.

* * *

Сарви равон чу қадди баландат зариф нест,
Оби ҳаёт чун лаби лаълат латиф нест.
Хат душман аст ҳусни туро, андакаш мабин,
Мӯре, ки дасти шер бипечад, заиф нест.
Моро шараф ба пеши ҷаноби ту мурдан аст,
Умре, ки бе ту мегузаронам, шариф нест.
Ҳамдарди ман наянд ҳарифони рӯзгор,
Соқӣ, биёр бода, ки моро ҳариф нест.
Дар байти Носир ой, нигоро, чу қофия,
З-он пештар, ки банд шавад, чун радиф нест.

* * *

Масҷиду майкада дар мулки Худо ин ҳама ҳаст,
Фисқи пинҳонию зуҳди бариё ин ҳама ҳаст.
Аз пайи шоҳиду май сарзанишам чанд кунӣ?
Бирав, эй хоҷа, ки дар мазҳаби мо ин ҳама ҳаст.
Воизо, дафтари бадномии ушшоқ махон,
Ҳеҷ шак нест, ки бар лавҳи қазо ин ҳама ҳаст.
Рӯйи мақсуд ҳама кас натвонад дидан,
Дар ҷаҳон чоҳу раҳу кӯру асо ин ҳама ҳаст.
Ҳар саодат, ки кулаҳгӯшаи шоҳон дорад,
Ба сари дӯст, ки дар далқи гадо ин ҳама ҳаст.
Охир, эй мурғи саҳар, аз ситами хор манол,
Дар чаман шохи гулу барги гиё ин ҳама ҳаст.
Носиро, меҳнату роҳат мутаоқиб бошад,
Ғам махур, неку баду дарду даво ин ҳама ҳаст.

* * *

На ҷуз ту аҳли дилро дилбаре ҳаст,
На аз ту дар ҷаҳон ширинтаре ҳаст.
Нисори гарди роҳат гар диле буд,
Фидои хоки поят ҳам саре ҳаст.
Дари васлат ба рӯям баста бодо,
Ҷуз ин дар ду ҷаҳонам гар даре ҳаст.
Ба зулфат баста натвон шуд ҳама умр,
Ки моро низ савдову саре ҳаст.
Касе гардад надими хилвати хос,
Ки чун шамъаш зи оташ афсаре ҳаст.
Ба дарвешӣ мабин моро, ки моро
Аз оби чашми гулгун гавҳаре ҳаст.
Дил аз тақлид холӣ кун, ки мақсуд
Бурун аз куфру имон дигаре ҳаст.
Тавофи дайр кун давре, ки ӯ низ
Зи мулки лоязолӣ кишваре ҳаст.
Накардӣ ёд аз Носир, ки моро
Ғуломе ё саге, ё чокаре ҳаст.

* * *

Девона гаштам бар рухат, девонаро тадбир чист?
Занҷир бар дасташ бинеҳ, ӯро беҳ аз занҷир чист?
Гар ман на сармастам, чаро ошуфта мегӯям сухан
В-ар ман на лояъқил шудам, дар ақли ман тағйир чист?
Чашми ту ҳар дам мекушад сад ошиқу ман зиндаам,
Гар толеъи ман нест бад, дар кори ман тақсир чист?
Чун тирборони бало аз чашму абрӯ мекунӣ,
Барбаста таркаш бар миён, боз ин камону тир чист?
Дар вақт дидам моҳро дӯшина рӯ бар рӯйи худ,
Ҷуз он ки бинам рӯйи ту, хоби маро таъбир чист?
Гуфтӣ ба ҷоне медиҳам бӯсе, бидеҳ, гар медиҳӣ,
Таъхир то кай мекунӣ, мӯҷиб дар ин таъхир чист?
Гар Носир аз зулфу рухат як рӯз бурдӣ коми дил,
Ин гиря дар вақти саҳар в-он нола дар шабгир чист?

* * *

Субҳдам бар остонаш бедиле хуш мегирист,
Кас нагуфташ, к-аз кучоӣ, хуни дил аз баҳри чист?
Даҳр чун гул менишонад ҳар дамам дар хоку хун,
Хоки хорӣ бар сари ман, ин чӣ умр аст, ин чӣ зист?
Дар шаби ҳиҷрон ба шамъе суҳбатам афтода буд,
Гоҳ ман бар шамъу гоҳе шамъ бар ман мегирист.
То сарам барҷост, сар то по фидои номи туст,
Аз сари сар даргузаштан саҳл кори сарсарист.
Кушт Носирро камони абруят аз тири чашм,
Куштаи худро ту боре ҳеҷ медонӣ, ки кист?

* * *

Шеваи лаъли шакарбори ту ширинкорист,
Одати наргиси ошуфтаи ту хунхорист.
Лозими ҷаъди парешони ту саргардонист,
Ҳамдами ғамзаи ханҷаркаши ту беморист.
Сураи хатти ту дар мусҳафи оёти камол
Баҳри кӯтаҳназарон аз ту хати безорист.
Сари зулфи ту дилам бурду нигаҳ медорад,
Зоҳиран дар сари зулфат ҳаваси дилдорист.

Гар ба меҳмонии мо нақши рухат ранҷа шавад,
Хонаи дидаи мо лоиқи мардумдорист.
Най, ки пайваста расад аз лаби дилдор ба ком,
Бенаво нест, надонам, ки чаро дар зорист?
Мо на мастему на ҳушёр, вале бохабарем,
Ки на мастему на ҳушёр ҳам ин ҳушёрист.
Зориям дӯш ба гӯши саги кӯйи ту расид,
Гуфт: Моро ҳама дарди сар аз ин бозорист.
Муддаӣ гуфт, ки Носир зи яке зарра кам аст,
Нисбати иззати ушшоқи дараш аз хорист.

* * *

Бода дар ишқ ёри ғамхорест,
Босафо бод, ҳар куҷо ёрест!
Зоҳиду зуҳду мову қаллошӣ,
Майли ҳар кас ба ҷониби корест.
Фориғ аз ҷаннатам ба дидорат,
Ки аз ӯ ҳам мурод дидорест.
Сӯзам ин хирқа, то ҳама бинанд,
Ки дар ин далқи куҳна зуннорест.
Андак-андак зи ҳоли Носир пурс,
Пурсиши андаки ту бисёрест.

* * *

Ҳар чӣ на ишқ аст, ҳама кофирист,
Саҷда, ки бе сидқ бувад, бутгарист.
Ин сар агар дар қадами ӯ равад,
Салтанати инсарию онсарист.
З-оташи ӯ ҳар чӣ ки дорӣ, бисӯз,
Чеҳра чу зар кун, чӣ ғами безарист.
Ошиқи ӯ гар ту набошӣ, мабош,
Моҳи маро ҳар ду ҷаҳон муштарист.
Иззати боз аз пайи хомӯшияст,
Хории булбул зи забоноварист.
Дард ҳамебояду не гуфтугӯй,
Ишқ на дар банди сухангустарист.
Носир, агар аҳли дилӣ, ҷон бидеҳ,
В-ар надиҳӣ, мазҳаби танпарварист.

* * *

Чашмам ба ёди лаъли ту дӯшина хун гирист,
Бе сунбули ту наргиси ман лолагун гирист.
Дарёб, эй фузуншуда аз ҳадди дилбарӣ,
К-ин чашми ашкбори ман аз ҳад фузун гирист.
Пинҳон зи дида ёди ту аз хотирам гузашт,
Хандид аз дарун дилу чашм аз бурун гирист.
Хандам ба гиря дар, чу накӯхоҳ гӯядам,
Некӯ шавад ҳар оина он, к-аз ҷунун гирист.
Сӯзест дар дили манн, агар синае бисӯхт,
Хун дар канор дорам, агар дида хун гирист.
Он оби чашмҳо, ки зи пул мебарад сутун,
Аз чашми ошиқест, ки дар Бесутун гирист.
Носир агар зи ишқи ту гиряд, аҷаб мадор,
Доим зи захми панҷаи ғолиб забун гирист.

* * *

Ё Раб, он авҷнишин кавкаби сайёраи кист?
Назари он маҳи бемеҳр ба истораи кист?
Ашки сурху рухи зарду дили гарму дами сард,
Шамъи дилсӯхтаро з-оташи рухсораи кист?
Дили булбул зи ҷафои гул агар пора шудаст,
Дили гул, ҳеҷ надонем, ки садпораи кист?
Ғарқаи хуни ҷигар монда чу гул бар сари хор,
Бозпурсед, ки хорам зи дили хораи кист?
Чини зулфи ту, ки чун шоми ғарибон тира-ст,
Дар хами ҳар сари мӯяш дили овораи кист?
Дили хунхораи ман ташна ба хуни лаби туст,
Лаби ту ташна ба хуни дили хунхораи кист?
Чорае гар накунӣ дарди дили Носирро,
Вақти ҷон додани ӯ пурс, ки бечораи кист?

* * *

Маро эй моҳ, рӯзе бе ту солест,
Туро ҳар дам зи муштоқон малолест.
Агарчи аз фироқат дар ваболам,
Мудомам бо хаёли ту висолест.

Дили маҷрӯҳи ман гум шуд вагар боз
Зи хун бар лаъли ту холест, холест.
Ба коми мо даҳонат хуш ҳадисест,
Ба чашми мо миёнат хуш хаёлест.
Чу най менолам андар чанги ҳиҷрон,
Танам з-ин нола нолон ҳамчу нолест.
Чаро булбул намурдӣ бе рухи гул,
Туро аз ошиқи худ қилу қолест.
Ҳама нуқсони худ бин ҳамчу Носир
Машав худбин, ки он айнулкамолест.

* * *

Хонаи дидаи ман раҳгузари дарёест,
Ки шабу рӯз дар ӯ ҳиндуи мардумзоест.
Рӯйи мо оби равону гули зарде дорад,
Ба тафарруҷ гузар, эй дӯст, ки хуш маъвоест.
Бо ту гардун агар аз моҳ нагардад, дунест,
Бо лабат луълу агар лоф занад, лолоест.
Ба чӣ рӯ моҳ ба рӯйи ту баробар гардад,
Ӯ ки ҳар шаб ба дигар манзилу ҳар шаб ҷойест?!
Аз лаби лаъли ту ҳар дилшудаеро сӯзест,
В-аз сари зулфи ту ҳар силсилае дар поест.
Рашк меоядам аз хоки гулистон, ки мудом
Дар канораш зи гулу сарву суман болоест.
Носиро, чашмаи нӯши ту ба коме нарасид,
Гарчи аз васфи лабат тӯтии шаккархоест.

* * *

Зи куфри зулфи ту ислом дар парешонист,
Зи чашми кофари ту фитна дар мусулмонист,
Ҳазор кони латофат нуҳуфта дар лаби туст,
Ки он ақиқи гуҳарпӯш ҷавҳари конист.
Ҳар одамӣ, ки надонад камоли ҳусни туро,
Яқин шинос, ки он аз камоли нодонист.
Мусаххари ту агар ҷинну инс шуд, чӣ аҷаб,
Даҳони танги ту чун хотами сулаймонист.
Туро ба чоҳи занахдон, к-аз оби Хизр пур аст,
Ҳазор Юсуфи дил уфтода зиндонист.

Ҳар он гадой, ки дар кӯйи хубрӯён рафт,
Гадо магӯй, ки ӯ дар мақоми султонист.
Гузор, то лаби худ бар лабат ниҳад Носир,
Ки бо даҳони туаш розҳои пинҳонист.

* * *

Дар шаҳри ёр пухтаи мо ҷуз кабоб нест,
В-аз ҳамдамони кухна касе ҷуз шароб нест.
Ҳамсуҳбате, ки бо ҳама кас хушсухан бувад,
Бисёр ҷустаему ба ғайр аз рубоб нест.
Рӯй аз бисоти даҳр ба шатранҷ кардаем,
К-аз шоҳи ӯ вуҷуди касеро азоб нест.
Бо нози шоҳидон, ки чу коғаз дурӯянд,
Моро чӣ кор, шоҳиди мо ҷуз китоб нест.
Соқӣ, биёр май, ки наёбад мақоми нур,
Ҳар кас, ки ҳамчу чашми ту масту хароб нест.
Гӯши ману навои най акнун, ки дар ҷаҳон
Роҳе ба ғайри роҳи муғаннӣ савоб нест.
Носир ба коми дил нарасад ҳаргиз аз дуо,
Гӯӣ дуои маст магар мустаҷоб нест?!

* * *

Ишқ падидор ҳаст, ёр падидор нест,
Партави дидор ҳаст, ёрии гуфтор нест.
Дар раҳи ӯ солҳо рафтаму суде надошт,
Бар дари ӯ борҳо омадаму бор нест.
Даъвии ёрии ӯ кардаму суде набуд,
Ёрии мо ботил аст, ёр агар ёр нест.
Бар сари бозори ишқ ёр ба ҷон мехаранд,
Гарчи ки савдои ишқ бар сари бозор нест.
Тарки ҳама кору бор кардаму савдои ишқ
Кори ман асту маро беҳтар аз ин кор нест.
Хостам аз зулфи ӯ риштаи зуннор, гуфт:
Рав, ки чу ту муштарӣ лоиқи зуннор нест.
Носир, тӯтӣ шаву ишқ чу парвона боз,
Майл ба шаккар макун, ҷойи ту ҷуз нор нест.

* * *

Нола ёдат медиҳад, к-аз бедилонат ёд нест,
Лек ӯ бод асту аз вай ҳосиле ҷуз бод нест.
Дар раҳат аз нотавонӣ оби чашмам мебарад,
Дигарам ҷуз ашки гулгун ҳеч истеъдод нест.
З-оташи ишқи ту сӯзад хилвати дил ҳар замон,
Хонаи ҳастии мо з-он рӯ қавибунёд нест.
Дилбари ширин ба олам сад ҳазоронанд, лек
Ошиқи шӯридаву ширинтар аз Фарҳод нест.
Кӯйи ҷонон дуру шаб торику ҷон бори гарон,
Қосиди мо боду он тоқат, ки ӯро бод, нест.
Гар ба гӯши ӯ расад фарёд, фарёдам рассад,
Кай расад, чун аз заифӣ тоқати фарёд нест.
Носиро, дар роҳи маънӣ беш аз ин бешӣ маҷӯй,
Саъйи мо ботил бувад, чун бахт модарзод нест.

* * *

Ҷони мо бе шарафи суҳбати ҷонон хуш нест,
Ҳукми султони висол аст, ки ҳиҷрон хуш нест.
Бе лабу орази ӯ дида надорад нуре,
Бе вуҷуди гулу мул тарфи гулистон хуш нест.
Соқиё, бодаи равшан, ки ҷаҳон торик аст,
Мутрибо, нағмаи хуш соз, ки даврон хуш нест.
Чанд пӯшида хурам ҷоми ғамаш моломол,
Ошкоро кунам ин роз, ки пинҳон хуш нест.
Дилам аз хотами лаълаш талабад оби ҳаёт,
В-арна умри Хизиру мулки Сулаймон хуш нест.
Ҳусни маънӣ дили мо бурд, на лутфу сурат,
Гар бувад меҳр мунаввар, тани беҷон хуш нест.
Эй табиб, аз сари бемори муҳаббат бигузар,
То бимирад ба ҳамин дард, ки дармон хуш нест.
Сари Носир талабӣ, беҳ, ки биҷӯйӣ сомон,
Сари савдозадаи ишқ басомон хуш нест.

* * *

Набвад зи панд фоида онро, ки ҳуш нест,
Бо ман забон машав, ки маро бо ту гӯш нест.

Булбул, макун нафир, ки парвонаро зи ишқ
Месӯзад андаруну забони хурӯш нест.
Ошиқ магӯй муддаиеро, ки пеши ӯ
Аз сӯйи ёр неши мусовии нӯш нест.
Деги умед шояд, агар сарду хом шуд,
Онро, ки хун з-оташи савдо ба ҷӯш нест.
Дерест, то зи пардаи тақво бурун шудам,
Бишнав ҳикояте, ки дар ӯ рӯйпӯш нест.
Зоҳид, макун ба рӯйи туруш манъи майкада,
К-он майфурӯш ҳамчу ту сиркафурӯш[1] нест.
Носир, гар аз саволи висолаш шудӣ хамӯш,
Ашки ту соилест, ки ҳаргиз хамӯш нест.

* * *

Ҳамчу рухсори ту маҳ бар гӯшаи афлок нест,
Ҳамчу болои ту сарве дар чаман чолок нест.
Меҳр ҳусне дорад, аммо нест эмин аз завол,
Гул туро монад, дареғо, домани гул пок нест.
Ё Раб, аҷзои вуҷудат аз чӣ дархур кардаанд,
К-ин ҳама ҳусну латофат ҳадди обу хок нест?!
Бок аз он дорам, ки аз ман бар дилат бошад ғубор,
Гар аҷал аз ман барангезад ғуборе, бок нест.
Ғунча ҳар шаб дар ҳавоят медиҳад худро ба бод,
Бесабаб пироҳани гул ҳар саҳаргаҳ чок нест.
Роҳ бахшам бар дари худ, то даромезам ба хок,
Гарчи ин шахси заифам камтар аз хошок нест.
Носираш мегуфт: чун куштӣ, ба фитрокам бибанд,
Гуфт: Ин сайд аз заифӣ қобили фитрок нест.

* * *

Ошиқи саргаштаро парвои нангу ном нест,
Дастгири ошиқони хастадил ҷуз ҷом нест.
Нест раҳ дар базми риндон зоҳидони хушкро,
Маҷлисе, к-он ҷойи хосон аст, бори ом нест.

[1] Сиркафурӯш – мурод турушист.

Мастӣ дарди ишқро бо дунйию уқбӣ чӣ кор?!
Лоуболиро сари куфру ғами ислом нест.
Хомии ҷоми май аз хомони афсурдадил аст,
Дар миёни ошиқони пухта ҷойи хом нест.
Шод бод он кас, ки бар каф ҷоми май дорад мудом,
Некбахт аст он, ки ӯ бе шодии модом нест.
Ҳар кӣ баҳри донаи холи ту дар дом уфтод,
Беш уммеди халосаш то абад аз дом нест.
Вақтро дарёб, к-ин лутфу ҷавонию ҷамол
Хуррам айёмест, лекин такя бар айём нест.
Дӣ мудовои дили худ бозҷустам аз табиб,
Гуфт: Моро чораи ин дарди беором нест.
Ҳар касе гӯянд, Носир, ҳоли худ бо дӯст гӯ,
Ҳолате дорам ман андар дил, ки онро ном нест.

* * *

Ман дигар дам назанам, гарчи дамам ҳамдам нест,
Худ маро заҳра, ки пеши ту барорам дам, нест.
Мардуми дида бурун мекунам аз хонаи чашм,
То набинад рухи хуби ту, ки ӯ маҳрам нест.
Дили сахти ту ба ҳангоми ҷафо чун санг аст,
Ин қадар ҳаст, ки дар аҳду вафо муҳкам нест.
Дӣ ба зорӣ зи буте меҳр талаб кардаму гуфт:
Тамаъ аз мо макун он чиз, ки дар олам нест.
Гуфтам: Аз дарди ту шаб то ба саҳар менолам,
Гуфт: Менол, ки ин дарди туро марҳам нест.
Чист айвони фалак? Хонаи мотамзодагон,
Ҳамаро ҳаст чунин, ё дили мо хуррам нест?
Як замон бе маю маъшуқ набошӣ, Носир,
Чун яқин нест, ки дар давлати шодӣ ғам нест.

* * *

Дили маҷрӯҳро парвои тан нест,
Шаҳиди ишқ муҳтоҷи кафан нест.
Ба ғайри ишқ коре нест, в-ар ҳаст
Ба ғайри ишқбозӣ кори ман нест.

Чу рӯят моҳ бар гардун набошад,
Ба болои ту сарве дар чаман нест.
Маро дил мекашад ҷое, ки он ҷо
Сабoро заҳраи омад-шудан нест.
Зи анҷум анҷуман кардаст гардун,
Вале шамъе чу ӯ дар анҷуман нест.
Ман аз ҳубби ватан рафтам ба хаммор,
Ки ҷуз майхона риндонро ватан нест.
Ба рӯят то назар кардаст Носир,
Дигар ӯро сари гул ё суман нест.

* * *

Ошиқ, ки дур монд зи маъшуқ, зинда нест,
Бар ман маханд, бахт, ки ин ҷойи ханда нест.
То ғойибӣ зи чашми ман, эй подшоҳи ҳусн,
Бе ту чӣ меҳнат аст, ки бар ҷони банда нест.
Гулгуни ашк рондаму дар ту намерасам,
Бо он ки ҳеҷ асб бад-ин сон даванда нест.
Бар ман бало шудаст забонҳои душманон,
Моро балои ишқи ту танҳо басанда нест.
Носир зи ту ҷудо нашавад, гар шавад ҳалок,
Ҷон кандаам, вале дилам аз ёр канда нест.

* * *

Кори ишқ аст агар пеши ту, инкоре нест,
Ошиқи ҳусни бутонему ҷуз ин коре нест.
Дӯст набвад, ки ба дил майл надорад бо дӯст,
Ёр набвад, ки ба ҷон дар талаби ёре нест.
Баски дар ишқи ту озурд маро таъни рақиб,
Зор меноламу дар хотирам озоре нест.
Гар дилам ҳаст зи савдои ту бемор, хуш аст,
Хуштар аз наргиси махмури ту беморе нест.
Гар чу чашми ту ман ошуфтааму масту хароб,
Узрам он аст, ки дар даври ту ҳушёре нест.
Ақл дар ҳалқаи гесӯйи ту савдоӣ шуд,
Ки чунин гарм, ки бозори ту, бозоре нест.
Носир, аз гуфтаи худ гӯй ба мутриб ғазале,
Ки диловезтар аз шеъри ту гуфторе нест.

* * *

Ҳамчу рухсори ту гулро хати зангорӣ нест,
Норванро чу қадат чеҳраи гулнорӣ нест.
Соқиё, чун ҳама ранҷи дилам аз хештан аст,
Бидеҳ он бода, ки мастам, сари ҳушёрӣ нест.
Набувад шамъсифат ҳамнафаси маҷлиси хос,
Ҳар кӣ дилсӯхтаи оташи бедорӣ нест.
Дар мақоме, ки ба шоҳон натавон гуфт сухан,
Заҳраи зории саргаштаи бозорӣ нест.
Дилат озори дили хастадилон меҷӯяд,
Дар дили санг чунин расми дилозорӣ нест.
Чашми бемори ту моро садақоте надиҳад,
То чӣ ҳиндуст, ки ӯро ғами беморе нест?!
Гар ту дар бӯтаи ҳасрат нагудозӣ Носир,
Дирами қалби туро сиккаи ийёре нест.

* * *

Маро ба буъди макон аз шумо ҷудоӣ нест,
Ки ҳар куҷо равам, аз доми дил раҳоӣ нест.
Ҳар он чӣ дар назарам ояд аз шамоили ту,
Ба ҷуз вазифаи шӯхию дилрабоӣ нест.
Дар он ҳарим, ки хилватсарои ҳазрати ӯст,
Ҷавозу манъ бар риндию порсоӣ нест.
Рақиб дид маро масту гуфт: Эй Носир,
Магар сулуки ту з-он рӯ, ки менамоӣ, нест?
Мани гадой наям марди роҳи ӯ, лекин
Ҳавои ишқ ба султонию гадоӣ нест.

* * *

Беш аз инам сари ин хотири шайдоӣ нест,
Тоқати ин дили шӯридаи савдоӣ нест.
Ҳар замон аз ғами ишқам аламе пеш ояд,
Ки аз ӯ фоида ҷуз ҳосили расвоӣ нест.
Сояат бар сари ҳар банда, ки афтод, афтод,
Давлату бахт ба бозуи тавоноӣ нест.
Меҳр бо чеҳраи хубии ту чӣ нисбат дорад,
Моҳи рухсори ту танҳораву ҳарҷоӣ нест.

Кунҳи асрори ту ақлам натавонад дарёфт,
Қиссаи шавқи ту дар дафтари доноӣ нест.

* * *

Чу дид рӯйи ту дида, назар нигоҳ надошт,
Зи раҳ бирафт дили ман, ки рӯ ба роҳ надошт.
Бирехт хуни дилам турки чашми ту ба хато,
В-агарна дил ба ҷуз аз ошиқӣ гуноҳ надошт.
Зи саҳми теғи ту аз худ гурехтам дар ту,
Ки ғайри сояи лутфат дилам паноҳ надошт.
Рухат чу оина мешуд зи оҳи ман дар хат,
Вале зи заъф тани ман маҷоли оҳ надошт.
Чу шамъ сӯзи дилам пеши ҷамъ равшан кард,
Ба бод рафт сараш, чун забон нигоҳ надошт.
Дилам зи зулфу занахдони ӯ фурӯи чаҳ шуд,
Ки маст буду шаби тира фикри чоҳ надошт.
Гирифт Носир рӯйи замин ба теғи забон,
Чу офтоб ҷаҳонгир шуд, сипоҳ надошт.

* * *

Зулфат, ки ба ҳар ҳалқаи мушкин ҳунаре дошт,
Монанди шаби қадр муборак саҳаре дошт.
Ҳарчанд ки ман соғари андӯҳ кашидам,
То чашм задам, соқии даврон дигаре дошт.
Гар ёр ба мо кард назар, айни вафо буд,
Нодида агар кард, дар он ҳам назаре дошт.
Зуннор агар баст асире, чӣ кунад, оҳ,
Дил дар хами он зулфи худобехабаре дошт.
Дар саҳни чаман Носирии дил шуда имрӯз,
Чун ғунча зи андӯҳи ту пурхун ҷигаре дошт.

* * *

Умрам ҳама он буд, ки дар кӯи ту бигзашт,
Мурдан беҳ аз он умр, ки бе рӯи ту бигзашт!
Медод сабо бӯйи ту, дил рафт ба он бӯй,
Аз бод дили гумшуда бар бӯи ту бигзашт.

Дар ҷодуӣ аз чашми ту зулфат ба сар омад,
Он турки Хито-турраи ҳиндуи ту бигзашт.
Ҳар нола, ки ман бар забари чарх расондам,
Тирест, ки аз синаи бадгӯи ту бигзашт.
Имшаб ба яқин мегузарад ашки ман аз дӯш,
Дар ҳасрати мӯе, ки зи зонуи ту бигзашт.
Бишкофам, агар мӯй шавад нуктаи борик,
Азбаски ба пеши назарам мӯи ту бигзашт.
Носир дили худро ҳадафи тири бало сохт
В-он гаҳ ба камонхонаи абрӯи ту бигзашт.

* * *

Шамъвор аз сар гузаштам, бишнав аз ман саргузашт,
Оташам сар то ба по бигрифту об аз сар гузашт.
Рафт дил, чун меҳри лаъли ӯ ба ҷон пинҳон надошт,
Айни лутф аст он, ки ранги бода аз соғар гузашт.
Бо фароғи бол парвона висоли шамъро
Он замон ёбад, ки мардона зи болу пар гузашт.
Аз ҳадиси оташини ман дили коғаз бисӯхт,
Дуди оҳам чун ба нӯги хома бар дафтар гузашт.
Аз тани хокӣ ба оби дида биншонам ғубор,
Ӯ агар доманкашон хоҳад ба хокам баргузашт.
Эй, ки нашносӣ дили гарми маро аз оҳи сард,
Бозҷӯ як шамма аз сӯзе, ки бар миҷмар гузашт.
Домани мақсуд агар, Носир, намеояд ба чанг,
Ҳамчу сими ашк мебояд зи ваҷҳи зар гузашт.

* * *

Чун сабо дар кӯйи ту ошуфта бархоҳам гузашт,
Бар дарат бемор хоҳам рафту хоҳам даргузашт.
Хоки раҳ хоҳам шудан, то даҳр бар бодам диҳад,
Бар сари кӯйи шумо з-ин раҳгузар хоҳам гузашт.
Шаб ҳама шаб сӯхтам чун шамъ, ҳон, эй боди субҳ,
Бар сарам бигзар, ки бар бӯят зи сар хоҳам гузашт.

З-оташи дӯзах чӣ мепурсӣ хабар аз ман, ки ман
Бар сироти ишқ масту бехабар хоҳам гузашт.
Мудаӣ гар баҳри зар чун ғунча бошад тангдил,
Ман чу гул хандону хуш аз ваҷҳи зар хоҳам гузашт.
Баргузар, эй ҷони Носир, бар сарам хуш ҳамчу гул,
З-он ки дур аз рӯйи ту чун умр бархоҳам гузашт.

* * *

То диле дорам, ман аз дилдор натвонам гузашт,
Бигзарам аз ҷон, вале аз ёр натвонам гузашт.
Ҳар сари мӯе ҳиҷоби роҳи ман гардад, вале
Аз сари мӯе қаландарвор натвонам гузашт.
Бигзарам осон ман аз ҳар дар, ки бошад дар ҷаҳон,
Аз дараш осон, агар душвор, натвонам гузашт.
Мункирам ман зоҳиди зарроқи азрақпӯшро,
Мекунам иқрор, к-аз инкор натвонам гузашт.
Бар умеди софие афтодаам дар пойи хум,
Ҳамчу дурдӣ аз хуми хаммор натвонам гузашт.
Борҳо бигзаштаам аз хонақоҳу мадраса
В-аз дари дайри муғон якбор натвонам гузашт.
Корвони бод меояд зи кӯят мушкбор,
Ҳаст аз он манзил дилам, дар бор натвонам гузашт.
То сари зулфи чалипои ту шуд меҳроби дил,
Кофирам, к-аз ҳалқаи зуннор натвонам гузашт.

* * *

Ман ошиқам, ки Каъба намедонам аз куништ,
Парвонаро дар оташи дӯзах бувад биҳишт.
Зоҳид, ту дар ҳимояти кирдори хеш бош,
Нашнидаӣ, ки гул даравад, ҳар кӣ хор кишт?
Иззат нигоҳ дор, ки якранги ваҳдатем,
Дар касрат аст ин ҳама талвини хубу зишт.
Бе ҷунбиши қалам қадами мо намеравад,
Моро чӣ ҷурм, гар қалами хат хато навишт?
Хоки маро ба риндию мастӣ сириштаанд,
Бар дасташ офарин, ки маро инчунин сиришт.

Соқӣ, биёр ҷоми маеро, ки Ҷам ниҳод,
Мутриб, бисоз пардаи руде, ки Зуҳра ришт.
Носир, биҳишти нася наарзад ба ними ҷав,
Одам, ки нақд дошт, ба як гандумаш биҳишт.

* * *

Ҳуснат ҳама ошӯбу ҷамолат ҳама офат,
Шӯхӣ ба ту мансубу ҷафо бо ту изофат.
Эй боди саборо зи насими ту равоне
В-эй оби равонро зи хаёли ту латофат.
Гар пой равад дар раҳи ту, хавфи азим аст
В-ар сар биравад дар раҳи ту, нест махофат.
Табъи ту ба худ раҳ надиҳад хотири моро,
Ҳаргиз нашавад ҷамъ латофат ба касофат.
Бо иди висоли ту маро буъди баъид аст,
Ҳарчанд миёни ману ту нест масофат.
Носир, бизан ин хирқаи худ чок чу ғунча,
Аз ҷома чу гул чанд тавон кард зарофат?!

* * *

Агар дӯстонро тавон боз ёфт,
Тавон аз паси марг ҷон боз ёфт.
Касе к-аз фироқе ба васле расид,
Дубора ҳаёти ҷаҳон боз ёфт.
Шунидӣ, ки он ташна дар бодия
Ҳамемурду оби равон боз ёфт.
Даҳонаш бибӯсиду дар хона бурд,
Чу он тир рафту камон боз ёфт.
Басе бӯсаҳо зад сабо дар саҳар,
Чу гулро ба ханда даҳон боз ёфт.
Маро васл бояд, чӣ суд аз хаёл,
Ки натвон яқин аз гумон боз ёфт.
Бигӯяд ғами хеш Носир ба дӯст,
Чу гул дид булбул, забон боз ёфт.

* * *

Саломе бурд, чун субҳи сабо рафт,
Расули раҳнаварди бодпо рафт.
Зи хуни дил навиштам моҷарое,
Ки дар ҳиҷрони ту бар мо чиҳо рафт.
Гаҳе дар пойи мо хори ҷафо зад,
Гаҳе дар ҷони мо тири бало рафт.
Ман аз бегона озоре надорам,
Ки бо мо он чи рафт, аз ошно рафт.
Аз он соат, ки ту аз ман ҷудоӣ,
Чунон донам, ки ҷон аз тан ҷудо рафт,
Тане, к-аз ҷон ҷудо афтод, шуд хок,
Надонам ҷон, ки аз тан шуд, куҷо рафт.
Агарчи Носир оҳиста занад оҳ,
Вале фарёди ӯ бисёр ҷо рафт.

* * *

Анвори ваҷҳи туст, ки арзу само гирифт,
Кулли вуҷуд ҷуди вуҷуди шумо гирифт.
Дар нури меҳр зарраи саргашта маҳв шуд,
Лоҳутие зи ҳои ҳавоят ҳаво гирифт.
Булбул хурӯш дораду парвона сӯзи дил,
Ин барг худ надораду он худ наво гирифт.
Аз зулфи мушкранги ту меҷуст боди субҳ,
Бархост бӯю домани боди сабо гирифт.
Сад тирагӣ зи зулфи ту дар Зангубор шуд,
Якбора турки чашми ту роҳи хато гирифт.
Гарде, ки буд аз тарафи мо ба оби чашм,
Биншондаему дурдии софӣ сафо гирифт.
Шукри ту гуфт шаккари мисрӣ, азиз шуд,
Бӯйи ту ёфт нофаи оҳу, баҳо гирифт.
Биншондаем қадди туро бар канори чашм,
Ҳамвора сарви ноз каноре зи мо гирифт.
Носир муқими ҳазрати илло намешавад,
Илло касе, ки мулк ба шамшери ло гирифт.

* * *

То дилам дилбар гирифт аз ҷону дил дил баргирифт,
Остин аз ҷон фишонду домани дилбар гирифт.
Дид чашматро, ки дорад аз мижа чатри сиёҳ,
Наргис аз хиҷлат бихоҳад тоҷи зар аз сар гирифт.
Дӯш то вақти саҳар шамъ аз забони оташин
Ҳар чӣ бо парвона гуфт, аз сӯзи сина дар гирифт.
Уд дуде карду сӯзи хештан пинҳон бидошт,
Аз ҳарифи хом оташ дар дили миҷмар гирифт.
Меравад моҳи сареъус-сайр сӯйи бурҷи хеш,
Хоҳад он хуршеди тобон соя аз мо баргирифт.
Ҳар киро аз рӯйи хубон доғи ҳасрат дар дил аст,
Боядаш чун лола дар даврони гул соғар гирифт.
Ин муродам бас, ки ман аз нури рӯят равшанам,
Кай тавонад заррае хуршедро дар бар гирифт?
Зулф чун бар рух ниҳодӣ, зулмат омад пеши нур,
Ғамза чун бар ҳам задӣ, олам ҳама кофар гирифт.
Найшакар шуд килки Носир, чун лабатро васф кард,
З-он ба коғаз дафтару девони ӯ шаккар гирифт.

* * *

Як қадам ёр аз сари ҷавру ҷафо ҳаргиз нарафт,
Ҷон зи дардаш рафту дард аз ҷони мо ҳаргиз нарафт.
Дар ҳариму васлаш, эй дил, кай нузул афтад туро,
К-андар он манзил дил аз бими сабо ҳаргиз нарафт.
Бо бараш гулро чӣ нисбат, к-он тани гулбарги ӯ
Аз дами боди парешон бар ҳаво ҳаргиз нарафт.
Чун кунам ташбеҳ бо сарваш, ки он сарви баланд
Қомате дорад хиромон, дар қабо ҳаргиз нарафт.
Пой бар ҷо доштам чун шамъ дар шабҳои ҳаҷр,
Оташам гар бар сар омад, по зи ҷо ҳаргиз нарафт.
Ман саволе мекунам з-он дар, магар ёбам ҷавоб,
Соиле чун з-остонаш бенаво ҳаргиз нарафт.
Нолаи Носир шаб аз хоби хушаш бедор кард,
Гуфт: Як дам аз дари мо ин гадо ҳаргиз нарафт.

* * *

Чашми ту аз мо хатое диду абрӯ чин гирифт,
Ҳоҷибат овард аз туркон сипоҳу Чин гирифт.
Зулфи ту чун ҳиндувон оташпарастӣ пеша кард,
Хоби хуш бодат, к-аз оташ бистару болин гирифт.
Мерасад пайки сабову мужда меорад, ки боз
Мулки ҳафт иқлимро султони фарвардин гирифт.
Аз самоъи мурғ рақсон шуд чанору дастзан
Ҷайби гулро чок карду домани насрин гирифт.
Ҳар дамам талхӣ ки зоҳид мечашонад, ҳаст нӯш,
Эй хушо ринде, ки бар каф бодаи нӯшин гирифт.
Модари айём ҳар шире, ки бо Фарҳод дод,
Кай расад бо соғари шире, ки аз Ширин гирифт?
Носиро, гар ошиқӣ, ҷонро ба талхӣ деҳ чу ҷом,
Шарти ошиқ нест дар дил завқу ҷон ширин гирифт.

* * *

Чу бод гар зи сари кӯйи ёр хоҳам рафт,
Ба сӯйи равзаи Ризвон чӣ кор хоҳам рафт?
Маро зи рӯзи шумор, эй фақеҳ, кам тарсон,
Ки ман ба дайри муғон бешумор хоҳам рафт.
Шароб хӯрдаму пӯшида меравам дар шаҳр,
Агар ту манъ кунӣ, ошкор хоҳам рафт.
Ба рӯзи маргам агар дар канори хок ниҳанд,
Зи гиря хуни дил андар канор хоҳам рафт.
Ба доғи ҳаҷр агар аз диёри дӯст равам,
Ҳамон шикастадилу дӯстдор хоҳам рафт.
Ҷавоби таънаи ағёр агар зи ман пурсӣ,
Ҳамин бас аст, ки дар ишқи ёр хоҳам рафт.
Чунон зи ишқи ту андар ғубори дил мондам,
Ки ҳамчу оина зери ғубор хоҳам рафт.
Бисоз чораи корам, ки рафт кор аз даст
В-агар малул шавӣ, ман зи кор хоҳам рафт.
Зи сӯзи меҳри ту Носир бисӯхт чун Мансур,
Чу сирри ишқи ту гуфтам, ба дор хоҳам рафт.

* * *

Дилам воқиф набуд он дам, ки ҷон рафт,
Тан ин ҷо рафту ҷон бо корвон рафт.
Фитодам хаставу марҳам ҷудо шуд,
Бимондам ташнаву оби равон рафт.
Замин будам, маро афтода бигзошт,
Қамар буд ӯ магар, бар осмон рафт.
Сарам аз ғайрати он гард шуд хок,
Ки наъли бодпойи ӯ бар он рафт.
Ҳамегуфтам инони ӯ бигирам,
Дар ин будам, ки аз дастам инон рафт.
Миён, эй сорбон, бигшою биншин,
Ки сели абри чашмам бекарон рафт.
Диламро бар ҳаюн ҳамчун ҷарас банд,
Ки сад фарсанг аз ӯ хоҳад фиғон рафт.
Агар Носир зи ҳиҷрон гард гардад,
Ҳанӯз андар пайи ӯ метавон рафт.

* * *

Бо гул сухани ҷамоли ӯ рафт,
Гулро ҳама лофи рангу бӯ рафт
Сарваш чу бидид бар лаби ҷӯй,
Оби рухи ӯ чу оби ҷӯ рафт.
Ашк аз назарам фитод бар хок,
Чун аз назарам хаёли ӯ рафт.
Бар чеҳра фитод з-оби рӯ гард,
Доман бигирифту обрӯ рафт.
Мерафт ба рӯйи зар, аҷаб нест,
Қорунсифат, ар замин фурӯ рафт.
Соқӣ, қадаҳе бидеҳ, ки дар хок
Бисёр чу мо баду накӯ рафт.
Носир сифати миёни ӯ кард,
Бисёр сухан чу тори мӯ рафт.

* * *

Хабари ёр ба ағёр намеёрам гуфт,
Ганҷҳо дораму бо мор намеёрам гуфт.

Дарди ёре ба дили хастаи мо афтодаст,
Дарди ёре, ки ба дайёр намеёрам гуфт.
Сухани ростии сарву хиромидани кабк
Пеши он қомату рафтор намеёрам гуфт.
Гард аз пойи ту хоҳам, ки бирӯбам ба мижа,
Лек бо гул сухани хор намеёрам гуфт.
Лутфи ту андаку бисёр ба ҳар кас бирасад,
Дигар аз андаку бисёр намеёрам гуфт.
Бо дил аз рафтани дилдор бигӯяд Носир,
Хабари марг ба дилдор намеёрам гуфт.

* * *

Чӣ аҷаб лутфу мизоҷ аст дар обу хокат,
Ки хирад менатавонад, ки кунад идрокат.
Вараҷи лола бар андоми гулу шамшод аст,
Ё қабо бар тани гулгуну тани чолокат.
З-он шудам куштаи тири ту, ки бинам худро,
Ғарқи хун гаштаву овехта бар фитрокат.
Пок бодо рухи некӯи ту аз чашми бадон,
То зиёне накунад дидаи ҳар нопокат.
Ҷумла ғамҳои ҷаҳон аз ту дилам диду ҳанӯз
Ман бар онам, ки мабинод касе ғамнокат.
Оқибат чашми ту аз хуни дилам бок надошт,
Оҳ аз он хунии беоқибати бебокат!
Гар ту хоки дари он моҳ бибӯсӣ, Носир,
Гузарад мартаба аз доираи афлокат.

* * *

Шамъи Эрон гӯямат ё моҳи Тӯрон хонамат,
Қиблаи дил донамат ё Каъбаи ҷон хонамат.
Халқ дар осоишанд аз ҳусни рӯят, лоҷарам,
Раҳмати Парвардгору лутфи Яздон хонамат.
Ҳамчу ақле дилфирӯзу ҳамчу ҷоне ногузир,
Хуштар аз ҷони ҷаҳон он чист, то он гӯямат?!
Хонамат фирдавс, то аз чеҳра бардорӣ ниқоб,
Дар ду лаб чун рӯҳбахшӣ, оби ҳайвон хонамат.
Дар вафо бунёди меҳру дар сафо бунёди ҳусн,
Дар макорим айни лутфу кони эҳсон хонамат.

Равнақи майдон зи тусту зинати лашкар туйӣ,
Шаҳсавори лашкару хуршеди майдон хонамат.
Чун кашӣ дар базм бода, гӯямат Ҷамшеди вақт,
Чун кунӣ бар рахш ҷавлон, пури Дастон хонамат.
Чун Сулаймон гарчи дорӣ ҳукм бар деву парӣ,
Сад Сулаймонӣ ба рутбат, гар Сулаймон хонамат.
Чун ба хубӣ ҷумла хубон бандаи ҳусни туанд,
Подшоҳи дилбарону шоҳи хубон хонамат.
Сӯи хешам хон, ки ман хонам туро ошиқнавоз,
Сӯи ман бихром, то сарви хиромон хонамат.
Аз рухи гетигушо Маҳдии олам донамат
В-аз лаби муъҷизнамо Исии даврон хонамат.
Гӯш кун ашъори Носир, боздон асрори ӯ,
То миёни мардумон шоҳи сухандон хонамат.

* * *

Пистаро лаб шиканад он даҳани хандонат,
Мағзи бодом кашад чашми хуши фаттонат.
Гарчи шуд равшании хони фалак аз хуршед,
Қурси хуршед надорад намаке аз хонат.
Гар шавам мӯеву в-ар синаи ман бишкофӣ,
Биниҳам ҳамчу қалам сар ба хати фармонат.
Агар, эй дурри гаронмоя, ду олам бидиҳанд,
Ман, ки саррофи ҷаҳонам, надиҳам арзонат.
Ҳеч пӯшида нашуд меҳри ту дар синаи ман,
Офтобӣ, натавон кард ба гил пинҳонат.
Гар сарам рафт, мабод аз сари ту мӯе кам,
Ҷони ман, ҷони ҷаҳон бод фидои ҷонат!
Дами Носир, ки ҷаҳонро чу сабо мушкин кард,
Ёфт бӯе зи сари турраи мушкафшонат.

* * *

Ҷон ҷавҳари пок асту тан ар сарви равонат,
Тан пеши танат резаму ҷон бар сари ҷонат.
Ту дар дили ман сокину ман дар талаби ту,
Ҷӯён шуда фарёдзанон гирди ҷаҳонат.
Дар хок биҷӯяд дили ман рӯзи аҷалро,
Ёбад магар аз ҷон лаби ман бӯйи даҳонат.

Мӯе накунӣ фарқ миёни ману мӯят,
В-он низ ба фарқи ту, ки ҳам ҳаст миёнат.
Абрӯт камону мижа тир аст, раҳо кун,
То бӯса диҳад сайди ту бар тиру камонат.
Ту нори Халилию тани ман бути Озар,
Сӯзад даҳани ман, агар орам ба забонат.
Эй ошиқи фарзона, ки сарриштаи тақдир
Дар гирди ҷаҳон май бибарад гарди ҷаҳонат.
Ҷӯёни Шуайбӣ, бибур аз суҳбати Фиръавн,
То мор асоят шаваду гург шубонат.
Носир ба яке кому забон аз ту чӣ гӯяд,
Савсан ба забонҳо накунад шарҳу баёнат.

* * *

Дилам, ки чун сари зулфи ту меравад бар бод,
Ба доми ишқ дарафтод, ҳар чӣ бодо, бод!
Маро, ки сояи худ маҳрам асту он ҳам ҳеч,
Маро, ки боди сабо ҳамдам асту он ҳам бод.
Харобии дилам аз ганҷи ишқ обод аст,
Ки ганҷи ишқи ту дорад дили харобобод.
Ба ёди лаъли ту додем ҷони ширинро,
Ба кӯҳи ҳаҷр дарафтодаем чун Фарҳод.
Ба сайди оҳу сайёд кай тавонад рафт,
Ки чашми оҳуи ту сайд мекунад сайёд.
Магар ту ҳури биҳиштӣ, ки аз нажоди башар
Назод чун ту паричеҳраву фариштанажод.
Ба гӯши дилбар фарёди мо расид, вале
Аз он чӣ суд, ки дилбар намерасад фарёд!
Агар ба хорӣ шуд хоки роҳи ӯ Носир,
Зи хоки роҳ ғуборе ба доманаш марасод.

* * *

Ман уфтодаву анфоси рӯҳпарвари бод,
Чу бод бар ту гузар мекунад, ҳаромаш бод!
Шаби фироқу ғарибиву ишқу танҳоӣ,
Чӣ шуд, ки бар мани бечора ҳар чаҳор афтод?
Сиришки дидаи ман ҳамчу об мехонад,
Ки солҳо ту наёрӣ ба нома аз ман ёд.

Ғуломи ишқи ту аз ҳар ду кавн озод аст,
Касе зи модари фитрат чунин назод озод...
Зи нақшбанди азал ақлу ҳуш ҳайронанд,
Ки дар шамоили хуби ту доди хубӣ дод.
Чу бод меравад андар рикоби ту Носир,
Чӣ гуна сабр кунад, умр додааст ба бод!

* * *

Медиҳад бод аз ту бӯе, офарин бар бод бод!
Ман ба бӯят медиҳам умри гиромиро ба бод.
Бар дилам бедоди чашми масти ту аз ҳад гузашт,
Доди худ гуфтам ситонам аз лабат, додам надод.
Дидам аз чашмат, ки бандад хоби мардумро ба сеҳр,
Ҳеч нашнидам, зи зулфат кори мискине гушод.
Номуроде чанд савдои ту меварзанду нест
Ҳаргиз аз васли ту ҳосил номуродеро мурод.
Анкабутеро магас дар дом меафтад, вале
Кас нишон надҳад, ки симурғе ба доме уфтод.
Он чи аз дарди фироқат дӯстонро бар дил аст,
Рӯзи ҳиҷрони ту рӯзӣ ҳеч душманро мабод!
Нақши ҳар ҳарфе, ки мехонад хирад аз хатти ёр,
Бар баёзи дида Носир мекунад онро савод.

* * *

Пой берун зи ҳадди хеш ниҳод
Зулфи ту, сар аз он диҳад бар бод.
Бандаи туст, ҳар куҷо сарвест,
Банда бисёр кардаӣ озод.
Рӯй бинмудию ғамам бирбуд,
Зулф бикшодиву дилам бикшод.
Гарчи меҳрат зи мо барорад гард,
Ҳеч гарде ба доманат марасод!
Бар миёнат чу гавҳар овезад
Ҳар киро ҷавҳарест чун пӯлод.
Тамаъи хоми ман ҳавас мепухт,
Ки дилам гардад аз висоли ту шод.
Дидамат худ, ки аз фаромӯшон
То гузар бошадат, наёрӣ ёд.

Ман лабат дар забон намеронам,
Пойи Ширину бӯсаи Фарҳод.
Умри он кас, ки саъйи ҳиҷрон кард,
Бод ҳамчун дилам харобобод!
Ҳар замон дар ғам уфтад Носир,
Чӣ тавон кард, толеъ ин афтод!

* * *

Як нафас, эй боди сабо, ҳамчу бод
Азми ту то куйи дилором бод!
Гар ба дари дӯст қабулат бувад,
Рост бувад ин, ки қабул аст ёд.
Пеши муроди дилу мақсуди ҷон
Арза диҳӣ дарди дили номурод.
Аҳди маро ёр фаромӯш кард,
Рафт басе аҳду наёвард ёд.
Дод надод он бути бедодгар,
Дод ҷафокорию бедод дод.
Қаҳр, ки аз ёр бувад, беҳ зи лутф,
Зулм, ки аз дӯст бувад, беҳ зи дод.
Носир агар нома нависад ба дӯст,
Мекунад аз дида баёзу савод.

* * *

Ман агар хок шудам, оби шумо равшан бод,
Сар агар аз ту кашам, теғи ту бар гардан бод!
Ҳаққи суҳбат, ки миёни ману ту муҳкам шуд,
Гар фаромӯш кунам, лаънати Ҳақ бар ман бод!
Ман зи ғайрат назар аз ғайри ту бардӯхтаам,
Гар ба ғайрат нигарам, ҳар мижаам сӯзан бод!
Дар фироқи ту агар хок шавам, чист вуҷуд?
То абад гарди таманнои ту бар доман бод!
Гар пароканда шавам аз сари кӯят чу ғубор,
Дили мискини маро хоки дарат маскан бод!
Суҳбат аз дӯст буридиву ба душман пайваст,
Дӯстдорони туро мартабаи душман бод!
Ғарқи хун, Носир, агар бе ту чу гул бар хор аст,
Сарви ман, ҷойи ту ҳар ҷо, ки бувад, гулшан бод!

* * *

Ҷон бар лаби лаълаш чу магас бар шакар афтод,
Бо васли ту дил чун шаббае дар гуҳар афтод.
Кай даст занад дар камари суҳбати Ширин,
Фарҳод, ки бо дарди фироқ аз камар афтод.
Бо рӯи ту зад оби равон лофи латофат,
З–он рӯй маро оби равон аз назар афтод.
Ёқути равон дар назарам ҷой гирифтаст,
Аз ҷазъ басе лаъл, ки бар рӯйи зар афтод.
Он қатраи хай бар лаби гулранги ту гӯйӣ,
Аз абр наме бар рухи гулҳои тар афтод.
Бар чашмаи нӯшини лабат сабза дамидаст,
Ё худ пари тӯтист, ки андар шакар афтод.
Бадхоҳ барафтад, чу дарафтод ба Носир,
Ҳар кас, ки ба дарвеш дарафтод, барафтод.

* * *

То акси ту аз равзанаи дида дарафтод,
Дар хонаи дил партави шамсу қамар афтод.
Бисёр даровехт сабо бо сари зулфат,
Мехост, ки берун ҷаҳад аз дом, дарафтод.
Дар роҳи хатарноки ту гар дар дили ошиқ
Ҷонро хатаре ҳаст, ба ҷон дар хатар афтод.
Як раҳ гузар афтод маро бар сари кӯят,
Ин кор, ки афтод, аз он раҳгузар афтод.
Кай даст занад дар камари суҳбати Ширин
Фарҳод, ки бо дарди фироқ аз камар афтод.
Ҳар қатраи хун дар раги ҷон бодаи лаъл аст,
З-он рӯй маро қатраи хун дар ҷигар афтод.
Бадхоҳ дарафтад, чу дарафтод ба Носир,
Ҳар кас, ки ба дарвеш дарафтод, барафтод.

* * *

Диламро дар занахдонат раҳ афтод,
Қадам аз раҳ бурун зад, дар чаҳ афтод.
Чу дар маҳтоб мерафтӣ хиромон
Зи рӯят тоб дар рӯйи маҳ афтод.

Нахӯрдам мева аз нахли баландат,
Дареғо, дасти умрам кӯтаҳ афтод.
Таҷаллӣ кард анвори ҷамолат,
К-аз он ҳайрат ба ҷони огаҳ афтод.
Чу лои нафй бар худ ронд Носир,
Ҳама исбот дар иллаллаҳ афтод.

* * *

Сад қатраи хун ҳар дам аз дидаи мо афтад,
Ушшоқи парешонро бингар, ки чиҳо афтад!
Дил аз ҳаваси холат бар зулфи ту мепечад,
Мурғ аз тамаъи дона дар доми бало афтад.
Гар қадди туро рӯзе дар боғ гузар бошад,
Ҳам бед шавад ларзон, ҳам сарв зи по афтад.
Дирӯз туро дидам аз бода фитон хезон,
Чун гул, ки ба ҳар сӯе аз боди сабо афтад.
Хоҳӣ, ки маро хирқа пайваста қабо бошад,
Бигзор бар андомат то чини қабо афтад.
Сар бар тани ман борест, ёрӣ бидеҳ аз теғам,
То бори гарон як дам аз гардани мо афтад.
Бисёр гадо ояд дар кӯйи ту чун Носир,
Лекин ба чунин зорӣ душвор гадо афтод.

* * *

Аз сабо гар дар сари зулфи ту чин хохад фитод,
Дил ки дар Ҳиндустон гум шуд, ба Чин хоҳад фитод.
Гар насими бениёзӣ хоҳад аз кӯят вазид,
Оташе дар рӯзгори куфру дин хоҳад фитод.
Гар хаёле аз гули рӯят фитад дар савмаа,
Хор-хоре дар дили хилватнишин хоҳад фитод.
То бинолад рӯи худ бар хоки кӯят офтоб,
Ҳар саҳар аз боми гардун бар замин хоҳад фитод.
Тохтӣ аспу намудӣ рух, дили ман мот шуд,
Ман чӣ донистам, ки бозӣ инчунин хоҳад фитод.
Ман яқин донам, ки ҷуз ном аз миёнат ҳеҷ нест,
Гар камар бандӣ, гумоне дар яқин хоҳад фитод.

Ин сухан охир нашуд, Носир, ҳанӯзу з-ин сухан
Ҳасрате дар аввалину охирин хоҳад фитод.

* * *

Рухат гул асту қадат сарву турраат шамшод,
Чу шона дар сари зулфи ту бошам аз шам шод.
Чу боди субҳ гузар кард дар чаман ғунча,
Алассабоҳ ба дастон ҳазор дил бикшод.
Фалак бисоту кавокиб чу муҳра дар шаш дар,
Ту офтоб, ки дар ҳусн фаридию зиёд.
Чу ғунчаро сари пайкон зи хун шуд олуда,
Баромад аз дили пурхуни булбулон фарёд.
Ҳубоб хайма пур аз бод мезанад бар об,
Чунон ки абр зад аз об хиргаҳе бар бод.
Ҳазор нола кунад ҳар саҳар зи дасти чинор,
Вале чӣ суд, ки гул доди ӯ нахоҳад дод?!

* * *

Гар партави хуршеди рухат бар қамар афтад,
Маҳ зери қадамҳои ту чун хок дарафтад.
Ман зарраи торикаму ту меҳри мунаввар,
Равшан шавам, ар сӯи манат як назар афтад.
Чун лола ба хун ғарқ сар аз хок барорам,
Рӯзе агарат бар сари хокам гузар афтад.
Ҳар ҷой ки соқӣ ту шавӣ, бода чӣ ҳоҷат,
Ҳар кас ки бибинад рухи ту бехабар афтад.
Бо теғи мижа чашми ту ҳар ҷо, ки нихад рӯй,
Дилҳо чу сари зулфи ту бар якдигар афтад.
Чун писта агар лаб бикушоӣ ба табассум,
Шӯри лаби ширини ту андар шакар афтад.
Носир, ба раҳи ишқ марав тезу бияндеш,
К–аз тезравӣ маркаби тозӣ ба сар афтад.

* * *

Занахдони ту гар ин аст, сад Юсуф ба чоҳ афтад,
Назар бар қаддат андозанд, хубонро кулоҳ афтад.

Чу зулфи туст бахти ман, аз он доим парешон аст,
Надонам дар ҷаҳон касро чунин бахти сиёҳ афтад.
Наёмад дар барам қадди ту, боре хоки раҳ гардам,
Ки рӯзе сояи болои ту бар хоки роҳ афтад.
Агар чашми ту ноҳақ рехт хунамро, биҳил кардам,
Наарзад, к-аз чунин хун нозанине дар гуноҳ афтад.
Ман аз заъфу вуҷуди худ чу зарра то падидорам,
Куҷо хуршеди тобонро ба сӯйи ман нигоҳ афтад?!
Гар аз дасти ту дар поят фитодам, сар макаш аз ман,
Аҷаб набвад, агар дар зери пойи гул гиёҳ афтад.
Зи Носир ҷон талаб кардӣ, ба сад ҷон миннат аст, оре,
Раҳоварди гадоён гар қабули подшоҳ афтад.

* * *

З-он оташе, к-аз ҳаҷри ту ҳар дам ба ҷони ман фитад,
Гар дам занам, хуршедро сад шуъла дар хирман фитад.
Гуфтам шавам бо дарди ту яксон ба хоки раҳ, вале
Ҳайф оядам, к-аз хоки ман гарде бар он доман фитад.
Худро нишона кардаам пеши камони абруят,
Бошад нишони давлате, к-аз тири ту бар ман фитад.
Ҳар шаб хаёли рӯйи ту бар боми дил ояд, аз ӯ
Дар хонаи торики тан акси маҳи равшан фитад.
Бикшод чашмам равзане дар хилвати дил, то магар
Ногаҳ зи хуршеди рухат нуре дар он равзан фитад.
Хун шуд дили ман ғунчаваш, не, не, ки аз хори ҷафо,
Айбам макун, гар ҳамчу гул чоке ба пироҳан фитад.
Носир ҳама шаб ноладу халқе набинад хоби хуш,
К-аз оҳи ӯ ҳамсояро оташ ба пироҳан фитад.

* * *

Ҳавоят дар димоғи ман нагунҷад,
Хаёлат дар сари сӯзан нагунҷад.
Ба зулфат дил набастам, з-он ки сагро
Каманди шоҳ дар гардан нагунҷад.
Ба доман чун чаконам гиря аз чашм,
Ки касро баҳр дар доман нагунҷад.

Дами ман дар дили сахтат нагирад,
Ки ин оташ дар он оҳан нагунҷад.
Сабо то дод гулро аз ту бӯе,
Гул аз шодӣ ба пироҳан нагунҷад.
Куҷо бинад рухатро чашми Носир,
Ки он хуршед дар равзан нагунҷад.

* * *

Дилам дар васли гулрӯе нагунҷад,
Хасак бо настаронбӯе нагунҷад.
Аз он дастам ба зери сар сутун аст,
Ки андар зери паҳлуе нагунҷад.
Ба чашмам з-оби дида сад харобист,
Ки оби баҳр дар ҷӯе нагунҷад.
Гуҳар гаштаст назмам, лек бе зар
Ба гӯши ҳеҷ маҳрӯе нагунҷад.
Тани ман гашт мӯе в-аз ту дур аст,
Ки моро дар миён мӯе нагунҷад.
Чаро бар дида кардӣ ҷой мижгон,
Ба васли турк ҳиндуе нагунҷад.
Наёбад раҳ ба кӯйи дӯст Носир,
Саги девона дар кӯе нагунҷад.

* * *

Чунон пур шуд дил аз дилбар, ки дил дар бар намегунҷад,
В–агар гунҷад дилам дар бар, дар ӯ дилбар намегунҷад.
Агар парвонаи ишқӣ, дар оташ болу пар мезан,
Ки ин ҷо ҳазрати шамъ асту болу пар намегунҷад,
Туро заҳмат шуд, эй зоҳид, ки бишкастӣ сабӯи мо,
Ки ман з–он бода сармастам, ки дар соғар намегунҷад.
Рав, эй сӯфии рӯбаҳфан, ба пойи хум чӣ мегардӣ,
Ки зери пойи пили маст шери нар намегунҷад.
Маро гӯянд ёронам: Зи сар берун кун ин савдо,
Намедонанд, к–ин савдо маро дар сар намегунҷад.
Ба рӯйи зарду оби дида васлашро талаб кардам,
Бигуфт: Ин кори ташриф аст симу зар намегунҷад.
Агар бар Каъбаи васлаш тавофе мекунӣ, Носир,
Гузар аз нафси худ, к–ин саг ба масҷид дарнамегунҷад.

* * *

Васфи ту дар баён намегунҷад,
Бенишон дар нишон намегунҷад.
То ту дар ҷони ман гирифтӣ ҷой,
Ҷони ман дар ҷаҳон намегунҷад.
То зи меҳри ту моҳ равшан шуд,
Моҳ бар осмон намегунчад.
То ба қадди ту сарв монад рост,
Сарв дар бӯстон намегунҷад.
Кибр манъат ҳамекунад зи сухан,
Ё сухан дар даҳон намегунҷад?!
Чӣ бузург аст исми аъзами ту,
Ки маро дар забон намегунҷад.
Раҳ ба кӯи ту чун барад Носир,
Саг бар он остон намегунҷад.

* * *

Чу чашмат ҳеҷ оҳуе надорад,
Ки чашмат ҳеҷ оҳуе надорад.
Хиҷил шуд аз гули рӯйи ту лола,
Ки ранге дораду бӯе надорад.
Аз он дорад сар андар пеш наргис,
Ки дорад чашму абрӯе надорад.
Дилам аз дида ҷӯйи хун равон кард,
Ба ғайр аз дида дилҷӯе надорад.
Надонам дар ҷаҳон рӯеву рое,
Ки он бо роҳи ту рӯе надорад.
Сухан то гуфта шуд дар васфи рӯят,
Беҳ аз Носир сухангӯе надорад.

* * *

Лола аз оташи савдои ту доғе дорад,
Ғунча аз бӯйи хушат тоза димоғе дорад.
Гулшани чашми ман аз хуни ҷигар гулзор аст,
Қомати сарви ту гар майл ба боғе дорад.
Роҳи дил гар чу шаби зулфи ту бошад торик,
Шамъи рӯйи ту далел асту чароғе дорад.

Зулфи мушкини ту зоғ асту ду чашмат «мо зоғ»
Чун камон гӯшаи абрӯи ту зоғе дорад.
Коми Носир агар аз ҷом фурӯғе гирад,
Ҳама аз мулкати Ҷамшед фароғе дорад.

* * *

Ба назди аҳли назар ҳар кӣ дидае дорад,
Мудом дида зи рӯйи ту бар намедорад.
Касе, ки дида ба дидори дӯст равшан кард,
Ҳадиси таънаи душман ба гӯш мен-орад.
Маро зи фурқати дилдори меҳрубон ҳар дам
Зи кунҷи дидаи хунин ситора меборад.
Ҳар он ки панди рақибон намекунад дар гӯш,
Зи ганҷи суҳбати ёраш насиб кай дорад?
Рақибро чӣ маҳал, то ки пеши суҳбати ёр
Нишинад ӯву ба беҳуда роз бардорад?!

* * *

Зулфи мушкини ту занҷири балое дорад,
Баста ба ҳар сари мӯе сару пое дорад.
Дӯст он нест, ки тобад сари паймон аз дӯст
Дӯст он аст, ки бо дӯст вафое дорад.
Бенавое зи ғам ар нола кунад, маъзур аст,
Нола баҳри чӣ кунад най, чу навое дорад.
Чангро кард ғами ишқ раг аз парда бурун,
Бинавозаш, ки вай ин дард зи ҷое дорад.
Хоки кӯи туву оҳи дили ман, шоми фирок
Боғи равза-ст, ки аз мушк сабое дорад.
Тану пироҳани ту на тану пираҳани мост,
Гули сурист, ки аз лола қабое дорад.
Аз ман, эй хусрави хубони ҷаҳон, ор мадор,
Ки на ҳар шоҳ чунин турфа гадое дорад.
Дил ба дармон манеҳу дард каш, эй дил, зинҳор,
К-ин на дардест, ки уммеди давое дорад.

* * *

Мани ранҷурро уммеди васлаш зинда медорад
В-агарна дарди ҳаҷри ӯ маро як лаҳза нагзорад.
Нагардад шоми ман равшан, намирад сӯзи дил, гарчи
Зи оҳам меҷаҳад барқу зи чашмам сел меборад.
Маро чун сурма зери пойи худ суда-ст он дилбар,
Ҳанӯз аз саркашию ноз дар чашмам намеорад.
Зи сӯзи ишқи ӯ доғест дилро, к–он ҳамесӯзад,
Зи хори реши ӯ решест ҷонрову ҳамехорад.
Ҳаметарсам, к–аз оҳи дил хазон гардад гулистонаш,
Бигӯ, то хотири маҷрӯҳи булбулро наёзорад.
Раҳо кун соате, то дил миёни тоқи абрӯяш
Намозу ҳоҷати худро дар он меҳроб бигзорад.
Бигуфтам: Бори ҳиҷрони туро то кай кашад Носир?
Бигуфто: Ёр он бошад, ки бори ёр бардорад.

* * *

Ба дӯст аз дили мискин саломи мо кӣ барад?
Бар остонаи васлаш паёми мо кӣ барад?
Ҳикояти рухи гулгуни ту зи сели сиришк
Ба сарви соявари хушхироми мо кӣ барад?
Ҳадиси дарди дилу моҷарои қиссаи шавқ
Ба хун навишта, бари ӯ саломи мо кӣ барад?
Сабо чу ёр наёяд пас аз аҷал, ҳайҳот,
Ба кӯйи дӯст ғубори изоми мо кӣ барад?
Насими кӯйи ту гар н-оварад ба хоки лаҳад,
Насими мушк ба сӯйи машоми мо кӣ барад?
Туро забони шикоят дароз шуд, Носир,
Миёни базмгаҳи хос номи мо кӣ барад?

* * *

Пири мо хирқаи худ дар гарави саҳбо кард,
Хешро боз ба пиронасарӣ расво кард.
Дар ҳама дайр касе нест ба қаллошии мо,
То кадом аҳли дил аз лутф назар дар мо кард?

Бандаи қомати сарвам, ки агар барг надошт,
Номи озодагию ростравӣ пайдо кард.
Оқибат аз ҳаваси соқию шоҳид Носир,
Муфлиси майкада шуд в-аз ҳама истиғно кард.

* * *

Гар чораи тақдир ба тадбир тавон кард,
Қайди дили девона ба занҷир тавон кард.
Гӯянд ба тақрир расон ҳолу дар ин ҳол
Ҳоли дили саргашта на тақрир тавон кард.
Ҳар хоби парешон, ки шаби ҳаҷри ту дидам,
Онро ба сари зулфи ту таъбир тавон кард.
Рӯзе бизанам дасту сари зулфи ту гирам,
То кай зи ғамат нолаи шабгир тавон кард?
Расмест, ки чашм аз мижа созад қалами мӯй,
Бошад, ки бар ӯ нақши ту таҳрир тавон кард.
Чун ғунча ба танг омадам аз хирқаи азрақ,
То чанд дар ӯ зарқ ба тазвир тавон кард?
Носир, агар он ёр хатопӯши қадим аст,
Худ гӯй, ки чандин ҳама тақсир тавон кард?!

* * *

Ишқ пайдо шуду ин роз ниҳон натвон кард,
Чун аён аст, дигар ҳеч баён натвон кард.
Меравад дилбарам аз пешу равон дар пайи ӯ
Чӣ бувад ҷони гиромӣ, ки равон натвон кард?
Аз латофат ба рухат аз назари мост нишон,
Тира гардад, ба рухи моҳ нишон натвон кард.
Зоҳиди савмаaро бар дари ҳар майкада сар
Суд бояд, ки ҳама вақт зиён натвон кард.
Чашму абрӯи ту чоки дили мо дӯхт ба тир,
Оламе хаста бад-он тиру камон натвон кард.
Чанд дашном диҳад пеши ту моро душман?
Нест тасбеҳ, худ ин вирди забон натвон кард.
Гар бибандӣ ту ба хунрезии Носир шамшер,
Аз миёни ту ба шамшери карон натвон кард.

* * *

Буроқи барқ азми осмон кард,
Қатори пили ҷавҳаркаш равон кард.
Фалак дилгарм шуд аз баҳри ғунча,
Ҳаво аз абр гулро соябон кард.
Чу чашми абр бар рӯйи гул афтод,
Зи дида бар сари ӯ дурр фишон кард.
Бидеҳ, соқӣ, ба дастам ҷоми лола,
Ки махмурӣ рухамро заъфарон кард.
Ба бонги арғанун даркаш аз он май,
Ки аксаш нилуфарро арғавон кард.
Саҳаргаҳ бо лаби ту ғунча зад лоф,
Сабо бархост, хокаш дар даҳон кард.
Чу наргис навбати мастист, эй ёр,
Чу Носир чанд мастурӣ тавон кард?!

* * *

Бо ту баробарӣ рухи ҳуру малак накард,
Он кард чеҳраи ту, ки меҳри фалак накард.
Аз шарқ то ба ғарб ба хубӣ ягонаӣ,
Хуршед мулки худ ба касе муштарак накард.
Бе абруи ҳилоли ту дил шодмон нашуд,
Донам яқин, ки ид касе рӯзи шак накард.
Бар ман шабе ба ҳаҷри ту ҳаргиз нагашт рӯз,
То чашми ман зи гиря шумори самак накард.
Хандон нагашт пиставу берун нашуд зи пӯст,
То бар ҷароҳаташ лаби лаълат намак накард.
Хат гарчи ҳаст душмани ҳуснат, сараш мабур,
Кас доғи тира аз вараќи моҳ ҳак накард.
Носир наёфт ваҷҳи зар аз дору зарби ишқ,
Саррофи ишқ ҳоли варо то маҳак накард.

* * *

Ман намехохам, ки чашми ғайр дар ту бингарад,
Чашми бад ҳайф аст, к-андар рӯйи некӯ бингарад.
Бод ҳар мӯйи мижа дар дида мили оташин,
Гар ба нуқсон дар ҷамолат як сари мӯ бингарад.

Ҳайратам ояд, ки боди субҳ дар кӯят вазад,
Ё шаб аз равзан дароияд, моҳи он рӯ бингарад.
Ҷони маҷрӯҳам тапад ҳар дам миёни хоку хун,
Он замон к–аз ноз чашми ту ба ҳар сӯ бингарад.
Ҳоҷати тиру камон набвад, фитад мурғ аз ҳаво,
Дар паридан гар сӯйи он чашму абру бингарад.
Гар назар кардам ба суйи лаъли нӯшинат, чӣ бок?
Дидаи бемор, шояд, сӯи дору бингарад.
Нақши бозу сохт Носир номи маймуни туро,
Шавқ чун ғолиб шавад, дар нақши бозу бингарад.

* * *

Ҳаво расми гуҳар боридан овард,
Гул ойини шакар хандидан овард.
Магар зад бар дилаш пайкони ғунча,
Ки булбул шеваи нолидан овард?!
Ба сар-бар лола ёқутин аёғе,
Ба боғ аз баҳри май нӯшидан овард.
Шароби ҷомро лаъли ту, соқӣ,
Даруни ҷом дар ҷӯшидан овард.
Мадеҳ боди саборо бар дарат бор,
Ки ӯ расми ҳикоят чидан овард.
Қадам зан, Носиру аз ҷон маяндеш,
Муборизро, ки по бӯсидан овард.

* * *

Агар дилбар зи мо дил барнагирад,
Дили ман ғайри ӯ дилбар нагирад.
Агар зар дар миён набвад камарро,
Миёни дӯстро дар бар нагирад.
Сабо дам медиҳад гулро, валекин
Нахоҳад хӯрд дам, то зар нагирад.
Хаёли дӯст дар чашмам наояд,
Ки ӯро дида дар гавҳар нагирад.
Бирав, зоҳид, ту чун бодиву ман шамъ,
Дами сарди ту бо ман дар нагирад.

Ба танҳоӣ тавон мулке гирифтан,
Ки султон бо ҳама лашкар нагирад.
Дили Носир шавад чун ғунча пурхун,
Ба даври гул агар соғар нагирад.

* * *

Ғами олам махӯр, эй дил, ки олам ғам намеарзад,
Ба ғамгин гаштани як дил ҳама олам намеарзад.
Дурӯза умр дар олам чӣ бояд хӯрд чандин ғам?
Ки андӯҳи фаровонаш ба умри кам намеарзад.
Махӯр теғи ҷафои ӯ ба бӯйи марҳами лутфаш,
Ки захми сӯзане аз вай ба сад марҳам намеарзад.
Ба як ҷав гар суъуди Муштариро чарх бифрӯшад,
Набояд муштарӣ гаштан, ки як ҷав ҳам намеарзад
Парию одамӣ дар дасту мурғи бод дар фармон,
Бар ангушти Сулаймон заҳмати хотам намеарзад.
Агар ҳар одамеро ҳашт ҷаннат мешавад ҳосил,
Ба як зиллат, ки содир гашт аз Одам, намеарзад.
Нашояд тозарӯ будан ба оби дигарон, Носир,
Ки хандон гаштани гул гиряи шабнам намеарзад.

* * *

Чу ишқат чанги ғам дар ҷони ман зад,
Дил аз шодӣ равон ҷон доду тан зад.
Ман аввал раҳбари ислом будам,
Ба охир қавли мутриб роҳи ман зад.
Сабо бӯе зи хоки кӯят овард,
Ки гул чоке ба ҷайби пираҳан зад.
Саҳаргаҳ ғунча даъво бо рухат кард,
Чинораш дасти ғайрат бар даҳан зад.
Насими субҳ бар зулфи ту бигзашт,
Ҳаромӣ корвоне аз Хутан зад.
Зи сунбул ҳалқа-ҳалқа бар гул овехт,
Зи савсан даста-даста бар суман зад.
Ривоҷе ёфт динори маонӣ,
Ки Носир сиккаи нав бар сухан зад.

* * *

Гар ба хунрезӣ он турки Хито бархезад,
Чӣ савоб ояду он гаҳ чӣ хато бархезад.
Қосиде нест, ки орад хабари дӯст ба дӯст,
Магар ин дӯстӣ аз дасти сабо бархезад.
Дида за нури таҷаллӣ бинамояд дидор,
Гар зи ойинаи дил ранги риё бархезад.
Тани ман хоки дари тусту ба бӯе зинда,
Ки ба маҳшар зи сари кӯи шумо бархезад.
Чашми фаттони ту фитна-сту намедорӣ гӯш,
То набояд, ки ба ҳар гӯша бало бархезад.
Мард агар кӯҳ бувад, пой кашад дар доман,
Гард бошад, ки ба ҳар бод зи ҷо бархезад.
Хоки Носир агар аз оташи ту рафт ба бод,
Ҳошалиллаҳ, ки аз ӯ гарди фано бархезад.

* * *

Ҳар кӣ мардона ба ишқ аз сари ҷон бархезад,
Дар нахустин қадам аз ҳар ду ҷаҳон бархезад.
Дар қиёмат, ки ба бӯйи ту шавад ҷон зинда,
Танам аз ҷон ба вафои ту равон бархезад.
Чун сар аз хок барорам, гули рӯят бинам,
Наргис аз хоби сабӯҳӣ нигарон бархезад,
Дил, ки аз партави рӯи ту ҳавоӣ гардад,
Дар ҳаво заррасифат рақскунон бархезад.
Дар чаман гар бикушоӣ чу гул аз рух парда,
Аз дили булбули шӯрида фиғон бархезад.
Тир агар рост бигӯяд сифати абруи ту,
Бонги зеҳ аз қади дутоҳи камон бархезад.
Бинишинам ба ту, эй ёри сабукрӯҳ агар,
Бахти бадбахти ман аз хоби гарон бархезад.
Ҳамчу шамъ аз дили Носир равад оташ ба забон,
Лоҷарам, шуълаи нураш зи забон бархезад.

* * *

Гуфтам, ки даме биншин, то фитна набархезад,
Гуфто: Набувад ошиқ, к-аз фитна бипарҳезад.

Гуфтам: Ҳама фитна аз заҳмати ҳиҷрон аст,
Гуфто: Чӣ бувад хиҷрон, чун ишқ даромезад.
Гуфтам: Зи хуми ваҳдат ҳар ҷом ба ҳар рангест,
Гуфто, ки муҳит аз мавҷ сад нақш барангезад.
Гуфтам, ки шавам оқил в-аз ишқи ту бигрезам,
Гуфто, ки мурад ташна, аз об чу бигрезад.
Гуфтам, ки ҷафо кам кун, то сар накашам аз хат,
Гуфто, ки хами зулфам дар гарданат овезад.
Гуфтам, ки рухат бинмо дар хоб ба муштоқон,
Гуфто, ки дигар як кас аз хоб набархезад.
Гуфтам, ки ба рӯйи ту дорад назаре Носир,
Гуфто, ки чаро аз чашм хуноба намерезад?

* * *

Чун зи кӯят ҳар саҳар бӯе ба гулшан мерасад,
Ғунчаро чоки гиребон то ба доман мерасад.
Мо асири ҳаҷру доим дар висоли ту рақиб,
Шоҳро ганҷу гадоро кунҷи гулхан мерасад.
Чархро аз нолаам мебигзарад тир аз сипар,
Моҳро аз оҳи ман оташ ба хирман мерасад.
Субҳдам бар ман бисӯзад осмонро дил з-меҳр,
Гар бад-ӯ як дам занам з-он ғам, ки бар ман мерасад.
Эй дили ман, чоки ҳиҷрони ту хоҳад ёфт васл,
Инак аз мижгон раҳоварди ту сӯзан мерасад.
Хотири маҳҷури дарвеше ба маъво мекашад,
Қолаби ранҷури мискине ба маскан мерасад.
Дида мебинад рухатро, дил ҳамебинад фурӯғ,
Хонаи торикро нуре зи равзан мерасад.
Сӯйи Мисри хеш, Носир, кӯрии Фиръавнро
Чун Калимуллоҳ аз водии Айман мерасад.

* * *

Моро, ки дил бар оташ аз ғам кабоб бошад,
Маҳрам пиёла гардад, ҳамдам шароб бошад.
Ҳаргиз зи ганҷи ҳуснат доди дилам надодӣ,
То кай зи чашми мастат олам хароб бошад?

Чашмат камони абрӯ овард то буногӯш,
Тираш хато наафтад, айни савоб бошад.
Гуфтам ба чашми шӯхат то кай зи хоб мастӣ?
Гуфто, ки кори наргис мастию хоб бошад.
Чун аз сабо барояд ғарқи арақ ҷабинат,
Бар лола жола борад, бар гул гулоб бошад.
Дар ҳимматам висолат чун маҳ дар авҷ гардад,
Дар дидаам хаёлат чун дур дар об бошад.
Аз мушки ноби мӯят дар нофа печ афтад
В-аз офтоби рӯят дар моҳ тоб бошад.
Кардам савол аз хат, аз лаб ҷавоб додӣ,
Тӯтӣ, ки хӯрд шаккар, ширинҷавоб бошад.
Осон бувад ба ваҳдат фардо ҳисоби Носир,
Воҳид адад надорад, то дар ҳисоб бошад.

* * *

Ману масҷид? Ҳама донанд, ки тухмат бошад,
Кори ҳар тоифа бояд, ки ба нисбат бошад.
Ман гадоям, ба ибодат нахарам боғи биҳишт,
Дар атое, ки баҳо рафт, чӣ миннат бошад?
Зуҳд кай кардаму чун рафт бар ин нест гувоҳ,
Туҳмати хушк ниҳодан чӣ тариқат бошад?
Хез, то ҷоми майи куҳна ғанимат шуморем,
З–он ки ҳамсуҳбати дерина ғанимат бошад.
Зоҳиду равзаи Ризвон, ману хоки дари ёр,
Ҳар касеро ғаразе дархури ҳиммат бошад.
Айби риндон натавон кард, ки дар мазҳаби ишқ
Шоҳид аз мустаҳабу бода зи суннат бошад.
Носиро, чист гуноҳи ту ба ҷанби карамаш?
Зарраро дар бари хуршед чӣ қимат бошад?

* * *

Гар сарам хок шавад, дар кафи поят бошад
В-ар танам гард бувад, гарди ҳавоят бошад.
Дили ман ҳаст барои ту, барои худ нест,
Ҷон фидо бод дилеро, ки бароят бошад.

Дар дили танги ман ар ҷой кунӣ, ҷоят ҳаст?
Хонаи дида чӣ ҷоест, ки ҷоят бошад.
Ҳама ҷо фош шавад зулфи ту чун мушк ба бӯй,
Маҳрами хилват агар боди сабоят бошад.
Магар аз ранҷи камар нест миёнат огоҳ
В-арна бори дилаш аз чини қабоят бошад.
Нозанино, ҳама кас чун ба ту доранд ниёз,
Он ки султони ҷаҳон аст, гадоят бошад.
Гар бимирад зи ғами ҳаҷри ту Носир, ғам нест,
Дар фанои ман агар тӯли бақоят бошад.

* * *

Маро, ки нақши хаёли ту дар назар бошад,
Чу баҳру кон садафи дида пургуҳар бошад.
Агар ба соҳили чашмам хаёли ту гузарад,
Зи мавҷи баҳр ҳамон беҳ, ки барҳазар бошад.
Чу хоки раҳгузар афтодаам, гузоре кун,
Туро агарчи зи амсоли мо гузар бошад.
Чу кӯҳ пой ба доман кашидаам, чӣ аҷаб,
Агар зи хуни дилам лаъл бар камар бошад?!
Шунидаам, ки шавад хун ба нофи оҳу мушк,
Дило, мадор таваққуъ, ки беҷигар бошад.
Балои ишқ қазо буду ман надонистам,
Ки иқтизои қазо то бад-ин қадар бошад.
Хабар намедиҳад аз сирри васли ӯ Носир,
Ки ҳар кӣ масти мудом аст, бехабар бошад.

* * *

Ҳар кас, ки муқими дари хаммор набошад,
Дар мазҳаби мо оқилу ҳушёр набошад.
Гар илми яқин аст туро, айни яқин ҷӯй,
К–он тоифаро кибр ба хирвор набошад.
Дорӣ ҳаваси суҳбати ӯ, тарки ҳавас гир,
К–он ёр ба ҳар булҳавасе ёр набошад.
Сардафтари асҳоби яқин буд Муҳаммад,
Шоҳе, ки чу ӯ қофиласолор набошад.

Бингар, зи куҷо омаду чун буду куҷо рафт,
Ёрет бад-ин заҳраи инкор набошад.
Гӯӣ, ки маро мартабаи илм чу Мӯсост,
Охир ҳам аз ин қавли худат ор набошад.
Ҳирсу ҳасаду бухл тамаъ дорӣ аз инҳо,
Ҳам хуш бувад, ар бар сари бозор набошад.
Анфоси муаттар чӣ занӣ беҳуда, Носир?
Ҳар бехабаре маҳрами асрор набошад.

* * *

Дар пояш афканам сар, то дарди сар набошад,
Бо зулфи ӯ диҳам дил, то дил дигар набошад.
Рӯзе ба ёди зулфаш гар шаб ба рӯз орам,
Бояд ки ҷуз рухи ӯ шабро саҳар набошад.
Ҳар кас, ки дар раҳи ӯ бинҳод пой чун шамъ,
Он беҳ, ки пой дорад, дар банди сар набошад.
Онро, ки дар ду олам бошад назар ба қаддаш,
Ҳиммат баланд дорад, кӯтаҳназар набошад.
Парсӯхта зи оташ парвона ҳам зи пар шуд,
Ӯро зи ибтидо худ он беҳ, ки пар набошад.
Гуфтам, ки дар миёнат дасте камар тавон баст,
Гуфто: Миёни моро тоби камар набошад.
Гуфтам, ки бе хабар шуд Носир зи дарди ишқаш,
Гуфто, ки ошиқонро аз худ хабар набошад.

* * *

Ушшоқи туро дарди сари ом набошад,
Дар доираи сӯхтагон хом набошад.
Дар боргаҳи ишқ хирадро набувад роҳ,
К-он маҷлиси хос аст, раҳи ом набошад.
Он ҷо ки занад ёр саропардаи ғайрат,
Бар дасти сабо заҳраи пайғом набошад.
Ком аз даҳани ёр талаб, з-он ки дар ин давр
Ҷуз дар лаби ширини бутон ком набошад.
Моҳӣ ту, вале моҳи қасабпӯш надидем,
Сарвӣ ту, вале сарв гуландом набошад.
Он шефта гирад ба сари зулфи ту ором,

К-ӯро ба сари зулфи ту ором набошад.
Бояд ки бувад номи ту тасбеҳи забонам,
Нанге набувад, з-он ки маро ном набошад.
Дар ишқ чу Носир натавон ёфт ба айём,
К-он нодира бошад, ки ба айём набошад.

* * *

Моро сари куфру ғами ислом набошад,
Ҷое, ки ҳама нанг бувад, ном набошад.
Дар маҷлиси хосон дафу чангу маю соқӣ
Хуш бошад, агар дарди сари ом набошад.
Эй муддаъӣ, бар мо мафишон донаи солус,
Мурғи дили мо бастаи ҳар дом набошад.
Аз бода ту кори дили мо хом маяндоз,
Ошиқ, ки майи пухта хӯрад, хом набошад.
З-ин ҳамнафасон ҳеч надонам кӣ гирад
Дасти мани шӯрида, агар ҷом набошад.
Ҳаргиз сари ман хоки раҳи бод мабодо,
Гар раҳгузараш гӯшаи он бом набошад.
Эй меҳр, агар аз матлаи иқбол барой,
То рӯзи абад субҳи маро шом набошад.
Ҳарчанд ки дил мебибарад наргиси раъно,
Чун наргиси ҷодуи ту бодом набошад.
Аврок бисӯзад ҳама аз гуфтаи Носир,
Монеъ агар аз гиряии аҳлом набошад.

* * *

Касе, к-аз ишқ фонӣ шуд, чунин бошад, чунин бошад,
Нишони мавҷ аз дарё ҳамин бошад, ҳамин бошад.
Диле, к-ӯ ҷумла ҷон гардад, на он гардад, на ин гардад,
Чу санги лаъл кон гардад, нигин бошад, нигин бошад.
Яқин андар фано бошад гумон аз ҳасти он хезад,
Чу он шуд аз гумон холӣ, яқин бошад, яқин бошад.
Чу ишқ омад, чу ишқ омад, на зуҳд омад, на фисқ омад,
На ширк омад, на куфр омад, на дин бошад, на дин бошад.
Бирав, ҷони муҷаррад шав, ба тавҳид ою муфрад шав,
Ки муфрад ҳар чӣ мехоҳӣ, дар ин бошад, дар ин бошад.

Ғубор аз сина берун кун, ки мардони муваҳҳидро
На дил бошад, на дил бошад, на кин бошад, на кин бошад.
Агар Носир бувад маҳрам, қафасро бишканад дарҳам,
Ба товусони фирдавсӣ қарин бошад, қарин бошад.

* * *

Саҷҷода чӣ кор ояду дастор чӣ бошад?
Зар дар чӣ шумор ояду динор чӣ бошад?
Қандил чӣ қадр ораду тасбеҳ чӣ қимат,
Соғар чӣ зиён дораду зуннор чӣ бошад?
Ман худ зи ғами ҳаҷри ту озурдаам, эй дӯст,
Дигар ба мани сӯхта озор чӣ бошад?
Гар маҳ бихӯрад ғуссаи даврон, чӣ ҷиноят,
В-ар гул бикашад сарзаниши хор чӣ бошад?
Гар дӯст ниҳад лаб ба лаби дӯст, чӣ нуқсон,
В-ар ёр хӯрад май ба рухи ёр, чӣ бошад?
Мағрур машав, зоҳид, аз он рӯйи риёӣ,
Тоат чӣ ғурур ораду пиндор чӣ бошад.
Дармегузарад Носиру бармегузарӣ ту,
Гар ранҷа шавӣ бар сари бемор, чӣ бошад.

* * *

Сироти мо раҳи майхона бошад,
Биҳишти мо рухи ҷонона бошад.
На Тӯбо хуштар аз болои дилбар,
На Кавсар беҳтар аз паймона бошад.
Маро, эй зоҳид, аз дӯзах матарсон,
Ки оташ роҳати парвона бошад.
Агар сад теғ борад, марди ошиқ
Натобад рӯй, чун мардона бошад.
Магӯ, воиз, ба мо аз куфру имон,
Ки томоти шумо афсона бошад.
Ба панди оқилон ҳар к-ӯ ниҳад гӯш,
Ба назди ошиқон девона бошад.
Наёбӣ дар дили Носир ба ҷуз ишқ,
Мақоми ганҷ дар вайрона бошад.

* * *

Ҳар кӣ бар абруву чашмат нигарон хоҳад шуд,
Оқибат куштаи он тиру камон хоҳад шуд.
Агар он рӯи дилорой нахоҳӣ пӯшид,
Фитнаи оламу ошӯби ҷаҳон хоҳад шуд.
Ҳалқае гар зи сари зулфи сияҳ бикшоӣ,
Дар шаби тира маҳу меҳр ниҳон хоҳад шуд.
Ҳар кӣ пешат сари таслим ниҳад ҳамчун чанг
Дар хароботи муғон мӯякашон хоҳад шуд.
Гарчи маъшуқ наёрад сухани ман дар гӯш,
Ошиқонро суханам вирди забон хоҳад шуд.
Ҳамчу хокам ба дарат хор, вале баъд аз ман,
Хоки ман сурмаи соҳибназарон хоҳад шуд.
Бар сари турбати ман чун гузарӣ, ҳиммат хоҳ,
Ки зиёратгаҳи риндони ҷаҳон хоҳад шуд.
Носир аз роҳи Ироқ ар наравад сӯйи Ҳиҷоз,
Чун най аз дасти мухолиф ба фиғон хоҳад шуд.

* * *

Ҳуснаш хати девонагӣ бар дафтари мо мекашад,
Моро зи хатти сабзи ӯ хотир ба саҳро мекашад.
Шакли санавбар шуд дилам моил суи болои ӯ,
З–он рӯ, ки сарви қоматаш дилро ба боло мекашад.
Лаълаш зи оби чашми ман изҳори гавҳар мекунад,
Чашмам ба ёди лаъли ту ёқути ҳумро мекашад.
Инсони айнам борҳо ғаввоси баҳри Ҳинд шуд,
З–ин сон ба доман чашми ман луълуи лоло мекашад.
Ҳар гаҳ ки ҷунбонад сабо аз зулфи Лайлӣ силсила,
Маҷнуни шайдо меравад, ҳар сӯй то по мекашад.
Соқӣ чу ҷоми хунфишон дар давр обам мебарад,
Мутриб чу чангам мӯкашон дар шаҳр расво мекашад.
Аз тоати бедарди худ сӯфӣ намеёбад сафо,
Хуш вақти ринде, к–аз қадаҳ дурди мусаффо мекашад.
Соқии маҷлисро бибин, дарё ба киштӣ медиҳад,
Маллоҳи амлаҳ дидаи киштӣ ба дарё мекашад.
Носир, ба ғурбат то ба кай танҳо зи маъво меравӣ?
Танҳои дурафтодаро хотир ба маъво мекашад.

* * *

Ҳар кас, ки пеши тири маломат сипар нашуд,
Ҳаргиз миёни ҳалқаи ушшоқ сар нашуд .
Завқи ҷафову лаззати пайкони ғам наёфт,
Ҳар дил, ки захми тири балоро сипар нашуд.
Ҳар к-ӯ ғаме надиду фироқе наёзмуд,
Назди муқаррабони бало муътабар нашуд.
Сад рӯзро шаб омаду сад шомро саҳар,
Ё Раб, чӣ шуд, ки ин шаби моро саҳар нашуд?!
Пайке набурд номаву боде хабар надод.
Ӯро ба ҳеч ҳол зи ҳолам хабар нашуд.
Мурғе намепарад, ки барад сӯи гул паём,
К-он булбули асири туро болу пар нашуд.
Бо мо дудил мабош, ки мо бо ту якдилем,
Ту дил дигар макун, ки дили мо дигар нашуд.
З-он дарди сар кашам, ки шавам бар дари ту хок,
Эй хок бар саре, ки варо дарди сар нашуд.
Эй пандгу, маломати Носир чӣ мекунӣ?
Маҷнун ба ҳоли хеш ба панди падар нашуд.

* * *

Сухани зулфи ту гуфтам, нафасам мушкин шуд,
Сифати лаъли ту кардам, даҳанам ширин шуд.
Завқи Фарҳод кам аз лаззати Парвиз набуд,
Ки ҳама талхии комаш зи лаби Ширин шуд.
Пеш аз ин роҳбари аҳли саодат будам,
Раҳзанам савти муғаннию майи рангин шуд.
Натавон дошт зи аҳди ту дигар чашми вафо,
Ки ба аҳди ту ҷафо расму ситам ойин шуд.
Моҳ бар гирди худ аз турраи шаб пурчин баст,
Чун сари зулфи ту аз боди сабо пурчин шуд.
Бар бисоти ту пиёда биниҳодам рухи зард,
Боргири ҳунарам асби саодат зин шуд.
Дили Носир, ки кашидӣ сари рифъат бар чарх,
Рафт дар турраи мушкини туву мискин шуд.

* * *

Дар кӯи моҳрӯе поям ба гил фурӯ шуд,
Сархайли некномон расвои шаҳру кӯ шуд.
Эй сабри пойбарҷо, манзил ба кӯи ӯ кун,
К-он дил ки буд вақте, акнун аз они ӯ шуд.
Ақлам зи дурбинӣ ҷон гуфт лаъли ӯро,
Бо ақли хурдадонам бисёр гуфтугӯ шуд.
Ҳастии мо зи меҳраш чун зарра шуд ҳавоӣ,
Хоки вуҷуди ошиқ бар боди орзу шуд.
Дар дида акси рӯяш акси гуле дар об аст,
Дар дил хаёли лаълаш чун бода дар сабӯ шуд.
Гуфтам накӯ шавад дил аз дарди ишқ рӯзе,
Ин ҳам ки сӯхт куллӣ, аз дарди он накӯ шуд.
Танҳо нагашт Носир дар роҳи ишқ гумроҳ,
Дар водии муҳаббат сад корвон фурӯ шуд.

* * *

Ақле, ки зирак менамуд, аз ишқи ту девона шуд,
Аз ошнову хешу кас якборагӣ бегона шуд.
Дарди ту ҳар сӯ рахнае мекард дар бунёди дил,
Вайрона кардаш ин замон, чун ганҷ дар вайрона шуд.
Бигрезад аз шаккар магас, чун барфишонад остин,
Дар роҳу расми ошиқӣ собитқадам парвона шуд.
Аз хонумон овораам, з-ин ғам, ки доим рӯзу шаб
Бо мардуми чашмам чаро нақши рухат ҳамхона шуд.
Эй пандгӯ, гуфтам туро афсуни мо аз ғам макун,
Мемирам аз розе кунун, афсуни ту афсона шуд.
Ҷонест Носирро, ки ӯ медорад аз ҷонон ҷудо,
Гар ҷон сабукборӣ кунад, ҷон бидҳаду ҷонона шуд.

* * *

Аз хаёли хубрӯён чашми мо бутхона шуд,
В-аз ғами занҷирмӯён ақли мо девона шуд.
Ҳеч медонӣ, чаро саргашта гардад офтоб?
З-он ки ӯ бар гирди шамъи рӯйи ту парвона шуд.
Нуқтаи холи туро то хатти мушкин доира-ст,
Мӯр, пиндорӣ, магар моил ба сӯйи дона шуд.

Мешавад аз ғам дили ман ҳамчу шона сад шикоф,
То чаро сарриштаи зулфат ба дасти шона шуд?
Ман ба маҷнунӣ шудам машҳур дар ҳар кишваре,
То ба хубӣ ҳамчу Лайлӣ ҳусни ӯ афсона шуд.
З–интизори шамъи рӯят чашми ман торик шуд,
Бар умеди ганҷи васли ту дилам вайрона шуд.
Гар ба ишқи ёр, Носир, ошноӣ мекунӣ,
Боядат аввал зи ақли хештан бегона шуд.

* * *

Маҳ нав шуду он ёри сафаркарда наомад,
Маъшуқи ҷигархораи дилбурда наомад.
Озод кунем аз пайи каффорати ӯ ҷон,
К-он дилбари бадаҳди қасамхӯрда наомад.
Озурда шуд аз теғи ҷудоӣ дилу ҷонам,
В-он марҳами ҷону дили озурда наомад.
Бемор шудему қадаме ранҷа нафармуд,
Мурдему зиёрат ба сари мурда наомад.
Омад ба чаман бори дигар он ҳама гулҳо
В-он сарви ба сад ноз баровoрда наомад.
Афғони ман аз пардаи афлок гузар кард
В-он гул ки ниҳон гашт ба сад парда, наомад.
Ранҷид, ки Носир даҳанам гуфт чу зарра-ст,
Ҳарчанд, ки хурдам, зи ман ин хурда наомад.

* * *

Бо васли гул расидан булбул наметавонад,
Лутфе кунад магар бод, бӯе ба вай расонад.
Бар ҳар варақ чаманро бе ҳарф моҷароест,
Ку ошиқе чу булбул, то нонавишта хонад?
Хоҳам, ки ҷома бар тан чун ғунча чок созам,
Бошад, ки он санавбар ҳоли дилам бидонад.
Дардо, ки ташна мурдам в-он ёр, к-ӯ табиб аст,
Раҳме наменамояд, шарбат намечаконад.
Гуфтори гарми Носир чун тир оташин аст,
Бар ҳар диле, ки ояд, аз дида хун чаконад.

* * *

Ин ҷо ки манам, номаи дилбар кӣ расонад?
Дар дӯзахи сӯзон нами Кавсар кӣ расонад?
Гирам, ки дили ман чу кабӯтар парад он ҷо,
Ин номаи маймун ба кабӯтар кӣ расонад?
Чун боди хазон омаду гулҳо ҳама рафтанд,
Бо мурғи саҳар бӯйи гули тар кӣ расонад?
Аз мо кӣ барад пеши дилором саломе,
Аз зарра таҳият ба суйи х(в)ар кӣ расонад?
Муштоқии парвона бари шамъ кӣ гӯяд?
Пайғоми магас ҷониби шаккар кӣ расонад?
Бо сарв, ки таблиғ кунад шавқи гиёҳе,
В-аз сабза заминбӯси санавбар кӣ расонад?
Мегуфт, ки Носир ба дарам хок шавад зуд,
Ман худ шудаам хок, бар он дар кӣ расонад?

* * *

Ёр рафт аз дидаву дар дил бимонд,
Дил ба зери бор чун маҳмил бимонд.
Давлати бедори ман чун даргузашт,
Бахти хоболудро ғофил бимонд.
Моҳ чун манзил ба манзил сайр кард,
Муштарӣ дар аввалин манзил бимонд.
Дил ба ӯ додему дилдорӣ накард,
Дил намонд ӯрову моро дил бимонд.
Уқдаи абрӯйи ӯ накшод ақл,
Рафт умру ҳамчунон мушкил бимонд.
Сарв чандон аз ҳавои қоматаш
Даст бар сар зад, ки по дар гил бимонд.
Ҳар кӣ як дам дурди дардашро кашид,
Ҳамчу Носир масти лояъқил бимонд.

* * *

Ҳар дида рухи хуби ту дидан натавонад,
Ҳар кас сари зулфи ту кашидан натавонад.
Хусрав лаби Ширин бигазад ҳамчу шакар, лек
Фарҳод ҷуз ангушт газидан натавонад.

Хун гашт дилам ғунчасифат аз ғами ҳиҷрон,
Аз заъф вале ҷома даридан натавонад.
Имрӯз, ки бар шарбати васли ту расад даст,
Бемор чунон шуд, ки чашидан натавонад.
Афғони ман аз пардаи афлок гузар кард,
Дар гӯши ту, эй моҳ, расидан натавонад.
Ҳарчанд ки душман зи забон теғи бало сохт,
Моро зи ту, эй дӯст, буридан натавонад.
Бе ҳиммати олӣ натавон рафт раҳи ишқ,
Бе пар ба ҳаво мурғ паридан натавонад.
Гулгуни сиришкам зи паят гашт басе руд,
Истод кунун хушку давидан натавонад.
Дар доми сари зулфи ту мурғи дили Носир
Дар айни ҳалок асту тапидан натавонад.

* * *

Ошиқон мавсими гул хайма ба саҳро задаанд,
Боргаҳ бар суману лолаи ҳумро задаанд.
Сокини маҷлисашон зуҳраву хуршеду маҳ аст,
Соябонест, ки бар ганбади мино задаанд.
Ханда бар нолаи булбул чӣ занад гул, ки ба субҳ
Тири оҳест, ки бар авҷи Сурайё задаанд.
Мутрибон чун шуда сармаст ба ҳангоми самоъ,
Ҳама бар чангу дафу Зуҳраву Заҳро задаанд.
Чун нашинанд ба шаш-панҷ ҳарифони сабӯҳ,
Аввалин дов ба тасбеҳу мусалло задаанд.
Қатраҳои арақ аз оташи май бар рухи ёр
Нами абр аст, ки бар чеҳраи гулҳо задаанд.
Раҳнишинони сари кӯи бутон чун Носир
Тахти шоҳӣ ба саропардаи аъло задаанд.

* * *

Санги таъна ба сабӯям задаанд,
Табли бадномӣ ба куям задаанд.
Кай фитад дар кафи ман домани васл?!
Силии ҳаҷр ба рӯям задаанд.

Теғи хубон ба ҷафо хунам рехт,
Бад нагӯям, ки накӯям задаанд.
Ҷӯи хун меравад аз дидаи ман,
Мардумон ғӯта ба ҷӯям задаанд,
Бар сарам доираи нуҳ гардун
Ҳаст чавгону чу гӯям задаанд.
Шуд танам бастаи гесӯи бутон,
Гираҳи мӯй ба мӯям задаанд.
Ҳамчу теғ аст забони Носир,
Турфа теғе ба гулӯям задаанд.

* * *

Дар он рӯзе, ки хубон офариданд,
Туро бар ҷумла султон офариданд.
Туро доданд тавқеъи саодат,
Пас он гаҳ рӯҳи инсон офариданд.
Малоҳат дар ту яксар ҷамъ карданд,
Пас он гаҳ моҳи Канъон офариданд.
Париро ҷумла дар хайли ту карданд,
Пас он гоҳе Сулаймон офариданд.
Чу шодурвони ҳуснат мекашиданд,
Ба дарбони-т ризвон офариданд.
Зи хоки пойи ту гарде, ки бурданд,
В-аз он гардуни гардон офариданд.
Зи рӯят партаве бар осмон шуд,
В-аз он хуршеди тобон офариданд.
Саворе чун ту дар майдони хубӣ
Наёмад, то ки майдон офариданд.
Ба ёди чашму зулфат ҳамчу Носир
Маро масту парешон офариданд.

* * *

Аҳли назар, ки сӯхтагони балокашанд,
Расми вафо раҳо накунанд, ар ҷафо кашанд.
Онон, ки раҳравони вафоянд, аз мижа
Сӯзан кунанду хори ҷафоро зи по кашанд.

Пайкони ғамзаи ту, ки биншаст дар дилам,
Ҷони азизи мост, намонем, то кашанд.
Гар бигзарад ба савмаа бӯе зи ҷоми ту,
Дар пои хум амомаи ҳар порсо кашанд.
Дар интизор дидаи Носир сапед шуд,
Бошад зи пойи хоки туаш тӯтиё кашанд.

* * *

Дилам аз ҷоми ғамат неши бало нӯш кунад,
Ҳамаро дарду маро дарди ту беҳуш кунад.
Чун ба пешат накунам нола, ки булбул дар боғ,
Ин маҳол аст, ки гул бинаду хомӯш кунад.
Комам аз шаҳди шаҳодат лаби ту ширин кард,
Чун касе шаккари шукри ту фаромӯш кунад?
Он ки аз азраҳи зарқ аст бар ӯ ранги дурӯғ,
Аз дарун қалби сиёҳест, ки рӯпӯш кунад.
Чорчӯби тани худ гар накунӣ хокистар,
Деги савдои ту кай з-оташи дил ҷӯш кунад?
Ёр дар паҳлуи ағёр, зиҳӣ зулми сареҳ,
Ҳайф гулро, ки чунон хор дар оғӯш кунад.
Гавҳари назми ту, Носир, ки зи баҳри ғайб аст,
Ҳар кӣ бишнохт, ба зар гираду дар гӯш кунад.

* * *

Чашми ту аз тири мижа ҳар сӯ шикоре афканад,
Он турк дар як чашмзад кушта ҳазоре афканад.
Дар ҳасрати он к–аз туам тире расад, ҷон медиҳам,
Бар сайди лоғар тири худ кай шаҳсаворе афканад?
Ишқи ту к–аз вай ҷони ман ҷоми дамодам мехӯрад,
Нохӯрда бода ақлро андар хуморе афканад.
Бар дида нанҳам пои ту, к–озурда гардад аз мижа,
Гулро раво набвад, ки кас болои хоре афканад.
Аз шашдари хоби адам ёбад раҳоӣ бахти ман,
Як каъбатайн бар номи ман гар бахтёре афканад.
Ман дар диёри худ наям, то дарди ёрам дар дил аст,
То кай фироқам мӯкашон дар ҳар диёре афканад?

Боди сабо хоки маро бар ҳар сари роҳе фишонд,
Ӯ сояи худро магар бар раҳгузоре афканад.
Ё Раб, фалакро ҳамчу ман дар ҳаҷри ёре афканӣ,
То чанд ӯ ҳар дам маро дар ҳаҷри ёре афканад?
Носир ба ёди дӯстон маъмур дорад ҷону дил,
Ҳарчанд ҳиҷрон рахнаҳо аз ҳар диёре афканад.

* * *

Абр мегиряд ба зорӣ, гул табассум мекунад,
Лола соғар медиҳад, булбул тараннум мекунад.
Савти мутриб роҳи исломи халоиқ мезанад,
Чашми соқӣ ғорати имони мардум мекунад.
Шодмонем аз ғами ишқат, ки ҳар дам беҳиҷоб
Медарояд дар дилу бар ҷон тақаддум мекунад.
Ин мазаллат бин, ки ман маҳҷуру доим чашми ман
Бо хаёлат даст дар гардан танаъъум мекунад.
Раҳнамои сокинони қудс, яъне ақли кулл
Мерасад бар ҷавҳари фарди ту, раҳ гум мекунад.
Бар дарат хоки раҳам, аммо Буроқи ҳимматам
Нуҳ сипеҳру чор унсур зери як сум мекунад.
Зор мегирянд бар аҳволи Носир қудсиён,
Баски ҳар шаб аз ғами ишқат тазаллум мекунад.

* * *

Риндаму ошиқу девона ба овози баланд,
Айби маъбуд макун зоҳиду бар риш маханд.
Завқи дайрам на чунон силсила меҷунбонад,
Ки тавон доштанам сокини масҷид якчанд.
Гар ман аз нолаи худ даст фишонам, чӣ аҷаб,
Ки ҷаҳад оташи сӯзанда ба ҳар холи сипанд.
В-ар бибӯсам лаби соқӣ, ба адоват манишин,
Манъи тӯтӣ натавон кард, ки боз ой зи қанд.
Воизо, гӯши ман аз савти муғаннӣ пур шуд,
Ҳарза кам гӯй, дили мо чу намегирад панд.
Айби риндон макун, эй габри мусулмонсурат,
Мункири мо машав, эй фосиқи зоҳидмонанд.
Носир андар раҳи ишқи ту пиёда-ст ҳанӯз,
Гарчи берун зи ду олам бидавонид саманд.

* * *

Он ду ҳабашизода, ки бар рӯй давонанд,
Дар пой биафтанд, гар аз дида биронанд.
Густохии ҳиндубачагон бин, ки ба шӯхӣ
Доим зи раҳи дида суйи Рум давонанд.
Гӯянд, ки булбул ҳама шаб баҳри чӣ нолад?
Онҳо, ки зи ҳусни гулу шамшод надонанд.
Ин оташи мо з–оби маломат нанишинад.
Биншондани ин шӯр ба дарё натавонанд.
Дар маҷлиси мо парда барандоз, ки ушшоқ
Ҷон бар ту фишонанду дуо низ бихонанд.
Ҷамъе, ки супоранд ба зулфи ту дилу дин,
Чун баргузарӣ дар қадамат ҷон бифишонанд.
Носир, наравад ашк, ки бар чашми ту хӯ кард,
Саркаш бувад он банда, ки бар дида нишонанд.

* * *

Риндони покрав, ки ба кӯрон асо диҳанд,
Акнун зарурат аст, ки навбат ба мо диҳанд.
Чун интиҳои ройи ту равшан намешавад,
Ҳар кас нишон зи манзили васлат чаро диҳанд?
Ранҷидаам ба ҷону дил аз аҳли савмаа,
Вақт аст, агар ба дурдии дайрам сафо диҳанд.
Чун домани мурод на дар чанги саъйи мост,
Сарришта беҳтар он, ки ба дасти қазо диҳанд .
Соқӣ, мадор маҷлиси мо холӣ аз шароб,
То аз шароби ноби биҳиштат ҷазо диҳанд.
Олудаӣ ба хуни дили мо лабу даҳан,
Фармой, то ба бӯса маро хунбаҳо диҳанд.
Носир ба ғайри дӯст таваҷҷуҳ малолат аст,
Дӯзах раванд беҳ, ки ба ҷаннат ризо диҳанд.

* * *

Дӯш дар фикри ман он шакли қади боло буд,
Назари ҳиммати ман аз тарафи боло буд.
Дида мезад ҳама шаб нақши хаёлат бар об,
Пеши соҳибназарон рози ниҳон пайдо буд.

Оби чашм аз сарам имрӯз гузашту чӣ аҷаб,
З–он ки дӣ то камару дӯш ба дӯши мо буд.
То ба маънӣ нарасидем, намешуд маълум,
Бин, ки дар пардаи тақдир чӣ суратҳо буд.
Ҳама аз майкада рафтанд ҳарифон сармаст,
Сари мо буд, ки дар пойи хуми саҳбо буд.
Натавонист, ки Носир ба ҳунар пӯшад айб,
Ки мубассир ба ҳама айбу ҳунар бино буд.

* * *

Пеш аз он к–ин шахси номавҷуди ман мавҷуд буд,
Кӯи ёрам мақсаду рӯи туям мақсуд буд.
Пеш аз он к–оби бақоро хушкрӯди тан бидид,
Ҷоми май бар дастаму дар гӯш бонги руд буд.
Пеш аз он к-аз ишқ мағзи хокиён бӯе надошт,
Миҷмари афлокро ҷону дили мо уд буд.
Пеш аз он к-ин чорчӯби ҷисм чун ҳезум бисӯхт,
Сақфи нуҳ гардун зи оҳи ошиқон пурдуд буд.
Абруяш меҳроб шуд, ҷони ман омад дар суҷуд,
Бар кӣ буд он саҷда, чун худ соҷиду масҷуд буд.
Он ки Маҳмуд аст номаш, сурате буд аз Аёз,
Он ки мегӯянд Аёзаш, маънии Маҳмуд буд.
Гар миёнаш дар канор овард Носир, бок нест,
Дар миёни ошиқу маъшуқ рамзе буд, буд.

* * *

Ё Раб, ин дил ба куҷо рафту куҷо хоҳад буд?
Ҳар куҷо чашми хушу зулфи дуто хоҳад буд.
Гар аз ин шева бувад меҳри туву ҷаври рақиб,
Қосиду ҳамдами ман боди сабо хоҳад буд.
Дӯст душман шуду дидам ба сутурлоби қадаҳ,
Ки миёни ману ӯ сулҳу сафо хоҳад буд.
Ту дар ин боғ дарахти гули навхостаӣ,
Ки зи болои ту бар сарв бало хоҳад буд.
Бигузар аз сари хокам, ки зи обу гили ман
То абад ҳар чӣ дамад, меҳргиё хоҳад буд.

Ҳолӣ ин ҷост маро аз ту ҷудоӣ боре,
То дигар ваъдаи дидор куҷо хоҳад буд.
Носир он рӯз, ки чун гард ҳавоӣ гардад,
Гарди ӯ гирди сари кӯи шумо хоҳад буд.

* * *

То нагуфтӣ сухане, нақши даҳон ҳеч набуд,
То набастӣ камаре, шакли миён ҳеч набуд.
То нахандид лаби лаъли ту бар гиряи ман,
Дар тани хокии мо гавҳари ҷон ҳеч набуд.
То маро меҳри ту чун зарра падидор накард,
Аз ҳаводории ман ному нишон ҳеч набуд.
То назад мавҷ зи файзи карамат баҳри вуҷуд,
Дар завоёи адам кавну макон ҳеч набуд.
Дар азал партави меҳри ту ҷаҳонро ҷон дод,
В-арна, эй ҷони ҷаҳон, ҷону ҷаҳон ҳеч набуд.
Кори ҳусн аз қаду болои ту то рост нашуд,
Бо ду чашми ту, ки аз фитна нишон ҳеч набуд.
То ниқоб аз рухи гул боди сабо барнагирифт,
Нолаи булбулу фарёду фиғон ҳеч набуд
То насиме зи гули васли ту Носир нашамид,
Ҳамчу савсан сухани ратбулисон ҳеч набуд.

* * *

Ишқи ту буд бо ману аз ман нишон набуд,
Меҳри ту буд дар дилу дил дар ҷаҳон набуд.
Нақши ту дар хаёлу хаёл аз назар ҷудо,
Номи ту бар забону забон дар даҳон набуд.
Рӯзе маро ба хони висолат бихондаӣ,
К-ин қурси меҳр бар табақи осмон набуд.
Чархе задам ба гирди миёни ту чун камар,
Он дам, ки чархро камаре дар миён набуд.
Тире зада-ст турки камондори ту маро,
З-он пештар, ки тири фалакро камон набуд.
Дар қабзаи ту ман шудаам чун камон дуто,
Рӯзи азал, ки ҳеҷ паю устухон набуд.

Асрори туст он, ки зи най мерасад ба гӯш,
Моро аз он гиёҳи заиф ин гумон набуд.
Носир зи бӯи бодаи лаъли ту ёфт ҷон,
В-арна дар обу хоки манаш бӯйи ҷон набуд.

* * *

Сари савдозадаам дӯш ба болини кӣ буд?
Ҳалқаи гӯши ман аз гесуи мушкини кӣ буд?
Нуқли маҷлис ҳама шаб пистаи пуршӯри кӣ шуд?
Ҷоми май бар даҳанам аз лаби ширини кӣ буд?
Сабза то рӯз сар андар қадами сарви кӣ дошт?
Хор то вақти саҳар бо гулу насрини кӣ буд?
Ҳама шаб наъраи мастона зи нӯшонӯшам
Ёр пурсид, ки аз бодаи нӯшини кӣ буд?
Куфри зулфаш, ки парешонии ислом аз ӯст,
Дар шикасти дилу барҳам задани дини кӣ буд?
Чашми наргис зи камин тир ниҳода ба камон,
То раҳи меҳри киро мезаду дар кини кӣ буд?
Ин саодат, ки қарин шуд ба дуои Носир,
Ҳадди ӯ нест, надонам, ки зи омини кӣ буд?

* * *

Дар азал қиблаи ҷонҳо хами абрӯи ту буд,
Рӯи ту сӯи дилу рӯи дилам сӯи ту буд.
Пеш аз он рӯз, ки хуршеди фалак нур надошт,
Олами ишқ мунаввар зи маҳи рӯи ту буд.
Малак аз нисбати он саҷда бар одам мекард,
Ки гили қолабаш аз хоки сари кӯи ту буд.
Дил, ки дар чоҳи занахдони ту аз раҳ мерафт.
Оқибат ҳаблиматинаш хами гесӯи ту бод,
Ишқ сарриштаи ақле, ки рабуд аз дастам,
Ғолиб он аст, ки дар силсилаи мӯи ту буд.
Қадди дутои маро ғам зи кашокаш бишикаст,
Рафт аз даст камоне, ки ба бозуи ту буд.
Ба сари турбати Носир агар ой рӯзе,
Ба дуо ёд кун ӯро, ки дуогӯи ту буд.

* * *

Мегузашту зи ҳаё чеҳра барафрӯхта буд,
Эй басо хона, ки аз оташи ӯ сӯхта буд.
Чун камонхонаи абрӯ бикушод аз ғамза,
Чашм дар дидаи соҳибназарон дӯхта буд.
Ёр дар ҷони ман он дам, ки ҳамезад оташ,
Сангу оҳан дили ӯ буду дилам сӯхта буд.
Ҷумла дар об май андохт ба як дам соқӣ,
Сабри ман ҳар чӣ ба айём биандӯхта буд.
Нахариданд ба як чуръаи май аз сӯфӣ
Дар хароботи муғон зуҳд, ки бифрӯхта буд.
Ҷон чу парвона фишондем бар он шамъ, ки ӯ
Маҷлиси мо чу рухи хеш барафрӯхта буд.
Сурате дид дар оинаи рӯяш Носир,
Ки дар оина чу тӯтӣ сухан омӯхта буд.

* * *

Бо рухаш моҳи осмон чӣ бувад,
Зарра бо меҳр ҳамъинон чӣ бувад?
Пеши чашмаш хадангро чӣ маҳал,
Назди абрӯи ӯ камон чӣ бувад?
Бӯса ҷустам аз он даҳон, гуфто:
Бӯса чун бошаду даҳон чӣ бувад?
Гуфтамаш: Гирам он миён ба канор,
Гуфт: Муҳмал магӯ, миён чӣ бувад?
Ҷон талаб кард ёру ман гуфтам:
Ғайри лаъли лаби ту ҷон чӣ бувад?
Рӯи зардам рақиб нашносад,
Хар чӣ донад, ки заъфарон чӣ бувад?
Бар дараш хор шуд сари Носир,
Қимати саг бар остон чӣ бувад?

* * *

Даҷларо имсол рафторе аҷаб мастона буд,
Пой дар занҷиру каф бар лаб, магар девона буд?
Чарх мезад обу бармегашт дар гирди ҳисор,
Гӯиё Бағдод шамъу Даҷла чун парвона буд.

Тирборон кард абру лашкаре чун сел ронд,
К-аз барои қалъа бикшодан қавӣ мардона буд.
Ҳамчу афъӣ ҳалқа мезад об бар дарҳои шаҳр,
В-аз ҳама бобе бад-ӯ афсуни мо афсона буд.
Даҷла оби рӯйи Бағдод аст, чун аз сар гузашт,
Халқро чун мардуми чашм об з-ӯ дар хона буд.
Ошно нагрифт дасти кас, чу дарё шуд муҳит,
То чӣ бошад ҳоли он, к-аз ошно бегона буд.
Шавқи султонро чу сармастон зи пой афканд сел,
Майфурӯшони балоро дурд бе паймона буд.
Ашки Носир ҳамчу тӯфон шуд зи моҳӣ то ба моҳ,
Ҷирми ахтар дар миёни об чун дурдона буд.
Кӯҳи сангиндил чунон аз дида сели хун биронд,
К-он иморатҳои сангин гӯиё вайрона буд.

* * *

Дӯш дар маҷлис кабоби мо зи сӯзи сина буд,
Бедилонро ашки рангин бодаи дӯшина буд.
Дар дилу чашмам хаёли ӯ ҳама шаб то ба рӯз
Ҳамчу маҳ дар чашмаву хуршед дар оина буд.
Ман аз ӯ чун осмон холӣ накардам дил зи меҳр,
Аз чӣ рӯ он моҳро дар сина бо мо кина буд?
Дар сарам танҳо на имрӯз аст завқу ваҷду ҳол,
Муддате шуд, то маро имрӯзу фардо дина буд.
Бодаи куҳна ба ёдат хӯрдам аз рӯзи азал,
Гарчи паймон тоза кардам, аҳди ман дерина буд.
Ҳамчу най таҷрид кардам ҷома пеши пири чанг,
Бонги най беҳтар маро аз хирқаи пашмина буд.
Дӯш Носир ҳамчу анқо бурд раҳ дар Қофи қурб,
Арзани заррини анҷум зери пояш чина буд.

* * *

Ёр танҳо шуду он беҳ, ки ба танҳо наравад,
Ҷони ман рафт бад–ӯ, то тани танҳо наравад.
Ӯ ҳамерафт чу боду зи тани хокии ман
Гард овехта дар домани ӯ, то наравад.

Хезу пайғом бар, эй бод, Худорову бигӯй,
То даме сояи лутфаш зи сари мо наравад.
Нест ҷуз боди сабо қосиду ҳамдам, ӯ низ
Сахт суст аст, надонам, биравад ё наравад.
Аҳд кардам, ки дар ин роҳ зи сар созам пой,
Биравад сар ба сари аҳд, агар по наравад.
Барқ агар теғ занад, кӯҳу камар накшояд,
Бод агар ҳамла кунад, норван аз ҷо наравад.
Носир, ин қалби музаввар, ки ба зарби ишқ аст,
Ба чӣ кор ояд, агар дар сари савдо наравад?

* * *

Ҳаргизам нақши ту аз лавҳи дилу ҷон наравад,
Ҳаргиз аз ёди ман он зулфи парешон наравад.
Аз димоғи мани савдозада акси рухи ту
Ба ҷафои фалаку ғуссаи даврон наравад.
Ончунон меҳри ту андар дилу ҷон раҳ дорад,
Ки гарам ҷон биравад, меҳри ту аз ҷон наравад.
Бори ҳаҷри ту ба гиря наравад аз дили ман,
З-он ки ӯ кӯҳи гарон асту ба тӯфон наравад.
Дар азал баст дилам бо сари зулфат паймон,
То абад сар накашад в-аз сари паймон наравад.
Гар равад аз пайи хубон дили ман, маъзур аст,
Дард дорад, чӣ кунад, к-аз пайи дармон наравад?!
Ҳар кӣ хоҳад, ки чу Носир нашавад саргардон,
Дил ба хубон надиҳад в-аз пайи эшон наравад.

* * *

Рӯй дар масҷиду дил сокини хаммор чӣ суд?
Хирқа бар дӯшу миён баста ба зуннор чӣ суд?
Ҳар кӣ дар пеши бутон саҷда кунад дар хилват,
Лофи имон заданаш бар сари бозор чӣ суд?
Дил чу покиза бувад, ҷомаи нопок чӣ бок,
Сар чу бемағз бувад, нағзии дастор чӣ суд?
Гар табиат набувад қобили тадбири ҳаким,
Қуввати адвияюву нолаи бемор чӣ суд?
Ошиқӣ рост наёяд ба такаллуф, Носир,
Чун саодат набувад, кӯшиши бисёр чӣ суд?

* * *

Гар подшаҳ ба кӯи ту ояд, гадо шавад,
Дар кӯи ту гадо бiравад, подшо шавад.
Махром ҳар тараф, ки зи қадди ту кори ҳусн
Боло гирифтаасту мабодо бало шавад.
Гетӣ чун акси нури таҷаллои рӯи туст,
Он беҳ, ки дил чу оина гетинамо шавад.
Аз ҷидду ҷахди халқ муяссар нашуд мурод,
Дорам умеди он, ки ба лутфи Худо шавад.
Аз рангу бӯ гирифт дилам, ку насими лутф?
То ҳамчу ғунча хирқаи рангин қабо шавад.
Хоҳад бақои зоти ту аз шодии висол,
Рӯзе ки Носир аз ғами ҳиҷрон фано шавад.

* * *

Дили ман хун шуду то хун нашавад, дил нашавад,
Ҷон ба лаб омаду коме зи ту ҳосил нашавад.
Ёсамин дид қадат дар чаману моил шуд,
Кист, к-ӯ қадди туро бинаду моил нашавад?!
Лабат, эй қурси қамар, кай ба даҳонам бирасад,
Чашми ман гар ба сари кӯи ту соил нашавад?
Банд аз гардани ман бори балои ту кушод,
Ҳар кӣ аз хеш набуррад, ба ту восил нашавад,
Ту ба оина муқобил шавӣ аз худбинӣ,
В-арна бо рӯйи ту оина муқобил нашавад.
Ҳар кӣ воқиф шавад аз ишқ, нагардад ғофил,
З–он ки девона зи занҷир чу оқил нашавад.
Ошиқӣ бар ту агар хатм нагардад, Носир,
Даст дар гардани мақсуд ҳамоил нашавад.

* * *

Гар чу писта даҳани танги ту дар ханда шавад,
Пистаро пӯст зи тан пеши ту барканда шавад.
Чун бибинад қади болои туро, нест аҷаб,
Сарви озод ба ҷону дил агар банда шавад.
Ҷонам он дам, ки зи рух пардаи тан бардорад,
Тарсам, аз рӯи дилорои ту шарманда шавад.

Баски бӯсад дару девори туро чун зарра
Танам он рӯз, ки чун гард пароканда шавад.
Носир он рӯз, ки дар хок бувад азми рамим,
Қадаме бар сари хокаш биниҳӣ, зинда шавад.

* * *

Дилбар агар ба коми дили ман намешавад,
Ман розиям зи дӯст, ки душман намешавад.
Ҳар кас, ки хамчу пири фалак хӯшачин нашуд,
Чун меҳру моҳ соҳиби хирман намешавад.
Рӯйи беҳӣ набинад аз осеби душманон,
То бар Халил нори ту гулшан намешавад.
Фанни ман аст ошиқию бетакаллуфӣ,
Оқил ба фикр воқифи ин фан намешавад.
Хуни раз аст ҳамчу суроҳӣ ба гарданам,
Шукр аст, хуни халк ба гардан намешавад.
То Носир аз Ҳиҷоз наёяд суи Ироқ,
Ушшоқро мақом муайян намешавад.

* * *

Агар он сарви гуландом ба рафтор ояд,
Ба ҳавояш дили ошуфта гирифтор ояд.
Зоҳиди шаҳр зи чашми хуши ӯ масту хароб,
Равад аз савмаа, дар гӯшаи хаммор ояд.
Гар ба сарҳалқа диҳӣ бодаи исопарвард,
Хирқа бифрӯшаду дар ҳалқаи зуннор ояд.
Пардаи ваҳм агар аз рӯи яқин бардорӣ,
Ба яқин мункири дидор ба иқрор ояд.
Чун забон ҳар кӣ ба коме бирасад аз лаби ту,
Бидиҳад доди фасоҳат, чу ба гуфтор ояд.
Ту агар ёр дар ағёр бибинӣ, эй дил,
Ҳар чӣ ағёр бувад, дар назарат ёр ояд.
Носиро, қиссаи ширини ту шӯре дорад,
З–он ки ин гавҳар аз он лаъли шакарбор ояд.

* * *

Бо партави рухсори ту маҳ тоб надорад,
Бо лутфи буногӯши ту гул об надорад.
Ширинии шаҳди ту зи шаккар натвон ёфт,
Таъми лаби ширини ту унноб надорад.
Он пир, ки дар савмааҳо гӯшанишин аст,
Ҷуз гӯшаи абрӯйи ту меҳроб надорад.
В-он ринд, ки дар майкадаҳо бодапараст аст,
Ҷуз бодаи лаъли ту майи ноб надорад.
Дар хоб машав як нафас, эй дӯст, ки шабҳост,
То дидаи ман аз ғами ту хоб надорад.
Бо ғамза бигӯ, то дили ошуфтаи моро
Чун турраи мушкини ту дар тоб надорад.
Дарди дили Носир ҳама аз мардуми чашм аст,
Обаш бигзашт аз сару поёб надорад.

* * *

Гар аз даҳани танги ту мақсуд барояд,
Аз нақши адам сурати мавҷуд барояд.
Гуфтем, ки гирем каноре зи миёнат,
Ин буд муроде, ки зи нобуд барояд.
Дар парда рухат сӯхт ҷаҳонею натарсӣ
З–он рӯз, ки аз оташи ту дуд барояд.
Зулфи ту шабе гуфт, ки ҷон бахшамат аз бӯй,
Ҳиндуст, ки аз дасти вай ин ҷуд барояд.
Ҳарчанд ки дер аст ба сарриштаи зулфат,
Ҷон аз чаҳи дилгири танам зуд барояд.
Ранг аз рухи гулгуни Аёз ораду бӯе,
Ҳар гул ки зи обу гили Маҳмуд барояд.
Аз оташи дил гашт муаттар дами Носир,
Бе сӯз куҷо бӯйи хуши уд барояд?

* * *

Баҳри ғами ту карон надорад,
Ишқат сари ину он надорад.
Он кас, ки аз он ҷаҳон хабар ёфт,
Дигар сари ин ҷаҳон надорад.

Мурғе, ки ҳавои ишқ ҷӯяд,
Ҷуз кӯйи ту ошён надорад.
Бе ёди ту он ки мезанад дам,
Бечон шумураш, ки ҷон надорад.
Дар ишқи ту он ки мехӯрад хун,
Андешаи обу нон надорад.
То чанд бувад хамӯш Носир,
Мотамзада чун фиғон надорад?

* * *

Моҳ аст рухи ёр, ба мо хуш набарояд,
Сарв аст қади дӯст, ба бар менадарояд.
Мо ҳамчу гулаш синаи садпора намудем,
Ӯ ғунчасифат рӯй ба мо менанамояд.
Чун дар қадами нозуки гул хор чудо нест,
Шарти адаб он аст, ки булбул насарояд.
Рафтӣ, ки биёям ба сарат, гар ту наёӣ,
Поям мани саргашта, вале умр напояд.
Гар боди сабо дар чаман орад зи ту бӯе,
Ҳарчанд бувад танг, дили ғунча кушояд.
Дар хок чу бо худ бибарам ҳасрати рӯят,
Ҳар гул, ки барояд зи гилам, бӯйи ту ояд.
Гар зулфи чу чавгони ту Носир ба каф орад,
Аз ҳар ду ҷаҳон гӯйи саодат бирабояд.

* * *

Хатат ҳирзи илоҳӣ менамояд,
Мисоли моли шоҳӣ менамояд.
Чу лашкар мекашад ҳусни ту бар ҷон,
Нахуст аз хат сиёҳӣ менамояд.
Рухат ойинаи гетинамоест,
Дар ӯ маҳ то ба моҳӣ менамояд.
Ба хунрезӣ зиреҳ пӯшид зулфат,
Рухи хубат сиёҳӣ менамояд.
Накӯӣ кун, ба васл аз ашки ман пурс,
Ки ҳиҷронат табоҳӣ менамояд.

Гиристан шамъро дар вақти куштан
Зи айни бегуноҳӣ менамояд.
Кулоҳи лоларо з-он мебарад бод,
Ки бо ту каҷкулоҳӣ менамояд.
Гузаштан аз сари кӯят ба якбор
Ба кӯят нимроҳӣ менамояд.
Зи ҷурми ишқ бар Носир макаш теғ,
Ки рӯят узрхоҳӣ менамояд.

* * *

Гул андар дидаам бе нақши рӯят хор меояд,
Зи ҳар барги гуле бар дил маро сад бор меояд.
Хаёли абруят дар чашми ман пайваста мегардад,
Камон аз дидаҳои ростбин тайёр меояд.
Нахоҳам рафт аз кӯят ба дашноми рақиб, аммо
Самоъи таънҳои душманон душвор меояд.
Бадон дар рӯи некӯят ҳамебинанду медонам,
Ки аз чашми бад осебе дар он рухсор меояд.
Ба ғайри бода дар дастам ҳама бо бод мемонад,
Ба ғайри ёр дар чашмам ҳама ағёр меояд.
Ба маҳ дорам назар, к–он ҷо нишони дӯст меёбам,
Ба гулбарг ошиқам, к–аз вай насими ёр меояд.
Ба ҷуз чашми ту Носирро каси дигар намепурсад,
Ҳамон беморро раҳме бар ин бемор меояд.

* * *

Дил сӯхт дар фироқи ту, навбат ба ҷон расид,
Мурдам зи ҳаҷр, кай ба висолат тавон расид?
Бар андалеб он чи зи боди хазон расад,
Рӯзи ҷудоӣ аз дами сардам ҳамон расид.
Зад ғамзаи ту бар ман, аз он мекунам фиғон,
Сабрам намонд, корд чу бар устухон расид.
Зулфи ту оқибат зи ҷафо сар ба бод дод,
Ё Раб, кадом тири дуо бар нишон расид.
Розе, ки бо миёни ту Ҳақ дар миён ниҳод,
Аз нозукӣ касе натавонад бад–он расид.

Ҷонам куҷо зи зулфи ту ёди бадан кунад,
Тӯтӣ қафас шикасту ба Ҳиндустон расид.
Шаб наъра мезадам ба дарат чун саги ғариб,
Ташрифи санг бар сарам аз посбон расид.
Эй дил, ба дида мегузарад чашму абруяш,
Эй мурғ, ҳуш дор, ки тиру камон расид.
Носир, аҷаб, ки он маҳи моро хабар нашуд,
Ҳар шаб, ки нолаҳои ту бар осмон расид.

* * *

Зулфат маро ба ҳалқаи доми бало кашид,
Бахти сиёҳ бин, ки ба охир куҷо кашид!
Будам мисоли қатраи шабнам қарини хок,
Меҳри ту рух намуду маро бар ҳаво кашид.
Гул вақти субҳ хирқаи фирӯза чок зад,
То он нигори чобуки раъно қабо кашид.
Бигрист зор вақти саҳар шамъу ҷон бидод,
Бечора дӯш шаб ҳама шаб то чиҳо кашид?
Носир агар зи дӯст ҷафо мекашад, чӣ бок,
Аз ошиқон ғариб набошад ҷафо кашид.

* * *

Гар шавад бо ман зи лутф он маҳрухи айёр ёр,
Нахли уммеди ман орад дар ҷаҳон ин бор бор.
Марди ишқаш то ниҳода пой дар Мисри вуҷуд,
Гашта сад ҷони азиз аз дасти он хунхор хор.
То ба бустони ҷамолаш лолаву насрин шукуфт,
Дорад аз гулзори рӯяш доимо гул хор-хор.
Бодаро хуни ҷигар аз лаъли нӯшинаш мудом
Лолазор афканда дар дил аз рухи гулнор нор.
Бар умеди лолаи рухсори ӯ савдозада
Менавозад ҳамчу булбул нола дар гулзор зор.
Дода, то созад мухолиф пардаи ушшоқи хеш,
Чанги зулфашро ба олам холиқи саттор тор.
Кард Носир ифтихор аз васфи ҳуснаш доимо,
Гарчи дорад доимо аз гуфтани ашъор ор.

* * *

Маро як дам висоли ӯ зи умри ҷовидон хуштар,
Ғубори кӯйи ту дар чашмам аз мулки ҷаҳон хуштар.
Туӣ дар авҷи ҳусну ман шуда бо хоки раҳ яксон,
Замин афтода некӯтар, қамар бар осмон хуштар.
Нишин, эй нозанин, дар чашми ман чун мардуми дида,
Ки ту сарви равонӣ, сарв бар оби равон хуштар.
Маро ҷонест бар лаб омада аз дарди ҳиҷронат,
Бидеҳ як бӯсаву бистон, ки ин лаззат зи ҷон хуштар.
Ба ҷони ту, ки дар ҳар ду ҷаҳон аз ҷони худ серам,
Агар хуштар бувад чизе, ту битвонӣ аз он хуштар.
Чу май бо ёр менӯшам қадаҳро пур кун, эй соқӣ,
Ки дар базми сабукрӯҳон бувад ратли гарон хуштар.
Бимон худрою бехуд бигзар, эй Носир, ба майхона,
Ки бо маъшуқ биншастан ба хилват дар ниҳон хуштар.

* * *

Соқӣ, сабук он ратли гаронро ба ман овар,
Қути дилу ёқути равонро ба ман овар.
Гар з-он чи ба мо менарасад бодаи софӣ,
Дурде ки расад дурдкашонро, ба ман овар.
Бедор кун аз дарди куҳан бахти ҷавонро,
Як бори дигар бахти ҷавонро ба ман овар.
Эй боди сабо, ҷону ҷаҳон бод фидоят,
Лутфе куну он ҷони ҷаҳонро ба ман овар.
Ороми дилу роҳати ҷон рафт, чу ӯ рафт,
Ороми дилу роҳати ҷонро ба ман овар.
Гар номаву савғот намеорию пайғом,
Як билаки он сахткамонро ба ман овар.
Гар марҳами васле диҳад, он бо дигарон деҳ
В-ар доғи фироқе бувад, онро ба ман овар.
Он дил, ки аз ӯ ному нишон нест, биҷӯяш,
Ҳоли дили беномунишонро ба ман овар.
Ошуфта чу зулфаш бирасон қиссаи Носир,
В-аз лаъли лабаш рози ниҳонро ба ман овар.

* * *

Ошиқонро, ки бувад бодаи аҳмар дар сар,
Набувад як нафас андешаи Кавсар дар сар.
Гаҳ бувад ҷом, ки бо ёр ниҳад лаб бар лаб,
Гаҳ бувад шона, ки бо дӯст кунад сар дар сар.
Рӯзи маҳшар, ки чу лола зи замин бархезам,
Бошадам доғи бутон бар дилу соғар дар сар.
Ҷон бидодему ҳамон ғуссаи ҷонон дар дил,
Сар фишондему ҳамон оташи дилбар дар сар.
Дар сарам сирри ғами тусту касеро ба ҷаҳон
Дарнаяфтод аз ин фикри накӯтар дар сар.
Чашми бозаш надиҳад даври фалак чун наргис,
Ҳар киро ҳаст ба олам ҳаваси зар дар сар.
Носири кӯйи муғон, зоҳиду савдои биҳишт,
Ҷома бар дӯш накӯ бошаду афсар дар сар.

* * *

З-он лабу дандони чун лаълу гуҳар
Ашки чун симам равад бар рӯйи зар.
Гарчи савсан теғ бар сар мекашад,
Ман чу гул аз сина месозам сипар.
Сар бибозам бар сари теғи қазо,
Гар қабул афтад қазоро ин қадар.
Ҷон фишондам, то намонад бори дил,
Сар ниҳодам, то набошад дарди сар.
Чашма дар кӯяш равон кардам зи чашм,
То кунад сарви равон бар мо гузар.
Медиҳад чун ғунча дил Носир ба бод,
Гар биёбад бӯяш аз боди саҳар.

* * *

Оташафрӯзӣ кунӣ бар сӯхта удам дигар,
Дар ғамат чизе ба ҷуз оташ наяфзудам дигар.
Дам задам, дуде баромад, зуд барбастам даҳон,
То куҷо сар барзанад ин оташин дудам дигар.
Ҳамчун об осуда будам, то ба сар боз омадам,
Пеши сарви қоматат ҳаргиз наёсудам дигар.

Гарчи будам заррасон, то худ гушодӣ абри зулф,
Нури меҳрат даррабудам, ҳеч нанмудам дигар.
Гар ба масҷид дар сафи зуҳҳод ойӣ дар намоз,
Пеши меҳробам ту бошӣ, нест маъбудам дигар.
Партав афшондам дилу ҷон ҳамчу сабрам нест бод,
Гар ҷуз ин чизе бувад дар буду нобудам дигар.
Судаам чун ҳалқа сар бар ҳар дару дида зиён,
Нест аз савдои маҳрӯён ҷуз ин судам дигар.
Бода деҳ, соқию узре гӯй бо воиз, ки ман
То шунидам савти мутриб, ҳеч нашнудам дигар.
Дӯш мегуфтӣ ту бо Носир, ки мақсуди ту чист?
Гуфт: Мақсуд он ки ҷуз ту нест мақсудам дигар.

* * *

Осон шавад ба сабр ҳама кор, ғам махӯр,
Ту ёр бош, агар набувад ёр, ғам махӯр.
Дил бад макун зи рафтаву в-аз н-омада мапурс,
Ҳал кардам ин дақиқаи душвор, ғам махӯр.
Дил пок дору ҷумла накӯ бину рост гӯ,
Ин панди ошиқона нигаҳ дор, ғам махӯр.
Шодӣ гузашту ғам гузарад, ломаҳол низ,
Мо озмудаем, ту зинҳор ғам махӯр!
Соқӣ, ба ғайри чеҳраи ман гар заре бимонд,
То медиҳанд бода, ба даст ор, ғам махӯр.
Аз бода гар шавад лабат олуда, бок нест,
Покаш кунам ба бӯса дигар бор, ғам махӯр.
Эй булбули ҳазин, ки фитодӣ ба хори ғам,
Сад гул шукуфта гардад аз ин хор, ғам махӯр.
Дарҳам машав, ки навбати шодӣ чаро гузашт,
Ин аст шакли гунбади даввор, ғам махӯр.
Шодӣ кам асту умр кам асту рафиқ кам,
Носир, бисоз бо каму бисёр ғам махӯр!

* * *

Чашмони ту кашида камону кушода тир,
Ҷонро кунанд ғорату дилро баранд асир.

Тира-ст бе ту чашми ман, эй моҳ, рух кушой,
Дар по фитод кори ман, эй дӯст, даст гир.
Чашмам бас аст, беш мабин рӯ дар оина,
То ҳусни беназири туро н-оварад назир.
Мижгони ту зи ҷавшани парҳезу диръи сабр
Мебигзарад чу сӯзани пӯлод аз ҳарир.
Аз зоҳидон гурехта чун равғанам зи об,
Омехта ба ишқи бутон ҳамчун шаҳду шир.
Моро ба бӯи зулфи ту маҷлис муаттар аст,
Миҷмар бибар, ки дар сари мо бошад он абир.
Воиз, магӯ, ки, Носир, аз он сӯ назар макун,
К-ӯ дида барнадорад, агар дӯзияш ба тир.

* * *

Ошиқон, дар ду ҷаҳон зикри шумо бод ба хайр,
Ёр дар савмааҳо нест, алайкум биддайр.
Солике нест, ки роҳе ба Худо нанмояд,
Ману риндӣ, ки кунад то ба дари майкада сайр.
Мард агар аҳл бувад, аз рухи соқию рубоб
Ранги гул бингараду гӯш кунад нағмаи тайр.
Ёр шав, то назарат ҳеҷ набинад ҷуз ёр,
Нақши ёр аст, ки ағёр ҳамебинад ғайр.
Чӣ аҷаб, Носир агар сокини майхона шавад,
Ки башар майл намояд ба шару гоҳ ба хайр.

* * *

Эй ба хубӣ бар ҳама хубон амир,
Мулки дилҳоро ба ҳусни хулқ гир.
Турки чашмат гар ба ғорат бурд дил,
Кард зулфи ҳиндуят ҷонро асир.
То камони абрувонат дидааст,
Дар даҳон ҷуз зеҳ наёварда-ст тир.
Ҷоми лаълат ҷуръае бар хок рехт,
Оҳуи чашми бутон шуд шергир.
Дар тани ман нест як раг ҳушёр,
Ман магар май хӯрдаам бар ҷойи шир.

Банда дар хидмат агар тақсир кард,
Аз худовандӣ ту узраш дарпазир.
Ман ҷавонам, пир гардам дар раҳат,
Гар бувад бахти ҷавону ақли пир.
Гарчи ту хуршедию мо зарраем,
Аз бузургӣ хурда бар хурдон магир.
Баркашад Носир нафир аз чанги ғам,
Гар туро набвад нуфуре аз нафир.

* * *

Аз чеҳра чӣ рангест, ки омехтаӣ боз,
В–аз турра чӣ шӯрест, ки ангехтаӣ боз?
То боз ба ҳам барзадаӣ наргиси хунрез,
Бас хун, ки ту бо хок баромехтаӣ боз.
Аз турра зиреҳ дар бару аз ғамза синонкаш,
То қалби кӣ бишкаставу хун рехтаӣ боз?
Бо зулфи камандафкану абрӯи камондор
Роҳи кӣ задӣ, бо кӣ даровехтаӣ боз?
Чун зулфи диловез дил аз мо бибуридӣ,
То дар сари савдои кӣ овехтаӣ боз?
Шаҳбозию бигрехтаӣ, боз наоӣ,
Бозат ба каф орем, ки бигрехтаӣ боз.
Шуд хоки раҳат Носири хокию дигар раҳ
Он хок ба ғирболи фано бехтаӣ боз.

* * *

Шаробхорааму ринду масту шоҳидбоз,
Ба ҷурми хеш муқиррам, май ору шоҳид боз!
Чу каъбатайн ҳама майли ман сӯйи нард аст,
Қимор боз! Маро гуфтаанд, зарқ мабоз!
Дар ин тариқа, ки моем, айбҳо ҳунар аст,
Ки дар шариати ошиқ ҳақиқат аст маҷоз.
Ҳамон, ки пардаи ушшоқ найнаво бардошт,
Туро ба роҳи мухолиф барад, маро ба Ҳиҷоз.
Чу дили пок надорӣ, сари суҷуд чӣ суд?

Чу дил шикаста набошад, дуруст нест намоз.
Чу булбулат зи наво дам задан раво набувад,
Ба хуни халқ агар дам ҳамезанӣ чун боз.
Биёр дар лагани ҷом шамъи май, соқӣ,
Ки мурғи рӯҳ чу парвона мекунад парвоз.
Дар ин даме, ки манам, ҷоми май бувад ҳамдам,
Бад-ин мае, ки хӯрам, бонги най шавад дамсоз.
Зи радди халқ қабули Худо талаб, Носир,
Ки ғайр хидмати Маҳмуд нест кори Аёз.

* * *

Набошам бе ту як дам зинда ҳаргиз,
Ба рағбат ҳеҷ кас ҷон канда ҳаргиз?
Сабо то гуфт пайғоми ту бо гул,
Ба ҳам н–омад лабаш аз ханда ҳаргиз.
Суман ранге зи ту дорад, вале нест
Суман боқию гул поянда ҳаргиз.
Аз он бар рӯзи худ гирям шабӯ рӯз,
Ки аз рӯят нашуд фархунда ҳаргиз.
Маро куштӣ ба ғамза, ҳеҷ ёре
Ба рӯи ёр тир афганда ҳаргиз?
Ҷудо аз ту маро бими ҳалок аст,
Ки тан бе ҷон набошад зинда ҳаргиз.
Ту гуфтӣ сар макаш, Носир, зи фармон,
Наёяд ин гунаҳ аз банда ҳаргиз.

* * *

Марҳабо, эй нигори рӯҳафрӯз,
Шукри лиллаҳ, ки дидамат имрӯз.
Баркашида туро Худои ҷаҳон
Бар сари сарварон сару пирӯз.
Гар ту ёди мани гадо накунӣ,
Ман бинолам ба ёди ту шабу рӯз.
Ҷомаи ҷон, ки доштам дар даст,
Чок кардӣ ба новаки дилдӯз.
Носиро, кори ошиқӣ ин аст,
Ёд мекун зи ёру хуш месӯз.

* * *

Рухатро нур бахшидан маёмӯз,
Лабатро бода нӯшидан маёмӯз.
Чу рондӣ аз мижа бо ҳалқи ман теғ,
Маро дар хок ғалтидан маёмӯз.
Мадеҳ фармон зи ғамза чашми худро,
Ба туркон тир боридан маёмӯз.
Макун таҳсини шаббедории ман,
Ба пайконхӯрда нолидан маёмӯз.
Магӯ сар неҳ ба хорӣ зери поям,
Шаманро бутпарастидан маёмӯз.
Расон аз хоки пояш бар ман, эй бод,
Вале бар дида молидан маёмӯз.
Агарчи ман хатоҳо мекунам, лек
Ту чашматро хато дидан маёмӯз.
Суи Носир макун бо лаб ишорат,
Магасро шаҳд лесидан маёмӯз.

* * *

Варои риндию мастӣ маҷӯ зи гавҳари нос,
Ки ишқ дурри ятим асту ҷоми май алмос.
Ҷамоли сабзаву гул бин миёни саҳни чаман,
Чунон ки Хизр нишинад ба суҳбати Илёс.
Биё ба базми гадоёну мулки эшон бин,
Ки соқию дафу чанг асту ҷоми май аҷнос.
Ба мо ҳикояти беҳуда кам кун, эй зоҳид,
Ки дар тариқаи мо нест мустақим қиёс.
Чу анкабут ту доме ниҳодаӣ аз зарқ,
Сарои шаръи Муҳаммад чунин надошт асос.
Даромад аз дари масҷид муқаллид аз пайи ҳашв,
Чу гурбае ки даромад ба хонаи раввос.
Наӣ ту, он чи намоӣ, Худой медонад,
Ба ақл қадри бирешим тавон шинохт зи лос.
Ба гирди кӯи залолат ҳамеша саргардон,
Бибаста дидаи маънӣ ба шакли гови харос,
Бирав, давои дил аз ишқ ҷӯй чун Носир,
Ҳавои давлати шоҳию хоҷаро ифлос.

* * *

Ин маро бас, ки таманнои ту меварзаму бас,
Ҳама дорам, ба висоли ту намеарзаму бас.
Чун сапедор агар мева надорам, эй гул,
Бар ту охир на ҳама сол ҳамеларзаму бас.
Писта зад ханда, ки дар пӯст маро ҳам мағзест,
Ман шикастам даҳанашро, ки ҳамин мағзаму бас.
Баски гил шуд сари кӯйи ту ба хунобаи чашм,
Кас наёмад, ки наяфтод, на ман лағзаму бас.
Носир аз ҳаҷри ту гар мурд, бимур, гӯ, ғам нест,
Як ҷавоб аз даҳани хеш намеарзаму бас.

* * *

Ҳаме дорам аз лутфи ту мултамас,
Ки бар мо ба туркӣ натозӣ фарас.
Ба озори кас мулку дунё магир,
Ки дунё наарзад ба озори кас.
Чунон бо ҳавоят ҳавас кардаам,
Ки гар сар намонад, бимонад ҳавас.
Маро даст кӯтоҳу қаддат баланд,
Бад-он поя чун бошадам дастрас?
Канорам бувад чун миёни Фурот,
Ки аз чашми ман рафт рӯди Арас.
Кашиданд сад баҳр дарёкашон
Ба як дам, ки як дам нагуфтанд бас.
Басе корвон шуд дар ин бодия,
Ки як дам наёмад садои ҷарас.
Чу фарёди Носир ба гӯшат расид,
Ту рӯзе ҳам ӯро ба фарёд рас.

* * *

Ман ҳавас дорам, ки бо ӯ хуш барорам як нафас,
З-ин ҳавас гар сар шавад, аз сар нахоҳад шуд ҳавас.
Гар моро хуршедрӯе сар ҳамебуррад ба теғ,
Ман ба меҳраш мезанам чун субҳ, то дорам нафас.

Дар шаби торики ҳиҷрон бо хаёли рӯи ёр
Ҷуз майи равшан наёмад бар сари мо ҳеч кас.
Ман ба ҷаннат меравам аз баҳри дидори шумо,
Аз ҳама олам маро мақсуд рӯйи тусту бас.
Аз шабистони сари зулфат, ки маъвои дил аст,
Мекашам дилрову бозам мекашам дил бозпас.
Медиҳад сарриштаи худро ба дасти шоҳ боз,
То нагардад боз гирди хони ҳар кас чун магас.
То кушояд дар ҳавои шаккаристони ту бол,
Мурғи ҷон пар мезанад монанди тӯтӣ дар қафас.
Толибон дар ҷустуҷӯю муддаӣ дар гуфтугӯ,
Бор бар пушти ҳаюну зор менолад ҷарас.
Фикри рӯят дар дили Носир чароғе барфурӯхт,
Шамъи оламтоби Мӯсо шуд зи шӯраш муқтабас.

* * *

Ҳар кӣ бӯе ёфт аз бустони ишқ,
Ғарқа шуд дар баҳри бепоёни ишқ.
Дил чӣ бошад, қатрае аз баҳри шавқ,
Ҷон чӣ бошад, гавҳаре аз кони ишқ.
Нест рӯҳуллаҳ насими боғи васл,
Нест тан ҷуз ҳалқаи зиндони ишқ.
Фитнаи гардун ҳам акнун тай шавад,
То абад боқӣ бувад даврони ишқ.
Сар нахонандаш миёни сарварон,
Гар набозӣ бар сари майдони ишқ.
Гавҳари васлаш куҷо афтад ба каф,
Гар биандешӣ ту аз тӯфони ишқ.
Ҳар гадои ринди азрақпӯшро
Бор набвад бар дари султони ишқ.
Соқиё, доруи беҳушӣ бидеҳ,
То бад-ӯ созам даме дармони ишқ.
Гар сари Носир дар ин савдо равад,
Ҳамчунон бо сар барад паймони ишқ.

* * *

Эй чашми сиёҳи ту балои дили ошиқ,
Эй зулфи парешони ту маҷмӯи халоиқ.
Бо орази ту дил набарад номи раёҳин,
Бо чеҳраи ту кас набарад номи шақоиқ.
Асрори лаби лаъли ту ҳар кас нашиносад,
Бе хуни ҷигар ҳал натавон кард дақоиқ.
Ҷуз ҳоҷиби абрӯи ту бар гӯшаи чашмат
Ҳинду, нашунидам, ки кунад хидмати лоиқ.
Ман з-они туам, гар бизанӣ в-ар бинавозӣ,
Бар ҳукми ту мавқуфу ба ройи ту мувофиқ.
Хоҳам, ки барафтад ба ҷаҳон парда зи Носир,
То фарқ кунӣ ёри мувофиқ зи мунофиқ.

* * *

Шунидаем, ки ушшоқи мустақимаҳвол
Ба дарди ҳаҷр бимурданд бар умеди висол.
Касе ба даври фурӯмоя дил чаро бандад,
Ки дам ба дам мутағаййир шавад зи ҳол ба ҳол.
Шаби дароз ду чашми хаёл хоб надид,
Ки раҳ набуд дар он гӯша хобро зи хаёл.
Чу шамъ то ба саҳар сӯхтам бад-он уммед,
Ки субҳи васл барояд зи матлаи иқбол.
Кунун, ки навбати васл аст, ёр мегӯяд,
Ки хайр бод, сафар мекунам, зиҳӣ ишкол.
Саманди азм равон карду мо зи ғояти ҷаҳл
Ҳам аз ақилаи худ монда пойбанди иқол.
Зиҳӣ саодати дил, гар дуаспа баробараш
Чу бод бесарупо меравад ба истеъҷол.
Гадойвор даромад ба кӯи ӯ Носир,
Ба гӯшу ҳуш шунид ин нидо, ки хазу таол.

* * *

Дигар раҳ бар Худо кардам таваккул,
Маро аз хори ин раҳ бишкуфад гул.
Маро бо ишқи хубон ҷонибе ҳаст,
Ки майли ҷузв бошад ҷониби кул.

Нанӯшам бода ҷуз бо моҳрӯе,
Маро ё мул хуш асту ё тааммул.
Сабо, бархез, агарчи нотавонӣ,
Макун, зинҳор, дар рафтан тааллул.
Расули ошиқонӣ пеши маъшуқ,
Бибар аз ман Худоро ин тарассул.
Ба шаккар арза деҳ пайғоми тӯтӣ,
Ба гӯши гул расон гулбонги булбул.
Бигӯ, эй бандаи чашми ту наргис,
Ғуломи турраи зулфи ту сунбул.
Маро тоби таҷаллии рухат нест,
Надорад санги хоро ин таҳаммул.
Таҷаммулҳо ҳама ҳаст аз ҷамолат,
Ҷамолат нест муҳтоҷи таҷаммул.
Руху зулфи туро бо ақли Носир
Ҳама исбот дур асту тасалсул.

* * *

Ба дарди ишқ дармондам, раҳи дармон намеёбам,
Ки он мақсуд душвор асту ман осон намеёбам.
Зи меҳри рангу рухсораш назар дорам ба гул, аммо
Сабук безор мегардам, чу бӯйи он намеёбам.
Дили ман бурдааст он моҳу ман дар ҷустуҷӯи ӯ
Ба ҳар сӯ гаштаам чун бод саргардон, намеёбам.
Лабаш хандиду ман дидам даҳонашро чу як зарра,
Вале дар нури меҳр акнун чу шуд пинҳон, намеёбам.
Ба дуккони табиби ишқ ман раҳ бурдаам, аммо
Ба гирди ӯ ҳамегардам, дари дуккон намеёбам.
Чу ман зуннори зулфашро талаб кардам ба ҳар сӯе,
Шавам, дар кофарӣ ҷӯям, чу дар имон намеёбам.
Маро, эй боғбон, кам гӯ, ки сӯйи гулситон магзар,
Ки ман он гул, ки меҷӯям, ба ҳар бустон намеёбам.
Ба чини турраи зулфаш шабе гум шуд дили Носир,
Мани саргаштаи бедил шудам ҳайрон, намеёбам.

* * *

Ман гирди мастон даврҳо чун ҷоми май гардидаам,
Ҷуз лаъли дилбар ҳосиле беҳосилам, гар дидаам.

Савдои чашми хешро ҳолӣ зи сар бурун кунам,
Аз акси нури рӯи ту холӣ шавад гар дидаам.
Ҷонам нагунҷад дар ҷаҳон, то ту напиндорӣ, ки ман
Чун ганҷ дар кунҷи харобободи тан гунҷидаам.
То хома аз савдои ту овард ҳарфе бар забон,
Ман номавор аз тоби ғам бар хештан печидаам.
Мутриб ба роҳи рост хуш моро салое медиҳад,
То қавли ӯ бишнидаам, панди касе нашнидаам.
Нолидани Носир чу най бошад зи дасти ҳамдамон,
Аз нола ноле гаштаам, ҳар дам аз он нолидаам.

* * *

Ман агар аз сари мастӣ ба ҷунун пайвастам,
Ба сари дӯст, ки девона наям, сармастам.
Ман аз ин ҳастии худ ҳам ба гумон меафтам,
Нест маълум, ки ман нест шудам ё ҳастам.
Чун ҷудо монда будам қатрасифат аз дарё,
Боз ман сел шудам, ҷузв ба кул пайвастам.
Тани ман аз пайи коре ба ҷаҳон омадааст,
То нагӯйӣ ту, ки аз дӯст ҷудо наншастам.
Булбули боғи биҳиштам, тани ман сарви ман аст,
То бидонӣ, ки дар ин дом магар побастам.
Эй муқаллид, ту маро чанд маломат гӯйӣ,
Ман ҳама дӯст шудам кулливу аз худ растам.
Дилам аз пардаи номус қафас сохта буд,
Мурғи зирак шудам, ин дом зи ҳам бишкастам.
Ту аз ин ҳолати ман ранҷа машав, ғусса махӯр,
Ки ба як дам қажаҳи бода бигирад дастам.
Мурда буд Носиру ҷон додаву пӯшида кафан,
Бӯи ту ёфтам, аз гӯр равон барҷастам.

* * *

Риндона сокини сари кӯйи маломатам,
Миннат, ки бо ҳазор маломат саломатам.
Зоҳид маро ба роҳи саломат диҳад фиреб,
Донад магар, ки толиби роҳи саломатам?

Чун дид қомати ту муаззин, суҷуд кард,
Гуфто: Шикаст қомати ту пушти қоматам.
Гуфтам ба сарв: Баҳри чӣ озодаию рост?
Гуфто: Аз он ки ошиқи он сарвқоматам.
Хоҳам зи дасти гиря шудан дар канори хок,
Бошад, ки оби рӯй кунад дар қиёматам.
Носир агар вафот шавад дар вафои ту,
Баъд аз вафот ҳеҷ набошад надоматам.

* * *

Сарвро дидаму болои ту омад ёдам,
Зикри гул кардаму дар фикри рухат афтодам.
Дар чаман рафтаму бо лолаву гулзори рухат
Сифате кардаму доғе ба дилаш бинҳодам.
Оҳу фарёди ман аз ҳаҷр ба ҳар ҷой расид,
Оҳу фарёд, агар ту нарасӣ фарёдам!
Бирав, эй фикри ҷаҳон, бар дари дил ҳалқа мазан,
Ки дари хилвати ёр асту ба кас накшодам.
Ишқи ту коҳрабоею манам коҳ, рабо,
Ту агар менарабоӣ, бирабояд бодам.
Ақл мегуфт: Манам мурғи аҷоиб зирак,
Ишқ бигрифт гулӯяш, ки накӯсайёдам.
Носир аз ёди ту ҳаргиз нафасе холӣ нест,
Давлате бошад, агар лутфи ту орад ёдам.

* * *

Ҷумла вуҷуди ман туӣ, ман зи ҷаҳон бурун шудам,
Дурри гаронбаҳо будам, ғарқаи мавҷи хун щудам.
Ман зи нахуст дар ҷаҳон фош будам ба ақлу ҷон,
Ишқ гирифт ину он, шоибаи ҷунун шудам.
Бехабарам аз он хабар, к–аз ту расид як саҳар,
Ақл бирафт дар ба дар, бедилу бесукун шудам.
Рӯйи туро чу дид дил,ҷомаи худ дарид дил,
Ҷоми бақо чашид дил, масти шаробгун шудам.
Санг задам сабӯйро, рехтам оби рӯйро,
Шустам рангу бӯйро, косаи сарнигун шудам.

Косаи зар сафол шуд, об дар ӯ ҳалол шуд,
Чун асари висол шуд, оқилу зӯфунун шудам.
Муҳраи ишқ бохтам, сӯхтаму гудохтам,
Гавҳари худ шинохтам, дар ҳама кон фузун шудам.
Уқдаи чору панҷро, мояву аслу ранҷро,
Дафъи тилисми ганҷро мор шудам, фусун шудам.
Носири масти бехудам, гар ҳама нек ё бадам,
Дида кушо, ки чун будам, боз нигар, ки чун шудам!

* * *

Эй дида, чӣ дидӣ зи мани хаста, ки ҳар дам
Аз хуни ҷигар сурх кунӣ чеҳраи зардам?
Дармонда ба дармони дилам халқи ду олам,
В-огаҳ на табиби мани бечора зи дардам.
Ҳар шаб ба сар оям чу сабо гирди сароят,
Бо гард даромехта дар кӯйи ту гардам.
Дишаб, ки ниҳодӣ ту даҳан бар даҳани ҷом,
То рӯз чӣ хунҳо, ки ман аз дасти ту хурдам.
Май дар сару дар гардани ман дасти ту бошад,
Рӯзе ки сабӯе кунад айём зи гардам.
Ҳар лаҳза чу удам чӣ кунӣ ҷой бар оташ,
Охир, мани бечора ба ҷойи ту чӣ кардам.
То ханда назад лаъли ту бар гиряи Носир,
Маълум нашуд як сари мӯ ҷавҳари фардам.

* * *

То зулфи ту бардоштаму рӯи ту дидам,
Дар васф наёмад, ки чӣ дидам,чӣ кашидам.
Ҷонам шаби ҳаҷри ту чу соғар ба лаб омад
В-аз лаъли ту як рӯз ба коме нарасидам.
Бодо шаби ту хуш, ки мани бесару бепой,
Бар бӯйи ту чун бод ба ҳар кӯй давидам.
Сад фотиҳа хондему дамидем ба ихлос
В-аз меҳри ту субҳе ба саодат надамидам.
Дар парда машав то мани ғамдида бибинам,
Он ваъда, ки аз ҷаннати фирдавс шунидам.

Як рӯз чашидам зи майи лаъли ту ҷоме,
Дасторкашон, рақскунон ҷома даридам.
Кавнайн ба ҳам барзадаму меҳри ту ҷустам,
Аз пӯст бурун омадаму мағз гузидам.
Гуфтам, ки нависам сухане аз дили Носир,
Тар шуд варақ – аз нӯки қалам хун бичакидам.

* * *

Риндию ҳаваснокӣ аз рӯзи азал дорам,
Гар гардам аз ин холӣ, дар ишқ халал дорам.
Қавлу амали воиз бисёр мухолиф шуд,
Дар рост ман аз мутриб сад қавлу амал дорам.
Бо хуни ҷигар ашкам ҳар лаҳза ба дил гардад,
Савдои ту натвон кард, чун сими бадал дорам.
Шабҳо ба хаёли ту дар хоб нахоҳам шуд,
Бедор шавам акнун, чун хоби аҷал дорам.
Ғайри зари рухсорат, чун нест маро ваҷҳе,
Бингар, ки чӣ гавҳарҳо дар баҳри ғазал дорам.
Зад бе лаби ту Носир дасте чу магас бар сар,
Гар ҷон диҳам аз талхӣ, уммеди асал дорам.

* * *

Эй бурда фироқат зи дили хаста қарорам,
Дарёб, ки ман тоқати ҳаҷри ту надорам.
Умрест, ки бе рӯи ту, эй сарви хиромон,
Мегардаму мегиряму дар нолаву зорам.
Шояд, ки зи дарди дили ман халқ бисӯзад,
Оҳе, ки ба дард аз дили афгор барорам.
То рӯзи қиёмат наравад аз дили бирён
Доғе, ки бар ин сина зи ҳиҷрони ту дорам.
Ҳаргиз наравад нақши рухат аз дили Носир,
Гар бод барад гирди ҷаҳон гарду ғуборам.

* * *

Хирқа дар оташу саҷҷода ба об андозам,
Хештанро ба хароботи хароб андозам.

Бонги абрешим аз ин хирқаи пашмина беҳ аст,
Чанг дар хирқа занам, пеши рубоб андозам.
Чорчӯби танам аз оташи дил пок бисӯхт,
Барам ин сӯхтаро, дар майи ноб андозам.
Менамояд суйи майхонаи маънӣ раҳи рост,
Хештанро зи хато сӯйи савоб андозам.
Хокиён маст чу наргис зи замин бархезанд,
Бар сари хок чу як ҷуръа шароб андозам.
Пой берун ниҳам аз обу гили олами сифл,
То ба кай ҷавҳари худро ба халоб андозам?!
Пардаи сурати маъшуқ ба ҷуз Носир нест,
Вақти он аст, ки аз чеҳра ниқоб андозам.

* * *

Гар дам аз ишқ занам, ҳамдами ҷоме бошам,
В-ар зи май тавба кунам, зоҳиди хоме бошам.
Зулфу холе набувад раҳзани соҳибназарон,
Баҳри як дона чаро бастаи доме бошам?
Розиям, гар мани дарвеш гадое гардам,
Шокирам, гар мани озод ғуломе бошам.
Асари шоми фано омаду рӯзе пурсид,
Ки равам бар сари кӯйи туву шоме бошам.
Сар аз ин доира берун барам, охир то чанд
Ҳар замон ҷоеву ҳар шаб ба мақоме бошам?
Бикуш, инак сару ханҷар, рамақе ҳаст ҳанӯз,
Гар аз ин дар гузарам, сайди ҳароме бошам.
Ҷомаи зуҳд ба ҷоме бидиҳам чун Носир,
Мани бенанг агар толиби номе бошам.

* * *

Рӯзгорест, ки ман ошиқу девонавашам,
Вақтҳо аз сари мастӣ қадаҳе низ кашам.
Нохуш аст, он ки зи олам ба хушонаш хуш нест,
Рӯйи ман чун ба хушон аст, аз он рӯй х(в)ашам.
Номи тасбеҳу ҳамоил набарам, то бошад
Соғари май ба кафу кӯзаи дурде ба кашам.
Риндию ростию зоҳидию зарроқӣ,
Лиллаҳ илҳамд, ки рӯбоҳ наям, шервашам.

Ҳар гадое, ки чу хуршед бароядд танҳо,
Подшоҳест, ки ӯро набувад хайлу ҳашам.
Чун Хизир зиндаам аз лутфи ту, эй оби ҳаёт,
Оҳ, агар бори дигар заҳри ҷудоӣ бичашам.
Муҳри меҳри ту зи ҷону дили Носир наравад,
Доғи савдои ту дорам, ки ғуломи ҳабашам.

* * *

Ман он риндам, ки куфру дин ба ҷоми бода бифрӯшам,
Ба ёди ёр бе дарди сари ағёр май нӯшам.
Барорам дӯзах аз сина, ки дар ҷаннат занам оташ,
Агар аз шавқи дидорат ба рӯзи ҳашр бихрӯшам.
Чунонат дӯст медорам, ки бо худ гаштаам душман,
Чунонат ёд меорам, ки ман аз худ фаромӯшам.
Ба дини майпарастон далқи азрақ ор мебошад,
Бигуфтам ошкор ин айбро, дигар намепӯшам.
Ман аз афсурдагӣ мурдам, аз он чун шамъ месӯзам,
Ман аз хомӣ гурезонам, аз он чун бода меҷӯшам.
Бирав, эй муҳтасиб, магзор ҳадди худ, зи ман бигзар,
Ки мастии ман аз май нест, соқӣ кард беҳушам.
Агар бардорӣ, эй мутриб, даҳонро аз лаби чун най,
Чу барбат гӯшмолам деҳ, ки чун даф ҳалқадаргӯшам.
Зи чанги ман туро дигар мухолиф кай бурун орад,
Агар, эй хушнаво, чун чанг меорӣ дар оғӯшам.
Чунин к-имрӯз лояъқил шуд аз ҷоми азал Носир,
Магар оранд фардои қиёмат маст бар дӯшам.

* * *

Имрӯз, ки хоки дари дайр аст мақомам,
Гар бода ба ёдат нахӯрам, бод ҳаромам.
Дар гӯши қадаҳ номи ту мегуфт сурохӣ,
З-он рӯз ҳаводори маю ҳамдами ҷомам.
То донаи хокат набувад мурғи дили ман,
Анқои саодат нашавад сайд ба домам.
Зулфи ту шаби ҳаҷр ба бадномии ушшоқ
Ҳар қуръа ки андохт, биафтод ба номам.

Фарёд, ки рӯзе дили сахти ту нашуд нарм
Аз оҳи саҳаргоҳи ману нолаи шомам.
Гар мардуми чашмам назанад об бар оташ,
Аз сӯзи дарун сӯхта бинӣ дару бомам.
Ҳаққо, ки мани сӯхтадилро хабаре нест,
То дӯст кадому мани бечора кадомам.
Носир назар аз ҳар ду ҷаҳон сӯйи ту дорад,
Ҳарчанд ки озодаам, эй дӯст, ғуломам.

* * *

Рӯзгорест ки ман шефтаи рӯйи фалонам,
Рӯзу шаб ҳамчу сари зулфи парешонаш аз онам.
Хуррам он мурдани фархунда, ки пешам ба аёдат
Дӯст биншинаду ҷон дар қадами дӯст фишонам.
Орзу мекунадам пеши қадамҳои ту мурдан,
Дорам ин рой, валекин нарасад даст ба ҷонам.
Даҳани хеш муаттар кунам аз ғолия сад бор,
Баъд аз он ҳам ба забон номи ту бурдан натавонам.
Мурда бошам ман, агар бар сари хокам бихиромӣ,
Бӯйи ту ёбаму фарёд бароям зи равонам.
В-он замон низ, ки аз хоки ман овоз барояд,
Номи маймуни ту, эй дӯст, бувад вирди забонам.
Асари хуни дил аз чеҳра тавон шуст, валекин
Раваду боз шавад дам ба дам аз чеҳра равонам.
Умрро хуш гузаронем, ки дунё гузарон аст,
Ҳосил аз умр замонест, ки хуш мегузаронам.
Ғазали Носиру номи ту бувад то ба қиёмат,
Ки нависанду набошад асари ному нишонам.

* * *

Чун ёди лаълат орам, ширин шавад забонам,
Гӯям ҳадиси зулфат, мушкин кунад даҳонам.
Май аҳди суҳбати ту бастат чунон, ки бо ман
Монад муҳаббати ту, рӯзе ки ман намонам.
Дар ҷустуҷӯи васлат бар хоки ҳар замине
Ман ашкро дуаспа ҳар сӯй медавонам.

Эй шаҳсавори хубӣ, дар ту намерасам ман,
Гулгуни ашки худро ҳарчанд гарм ронам.
Он пойи нозуки ту бар хоки раҳ дареғ аст,
Бар фарқи ман неҳ, охир, ман хоки остонам.
Бар рӯйи зар нишондам лаъли сиришки худро,
То чун камар ту бандӣ як рӯз бар миёнам.
Эй он ки панд гӯйӣ, бартоб аз ӯ инонро,
Акнун чӣ суд дорад, к–аз даст шуд инонам?!
То бар гули ҷамолаш хондам ҳазор дастон,
Машҳур шуд чу булбул дар шаҳр достонам.
Носир зи дарди ҳаҷраш ранҷуру нотавон шуд,
Гуфтам: – Таҳаммуле кун. Гуфто: – Наметавонам.

* * *

Ба абруят, ки нишаста ба гӯшае чу камонам,
Ба чашми ту, ки чу наргис ба суратат нигаронам.
Туродст бар вараќи гул кашида хатти сиёҳе,
Ки ман ҳақиқати олам дар он савод бихонам.
Шабе миёни ту дидам, ки дар канори ман омад,
Хаёл будаму имрӯз дар хаёли ҳамонам.
Расам ба хидмати ту, гар шавад замона мутеам.
Шавам мулозими ту, гар диҳад сипеҳр амонам,
Ту моҳи авҷи камолӣ, шабе ба толеъи бахтам
Баромадию баромад умеди ҳар ду ҷаҳонам.
Касе зи гуфтаи Носир чу хома ҳарф нагирад,
Агар зи номи ту ҳарфе гузар кунад ба забонам.

* * *

Вақти он омад, ки азми кӯи шайдоӣ кунам,
Бо хаёли чашми мастат бодапаймоӣ кунам.
Нақди ҳастӣ бар дари дуккони қаллошӣ ниҳам,
Рахти дониш бар сари бозори расвоӣ кунам.
Ман чу мурғи баҳр гаштам, фориғам аз хокиён,
Иттисол он беҳ, ки бо мурғони дарёӣ кунам.
Зар шавам, гар сиккаи меҳри ту ёбад гавҳарам,
Дур шавам, гар пеши ту даъвии лолоӣ кунам.

Гуфт моҳи осмон: Ман мурғи Исо нестам,
То назар дар шоҳиди шабгарди ҳарҷоӣ кунам.
Ман инон печидаам имшаб ҳавасро аз ҷаҳон,
Мустаидди хидматам, то ҳар чӣ фармоӣ, кунам.
Заҳр гардонам шакарҳо дар даҳони тӯтиён,
Гар чу Носир бо лаби лаълат шакархоӣ кунам.

* * *

Аз ман макун ҷудоӣ, эй ёри нозанинам,
К-аз дурии ту, ҷоно, бо дарди дил қаринам.
Доман чӣ мефишонӣ аз ман, ки хоки роҳам,
Аз ман чӣ мекаши по, ман камтар аз заминам.
Ман зарраам, валекин савдои меҳр дорам,
Ман фониям, валекин бо рӯҳ ҳамнишинам.
Ҷуз лаъли ту нагунҷад дар ақли хурдадонам,
Ҷуз қоматат наёяд дар чашми ростбинам.
Чун моҳ мегудозам аз меҳри ту, валекин
Меҳри ту то қиёмат нақш аст бар ҷабинам.
Аз нолаи саҳаргаҳ эмин мабош, эй маҳ,
То хирманат насӯзад аз оҳи оташинам.
Гуфто рақиб: – То кай мастӣ зи ишқ, Носир?
Ман худ чунин нагаштам, ӯ сохт инчунинам.

* * *

Ба пурсише дили ман шод кун, ки ғамгинам,
Бибахшам аз лаби худ бӯсае, ки мискинам.
Ҳалокгаштаи он ғамзаҳои хунрезам,
Бабодрафтаи он турраҳои мушкинам.
Манеҳ, ки ҳайф бувад бар лаби ту ҷоми шароб,
Чунон макун, ки шавад талх айши ширинам.
Ба хуни ман чӣ барӣ панҷаро ба қабзаи теғ,
Ки куштаи ту ба сарпанҷаи нигоринам.
Чу нури чашм наӣ як дам аз назар ғоиб,
Вале чӣ суд, ки ҳаргиз туро намебинам.
Бароям аз дилу дин, гар бад-ин назар дорӣ,
Ки аз қабули ту коре барояд аз инам.
Шабе, ки гуфтаи Носир, ҳаме барам ба забон,
Муқаддасони фалак мекунанд оминам.

* * *

Туро, эй моҳи меҳрафрӯз, чандоне ки мебинам,
Нахоҳад дар канор омад ба ҷуз ашки чу Парвинам.
Маро мастӣ бувад ойину оина майи равшан,
Магар он луъбати соқӣ намояд рӯ дар оинам.
Гиребон медарам чун гул ба бӯйи сунбули зулфат,
Зи олам ғунчавор он беҳ, ки доман танг дарчинам.
Ба шабҳои фироқат нест дар тобу таби ҳиҷрон,
Ба ғайр аз шамъ дилсӯзе, ки ӯ гиряд ба болинам.
Ба зулфат бастаам дилро, ки ман Маҷнуни Лайлоям,
Ба талхӣ медиҳам ҷонро, ки ман Фарҳоди Ширинам.
Чу шамъи равшанам аз ҷон, бигӯ, бархез, то хезам,
Чу уди хом бар оташ, бигӯ, биншин, ки биншинам.
Баҳои куфру зулфи ту дилу дин медиҳад Носир,
Зиҳӣ давлат, ки ин савдо барояд аз дилу динам.

* * *

Масти ишқам, порсоӣ чун кунам?
Маҳв гаштам, худнамоӣ чун кунам?
Оқилон гуфтанд: – Баргард аз ҳабиб,
Ошиқам ман, бевафоӣ чун кунам?
Акл фармояд: – Зи дилбар шав ҷудо,
Ман зи ҷони худ ҷудоӣ чун кунам?
Васли ӯ дидам, надорам тоби ҳаҷр,
Салтанат кардам, гадоӣ чун кунам?
Ҳаст ҳусну хулқи ӯ бо ҳам ғариб,
Бо ғарибон ошноӣ чун кунам?
Мурғи ҷонро чун ҳавои ишқи ӯст,
Ман бад-ин ҷони ҳавоӣ чун кунам?
Носиро, ҳиҷрон ҳам аз ҳукми Худост,
Чораи ҳукми худоӣ чун кунам?

* * *

Мешавӣ ғоиб зи ман, то ман зи худ ғоиб шавам,
Дар талаб ҳайрон бимонам, аз сарат толиб шавам.
Гар чу булбул нолам, эй гул, муддате гардӣ ниҳон,
Дар ҷафо ғолиб шавӣ, чун дар вафо ғолиб шавам.

Дарҷи ёқуту гуҳарро қуфли марҷон бастаӣ,
Гар ба бӯсе бишканам қуфли туро, ғолиб шавам.
Гар ҳамехоҳӣ, ки буррад зарби шамшерат сарам,
Дасти ту нозук бувад ман хештан зориб шавам.
Аз заифӣ ончунон гаштам, ки бар гулгуни ашк
Гар касе гирад рикобам, солҳо рокиб шавам.
То ту фармудӣ, ки хоҳам хуни Носир рехтан,
Дам ба дам ман бар вафои ваъдаат роғиб шавам.

* * *

Бо зулфи беқарори ту ором кардаем,
Рӯзи ҳаёти хеш бад-ӯ шом кардаем.
Ҳар гаҳ, ки дод соқии ишқи ту дурди дард,
Дилҳо кабобу косаи сар ҷом кардаем.
Бар чашму бар лаби ту ниҳодем чашми дил,
Мастем, хӯ ба пиставу бодом кардаем.
Аз мо маҷӯй номи накӯ, з-он ки дер боз
Худро ба кӯйи ишқи ту бадном кардаем.
Андом нест кори ҷаҳонро ба ҳеч рӯй,
З-он рӯ ба шоҳидони гуландом кардаем.
Гавҳар ба ҷойи дона фишондем аз ду чашм,
Аз баҳри сайди васли ту дил дом кардаем.
Носир ба теғи тези забон чун ҷаҳон гирифт,
Акнун ниёми теғи худ аз ком кардаем.

* * *

Субҳдам ёди ту кардему дуое гуфтем,
Ба хаёли ту саломею саное гуфтем.
Нисбати ҳоҷиби ту халқ зи мо пурсиданд,
Моҳи якрӯзаи ангуштнамое гуфтем.
Новаки чашми туро қосиди ҷоне хондем,
Турраи зулфи туро доми балое гуфтем.
Фош шуд рози ту аз най, гунаҳи мост, ки мо
Сирри пӯшида ба ҳар бесарупое гуфтем.
Шарҳи асрори ту тақрир накардем тамом,
Мухтасар – мухтасару ҷой ба ҷое гуфтем.

Ҳама ушшоқ ба дарди дили худ дармонданд,
Мо зи бадномию риндӣ-ш дуое гуфтем.
Дӣ ба Носир сухане рафт зи васли ту, дареғ,
Рози султони ҷаҳон пеши гадое гуфтем.

* * *

То бихандид лабат, воқифи асрор шудем,
То бидидем рухат, толиби дидор шудем.
Бод бӯйи ту шабе аз хуми хаммор овард,
Мо бад-он бӯй муқими дари хаммор шудем.
Дар қадаҳ ранги лабат буд, лабаш бӯсидем,
Мутриб аз ишқи ту нолид, бад-ӯ ёр шудем.
Сари мо бори гарон буд, зи дӯш афкандем,
Ишқи ту роҳи дароз аст, сабукбор шудем.
Ҷуръа бар хок фишондӣ туву моро нарасид,
Мо ба даври ту ба якбор чаро хор шудем?
Муддаӣ, беш ту бо мо сухан аз зуҳд магӯ,
Ки ҳам аз номи худу нанги ту безор шудем.
Чун қалам рост ту бар роҳи яқин бош, ки мо
Гирди ин доира саргашта чу паргор шудем.
Гарчи риндем, ба ҳар мадраса ҳозир гаштем
В-арчи мастем, ба ҳар савмаа бисёр шудем.
Дӯш дар майкада май дар сари асҳоб афтод,
Ҳамчу Носир ҳама бехирқаву дастор шудем.

* * *

Мо муқими остону осиёи дигарем,
Сояе дар олам афкандему ҷойи дигарем.
Тарки ҳастӣ гуфтаву бо дӯст ҳамроз омада,
Дил зи ғам хун кардаву бо дилрабои дигарем.
Гаҳ зи сирри «кофу нун» саргашта дар обу гилем,
Гоҳ аз «ло»-ию «ло» андар балои дигарем.
Гар ба зоҳир кӯза дар кӯйи қаландар мекашем,
Дар ҳақиқат сокини хилватсарои дигарем.
Хок мегардем, чун дар хештан раҳ мебарем,
Ҷони ширинем, то андар ҳавои дигарем.
Най зи мо нолидан омӯзад, ки мо дар базми хос
Бенавоёнему ҳар дам дар навои дигарем.

Як дам, эй солуси азрақпӯши саҷҷоданишин,
Моҷаро кам гӯ, ки мо дар моҷарои дигарем.
Чораи Носир маҷӯ зинҳор, эй дил, аз табиб,
З-он ки мо ранҷур бар бӯйи давои дигарем.

* * *

Рӯзи азал, ки дидаи маънӣ кушодаем,
Рӯйи ту дидаему дил аз даст додаем.
З-ин хоки тира бар сари мо пову сар мабод,
Гар дил бар ин дурӯза ғурураш ниҳодаем.
Гар омадем дидани саҳро чу лӯлиён,
Хайма намезанем, ки дар шаҳр зодаем.
Эй дил, сабук зи роҳи яқин шав ба шаҳри ҷон,
Ғофил машав, ки бар сари роҳ истодаем.
Ин қолаби шикастаи мо хонаи гил аст,
Мо нури офтоб, ки дар вай фитодаем.
З-оина нур бину магӯ нури оина-ст,
Май нӯш кун зи шиша, магӯ ҷоми бодаем.
Носир миёни гулшани ваҳдат муқим шуд,
Аз вай даре ба олами ваҳдат кушодаем.

* * *

То кай аз ин лову ло пеши ту илло шавем?
Исму мусаммо ду нест, айни мусаммо шавем.
Ҳосили мо гар зи ту васл бувад худ накӯ
В-ар ба ситам мекушӣ, мо ба ту пайдо шавем.
Чун ба ту пайдо шавем, к-аз ҳама пинҳонтарӣ,
Асли ниҳонҳо туӣ, мо зи ту пайдо шавем.
Меҳри азал оқибат хайма ба саҳро занад,
Ҳамчу тулӯи саҳар, мо ба ту пайдо шавем.
Чун ҳама ҳастӣ туӣ, нест ҳиҷоби дуӣ,
Чун ба миён ғайр нест, мо туву ту мо шавем.
Қатра агар дар ҳаво сурати касрат гирифт,
Асли адад чун якест, қатра ба дарё шавем.
Ҳастии Носир шудаст пардаи асрори ғайб,
Ҳастии ӯро бисӯз, то ҳама саҳро шавем.

* * *

Эй ҳусни ту офтоби тобон,
Равшан ба рухат ситораи ҷон.
Пайдо шудаӣ чу меҳр дар дил,
Чун зарра зи чашми ақл пинҳон.
Гуфтему шунид бо ту ҳарфе,
К-аз гуфтушунид хориҷ аст он.
Ҳар гул, ки шукуфт дар баҳорон,
Гаштем бар ӯ ҳазордастон.
То кай сухан аз ҳарими маҳдат,
То чанд ғами висолу ҳиҷрон!
То чанд зи бими нори дӯзах,
То чанд умеди боғи Ризвон?
Дар ишқу ҷунун басе фунун аст,
Бартар зи таaллуқи сухандон.
Панд аст иқоли ақл, бигсил,
То гард кунӣ миёни майдон.
Бар арш равад буроқи аршӣ,
Чун гард шавад бадан парешон.
В-он нури муҳаммадӣ барояд
Дар қурби ҳаќу ризои раҳмон.
Дар ишқ талаб ту нақши ҳар чиз,
К-аз лутф шуда-ст оинасон.

* * *

Эй чини зулфат шоми ғарибон,
Қурбат ба ғурбат беҳ бар рақибон.
Дар ханда ғунча дилшоду хуррам,
Шуд бо чанораш дасту гиребон.
Пардохтам дил аз кори душман,
Дарбохтам ҷон баҳри ҳабибон.
Бар хони хосон ғавғои ом аст,
Хосулхавосанд аз бенасибон.
Донӣ, чаро сар баста-ст ғунча?
Дорад садое аз андалебон.
Ширинии лаб аз ҷони ман пурс,
Ранҷур донад қадри табибон.
Шаҳдат шифо дод бо ҷони Носир,
Зулфат сияҳ кард рӯйи рақибон.

* * *

Чун ҳамнишини моҳ нагардам бар осмон,
Он беҳ, ки ҳамчу гард ниҳам сар бар остон.
Бо он, ки тири чарх зи ман саҳм мехӯрад,
Чун қавс пушти ман бувад аз бори ғам камон.
Иқрори ишқ кардаму инкори оқилӣ,
К-аз ишқ дар яқинаму аз ақл дар гумон.
Чун оби дида нақши хаёлат латиф гашт,
Чун бод ёфт бӯйи насими ту, шуд равон.
Эй тан, чаро ту ғофилу фориғ нишастаӣ,
Нашнидаӣ, ки азми сафар ҷазм кард ҷон.
Бечора ташнае, ки расад ҷони ӯ ба лаб,
Дилбар ба маҳмилу дилу ҷонаш ба корвон.
Носир чу гард дар ақибаш меравад ба сар,
Бо дӯст ҳамчу бод агар нест ҳамъинон.

* * *

Ман ҳамчу гул дар хандаам, гӯ, ёр дар хунам нишон,
Ман ҳамчу сарв озодаам, гӯ, ёр бебаргам бимон.
Мӯ бо миёнаш лоф зад, лекин равон дар тоб шуд,
Чун боз дид аз нозукӣ як мӯй фарқе дар миён.
Доим чаро бо сураташ ойина омад рӯ ба рӯ,
Ҳар дам чаро бо ӯ ниҳад соғар даҳанро бо даҳон.
Имрӯз дар кӯйи муғон хоҳем гаштан дар ба дар,
Саҷҷодаҳо дар раҳни май, дасторҳо дар по кашон.
Ман гӯйи ишқам, гӯ бизан чавгони таънам ону ин,
Чун кушта гаштам, гӯ бикаш теғи маломат ину он.
Бо ишқ дарпечидаам, чун нома хат бар ман макаш,
Бар хатти меҳрат меравам, чун хома аз пешам марон.
Ҷон аст соқӣ, лаъли ту з-ӯ коми ҷони мо бидеҳ,
Рӯҳ аст, мутриб, нолаат, з-ӯ роҳате бо мо расон.
Гар ман чу хокам бар дарат, ту доман аз ман дар макаш,
Ё соате бар ман гузар, ё ҷуръае бар ман фишон.
Ҳар ду ҷаҳон бар бод шуд, ишқи ту омад ҳосилам,
Алҳамдулиллаҳ, шокирам, ҳосил ҳамин буд аз ҷаҳон.
Носир гузашт аз рангу бӯ, нақши ту дорад дар назар,
Он бӯй дар рангаш бибин, в-он нақш дар рӯяш бихон.

* * *

Ёр ҳамон, аҳд ҳамон, дил ҳамон,
Ишқ ҳамон, хок ҳамон, гил ҳамон.
Муъмину кофар суйи Ҳақ роҳ барад,
Зоҳиди гумроҳ ба ботил ҳамон.
Ҳар ду ҷаҳон куштаи ишқи ту шуд,
Ғамзаи хунрези ту қотил ҳамон.
Ҳосилам аз ишқи ту хуни дил аст,
Ҳаст худ аз ишқи ту ҳосил ҳамон.
Носир аз омезиши сурат гузашт,
Суратат омехта бо дил ҳамон.

* * *

Коми нокоме раво кун аз даҳони хештан,
Дар миён овар каноре аз миёни хештан.
Худ тани ҷондодаро аз тоби ҳиҷронаш масӯз,
Раҳм кун бар ҷони ранҷуре ба ҷони хештан.
Тарсам, аз дасти забон рӯзе диҳам сарро ба бод,
Шамъвор аз баҳри он сӯзам забони хештан.
Ман зи дил берун нахоҳам кард абрӯи туро,
Гар маро қурбон кунӣ баҳри камони хештан.
Аз тани хокӣ баромад гарду гардам бар дарат,
То магар роҳам диҳӣ бар остони хештан.
Чун шаби ҳиҷрон зи оҳи дил барафрӯзам чароғ,
Мекашам равған зи мағзи устухони хештан.
Дар ҳавои меҳри ту чун субҳ Носир содиқ аст,
Ошкоро мекунам рози ниҳони хештан.

* * *

Ҳолиё, хоҳам фишонд аз домани ҷон гарди тан,
Юсуфамро чанд пинҳон дорам андар пираҳан?
Додаам оинаи дилро сафо аз нақши ғайр,
То дар оина рухат бинад сафои хештан.
Ҷоми май талх аст, ҳар дам бар лаби ширин манеҳ,
Ҷони ман, то кай раво дорӣ ситам бар ҷони ман?
То маро рафта-ст рӯзе бар забон ёди лабат,
Ҳаргизам дигар нарафта-ст он ҳаловат аз даҳан.
Сарви гулрухсори ман чун шуд хиромон дар самоъ,

Пой дар гил монд аз шарми қадаш сарви чаман.
Рӯй бар рӯяш ниҳодам, шуд аз ин дар тобу гуфт:
Гар наӣ парвона, худро беш дар оташ мазан!
Мекашидам зулфи ӯро, гуфт: Дар савдо мапеч,
Хостам лаълаш газидан, гуфт: Носир, ҷон макан!

* * *

Хоҳам чу сабо гирди сари кӯи ту гаштан,
Бо бод баромехта, бар бӯи ту гаштан.
Нокомтар аз тири ту дар кеши ту будан,
Ошуфтатар аз зулфи ту бар мӯи ту гаштан.
Бар хоки дарат хаставу муҳтоҷ нишастан,
Бечораву дарвешу дуогӯи ту гаштан.
Эй шоҳ, гадоёна дуо гӯямат аз дур,
Чун нест маро заҳра дар урдуи ту гаштан.
Чун шона сар андар сари савдои ту кардам,
Бошад, ки тавон хам ба хами мӯи ту гаштан.
Бифирист насибе ба гадоёни худ, эй дӯст,
Ҳозир натавонем чу дар тӯи ту гаштан.
Дил металабад дар раҳи ишқи ту чу Носир,
Озод шудан аз худу ҳиндуи ту гаштан.

* * *

Саргаштаам зи бахти нигунсори хештан,
Тардоманам зи чашми гуҳарбори хештан.
Дурри хушоб дида ба доман хамекашад,
Саррофи ишқ бар сари бозори хештан.
Эй ҷон, маро ту бори гаронӣ, карона гир,
Бар маркаби заиф манеҳ бори хештан.
Воиз, нигар, ба аҳли яқин мекунад хилоф,
Бечора гарм гашта ба гуфтори хештан.
Қозӣ чӣ гуна ҳила кунад дарди ишқро?
Ӯро бас аст заҳмати дастори хештан.
Ёре ба бод дораму чун бод меравам
Ҳайрону хаста дар талаби ёри хештан.
Монанди ҳоҷиби ту табибе надидаам,
Доим нишаста бар сари бемори хештан.

Риндони ишқро, ки ба зиндони меҳнатанд,
Бӯе расон зи турраи таррори хештан.
Носир муҳаққар аст, наярзад ба зарби ту,
Андеша кун зи ханҷари хунхори хештан.

* * *

Ман на он риндам, ки биншинам ба ҷойи хештан,
То набинам дар канори худ сазои хештан.
Удро таслим бояд буд, агар сӯз асту соз,
Ошиқонро дарди худ бошад давои хештан.
Ман нахоҳам гашт равшан з-оташи ишқаш чу шамъ,
То сари худро набинам зери пойи хештан.
Рехтӣ хуни ману додим ғамҳо дар иваз,
Дер шуд,то мехӯрам аз хунбаҳои хештан,
Гуфтамаш: Умри ту бодо! Гуфт: Ман умри туам,
То ба кай, эй муддаӣ, гӯйӣ дуои хештан?
Ман барои хидмати ӯям, барои худ наям,
Роҳи ӯро кай тавон рафтан барои хештан?
Ёди Носир пеши ӯ кардам, аз ин дар хашм рафт.
Гуфт: Ман то кай кашам нанги гадои хештан?

* * *

Чанд чун ғунча ба бӯе зи ту дил хуш кардан,
Ҳамчун гул чеҳра ба хуноба мунаққаш кардан?
То кай, эй рӯи ту маҷмӯаи алтофи Илоҳ,
Ҳоли моро чу сари зулф мушавваш кардан?
Дасти ман ҳайф, ки гардад ба миёни ту камар,
Нарасад даст камарро ба ту даркаш кардан.
Ман ба рӯйи ту шудам чун сари зулфат, дарёб,
Ки сабурӣ натавон бар сари оташ кардан.
Шишаи май натавон бе маи гулгун дидан,
Дида равшан натавон бе бути маҳваш кардан.
Ҷиҳати беҷиҳаташ шаш ҷиҳати кавну макон,
Якҷиҳат шав, натавон қиблаи худ шаш кардан.
Носир андар ҳаваси ишқи камонабрӯе,
Гашт қурбону наёрист ба таркаш кардан.

* * *

Дар ҷигар сӯзи ту дорам, дам намеёрам задан,
Оҳ, оҳе бар сари он ҳам намеёрам задан.
Ҳамдами ман оҳи сард аст аз ғами ишқат, вале
Нола аз дарди ту бо ҳамдам намеёрам задан.
Ҳар шаб аз шамъи ҷамолат то абад парвонавор
Дам ба дам сӯзам, валекин дам намеёрам задан.
Хоб, метарсам, ки гардад дар миёни мо ҳиҷоб,
Аз хаёлат дидаро бар ҳам намеёрам задан.
Гул зи шодӣ ханда зад дар боғу ман аз сӯзи дил
Ҳамчу булбул як нафас бе ғам намеёрам задан.
Маҳраме, ку, то зи дарди дил бигӯям порае?
К-ин нафас дар пеши номаҳрам намеёрам задан.
Бо вуҷудат сарвро дар дил намеёрам нишонд,
Бе рухат бо гул дами хуррам намеёрам задан.
Қиссаи дарди дили Носир бигуфтам бо табиб,
Гуфт: Дам з-ин беш аз марҳам намеёрам задан.

* * *

Гар марди роҳи ишқӣ, лофи вуҷуд кам зан,
Бе ҷону дил сафар кун, бе пову сар қадам зан.
Саргашта чанд гардӣ дар водии таҳайюр,
Бо қиблаи муҷовир, ҳон, такя бар ҳарам зан.
Гар мулки ишқ хоҳӣ, то гардадат мусаллам,
Рав кӯси «Рабби ҳаб лӣ» дар олами адам зан.
Аз партави ҷамолаш худро чу уд сӯзон
В–он гаҳ чу соф гаштӣ, рав, сикка бар дирам зан.
Гар нарди дарди ӯро хоҳӣ, ки пок бозӣ,
Дар дови бениёзӣ ҳар ду ҷаҳон ба ҳам зан.
Хокистарӣ, агар ту, дар хоки тира монӣ,
Хоҳӣ ки шуъла гардӣ, бар осмон алам зан.
То кай ҳаменависӣ асрори ишқ, Носир?
Сӯзе зи оташи дил дар коғазу қалам зан.

* * *

Бигир мулки хароби дилу иморат кун,
Ба тахти ноз нишин, бар бутон аморат кун.

Чӣ ҳоҷат аст, ки ханҷар ба хунам олоӣ,
Ба нӯки ғамзаи хунрези худ ишорат кун.
Туро ба мулки дил, эй турки маст, раҳме нест,
Ба захми теғ гирифтӣ, бисӯзу ғорат кун.
Агар ба хоки шаҳидони ишқ баргузарӣ,
Маро ки куштаи ишқи туам, зиёрат кун.
Ба нақди ҳусн дили бедилон ба даст овар,
Кунун, ки ёфтаӣ мояе, тиҷорат кун.
Маро зи гармии дил ҷон расидааст ба лаб,
Ба ғамза неш зану дафъи ин ҳарорат кун.
Агар суҷуд ба пеши бутон ҳавас дорӣ,
Нахуст, Носир, аз ибриқи май таҳорат кун.

* * *

Соқӣ, майи боқӣ деҳ, ақл аз сари мо кам кун,
Сармояи шодиро қути дили пурғам кун.
Аз чеҳра шабистонро бутхонаи Чин гардон
В-аз бода суроҳиро сарчашмаи Замзам кун.
Гарди дари майхона дар чашми мамолик зан,
Хоки раҳи хамморон дар дидаи олам кун.
Султони вуҷудамро аз май хати адле каш,
Лашкаргаҳи ҷонамро бар ишқ мусаллам кун.
Хуршеди ҷамолатро дар ҷоми лаболаб бин,
Як ҷилваи нуронӣ дар моҳи муҳаррам кун.
Аз роҳи карам рӯзе дар кӯйи гадоёнат
Моро ба қабули худ бинвозу мукаррам кун.
Эй мутриби рӯҳонӣ в-эй ояти раҳмонӣ,
Ин ҷуръа паёпай хӯр в-ин бода дамодам кун.
Дар гӯши ту мегӯяд зулфи ту, ки Носирро,
Ошуфтаву саргардон, шӯридаву дарҳам кун.

* * *

Вафо намекунад он ёри меҳрубон бо ман,
Ҷафо ҳамекунад он шӯхи дилситон бо ман.
Маро чу умр азиз асту ногузир, вале
Вафо намекунад он умр як замон бо ман.

Ман аз мувофиқати ёр барнахоҳам гашт,
Агар шаванд мухолиф ҳама ҷаҳон бо ман.
Маро ба духтари раз оштӣ деҳ, эй соқӣ,
Аз он чӣ ғам, ки баҷанганд зоҳидон бо ман!
Зи меҳр бар ҳама олам чу моҳ метобӣ,
Чаро ба зарқу фиребӣ чу осмон бо ман?
Шудам низор чу маҳ дар муҳоқу нест аҷаб,
Ки офтоб кунад ҳеҷ иқтарон бо ман.
Агар чу гард равад дар рикоби ӯ Носир,
Гумон мабар, ки бувад гард ҳамъинон бо ман.

* * *

Ҷуз даҳонаш нест дар ҳар ду ҷаҳон мақсуди ман,
Кай ба коми ман шавад мақсуди номавҷуди ман?
Чун шудӣ доманкашон, боре заминаш гаштаме,
То ба доман пок кардӣ рӯйи гардолуди ман.
Ҳам ба навъе шод гаштӣ, гар нафарсудӣ зи ғам,
Ин дили пурдарди бесомони ғамфарсуди ман.
Дар адам осуда будам в-ин замон аз буди хеш
Ранҷ дорам, кошкӣ, ҳаргиз набудӣ буди ман.
Дар сари савдои зулфаш умрҳо кардам зиён,
Гар надомат мехӯрам акнун, надорад суди ман.
Чанд хоҳӣ сӯхтан дар оташи ҳаҷрам чу уд?
Оқибат рӯзе бигирад доманатро дуди ман.
Гуфт: Носир, ҷон бидеҳ, бӯсе ситон, хуш давлатест,
Гар ба ҷоне мебарояд аз лабаш мақсуди ман.

* * *

Аз ишқ ҳамчу оташаму нола дуди ман,
Бошад, к-аз ин миёна бисӯзад ҳасуди ман.
Душман куҷост, қуввати бозуи ман кирост?
Касро намонда тоқати имсоку ҷуди ман.
Дӣ кардаам зи дидани ту саҷдаҳои шукр,
Донӣ ту худ, ки саҳв набошад суҷуди ман.
Зоҳид, зиёни ман зи туву суди ман зи туст,
Бошад, ки не зиёни ту монад, на суди ман.
То шоҳидам зи рух накушояд ниқоби зулф,
Равшан ба сад чароғ нагардад шуҳуди ман.

Гар ақл аз он миён набарад роҳ дар адам,
Маълум кай шавад ба хаёле вуҷуди ман?
Обе фишон бар оташи Носир зи баҳри лутф,
То оламе сиёҳ нагардад зи дуди ман.

* * *

Ҳар саҳаргаҳ дар ҳавои моҳи меҳрафрӯзи ман
Зуҳра дар чарх оварад нолидани дилсӯзи ман.
Осмон дар дасти ман чун ҳалқаи хотам шавад,
Гар биёбад даст бар вай толеи пирӯзи ман.
Ҷайб то доман чу субҳ аз меҳр хоҳам чок зад,
То ба кай шоми фироқаш тира дорад рӯзи ман?
Боғи айши ман зи оҳи сард бебаргунавост,
Аз куҷо боди хазон бархост дар наврӯзи ман?
Бахти бадфарҷом ангушти надомат мегазад,
З-он ки дар гӯшаш наёмад панди некомӯзи ман.
Ошиқи дармондаро дармон чӣ созӣ, эй табиб?
Чун бадар дармон менасозад ҷони дардомӯзи ман.
Дар ғами дилбар чу Носир нола аз ҷон баркашад,
Дидаи анҷум бидӯзад наваки дилсӯзи ман.

* * *

Зи зулфат дам задам, дуде баромад аз даҳони ман,
Лабатро ёд кардам, сӯхт аз оташ забони ман.
Лабат ҷон асту ҷони ман расида аз ғамат бар лаб,
Биё, лаб бар лабам неҳ, то шавад пайванди ҷони ман.
Задӣ пайкони ғамза бар дилам, аз пушт берун шуд,
Давое нест, берун рафт тире аз камони ман.
Ҷудоӣ дар миён афтоду ман ин дӯсттар дорам,
Ки аз ту теғи заҳролуд бошад бар миёни ман.
Агар дар обу хоки ман накиштӣ тухми савдоят,
Чаро дарди ту мерӯяд зи мағзу устухони ман?
Бутамро дӯш мегуфтам: Ниҳам бар остонат сар,
Бигуфто: Ор медорад аз ин сар остони ман.
Бигуфтам: Табъи нозукро зи Носир ёд деҳ рӯзе,
Бигуфто: Ҷойи ҳар хоре набошад гулситони ман.

* * *

Гуфтӣ, ки чун боди сабо ҳар дам маё дар кӯйи ман,
Ногаҳ мабод аз ҳоли ман бӯе барад бадгӯйи ман.
Мӯе шудам дар ишқи ту в-он мӯй бар оташ ниҳам,
Ҳаққо, агар аз ёди ту холӣ шавад як мӯйи ман.
Инсофи мазлумон бидеҳ, худ гӯ, ки ин некӯ бувад,
Ман бӯса бар поят занам, ту по ниҳӣ бар рӯйи ман.
Ҳар дам камонворат кашам сад раҳ ба сӯйи худ, вале
Дардо, ки натвон ёфтан он зӯр дар бозуйи ман.
Гар пеши хоки пойи ту аз нофи оҳу дам занам,
Пеши сагони кӯйи ту зоҳир шавад оҳуйи ман.
Ту ҳамнишини давлатӣ, ман раҳ наёбам сӯйи ту,
Ман дардпарварди ғамам, ту кай шиносӣ хӯйи ман!
Носир агар дар кӯйи ту бар бӯйи васлат ҷон диҳад,
Хоки даратро то абад бӯиву ёбӣ бӯйи ман.

* * *

Моро дилест бе ту чу соғар гирифта хун,
Чашме чунон, ки шишаи май гашта сарнигун.
Биншастааст нақши ту чун дар хаёли ман,
Аз зулфи ҳамчу ҷиму хами абруи чу нун.
Гар оҳи дил чу тешаи Фарҳод баркашам,
Чун сақфи Бесутун равад аз ҷони ман сукун.
Ҳоли ман аст холи ту, з-он шуд сиёҳ дил,
Ашки ман аст лаъли ту, з-он гашт обгун.
Гар сели чашми ман ба канор афканад гуҳар,
Пурдурри шоҳвор шавад баҳри нилгун.
Носир шаби фироқи ту гумроҳ гашта буд,
Бозаш хаёли рӯйи ту шуд роҳу раҳнамун.

* * *

Дар сарам савдои ишқ асту ҷунун
В-аз ҷунуну ишқ гаштам зӯфунун.
Дард ҳамла карду сабр аз мо гурехт,
Ишқ ғолиб гашту ақли мо забун.
Як даҳон дорам ману сад оҳи сард,
Як ҷигар дорам ману сад мавҷи хун.

Деги сина чун ҳамеояд ба ҷӯш,
Оби гарм аз дида меояд бурун.
Сӯзам аз гиря намемирад, чӣ суд,
Об аз беруну оташ аз дарун.
Рӯзу шаб дар дида нақши рӯи туст,
Ашки ман з-он рӯй ояд лолагун.
Саргарон шуд Носир аз савдои ишқ,
З-он бувад дасташ ба зери сар сутун.

* * *

Мурғи равонам мепарад, то дар ҳавои кист ин,
Селоби ашкам меравад, то дар вафои кист ин?
Моему шабҳо то саҳар дар зери паҳлу хоки дар,
Хиште, ки дорам зери сар, аз хоки пои кист ин?
Гӯянд агар он рашки маҳ ояд, куҷо созиш ҷо?
Дар чашми исфеду сияҳ, бингар, ки ҷои кист ин?
Дидам лабаш чун лаъли тар, бар вай шикофе чун гуҳар,
З-он ҷо бурун омад шакар, ширинлиқои кист ин?
Як субҳдам з-он хоки кӯ овард боди мушкбӯ,
Шуд чашми ман равшан аз ӯ, то тӯтиёи кист ин?
Носир бар он дар солҳо нолид зору бенаво,
Ҳаргиз нагуфт он подшоҳ ӯро, гадои кист ин?

* * *

Магзор ошиқонро дар интизор чандин,
Чун нест эътимоде бар рӯзгор чандин.
Рафтию дарди ишқат ошуфта кард моро,
Ёрон раво надоранд ошӯби ёр чандин.
Дигар чу нест моро дар кӯйи ту қароре,
Ту низ дур аз он кӯ моро мадор чандин.
Ман дар ғаму ту фориғ биншаста бо рақибон,
Ҳайф аст дастаи гул дар дасти хор чандин.
Ҳаргиз надидам охир чун ашк дар канорат,
Ҳар лаҳза то кай аз мо гирӣ канор чандин?
Тарсам, ки хок гардам дар интизори васлат,
Ҷоно, агар нишинам бар раҳгузор чандин.
Бар домани висолат гардест ҷони Носир,
Магзор, то нишинад бар вай ғубор чандин.

* * *

Ман ринду майпарастаму фориғ зи куфру дин,
Зоҳид, маро ба чашми ҳақорат дигар мабин!
Сӯзест дар дилам, ки агар дам бароварам,
Сӯзам нуҳ осмон ба яке оҳи оташин.
Дар навбати ту ранҷ ҳамеборад аз фалак,
Дар давлати ту дард ҳамерӯяд аз замин.
Ҷонӣ, ҷудо зи қолаби ранҷури мо магард,
Нурӣ, даруни дидаи гирёни мо нишин.
З-ин ғам дар оташам, ки шабу рӯз дар фироқ
Бар бод рафт бе рухи ту умри нозанин.
Носир ба рӯзи ҳашр чу сар барзанад зи хок,
Бошад зи остони туаш гард бар ҷабин.

* * *

Эй орзуи ҷони ман, эй умри нозанин,
Чандин макун, ки нек набошад ҷафову кин.
Дар ошиқон ба чашми ҳақорат макун назар,
К-ин қавм бо сагони ту бошанд ҳамнишин.
Ҳаққо, ки мисли банда наёбӣ ба сад қирон
Дар иттиҳод содиқу дар ишқ ростин.
Фардо агар ба ноз дароӣ ту дар биҳишт,
Ҳурон ниҳанд пеши рухат рӯй бар замин.
Ҳайф аст суҳбати ту шабу рӯз бо рақиб,
Оре, ба дасти дев на лоиқ бувад нигин.
Рӯям бибин, ки ойинаи сурати туам,
Гар нақши рӯйи ту набувад, рӯйи ман мабин.
Носир, вафо зи ҳеч вуҷуде тамаъ мадор,
Кӯтоҳ кун, накӯ суханат ин, сад офарин.

* * *

Эй балои ошиқон болои сарвосои ту,
Кори мо боло гирифта аз қаду болои ту.
Ҷон зи дил бурдиву ҷуз чеҳра надорам ваҷҳи зар,
Бо вуҷуди муфлисӣ ман чун кунам савдои ту?
Хоки поят, кӯрии душман, ба чашмам тӯтиёст,
В-ар зи ман бовар надорӣ, бин ба хоки пои ту.

Нури чашми ман туӣ, чашмам ба рӯят равшан аст,
Ман намехоҳам ба ҷуз дар дидаи худ ҷои ту.
Сурати чашмест наргис, лекин ӯро нур нест,
В-арна шарме доштӣ, аз наргиси раънои ту.
Ҷони ширин менамояд талх дар пеши лабат,
Ин таматтуъ дорам аз ширинии лабҳои ту.
Дарди ҳиҷронат ба накд имрӯз Носирро бикушт,
Ин замон суде надорад ваъдаи фардои ту.

* * *

Бишкуфт гул дар гулситон, он ёри гулрухсор ку?
Бархост сарви бӯстон, он сарви хушрафтор ку?
Ғунча табассум мекунад, он пистаи хандон куҷост?
Савсан забоновар шуд-ст, он зулфи анбарбор ку?
Сунбул ба тоби ҳусн шуд, наргис ба хоби ноз рафт,
Он чашми фаттонро кӣ дид, он турраи таррор ку?
Вақти саҳар бо дӯстон кардам гузар бар бӯстон,
Гул боз шуд дар чашми ман, он рӯи чун гулзор ку?
Дилҳои мастони чаман аз май шукуфа мекунанд,
Соқии маҷлисро бигӯ, дурди хуми хаммор ку?
Боғу баҳору ҷоми май, чангу дафу овози най,
Коми дили ман з–ин ҳама ҳосил нагардад, ёр ку?
Носир чу булбул дар чаман, омад зи мастӣ дар сухан,
Аз ту хамӯшӣ нест хуш, он нағмаи ашъор ку?

* * *

Дил гирифт аз масҷидам, хаммор ку?
Хирқаро оташ задам, зуннор ку?
Ғайри най, к-ӯ нола аз мо мекунад,
Ҳамдаме дамсозу хушгуфтор ку?
Дар ҷаҳон ҷуз бода, к-ӯ ғамхори мост,
Ёри софихотири ғамхор ку?
Маҳраме, к-аз сӯз бар болини ман
Ҳар шабе чун шамъ гиряд зор, ку?
Аз гулистони вафо бӯйе куҷост?
В-аз диёри мардумӣ дайёр ку?

Дар замона ҳеҷ дил беғам кӣ дид,
Дар ҷаҳон як барги гул бехор ку?
Ҷон диҳад Носир равон дар пойи ӯ
Аз раҳи ёрӣ, валекин ёр ку?

* * *

Эй ливои меҳтарӣ бар ломакон афрохта,
Ғулғули «Лавлок» бар ҳафт осмон андохта.
Шаҳсавори дин, ки чун зин баст бар пушти Бурок,
Аз замин то авҷи авадно ба якдам тохта.
Чун ду чавгон карда маҳро як сари ангушти ту,
Бар сари майдони гардун гӯйи давлат бохта.
Мурғи ҷон ҳар гаҳ ки бо тавқи вафои ту бувад,
Боғи ҷаннатро бувад тавҳид хон чун фохта.
Ҳеч кас ғайри Худо қадри ту натвонад шинохт,
Чун Худоро беҳтар аз ту ҳеч кас нашнохта.
Рӯзи маҳшар чун бисозӣ аз шафоат кори халқ,
Хулқи ту ҳаргиз намонад кори мо носохта.
Хилвати дил Носир аз фикри ҷаҳон пардохтаст,
В-он гаҳ аз ихлос наъте баҳри ту пардохта.

* * *

Манам ба дидаи маънӣ ҳама Худо дида,
Кашида дард, вале оқибат даво дида.
Зи регҳои биёбону баргҳои дарахт
Ҳазор раҳбару раҳбину раҳнамо дида.
Зи пешгоҳи адам то ба остони вуҷуд
Ҳазор гуна зи аллаҳвало бало дида.
Ниҳода гӯш, вале дар фано бақо ҷуста,
Кушода чашм, вале дар хало мало дида.
Зи дасти соқии васлаш ба бомдоди аласт
Даруни соғари «қолу бало» бало дида.
Ҳазорбора бипаймуда сақфи гардунро,
Ҷаҳони олами маънӣ пур аз само дида.
Магӯй, Носир, аз ин моҷаро, ки натвон дид
Шуои шамъи таҷаллӣ ба чашми нодида.

* * *

Азбаски лабат шароб дода,
Чашмат хама дил ба хоб дода.
Абрӯт камони гӯшагашта,
Зулфи ту каманди тобдода.
Бар дил зада чашми ту зи мижгон,
Ҳар лаҳза синони обдода.
Гирди лаби лаъли хаткашида
Шаккар ҳама бо ғуроб дода,
Ҷонам зи барои чашми мастат
Аз гӯшаи дил кабоб дода.
Моро ба висол ваъда карда,
Май хӯрда, ба мо сароб дода.
Дарде ба ниҳоди мо ниҳода,
Ганҷе ба дили хароб дода.
Бе рӯи ту, к–ӯ биҳишти ҷон аст,
Ҳиҷрони туам азоб дода.
Бар дарди сари фироқ чашмам
Аз ашки равон гулоб дода.
Бифрӯхтаам ҷаҳон ба як ҷав,
В–онро, ки ба ҳар рубоб дода.
Ҳар гаҳ, ки саволи ишқ кардам,
Дарҳол дилам ҷавоб дода.

* * *

Булбул навое мезанад, соқӣ, биёр он булбула,
То бишканад номусро ин зоҳиди пурмашғала.
Роҳи Ҳиҷозу зоҳидон, мову маю кӯйи муғон,
Инак суроҳӣ замзаму базми гадоён қофила.
Гар тоқи гардун бишканад в–ар бехи даврон барканад,
Бар ман ба як ҷав, з–он ки ман не боғ дорам, не гала.
Эй муддаӣ, ман фориғам, рав, ҳар чӣ мехоҳӣ бигӯ,
Дар роҳу расми ошиқӣ аз душманон набвад гила.
Он соғари шоҳонаро бардору бар дастам бинеҳ,
То ин дили девонаро аз май биҷунбад силсила.
Чун ваҷд гирад доманам, худро ба бозор афканам,
Афтанд тифлон дар паям, олам шавад пурвалвала.

Аз бода мили оташин дар дидаи ҳастӣ кашам,
Як раҳ барои нестӣ берун равам з–ин марҳала.
Эй даф, магар ту ошиқӣ, эй най, магар ту бедилӣ,
В-арна чаро бо якдигар зорӣ кунеду ғулғула?!
Носир, магӯ ин моҷаро дар пеши риндони гадо,
Қути ҳумоён кай равад, гунҷишкро дар ҳавсала.

* * *

Магар боди сабо гӯяд ҳадиси ҷон ба ҷонона,
Ки набвад шамъи тобонро хабар аз сӯзи парвона.
Маро бар хотири равшан чу оина-ст зангоре,
Ки дандони тамаъ дорад ба чини зулфи ӯ шона.
Насим аз ҳалқаи зулфаш чу занҷире биҷунбонад,
Дили ошуфта аз ғайрат шавад дарҳол девона.
Чу даври умри мо бар бод хоҳад рафт, он беҳтар,
Ки соқӣ даври умри мо бипаймояд ба паймона.
На он риндам, ки чун зоҳид ба масҷид сар фуруд орам,
Ки май ганҷ аст асту меёбам манаш дар кунҷи вайрона.
Маро худ хӯи ширин аст, аз ин хӯ бар намегардам,
Агар хонанд афсуну агар гӯянд афсона.
Ба бӯи ошноӣ рафт дар баҳри талаб Носир,
Чу бо ишқ ошноӣ кард, гашт аз ақл бегона.

* * *

Ринде набувад чун ман дурдикашу девона,
Гаҳ марди муноҷотам, гаҳ сокини майхона.
Бо ҳар кӣ бипайвастам, гар маст бувад, мастам,
В-ар зулф бувад, зулфам в-ар шона бувад, шона.
Не лоиқи имонам, не куфр, ҳамедонам,
Саргаштаву ҳайронам, шӯридаву девона.
Ақл аст хароби ман, нақл аст хиҷоби ман .
Зуҳд аст ниқоби ман, ку соғари шоҳона?
То ҷоми тараб нӯшем, чун аз фараҳ дар ҷӯшем,
Асрор чӣ мепӯшем аз ошиқи фарзона?
Ман нури Худо дорам, ман доми бало дорам,
Ман ҷоми лиқо дорам дар кӯзаву паймона.
Носир чу фурӯ монад, ӯ силсила ҷунбонад,
Тақлид намедонад соҳибдили мардона.

* * *

Ман киям, саргаштае, бечорае,
Дардманде, хастае, оворае.
Дил зи ман бирбуду пинҳон кард рӯ
Шӯхчашме, фитнае, айёрае.
Ҳамчу гул биншаста бар хори ҷафо,
Чун гуҳар дармонда андар чорае.
Аз заифӣ чун саҳо гаштам, валек
Дар сафар афтода чун сайёрае.
Толеъе дорам, ки ҳаргиз нангарист
Аз саодат сӯи ман исторае.
Ҳаст Носирро ғами дил сад ҳазор,
Ҳеч кас ӯро нашуд ғамхорае.

* * *

Олам чу сароб аст, талаб кун ту саробе,
Май нӯш, ки хуштар зи сароб аст шаробе.
Ҳаст аз қалами сунъи Худо баҳри тааммул
Хат бар хади соқӣ, ба суйи банда китобе.
Аз чанг мадеҳ ҳашт биҳиште, ки нуҳуфта,
Дар пардаи «Ушшоқ» ҳамегуфт рубобе.
Нардею китобею ҳарифею мақоме,
Рӯдею сурудею шаробею кабобе.
Обе шудам аз хушкии зоҳид, ки хуш омад
Чун мардуми чашмам ба назар гӯшаи обе.
Моро ки биронданд чу гард аз дари саҷда,
Хоки дари майхона биҳишт аз ҳама бобе.
Гуфтанд ба абрӯву шуниданд ба дида,
Пайваста чунин рафт саволею ҷавобе.
Мегуфт, ки хоки дари мо гард чу Носир,
Олитар аз ин кас нашунидаст хитобе.

* * *

Ҳаст аз зулфи кажат дар дили ман қуллобе,
Ки дилам аз кашиши зулфи ту дорад тобе.
Дил ки дар абруи тоқи ту чу қандил овехт,
Ҳамчу шамъест барафрӯхта дар меҳробе.

Аз хаёли шаби васли ту, ки хобат хуш бод,
Беш дар дидаи ман роҳ наёбад хобе.
Ба ҷуз аз ашки чу борон, ки мободо бе об,
Бар сари оташи мо кас нафишонад обе.
Оламе тира шуд аз зулфи ту, бикшой ниқоб,
То ба шаб роҳ барам сӯйи ту дар маҳтобе.
Зоҳиран ашки ман имрӯз чу бигзашт зи дӯш,
Обам аз сар гузарад, чун нашавад поёбе.
Носиро, аз даҳанаш гир тариқи эҷоз,
То чу зулфаш набувад дар суханат итнобе.

* * *

Ба дастон гар зи дасти мо биҷастӣ,
Ба даст орам дигар борат ба чустӣ.
Напурсидӣ зи ҳоли дардмандон,
Дили гумкардаи моро бихастӣ.
Фишондӣ зулфи мушкину чу зулфат
Басе дилҳои мискинро шикастӣ.
Камар бар мӯй бастӣ, к-ин миён аст,
Дурӯғе з-ин миён бар хеш бастӣ.
Чу хоки раҳ шудам дар пойи ту паст,
Масал нашнидаӣ: мастию пастӣ?!
Сабо, аз заъф дар кори рисолат
Кисолат менамояд, сахт сустӣ.
Лаби ӯ ханда зад бар ҳоли Носир,
Намуд аз нестӣ як зарра ҳастӣ.

* * *

Ба гӯши ёр пайғоме расондан аз сари ёрӣ
Намеёранд ёронам, сабо, бархез, агар ёрӣ.
Мисоли уд дар чангаш зи бори ишқ нолидам,
Фироқи ӯ дигарбора музоаф шуд ба сарборӣ.
Ба гӯши гул расон аз ман, ки ман чун ғунча дур аз ту
Ба сад пора диле дорам, надонам, то чӣ дилдорӣ?
Ба хуни мардуми чашмам хаёлат остин барзад,
Мабодо доманат гирад ғубори мардумозорӣ.

Маро дар боргоҳи васли ту боре бувад боре,
Агар ёрӣ кунад ҳиммат в-агар ёре диҳад ёрӣ.
Ту айни чашмаи Хизрӣ, чӣ нуқсон бошад, ар як дам
Зи чоҳи лутфи ту обе ба сӯйи мо шавад ҷорӣ?
Зи хорӣ бар дарат Носир ба хоки раҳ баробар шуд,
Бухориро, азизи ман, чаро дорӣ бад–ин хорӣ?

* * *

Сахт сустӣ ту дар вафодорӣ,
Нек бад мекунӣ ҷафокорӣ.
Ман ғаматро нигоҳ медорам,
Ту диламро нигаҳ намедорӣ.
Зери пои ту ман чу гард шавам,
Ту ба чашмам аз он намедорӣ.
Хоки хорӣ марез бар сари ман,
Ки зи ман хокро бувад хорӣ.
Зулфат аз ман шикастагӣ омӯхт,
Лабат аз вай гирифт хунхорӣ.
Кай шиносӣ дарозии шаби ҳаҷр,
Ту ба хобию мо ба бедорӣ.
Ман шавам аз Худои худ безор,
Ки маро бошад аз ту безорӣ.
Баски чашми ту хуни мардум рехт,
Барнахезад дигар зи беморӣ.
Носиро, гар сари ту бардоранд,
Сар аз он остон набардорӣ!

* * *

Хуни дил ҳаст, агар азми шаробе дорӣ,
Ҷигаре дорам агар майли кабобе дорӣ.
Хонаи дидаи ғамдида тамошогоҳест,
Ҳеч дар сар ҳаваси гӯшаи обе дорӣ?
Дӯш дар кӯйи ту рафтам, саги кӯят гуфто:
Бинеҳ, инак сару хишт, ар сари хобе дорӣ.
Маҳи нав, беш ту бо ҳоҷиби ӯ лоф мазан,
Чу ғуломон, магар, ӯро ту рикобе дорӣ?
Лаби лаълат зи қадаҳ хуни ҷигар менӯшад,
То нагӯйӣ, ки дар он ҷо майи нобе дорӣ.

Эй май, аз акси рухи ёр гирифтӣ ранге,
Ки чу гул хуррамию бӯйи гулобе дорӣ?!
Тоати хом макун, то ба сари хум наниҳам
Он чи, эй гӯшанишин, рахти савобе дорӣ.
Кори Носир ба адам мекашад имрӯз, табиб,
Чорае ҳаст, бигӯ, ҳеч ҷавобе дорӣ?

* * *

Эй бар рухи чун рӯзат шоми хати зангорӣ,
Бе зулфу рухат дорам рӯзе чу шаби торӣ.
Дар боргаҳи васлат борам надиҳӣ боре,
Гар кор кунад ҳиммат в-ар ёр диҳад ёрӣ.
Ёрон ҳама гар ёрӣ бо ёр намеёранд,
Эй ёр, ту ёрӣ кун бо ёр, агар ёрӣ.
Аз ҳиммати ман дорад қадди ту сарфарозӣ,
Аз бахти ман омӯзад зулфи ту нигунсорӣ.
Чашмам зи руху зулфат чашмаст, аҷаб набвад,
Дар пойи гулу савсан гар об шавад ҷорӣ.
Аз чашми чу Уммонам абри мижа бархезад,
В-аз Ҳинд кунад ҳар дам дар Рум гуҳарборӣ.
Пеши ту камон аз зӯр, зеҳ бар ду камар аз зар,
Чун зӯру зарам набвад, чора чӣ бувад? Зорӣ.
Эй ёри азиз, аз ту иззат талабад Носир,
Бечора Бухориро то чанд бувад хорӣ?!

* * *

Дӯшина мегуфт нолон асире,
Касро наёяд раҳм аз фақире.
Ҳар кас ба ёре дар ҳар диёре,
Моем танҳо, оҳу нафире.
Ман сайди турке гаштам, ки дорад
З–абрӯ камоне в–аз ғамза тире.
Ҷонро ба бӯсе додам, ки ҳаст ӯ
Бисёрбахше, андакпазире.
Носир на он аст, к–аз ту гурезад,
Танро набошад аз ҷон гузире.

* * *

Шароби кухна дар дайр аст пире,
Аҷаб софидиле, равшанзамире.
Ба ҳар дам бедилонро ҳамнишине,
Ба ҳар кор ошиқонро дастгире,
Тақарруб кун бад–ӯ, гар марди роҳӣ,
Ки аз пире туро набвад гузире.
Зи май манъам макун, зоҳид, чӣ нуқсон,
Агар як дам наёсояд ба тире?
Чӣ воҷиб мешавад гар модари табъ
Зи бустони бутонам дод шире?
Маю мутриб ба ғоят дилпазиранд,
Ба шарти он, ки бошад дилпазире.
Ҷаҳон бод асту Носир чун най аз бод,
Надорад ҳеҷ ҳосил ҷуз нафире.

* * *

Ниёзе мекунам бо бениёзе,
Ки аз ман ҷони ширин в-аз ту нозе.
Чу нолам чун рубоб аз гӯшмолат,
Манам банда, туӣ банданавозе.
Бибозам пешу болои ту ҷонро,
Ки то дар ишқ бошам ростбозе.
Агар ту мекушӣ аз ноз моро ,
Надорам ман ба ғайр аз ту ниёзе.
Дили ман ҷониби дилбар гирифта-ст,
Бад–он бегона натвон гуфт розе.
Биё, эй ояи раҳмат, ки Носир
Ҳамехонад туро дар ҳар намозе.

* * *

Эй ёр, зи ёрон хабари ёр напурсӣ,
Ёрӣ набувад он, ки зи ағёр напурсӣ.
Эй савсани озода, шунав ҳоли дили гул,
Шарти адаб он нест, ки аз хор напурсӣ.
Эй дил, гарат аз қиссаи Фарҳод хабар ҳаст,
З-он пистаи ширини шакарбор напурсӣ.

Чун сунбули зулфаш бибарӣ сар ба суйи гӯш,
Ошуфтагии наргиси бемор напурсӣ.
Бо ёри сабукрӯҳ гаронӣ натавон кард,
Тасдеъ диҳӣ, андаку бисёр напурсӣ.
Эй бод, агар бӯй барӣ аз сари зулфаш,
Як шамма зи дилҳои гирифтор напурсӣ.
Омад зи ғами ӯ дили ошуфта ба зинҳор,
Аҳволи дили ғамзада зинҳор напурсӣ.
Носир, чу сабо гар бувадат ҳеч маҷоле,
Ҳоли дили саргашта зи дилдор напурсӣ.

* * *

Маро ҳар дам физояд дарду доғе,
Ки бӯе ёбад аз ту ҳар димоғе.
Чӣ хол аст он туро болои абрӯ,
Камонро чун гузар набвад ба зоғе.
Биё, то бо руху зулфат нишинам
Шаби торик дар пеши чароғе.
Чунин қомат надорад ҳеч сарве,
Чунин сарве надорад ҳеч боғе.
Туӣ гул, ман нишаста бар сари хор,
Туӣ лола, маро бар сина доғе.
Зи дил хуноби чашми ман расул аст,
Набошад бар расулон ҷуз балоғе.
Куҷо рӯйи ту бинад чашми Носир,
Ки аз гиря намеёбад фароғе!

* * *

Навбаҳор асту гулу аҳди шабоб, эй соқӣ,
Хуш бувад ҷоми маю савти рубоб, эй соқӣ.
Дар дили ғунча нигар рӯйи нигор, эй ориф,
Дар сари лола нигар ҷоми шароб, эй соқӣ.
Соғаре деҳ, ки ду-серӯза ҳаётам бигузашт
Бе маю наргиси масти ту ба хоб, эй соқӣ.
Аҳд кардам, ки чу паймонаи ман баргардад,
Дар сари бода равам ҳамчу ҳубоб, эй соқӣ.

Рӯзи маҳшар, ки шавам зинда, чу наргис бошам
Дар ҷамолат нигарон масту хароб, эй соқӣ.
Кори олам гузарон аст, гузар, эй Носир,
Даври гетӣ ба шитоб аст, шитоб, эй соқӣ!

* * *

Омад нафаси баҳор, соқӣ,
Иксири тараб биёр, соқӣ,
Бар ёди лаби ҳаётбахшаш
Дардеҳ майи хушквор, соқӣ.
Бе соғару май мабош як дам
Дар мавсими навбаҳор, соқӣ.
Дар вақти баҳор ошиқонро
Бе бода раво мадор, соқӣ.
Дардеҳ майи лолагун, ки вақт аст,
Дар домани лолазор соқӣ.

* * *

Соқӣ, биёр ҷоме з-он бодаи ҳақиқӣ,
Чун офтоби рахшон аз софию рақиқӣ.
Ин оҳу гиряамро мардум маҷоз донанд,
Дерест мо ҷудоем з-он дилбари ҳақиқӣ.
Умрам гузашту н-омад дар пеши ман рафиқе,
Ёрон, фиғону фарёд аз ранҷи берафиқӣ!
Моро ба худ тариқе бинмо, чунон ки донӣ,
Эй раҳнамои ҷонҳо, ту асли ҳар тариқӣ.
Носир, чу аз даҳонаш як нукта шарҳ додӣ,
Маълум шуд, ки боре дар нуктае дақиқӣ.

* * *

Бирабуд дил зи дастам санаме зарифу шанге,
Гул аз ӯ рабуда бӯе, маҳ аз ӯ гирифта ранге.
Чу ба номи ишқ фошам, зи ҳунар чӣ нанг дорам,
Нахӯрам ба шодмонӣ ғами ҳеч ному нанге.
Сари ҷангу рӯи сулҳам набувад ба ҳеч рӯе,
Агарам ба ҷанг ояд, маю ёру бонги чанге.
Макун, эй фақеҳ, хушкӣ, ки зи сардии ту моро
На маҷоли сулҳ мондасту на эҳтимоли ҷанге.

Ҳама рӯбаҳони беша биниҳода рӯбаҳиро,
На ба ранги шермандон, ки дуранг чун паланге.
Ба саводи холи зангӣ назаре ба ҳоли мо кун,
Дами сарди кист, ё Раб, ки бар оина-ст занге?
Ба Худо, ки ҳайф бошад ба лаби ту номи Носир
Ба чунон забони ширин, ба чунон даҳони танге.

* * *

Ринду қаландар шудам аз сари девонагӣ,
Камтарам аз хоки дар бар дари девонагӣ.
Ҷомаи соҳибдилон ҷумла бипӯшид дил,
Ҳеч либосе наёфт дарх(в)ари девонагӣ.
Бигзарад аз неку бад, маст шавад то абад,
Ҳар кӣ дамодам хӯрад соғари девонагӣ.
Кист, ки ӯро расад дар ду ҷаҳон дарси ишқ,
Он ки бихонад тамом дафтари девонагӣ.
Баҳри ҷунун мавҷ зад, киштии ҳастӣ рабуд,
Мояи тавҳид гашт гавҳари девонагӣ.
Дар зару ёқут шуд тоҷи сари хусравон,
Хишти сари хум бувад афсари девонагӣ.
Зевару зинат бувад пояи ҳусни бутон,
Далқ ба ҳам барзада-ст зевари девонагӣ.
Васли ту рӯзе набуд Носири шӯридаро,
Хоки қудуми ту бод бар сари девонагӣ!

* * *

Эй ёфта нубувват аз зоти ту камоле,
Рафта ба аршу карда бо дӯст иттисоле.
Бигрифта мулку миллат, дар фақр фахр карда,
Чун дигарон набуда моил ба ҷоҳу моле.
Эй гашта мими номат нури ду чашми олам,
Туғрои ҳафт «ҳо мим» бар давлати ту доле.
Он-ч аз ту гашт содир, мо аз Худой дида,
Нафси ту мурдае буд дар пеши Ҳақ таъолӣ.
Парвонаро пару бол аз қурби шамъ сӯзад,
Шамъӣ ту, к-аз ту ёбад парвона парру боле.

Ту мақсадию Одам дар пеши ту туфайлӣ,
Ту гавҳарию олам дар ҷанби ту сафоле.
Носир, камина соил бар остонаи туст,
Гарчи ту файзбахшӣ бе ҳоҷати саволе.

* * *

Аз гулшани рӯяш чу ман якбор гул барчидаме,
Аз ҷумла гулҳои чаман доман ба куллӣ чидаме.
Лутфаш агар як раҳ маро аз хоки раҳ бардоштӣ,
Чун гард гирди кӯйи ӯ доим ба сар гардидаме.
Гар дам надодӣ дам ба дам пинҳон ба зери лаб маро,
Ман ҳамчу най дар чанги ӯ ҳар дам чаро нолидаме.
Гӯянд варзад ҳар касе чизе, ки меарзад бад-он,
Ман низ меварзам ғамаш боре бад-он арзидаме.
Чун нест он давлат, ки ӯ гӯяд ба гӯши ман сухан,
Кош аз забонаш дигаре гуфтию ман нашнидаме.
Гар чашми бедори маро чун бахти ман хоб омадӣ,
Чун давлати бедори худ рӯзе ба хобаш дидаме.
Чун нест қосидро маҳал, к–аз дӯст пайғом оварад,
Боре дамидӣ бод, то аз вай хабар пурсидаме.
Дар нома Носир хуни дил аз хома пайдо мекунад,
Гар ҳеч макдурам шудӣ, оташ ба най пӯшидаме.

* * *

Ту сарвӣ, эй санам, ё бӯстонӣ,
Ту ҷонӣ, эй парӣ, ё ҷони ҷонӣ?!
Лаби лаълат ниҳуфта ақли кулро
Ҳамегӯяд ҷавоби «лантаронӣ».
Надорам ҳеҷ ёре маҳрами роз,
Ки гӯям пеши ӯ дарди ниҳонӣ.
Саҳаргаҳ мегузаштам бар дари ёр,
Ки меҷустам зи дилдоре нишонӣ.
Дари майхонаро дидам кушода,
Дарун рафтам чунон хушдил, ки донӣ.
Ҳарифе чанд дурдошом дидам,
Ки мехӯрданд бо ҳам дӯстгонӣ.
Ба ман доданд ҷоме, чун чашидам,
Падид омад нишони шодмонӣ.

Шароби ноб чун дар ман асар кард,
Надидам ҳеч аз Носир нишоне.

* * *

Эй ёди ту ғоиб зи забону дили мо не,
Ҳаргиз ту кунӣ ёди мани сӯхта ё не?
Мондем чу булбул ба хазон, эй гули садбарг,
Дур аз рухи ту барг надорему наво не.
Рӯз ояду шаб бигзараду ҷумла шабонрӯз
Наздики ман аз ҳамнафасон ғайри сабо не.
Тарсам, ки агар дарди дили хеш бигӯям,
Ғамгин шавию тоқати ғам ҳеч туро не.
Маъзур ҳамедор, ки тақдир ҳамин буд,
Мо саъй намудем ба васли ту, қазо не.
Бисёр ба по гирди сари кӯйи ту гаштем,
Ин бор дар он кӯ ба сар оему ба по не.
Бисёр баҳор ояду гул бардамад аз гил,
Оянд ҳарифон ба сари сабзаву мо не.
Рӯзе, ки расад теғи аҷал бар сари Носир,
Тан аз ту ҷудо гардаду дил аз ту ҷудо не.

* * *

Аз рӯзи нотавонӣ андеш, то тавонӣ,
Май нӯш бо ҷавонон дар мавсими ҷавонӣ.
Бо пири дайр гуфтам, к-аз дайр чист ҳосил?
Гуфто, ки бо ду ҳамдам як дам ба шодмонӣ.
Соқӣ Масеҳ бояд, то май ҳалол гардад,
К-аз дасти Хизр бода ҳаст оби зиндагонӣ.
Бовар макун, ки донӣ аҳволи ҷоми Ҷамро,
То аз хати пиёла як ҳарф барнахонӣ.
Гар лаззате зи умрат дар коми ҷон расидаст,
Бояд, ки як нафасро бе завқ нагзаронӣ.
Чашмам бувад ба рӯе, гӯшам ба роҳ, аммо
Бар роҳи арғанунӣ, бар рӯйи арғувонӣ.
Носир, агар фано шуд, бодо бақои ҷонат,
Боқист ваҷҳи боқӣ, боқӣ ҷаҳони фонӣ.

* * *

Ҳарчанд мешикофӣ ту мӯй дар маонӣ,
Аз маънии миёнаш, эй ақл, бар каронӣ.
Чун баҳри ишқи ҷонон мавҷи гуҳар барорад,
Ҷон дар миёна ояд, ту бар карона монӣ.
Он ҷо ки мурғи дарё дар об шуд шиновар,
Бар шохаҳо нишинад мурғони бӯстонӣ.
Чун моҳӣ аз фироқат бар хок метапад дил,
Эй баҳри бениҳоят в-эй оби зиндагонӣ.
Чандин ҳазор ошиқ ҷон медиҳад бар ин дар,
Баҳри ту кам нагардад, обе агар чаконӣ.
Як қатра абри лутфат бар ҷони ҳар кӣ борад,
Дурре шавад, ки дар вай баҳре шавад ниҳонӣ.
З–он баҳр шеъри худро сероб дору тоза,
Носир, сафинаҳоро бар хушк чанд ронӣ?

* * *

Пайки сабо, агарчи ранҷуру нотавонӣ,
Пайғоми мо бигӯӣ он ҷо, агар тавонӣ.
Як рони бодпоро аз пӯя дар так овар,
Рӯзе магар бар он дар рамзе ду боз ронӣ.
Гар бошадат маҷоле, бардор нақш аз рух,
То нома дар дили шаб аз нури шамъ хонӣ.
Тарсам, ки бори гавҳар аз шарм об гардад,
Гар моҷарои чашмам дар гӯши ӯ расонӣ.
Бо зулфи ӯ бихонӣ пайғоми дил мутаввал,
Ё мухтасар бигӯӣ бо лаъли ӯ ниҳонӣ.
Бигзар сабук аз он дар, то гард барнахезад,
Зеро ки дарнагунҷад бо нозукон геронӣ.
Гар ҳамчу бахт бинӣ дар кӯйи ӯ диламро,
Гӯй: Эй ҷаҳони равшан, аз мо чаро ҷаҳонӣ?
Шарҳи фироқи моро чун хома сарсарӣ кард,
Печид рӯй аз вай нома зи хурдадонӣ.
Маҳрам нагашт нома бо розам аз дурӯйӣ,
Пинҳон надошт хома ҳарфам зи дузабонӣ.
Носир ҳазор нома аз хуни дил равон кард
Чун бод аз латофат, чун об аз равонӣ.

* * *

Турки лашкаршикани ишвагари арбадачӯй,
Бути кофарбачаи нӯшлаби силсиламӯй
Дӯш сармаст ба сарвақти ҳарифон мерафт,
Бо маю мутрибу чангу дафу ҷомею сабӯй.
Майпарастони саҳархез чу огоҳ шуданд,
Шод бинишасту равон кард қадаҳ бар сари кӯй.
Зулф шӯридаву гесӯи мусалсал бар дӯш,
Чашм ошуфтаву марғули парешон бар рӯй.
Базми мастон шуда аз чеҳраи ӯ боғи биҳишт,
Шамъи маҷлис шуда аз турраи ӯ анбарбӯй.
Майи гулранг ба ман дод зи ҷоми саҳарӣ,
Гуфт: Май нӯш куну занги ғам аз сина бишӯй.
Сурати қомати ӯ дар назарам меояд,
Рост чун сарви баланде, ки бувад бар лаби ҷӯй.
Дар лаби ӯ нигар, эй ғунчаву бар хеш маханд,
Дар рухи ӯ нигар, эй лолаву аз шарм марӯй,
Носир аз ишқи бутон тавба нахохад кардан,
Чӣ зиён дорад, агар панд диҳад беҳудагӯй?!

* * *

Ёри азизу Юсуфи Канъони мо туӣ,
Дар Мисри дил азизтар аз ҷони мо туӣ.
Яъқубвор дида зи ғайри ту бастаам,
Чашму чароғи кулбаи аҳзони мо туӣ.
Даври қамар ба рӯи ту нисбат дуруст кард,
Ошӯби даҳру фитнаи даврони мо туӣ.
Эй моҳи ҳусн, зинати айвони мо зи туст,
Эй сарви ноз, равнақи бустони мо туӣ.
Мо як–ду нотавони заифем ҳамчу мӯр,
Эй подшоҳи мулк, Сулаймони мо туӣ.
Мо бандаи каминаи деринаи туем,
Иқрор мекунем, ки султони мо туӣ.
Фирдавс бар харобаи мо рашк мебарад
Имшаб бад-он далел, ки меҳмони мо туӣ.
Як дам чароғ агар бишинад ба гӯшае,
Равшан шавад, ки шамъи шабистони мо туӣ.

Эй оби зиндагонӣ, дар ҷустуҷӯи ту
Носир аз он фитода, ки ҷӯёни мо туӣ.

* * *

Рӯзе, ки барад бодам чун хок ба ҳар сӯе,
Ҳар зарраи хокамро бошад зи вафо бӯе.
Дидан ба ту натвонам, зеро ки намеафтад
Ин чашми сияҳрӯям дархурди чунон рӯе.
То бод ба кӯйи ту орад мани хокиро,
Чун гард ҳамегардам саргашта ба ҳар кӯе.
Рух ҷониби меҳробе дар вақти суҷуд оранд,
Ман саҷда намеорам ҷуз дар хами абрӯе.
То баркашадам аз дил бори ғами ҳиҷронро,
Ҳар тири ту мегардад дар сина торозуе.
То сарви қадат соя бар оби равон созад,
Аз дида равон кардам бар хоки дарат ҷӯе.
Носир зи ғамат мӯе гашта-ст, вале ҳаргиз
Дидӣ, ки гарон ояд бар ҳар ду ҷаҳон мӯе.

* * *

Эй ҳусни ту оинаи анвори илоҳӣ,
Авсофи ҷамоли ту надонанд камоҳӣ.
Хубони ҷаҳон ҷумла чароғанду ту нурӣ,
Ғилмони ҷинон ҷумла ғуломанду ту шоҳӣ.
Дар дидаи ман рози ту пӯшида намонад,
Чун мардумаки дида ба хун дод гувоҳӣ.
Гар сӯйи туам даст диҳад нома навиштан,
З-ангушт қалам созаму аз дида сиёҳӣ.
Чашмам ба ту равшан шуду маҷлис з-и ту гулшан,
Бо шамъ бигӯ, то бинишинад, ки ту моҳӣ.
Аз кӯи ту ман боз наоям ба маломат,
Дурдикаши ишқи ту натарсад зи маноҳӣ.
Гар ҷавр кунӣ, аз ту ба сӯйи ту гурезам,
Ғайр аз ту касе нест маро, ҳам ту паноҳӣ.
Аз дидаи Носир нашавад нақши ту ғоиб,
Хуш чашмаи обест, ки дорад чу ту моҳӣ.

* * *

Сипеҳри ҳуснро донам, ки моҳӣ,
Надонам ҳадди моҳият камоҳӣ.
Ту чун моҳию гардад акси рӯят
Бигардад чашмаи чашмам чу моҳӣ.
Агар рози ту дил пӯшида дорад,
Ба хуни дил диҳад чашмам гувоҳӣ.
Ҷудо аз донаи холи ту чун коҳ
Танам бар бод рафт аз умри коҳӣ.
Қадат ҳамчун қалам бар маҳ хат овард,
Мураккаб шуд сапедию сиёҳӣ.
Маро обе деҳ аз чоҳи занахдон,
Ҳамин бошад ғараз обею чоҳе.
Сипаҳ бар дил кашад чашмат зи мижгон,
Сияҳчашманд туркони сипоҳӣ.
Бибин, дар вақти куштан риққати шамъ
Далели равшан аст аз бегуноҳӣ.
Зи Носир гар бувад дилхоҳи ту ҷон,
Фидои ҷони ту бод, он чи хоҳӣ!

## РУБОИЁТ

Эй рӯйи ту аз латофат ойинаи рӯҳ,
Хоҳам, ки қадамҳои хаёлат ба сабӯҳ
Дар дида кашам, вале зи хори мижаам
Тарсам, ки шавад пойи хаёлат маҷрӯҳ.

Айёми шабоб асту шароб авлотар,
Ҳар ғамзадае масту хароб авлотар.
Олам ҳама сар ба сар хароб асту ябоб,
Дар ҷойи хароб ҳам хароб авлотар.

Бо сунбулаш овехтам аз рӯйи ниёз,
Гуфтам: Мани савдозадаро чора бисоз.
Гуфто, ки лабам бигиру зулфам бигузор,
Дар айши хуш овез, на дар умри дароз.

Гар ҳамчу ман афтодаи ин дом шавӣ,
Эй бас ки хароби бодаю ҷом шавӣ.
Мо ошиқу ринду масту оламсӯзем,
Бо мо манишин, в-агарна бадном шавӣ.

Ҳарчанд ба чолокии он дилбар нест,
Моро тамаъи висоли ӯ дарх(в)ар нест.
Зӯру зару зорияст сармояи ишқ,
Зорӣ нахарад, зӯр надорам, зар нест.

Дарди дилам аз шумори дафтар бигузашт,
Ин қисса ба ҳар маҳфилу маҳзар бигузашт.
Ин воқеа дар ҷаҳон шунидаст кассе?
Ман ташнаи обу обам аз сар бигузашт.

Дӣ ғарқи арақ дар офтобаш дидам,
Ҳамчун гули тоза беҳиҷобаш дидам.
Дидам ба ҷамоли ӯ ҷаҳонро, з-он рӯ
Чун мардумаки дида дар обаш дидам.

Ашкам чу ақиқ аст зи дурҷи гуҳарат,
Пуштам чу камон гашт зи тири назарат,
Эй аҳди ту ҳамчу зулфи ту ҷумла шикан
В-эй ваъдаи ту тиҳимиён чун камарат.

Ҳоли мани хоксор мебину мапурс,
Месӯз аз интизор, мебину мапурс,
Савдозадае чу ман наёмад ба ҷаҳон,
Инак ману рӯзгор, мебину мапурс.

То ҷилди ҷарида дар ҷаҳон хоҳад буд,
Пайваста ба дасти дигарон хоҳад буд.
Май нӯшу аз ин ҷарида бархон ғазале,
К-ин олами фонӣ гузарон хоҳад буд.

Ҷуз ман ба дами саҳаргаҳӣ маст кӣ шуд,
Бе май ба самоъи хиргаҳӣ маст кӣ шуд?
Аз ҳуш биравам, чу бӯйи наргис шунавам,
Бар бӯйи пиёлаи тиҳӣ маст кӣ шуд?

То Ҳақ зи ҷаҳониён малулам накунад,
Шоистаи даргоҳи қабулам накунад.
Тарси ту аз он аст, ки хокат бихӯрад,
Бими ман аз он, ки худ қабулам накунад.

* * *

Ҳарфи ишқ аз сари забон дур аст,
Шарҳи ин оят аз баён дур аст.
Эй ба ҳирсу ҳаво камарбаста,
Ин ҳикоят аз он миён дур аст.

Фалаки филзӯри фарзингард
Оқибат қасди асби Носир кард.
Шоҳ агар дафъи зулми ӯ накунад,
Банда монад пиёда бо рухи зард.

## МУҚАТТАЪОТ

Ба боргоҳи Сулаймон кӣ арза медорад,
Ки нест маскани маълум мӯри мискинро.
Мани ғариб чу шоҳини чашмбаставу боз
Мураббие на, ки гӯяд ба пеши шоҳ инро.
Бигӯй, Носир, агар гаштаӣ Бузургумед,
Ба самъи хусрави одил ҳадиси ширинро.
Аз он замон, ки бар ин дар мулозимам чун бахт,
Сарам ба хоб надидаст рӯйи болинро.
Маро мулозимати шоҳ лозим аст, валек
Шароитест басе хидмати салотинро.
На асб дораму на зину ҳайратам з-ин аст,
Ки мекашам ба сари дӯш худ намадзинро.
Пиёда шаш дараҷа аз бисот чун тай кард,
Зи қурби ҳазрати шаҳ ёфт фарри фарзинро.
На камтар аст раҳе аз пиёдаи шатранҷ,
Ки шат ранҷу бало дидаам ҷаҳонбинро.
Ҷалоли давлату дин то абад муайяд бод
Барои маслиҳати кори давлату динро!

### Қитъа

Носир, инсоф аз ҷаҳон маталаб,
Ки дар офоқ аз ӯ наёбӣ гард.
Хусрави одиле намонд магар,
Тоҷдорӣ хурӯс хоҳад кард.
Парварад осмон ба хуни дилаш,
Ҳар кӣ дар даври мо сухан парвард.
Кори дониш замин фурӯ бурданд
Зуҳали наҳсу Зуҳраи номард.
Заррае меҳр агар будӣ дар чарх,
Чеҳраи меҳри ӯ набудӣ зард.
Каъбатайн аст саъду наҳси фалак,
Кавкабу бурҷи ӯ чу тахтаи нард.
Ту ҳама шашдарию ҳар соат
Зарби ӯ мехурӣ чу муҳраи фард.

Оташ андар тамаъ зану чун хок
Бар дари нокасони сифла магард.
Боядаш сад синони хорӣ дид,
Ҳар кӣ як нон зи хони дунон х(в)ард.
Бо ҳама халқ ҳамдамӣ кардам,
Ҳамдаме нест беҳтар аз дами сард.
Ҳукамои замонаро дидам,
Ҳеч дору намерасад бо дард.

**Қитъае дар шикоят аз пирӣ**

Шуд душмани ҷавонӣ мӯйи сапед бар сар,
Он беҳ, ки ҷойи душман болои сар набошад.
Сар ҳамчу субҳи козиб бевақт шуд сапедам,
Шоме зи субҳи пирӣ ториктар набошад.
Ё Раб, сафед чун шуд мӯйи сиёҳ, ҳаргиз
Болотар аз сиёҳӣ ранги дигар набошад.

## МАСНАВӢ

Ало, эй сабо, рав, сари хеш гир,
Замоне раҳи дӯстӣ пеш гир.
Чу оҳи дили ошуфтагон гарм рав,
Саҳаргаҳ ба атрофи Хоразм рав.
Зи норе ба нуре саломе бибар,
Зи коҳе ба кӯҳе паёме бибар.
Ба ҳар манзиле ҷустуҷӯе бикун,
Ба ҳар бедиле гуфтугӯе бикун.
Хабар пурс аз пухтагони ниёз,
Ба хомони афсурда макшой роз.
Чу ёбӣ ба сӯйи саодат нишон,
Бикун, ҳар чӣ ҳаст аз иродат нишон.
Ба шарти адаб рӯй бар хок неҳ,
Қадам ҳамчу Исо бар афлок неҳ.
Сагонро сано гӯю хотир биҷӯй,
Бар он остон номи Носир бигӯй.

Чу дар кӯйи давлат паноҳат диҳанд,
Чу дар манзили васл роҳат диҳанд,
Бибор ашку аз сина оҳе барор,
Салому заминбӯси ман арза дор.
Саломе сабукрӯҳтар аз насим,
Саломе дар ӯ бӯйи аҳди қадим,
Саломе муаттар чу бӯйи биҳишт,
Саломе, ки ҷон сӯйи ҷонон навишт,
Саломе, ки ояд аз ӯ бӯйи дард,
Саломе хабардода аз рӯйи зард,
Саломе ба хуноби ҳасрат сиёҳ,
Саломе муҷаррад, дигар ҷумла оҳ.
Ба хуни ҷигар чеҳра ороста,
Ҳама узри номардумӣ хоста.
Гар он ҷо таваққуф даме бошадат
В-аз он маҳрамон ҳамдаме бошадат,
Ҳадиси муҳаббат фаровон бикун,
Пас он гаҳ шикоят зи ҳиҷрон бикун.
Сиришки надомат равон кун зи рӯй,
Малолат гараш н-овард ин ба рӯй.
Фалон дар сабурӣ басе ранҷ бурд,
Давое надид аз ғами ҳаҷру мурд.
Ба як ҳарф аз Рум то Чин бипӯй,
Таҳийят сипар созу он гаҳ бигӯй:
Агар мо ҷудоем, ҳам бо туем,
Ба маънӣ якеву ба сурат дуем.
Гарам боз васли ту рӯзӣ бувад,
Ба рӯйи туам дилфурӯзӣ бувад,
Ният он чунон аст дар хотирам,
Мувофиқ бад-он ботину зоҳирам,
Ки дар боғ чун бед ханҷар занад,
Гулу лола аз хок сар барзанад.
Ба хидмат камар бандаму чун ғулом
Чу қатра ба дарё равам, вассалом.
Нагуфтам зи баҳри адаб номи дӯст,
Ки ин номаи мо на дархурди ӯст.

# М У Н Д А Р И Ҷ А

## УБАЙДИ ЗОКОНӢ

Осори мондагори суханвари нотакрор Хоҷа Убайд............... 5

### Асарҳои мансур

Рисолаи «Дилкушо» ............................................................ 12
Рисолаи «Ахлоқ-ул-ашроф» ................................................. 64
Рисолаи «Таърифот» машҳур ба «Даҳ фасл»........................ 95
Рисолаи «Сад панд»........................................................... 108

### Асарҳои манзум

Ғазалиёт ........................................................................... 116
Қитъаҳо ............................................................................. 163
Рубоиёт ............................................................................. 167
Тарҷеъбанд ....................................................................... 174
Ташбиби қасида ба таркиббандҳои мадҳия ....................... 178

### Достонҳо

Ушшоқнома ....................................................................... 190
Меҳмонӣ кардани сангтарош Худовандро аз садоқат ........ 231
Мушу гурба ....................................................................... 236

## НОСИРИ БУХОРОЙ

Пешгуфтор......................................................................... 244
Қасидаҳо ........................................................................... 255
Тарҷеъот............................................................................ 290
Мусаммат.......................................................................... 300
Ғазалиёт ........................................................................... 302
Рубоиёт ............................................................................ 474
Муқаттаъот ....................................................................... 476
Маснавӣ ........................................................................... 477

**«АХТАРОНИ АДАБ» (СИЛСИЛА)**
**ИБОРАТ АЗ 50 ҶИЛД**

**Ҷилди 28**

**Убайди Зоконӣ**
**МУНТАХАБИ ОСОР**

* * *

**Носири Бухороӣ**
**МУНТАХАБИ АШЪОР**

Муҳаррири ороиш *Ромиш Лоиқзода*
Муҳаррири саҳифабандӣ *Меҳрӣ Саидова*

Ба матбаа 29.11.2016 супурда шуд.
Чопаш 07.12.2016 ба имзо расид.
Ҷузъи чопӣ 30,0. Андозаи 60x90 $^{1}/_{16}$.
Адади нашр 5000 нусха

Муассисаи нашриявии «Адиб»-и
Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон
734018, ш. Душанбе, кӯчаи Н. Қаробоев 17а

Дар чопхонаи ҶДММ «Илм» чоп шудааст.